Китобхонаи миллии Тоҷикистон

ТОҶНОМА
Силсилаи
Тоҷикон дар масири тамаддун
Китоби
XIII

АБУСАЪИД АБДУЛҲАЙИ ГАРДЕЗӢ

ЗАЙНУ-Л-АХБОР

Душанбе
«Бухоро»
2014

ББК 63.3(2 тоҷик)+63.5(2тоҷик)+74.03(2)
Г–25

Ба хатти кирилӣ баргардони
Қодири Рустам
дар асоси матни «Зайну-л-ахбор»
ба иҳтимоми дуктур Раҳим Ризозода Малик, чопи Анҷумани осор
ва мафохири фарҳангӣ, Теҳрон, 1387

Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ
Г–25 Зайну-л-ахбор. Душанбе, «Бухоро», 2014, 416 саҳ.

ISBN 978-99975-42-35-9

© Китобхонаи миллии Тоҷикистон, 2014

СИЛСИЛАИ МАЗКУР БО ҲИДОЯТ ВА ДАСТГИРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ЧОП РАСИД

«ЗАЙНУ-Л-АХБОР» ВА МУАЛЛИФИ ОН

«Зайну-л-ахбор» танҳо китобест, ки аз Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ боқӣ мондааст. Ин ки Гардезӣ китоби дигаре таълиф карда ё не, маълум нест.

Муҳаққиқон аз баъзе қаринаҳо ба натиҷа расидаанд, ки ин китоб дар васати асри XI мелодӣ, байни солҳои 1050-1052 ва дар замони ҳукумати Абумансур Абдуррашид ибни Маҳмуд таълиф шуда ва ба ин амири ғазнавӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқон номи китобро низ баргирифта аз лақаби ин подшоҳ, ки «Зайну-л-милла» будааст, медонанд.

Абусаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ, чунонки аз нисбааш пайдост дар шаҳри Гардез, ки дар фосилаи роҳи якрӯза аз Ғазна ба Ҳинд воқеъ буд ва ба ҳадси муҳаққиқи афғонистонӣ Абдулҳайи Ҳабибӣ тақрибан дар соли 400 ҳичрӣ, баробар бо 1008-1009 милодӣ зода шудааст. Вай аз ҷавонӣ ба хидмати дарбори султон Маҳмуд ҷалб мешавад ва чунонки дар китоби хеш ишора мекунад, дар чандин сафару ҳамлаҳои ӯ ба Ҳинд, Нимрӯз, Ироқ, Хоразм иштирок карда будааст. Ҳамчунин аз матни китоб маълум мешавад, ки Гардезӣ бо донишманди бузурги ҳамзамони хеш Абурайҳони Берунӣ, ки низ ба хидмати дарбори Ғазнавиён ҷалб шуда буд, робитаи дӯстӣ ва ҳамнишинӣ доштааст.

«Зайну-л-ахбор» навъе донишнома аст ва муаллиф бештар ба масоили таърих ва мардумшиносӣ пардохтааст. Гардезӣ дар мавриди офариниши замину замон, ахбори анбиё, таърихи подшоҳони ҷаҳон (бештар ва батафсилтар эрониён), хулафои ислом, амирони Хуросон, идҳо ва расму ойини адён ва ақвоми мухталиф (мусалмонон, ҷуҳудон, тарсоён, муғон ва ҳиндувон), андар шинохт ва ансоби мардумони мухталиф (туркон, зангиён, румиён, ҳиндувон) иттилоъоти мухтасар, вале муфид медиҳад.

Гардезӣ дар таълифи китоби хеш аз осори донишмандони гузашта ва муосири риштаҳои мухталифи илм, аз ҷумла Ибни Муқаффаъ, Абузайди Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ, Ибни Хурдодбеҳ, Ибни Руста, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ (вазири донишманди Сомониён), Абулҳусайн ибни Аҳмади Силламӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон фаровон истифода кардааст. Аҳаммияти ин наҳваи таълифи китоб на фақат дар он

аст, ки хонанда метавонад хулосаи навиштаи муаллифони гуногунро дар як асар фаро бигирад, балки бештар аз он «Зайну-л-ахбор» мундариҷаи бархе китоби муҳимми таърихиро (аз ҷумла китоби Силламӣ «Таърих фӣ ахбор вулот Хуросон»), ки мафқуд гаштаанд, то ба рӯзгори мо маҳфуз доштааст.

Аммо, мутаассифона, худи китоби Гардезӣ низ аз таҳаввулоти таърих ва ошӯби рӯзгор эман намондааст. Ҳарду дастнавишти ин китоб, ки то ба рӯзгори мо расида ва дар китобхонаҳои Кембриҷ ва Оксфорди Ингилистон нигоҳдорӣ мешаванд ва мавриди истифодаи муҳаққиқон будаанд, мутааллиқ ба чанд қарни баъди таълифи он (охири асри 17 ва авохири асри 18) мебошанд ва ба таҳқиқ, яке аз дигаре рӯнависӣ шуда ва ё ҳарду аз як нусхаи маншаъ рӯнависӣ шудаанд, аввалу охирашон ва ҳам бархе ҷойҳои бобҳои дохилиашон уфтодааст.

«Зайну-л-ахбор» ба унвони маъхази таърихӣ ва мардумшиносӣ пайваста мавриди таваҷҷуҳи донишмандон будааст ва ба таври комили бозмонда ва ё мухтасар ба забони асл (форсӣ) ва тарҷумаи он ба забонҳои дигар мукарраран ба табъ расидааст.

Соли 1928 донишманди ҳиндӣ Муҳаммад Нозим қисматҳои марбут ба Тоҳириён, Саффориён, Сомониён ва Ғазнавиёни китобро дар Берлин мунташир кард. Соли 1937 аллома Муҳаммад Қазвинӣ низ бо тасҳеҳоти лозим ҳамин бахши китобро дар Теҳрон ба табъ расонд. Саъиди Нафисӣ ба соли 1954 дар Теҳрон чанд боби асарро аз замони ҳукумати Сосониён то поёни боби Ахбори мулуки Хуросон ба сурати китоби ҷудогона мунташир кард.

Ниҳоятан дар соли 1968 донишманди афғонистонӣ Абдулҳай Ҳабибӣ чопи илмию интиқодии «Зайну-л-ахбор»-ро бо муқобала ва муқоисаи ҳар ду дастнавишти мавҷуд мунташир кард.

Ва дар соли 1384 хуршедӣ баробар бо 2004 мелодӣ муҳаққиқи эронӣ дуктур Раҳим Ризозода Малик чопи ҷадиди «Зайну-л-ахбор»-ро мунташир кард, ки комилтарин ва саҳеҳтарин чопи асари Гардезӣ аст.

Бояд гуфт, мабнои чопи Раҳим Ризозода низ ҳамон ду дастнавишти мавҷуд ва маълуми асари Гардезӣ аст. Аммо ӯ на фақат бархе ғалатхониҳои чопи Ҳабибиро бартараф кард, балки бо омӯзиши матни мавҷуди китоб, ҳам тартиби бобҳоро тағйир дод ва ҳам бо истифода аз шеваи тадвини «Зайну-л-ахбор» чанд боби аввали китобро, ки то замони мо нарасидаанд, бо иқтибос аз кутуби дигари наздик ба замони Гардезӣ ба он афзуд. Ин амр, агарчи аз назари матншиносӣ кори чандон дуруст нест, аммо ба хонанда имкон медиҳад, тақрибан ҳам бошад бо муҳтавои аслии

китоби Гардезӣ ошноӣ пайдо кунад. Чунончи, матни мунташиркардаи Абдулҳай Ҳабибӣ аз табақаи аввали мулуки Ачам (Пешдодиён) шуруъ шуда, баъд ба тартиб чаҳор табақаи дигари подшоҳони Эрон (Каёниён, мулуки тавоиф, Сосониён ва акосира) оварда мешавад, сипас боби шашум меояд, ки андар ҷадвали таворихи хулафо ва мулуки ислом ном дорад. Матни чопи Ҳабибӣ бо боби нуздаҳум, ки андар ахбори ҳиндувон аст, ба итмом мерасад.

Ва инак бобҳое, ки Ризозода бо истифода аз кутуби дигар ба матни чопи худ афзудааст:

Боби аввал андар офариниши замин ва замон (баргирифта аз Бундаҳиш, Таврот ва Қуръон)

Боби дувум андар шаҷараи ансоби авлиё (аз «Осору-л-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ)

Боби сеюм андар ахбори анбиё (аз «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас»)

Боби чаҳорум андар ҷадвали мулуки калдониён (аз «Осору-л-боқия…»)

Боби панҷум андар ахбори мулуки калдониён (аз «Ат-танбеҳ ва-л-ишроф»)

Боби шашум андар ҷадвали мулуки Ачам (аз шарҳи мундариҷ дар боби ҳафтуми «Зайну-л-ахбор»)

Боби ҳафтум андар ахбори мулуки Ачам (ибтидои ин боб, аз «Форснома»-и мансуб ба Ибни Балхӣ)

Боби бисту нуҳум андар маъорифи зангиён (аз «Аҷоибу-л-махлуқот»)

Мақолоти аввал ва сеюми китоб низ бар асоси мабоҳис ва машруҳоти «Зайну-л-ахбор» бозпардохтаи дуктур Ризозода аст.

Хонандагон зимни хондани китоб, албатта, ин амрро бояд дар зеҳн дошта бошанд.

Баргардон асар ба хатти кириллӣ аз рӯйи чопи дуктур Раҳим Ризозода Малик (Теҳрон, Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ, 1384) анҷом гирифт. Дар ин ҳол дар мавориде, ки ибҳом пеш омад, матнро бо чопи Абулҳайи Ҳабибӣ (Теҳрон, интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, 1347) муқоиса ва гоҳе ислоҳ кардем.

Матни китоб чунонки дар нашри Ризозода ҳаст, тақрибан айнан баргардон карда шуд. Танҳо дар баргардони ҷадвалҳо ҳуруфи абҷад, ки нишондиҳандаи рақам ва солҳо аст, гоҳе ҳам ҳуруф ва ҳам рақам навишта шуд ва гоҳе танҳо рақам, то мутолиаашон барои хонанда осон бошад. Аммо дар ҷадвали умарои Хуросон, ки муддати аморати умаро бо ҳуруфи абҷад навишта шуда, ба далели он ки дар матни дастнавиштаҳо ҳуруфи

абҷад ба таври ошуфта омада ва ислоҳи қиёсие, ки Ҳабибӣ анҷом дода ва Ризозода низ онро айнан оварда, бо машруҳи аморати бархе умаро ҳамхонӣ надорад ва хонандаро саргум мекунад, мо (ба пайравӣ аз тарҷумони русии ин қисмати асар – эроншиноси машҳур А.К. Арендс) ба ҷойи ҳуруфи абҷад аломаи се ситора (***) гузоштем.

Қодири Рустам

ЗАЙНУ-Л-АХБОР
Ба номи Эзади бахшояндаи бахшоишгар

….. Чунин гӯяд фарозоварандаи ин китоб Абусаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ….

Ва онро «Зайну-л-ахбор» ном кард, андар сӣ боб.

Мақолати аввал андар таворих ва ахбори мардумони миёнаи ҷаҳон

Боби аввал андар офариниши замину замон.

Боби дувум андар шаҷараи ансоби авлиё.

Фасли аввал андар шаҷараи ансоби авлиё аз Одам Абулбашар то Иброҳим, алайҳиму-с-салом.

Фасли дувум андар шаҷараи ансоби анбиё аз Иброҳим то Исо, алайҳиму-с-салом.

Фасли сеюм андар шаҷараи ансоби пайғамбари мо Муҳаммади Мустафо, салавот ул-Лоҳи алайҳи.

Боби сеюм андар ахбори анбиё.

Боби чаҳорум андар ҷадвали мулуки калдониён.

Боби панҷум андар ахбори мулуки калдониён.

Боби шашум андар ҷадвали мулуки Аҷам.

Боби ҳафтум андар ахбори мулуки Аҷам.

Табақаи аввал Пешдодиён.

Табақаи дувум, ки эшонро Каёниён гӯянд.

Табақаи сеюм: мулуки тавоиф.

Табақаи чаҳорум: Сосониён.

Табақаи панҷум, ки эшонро акосира гӯянд.

Боби ҳаштум андар ҷадвали хулафо ва мулуки ислом.

Боби нуҳум андар ахбори хулафо ва мулуки ислом.

Боби даҳум андар ҷадвали умарои Хуросон.

Боби ёздаҳум андар ахбори умарои Хуросон.

Боби дувоздаҳум андар вилоят ва насаби Сомониён.

Боби сездҳум андар ахбори Ямину-д-давла ва хонадони ӯ.

Боби чаҳордаҳум андар истихроҷи чаҳор таърих аз якдигар.

Мақолати дувум андар ҷадвали идҳо ва асбоби он андар расмҳои панҷ уммат

Боби понздаҳум андар ҷадвали идҳои мусалмонон.

Боби шонздаҳум андар асбоби идҳои мусалмонон.

Боби ҳафдаҳум андар шинохтани идҳои ҷуҳудон ба ҷадвал.

Боби ҳаждаҳум андар асбоби идҳои ҷуҳудон.

Боби нуздаҳум андар идҳои тарсоён ба ҷадвал.

Боби бистум андар асбоби идҳои тарсоён ва чигунагии ҳар иде.

Боби бисту якум андар идҳо ва расмҳои муғон ба ҷадвал.

Боби бисту дувум андар шарҳи ҷашнҳо ва идҳои муғон.

Боби бисту сеюм андар идҳои ҳиндувон ба ҷадвал.

Боби бисту чаҳорум андар шарҳи идҳои ҳиндувон.

Мақолати сеюм андар маъориф ва ансоби чаҳор табақа

Боби бисту панҷум андар аҳвол ва ансоби табақоти мардумон.

Боби бисту шашум андар маъорифи туркон.

Боби бисту ҳафтум андар маъорифи румиён.

Боби бисту ҳаштум андар маъорифи ҳиндувон.

Боби бисту нуҳум андар маъорифи зангиён.

Боби сиюм андар ахбори табибон.

Ва мин Аллоҳу тавфиқ.

МАҚОЛАТИ АВВАЛ
АНДАР ТАЪРИХ ВА АХБОРИ МАРДУМОНИ МИЁНИ ҶАҲОН

Чунин гӯяд фарозоварандаи ин китоби Зайну-л-ахбор, ки доноён ҷаҳонро ба иқлимҳо қисмат кардаанд, ки Маккаву Мадина ва Ҳиҷозу Яман аз иқлими сеюм ва Нимрӯзу Хуросон ва Ҷиболу Форсу Ироқ аз иқлими чаҳорум ба шумуранд ва ин иқлими чаҳорумро, ки ба миёни ҷаҳон аст, ба забони форсӣ Эроншаҳр хонанд.

Мулуки бузург ба Эроншаҳр ҷой доштанд ва чун ба миёни ҷаҳон буданд, бар ҳамагон тасаллут ёфтанд ва он чи аз дигар умматҳо мехостанд, осонтар ба даст меовардаанд. Ва аз оғоз то бад-ин ғоят мулуки бузург ба Эроншаҳр будаанд.

Пас бад-ин мақолат таворих ва ахбори анбиё ва мулуки ин ақолим ва шаҳрҳо, ки ёд кардам, биёрам. Ва мин Аллоҳи тавфиқ.

БОБИ АВВАЛ
АНДАР ОФАРИНИШИ ЗАМИНУ ЗАМОН

Ба миёни ҳамаи қавмҳо ва ба ҳамаи кутуби мунзал андар аст, ки Худой, таъоло, замину замонро ба шаш рӯз офарид.

Муғон гӯянд: Ҳурмузд **нахуст** осмонро офарид, равшан, ошкоро, бисёрдавр, хоядеса.

Ӯ ба ёрии осмон шодиро офарид. Бад-он рӯй барои ӯ шодиро фароз офарид, ки акнун ки омехтагӣ аст, офаридагон ба шодӣ даристанд. **Сипас** аз гавҳари осмон обро офарид.

Седигар, аз об заминро офарид, гирд, даврғузар, бе нишебу фароз, дарозо бо паҳно ва паҳно бо жарфо баробар, рост миёни осмон қарор гирифт.

Чаҳорум, гиёро офарид. Нахуст бар миёнаи ин замин фароз руст чанд пой боло, бе шоха, бе пӯст, бе хор ва тару ширин.

Панҷум, гови яктоофаридаро дар Эронвиҷ офарид, ба миёнаи ҷаҳон.

Шашум, Гаюмарсро офарид, равшан чун хуршед.

Ӯ ин шаш офаринишро ба шаш гоҳи гоҳанбор биёфарид, ба соле, ки сесаду шасту панҷ рӯз ба шумор аст ва дувоздаҳ моҳ, ҳар

моҳе сӣ рӯз ва як моҳ сию панҷ рӯз. Бар ҳар рӯзе номи амшосипанде ниҳода шуд. Чигунагӣ он ки **нахуст,** осмонро офарид ба чиҳил рӯз, ки аз рӯзи Ҳурмузди моҳи фарвардин то рӯзи обони моҳи урдибиҳишт аст. Панҷ рӯз диранг кард то рӯзи дайбамеҳр. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва онро ном мадюзарм аст. Онро гузориш ин ки зистгоҳи меҳру моҳ ва сабзӣ ба пайдоӣ омад.

Дудигар, обро офарид ба панҷоҳу панҷ рӯз, ки аз рӯзи меҳри моҳи урдибиҳишт аст то рӯзи обони моҳи тир. Панҷ рӯз диранг кард то рӯзи дайбамеҳр. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва онро ном мадюшам аст, ки онро гузориш ин ки обро равшан бикард, зеро нахуст тира буд.

Седигар, заминро ба ҳафтод рӯз офарид, ки аз рӯзи меҳри моҳи тир то рӯзи арди моҳи шаҳривар аст. Он панҷ рӯзро диранг кард то рӯзи Анэрон. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва онро ном падишҳа аст. Ӯро гузориш ин ки ба пой рафтан офаридагонро бар замин падид оварад.

Чаҳорум, гиёҳро офарид ба бисту панҷ рӯз, ки аз рӯзи Ҳурмузди моҳи меҳр то рӯзи ард аст. Панҷ рӯз диранг кард, то рӯзи Анэрон. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва ӯро ном аёсарим аст, ки ӯро гузориш ин ки баргу бӯй ва ранги сабзӣ пайдо шуд.

Панҷум, гӯсфандро офарид ба ҳафтоду панҷ рӯз, ки аз рӯзи Ҳурмузди моҳи обон то рӯзи дайбамеҳри моҳи дай аст. Панҷ рӯз диранг кард то рӯзи Баҳром. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва ӯро ном мадёрим аст, ки ӯро гузориш ин ки анбори зимистонро барои домҳои хеш фароҳам бикард.

Шашум, мардумро биёфарид, ки Гаюмарс аст, ба ҳафтод рӯз, ки аз рӯзи роми моҳи дай то рӯзи Анэрони моҳи сипандормаз аст. Панҷ рӯз диранг кард то рӯзи ваҳиштуиштгоҳ. Он панҷ рӯз гоҳанбор аст, ки панҷ рӯзи тарафта аст, ки гоҳанбор аст ва ӯро ном ҳамаспаҳмадим аст, ки ӯро гузориш ин ки ҷунбиши ҳамаи сипоҳ ба гетӣ пайдо шуд.

Ва ба Таврот андар аст, ки дар ибтидо Худо осмонҳо ва заминро офарид ва замин тиҳӣ ва боир буд ва торикӣ бар рӯйи луҷҷа. Руҳи Худо сатҳи обҳоро фурӯ гирифт. Ва Худо гуфт, равшаноӣ бишавад ва равшаноӣ шуд. Ва Худо равшаноиро дид, ки некуст. Ва Худо равшаноиро аз торикӣ ҷудо сохт. Ва Худо равшаноиро рӯз номид ва торикиро шаб номид. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи аввал**.

Ва Худо гуфт, фалаке бошад дар миёни обҳо. Ва обҳоро аз обҳо ҷудо кунад. Ва Худо фалакро бисохт ва обҳои зери фалакро

аз обҳои болои фалак ҷудо кард. Ва чунин шуд ва Худо фалакро осмон номид. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи дувум**.

Ва Худо гуфт, обҳои зери осмон дар як ҷо ҷамъ шавад ва хушкӣ зоҳир гардад. Ва чунин шуд. Ва Худо хушкиро замин номид ва иҷтимоъи обҳоро дарё номид. Ва Худо дид, ки неку аст. Ва Худо гуфт, замин наботот бирӯёнад, алафе, ки тухм биёварад ва дарахти мевагӣ, ки мувофиқи ҷинси худ мева оварад, ки тухмаш дар он бошад бар рӯйи замин. Ва чунин шуд ва замин наботро рӯёнид, алафе ки мувофиқи ҷинси худ тухм оварад ва дарахти мевадоре, ки тухмаш дар он мувофиқи ҷинси худ бошад. Ва Худо дид, ки неку аст. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи сеюм.**

Ва Худо гуфт, наййирҳо дар фалаки осмон бошанд, то рӯзро аз шаб ҷудо кунад ва барои оёт ва замонҳо ва рӯзҳову солҳо бошанд ва наййирҳо дар фалаки осмон бошанд, то бар замин равшанои диҳанд. Ва чунин шуд. Ва Худо ду наййири бузург сохт, наййири аъзамро барои салтанати рӯз ва наййири асғарро барои салтанати шаб ва ситорагонро. Ва Худо онҳоро дар фалаки осмон гузошт, то бар замин равшаноӣ диҳанд ва то салтанат намоянд бар рӯзу бар шаб ва равшаноиро аз торикӣ ҷудо кунанд. Ва Худо дид, ки некуст. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи чаҳорум.**

Ва Худо гуфт, обҳо аз анбуҳи ҷонварон пур шавад ва парандагон болои замин бар рӯи фалаки осмон парвоз кунанд. Пас Худо наҳангони бузург офарид ва ҳамаи ҷондорони хазандаро, ки обҳо аз онҳо мувофиқи аҷноси онҳо пур шуд ва ҳамаи парандагони болдорро ба аҷноси онҳо. Ва Худо дид, ки некуст. Ва Худо онҳоро баракат бидода, гуфт, ки борвару касир шавед ва обҳои дарёро пур созед ва парандагон дар замин касир бишаванд. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи панҷум**.

Ва Худо гуфт, замин ҷонваронро мувофиқи аҷноси онҳо берун оварад, баҳоиму ҳашарот ва ҳайвоноти замин ба аҷноси онҳо. Ва чунин шуд. Пас Худо ҳайвоноти заминро ба аҷноси онҳо бисохт ва баҳоимро ба аҷноси онҳо ва ҳамаи ҳашароти заминро ба аҷноси онҳо. Ва Худо дид, ки некуст. Ва Худо гуфт, Одамро ба сурати мо ва мувофиқи шабеҳи мо бисозем, то бар моҳиёни дарё ва парандагони осмон ва баҳоим ва тамомии рӯи замин ва ҳамаи ҳашароте, ки бар рӯи замин мехазанд, ҳукумат кунад. Пас Худо Одамро ба сурати худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид. Эшонро нару мода офарид ва Худо эшонро баракат бидод. Ва Худо бад-эшон гуфт, борвар ва касир шавед ва Заминро пур созед ва бар он мусаллат шавед ва бар моҳиёни дарё ва парандагони осмон ва ҳамаи ҳайвоноте, ки бар замин

механзанд, ҳукумат кунед. Ва Худо гуфт, ҳамоно ҳамаи алафҳои тухмдоре, ки бар рӯи тамоми замин аст ва ҳамаи дарахтҳое, ки дар онҳо меваи дарахти тухмдор аст ба шумо бидодам, то барои шумо хӯрок бошад ва ба ҳамаи ҳайвоноти замин ва ҳамаи парандагони осмон ва ба ҳамаи ҳашароти замин, ки дар онҳо ҳаёт аст, ҳар алафи сабзро барои хӯрок бидодам. Ва чунин шуд. Ва Худо ҳар чӣ сохта буд, дид ва ҳамоно бисёр неку буд. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи шашум.**

Ва осмонҳову замин ва ҳамаи лашкари онҳо тамом шуд.

Ва Худованд, таборака ва таъоло дар Қуръон фармояд: «Инна Раббакуму-л-Лоҳу-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин, сумма-ставо ало-л-арши йуғшӣ-л-лайла-н-наҳора, йатлубуҳу ҳасисан ва-ш-шамса ва-л-қамара ва-н-нуҷума мусаххаротин би амриҳи, а ло лаҳу-л-халқу ва-л-амру, таборака-л-Лоҳу Раббу-л-оламин» (7:54)[1] – «Ки Худованди шумо Худойе аст Он, ки биёфарид осмонҳо ва заминро андар шаш рӯз, пас боз баристод бар арш, бипӯшонид шабро ба рӯз, ҳамеҷӯид онро нарм ва офтобу моҳтоб ва ситорагон фармонбурдор ба фармони Ӯ. Бидон-к Ӯрост офаринишу фармон, ба баракат аст Худой – Худованди ҷаҳониён».

«Инна Раббакуму-л-Лоҳу-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин, сумма-ставо ало-л-арши юдаббиру-л-амра мо мин шафеъин илло мин баъди изниҳи, золикуму-л-Лоҳу Раббукум, фа-ъбудуҳу, а фа ло тазаккаруна» (10:3)[2] – «Ки Худованди шумо Худой аст Он, ки биёфарид осмонҳо ва заминро андар шаш рӯз, пас боз баристод бар арш меофаринад кор ва нест ҳеч хоҳишгаре, магар аз паси дастурии ӯ. Ин аст Худой Худованди шумо. Парастед ӯро,оё на ёд гиред».

«Ва ҳува-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин ва кона аршуҳу ало-л-мои ли яблувакам аййукум аҳсану амалан ва ла ин қулта иннакум мабъусуна мин баъди-л-мавти ла яқуланна-л-лазина кафару, ин ҳозо илло сиҳрун мубин» (11:7)[3] – «Ва Ӯ аст Он, ки биёфарид осмонҳо ва замин андар шаш рӯз ва буд арши ӯ бар об, то биёзмояд шуморо кудом аз шумо некӯтар бар кирдор ва агар гӯӣ, ки шумо барангехтагонед аз паси марг, гӯянд он касҳо, ки кофир шуданд, ки нест ин магар ҷодуи ҳувайдо».

[1] Аъроф (7:54).
[2] Сураи Юнус (10:3).
[3] Сураи Ҳуд (11:7).

«Қул: а иннакум ла такфуруна би-л-лазӣ халақа-л-арза фӣ явмайни ва таҷъалуна лаҳу андодан, золика Раббу-л-оламин. Ва ҷаъала фиҳо равосия мин фавқиҳо ва борака фиҳо ва қаддара фиҳо ақвотаҳо фӣ арбаъати айёмин, савоан ли-с-соилин. Суммаставо ила-с-самои ва ҳия духонун, фа қола лаҳо ва ли-л-арзиътийо тавъан ав карҳан, қолато атайно тоиъина» (41:9-11)[4] – «Бигӯ, ки оё шумо ме кофир шавед бад-он ки офарид халқи замин андар ду рӯз ва мекунед Онро ҳамтоон, Он аст Худованди ҷаҳониён. Ва кард андар он кӯҳҳо аз болои он ва (бар, кӣ) барака кард андар он ва андоза кард андар он рӯзиҳои он андар чаҳор рӯз. Яксон аст хоҳандагонро. Пас рост шуд сӯи осмон ва он дуде ва гуфт онро ва заминро, ки биёед ба хушманишӣ ва ба душхворӣ. Гуфтанд, омадем ва фармонбурдорем».

«А фа лам янзуру ило-с-самои фавқаҳум банайноҳо ва зайянноҳо ва мо лаҳо мин фуруҷин. Ва-л-арза мададноҳо ва алқайно фиҳо равосия ва анбатно фиҳо мин кулли завҷин баҳиҷин. Табсиратан ва зикро ли кулли абдин мунибин. Ва наззално мина-с-самои моан муборакан, фа анбатно биҳи ҷаннотин ва ҳабба-лҳасид. Ва-н-нахла босиқотин, лаҳо талъун назид. Ризқан ли-либоди ва аҳяйно биҳи балдатан майтан, казолика-л-хуруҷ» (50:6-11)[5] – «Ва на бинигаред сӯйи осмон болои эшон чӣ гун бино кардем он ва биёростем онро ва нест онро ҳеч шикоф. Ва замин бигустурдемаш ва авкандем андар вай кӯҳҳои устувор ва бирӯёндем аз ҳар ҷуфте некӯ. Дидане ба ибрат ва панде ҳар бандаеро бозгардида. Ва фурӯ фиристодем аз осмон обе бабаракат ва бирӯёнидем бад-он андар бӯстонҳо ва донаҳои дарунӣ. Ва хурмобунони баланд онро кордуе бар якдигар баста. Рӯзие бандагонро ва зинда кардем бад-он шаҳре мурда. Чунон бувад берун омадан».

«Ҳува-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин, сумма-ставо ало-л-арши, яъламу мо ялиҷу фи-л-арзи ва мо яхруҷу минҳо ва мо янзилу мина-с-самои ва мо яъруҷу фиҳо ва ҳува маъакум айна мо кунтум. Ва-л-Лоҳу би мо таъламуна басир» (57:4)[6] – «Ӯст Он, ки офарид осмонҳо ва замин андар шаш рӯз. Пас боз баристод бар арш, медонад он чи андар ояд андар замин ва он чи берун ояд аз он ва ояд аз осмон ва он чи бар шавад андар он ва ӯ бо шумост ҳар куҷо бошед ва Худойи азза ва ҷалла бад-он чи мекунед, бино аст».

[4] Сураи фуссилат (41: 9-11).
[5] Сураи қоф (50: 6-11).
[6] Сураи ҳадид (57: 4).

БОБИ ДУВУМ
АНДАР ШАҶАРАИ АНСОБИ АНБИЁ

Адад	Анбиё	Солҳои пеш аз зода шудани фарзанд	Солҳои пас аз зода шудани фарзанд	Солҳои умр
1	Одам Абулбашар то ӯро Шис зода шуд ва пас аз он	800	130	930
2	Шис ибни Одам то ӯро Ануш зода шуд ва пас аз он	808	105	912
3	Ануш ибни Шис то ӯро Қайнон зода шуд ва пас аз он	815	90	905
4	Қайнон ибни Ануш то ӯро Маҳлойил зода шуд ва пас аз он	840	80	910
5	Маҳлойил ибни Қайнон то ӯро Ярд зода шуд ва пас аз он	830	65	895
6	Ярд ибни Маҳлойил то ӯро Ахнух зода шуд ва пас аз он	800	162	962
7	Ахнух ибни Ярд то ӯро Матушолҳ зода шуд ва пас аз он	300	65	365
8	Матушолҳ ибни Ахнух то ӯро Ламак зода шуд ва пас аз он	782	187	965
9	Ламак ибни Митушолҳ то ӯро Нуҳ зода шуд ва пас аз он	595	182	777
10	Нуҳ ибни Ламак то ӯро Сом зода шуд ва пас аз он	450	500	950
11	Сом ибни Нуҳ то воқиъаи тӯфон ва пас аз он	500	100	600

12	Аз воқиъаи тӯфон то Сомро Арфахшад зода шуд	2		
13	Арфахшад ибни Сом то ӯро Шолиҳ зода шуд ва пас аз он	463	35	498
14	Шолиҳ ибни Арфахшад то ӯро Обир зода шуд ва пас аз он	460	30	490
15	Обир ибни Шолиҳ то ӯро Фолиғ зода шуд ва пас аз он	396	34	430
16	Фолиғ ибни Обир то ӯро Арғу зода шуд ва пас аз он	179	30	209
17	Арғу ибни Фолиғ то ӯро Соруғ зода шуд ва пас аз он	175	32	207
18	Соруғ ибни Арғу то ӯро Ноҳур зода шуд ва пас аз он	170	30	200
19	Ноҳур ибни Соруғ то ӯроТориҳ зода шуд ва пас аз он	119	29	148
20	Ториҳ ибни Ноҳур то ӯро Иброҳим зода шуд ва пас аз он	135	70	205

ФАСЛИ ДУВУМ АНДАР ШАҶАРАИ АНБИЁ АЗ ИБРОҲИМ ТО ИСО, АЛАЙҲИМУ-С-САЛОМ

Анбиё аз Иброҳим то Исо, алайҳиму-с-салом ва пас аз он бисёр будаанд. Бархе аз насли анбиё ва бархе аз насли дигар, ки Худой, таъоло, эшонро пайғамбарӣ бидодааст. Аз анбиё баъзе фузун бар нубувват подшоҳӣ низ доштаанд. Ва яҳудону насороро дар ҳоли ҳар як аз эшон қиссаҳои дароздоман аст ва мухталиф. Бархеро муддати умр маълум, ё ба ривоёти гунагун мухталиф, чунонки чун ба ҷадвал дарорӣ, чандон шарҳи ривоёт бояд, ки ҷадвал барнатобад. Пас ҷадвал фурӯ ҳиштам ва бад-он чи андар боби сеюм биёрам, иқтисор кардам.

ФАСЛИ СЕЮМ АНДАР ШАҶАРАИ ПАЙҒАМБАРИ МО, МУҲАММАДИ МУСТАФО, САЛАВОТУ-Л-ЛОҲИ АЛАЙҲИ

Насаби сайид ул-мурсилин ва хотам ул-набийин Муҳаммади Мустафо, алайҳи афзал ул-салавот ба чиҳилу ҳашт пушт ба Одам Абулбашар, алайҳиссалом, пайвандад.

Муҳаммад, салавоту-л-Лоҳи алайҳи, ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абд Маноф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Фиҳр ибни Молик ибн ан-Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Низор ибни Маъд ибни Аднон ибни Уд ибни Удад ибни ал-Ҳамайсаъ ибни Набат ибни Ҷамил ибни Қайдор ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Ториҳ ибни Ноҳур ибни Ашуъ ибни Арғу ибни Фолиғ ибни Обир ибни Шолиҳ ибни Арфахшад ибни Сом ибни Нуҳ ибни Ламак ибни Матушолҳ ибни Ахнух ибни Ярд ибни Маҳлойил ибни Қайнон ибни Ануш ибни Шис ибни Одам Абулбашар, алайҳиму-с-салом.

БОБИ СЕЮМ
АНДАР АХБОРИ АНБИЁ

Абуно Одам, алайҳи-с-салом. Қавлуҳу: «Инно халақнокум мин туробин» (22:5)[7] ва дигар Худой гуфтааст: «Мин салсолин мин ҳамаин маснунин» (15:26/28/33)[8]. Худой, таъоло, Одамро рӯзи одина аз гил биёфарид. Ва баъд аз он ки ҷон ба меъдаи Одам расид, хост ки бархезад, натавонист, ки ҳанӯз як нима гил буд ва Худой, таъоло, аз он гуфт: «Ва кона-л-инсону аҷулан» (17:11)[9]. Пас аз Одам офаридан, Ҳавво аз паҳлӯи чапи Одам, алайҳи-с-салом, ва он саҷдаи фириштагон вайро ба фармони Эзад, таъоло, ва тамарруди Иблис, ва он ки Одамро бифирефт ва хӯшаи гандум бихӯрд, ва он ки даруфтод, ки «ва ъасо Одаму Раббаҳу, фа ғаво» (20:121).[10] Худой, таъоло эшонро аз биҳишт афганд бад-ин олами фонӣ ва Одам ба кӯҳи Сарандеб уфтод ва онро Йуд хонанд ва Ашнан низ ривоят аст. Ва дар Сияр гӯяд, Одам иклиле аз раёҳини биҳишт бар сар дошт, бод онро ба замини Ҳиндустон бипароганд, то чандон наботҳои хушбӯй дар он кишвар бируст. Ва Ҳавво ба Ҷадда уфтод. Ва мор, ки Иблис дар шикам гирифта буд ва дар биҳишт бурда, он ҷо уфтод, ки замини Сипоҳон аст. Ва Иблис ба Майсон уфтод ва берун аз таърих гӯянд, Иблис ба Убулла уфтод.

Ва Одамро аз он одам хонанд, ки аз адими замин буд ва хокро ба лафзе аз ҷумале ибрӣ гӯянд ва лафзи араб андар Одам ба лавни асмар бувад, яъне гандумгун.

Ва Одам ҳамон рӯз нимрӯзи одина аз биҳишт биюфтод ва понсад сол дар биҳишт буд, чунонки қавли Эзад,таъоло аст: «Ва инна явман инда Раббика ка алфи санатин миммо таъуддуна» (22:47).[11] Пас Одам, алайҳи-с-салом мутаҳайир бимонд ва ҳамегирист бар гуноҳи худ солҳо, то Худой, таъоло, Ҷабройилро бифиристод ва тавбаи Одам қабул кард ва ӯро биёмӯхт аз ҳар чи аз он ногузир бошад. Пас Иблис Одамро, алайҳи-с-салом, дигарбора бифирефт аз ҷиҳати фарзанд, то номаш бад-ӯ мансуб гардад: Абдулҳорис. Ва ин баъд аз он буд, ки Ҳаққ, таъоло, байтулмаъмур бифиристод, он ҷойгоҳ биниҳоданд, ки имрӯз Каъбаи муъаззам аст ва Ҷабройил Одам, алайҳи-с-саломро намуд, то он ҷо рафт ва тавоф кард. Ва Ҳавворо бозёфт он ҷо, ки

[7] Сураи ал-Ҳаҷ (22: 5).
[8] Сураи Ҳичр (15: 26,28, 33).
[9] Сураи ал-Исро (17:11).
[10] Сураи то, ҳа (20:121)
[11] Сураи ал-Ҳаҷ (22:47).

Арафот аст ва аз ин сабабро ном Арафот ниҳоданд, ки ӯро бозшинохт.

Ва пас аз он Одамро фарзандон омаданд ба як шикам нару мода ва аз ин батн мода бад-он наринаи дигар бидодӣ ва он модаро бад-ин писар бидодӣ. Ва чун саду сӣ сол аз умраш бигузашт, Қобил Ҳобилро бикушт аз ҷиҳати хоҳар. Гуфт: «Ман худ инро хоҳам, ки ҳамбатни ман аст». Ва бад-он кина, ки қурбони Ҳобил қабул уфтод ва Одам хоҳарашро ба вай бидод, ӯ санге бар сари Ҳобил зад ва кушта шуд. Ва надонист, ки бад-ӯ чӣ мебояд кардан ва ӯро дар дӯш гирифту мегардонид, то Худой, таъоло, ду калоғро бифиристод, то яке дигарро бикушт ва пас ба минқор замин биканду дар зери хок кард. Қобил гуфт, «ҳамчунон кунам». Ва ояти Қуръони маҷид бад-он нотиқ аст, қавлуҳу таъоло: «Фа баъаса-л-Лоҳу ғуробан ябҳасу фи-л-арзи» (5:31)[12] ва чунин гӯянд, ки баъд аз он Иблис фарзандони Қобилро гуфт: «Оташ қурбони Ҳобилро аз он сӯхт ва бипазируфт, ки Ҳобил ӯро саҷда кардӣ». Пас эшон оташ парастидан пеша гирифтанд ва ибтидо аз он аҳд буд.

Пас, ба охири умр Одамро фарзанде омад. Вайро Шис ном ниҳод ва маънии он «ҳиббатуллоҳ» бошад, «шис» суриёнӣ аст. Чун Одам ба ҳаҷ рафт соле, аз паси кӯҳи Арафот Ҷабройил, алайҳи-с-салом, ба фармони Худой, таъоло, то вақти он ки Одам хост, ки бихусбад ба водии Ан-Нуъмон, ҳар чи зурияи Одам хост будан то қиёмат, аз салби ӯ берун овард ва Одам бидид ва Одам бар эшон ба ҳастии Худой, таъоло, гувоҳ гирифт. Қавлуҳу, таъоло: «Ва из ахаза Раббука мин банӣ Одама мин зуҳуриҳим зуррийятаҳум ва ашҳадаҳум ало анфусиҳим а ласту би Раббикум. Қолу: бало» (7:172).[13] Ва он рӯз Одамро, салавоту-л-Лоҳи ва саломуҳу алайҳи, саду бист фарзанди нарина буданд ва эшонро ба ду қисмат кард. Асҳобу-л-яминро гуфт: «Ҳаулои фӣ-л-ҷаннати ва ло уболӣ» ва асҳобу-ш-шимолро гуфт: «Ҳаулои фӣ-н-нори ва ло уболӣ» ва кор дар ин баста аст.

Ва аз Эзад, таъоло, шаст саҳифа бар Одам фуруд омад ва чун умраш ҳазор сол гашт, баъд аз он ки чиҳил сол Довуд пайғамбарро бахшида буд ва пас мункир шуд, баъд аз он Одам аз ҷаҳон берун шуд ва Ҷабройил аз биҳишт ӯро кафан кард ва Шис ба Сарандеб ба гӯр кардаш. Ва ба ривояте умри Одам нуҳсаду сӣ сол буд. Пас Нуҳ ба аҳди тӯфон устухонаш ба Байтулмуқаддас овард. Ва Ҳавво аз паси Одам ба соле бимурд ва

[12] Сураи ал-моида (5:31).
[13] Сураи Ал-аъроф (7:172).

Шис Ҳавворо бо Одам дафн кард. Ва аз баъди Одам Шис пайғамбар буд, алайҳи-с-салом.

Шис ан-набӣ, алайҳи-с-салом бар ҷумлаи фарзандони Одам пайғамбар буд. Ва ӯро писаре буд Ануш ном. Ва баъд аз нуҳсаду дувоздаҳ сол бимурд ва ӯро ҳам паҳлӯи Одам дафн карданд. Ва писарро васӣ карда буд. Пас Қайнонро бизод ва эшон халифатон буданд, на пайғомбарон ва Маҳлойил аз Қайнон бизод ва аз Маҳлойил Ярд – ва Ёрад низ гӯянд – ва аз вай Ахнух бизод ва ӯ Идрис аст, алайҳи-с-салом. Ва берун аз таърих умри Қайнон нуҳсаду даҳ сол буд ва умри падараш Ануш нуҳсаду панҷ сол ва умри Маҳлойил нуҳсаду наваду панҷ сол ва умри Ярд ё Ёрад нуҳсаду сию ду сол буд.

Идрис ан-набӣ, алайҳи-с-салом пайғомбари мурсал буд ва ба асл аз Ҳиндустон ривоят кунанд ва ба Яман нишастӣ ба пираҳан дӯхтан. Ва чизе навиштан вай оварда ва илму маърифати нуҷум бидонист ва Ҳаққ, таъоло, ӯро илҳом бидод ва ба райъулъайн бидид сайри ситорагон ва таъсири ҳар чизе шинохт ва сӣ бор ҳамаи суҳуфҳо ба дасти хеш бинабишт ва мардумонро ҳар чизе биёмӯхт ва ҳеч наёсудӣ аз таъаббуд ва зикри Эзадӣ, то Малакулмавтро рағбат уфтод ба дидори ӯ, биёмад ва бо Идрис дӯстӣ гирифт. Ва ба фармони Худой, таъоло, ва илтимоси Идрис ҷонаш бардошт ва боз зинда шуд ва биҳишту дӯзах бар вай арза кард ва паси охир дар биҳишт биистод ва Эзад, таъоло, каромат кардаш. Қавлуҳу, таъоло: «Ва рафаъноҳу маконан алиййан» (19:95).[14] Сесаду шасту панҷ сол дар дунё буд ва ҳанӯз ба ҷой аст андар биҳишт, зинда.

Нуҳ ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Худованд, субҳона ва таъоло ӯро ба қавм фиристод ва нуҳсаду панҷоҳ сол даъват кард. Ривоят аст, ки сӯйи Беварасп омад ба даъват ва ӯ подшоҳе қоҳир буд - ва андар он муддат ҳанӯз ҳанӯз ҳаштод марду зан бад-ӯ имон оварда буданд ва сутӯҳ гашт азим ва ба Худой, таъоло, дуо карду гуфт: «Рабби ло тазар ало-л-арзи мина-л-кофирина даййоран» (71:26).[15] Худой, таъоло, даъвати ӯро мустаҷоб кард ва бифармуд, то дарахти соҷ бикишт ва баъди чиҳил сол, ки бирасид, сафина бисохт. Ва Нуҳро писарон буданд, чун Сому Ҳому Ёфису Канъон ва ӯ кофир буд. Пас чун вақти тӯфон фароз расид, Эзад, таъоло Байтулмаъмурро ба осмони чаҳорум бурд ва ба ҷойи он кӯҳе баланд биёфарид, он ҷо, ки акнун Каъбаи муаззама аст, то оби азоб онро наранҷонад ва бад-он ҷо нарасад.

[14] Сураи Марям (19: 95).
[15] Сураи Нуҳ (71:26).

Нахустин об ба Куфа баромад аз он танӯр, ки аломати он буд, то Нуҳ дар каштӣ нишинад ва донад, ки тӯфон хоҳад расид ва асари он танӯр андар ҷомеъи Куфа ба ҷой аст. Қавлуҳу, таъоло: «Фора-т-таннуру» (11:40).[16] Пас тӯфон баромадан гирифт аз болову зер. Писари Нуҳ Канъон – ва ба дигар ривояте номи ӯ Пом гӯяд – дар каштӣ нанишаст. Бо худ гуфт: «чун об ғалаба гирад, бар кӯҳ гурезам». Нуҳ гуфт: «Ло осима-л-явма мин амри-л-Лоҳи ило ман раҳима» (11:43)[17]. Андар ин сухан буд, ки мавҷи оби тӯфон ӯро даргардонид ва ҳамаи ҷонварон ҳалок шуданд, магар он ки бо Нуҳ, алайҳи-с-салом дар сафина буданд аз ҳар ҷинсе, чунонки Ҳаққ, таъоло, фармуд: «Мин куллин завҷайни-снайни» (11:40).[18] Ва об чиҳил газ болои кӯҳҳо истода буд ва Уҷи Аноқаро то соқ буд. Ва аз бухори об ва торикӣ рӯз аз шаб пайдо набуд ва Худованд, таъоло, ду ҷавҳар, яке сапед ва дигар сиёҳ, Нуҳро бидод, ки нури сапед ба рӯз бар сиёҳ ғалаба кардӣ ва шаб сиёҳ бар он ғолиб шудӣ ва аз он таъсири рӯз аз шаб бозшинохтӣ. Ва ду ҷонвар зиёдат омад, гурба ва хук дар сафина, ки аз мушу палидиҳои саргин сутӯҳ шуданд ва Нуҳ даст бар рӯйи шер фуруд овард, гурба аз бинии вай фуруд уфтод ва аз муш бирастанд ва ба рӯйи фил фуруд овард, хук ҳамчунон аз бинии вай биюфтод ва ин ҳар ду ҷонвар азим монанд ба шеру филанд ва пеш аз тӯфон набуданд.

Ва гӯянд, Иблис думи хар бигирифт ва дар сафина рафт. Намегузоштандаш, то Нуҳ пайғамбар заҷар гашту гуфт: «Дарой, ай малъун», пас Иблис ҳам ба каштӣ андар шуд. Чун Нуҳ ӯро дид, гуфт: «Ай малъун, эдар чӣ кунӣ?». Иблис гуфт: «Ба фармони ту омадам, ки гуфтӣ, «дарой, ай малъун» ва он манам».

Пас Эзад, таъоло, тақдир кард, ки тӯфон биншинад, чунонки гуфт, қавлуҳу таъоло: «Ва қила: ё арзу-блаъӣ моаки ва ё самоу ақлиъӣ ва ғиза-л-моу ва қузия-л-амру ва-стават ало-л-Ҷудиййи» (11:44).[19] Ва андар китоби Сияр чунин аст, ки аз сухунати оби азоб қири каштӣ ҳамегудохт. Пас, Ҳудой, таъоло, номе аз номҳои бузург биёмӯхташ ва он ном: «Йоҳийо» - ва ҳам ин ном Иброҳим, алайҳи-с-салом, ҳамехонд, то оташ бар ӯ сард гашт,- пас, Нуҳ ин ном мегуфт ва қир мефисурд. Ва аз он аст, ки акнун дар нафт бошад ва гӯянд «йоҳийо». Ва Иброҳим фарзандонро ин дуо биёмӯхт ва одат гирифтанд якдигарро овоз додан: «йоҳийо». Ва андар Таврот ин ном равшан аст: Иҳийо шароҳийо.

---

[16] Сураи Ҳуд (11:40).
[17] Сураи Ҳуд (11:43)
[18] Сураи Ҳуд (11:40) ва сураи ал-Муъминун (23:27).
[19] Сураи Ҳуд (11:44).

Чун Нуҳ аз каштӣ берун омад, нахустин иморате, ки бар замин карданд, деҳе буд, ки онро Савқулсамонин хонанд, наздики кӯҳи Ҷудӣ ва ҳама ҳаштод тан буданд. Пас, ҳар чи пайғомбарону подшоҳон ва касоне, ки Худой, таъоло, эшонро каромат арзонӣ дошт бад-ин замин андар, аз фарзандони Сом ибни Нуҳанд. Сақлобу рус ва бартосу турк ва яъҷуҷу маъҷуҷ аз фарзандони Ёфисанд. Ва зангу сиёҳпӯстон ва ҳар чи эшонро бад-ин сифат офаридааст, аз фарзандони Ҳоманд. Ва ин аз ҷиҳати он буд, ки Нуҳ, алайҳи-с-салом, хуфта буд, аврaташро бод аз ҷома падид овард, Ҳом ва Ёфис бар вай бигузаштанд, бихандиданд ва Сом ӯро бозпӯшонид. Чун Нуҳ бидонист Сомро дуо кард ва эшонро бинакӯҳиду нафрин кард. Ва аз баъди тӯфон сесад сол бизист. Ва берун аз таърих Нуҳро ҳазору чаҳорсаду панҷоҳ сол умр буд ва падари Ламак Матушолҳ ибни Идрисро нуҳсаду наваду нуҳ сол умр буд ва писараш Ламакро нуҳсаду чиҳилу ҳашт сол умр буд.

Ва баъд аз Нуҳ дар таърих чунон аст, ки ҳазор сол Заҳҳок буд ва Ҷамшед ҳам аз наберагони Сом ва аз паси Заҳҳок Афридун. Пас гӯянд, мулк аз эшон бирафт ва ба Кӯш уфтод, падари Канъон аз фарзандони Ҳом ибни Нуҳ ва аз паси ӯ Нимруд ибни Канъон буд, то Манучеҳр бархост. Ва тавон будан, ки дар Мағрибу Шом ва он ҳудуд чунин будааст ва ин мувофиқ аст бо салтанат ва исёни Кӯши Пилдандон дар Мағриб, бад-ин вақт замини Эронро на бас муддат холӣ гӯянд аз мулуки Аҷам.

Ҳуд ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Одиёнро хилқати эшон бад-он азимӣ ва қувват то он ҳадд доштанд, ки чун пой бар замини сахт заландӣ, то соқу зону фурӯ бурландӣ, агар худ санги хоро будӣ. Пас, Худой, таъоло, Ҳуд, ки ибни амми эшон буд, ба пайғомбарӣ сӯйи қавми Од фиристод, то неъматҳои эзадӣ бар эшон ёд кард ва эшонро ба Худой хонд ва ба биҳишт умед бидод. Шаддод гуфт: «биҳишт чӣ бошад?» Ҳуд пайғомбар, алайҳи-с-салом, сифати биҳишт ҳамегуфт. Шаддод гуфт: «Ман худ бар замин чунон биҳиште бисозам». Ва ин Шаддод ибни Од ибни Амлоқ ибни амми Заҳҳок буд. Кас фиристод сӯйи ӯ ва дархост, то бифармуд, ки ҳар чи зару сим ва ҷавоҳир ва мушку анбар ва аз ин навъ ёбанд андар шаҳрҳо сӯйи вай фиристанд. Ва ба ривояте Заҳҳок аз қибали Шаддод буд. Пас андар истод ва чандин ҳазор мардро аз санноъони гуногун бо ҳама созу олот фароз овард ва бино андар гирифт боғи Ирам ва аз қасрҳо ва ҷӯйҳо аз зару сим ва дарахтон аз гуногун ҷавоҳирҳо ороста ва ҳама хоки замин аз мушку заъфарон ва анбару кофур, ва ғуломону канизакони хубрӯй дарнишонд, ва қасрҳои ороста бо наъиму фаршҳои алвон ва

андар муддати сад сол тамом карданд, ва сесад сол низ ривоят аст. Пас Шаддод даррафт, ки биҳиштро бинад, то дида ба дарвозаи он расид, Эзад, таъоло, боди азоб бар эшон гумошт, то эшонро баргирифт ва бар замин зад, то ҷумла ҳалок шуданд. Ва аз он қаср баҳре чанд мусаббат аст, ва андар ин қавли Эзад, таъоло, нотиқ аст: «Алам тара кайфа фаъала Раббука би Один. Ирама зоти-л-имоди-л-латӣ лам юхлақ мислуҳо фи-л-билоди» (89:6-8).[20] Ва зоти-л-имоди бад-он гуфтааст, ки ҳамаи қасрҳо ба имод ва сутунҳо аз зумурраду пирӯза бардошта буд.

Пас он биҳишт ҳамчунон бимонд ва нопадид шуд. Ва ба аҳди Муовия ибни Абисуфён Абдуллоҳ номеро уштуре гум шуда буд ва мегардид. Гуфт: «Бад-он биҳишт расидам, чашм хира гашт дар он». Ва хост каме аз он чизе барканад, натавонист аз сахтӣ, ки буд. Пас қадре он ҷо ҳиллат карду биканд. Гуфт: «Наёрастам пештар рафтан, ки тарсидам, ки бозгардам ва низ ақл рафта буд аз некуии он ва чашм хирагӣ ҳамекард». Пас онро пеши Муовия оварда ва аз ин хабар бигуфт. Онро нигоҳ карданд, табоҳ шуда буд. Ҳар чи ҷуз зару симу мушк буд, аз ҳоли худ бигашта буд. Бар оташ бигудохтанд, андаке зар ба ҷой омад. Муовия Каъбу-л-Аҳборро бихонд ва аз ҳадиси Ирам бозпурсид. Каъб гуфт: Ҳаргиз ҳеч одамӣ он ҷо нарасад, магар уштурбоне сурхмӯй. Пас Абдуллоҳро биёварданд, ҳамчунон буд ва низ гӯянд, худ он ҷо нишаста буд. Каъбу-л-Аҳбор гуфт: Тавонад буд, ки ин мард бошад, ки он ҷойгоҳ расад ё худ расида бошад. Муовия шигифт монд. Пас сипоҳе бо ин Абдуллоҳро бифиристод. Бад-он ҷо рафтанд ва ҳеч асар наёфтанд.

Ва пеш аз ҳалок шудани Одиён фармон фиристода буданд ба Макка аз баҳри қаҳтӣ, ки Худой, таъоло, бар эшон гумошта буд ва Луқмон ибни Од аз ин сегона буд – Луқмон ибни Лақим низ ривоят аст – ва ӯ ба Ҳуд муъмин буд ва аз Худой, таъоло, умр хост, чунонки ҳафт каркасро. Пас овоз омад, ки ҳам бибояд мурдан ва ҳоҷаташ раво гашт ва каркас понсад сол бимонад.

Ва писари Шаддод муртад буд ба Ҳуд, алайҳи-с-салом. Ва умри Ҳуд саду панҷоҳ сол буд ва Солеҳ баъди Ҳуд, гӯянд, саду панҷоҳ сол буд. Ба қавми Самуд омад. Ва берун аз таърих падари Ҳуд Шолихро чаҳорсаду сӣ сод умр гӯяд ва падари Шолих Арфаҳшадро чаҳорсаду шасту панҷ сол умр буд ва падараш Сом ибни Нуҳро понсаду навад сол. Ва дар он таърих даври Зуҳал буд, ки офариниш ва умру сират хилофи ин рӯзгор будааст.

[20] Сураи Фаҷр (89:6-8).

Солеҳ ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Од ва Самуд ба замини ҳаҷар ва бодия будандӣ ва дар кӯҳ хонаҳо канда буданд ва бут парастидандӣ. Пас Худой, таъоло, Солеҳ пайғомбарро бад-эшон фиристод. Ва кас нагаравид, то муъҷиза хостанд, ки аз санг ноқа бо бачча берун ояд. Солеҳ дуо кард, санг ба фармони Хаққ, таъоло, шикофта шуд ва ноқа бо бачча берун омад. Онҳо мункир шуданд ва гуфтанд, сеҳр аст. Ва сӣ сол он ноқа дар миёни эшон бимонд, то бар охири қисса ноқаро бикуштанд ва Ҳаққ, таъоло, эшонро ҳалок кард. Қавлуҳу таъоло: «Ва ахаза-л-лазина заламу-с-сайҳату, фа асбаҳу фӣ диёриҳим ҷосмина» (11:67).[21] Ва Солеҳ бо муъминон мебуд.

Иброҳим ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Нимруд ибни Канъон ибни Куш бо падари Иброҳим аз замини Бобил буданд ва дар насаби Самуд бисёр гуна ривоятҳо аст, аммо ин дурусттар аст, ки гуфта шуд. Ва аз маликони бутпараст ситамкоратар ва сахттар андар таъаббуди санам аз Нимруд кас набуда аст. Ва аввал бутпарастӣ аз рӯзгори Таҳмурас буд. Чун касе бимурдӣ, мисоли ӯ аз чӯб битарошидандӣ ва эшонро парастиш кардандӣ ва андар аҳди Ҷамшед тоза шуд, ки сурати хеш бифиристод дар атроф, панҷгона: Вадд ва Сувоъ ва Яғус ва Яъуқ ва Наср. Ва ба ривояте гӯянд, ин бутонро ба аҳди Шис карданд ва ба рӯзгори Нуҳ, алайҳи-с-салом, будаанд ва зикри он дар каломи Ҳаққ, таъоло, зоҳир аст, дар сураи Нуҳ.

Пас, аз баъди мавлуди Иброҳим, алайҳи-с-салом, ва он шарҳҳо, ва ӯро аз бими Нимруд ба ғор бурдан, ва бузург шудан, то Нимрудро ба Худой даъват кард ва бутонро бишикаст. Нимруд бифармуд, то оташ афрӯхтанд бисёре ва кас пиромуни он наёраст рафтан. Фурӯ монд, то Иброҳимро чӣ гуна ба оташ афганад. Иблис биёмад ва эшонро манҷаниқ фармуд сохтан, то Иброҳимро дар манҷаниқ ниҳоданд ва ба оташ андохтанд, қавлуҳу, таъоло: «Қулно: ё нору кунӣ бардан ва саломан ало Иброҳим»[22] . Худой, таъоло, оташ бар вай сард кард. Чун баъди чанд рӯз Нимруд ба он манора рафт, ки фармуда буд, Иброҳимро дид, алайҳи-с-салом, дар миёни оташ ва перомуни ӯ сабзӣ руста ва намоз ҳамекард. Нимруд хира бимонд ва бонг карду гуфт: «Ё Иброҳим, оташ чунин сарду сабзӣ кӣ кард?» Иброҳим гуфт: «Он кас, ки оташ офарид». Пас гуфт Иброҳимро: «Берун ой». Бадар омад, Нимрудро пандҳо бидод ва ҳам нагаравид.

[21] Сураи Ҳуд (11: 67).
[22] Сураи Анбиё (21: 29).

Аз баъди ин, сандуқ сохтан ва баччаи уқобро парвардан ва бар он бастану бар осмон рафтан. Ва уқобро қувват бирафт, ва Ҷибройил, алайҳи-с-салом, тири вай хунолуд ба вай бозандохт, чунонки шарҳи он равшан аст, пас сӯйи замин омад. Ва баъд аз он Иброҳимро гуфт рӯзе, ки «Худойи туро замин бисёр аст, ин ҷойгоҳ маро бахш». Баъд аз он Иброҳим бо бародарзодаи хеш Лут ибни Ҳомон ибни Озар ҳичрат кард,- қавлуҳу, таъоло : «Фа омана лаҳу Лутун. Ва қола иннӣ муҳоҷирун ило Раббӣ. Иннаҳу ҳува-л-азизу-л-ҳаким» (29:26).[23] Ва Сора, модари Исҳоқ духтари аммаш буд, ӯро бо худ бибурд ва касоне, ки муъмин буданд. Ва ба Ҳаррон рафт ба Шом ва аз он ҷо ба замини Фаластин рафт, ҷойе ки Муътакафот хонанд. Ва он ҷо панҷ пора деҳ буд ва қавми Лут он ҷо буданд. Пас Лут он ҷо бимонд ва Иброҳим бо Сора ба ҷониби Миср рафт. Ва малики Миср ба Сора тамаъ кард, то қудрати Худой, таъоло, бидид, ки чун хостӣ, ки даст ба вай ёзад, даст хушк ҳамешуд ва Ҷабройил парда бардошта буд, то Иброҳим ҳамедид аз берун. Баъд аз он малики Миср эшонро бинавохт ва канизакеро ба Сора бахшид, ном Ҳоҷар. Ва Иброҳим алайҳи-с-салом, аз он ҷо бозгашт. Ва наздикии Лут ҷойе буд, Сабаъ гуфтандӣ, ӯ он ҷойгаҳ гирифт. Ва аз баракати Иброҳим дар он биёбон об аз чоҳ баромад ва мардумон ҷамъ омаданд ва хостаи Иброҳим ҳар рӯз бар зиёдат буд. Пас Худой, таъоло, Нимрудро ба камтар пашшае ҳалок кард. Ва Иброҳим ба замини Қатт, биистод ва Сора Ҳоҷарро бад-ӯ бидод. Ва Исмоил, алайҳи-с-салом, аз Ҳоҷар бизод. Пас, Сораро ҳасад омад, гуфто: «Инонро аз пеши ман бибар». Иброҳим Исмоил ва Ҳоҷарро биёварда ва Ҷабройил роҳ намуд он ҷо, ки акнун Макка аст ва биёбоне буд беоб. Ва он ҷо, ки акнун Каъба аст, баландии сурх буд, то Худой, азза ва ҷалла, фармуд Иброҳимро бино кардани хонаи Каъба. Пас Иброҳим Ҳоҷар ва Исмоилро раҳо кард ва эшонро ба Худой таслим карду бозгашт. Ва Ҳоҷар ба талаби он ки магар касеро бибинад, ба Марваву Сафо ҳамедавид чанд бор. Ва он аст, ки суннат гашт ва аз аркони ҳаҷ кардан шуд. Ва Исмоил бигирист чунонки тифлон ва пошна бар замин зад, Худой, таъоло, чашмаи об падид овард ва гӯянд, Замзам аст.

Ва баъди шарҳҳо ва қиссаҳо. Бисёре мардум он ҷо ҷамъ омаданд ва баъди марги Ҳоҷар духтари меҳтари бани Ҷурҳамро ба Исмоил бидоданд ва Иброҳим ҳар сол ба зиёрати Исмоил омадӣ ва он буд, ки гуфт: «Остонаи дар бигардон» занашро ва Исмоил он занро бигузошт ва дигареро ба занӣ кард, ки

[23] Сураи Анкабут (29:26).

Иброҳимро ба вақти омадан таъаҳҳуд кардӣ ва гуфт «Исмоилро бигӯ, ки ин остона нигоҳ дорад» ва андар ин ҳар ду сол, ки Иброҳим омад, Исмоил ба шикоргоҳ буд.

Худой, таъоло, Лутро пайғамбарӣ бидод бар он панҷ деҳ ва номи он: Санъаву Саъва ва Умраву Думо ва Садум. Чун дар феълҳои зишт бияфзуданд ва лавотат карданд, ки пеш аз эшон ҳеч кас накарда буд, Худой, таъоло, Микойилро бифиристод, то он буқъаро бигардонид, чунонки гуфт: «Ҷаъално олияҳо софилаҳо» (11:82).[24]

Ва фириштагон пеш аз он ки он ҷо рафтанд, ба сурате дигар пеши Иброҳим омаданд ва эшонро гӯсолаи бирён пеш ниҳод, ки меҳмон дорад бар одат. Чун бидонист, ки на одамианд, азим битарсид, то эшон ӯро ба Исҳоқ ва Яъқуб башорат бидоданд, қавлуҳу, таъоло: «Фа башшарноҳо би Исҳоқа ва ман варои Исҳоқа Яъқуба» (11:71).[25] Ва баъд аз ҳалоки қавми хеш Лут пеши Иброҳим омад ва ӯро бисёре чиз бидод. Ва аз он пас Исҳоқ бизод аз Сора бад-он пирӣ ба қудрати Ҳаққ, таъоло. Ва аз ин пас забҳи Исмоил буд ва хоби Иброҳим, то Исмоилро ба хоб бурдан ва корд бар гулӯ ниҳодан, то овоз омад, ки «Ё Иброҳиму, қад саддақта-р-руъё» (37:104/105).[26] Ва чун Ҷабройил, алайҳу-салом, кабш биёвард ва Иброҳим қурбон кард ва ба ривояте гӯянд, Исҳоқ буд, ки Иброҳим қурбон хост кардан, валекин Исмоил ҳақиқаттар аст.

Пас Худованд, таъоло, Иброҳим ва Исмоилро фармуд, то бинои Каъбаи муқаддас баровардand, чунонки фармуд: «Ва из ярфаъу Иброҳиму-л-қавоъида мина-л-байти ва Исмоъилу» (2:127).[27] Гӯянд, Иброҳим сухан ба суриёнӣ гуфтӣ ва Исмоил ба тозӣ ва бидонистандӣ, валекин посух ба забони худ бидодандӣ. Пас чун дар кор истоданд, Иброҳим ба суриёнӣ гуфт: «Ҳаб, лӣ кибиё», яънӣ санг маро деҳ ва Исмоил гуфт: «Ҳок ал-ҳаҷар», яънӣ санг бистон.

Ва ҳаҷаруласвад, гӯянд, дар аввал санге испед буд. Чун тӯфон буд, онро ба кӯҳи Буқабис ниҳон карданд ва бад-ин вақт Ҷабройил Иброҳимро ҳидоят кард ва ҳаҷар биёвард ва рост омад бар рукни Каъба, ки ҳамон қадар ҷой буд, баъд аз рӯзгор ва будани мушрикон ва занони нопок сиёҳ гашт.

Пас Иброҳим ва Исмоил, алайҳумо-с-салом, бипардохтанд аз хона ва халқро ба ҳаҷ хонданд,чунонки фармуд: «Ва аззин фӣ-

[24] Сураи Ҳуд (11: 82) ва сураи Ҳичр (15:74).
[25] Сураи Ҳуд (11:71).
[26] Сураи Соффот (37:104-105).
[27] Сураи Бақара (2:127).

н-носи би-л-ҳаҷҷи яътука риҷолан» (22:27),[28] Худой, таъоло, ҳамаро бишнавонид андар аслоби падарон то қиёмат ва ҳар касеро, ки ҳаҷ кардан рӯзе ҷавоби «ло шарика лака лаббайк» бидодааст, бувад ва ҳар касеро, ки посух надода аст, агарчи бисёр ҷаҳд кунад, нарасад.

Ва Сора бизист, то Исҳоқро Яъқубу Ис бизоданд ба яке ишкам ва аз баъди марги Сора Иброҳимро аз зане - номи ӯ Қусур шаш писар омад ва Худой баракат кард андар зуррияти ӯ, қавлуҳу, таъоло: «Ва боракно алайҳи ва ало Исҳоқа ва мин зуррийятиҳумо муҳсинун ва золимун ли нафсиҳи мубинун» (37:113).[29] Ва Иброҳим нахустин касе буд, ки испедӣ дар маҳосини ӯ падид омад ва пеш аз вай касро мӯй испед набуд. Ва чун умраш дувист сол шуд тамом, бимурд ва Исҳоқ ӯро бишусту дафн кард. Ва берун аз таърих умри Иброҳим саду ҳафтоду панҷ сол гуфта аст ва падараш Озарро дувисту панҷоҳ сол ва падари Озарро – Бохур саду чиҳилу ҳашт сол ва падари ӯ Ашвоъро дувисту сӣ сол ва Фолиъ ибни Яҳуд падари Ашвоъро дувисту сӣ сол буд.

Исмоил ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Худой, таъоло, ӯро ба Ҳазрамавт ва Яман фиристод ба пайғомбарӣ сӯйи фиръавнони амолиқа ва ҳама бутпараст буданд ва панҷоҳ сол миёни эшон бимонд ва охири умраш ба Шом омад, ба зиёрати Исҳоқ ва духтареро ба Ис бидода буд. Пас ҳамон ҷо вафоташ расид ва умраш саду сӣ сол буд ва ӯро пеши падар дафн карданд ва наслаш ба араб бисёр гашт.

Исҳоқ ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Аз паси Исмоил саду бист сол бизист ва Худой, таъоло, ӯро пайғомбарӣ бидод ва сӯйи Шом фиристод ба Канъон ва бифармудаш, ки «ҷойи дигар машав», ки нобино буд, натавонист гаштан. Ва зане ба занӣ дошт, номи ӯ Рифқо ҳам аз замини Канъон, духтари меҳтари Канъон, номи ӯ Битвил ибни Илёс ва аз он зан ӯро ду писар омад, яке Ис ва дигар Яъқуб ва ҳар ду ба як ишкам омаданд. Ва Яъқуб пошнаи Ис гирифта буд. Ба тозӣ пошнаро ақаб гӯянд, ӯро аз баҳри он Яъқуб ном карданд. Ва Исҳоқ саду шаст сол бизист, пас бимурд ва Ис ӯро ба бари Иброҳиму Сора ба гӯр кард.

Ҳадиси Яъқуб ва бародараш Ис, алайҳиму-с-салом. Чун Исҳоқ, алайҳи-с-салом, бимурд, Яъқуб аз бародараш Ис бигурехт, ки Исҳоқ дуо бар Ис хост кардан аз ҷиҳати пайғамбарӣ, модараш бар Яъқуб гардонид ва Исҳоқ нобино буд,

[28] Сураи Ҳаҷ (22:27).
[29] Сураи Соффот (37:113).

надонист. Яъқубро даст ба сар фуруд оварду дуо кард. Худой, таъоло дар азал чунин тақдир кард буд, ки Яъқуб ва зуррияташ пайғамбар бошанд ва Ис тофта буд аз ин ҳол.

Чун Исҳоқ аз дунё бирафт, Яъқуб сӯйи холаш гурехт ва муддатҳо он ҷо бимонд ва ду духтар аз они вай ба занӣ кард – Ароҳил ва Лиё. Баъди ҳолҳо ва қиссаҳо Яъқубро аз эшон фарзандон буданд. Юсуфу Ибн Ёмин аз Ароҳил зоданд ва Рубилу Шамъун ва Яҳудову Лорӣ ва Риёлуну Ясҳар аз Лиё зоданд ва Дораму Рамадон аз канизаке ва Ҳоду Аср аз канизаке дигар.

Ва Яъқубро Исройилуллоҳ хондандӣ, яъне савфатуллоҳ ва Йил номи Худой аст ба забони ибронӣ ва гӯянд Исройилуллоҳ, яъне Абдуллоҳ ва баъзе гӯянд, чун аз Ис бигурехт ба шаб андар рафтан ба наздики хол, пас гуфтандӣ: «ясрӣ би-л-лайл» ва Исройилуллоҳ лақаб ниҳодандаш.

Ва аз баъди муддате ба Канъон бозомад ва Ис ба дидори ӯ азим шодмон шуд ва ӯро низ ғурбат орзу омад, суйи Рум рафт ва наслаш он ҷо бисёр гашт ва аз фарзандони вай подшоҳони Рум буданд.

Юсуф ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Қиссаи ӯ сахт машҳур аст ва накутар, чунонки Ҳаққ, таъоло, Муҳаммадро, салавот ул-Лоҳи алайҳ, мегӯяд: «Наҳну нақуссу алайка аҳсана-л-қасас» (12:3).[30] Яъқубро ба ҳачр мубтало кард аз нодидани Юсуф, алайҳи-с-салом. Бародарон аз ҳасади он хоб Юсуфро дар чоҳ афканданд ва боз ӯро бифурӯхтанд. Чун молики Даъур бихаридаш, ба Миср бурд ва Азиз, вазири малик ӯро бихарид ва Зулайхо – занаш чун ошиқи Юсуф шуд ва иҷобат наёфт, тадбири занони Миср кард, ки дар Юсуф сухан гуфтанд. Баъд аз маломат кардани Зулайхо ва корд бар даст задану буридан бе огоҳии хеш ва гуфтанд: «Мо ҳозо башаран ин ҳозо илло малакун карим» (12:31).[31] Пас Юсуфро ба зиндон фиристод ва ҳафт сол бимонд, то малики Миср дар хоб дид ва шаробдори маликро ёд омад, ки Юсуф дар зиндон таъбири хоби ӯ чӣ кард ва подшоҳи Мисрро бозгуфт. Ва Юсуфро баъд аз он ки Зулайхо ба гуноҳи хеш муътариф шуд ва гуфт: «Алъона ҳасҳаса-л-ҳаққу» (12:51),[32] ӯро пеши малик оварданд ва Юсуфро бинавохт ва чун таъбир гуфта шуд, маликро гуфт: «Аҷъалнӣ ало хазоини-л-арзи иннӣ ҳафизун алим» (12:55).[33]

---

[30] Сураи Юсуф (12: 3).
[31] Сураи Юсуф (12:31).
[32] Сураи Юсуф (12:51).
[33] Сураи Юсуф (12: 55).

Ва то на бас муддат аз қаҳт бародарони Юсуфро ба Миср ҳоҷат омад ба рафтан ва эшонро ғалла бидод ва бародарашон Ибни Ёминро бихост. Дувум бор баъди савгандҳое, ки бо падар хӯрданд андар нигоҳдошти Ибни Ёмин, эшонро дастурӣ бидоду гуфт: «Ё банийя ло тадхулу мин бобин воҳидин ва-дхулу мин абвобин мутафарриқатин» (12:67).[34] Ва андар ин илме буд, ки Яъқуб донист чашмзахмро ва эшон боз ба Миср омаданд. Пас Юсуф ҳиллат сохт ва Ибни Ёминро аз эшон бозгирифт ва аз баҳри соъӣ, ки дар бори Ибни Ёмин пинҳон карда буданд. Ва чашми Яъқуб нобино шуда буд аз бисёрии гиристан бар Юсуф ва чун писарон бозшуданд ва хабари Ибни Ёмин бигуфтанд, он буд ки Яъқуб гуфт: «Ё банийя-зҳабу фа таҳассасу мин Юсуфа ва ахиҳи ва ло тайасу мин равҳи-л-Лоҳи» (12:87).[35] Пас, сеюм бор, ки ба Миср бозомаданд, Юсуф худро ошкоро кард бар бародарон ва гуфт: «Ано Юсуфу ва ҳоза ахӣ қад манна-л-Лоҳу алайно» (12:90).[36] Эшон дар замин уфтоданд, пеши ӯ, Юсуф, алаҳи-с-салом, қавлуҳу таъоло: «Ло тасриба алайкуму-л-явма, яғфиру-л-Лоҳу лакум ва ҳува арҳаму-р-роҳимин» (12:92).[37] Пас пироҳан ба мужда сӯйи падар фиристод ва ҳамон рӯз, ки мард аз Миср берун рафт, Яъқуб гуфт: «Иннӣ ла аҷиду риҳа Юсуфа лав ло ан туфаннидун» (12:94).[38] Эшон гуфтанд: «Баъд аз солҳои бисёр ва куштану гург хӯрдан, Юсуфро ҳеч аз ёд фурӯ нагзорӣ». Пас мард фароз расид ва пироҳан бар чашми Яъқуб молиданд, бино шуд ба қудрати Худой, таъоло. Пас мардумони хешро гуфт: «А лам акул лакум иннӣ аъламу мина-л-Лоҳи мо ло таъламун» (12:96).[39] Пас Яъқуб бо ҳамаи аҳли байти хеш ба Миср омад ва ба Юсуф расид. Ва бародаронаш сачда карданд ва узрҳои гуноҳ ҳамехостанд. Юсуф гуфт: «Ҳозо таъвилу руъёя мин қаблу» (12:100).[40]

Пас Яъқуб он ҷо муқом кард ва Зулайхо Юсуфро ба шавҳар кард. Баъди ҳолҳо чун саду чиҳилу ҳафт сол аз умри Яъқуб бигузашт, вафот расидаш ва ӯро пеши Исҳоқ дафн карданд. Ва чунин ривоят аст, ки чун Яъқуб дар Миср рафт, ҳафтод тан аз аҳли байт бо вай буданд ва баъд аз он то рӯзгори Мӯсо, ки банӣ Исройилро аз аҳли Яъқуб аз шаҳр берун овард, ҳазор ҳазору

[34] Сураи Юсуф (12: 67).
[35] Сураи Юсуф (12: 87).
[36] Сураи Юсуф (12:90).
[37] Сураи Юсуф (12: 92).
[38] Сураи Юсуф (12: 94).
[39] Сураи Юсуф (12: 96).
[40] Сураи Юсуф (12:100).

ҳафтсад ҳазор буданд аз баракати Иброҳиму зуррияти ӯ. Ва баъд аз он чун Юсуфро, алайҳи-с-салом, саду бист сол тамом гашт, вафот расидаш ва ӯро ду писар буд, якеро ном Афройим ва дигареро Мисо ва гуфт, маро ба Миср дафн кунед, ки баъд аз ман пайғамбаре аз насли падарам берун ояд ва маро сӯйи падарон барад. Пас миёни рӯди Нил ӯро дафн карданд, то аз ҳар ду сӯй ғаллаҳо хушк нагардад, ки агар аз нима дафн кардандӣ, то он нимаи дигар хушк мешуд.

Айюб ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Писари Розиҳ ибни Амус ибн Аляфрад ибни Ис ибни Исҳоқ буд ва занаш Раҳма бинти Афройим ибни Юсуф буд ва Худой, таъоло, ӯро ба пайғомбарӣ фиристод ба рустоқи Сания, миёни Димишқ ва Рамлаҳ. Ва сахт азим порсо ва обид буд. Иблис гуфт: «Ин ибодат аз баҳри хоста ва фарзандон мекунад». Худой, таъоло, гуфт: «Туро бар ҳама мусаллат кардам» ва Айюбро андар он бало гирифтор кард ва хоставу фарзандон ҳама бирафт ва ҳафт сол дар он ранҷи тан бимонд, ки ҳеч дил танг накард ва собир буд, чунонки Ҳаққ, таъоло, гуфтааст: «Инно ваҷадноҳу собиран ниъма-л-абду, иннаҳу аввобун» (38:44).[41] Пас Айюб Худойро бихонду гуфт: «Массанӣ-з-зурру ва анта арҳаму-р-роҳимин» (21:83).[42] Пас Ҳаққ, таъоло, иҷобат кард ва бало аз вай баргирифт, чунонки гӯяд: «Фа-сстҷабно лаҳу, фа кашафно мо биҳи мин зуррин» (21:84).[43] Ва он ҷо, ки он чашмаи об пайдо гашт, Айюб ғусл кард ва шифо ёфт аз он решҳо ва кирмон ва он ҳанӯз ба ҷой аст ва онро қарияи Айюб хонанд ва Худой, таъоло, ҳама молу неъмат бад-ӯ боз бидод. Ва Раҳмаро аз ҷиҳати савганд ва сухани Иблис, Худой, таъоло, бифармуд, то ӯро ба чӯбҳои хурд, дар ҳам баста бизанад, ҳар сад ба як бор ва савганди Айюб рост гардад, чунонки гуфт, ҷалл ва ъало: «Ва хуз би ядика зиғсан фа-зриб биҳи» (38:44).[44] Ва бад-он чашма андар бисёре шифо бошад худовандони иллатро.

Ва чун умри Айюб навад сол гашт – ва берун аз таърих дувист сол гуфтаанд – ва бимурд ва якеро васӣ кард аз фарзандонаш, номаш Ҳумил – ва ба ривояте Зу-л-кифл гӯянд ва ба дигар нусха Зу-л-килф баъд аз ин буд. Ва аз фарзандони Ис ибни Исҳоқ баъд аз Айюб кас пайғамбарӣ наёфт. Дигарон подшоҳӣ ёфтанд ва уббодӣ.

Шуайб ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Писари Машъун ибни Афон ибни Мадян ибни Иброҳиму-л-халилу-л-Лоҳ, алайҳи-с-салом,

[41] Сураи Син (38: 44).
[42] Сураи Анбиё (21:83).
[43] Сураи Анбиё (21:83
[44] Сураи Син (38: 44.

буд. Худованд, таъоло, ӯро ба Мадян фиристод ба пайғомбарӣ аз Шом ва он ҷо беша ва дарахтон буд ва Худой, таъоло мефармояд: «Каззаба асҳобу-л-Айкати-л-мурсалина» (26:176).[45] Ва сухан ба тозӣ гуфт, сахт азим некуву фасеҳ ва пайғомбари мо, алаҳи-с-салом, ӯро хатиби пайғомбарон хонд аз бас суханони балеғу мавъиза, ки қавми хешро гуфтӣ дар таъаббуди Эзад, таъоло ва тарки ибодати асном ва паймона рост доштан ва тарозу. Ва оятҳои Қуръон бисёр бад-он нотиқ аст. Ва то аҳди Мӯсо бимонд ва зиёдатар. Умри ӯ сахт дароз гӯянд.

Мӯсо ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Аз гоҳи Юсуф ва пеш аз ӯ фароъина буданд ва ҳамерасид то ба Валид ибни Мусъаб, ки фиръавни Мӯсо буд. Ва ҳарчи дар Миср аз амолиқа буданд, эшонро қибтиён хонданд ва дигарон, ки фарзандони Яъқуб буданд, банӣ Исройил. Пас чун Фиръавн мағрур гашт ва гуфт: «Ано раббакуму-л-аъло» (79:24),[46] Худой, таъоло, Мӯсоро сӯйи ӯ фиристод, баъд аз он ки мунаҷҷимон ӯро аз кори Мӯсо хабар бидоданд ва фарзандони банӣ Исройил ҳамекушт ва модараш Мӯсоро ба илҳоми Эзадӣ дар тобут кард ва аз бими Фиръавн дар оби Нил афганд. Ва Эзад, таъоло, ӯро ба дасти Фиръавн ва Осия – занаш афганд ва бар вай меҳрубон шуданд. Ва ҳамон рӯз ба модар бозрасид ва шираш медод дар саройи Фиръавн. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Инно роддуҳу илайка ва ҷоъилиҳу мина-л-мурсалина» (28:7).[47]

Чун ба мардӣ расид ва қибтӣ ба дасти ӯ кушта шуд, Фиръавн қасди ӯ кард ва аз ӯ биандешид ва он марди дурудгар, ки Ҳаққ, таъоло, ӯро «раҷулун мӯъминун» (40:28)[48] хонд, Мӯсоро аз он хабар бидод. Сӯйи Мадян рафт ва солҳо муздурии Шуайб кард, то кобини духтар тамом гашт ва хост, ки сӯйи Миср бозояд ва асо, ки муъҷизи ӯ буд, аз пеши Шуайб биёвард, баъд аз он ки дар он хусумат рафт ва Шуайб гуфт: «Дигаре баргир, ки ин амонат аст», то ба тавассути фиришта асо ба Мӯсо расид.

Ва бо хостаи бисёр ва зану фарзанд сӯйи Миср омад ва андар он роҳ ба шаб андар, ба торикӣ ба талаби оташ рафт. Эзад, таъоло, ӯро нубувват бидод ва бо Мӯсо муноҷот кард ва оятҳо намуд аз асо ва дигар чизҳо, то Мӯсо биёромид ва бародараш Ҳорунро бозхост. Ва пас сӯйи Фиръавн омад ва ӯро ба Худо хонд ва муъҷиза намуд. Фиръавн гуфт: «Ин ҷодуӣ аст» ва нагаравиду сӣ ҳазор марди ҷоду аз ҳамаи атроф фароҳам овард,

[45] Сураи шуъаро (26:176.
[46] Сураи Нозиъот (79: 24).
[47] Сураи Қасас (28:7).
[48] Сураи Ғофир (40:28).

ки меҳтари эшон чаҳор мард буданд номҳошон: Шобур, Ғорун, Мусаффо, Хатҳак. Эшон бо Фиръавн гуфтанд: «Наҳну-л-ғолибуна» (26:44).[49] Ва он саҳро чандон, ки чашм кор кард расанҳо ва чӯбҳо фиганда буд, ки аз афсуни эшон дар ҳаракат омад ва Мӯсо сахт битарсид, чунонки Худой, таъоло, гуфт: «Вастарҳабуҳум ва ҷоъу би сиҳрин азимин» (7:116).[50] Пас Худой, таъоло, гуфт Мӯсоро: «матарсу асо бияндоз». Мӯсо асо бияфганд, аждаҳо гашт ва он ҳама фурӯ бурд ва боз асо баргирифт, ҳамчунон буд. Ҷодувон имон оварданд ва гуфтанд, ин кор аз ҷодуӣ берун аст. Фиръавнро хабар шуд, эшонро гуфт: «Ӯ худ меҳтари шумо будааст» ва баъд аз он фармон дод он меҳтаронро ба зории зор бикуштанд. Бомдод кофар буданд, намози шом шаҳид ба биҳишт расида. Пас Фиръавн Ҳомонро гуфт: «Фа-ҷъал лӣ сарҳан» (28:38).[51] Чун Ҳомон он бино, ки фармуд, бикард, бар он ҷо рафт, ҳеч садо нашнид аз осмон, пас Ҳомонро гуфт: «ман чунин гумон мебарам, ки Мӯсо аз дурӯғзанон аст». Пас, Худой, таъоло, оёт фиристод аз азоби гуногун бар қибтиён, чунонки гуфт: «Фа арсално алайҳиму-т-туфону ва-л-ҷарода» (7:133).[52] Чун ба сахтӣ расидандӣ, Фиръавн Мӯсоро гуфт: «Дуо кун, то азоб бархезад». Мӯсо дуо кард ва азоб бархостӣ, боз кофар шудандӣ.

Пас Мӯсо банӣ Исройилро аз шаҳри Миср берун бурд ва тобути Юсуф, алаҳи-с-салом, бардошт ва бо худ бурд. Чун Фиръавн бидонист, бо сипоҳ берун омад. Ҳаққ, таъоло, қудрат намуд ва Мӯсо асо бар дарё зад ва оби дарё бархост ва муъаллақ биистод ва бод бар замини дарё вазид ва хушк гашту банӣ Исройил бигзашт. Чун Фиръавн фароз расид ва он аҷойиб бидид, хост ки бозгардад. Ҳомон гуфт: «Мӯсо ба ҷодуӣ бигузашт, ту ба худойӣ натавонӣ гузашт?» Фиръавн асп андар об ронд. Об фуруд омад ва ҳама ғарқа шуданд. Он соат имон овард ва Ҷабройил кому даҳонаш ба гил биёганд ва гуфт: «Тарсидам, ки агар дигар бор бигӯяд, Худой, таъоло, ба раҳмати худ тавбаташ қабул кунад ва афв кунадаш бо чандон куфр».

Баъд аз он Мӯсо ба муноҷот рафт ба кӯҳи Тур ва ҷамоъате аз пирони банӣ Исройил бо вай бирафтанд ва Ҳақ, таъоло, бо вай сухан гуфт ва Таврот бидод ва баъд аз он ки сӣ рӯз ӯро ваъда кард рӯза доштан ва баъд аз он даҳ рӯзи дигар бар он бияфзуд. Ва пирони банӣ Исройил гуфтанд: «Мо низ хоҳем, ки сухани Худой, таъоло, бишнавем ва туро пеши қавм гувоҳӣ диҳем». Чун

[49] Сураи Шуъаро (26:44).
[50] Сураи Аъроф (7:116).
[51] Сураи Қасас (28:38).
[52] Сураи Аъроф (7:133).

муноҷот ҳамешуниданд, гуфтанд: «то ба дидор набинем, бовар надорем». Ва соиқа аз ин сухан эшонро ҳалок кард. Қола Аллоҳу, таъоло: «Ва из қултум ё Мӯсо лан нуъмина лака, ҳатто наро-л-Лоҳа ҷаҳратан фа ахазаткуму-с-соъиқату» (2:55).[53] Ва боз ба дуои Мӯсо эшонро зинда кард.

Ва дар ин вақт Сомирӣ банӣ Исройилро ба гӯсола парастидан аз роҳ бибурд ва хоки асари Ҷабройил дар миёни он гӯсолаи заррин кард, то бонг карду дар ҳаракот омад ва гуфт: «Ҳозо илоҳукум ва илоҳу Мӯсо» (20:88).[54] Пас банӣ Исройил аз роҳ бишуданд ва ҳеч сухани Ҳорун нашниданд. Чун Мӯсо бозомад – ва Худой, таъоло ӯро хабар бидода буд – ҳама қавмро гӯсолапараст ва кофар дид. Бо Ҳорун тундӣ кард ва алвоҳи Таврот бияндохт ва Ҳорун узри хеш ва сухани Сомирӣ пеш овард ва Сомирӣ гуфт: «Басурту би мо лам ябсуру биҳи» (20:96).[55] Ва Сомирӣ аз ҷумлаи фарзандон буд, ки Ҷабройилро битавонистӣ дид. Пас Мӯсо Сомириро гуфт: «Туро накушам, вале то зинда бошӣ кас фарози ту наёрад омад ва на ту фарози кас тавонӣ шуд ва бо охират Худой, таъоло, подоши ту кунад». Пас гӯсоларо бисӯхтанд ва дар об фишонданд. Ва тавбаи банӣ Исройил чунон буд, ки ба ҳар андом, ки гуноҳ кардандӣ аз тан бибуридандӣ ва ҳаштсад ҳазор мард буданд, ки саҷда карда буданд гӯсоларо. Пас ба саҳро омаданду биншастанд ва дигарон шамшерҳо баркашиданду гардани якдигар ҳамезаданд, падар писарро, бародар амро. Ва зорӣ бархост. Ва Мӯсо сар бар сучуд ниҳод ва зорӣ мекард ва Худой, таъоло, абреро бифиристод, то ба ҳичоб андар якдигарро бинанд ва Худой, таъоло, тавбаи эшон пазирируфт. Ва қола-л-Лоҳу, таъоло: «Иннаҳу ҳува-т-таввобу-р-раҳим» (2:37).[56] Пас даст аз куштан бардоштанд ва дар он ним рӯз ҳафтод ҳазор мард кушта буданд.

Ва ба ҳар вақт Мӯсоро ранҷа доштандӣ ва боз Таврот қабул намекарданд, то Худой, таъоло, кӯҳро фармон бидод, то аз болои сари эшон биистод. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Ва из натақно-л-ҷабала фавқаҳум кааннаҳу зуллатун» (7:171).[57] Чун шариат ва Таврот қабул карданд, эшонро бо Миср овард, ба қасрҳои Фиръавн ва қибтиён ва неъматҳои беандоза. Баъд аз ин, ҳадиси он кушта буд, ки биёфтанд ва бад-он сабаб ҳам хун рехтан буд дар банӣ Исройил, то Мӯсо гуфт, ки «Худой, таъоло, мефармояд,

[53] Сураи Бақара (2:55).
[54] Сураи Тоҳо (20:88).
[55] Сураи Тоҳо (20: 96).
[56] Сураи Бақара (2: 37, 54) ва сураи ал-Тавба (9:104).
[57] Сураи Аъроф (7:171).

гове бикушед ва порае аз гӯшти онро бар мурда занед, то зинда гардад ва бигӯяд, ки қотил кист». Боз чандон сухан рафт, ки кор ба чӣ ранг мебояд ва бад-он сухан он кор дароз карданд бар худ, то гов ба даст оварданд ва ба баҳои гирон бихариданд. Ва ҳамчунон карданд ва мурда ба сухан омаду гуфт: «Маро ин писарони амм қуштанд» ва даъвои хун худ эшон мекарданд ва он фитна биншаст.

Ва баъд аз ин қиссаи Қорун буд ва он неъматҳо, ки ҷамъ кард ва чандон зинат дошт, ки чиҳил мард калиди дари ганҷҳо бар дӯш мекашиданд. Ва Қорун хеши Мӯсо буд ва ба охири кор бар Мӯсо бад андешид ва он зани балояро биёварад, то пеши қавм ба зино бар Мӯсо гувоҳӣ диҳад. Ва Худой, таъоло, дар анҷуман бар лафзи он зан чунон ронд, ки гуфт: «Қорун маро молу неъмат бидод ва гуфт, чунин гӯй ва ҳошо, ки пайғамбари Худо зино кунад». Мӯсоро об дар чашм омад. Худой, таъоло, заминро ба фармони Мӯсо кард. Пас Мӯсо гуфт: «Ай замин, ӯро бигир» ва Қорун то ба зону ба замин фурӯ шуд. Чунонки нопадид шуд ва Мӯсо, алаҳи-с-салом, боз дуо кард, то саройҳо ва ганҷҳои Қорун ҷумла ба замин фурӯ шуданд.

Ва баъд аз ин қиссаи мусоҳабати Мӯсо буд бо Хизр, алайҳи-с-салом ва он чи гуфт: «Ту тоқати суҳбат ва сабурӣ надорӣ» – «Иннака лан тастатиъа маъӣ сабран» (18:67).[58] Чун Хизр каштиро сӯрох кард ва кӯдакро бикушт ва девори харобро бар карду иморат кард ва Мӯсо ҳар якро эътироз мекард, Хизр гуфт: «Ҳозо фироқун байнӣ ва байнака» (18:78).[59] Пас, Мӯсо ҳар якро ки эътироз карда буд, ҷавоб аз Хизр шунид, ки «каштиро ба айб кардам, то малик настонад, ки золим аст ва ғуломро падару модар муъминанд ва ӯ кофар буд ва ба зери девори хароб ганҷе ниҳода аст, ки рӯзии фарзандони он марди солеҳ хоҳад буд, онро ба иморат кардам».

Баъд аз он Худой, таъоло, фармуд, то ба ҳарби ҷабборон равад. Бо банӣ Исройил бирафтанд ва андар биёбони Фаластин, ки онро Тиҳ хонданд, Мӯсоро гуфтанд: «Ту бирав бо Худои хеш, ки эдар ҳамебошем», чунонки Худой, таъоло, фармуд: «Изҳаб анта ва Раббука фа қотило, инно ҳо ҳуно қоъидуна» (5:24).[60] Ва ин он вақт гуфтанд, ки ҷосусон бозомаданд ва сифати ҷабборон ва Уҷ ибни Аноқа мегуфтанд ва аҳд бишкастанд, ки ба ҳам карда буданд ба ногуфтани ин сухан. Пас, Мӯсо дуо кард бар эшон ва

[58] Сураи Каҳф (18: 67, 72, 75).
[59] Сураи Каҳф (18:78).
[60] Сураи Моъида (5:24).

гуфт: «Фа-фруқ байнано ва байна-л-қавми-л-фосиқина» (5:25)[61]. Пас, Мӯсо асо баргирифт ва бо Ҳорун бирафт ва банӣ Исройил рӯй ба Миср бозниҳоданд ва се рӯз мерафтанд, чун нигаҳ карданд ҳам бар ҷой буданд. Чиҳил сол дар он биёбон бимонданд аз дуои Мӯсо. Ва аз он рӯй Мӯсо ва Ҳорун наздики Уҷ расиданд ва гӯянд, болои Мӯсо чиҳил газ буд ва ба ривояте даҳ газ ва ҳамчандон дарозои асош буд ва ҳамин қадар барҷаст ва ба ҳамаи қувват асо баргирифту бар каъби Уҷ зад ва биюфтод чанди ҷаҳоне ва кушта шуд. Ва чунон гӯянд, ки Уҷ кӯҳе барканда буд ва бар сар ниҳода ва меомад, ки ба лашкаргоҳи Мӯсо занад, Худой, таъоло, мурғеро бифиристод, то он бисуфт ва дар гардани Уҷ уфтод. То Мӯсо ӯро бизаду бикушт ва сӯйи қавм бозомад ва ҳадиси Уҷ бигуфт. Эшон гуфтанд: «Худой бар мо хашм гирифт». Мӯсо пиндошт, ки чун вай бозомод, битавонанд рафтан. Худой, таъоло, гуфт: «Фа муҳарраматун алайҳим арбаъина санатан» (5:26).[62] Ва эшон андар он биёбони беоб дувоздаҳ фарсанг бимонданд, то ҳам Мӯсо дуо кард ва Худой, таъоло, бифармуд, то Мӯсо асо бар санг зад, дувоздаҳ чашмаи об бигушод, чунонки ҳар сибтеро об- дидор буд ва манну салвӣ аз барои эшон бихост ва он таронкамин аст ва самона ва абр бифиристод, то бар эшон соя дошт аз баракати дуои Мӯсо.

Ва нахуст Худой, таъоло, Ҳорунро пеш хонд ва умраш саду понздаҳ сол буд ва аз баъди Ҳорун се сол Мӯсо Юшаъ ибни Нунро васӣ кард ва бирафт. Боду торикӣ баромад, Мӯсо донист, Юшаъро дар канор гирифт ва аз миёни пироҳан нопадид гашт. Юшаъ бозгардид ва банӣ Исройилро гуфт. Гуфтанд: «Мӯсоро бикуштӣ». Ӯро бигирифтанд ва даҳ муваккал бар вай карданд, то Худой, таъоло, эшонро дар хоб бинмуд, ки Мӯсоро аҷал расид, то Юшаъро раҳо карданд ва Худой, таъоло, ӯро пайғамбарӣ бидод. Ва умри Мӯсо саду бист сол буд. Ва ҷуҳуд аз баҳри он хонандашон, ки бисёре аз маликон аз насли Яҳуд ибни Яъқуб буданд, пас яҳудӣ хонандашон.

Ал-Хизр ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Чунин ривоят аст, ки Хизр ал-Ясаъ аст ва ӯ пеш аз Иброҳими халил буд. Номи ӯ Илиё ибни Малико ибни Фолиъ ибни Обир ва ал-Ясаъро худ зикри муфрад аст. Ва аз баҳри он ӯро Хизр хонанд, ки бар санге нишаст, чун бархост, сабз гашта буд. Ва Зу-л-қарнайни акбар ба талаби оби ҳаёт рафта буд ва Хизр бо вай буд. Об биёфту бихӯрд ва гӯянд, Илиёс, алайҳи-с-салом, бо вай буд. Ва Зу-л-қарнайн бозгардид ва

[61] Сураи Моъида (5:25).
[62] Сураи Моъида (5:26).

чашмаи ҳайвон надид ва бар чашми ӯ нопайдо шуд. Ва он Зу-л-қарнайн, ки зикраш дар Қуръон аст, баъд аз Мӯсо буд ба рӯзгор ва он аст, ки садди яъҷуҷу маъҷуҷ сохт.

Юшаъ ибни Нун, алайҳи-с-салом. Юшаъ ибни Нун ибни Афроим ибни Юсуф банӣ Исроилро аз Тиҳ берун овард андар аҳди Манучеҳр ва ба ҳарби ҷабборон бурд. Ва аз Балъам Боъуро дархостанд, то бар эшон дуо кунад ва шаҳрашонро ном Болиъа буд. Балъам иҷобат накард ва гуфт: «Банӣ Исройил дар дини Худой, таъолоанд», то занаш ӯро бифирефт ва бирафт ба дуо кардан. Ва Юшаъ баъд аз он Худойро гуфт: «Ё раб, дуои ман бар вай мустаҷоб кун ва имон аз вай бозситон». Ҳамчунон буд. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Ва-тлу алайҳим набаа-л-лазӣ отайноҳу оётино фа-нсалаха минҳо» (7:175).[63] Чун банӣ Исройил аз паси ҳазимат бозгаштанд, Юшаъ ибни Нун дуо карда буд ва ҳарб андар гирифтанд, малик Балъомро гуфт: «дуо кун дигар бор». Балъом гуфт: «Худой, таъоло, бар ман хашм гирифтааст ва ман низ хидмати ӯ намекунам». Пас он ҳилат карданд, ки занони некуро ба сипоҳи банӣ Исройил фиристоданд, то эшон зино кунанду ҳалок шаванд. Юшаъ мутаҳайир гашт, то аз фарзандони Ҳорун Финҳос ибни Айзор зане ва мардеро ба захми ҳарба ба ҳам дӯхт ва пеши мардумон бияфганд ва гуфт: «Ҳар кас, ки занро аз хайма берун накунад, бо вай ҳамчунин кунам». Банӣ Исройил азим битарсиданд ва аз он кори азим зишт даст бидоштанд. Ва чуҳудон фарзандони ин Финҳосро аз он сабаб бузург доранд ва агар ӯ чунин кардӣ (эҳтимол: накардӣ – Қ.Р.), ҳама ҳалок шудандӣ. Ва Худой, таъоло, серӯза тоъун бар эшон афганд бад-он гуноҳ ва бисёре ҳалок шуданд дар он се рӯз.

Юшаъ вилояти ҷабборон бистад ва бисёр ҷойи дигар ва банӣ Исройилро бозпас овард. Ва чун умри Юшаъ ба саду бисту ҳашт сол расид, бимурд. Пайғомбаре мурсал буд, мустаҷобуддаъва. Ва аз баъди ӯ Колуб ибни Юфано буд аз сибти Шамъун ва Ҳизқил аз сибти Яҳудо ба кори банӣ Исройил, аммо Ҳизқил пайғомбар буд.

Ҳизқил ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Ӯро Ибну-л-ъаҷуз хондандӣ, зеро ки модар ӯро ба пирӣ зода буд ва ӯ Зу-л-кифл аст, ки Худой, таъоло, зикри вай дар Қуръон ёд кардааст[64]. Ва андар бани Исройил ба дуои Мӯсо ва Зу-л-кифл ва Исо мурда зинда шуд. Ва эшон ҷамоъате бисёр буданд, ки аз марг бигурехтанд, Худой, таъоло, ҳамаро ҷон бистад, натавонистанд ба гӯр кардан

[63] Сураи ал-аъроф (7:175).
[64] Сураи Анбиё (21:85); Сод (38:48).

аз бисёрӣ, ки буданд. Деворе гирди эшон даркашиданд. Ва баъд аз рӯзгоре дароз, ки хок шуда буданд, Ҳизқил он ҷо бигузашт, аҷаб омадаш. Дуо кард ва Худой, таъоло, ҳамаро зинда кард ва ба шаҳр бозомаданд ва наслашон пайваст. Ва касеро, ки бӯйи андом нохуш бошад, аз он насл гӯянд. Аз ин пас дини Мӯсо куҳан гашт ва банӣ Исройил Тавротро даст бидоштанд ва Худой, таъоло, пайғомбаронро фиристод бад-эшон.

Илёс ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Ӯ писари Қасӣ ибни Финҳос ибн ул-Айзор ибни Ҳорун буд ва сӯйи қавме омад, ки бутпараст буданд ва бутеро парастиданд, ки номи вай Баъл буд. Ва баъзе гӯянд Баъл зане неку будааст ва банӣ Исройил баъзе ӯро парастиданд. Ва ал-Ясаъро Илёс парвард ва бо вай будӣ. Пас он буд, ки Илёс дуо кард ва борон бозистод, магар меҳтарон баъзеро ва агар на, касе награвид. Пас Илёс сер гашт аз эшон ва ал-Ясаъро халифат карду бирафт. Ва Худой, таъоло, ӯро умри дароз бидод то ба қиёмат ва андар биёбонҳо бошад ҳамчун Хизр андар дарёҳо ва бандагони Худоро роҳат мерасонад.

Ал-Ясаъ ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Худой, таъоло, ӯро пайғомбарӣ бидод ва андар Қуруони маҷид ӯро Солеҳ хонд ва рӯзгоре андар миёни банӣ Исройил буд ва тобут, ки онро сакина хондандӣ ва пеши ҳарб доштандӣ ва бад-он зафар ёфтандӣ, қолал-Лоҳу, таъоло: «Фиҳи сакинатун мин Раббикум ва бақиятун миммо тарака олу Мӯсо ва олу Ҳоруна, таҳмилиҳу-л-малоикату» (2:248)[65] ва банӣ Исройилро бад-он оромиш буд. Ва чунин гӯянд, ки андар он тобут асои Мӯсо буд ва аммомаи Ҳорун ва қадре пиҳ ва ангабине аз он ки аз Тиҳ берун оварда буданд ва аз он алвоҳ, ки Мӯсо бияндохт, чун бар Ҳорун хашм гирифт ва яке шикаста шуд, ҳам дар он ҷо буд ва қуфл барниҳода.

Чун ал-Ясаъ аз миёни эшон бирафт, маъосию фасод аз ҳадд бибурданд, то чаҳорсаду шаст сол. Пас Худой, таъоло подшоҳе ҷобир бар эшон гумошт ва бар эшон мусаллат гашт ва тобут аз дасти эшон берун шуд ва ба Асқалон уфтод ва онро дар боғе дар зери хок карданд ва бар сараш дарахту чизҳо киштанд.

Ва дар миёни банӣ Исройил ҳеч пайғомбаре набуд дар ин муддат, то Худой, таъоло, Ашмуйилро бифиристод ба пайғомбарӣ.

Ашмуйил ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Писари Болӣ ибни Алқама буд аз фарзандони Ловӣ ибни Яъқуб. Чун бидонистанд, ки ӯ аз фарзандони пайғомбарон аст, ӯро ба зоҳиде супурданд, номи вай Айл ва Таврот аз вай биёмӯхт. Пас Ҷабройил омад буд-

[65] Сураи ал-Бақара (2:248).

ӯ ва Худой, таъоло, ӯро пайғомбарӣ бидод ва дар ин аҳд подшоҳ Ҷолут аз ҷабобира буд, охири эшон аз он қавм, ки баландҳайкалу боло буданд ва баъд аз он ки банӣ Исройил дархостанд, Худой Толутро ба подшоҳии эшон фиристод, гуфтанд: мо мустаҳақтарем подшоҳиро аз Толут». Ашмуйил гуфт: «Инна-л-Лоҳа-стафоҳу алайкум ва зодаҳу бастатан фи-лилми ва-л-ҷисми» (2:247).[66] Ва ба насаб Толут аз авлоди Ибни Ёмин ибни Яъқуб буд. Чун подшоҳ гашт, Ашмуйил гуфт, ояти мулки ӯ он аст, ки тобути бани Исройил бозрасад ва фириштагон онро биёваранд, чунонки гуфт: «Таҳмилуҳу-л-малоикату» (2:248).[67] Пас, фириштагон тобут биёварданд, ба фармони Ҳақ, таъоло, ва банӣ Исройил ба подшоҳии Толут хурсанд шуданд ва ҳарби Ҷолути ҷаббор карданд ва аз он халоиқи бисёр ҷуз сесаду сездаҳ мард намонд. Ва Ашмуйили пайғомбар Толутро зиреҳе бидод ва гуфт, ҳар касро он зиреҳ рост ояд, чун дарпӯшад, Ҷолут ба дасти ӯ кушта шавад. Гуфт: «Бингаред, то кист, ки он зиреҳ бар вай рост бошад». Дар ҳамаи сипоҳ ҷуз дар Довуд шоиста наёмад ва сахт азим заиф буд Довуд. Пас Толут вайро гуфт: «Бо Ҷолут ҳарб тавонӣ кардан?» Гуфт: «Тавонам». Толут вайро духтар ва подшоҳӣ бипазируфт ва Довуд се санг дар тубра ниҳод ва фалохан дошт ва пеш ҳарб кард. Ва чунин ривоят аст, ки Ҷолут то он ҷо буд, ки таркашаш сесад ман будааст. Пас Довуд санге ба фалохан андар ниҳод. Худой, таъоло, бодро фармон бидод, ки тарк аз сари Ҷолут баргирифт. Ва Довуд санге бияндохт, бар сараш омад, чунонки мағзаш бирехту бимурд ва санг бар замин омад ва пора-пора гашт ва ба адади ҳар суворе порае бар эшон омад ҳарчи дар пеш буданд ва дигарон ҳазимат шуданд. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Фа ҳазамуҳум би изни-л-Лоҳи ва қатала Довуду Ҷолута» (2:251).[68] Пас Толут духтар ба вай доду ангуштарӣ ва ҳамаи мардум мутеъ шуданд.

Баъд аз сӣ сол, ки Ашмуйил бимурд, Толут ҳар чанд олим, ки дар банӣ Исройил буд, ҳамаро бикушт ва Довуд гурехта буд. Ва Толут зане олимаро ба ҳоҷибе дода буд, то бикушад, накушт ва нигоҳаш ҳамедошт. Баъд аз муддате Толут пашемон шуд ва касеро металабид, ки аз вай бипурсад, ки тавбаи вай чист, касро наёфт. Ҳоҷиб он занро биёвард ва бипурсид. Гуфт: «Маро ба гӯри пайғомбаре баред, то дуо кунам ва ӯ зинда шаваду бигӯяд». Пас ӯро ба гӯри Ашмуйил оварданд. Зан дуо кард, Ашмуйил сар аз гӯр баровард. Гуфто: «Тавбаи Толут чист?». Гуфт: «Он ки бо

[66] Сураи ал-Бақара (2: 247).
[67] Сураи ал-Бақара (2: 248).
[68] Сураи ал-Бақара (2:251).

дувоздаҳ писар ба ҳарби ҷабборон равад, то кушта гардад». Пас Толут ҳамчунон кард ва ба ҳарб рафт, то шаҳодат ёфт ва Довудро подшоҳӣ мустахлас гашт.

Довуд ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Насаби ӯ Довуд ибни Ишо ибни Убид ибни Ёъиз ибни Салҳун ибни Наҳшун ибни Амӣ Нодиб ибни Ром ибни Ҳасрун ибни Фориз ибни Яҳудо ибни Яъқуб. Ва Худой, таъоло, пайғомбарро гуфт: «Ва-зкур абдано Довуда» (38:17).[69] Подшоҳӣ ва нубувват ӯро буд ва Сулаймонро ва Юсуфро, алайҳиму-с-салом. Худой, таъоло, ӯро фармуд, ки дини Мӯсо нигоҳ дорад ва ӯро Забур фиристод ва ба Забур андар шариат нест, ҷуз тавҳид. Ва сахт азим одил буд. Чун Забур хондӣ, аз хушии овози ӯ мурғони ҳаво кила бастандӣ аз боло. Пас Худой, таъоло, ӯро ба зани Уриё мубтало кард, то фармудаш ба ғазв андар Уриёро пеши тобут бидоранд ва кушта шуд бад-он ҷойгоҳ, ки аз пеши тобут ба ҳазимат барнагаштандӣ. Чун Худой, таъоло, хост, ки Довуд аз он гуноҳ бидонад, баъд аз он ки зани Уриёро бозхост, фиришатагон аз меҳроб берун омаданд ба даъво кардан. Довуд он сухан дарёфт ва бар гуноҳ мегирист. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Ва ҳал атока набаау-л-хасми из тасаввару-л-миҳроба» (38:21),[70] то баъд аз ҳолҳо Худой, таъоло, тавбаи ӯ бипазируфт ва ӯро хушнуд кард.

Ва чун дувоздаҳ сол аз мулкати Довуд бирафт, Худой, таъоло, Луқмонро ҳикмат бидод ва сӣ сол бо Довуд буд. Рӯзе дар пеши ӯ рафт. Довуд зиреҳ ҳамекард ба дасти хеш ва оҳан Довудро чун мум нарм буд. Луқмон надонист, ки чӣ мекунад ва он чист ва аз ҳикмат воҷиб надид сухан пурсидан ва хомӯш буд, то тамом кард ва дар Луқмон пӯшид, то бинад. Луқмон гуфт: «Ҳозо ҷаййидун ли-л-ҳарби». Ва ин сухан Луқмон он вақт гуфт, ки «ас-самту ҳикамун ва қалилун фоъилуҳу», яъне хомӯшӣ ҳикмате аст ва камтар ба кор доранд.

Ва Довуд аз ҳамаи фарзандон Сулаймонро писандидатар дошт, бад-он ҳукми замину гӯсфандон, ки уфтод ва Довуд дар он замон фурӯ монда буд, то Сулаймон гуфт: «Замин худованди гӯсфандро бояд бидод, то таъаҳҳуд кунад кишт хӯрдаро ва райъи он бардорад ва гӯсфанд худованди кишт медорад ва нафъи эшон аз ширу пашму ғайра ӯро бошад». Довуд бад-он шод гашт. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Ва Довуда ва Сулаймана из яҳкумони фӣ-л-ҳарси» (21:78).[71] Баъд Довуд аз сад соли умр гузашта,

[69] Сураи Син (38: 17).
[70] Сураи Син (38:21).
[71] Сураи ал-Анбиё (21: 78).

Сулаймонро халифа карду бимурд ва ба ривояте муддати умраш ҳафтод сол гуфтаанд.

Сулаймон ан-набӣ, алайҳи-с-салом аз Худой, таъоло, ҳоҷат хост, ки ӯро мулкате диҳад, ки баъд аз вай касро набошад. Ҳақ, таъоло, иҷобат кард ва одамиву парӣ ва деву афорит ва мурғону бодро мусаххари ӯ кард ва чашмаи рӯйи равон кард ва ба фармони ӯ девон корҳо карданд ва биноҳо, ки асари он ҳанӯз бар ҷой аст. Ва мантиқи мурғу ҷонвар бидонист ва бад-ин ҳама оёти Қуръон нотиқ аст. Қола- л-Лоҳу, таъоло: «Фа саххарно лаҳу-р-риҳа» (38:36).[72] Пас қиссаи Билқис буд, ки аз замини Сабо ҳудҳуд хабари ӯ ба Сулаймон овард ва боз нома бурд, то баъди ҳолҳо Сулаймон ӯро ба занӣ кард ва Сулаймонро аз ӯ фарзанде омад, номи вай Довуд ниҳод. Ва пас он буд, ки деве ба сурати Сулаймон биёмад ва хотамро аз занаш бистаду дар дарё андохт ва ба ҷойи ӯ биншаст, то баъд аз чиҳил рӯз, - ангуштарӣ дар шиками моҳӣ буд, ки ба музди Сулаймон бидоданд ва хотам ба вай бозрасид ва мамлакат бозёфт ба раҳмати эзадӣ. Ва баъд аз ин сухани қазову қадар рафт, то Симурғ гуфт: «Ман қатъ кунам». Бо он ки мерафт духтари подшоҳи Машриқ то ба писари хусрави Мағриб бирасад ва бирафту духтарро бирабуд ва ба ошёнаи хеш бурд ва бипарвард. Ва он аст, ки ба суратҳо нигоранд: симурғ ва духтар. Пас қазои эзадӣ бирафт ва маликзодаро каштӣ ғарқ гашт ва ӯро мавҷ бад-он ҷо афканд, ки муқоми симурғ буд. Ва ба ҳам расиданд ва пӯсти ҷонваре бузург бар нишемаш парда шуд ва маликзода дар миёни он бар фармони духтар ва симурғ бехабар, то духтар бор гирифту фарзанд овард. Ва чун Ҷабройил Сулаймонро хабар бидод, симурғро гуфт: «Чӣ кардӣ?» Гуфт: «Духтар пеши ман аст» ва он пӯст баргирифт, - баъд аз он ки духтарро гуфт: «Дар ин миён рав, то офтобат ранҷа надорад» ва пеши Сулаймон овардаш ва маликзода нопадид гашт ва нопадид шудани симурғ аз он таърих бошад.

Пас девонро фармуд биноҳо кардан ва аз айнулқитр шаҳристоне рӯйин кард, то онро Мадинату-л-сифр хонанд ва он ганҷҳо ҳама он ҷо биниҳод ва курсӣ фармуд кардан бад-он азимӣ ва чун бар он ҷо нишастӣ, чандин ҳазор курсии зарин бар бисот ниҳода будӣ, аз рост ва олимону фарзандони пайғомбарони банӣ Исройил биншастандӣ бо бузургон ва аз чап афорит ва ҷинн бар вай ва болои сар мурғон биистодандӣ гуногун. Ва ба фармони Сулаймон, алайҳи-с-салом, бод он бисотро ҳамчунон бо чандин ҳазор ҷонвар бардоштӣ ҳар куҷо хостӣ: «Ғудуввуҳо шаҳрун ва

[72] Сураи Сод (38: 36).

равоҳуҳо шаҳрун» (34:12). Ва ҳадиси мӯрча ва сухан гуфтан бо Сулаймон, ки «Удхулу масокинакум» (27:18).[73] Ва шарҳи мулку азамати Сулаймон дароз аст ва мо зикре мухтасар кунем алалиҷмол.

Чун умраш ба панҷоҳу панҷ сол расид ва масҷиди Байтулмақдис ҳамефармуд кардан, қадре монда буд, бар асо фароз часфид андар масҷид ва ҷон аз вай ҷудо шуд. Соле бар он мисол бимонд, девон масҷидро тамом карданд ва кас перомуни ӯ наёрист гардидан ва мӯрчаи сурх асо мехӯрд, пас чун хӯрда шуд, бишикасту биюфтод, донистанд, ки бимурд ва эътибор карданд бар хӯрдани он мӯрча асоро, як сол буд, ки мурда буд. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Фа ламмо қазайно алайҳи-л-мавта мо даллаҳум ало мавтиҳи илло доббату-л-арзи, таъкулу минсаатаҳу» (34:14).[74]

Шаъё ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Чун подшоҳии банӣ Исройил ба Ҳизқиё ибни Аҳоз расид, Худой, таъоло, Шаъёро сӯйи эшон фиристод. Ва Сахориб, подшоҳи Мавсил аз дасти Аҷам тамаъ кард андар банӣ Исройил, ки Ҳизқиёро пой реш буд, натавонист бархостан. Ва сипоҳ пеш кард ва сӯйи эшон омад ва Бахтуннаср бо вай буд. Ва Шаъё дуо кард, то Худой, таъоло, эшонро ҳалок мекард ва ҳама бимурданд, магар Сахорибу Бахтуннаср ва чанд кас, ки дар ғоре гурехтанд ва эшонро бо силсилаҳо ва банд сӯйи Байтулмақдис оварда ин баъд аз он буд, ки Шаъё дуо кард ва Ҳақ, таъоло, дар умри Ҳизқиё бияфзуд, ки умраш ба охир расида буд. Худой, таъоло, ба Шаъё ваҳй кард, то Сахорибу Бахтуннасрро ва он қавмро даст боз дошт. Ва чун Ҳизқиё бимурд, банӣ Исройил дар фасод кардан омаданд ва Шаъё манъ кард. Пас қасди куштани ӯ карданд, то бигурехт ва дар миёни дарахте миёнтиҳӣ рафт. Иблис гӯшаи ридои ӯ бигирифт ва аз дарахт пайдо кард, то бани Исройил бидиданд ва ӯро бо дарахт ба ду ним карданд.

Ирмиё ва Дониёл, **алайҳимо-с-салом**. Ирмиё банӣ Исройилро ҳамегуфт, ки фасод макунед ва агар не, Ҳақ, таъоло, малике бар шумо гуморад ва ҳамаро бикушад ва барда кунад. Ӯро бигирифтанду маҳбус карданд. Чун Бахтуннаср биёмад ва шаҳр хароб кард ва мардумро бикушт ва Ирмиёро дар зиндон биёфт, аз ӯ ҳол пурсид. Гуфт: «Ман пайғомбарам ва эшонро аз ту хабар бидодам. Маро дар зиндон карданд». Бахтуннаср ӯро бинавохт ва яла кард, то баъд аз муддате Ҳақ, таъоло, Ирмиёро гуфт, сӯйи Байтулмақдис бозгард, ки ман онро ободон кунам ва он аст, ки

[73] Сураи Намл (27:18).
[74] Сураи Сабаъ (34:14).

Худой, таъоло, фармуд: «Ав ка-л-лазӣ марра ало қарятин ва ҳия ховиятун ало урушиҳо» (2:259).[75] Гуфт: «Аз баъди харобӣ чӣ гуна ободон хоҳад шуд, бе мардум». Ва ба таъаҷҷуб ҳаменигарид, то хобаш гирифт. Чун бихуфт, Худой, таъоло, ҷон аз вай ҷудо кард ва муддати сад сол ҳамчунон мурда бимонд, то банӣ Исройил бозомаданд.

Ва Дониёл, пайғомбар, алайҳи-с-салом, дар аҳди Баҳмани Исфандиёр ба фармони Кируш, ки подшоҳ буд аз дасти Баҳман, бар банӣ Исройил меҳтар буд ва ба иморати Байтулмақдис машғул шуданд ва ин Кируш писари Ахшну буд ва модараш Истар ном буд аз банӣ Исройил ва дини Таврот дошт ва ба фармони Дониёл кор кардӣ. Ва Дониёл аз ҷумлаи асирон буд, ки Бахтуннаср ӯро оварда буд ва банда карда ба кӯдакӣ. Баъд пас аз сад сол ҳама иморат пазируфт,беҳтар аз он ки буд ва Худой, таъоло, ҷон ба Ирмиё боз бидод ва ӯ Узайр аст, қавлуҳу таъоло: «Фа амотаҳу-л-Лоҳу миата омин, сумма баъасаҳу» (2:259).[76] Ирмиё чун бархост хира гашт, ки ҳама ҷой ободон дид ва анбуҳи мардумон. Гуфт: «ин ба як соат чун гашт?» Пас, Худой, таъоло, ба вай ваҳй кард, ки «Фа-назур ило таъомика ва шаробика, лам ятасаннаҳ» (2:259).[77] Пас бидид, ки Худой, таъоло баҳимаро чун зинда кард, гуфт: «донам, ки Худой бар ҳама чиз қодир аст».

Ва баъд аз баҳри Таврот омӯхтан Худой, таъоло, ӯро ба банӣ Исройил фиристод ва эшонро Таврот намонда буд, Бахтуннаср ҳамаро бисӯхта буд. Чун биёмад, гуфт: «Ман Ирмиёам, ки дар он рӯзгор будам, Худой, таъоло, маро зинда кард, баъд аз сад сол». Аломати нубувват хостанд, гуфт: «Таврот ҳама аз ҳифз бархонам». Ва ҳаргиз кас нахонда буд, пас Узайр ҳама Таврот бархонд. Гуфтанд: Худой бар ҳама чиз қодир аст, валекин ҳақиқати хондани ту надонем ва шунидаем, ки мар Тавротро зери сутунҳои ин масҷид пинҳон бикардаанд ва надонем, ки кадом сутун аст». Узайр гуфт: «Ман донам» ва эшонро бинамуд ҷой ва Таврот баровардand. Чун муқобалат карданд бо хондани Узайр, ҳарфе хато набуд. Пас Узайрро фитна шуданд ва гуфтанд: «Ин писари Худо аст» ва Ҳақ, таъоло, гуфт: «Иттахазу аҳбораҳум ва руҳбонаҳум арбобан мин дуни-л-Лоҳи» (9:31).

Закариё ан-набӣ, алайҳи-с-салом дар он таърих буд, ки Батлимиюсиён ба Юнон подшоҳон буданд ва банӣ Исройилро неку медоштанд ва масҷиди Байтулмақдис ба иморат буд ва уббод бисёр ва муътакиф, чаҳор панҷ ҳазор камобеш ва Закариё

[75] Сураи ал-бақара (2:259).
[76] Сураи ал-бақара (2:259).
[77] Сураи ал-бақара (2: 259).

аз ҷумлаи эшон буд, ки Худо, таъоло, ӯро пайғомбарӣ бидод. Ва ӯ аз муҳаррирон буд, ки падар ӯро дар шиками модар ба Худо бахшида буд. Ва андар масҷид ба иморат кардан ва ҳамаи обидон ва муқимони масҷид аз ин ҷинс буданд, муҳаррир. Ва Закариё аз фарзандони Раҳбаъам ибни Сулаймон ибни Довуд, алайҳиму-с-салом ва ӯро хеше буд, номи ӯ Имрон ибни Монон аз обидон ва фарзандонро дар шикам муҳаррар ҳамекард бар одати эшон. Ва чунон қоида буд, ки ҷуз писарон наёваранд, ки занонро ҳолҳо бошад.

Пас Марям бизод. Худой, таъоло, ба Закариё ваҳй кард, ки ин духтарро аз Имрон ба писар пазируфтам. Ва Марямро ба масҷид оварданд ва ӯро хонаи кӯчаке паҳлӯи масҷид бикарданд ва уббод бар он инкор карданд. Закариё гуфт: «Худой фармуда аст» ва аз паси ин Яҳё бизод, баъд аз навмедии Закариё аз фарзанд зодан ва Худой, таъоло, дуои ӯ мустаҷоб кард. Ва аз паси Яҳё ба шаш моҳ Исо пайғомбар, алайҳи-с-салом бизод. Ва Худой, таъоло, ӯро андар шиками Марям биёфарид аз боди пок. Қола-л-Лоҳу, таъоло: «Фа нафахно фиҳо мин руҳино» (21:91).[78] Баъд аз он ки Марямро Исо аз вай ҷудо шуд ва Эзад, таъоло, қудрат намуд, мардумон Закариёро маломат карданд, ки занеро зоеъ бигзоштӣ, то аз ҳаром фарзанд оварда ва сӯйи Марям шуданду ӯро маломат карданд. Марям ишорат ба Исо кард: «Фа ашорат илайҳи, қолу кайфа нукаллиму ман кона фӣ-л-маҳди сабийян» (19:29.[79] Пас Исо аз гаҳвора посухи эшон боздод, иқрор ба бандагии Худой, таъоло, чунонки каломи ӯст: «Қола: иннӣ абду-л-Лоҳи, отонӣ-л-Китоба ва ҷаъаланӣ набийян» (19:30).[80]

Ва баъд аз он чун бузургтар шуд, малик Ҳерудис аз ҳасад қасди Исо кард, то Марям ӯро бибурд ва бад-он деҳ шуданд. Ва аз вай ҳар рӯз аломате зоҳир мешуд ва муъҷиза пайдо меомад ва халқ аз он мутаҳайир мемонданд. Пас банӣ Исройил қасди куштани Закариё карданд ва гуфтанд, ӯ кофир шуд, ки бо Марям ҷамъ омад ва Исо аз вай бизод. Закариё бигурехт, ки сӯйи эшон равад, дар ақибаш биёмаданд. Дарахтеро диданд, Иблис эшонро гуфт: «Ин дарахтро бибуред, агар дар миёни он бошад, кушта шавад ва агар не, зиёне надорад». Пас дарахтро бибуриданд ва Закариё кушта шуд.

Яҳё ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Чун малик Ҳерудис, ки қасди куштани Закариё ва Исо ҳамекард, бимурд ва Яҳё чандсола гашт ва Худованд, таъоло ӯро пайғомбарӣ бидод ва ӯ аз омадани Исо,

[78] Сураи Анбиё (21: 91).
[79] Сураи Марям (19: 29).
[80] Сураи Марям (19:39).

алайҳи-с-салом, мардумонро хабар бидод ва ба вай имон оварданд, қавлуҳу таъоло: «Ва мусаддиқан би калиматин мина-л-Лоҳи ва саййидан ва ҳасуран» (3:39),[81] Худой, таъоло, ӯро сайид хонд ва дар миёни банӣ Исройил ҳамебуд, то Худой, таъоло Исоро ба пайғомбарӣ сӯйи банӣ Исройил фиристод ва эшонро даъват ҳамекард ва ба Худой мехонд.

Исо ан-набӣ, алайҳи-с-салом. Қавлуҳу таъоло: «Иннӣ ахлуқу лакум мина-т-тини ка ҳайати-т-тайри, фа ануфуху фиҳи, фа якуну тайран би изни-л-Лоҳи ва убриу-л-акмаҳа ва-л-абраса ва уҳйи-л-мавто би изни-л-Лоҳи ва унбиукум би мо таъкулуна ва мо таддахируна фӣ буютикум» (3:49).[82] Ин ҳама муъҷиз бинамуд ва дуо кард, то Сом ибни Нӯҳ зинда гашт, ки дараҳдтар буд. Ва чунон буд, ки худовандони иллатро андар дамидани ӯ шифо омад. Ва аз гил мурғе бикард ва аз боди нафаси Исо ҷон ба тан андар омадаш ва бипарид бе ҳеч маунате, ки бар вай буд, ба фармони Эзад, таъоло. Ва ҳар чӣ дар хонаҳо хӯрандӣ ва кардандӣ эшонро хабар бидодӣ. Ва аз он чизҳо, ки дар Таврот ҳаром буд, чун пиҳи гӯсфанд ва рӯзи шанбе моҳӣ сайд кардан ва дигарҳо ба эшон ҳалол кард ва нагаравиданд ҳеч кас.

Баъд аз ҳай ба ҳай ва шаҳр ба шаҳр андар ҳадди Мағрибу Миср ва Яман ҳамегашт ва мардумонро даъват ҳамекард. Даҳ сол бимонд, ки ӯро ҳеч ҷой хона надиданд ва ҳамегардид ва ҳавриён бо вай буданд. Ва он буд, ки аз Исо моида хостанд ва Исо дуо кард ва Худой, таъоло, эшонро моида фиристод. Қавлуҳу таъоло: «Қола Исо-бну Маряма: Аллоҳумма Рабанно, анзил алайно моидатан мина-с-самои такуну лано идан ли аввалино ва охирино ва оятан минка» (5:114).[83] Пас Худой, таъоло, гуфт: «Бифиристам ва агар касе кофар шавад ӯро азобе кунам, ки касро накардам». Ва гӯянд, моида фароз омад ва он дувоздаҳ нон буд испед ба адади ҳавриён ва моҳии бузурги бирён ва қадре намак ва тара ва он ҳама халоиқ бихӯрданд ва ҳар чӣ аз он баргирифтандӣ иваз ба ҷой бозомадӣ. Ва он рӯз якшанбе буд ва дувум рӯз ва сеюм рӯз ҳамчунон чоштгоҳ биёмадӣ ва боз ба ҳаво бар шудӣ, чун сер шудандӣ, пас аз он биёмад. Чун Худой, таъоло, эшонро ба куфрони умед азоб бидод, нахостанд, валекин Шамъуни ҳаворӣ нону моҳӣ дошт. Исо дуо кард, то ҳамаи халоиқ аз он сер бихӯрданд ва ҳанӯз ба ҷой буд. Пас ҷамоате мунофиқ шуданд. Гуфтанд, ҷодуӣ пас аз се рӯз ботил шавад ва кофар шуданд. Худой, таъоло, эшонро ҳама

[81] Сураи Оли Имрон (3:39).
[82] Сураи Оли Имрон (3:49).
[83] Сураи Моида (5:114).

хук ва бӯзина гардонид. Се рӯз бимонданд ва баъд аз он бимурданд, ки масхи уқубатро зиндагонӣ ҳамин қадар бошад. Ва ба аҳди Мӯсо, алайҳи-с-салом, асҳобу-с-сибтро Худой ҳама масх гардонид, ки бар лаби чӯй мағок канданд рӯзи шанбе, чун моҳӣ дар он ҷо шудӣ, роҳ бибастандӣ ва якшанбе бигирифтандӣ ва таъвил ниҳодандӣ, ки мо якшанбе ҳамегирем, Худой, таъоло, эшонро ҳам хуку бӯзина гардонид.

Пас Исо сӯйи банӣ Исройил бозомад ва яҳудон тадбири куштани ӯ карданд ва малики Байтулмақдис ёр гашт бо эшон. Исо ҳавриёнро гуфт: «Имшаб маро ба дуо ёд доред». Ҳама бихуфтанд, Исо гуфт: «Аз шумо бошад, ки маро арзон бифурӯшад ва далелӣ кунад бар ман ва кофар шавад». Ва дигареро гуфт: «Имшаб пеш аз бонги хурӯс аз ман безорӣ кунӣ». Ва он касро бигирифтанд, ки дигар рӯз берун омада буд. Гуфтанд, ки «Исоро бинамой». Гуфт: «Ман аз вай безорам». Ва кофар шуд. Дигаре бигирифтанд. Гуфт: «Маро ҳадя бидиҳед, то ӯро бинамоям». Сӣ дирам сим бидодандаш, Исоро бинамуд ва ҷуҳудон бар вай ҷамъ шуданд ва дасту пояш бибастанд ва ҳавриён ҳама бигурехтанд. Пас ҷуҳудон биёмаданд ва он чӯб, ки он корро ниҳода буданд, бурданд ва Исоро гуфтанд: «Чун аст, ки гуфтӣ, мурда зинда кунам? Худро аз мо бираҳон». Ӯро бигушоданд, ки бар дор кунанд, Худой, таъоло, ӯро аз миёни эшон нопадид кард ва бар осмони чаҳорум бурд, ба байтулмаъмур. Чун нигоҳ карданд, Исоро надиданд, гуфтанд, ҷодуӣ кард ва асари ҷодуӣ замоне беш набошад. Пас Худой, таъоло, сурати Исоро ба Ишуъ афганд – меҳтари яҳудон – ӯро бигирифтанд ва ҳарчанд, ки гуфт «ман Ишуъам» суд надошт ва бар дораш карданд. Ва наздики ҷуҳудон ва баъзе тарсоён чунон аст, ки Исо буд, қавлуҳу таъоло: «Ва мо қаталуҳу ва мо салабуҳу, валокин шуббиҳа лаҳум» (4:157).[84] Ва Ишуъ ҳафт рӯз бар дор бимонд ва ҳар шаб Марям биёмадӣ ва аз дур ҳамегиристӣ. То шаби рӯзи ҳафтум, Худой, таъоло, Исоро ба замин фиристод ва модарро бидид ва ҳавриёнро бадруд кард ва Яҳё Закариё пеши вай омад.

Пас, аз ҳавриён, Фитрус ва Булисро ба Рум фиристод ба даъват кардан ва Тумосро ба Ироқу Бобул ва Қилусро ба Қирвону Африқия ва ба Ҳабаш ва Андофсуну Улморро ба Ҳиҷоз. Ва пеши Яҳё, ба Байтулмақдис Ҳемусро бигзошт ва он чи хост, бигуфт ва саҳаргаҳ нопадид шуд сӯйи Байтулмаъмур. Ва ба ибодати Худой, таъоло, машғул бошад, то вақти Даҷҷол ба зер

[84] Сураи Нисо (4:157).

ояд, то охируззамон ва дини пайғомбари мо, салавоту-л-Лоҳи алайҳи, тоза кунад.

Ва аз он пас Марям бимурд ва Иблис халқ дар Исо ва Марям ва Худой кофар кард ва ҳар гуна васваса афганд. Ба сурати одамӣ бо ду девшайтони дигар ва ин се мақолати куфр дар дили мардум ниҳод, солиси салоса. Ва тарсоёнро насронӣ аз он хонанд, ки он деҳро, ки Масеҳ бад-он фуруд омад, Носира хондандӣ аз замини ҷалил.

Баъд аз ин Яҳё Закариёро малик бифармуд куштан андар мастӣ. Ва ба Яҳё муъмин буд, хост, ки духтари занро ба занӣ кунад аз некуӣ, Яҳё гуфт, раво набошад ва ин духтар кина гирифта буд. Маликро дар мастӣ гуфт: «Сари Яҳё хоҳам». Чун сари Яҳёро буриданд, дар ташт ҳамегуфт: «нашояд, ҳалол нест» ва ҳамчунин пайваста мегуфт. Малик битарсид ва пашемон гашт ва он ҷо, ки ӯро бикушт, хун аз замин ҷӯшидан гирифт. Малик бифармуд, то хок бар сараш кунанд. Ҳарчанд, ки анбоштанд, чун тале бузург гашт ва ҳамчунон ҳамеҷӯшид. То аз ҷумлаи малики тавоиф яке, номи ӯ Ҳирдус он ҷо рафт ба ғазо. Азбаски ҳамеҷӯшид аз куштани пайғомбарон ва шаҳзодагон, испаҳбадеро дар шаҳр фиристод ва чандин ҳазор бикушт, то хуни Яҳё бинишинад, ҳамчунон меҷӯшид, то кушандаи Яҳёро бознамуданд, ӯро бикушт, сокин гашт. Ва Набурозон куштагонро дар масҷид фармуд афгандан ва шаҳр боз хароб кард ва андар баъзе ахбор ӯро Бахтуннасру-с-сонӣ хонанд, ки дувум бор он шаҳр вайрон кард.

Ва ба ривояте дигар Дониёл дар ин вақт будааст ва ӯро бо шере дар чоҳ карданд, ҳеч осебе нарасидаш, пас баровардандаш ва Набурозон ба дини Мӯсо бигаравид ва Дониёл пайғомбар буд, боз ободонӣ карданд ба Байтулмақдис. Ва тавон будан, ки ин вақт дигар пайғомбаре буд ва Худой, таъоло алим аст.

Асҳобу-л-каҳф. Эшон дар аҳди Дақёнуси юнонӣ буданд ба шаҳре аз Шом ва ба Худой, таъоло, имон оварданд, қавлуҳу таъоло: «Иннаҳум фитятун оману би Раббиҳим ва зидноҳум худан» (18:13).[85] Ва Худой, таъоло, эшонро ҷавонмард хонд ва ҳидоят бидодашон ва аз подшоҳ битарсиданд ва сӯйи он ғор гурехтанд. Шубоне бо эшон ёр шуд ва саг дар дунбол уфтод. Ҳарчанд бозгардониданд, нагардид, ба сухан омаду гуфт: «Ман низ ҳам бад-он Худой имон дорам, ки шумо» ва ин ояте буд эшонро ва номи эшонро ва агарчи дар камияти адади эшон Худой донад, қавлуҳу таъоло: «Саяқулуна салосатун робиъуҳум

[85] Сураи Каҳф (18:13).

калбуҳум ва яқулуна хамсатун содисуҳум калбуҳум раҷман би-л-ғайби ва яқулуна сабъатун ва соминуҳум калбуҳум, қул: Раббӣ аъламу би иддатиҳум» (18:22).[86] Якеро ном Максино буд, дигар Аламино ва Фартинанус ва Суруш ва Деҳмуши шубон буд, ки эшонро ба ғор раҳнамунӣ кард ва саг ҳамчунон бо эшон буд. Муддати сесаду нуҳ сол бимонданд. Қавлуҳу таъоло: «Ва лабису фӣ каҳфиҳим салосамиатин синина ва аздоду тисъан» (18:25).[87] Ва фиришта ба фармони Худо, таъоло, ҳар гоҳе эшонро аз паҳлӯ ба паҳлӯ даргардонидӣ: «Ва нуқаллибуҳум зота-л-ямини ва зота-ш-шимоли ва калбуҳум боситун зироъайҳи би-л-васиди» (18:18).[88]

Пас зинда шуданд ва Ямлихоро сӯйи шаҳр фиристоданд, то таъоме харад. Чун ба шаҳр андар омад, бозор ва мардумро на бар он сон дид, ки буд. Аҷаб монд ва дирам нонборо дод ба муҳри Дақёнус. Нонбо гуфт, магар ин мард ганҷ ёфтааст ва ӯро сӯйи малик бурданду ҳол пурсиданд. Гуфт: «Дигар рӯз аз шаҳр бигурехтем аз Дақёнус ва ба ғоре андар пинҳон шудем, имрӯз омадам, то ёронро таъом барам». Подшоҳ олимонро ҷамъ кард ва бидонист, ки эшон асҳобу-л-каҳфанд, ки зикрашон дар Инҷил омадааст, ки Худой, таъоло, эшонро зинда кунад. Пас Ямлихоро гуфтанд: «Шуморо башорат бод, ки Дақёнус гузашт ва мо Худой парастем ва аз он таърих сесаду нӯҳ сол гузаштааст». Ва малик барнишаст бо меҳтарон, сӯйи ғор омаданд. Ямлихо гуфт: «Биравам ва эшонро хабар диҳам дар ғор». Омаду қисса бигуфт ва биюфтоду бимурд ва дигарон ҳамчунин. Пас замоне бибуд ва кас берун наёмад. Малик гуфто: «Яке дарун равед». Наёристанд. Гуфт: «Фа қолу-бну алайҳим бунёнан, Раббаҳум аъламу биҳим» (18:21).[89] Пас он ҷо аломате бикарданд ва бинабиштанд, ки ба чӣ таърих дар каҳф шуданд ва кай берун омаданд.

Ва ба ривояте, берун омаданду пеши малик рафтанд. Малик эшонро дар канор гирифт ва қисса бигуфтанд. Пас Худой, таъоло, расул фиристод ва эшонро мухаййар кард ба зиндагонӣ кардан ё ба биҳишту ризвон расидан. Эшон биҳишт гузиданд ва бимурданд. Малик хост, ки эшонро тобути зарин кунад, то дар хоб дид, ки гуфтанд: «Мо аз хокем ва боз бо хок равем, тобути зар чӣ кунем». Пас ҳам бад-он ғор даст боздошт ва он ҷо аломат ва масҷид карданд. Ва гӯянд, он чи Худой, таъоло гуфт: «Асҳобу-

[86] Сураи каҳф (18:22).
[87] Сураи каҳф (18:25).
[88] Сураи каҳф (18:18).
[89] Сураи каҳф (18:21).

л-каҳфи ва-р-рақими кону мин оётино аҷабан» (18:9)[90] ва рақим он набиштаро ҳамехоҳад, ки бар он ҷо раҷам заданд.

Юнус ан-набӣ, алайҳи-с-салом аз пайғомбарони мурсал буд, сӯйи шаҳри Найнаво аз ҳудуди Мавсил ва рӯзгоре даъват кард ва эшонро ба азоб битарсонид, нагаравиданд. Аз миён берун рафт. Ҳақ, таъоло, азобро сӯйи эшон фиристод ва оташ збона ҳамезад ва мардумону подшоҳ бидонистанд, ки азоб омад. Юнусро талаб кард, он ҷо набуд. Пас ҳамаи шаҳр – занону кӯдакон ва чаҳорпо ҳар чи буд, берун бурданд ва бутонро бишикастанду имон оварданд. Ва малики эшон сар бар хок ниҳод ва зорӣ ҳамекард ва кӯдакону занон бонгу зорӣ баровардан ва ба ихлос дуо карданд. Худой, таъоло, азобро аз эшон баргардонид ва ин чунин раҳмат бо ҳеч уммати дигар накард, чунонки фармуд: «Фа лав ло конат қарятун оманат фа нафаъаҳо имонуҳо илло қавма Юнуса» (10:98).[91] Чун ин хабар ба Юнус расид, ғамгин шуд. Иблис ӯро васваса кард, ки «Ту акнун дурӯғзан шудӣ пеши қавм». Ва савганд хӯрд, ки низ: «пеши эшон наравам». Дар каштӣ нишаст бо қавме, ки ба ҷойе равад. Худой, таъоло, ин кор аз вай написандид ва он моҳӣ, ки шиками вай зиндони Юнус буд, каштӣ боздошт, то аз баъди қуръа задан Юнус худро ба дарё афганд ва моҳӣ ӯро фурӯ бурд ва Юнус дар намоз истод. Ба фармони Худой, таъоло, он моҳӣ чиҳил рӯз аз хӯрдан бозистод, то Юнусро осебе нарасад. Ва Худой, таъоло гуфт: «Агар не аз мусаббиҳон будӣ, то қиёмат дар ишками моҳӣ бимондӣ». Қавлуҳу таъоло: «Фа лав ло аннаҳу кона мина-л-мусаббиҳина. Ла лабиса фӣ батниҳи ило явми юбъасуна» (37:143/144).[92] Пас Юнус Ҳақро ба се торикӣ бихонд: торикии шабу торикии дарё ва торикии шиками моҳӣ ва Худой, таъоло, ӯро бираҳонид. Моҳӣ ба кинори дарё омад ва Юнусро аз ишкам барафканд. Қавлуҳу таъоло: «Фа нодо фӣ-з-зулумоти ан ло илоҳа илло анта, субҳонака иннӣ кунту мина-з-золимина. Фа-стаҷабно лаҳу ва наҷҷайноҳу мина-л-ғамми ва казолика нунҷӣ-л-мӯъминина» (21:87/88).[93]

Пас Худой, таъоло, Юнусро ба қавм бозфиристод, баъд аз он ки қувват бозгирифт ва дарахте овард, то аз он шир ҳаме бимакад, ки хаёлӣ гашта буд. Ва шубонеро сӯйи қавм фиристод, гуфт: «Чун бозгардӣ, ин буз туро роҳ намояд ва саги ту гувоҳӣ диҳад пеши қавм». Шубон бирафту хабари Юнус бигуфт ва

[90] Сураи Каҳф (18:9).
[91] Сураи Юнус (10:98).
[92] Сураи Соффот (37:143-144).
[93] Сураи Анбиё (21:87-88).

мардумон бар вай ҷамъ омаданд ва саг гувоҳӣ бидод ва пеши Юнус омаданд ба раҳнамунии буз. Ва ин оёт буд ва то вақти марг бо эшон бимонд, чунонки Ҳақ, таъоло гуфт: «Ва арсалноҳу ило миати алфин ав язидуна» (37:147)[94] ва ба Кӯфа аз дунё бирафт.

Ҷирҷис ан-набӣ, алайҳи-с-салом аз замини Фаластин буд бар дини Исо, алайҳи-с-салом**.** Ва бозоргонӣ кардӣ ва судаш ба дарвешон бидодӣ. Марде Худошинос ва обид буд. Ва малике буд бар баъзе аз Шом ва Мавсил ва номи ӯ Дорбон ва буте дошт номи он Афлавван ва беруни шаҳраш оварда буд ва азим оташе баланд карда ва мегуфт: «Ҳар ки ин бутро саҷда накунад, дар оташ андозамаш». Ва он ҷо муъминон бар дини Исо бисёр буданд. Пас Ҷирҷис гуфт: «Худро ба Худо супорам». Бирафту гуфт: «Ин чист, ки ту бандагони Худоро меранҷонӣ?» ва ӯро даъват кард ба Ҳақ. Малик бифармуд, то ӯро бигирифтанд ва шонаҳои оҳанин биёварданду ҳар чи бар андом гӯшт буду пӯст, ҳамаро фуруд оварданд, чунонки устухонҳо пайдо гашт ва бияфганданд. Рӯзи дигар дуруст гашт ба фармони Худой, таъоло ва бори дигар пеши малик омад ба даъват кардан. Боз бифармуд, то мехе оҳанини дароз ва қавии азим ба оташ сурх карданд ва ба мағзаш фурӯ гузошт, намурд. Пас бифармуд, то деге об биҷӯшонанд азим ва Ҷирҷисро баста дар он ҷо афгананд ва беандоза оташ мекарданд ва об меҷӯшид ва ҳам намурд. Малик гуфт: «Дард ҳам наёяд?» Гуфт: «Худой, таъоло, дард аз ман боздорад». Пас дигарбора бифармуд, то ӯро ба мехи оҳанин бар замин бидӯхтанд ва санге азим ба чандин мард биёварданд ва бар пушташ ниҳоданд. Чун шаб даромад, Худой, таъоло, фириштаеро бифиристод ва ӯро пайғомбарӣ бидод ва гуфт: «Душмани ман туро се бор бикушад ва ман туро зинда кунам, пас туро бипазирам» ва Ҷирҷисро боз гушод ва аз зиндонаш берун овард.

Дигар рӯз пеши малик биистод ва даъват кард. Малик вазирро гуфт: «Чӣ тадбир аст?» Ва ҷодувонро оварданд, то аҷоибҳо намудандаш пеши малик аз саноати хеш. Малик шод гашту гуфт: «Инро саге гардонед». Ва эшон афсунҳо карданд ва қадаҳе об Ҷирҷисро бидоданд, ки бихӯрд, ҳеч набуд. Гуфтанд: Ай малик, кори ӯ ҷодуӣ нест». Пас малик гуфт: «Ин курсиҳои чӯбин ба ҳамон дарахт, ки буда аст бо забар ва баргу бор берун овар, то ба Худойи ту бигаравам». Ҷирҷис дуо кард, ҳамчунон бибуд ва ҳам нагаравиду гуфт: «ҷоду аст». Пас яке аз вазирон

[94] Сураи Соффот (37: 147).

гуфт: «Инро ба ман деҳ, то чунонаш бикушам, ки зинда нагардад». Ва сурате аз мис бифармуд кардан ва Ҷирҷисро дар миён кард ва бисёре нафту гӯгирд андар рехт ва оташ дарзаданд. Худой, таъоло, Микойилро бифиристод, то он сурат бар замин зад. Бонге саҳмнок баромад ва мардумон беҳуш шуданд. Чун ба ҳушу ақл бозомаданд, Ҷирҷисро диданд, он ҷо истода. Малик гуфт: «Ба гуруснагӣ биёзмоем». Ӯро дар хонае боздоштанд. Сутуни хона ба амри Ҳақ, таъоло, сабз гашту мева бор овард. Дигарбора Ҷирҷисро аз хона берун оварданд ва мехҳо ба замин фурӯ бурданд ва фурӯ дӯхтанд ва шамшерҳои фаровон дар зери гардун сахт карданд ва он гардун бар пушти Ҷирҷис бironданд, то пора-пора шуд ва аз он пораҳои гӯшт дар пеши шерони гурусна афганданд, то бихӯрданд. Чун шаб даромад, Худой, таъоло, ӯро зинда кард. Дигар рӯз пеши малик биистод, ӯро ба Худой хонд. Малик гуфт: «Ман аз кори ту оҷиз гаштам, ин бути маро саҷда кун, то ман ба Худойи ту бигаравам». Гуфт: «Раво бошад». Ва бонг ба шаҳр андар уфтод, ки Ҷирҷис бутро саҷда хоҳад кардан ва ҳамаи халоиқ рӯзи дигар берун рафтанд.

Пас Ҷирҷис гуфт: «Ё раб, ин малик азим далер аст ба ту ва имон ҳаме наёварад, ӯро ҳалок куну маро шаҳодат деҳ». Пас мардуми шаҳр ду гурӯҳ шуданд, ба ҳавои малик ва ҳавои Ҷирҷис, алайҳи-с-салом. Пас аз он оташе азим биёмад ва маликро бо атбоъаш бисӯхт ва аз он пас Ҷирҷисро, алайҳи-с-салом, бикуштанд ва шаҳр дар он кор шуд ва ҳалок гаштанд ағлаб. Ва баъд аз ин рӯзгори мулуки тавоиф ба сар омад ва Ардашери Бобакон бархост.

БОБИ ЧАҲОРУМ
АНДАР ҶАДВАЛИ МУЛУКИ КАЛДОНИЁН

Ба ривояте сарзамини Бобилро се гурӯҳ подшоҳон будаанд: гурӯҳи нахуст, мулуки аввалин, ки нахустини эшон Нимруд буд, сипас, мулуки Осур, ки аз аҳли Мавсил ва сию ҳафт тан будаанд ва муддати ҳазору сесаду панҷ сол ҳукумат рондаанд ва баъд мулуки Калдониён, ки ҳуккоме будаанд аз сӯйи подшоҳони Каён. Нахустини мулуки Калдониён Бахтуннасри аввал – ки дар Маҷастӣ мабдаъи таърих аз вай аст – ва охирини эшон Искандар ибни Микдуни банно буд.

Мулук	Муддати подшоҳӣ		Ҷумлаи солҳо	
Бахтуннасри аввал	بد	14	بد	14
Набухазносир	ب	2	یو	16
Хирифун	ه	5	کا	21
Илиъану	ه	5	کو	26
Мардуқатағаз	یب	12	لح	38
Арқинав	ه	5	مح	43
Ибсилитис	ب	2	مه	45
Билбис	ج	3	مح	48
Уфрондию	و	6	ند	54
Ариғбал	ا	1	نه	55
Масисмурдиқис	د	4	نط	59
Ибсилитиси дувум	ح	8	سز	67
Асридинав	یح	13	ف	80
Сисдукан	ک	20	ق	100
Нобуфлисру ва Қинладан	کب	22	ف	122
Набухазносир	کا	21	قمح	143
Бахтуннаср (Байтулмақдисро фатҳ кард)	مح	43	ققو	186
Бархалолтиғр	ب	2	ققح	188
Балтшосир	د	4	قصب	192
Дориус алмоди-юл-аввал	یز	13	رط	209
Куруш (Байтулмақдисро фатҳ кард)	ط	9	ریح	218
Қумбисус	ح	8	رکو	226
Дориус	لو	36	رسب	262
Аҳшираш	کا	21	رفح	281
Артаҳшаст ул-аввал	مح	43	شکو	326
Дориус	یط	19	شمه	345
Артаҳшасти дувум	مو	46	شصا	391
Ахус	کا	21	تیب	412
Фирун	ب	2	تید	414
Дориус писари Арсих	و	6	تک	420
Искандар писари Миқдуни банно	ح	8	تکح	428

БОБИ ПАНҶУМ
АНДАР АХБОРИ МУЛУКИ КАЛДОНИЁН

Қавми калдониён ҳамон суриёниён бошанд ва ба Таврот Худой, азза ва ҷалла, хитоб ба Иброҳим, алайҳи-с-салом, фармояд: «Манам парвардигоре, ки туро аз оташи калдониён раҳоӣ бидодам, то ин вилоятро мероси ту кунам». Арастотолис ба китобе, ки онро «Сиёсати мудун» ном бидода ва ба юнонӣ «Булитиё» хонанд ва ҳам Батлимиюс ва дигарон низ эшонро ба ҳамин ном, яъне калдониён номидаанд.

Мустақарри муътабари калдониён Калвозии Ироқ буд ва бад-он мансуб шуданд. Калдониёнро тавоиф ва қабоили гунагун буд, ҳамчун навнавиёну асуриён ва ирмону ардавон ва ҷармақону набатиён ва қабоили дигар.

Набатиёнро ба Набат мансуб доранд, ки фарзандони Набит ибни Босур ибни Сом ибни Нӯҳ будаанд. Ва ба қавле эшонро, ки ба кашф ва истинботи заминҳову обҳо пардохтанд, набатиён номиданд ва сабабҳои дигар низ гуфтаанд. Гӯянд, тоифаи ирмонро бад-ин ном хонанд, бад-ин сабаб, ки вақте қавми Од ҳалок шуд, қавми Самудро ирм гуфтанд ва чун Самуд ҳалок шуд боқимондагони ирмро ирмон гуфтанд, ки набатиён ирмонӣ будаанд.

Вусъати мулки калдониён Ироқ буд ва диёри Рабиъа ва диёри Музир ва Шом ва диёри кунунии араб – аз саҳро ва обод – ва Яману Тиҳома ва Ҳиҷозу Ямома ва Арӯзу Баҳрайн ва Ҳазрамавту Уммон ва саҳройе, ки муҷовири Ироқ аст ва саҳройе, ки муҷовири Шом аст ва ин Ҷазирату-л-араб ҳама як мулк буд ва як подшоҳро ва забони ин мулк суриёнӣ буд, ки уламо ва ҳукумо гӯянд, ки он забон забони Одам ва Нӯҳу Иброҳим, алаҳиму-с-салом, ва пайғамбарони дигар буд. Забони суриёнӣ ба миёни ҳар қавм андак тафовут дорад. Забони арабӣ низ аз он ҷумла аст ва аз паси ибрӣ аз ҳамаи забонҳо ба суриёнӣ наздиктар аст.

БОБИ ШАШУМ
АНДАР МУЛУКИ АҶАМ

Соҳибони кутуби таворих мулуки Аҷамро ба чаҳор ва бошад, ки ба панҷ табақа ниҳанд. Ман он чи биёфтам андар кутуби таворих ба панҷ табақа ниҳодам ва номи мулуки ҳар табақа ва номи падару муддати подшоҳии ҳар малик ва шаҳрҳо, ки ҳар малик карда аст, ба ҷадвал ниҳодам, то осонтар бувад ёфтани он ва ин аст ҷадвал:

Адад	Номи подшоҳ	Номи падари подшоҳ	Он муддат, ки подшоҳ ӣ кард	Лақаби подшоҳ	Шаҳрҳо, ки бино афганд
Табақаи аввал аз мулуки Аҷам, ки эшонро Пешдодиён гӯянд. Эшон ҳашт подшоҳ буданд					
ا (1)	Гаюмарс			Гилшоҳ	Истахри Форс
ب(2)	Ҳушанг	наводаи Гаюмарс буд		Пешдод	Бобил ва Сус
ج(3)	Таҳмурас	наводаи Ҳушанг буд		Девбанд	Қуҳандизи Марв
د(4)	Ҷамшед	Вивангаҳон		Шед	Бобил в Истахри Фор ва Ҳамадон Тӯс
ه(5)	Заҳҳок			Беварасб	Бобил
و (6)	Фаридун			Фаррух	Гургону Даҳистон ва Самдон
ز (7)	Манучеҳр	набасаи Фаридун буд		Пирӯз	Пушанг
ح (8)	Зав	наводаи Манучеҳр буд		Озода	наҳри Зоб фармуд кандан
Табақаи дувум аз мулуки Аҷам, ки эшонро Каёниён гӯянд. Эшон нуҳ подшоҳ буданд					
ط (9)	Кайқубод	наводаи Манучеҳр буд		Аввал	
ى (10)	Кайковус	Кайқубод		Намрад	Кайкирд ва Самарқанд
يا (11)	Кайхусрав	наваи Кайковус буд		Ҳумоюн	Фирӯз Хурра
يب	Кай	наводаи		Мӯбад	

(12)	Лухросп	Кайқубод буд			
(13) يج	Кай Гуштосп			Ҳирбад	Қуҳандизи Балх
(14) يد	Баҳман	наваи Кай Гуштосп буд			Баҳмани Ардашер (Убулла) ва Баҳманобод (Мансура)
(15) يه	Ҳумой	бинти Баҳман буд		Чеҳроз од	
(16) يو	Дороб	Баҳман		Бузург	Доробкирд ва Доробшоҳ
(17) يز	Дороб	Дороб		Кӯчак	Доробӯ
Табақаи сеюм аз мулуки Аҷам, ки гӯянд бо Искандари Румӣ ҷумлагӣ дувоздаҳ подшоҳ буданд					
(18) يح	Искандар	Файлақус			
(19)يط	Ашк	Балош		Ҷусада	
(20) ك	Шопур	Ашк			
(21) كا	Гударз	Шопур			
(22) كب	Визан	наваи Шопур буд			
(23) كج	Нарсӣ	Визан		Нев	
(24) كد	Гударз	наваи Визан буд			
(25) كه	Ҳурмуз	наводаи Ашк буд		Солор	
(26) كو	Парвиз (Ардавон)	Ҳурмуз			
(27) كз	Хусрав			Нижода	
(28) كح	Балош	Парвиз			
(29) كط	Ардавон	Балош		Афдам	
Табақаи чаҳорум аз мулуки Аҷам, ки эшонро Сосониён гӯянд. Эшон нуздаҳ подшоҳ буданд					

ل (30)	Ардашер	Бобак		Бобак	Шаҳри Рай ва Хурра Ардашер (Восит) ва Устод Ардашер (Анбор) ва Ром Ардашер (Басра)
لا (31)	Шопур	Ардашер		Набарда	Ҷундишопур ва Фирӯз
لب (32)	Ҳурмуз	Шопур		Мардона	Ром Ҳурмуз ва Даскара
لج (33)	Баҳром	Ҳурмуз		Бурдбор	
لد (34)	Баҳром	Баҳром		Шоҳанда	
له (35)	Баҳром	Баҳром		Сакон шоҳ	
لو (36)	Нарсӣ	Баҳром		Нахчиргон	
لز (37)	Ҳурмуз	Нарсӣ		Кӯҳбуд	
لح (38)	Шопур	Ҳурмуз		Ҳуясунбо	
لط (39)	рдашер	Ҳурмуз		Некукор	
م (40)	Шопур	Шопур		Шопур ал-Ҷануд	
ما (41)	Баҳром	Шопур		Кирмоншоҳ	
مب (42)	Яздиҷурд			Базаҳгар	
مج (43)	Баҳром	Яздиҷурд		Гӯр	
مد (44)	Яздиҷурд	Баҳром	18 сол	Сипоҳдӯст	Девори Бобул-абвоб
مه (45)	урмузд	Яздиҷурд		Фарзона	
مو (46)	Фирӯз	Яздиҷурд		Мардона	Ҷӯйҳои Марв ва Форёб ва қасабаи Гургон ва

					шаҳри Озарбойҷон ва Айнултамар ва Кирмону Фарбар ва Насо
مز (47)	Балош	Фирӯз		Гаронм оя	
مح (48)	Қубод	Фирӯз		Некрой	Бобу-л-абвоб ва Ҳулвон ва Аррагон ва Қубод Хурра ва Баруъа ва Шероз
Табақаи панҷум аз мулуки Ачам, ки эшонро акосира гӯянд. Бозпасин мулуки Ачам ёздаҳ подшоҳ буданд					
مط (49)	Нӯширв он	Қубод		Додгар	Кӯшки Гургон ва Бобу-л-Абвоб
ن (50)	Ҳурмуз	Нӯширвон		Туркзод	
نا (51)	Хусрав	Ҳурмуз		Апарвиз	
نب (52)	Қубод Шерӯя	Хусрави Парвиз			
نج (53)	Шаҳриёр	Хусрави Парвиз			
ند (54)	Кисро	Хусрави Парвиз		Кӯтоҳ	
نه (55)	Бӯронду хт	Кисро		Ҳаҷир	
نو (56)	Ҷашнсб банда	Баҳром	2 моҳ		
نز (57)	Озарми духт	Кисро			
نح (58)	Фаррух зод	Хусрав	2 моҳ	Бахтиёр	
نط (59)	Яздиҷурд	Шаҳриёр		Афдамшоҳ	

БОБИ ҲАФТУМ
АНДАР АХБОРИ МУЛУКИ АҶАМ

ТАБАҚАИ АВВАЛ
ПЕШДОДИЁН

Гаюмарси Гилшоҳ. Аввал подшоҳе аст, ки мулки ҷаҳон яксара дошта аст. Порсиён гуфтаанд, ки дорулмулки ӯ Истахр буда аст ва дигар асҳоби таворих гуфтаанд, ки муқоми вай ба Дамованд буда аст ва ба қавли эшон, баъд аз он Истахр бино карду дорулмулк сохт. Ва габракон даъво мекунанд, ки ин Гаюмарс Одам будааст, алайҳи-с-салом ва фарзанди ӯ, ки мусалмонон Шис ибни Одам хонанд, габракон ӯро Мишӣ ибни Гаюмарс хонанд.

Иттифоқ аст, ки аввал касе, ки аз одамиён подшоҳ шуд, ӯст ва умри ӯ ҳазор сол буд. Аммо ҳамаи умр ба рост кардани аҳволи ҷаҳон ва тарбияти ҷаҳониён машғул буд, то ҳамагон мунқоди ӯ шуданд ва подшоҳӣ ӯро ба охири умр мусаллам шуд ва чиҳил сол подшоҳӣ кард. Ва Ҳушанг, ки чаҳорум батн буд аз фарзандони ӯ валиаҳд гардонид ва ба марги хеш канора шуд. Ва ӯро порсиён Гилшоҳ хонанд, яънӣ подшоҳи бузург.

Ҳушанги Пешдод. Баъд аз Гаюмарс Ҳушанг подшоҳ шуд ва дар Истахри Форс бар вай байъат карданд ва Истахрро Бумишоҳ ном ниҳоданд, яънӣ муқомгоҳи шоҳ ва ба луғати бозӣ заминеро, ки муқомгоҳи аслӣ бошад, бум хонанд. Подшоҳӣ аз Гаюмарс бад-ӯ расид. Умри ӯ ба дарозо кашида буд ва чанд тан аз фарзандон ва асботи ӯ таносул карда. Ва аввал касе ӯ буд, ки миёни одамиён доварӣ ва ҳукм ниҳод ва доду адл густард ва инсофи мазлумон аз золимон ситад ва бад-ин сабаб ӯро Пешдод лақаб ниҳоданд.

Ва бисёр кас аз уламои порсиён гуфтаанд, ки Ҳушанг ва бародараш Викарт ду пайғамбар будаанд, ки Ҳақ, таъоло, эшонро бо аҳли он замона фиристода буд ва осори ӯ он аст, ки аввал касе ӯ буд, ки оҳан аз санг ба дар овард ва аз он олот сохт ва дастабзори дурудгарӣ ва дарахт фармуд буридан ва аз чӯби он бино сохтан ва баъзе аз силоҳ аз чӯбу оҳан сохт ва фармуд, то гову гӯсфанд ва дигар ҳайвонотро гӯштӣ кунанд ва аз гӯшти он хӯранд ва сибоъу дадгонро ва дигар ҳайвоноти даранда ва газандаро кушанд ва кишоварзию иморати заминҳо ва тақдири обҳо ва варзидани ғаллаҳо падид овард. Ин ҳама он аст, ки ба ибтидо ӯ ихтироъ кард ва ибодатгоҳҳо сохт ва мардумро Худопарастӣ омӯхт ва бар роҳи некукорӣ дошт ва аз ношоисту

фасод манъ кард ва дуздону муфсидонро ба биёбонҳо ва кӯҳсорҳо ронд ва аз миёни мардум дур кард.

Ва дар ҳамаи ҷаҳон бигашт ва баъзе аз ойин ва русуми подшоҳӣ ниҳод ва бар тахт нишастан ва тоҷ бар сар ниҳодан ойин оварда. Ва муддате ба билоди Ҳинд муқом кард ва пас чун бозгашт, ба аъмоли Ироқ рафт ва замину обу ҳавои он ҷо писандид ва шаҳри Бобил бино кард ва рӯй ба диёри Шому Мағриб ниҳод ва шаҳри Сусро бино кард, ки хази сусӣ аз он ҷо хезад. Ва дар ҷаҳон қадимтар аз ин чаҳор шаҳр нест: ду шаҳр Гаюмарс бино кард – Дамованду Истахр, ду шаҳр Ҳушанг бино кард – Бобилу Сус. Ва Ҳушанг дар подшоҳӣ фармони Ҳақ ёфт ва баъд аз вай мулк ба Таҳмурас расид, пас аз он ки чиҳил сол подшоҳӣ ҳамаи ҷаҳонро софӣ буд.

Таҳмурас ибни Инкид ибни Искид ибни Ҳушанг. Чун бар тахти салтанат биншаст, девон бар мардумон мусаллат гашта буданд. Ӯ бо девон ҳарб кард ва эшонро аз ранҷ намудани мардумон боздошт ва кор бар девон танг шуд; ва ҳар ҷо, ки аз эшон бигирифтӣ, ҳамекуштӣ ва ранҷ ҳаменамудӣ, то девон ба наздики ӯ омаданду гуфтанд: «То кай моро ба дард хоҳӣ доштан?». Гуфт: «То он вақт, ки чӯби хушк ва зеҳи хушк ба ҳадис оянд ва дарахт ҷомаи мулук барорад ва бод андар мушт бигирам ва таъоме хуш бихурам, ки ӯро гов накишта бошад ва оташ напухта бошад».

Пас эшон танбӯр бисохтанд, гуфтанд: «Инак, чӯб ва зеҳ, ки сухан гӯяд». Ва кирми абрешимро биёварданд, ки то бар дарахт абрешим танид ва аз он бипухтанду битофтанд, гуфтанд: «Инак дарахт, ки ҷомаи мулук бор оварад». Ва занбӯри ангабин ниҳоданду гуфтанд: «Инак таъоми хуш, ки бе ранҷи гов ва пухтани оташ биёмад». Ва ин корҳо се дев карданд: якеро Ҳаштим ном буд, дигареро Адодаро ва сеюмро Ванту.

Ва Марву қуҳандиз (-и Бухоро) ӯ бино афганд ва марги ӯ ба Эроншаҳр буд.

Ҷамшед ибни Виюнгаҳон. Чун бар тахти салтанат биншаст бо девон ҳарб кард ва дасти эшон аз мардумон кӯтоҳ кард ва эшонро аз ободониҳо барандохт ва андар дарёҳо ва вайронаҳо шуданду биёбонҳо. Ва эшонро корҳои гирон фармуд, ки мардумон онро натавонистанд кардан. Ва осиёсанге андар гардани деве афганд ва бар вай нишаст ва ӯро андар ҳаво бибурд.

Ва дуо кард, то Худой, аззу ҷалл, гармову сармо ва бемориву марг аз мардумон баргирад. Худой, аззу ҷалл, аз некусиратии вай дуои ӯ мустаҷоб кард ва ин офатҳо аз мардумон бардошт. Ва сесад сол ҳам бар ин ҷумла буд. Ва чун ин дуои ӯ мустаҷоб шуд,

шукри ӯро ҷашни Наврӯз сохт. Ва девонро фармуд, то конҳо канданд ва ҷавҳарҳое берун оварданд ва ба дарё фурӯ рафтанд ва гавҳарҳое баровардандва ин амал бо мардумон биёмӯхтанд ва ҷомаҳо ранг фармуд кардан.

Пас чун он девон ранҷи хеш бидиданд, пеши Иблис бинолиданд. Вай хештанро носеҳи вай сохт ва гӯянд, ки хештанро ба сурати фиришта бад-ӯ намуд ва ӯро гуфт, ки «Маро аз осмон фиристоданд сӯйи ту ва гӯянд, ки кори замин рост кардӣ, акнун бо осмон ой ва кори осмон рост кун, ки бохалал аст». Ҷамшед бад-он фирефта гашт ва халқро бо хештан хонд ва ҳеч кас аз ҳашмати ӯ натавонист, ки имтиноъ кардӣ, то бад-он куфре, ки оварда, неъмат бар вай завол омад. Ва хоҳарзодаи вай, Заҳҳок, ки ӯро Бевараспгуфтандӣ, берун омад ва мамлакати ӯ бигирифт ва ӯро қаҳр кард. Ва Ҷам аз вай бигурехт ва бар замини Бобил шуд мутанаккирвор ва Заҳҳок ӯро ҳаме талаб кард, то аз паси сад сол ӯро биёфт ва ба арраи ҳазордандон пора кард.

Ва мардумонро ба чаҳор гурӯҳ кард ва аз ин ҷумла як гурӯҳ доноён, дудигар муборизон ва лашкариён ва седигар дабирону табибон ва мунаҷҷимон ва чаҳорум барзгарон ва бозаргонону пешаварон.

Шаҳри Бобил ва Истахри Форс ва Ҳамадону Тӯс ӯ бино кард.

Заҳҳок. Номи ӯ Бевараспва ӯ писари Аврандасп ибни Забанков ибни Вабришид ибни Бор – ки падари тозиён буд – ибни Фарвол ибни Сиёмак буд. Ва Арвандаспро тозиёншоҳ гуфтандӣ, Ва модари ӯ Вадаъ бинти Виюнгаҳон буд.

Ва баъзе аз нассобон гӯянд ӯ Заҳҳок ибни Қис ибни Алвон ал-Ҳамирӣ буд ва ду мор аз ду китфи ӯ баромад – ва баъзе гӯянд ду реш буд – ва ҳар рӯз ду мард бикуштӣ ва мағзи эшон бад-он морон бидодӣ ва гӯянд, бад-он решҳо ниҳодӣ, то сокин гаштӣ.

Ва подшоҳӣ аз Ҷамшед бистад ва ӯро бикушт. Ва ба рӯзгори ӯ ҷодуӣ ва фискуфучур ошкоро шуд ва девону бадонро ба хештан наздик кард ва мардумонро уқубат чунон кардӣ, ки андар дег афгандӣ ва бипухтӣ. Ва чун фасоди ӯ бисёр шуд ва ҳамаи мардумон сутӯҳ гаштанд ва мардумони бисёр кушта шуданд аз баҳри он морон, пас марде Кова ном, ки оҳангарӣ кардӣ, ба наздики Заҳҳок омаду гуфт: «Ду писари маро гирифтаанд, то аз баҳри морони ту бикушанд». Заҳҳок фармуд, ки «писарони ӯро раҳо кунед». Ва чун Кова аз пеши Заҳҳок берун омад, маҳзаре пеш оварданд, ки набишта буданд ба тазкияи Заҳҳок ва гуфта буданд, ки андар подшоҳии хеш бо халқ неку рафт ва адл кард. Ва ҳамаи кадхудоёни Эрон хатҳои хеш

набишта буданд ва Коваро гуфтанд: «Ту низ хатти хеш бинавис, ки аз кадхудоёни Эрон яке туӣ».

Кова он маҳзар бистад ва зери пой овард ва бидариду гуфт: «Ин мардумон ҳама кӯр гаштанд». Ва берун омад ва он пешбанде, ки оҳангаронро бошад, андар сари чӯбе кард ва овоз бидод: «Ҳавои Афридун ҳар ки ҷӯяд, бо ман барояд». Мардуми анбӯҳ бо вай бирафтанд ва рӯй ба кӯҳи Албурз ниҳоданд. Ва пеши Афридун шуданду бар вай ба подшоҳӣ салом карданд. Ӯ Коваро гиромӣ кард ва он пӯстро дарафши ковиёнӣ ном кард ва фармуд, то дари хазина бигушоданд ва моли бисёр бад-он қавм бидод ва зару ҷавоҳири бисёр бар он дарафш ба кор бурд. Ва он дарафшро мулуки Аҷам сахт бузург доштандӣ, ки ҳар ҷой бар он дарафш рӯй ниҳодандӣ, фирӯз бозомадандӣ ва ҳар кас андар он чизе ҳамеафзуд аз ҷавоҳири бешбаҳо, то ба рӯзгори Умар ибн ул-Хаттоб, разийа-л-Лоҳу анҳу, ки ба дашти Қодисия ҳарб карданд ва шикаст бар Аҷам омад ва он дарафш бистаданд ва он ҷавоҳир аз вай боз карданд ва асли онро ночиз карданд.

Ва Заҳҳок шаҳри Бобил бино кард ба рӯзгори Ҷамшед, ба фармони ӯ.

Афридун ибни Асфиён[95]. Ва чун Кова бар Заҳҳок берун омад, муғон чунин гӯянд, ки Эзад, субҳона ва таъоло, сӯйи Афридун ваҳй фиристод бар забони фиришта, номи вай Нирусанг, то бо Кова даст яке кунад ва Заҳҳокро бигираду бибандад ва ба кӯҳи Дамованд барад ва он ҷо андар чоҳе боздорадаш.

Пас Афридун бо Кова бирафт ва лашкаре бар вай ҳаме гирд омад аз ҳар ҷойе. Ва бародарони Афридунро ҳасад омад ва фурсат ҳамеҷустанд, то Афридунро бикушанд. Ва чун андар миёни кӯҳе фуруд омаданд, бародарони ӯ бар кӯҳ рафтанд ва санге азим аз кӯҳ бар Афридун ғалтониданд ва ӯ хуфта буд. Чун санг наздики ӯ расид, Афридун бедор шуд, бонг бар санг зад, гуфт, ки «биист». Он санг ҳамон ҷо биистод ва бародаронаш ва ҳамаи лашкар аҷаб доштанд ва яқини эшон шуд, ки ҳар чи Афридун кунад аз таъйиди осмонӣ аст.

Ва пас ба хонаи Заҳҳок омад ва ба шаҳри ӯ, ки ӯро Канкдиз гуфтандӣ ва ҷодуиҳо сохта буд; ва бар дари ӯ ҳафтод ҷоду буданд, ки чизҳо сохта буданд, чун аждаҳо ва шеру бабру паланг ва он чи бад-ин монад, ки ҳеч кас бе дастурии ӯ андар он кӯшк натавонистӣ шудан.

То Афридун ба Бобил расид, бисёр мардум ба тоати ӯ андар омада буданд ва лашкар анбӯҳ шуда буд. Пас ба хонаи Заҳҳок

[95] Атқиён.

омад ва он ҳама ҷодуиҳоро ба афсунҳои ҳаққ ботил кард ва худ андар кӯшки ӯ омад ва бар ҷойи ӯ биншаст. Ва Заҳҳок ба Ҳиндустон рафта буд ва ганҷур ба наздики ӯ шуд ва аз ҳоли Афридун бигуфт. Заҳҳок гуфт, ки «меҳмонро бар мизбон фармон бошад». Ганҷур гуфт: «Кадом меҳмон, бо занони ту нишаста-аст?». Заҳҳокро хашм омад ва бонг бар ганҷур заду хештанро ба ҷодуйӣ чун боша кард ва бар боми кӯшк омад. Занони хеш ва хоҳарони Ҷамшедро дид, Арнавозу Шаҳрноз, бо Афридун нишаста. Низ тоқат надошт, хештанро аз бом фурӯ андохт ва аз он сурат ба сурати рост бозомад. Ва Афридун гурзи говсор бардошт ва аз Худой, таборак ва таъоло, неру хост ва ба фиришта-гон истиъонат кард ва Заҳҳок аз девон ёрӣ хост ва фириштагон биёмаданду мар Афридунро нусрат карданд ва он ҳама ҷодуиҳо бо Заҳҳок ночиз карданд ва Афридун Заҳҳокро бигирифт. Ва аз пӯсташ зеҳе баргирифт ва ӯро бад-он зеҳ бибасту ба сӯйи кӯҳи Дамованд бурд. Ва андар роҳ Афридунро хоб бурд, мар Бандод ибни Фирӯзро фармуд, то Заҳҳокро нигоҳ дорад, - ки ин Бандод маъруф буд ба далерӣ ва шермардӣ – ва Афридун бихуфт. Заҳҳок мар Бандодро гуфт: «Агар ту маро раҳо кунӣ, ниме аз подшоҳӣ туро диҳам». Афридун бишнид, бархосту бандҳои дигар бар вай ниҳод ва он ҷойро Навбандкон ном карданд. Пас ӯро ба Дамованд бурд ва ба занҷирҳои оҳанин бибаст ва андар чоҳ андохт ва ғулу банд бар пойи вай ниҳод ва солори нигаҳбонони ӯро Даҳокони нигоҳбад ном кард.

Ва Гургону Даҳистон бино ӯ кард ва он солори эшонро иқтоъ бидод. Фармуд, то бар тахти симин нишаст ва маншуре набишт ӯро ва фарзандони ӯро то қиёмат. Ва шаҳри Самадон[96] ба Яман, ки онро Ғамдон[97] хонанд, ӯ бино кард ва он кӯшкҳои ӯро дубора пасташ кард. Ва ин бар сари кӯҳе буд, ки сояи он ҳаждаҳ мил бирасидӣ.

Чун подшоҳӣ бар Афридун рост шуд, ҳаққи Кова бигзорд ва он дарафши ӯро дар хазина бинҳод ва онро маликони Аҷам бузург доштандӣ ва андар хазина нигоҳ медоштанд, то ба вақти Умар ибни Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу, охир ӯро бистаданду пора карданд ва ҷавоҳир бардоштанд.

Ва фармуд, то он мардумон, ки Армойил, вазири Заҳҳок эшонро раҳо карда буд ва аз куштан бираҳонида, бихонданд ва эшон курдони мағриби Кӯҳистон будаанд ва Армойилро бад-он шафақат, ки карда буд, шукр кард.

[96] Самрон
[97] Умон

Ва Афридун илми азимат ба мардумон омӯхт ва илми тиб ӯ овард ва меҳррӯз буд аз меҳрмоҳ, ки Заҳҳокро бигирифт ва бибаст ва мардумон шодӣ карданд ва Афридун он рӯз ҷашн кард ва он ҷашнро Меҳргон ном кард. Филро ӯ аз саҳро ба шаҳр овард ва мусаххар кард ва харро бар асп афганд, то астар таваллуд кард ва кабӯтару мурғобиро аз дашт ба шаҳр ӯ овард.

Ва ҷаҳонро бар писарон бахш кард. Эраҷро сарзамини Форсу Ироқ ва Араб бидод ва ин вилоятро Эроншаҳр ном кард, яънӣ шаҳри Эраҷ ва Руму Мисру Мағриб мар Салмро бидод ва Чину Турку Таббат мар Турро бидод ва онро Тӯрон гӯянд.

Пас Туру Салмро аз Эраҷ ҳасад омад, ки Эрон ба Эраҷ бидод ва муковахат ҳамекарданд бо вай, то рӯзе ки мунозара ҳамекарданд ва Эраҷ бар муроди эшон намегуфт, то Тур курсии зарин бар сари Эраҷ зад. Пас ҳар ду тан шамшер андар ниҳоданду бикуштандаш ва сарашро бардоштанду сӯйи Афридун фиристоданд ва Афридун чандон бигирист бар вай, ки кӯр шуд.

Ва Эраҷро духтаре монд ва аз он духтар писаре омад. Ӯро Манучеҳр ном карданд, бад-он сабаб, ки чун Афридун ӯро бар кинор гирифт, чашмаш бино гашт: Гуфт: «Миночеҳр».

Чун понсад сол аз подшоҳии Афридун бигзашт, Манучеҳр ба кини Эраҷ берун омад. Ва ӯ ба рустойи Бам бимурд, аз вилояти Кирмон. Ва ба Суғд айвоне бино кард ва Суғдро ҳафтошён хонанд, ки ҳафт малик он ҷо биноҳо карданд: яке Ҷам, дудигар Бевараспва седигар Афридун ва чаҳорум Манучеҳр ва панҷум Ковус ва шашум Луҳросп ва ҳафтум Гуштосп.

Ва Манучеҳр набасаи Эраҷ ибни Афридун буд ва андар кӯҳҳои Сус зод, ки он ҷоро Босиён[98] гӯянд. Ва аз он кӯҳ берун омад бо сӣ ҳазор мард ва бо ҳар ду амм ҳарб кард ва кини ҷадд биёҳахт. Ва чун аз он фориғ шуд ва ҳар ду аммро бикушт, Афридун бар вай дуо кард ва тоҷи хеш бар сари вай ниҳод ва андар он соат бимурд.

Манучеҳр набераи Эраҷ ибни Афридун буд ва баъзе аз нассобони Аҷам нисбати ӯ бар хилофи ин кунанд, ки муваллиди ӯ ба кӯҳи Манӯш буд андар вилояти Хуросон ва аз кӯҳи Босиён[99] берун омад бо сӣ ҳазор мард бо аҳли байти хеш ва кини ҷадд бихост.

Мӯсо пайғамбар, алаҳи-с-салом, ба рӯзгори ӯ берун омад ва чун аз подшоҳии ӯ шаст сол бигзашт, Мӯсо, алайҳи-с-салом, бо

[98] Бонисон
[99] Нонисон

банӣ Исройил аз Миср берун омад ва фиръавн Валид ибни Мусъаб андар Нил ғарқ шуд.

Ва чун ҳафтод сол аз мулки Манучеҳр бигзашт, Афросиёб ибни Пушанг берун омад ва ҳарб кард ва Манучеҳрро андар кӯҳҳои Табаристон ба ҳисор кард ва подшоҳии ӯ бигирифт ва дувоздаҳ сол ӯ дошт, то аз вай бозситад.

Ва миёни Эрону Тӯрон ҳадд ниҳод. Ва Гаршоспи Кай паҳлавони Эрон буд, ба рӯзгори ӯ буд. Ва ин Гаршосп ҷадди Сом ибни Наримон буд ва ҷадди Рустам. Ва Манучеҳр замин ободон кард ва аз Фурот ҷӯйи бузургтар бибурид ва корез ӯ фармуд ва мардумонро барзгарӣ ӯ фармуд ва чун Афросиёб Эрон бистад, андар он миён Пушанг бино кард.

Зав ибни Таҳмосп ибни Зав ибни Ҳуст ибни Рондинак ибни Манучеҳр чун ба подшоҳӣ биншаст, Сарон ибни Ватшаконро аз Эрон битохту берун кард ва Гаршоспро аз Гургон бозбихонд ва ӯ сӯйи Зобулистон рафт ва он вилоятро қаҳр кард ва то Ҳиндустон бигирифт ва то рӯзгори Фаромарз ибни Рустам ибни Дастон андар он хонадон бимонд.

Ва банде бурид аз Армения сӯйи Дағла ва андар Савод ҷӯй канд, ки онро наҳри Зоб гӯянд ва бар он бустонҳо сохт ва зиёъи бисёр ва таъомҳо сохт навъ-навъ ва ҳар чи Афросиёб вайрон карда буд, ӯ ободон кард.

ТАБАҚАИ ДУВУМ, КИ ЭШОНРО КАЁНИЁН ГӮЯНД

Кайқубод ибни Даъ ибни Будко ибни Молшав ибни Нӯзар ибни Манучеҳр ал-малик. Чун Кайқубод ба подшоҳӣ биншаст, оби ҷӯйҳо бахш кард ва биноҳо афганд ва иморат кардан фармуд ва даҳяк аз ғалла бистад. Ва ба Балх нишастгоҳ сохт ва бо Афросиёб ҳарб кард ва ӯро аз Эрон битохт.

Ва Фаронак бинти Дусоалрумина(?) зани ӯ буд. Ва ӯро аз Фаронак писаре зод, ӯро Кайбия ном кард ва пинҳон дошт. Ва аз зани дигар фарзанде дигар омад, ки ӯро Кайраш ном кард ва дигар фарзанде омад, Кайпашин ном кард ва Ардашери Бобак аз насли кайи бозпасин[100] буд.

Кайковус ибни Кайқубод. Чун Ковус ба подшоҳӣ бинишаст ҳафт кишвар бигирифт, ҳамаи подшоҳони рӯйи замин зери фармони ӯ буданд. Ва сирати неку гирифт ва бо мардумон муҳомалат кард ва неку рафт ва расмҳои неку овард. Ва шаҳре

[100] Морисин

бино кард аз сӯйи Машриқ ва онро Кайгирд ном кард ва ҳафт шаҳри дигар бино кард. Ва Самарқандро ӯ бино кард ва Сиёваш тамом кард.

Ва бо замини Мозандарон рафт ва ҳарб кард бо Самар ибни Антар. Бештар аз сипоҳи Кайковус бимурданд ва бар вай ҷодуӣ карданд ва ӯро бигирифтанду андар чоҳе боздоштанд бо Тӯс ибни Тур ва Геву Бежан, фарзандони Гӯдарзи Кашводагон. Ва ҳамаи ҳашами Кайковус нобино шуданд. Ва духтари Самар Судова чун Кайковусро бидид, хештан бар вай арза кард, ки «Агар маро бипазирӣ, ман туро аз ин меҳнат халос орам». Кайковус ӯро бипазируфт ва аҳд кард, ки чун биравад, ӯро бо хештан бибарад. Пас хабари эшон ба Рустам ибни Дастон расид ва Рустам бо дувоздаҳ ҳазор марди силеҳтамом бар уштурони наҷиб нишастанд ва аз Систон бирафтанд ва биёбон бигзоштанд ва аз роҳи дарё ба Мозандарон омаданд, ки ӯро Яман гӯянд ва қасди он ҳисор карданд. Ва нигаҳбонони ҳисор ҷодувон буданд ва ҷодуӣ карданд ва абре баромаду ин маҳбусон чунон нобино шуданд, ки шаб аз рӯз нашинохтанд. Ва Рустам шамшер андар ниҳод ва бисёр аз эшон бикушт ва ҳисор бистад ва он ҳама қавмро кӯр ёфт. Мутаҳаййир гашт. Судова гуфт, ҷигари он ҷодувон бисоянд ва оби он андар чашми эшон кунанд. Чунон карданд, ҳама чашмҳошон равшан гашт ва ба Эрон бозомаданд.

Ва Кайковус вилояти Систону Нимрӯз ва Кобулу Зобулистон ва Рухуд мар Рустамро бидод ва ҳар чи аз Ҳиндустон бигирад, ӯро бошад ва бар ин ҷумла ӯро маншур бидоду аҳд кард.

Ва кори Кайковус бар низом ҳамерафт, то Иблис ӯро аз роҳ бибурд ва қасди осмон карду сандуқ сохт. Вазирон ва солорон ӯро панд бидоданд, фармон набурд ва бар ҳаво рафт андар сандуқ ва аз он ҷо фуруд уфтоду дардманд шуд. Ва аз он карда пашемон шуду ҷомаи дурушт пӯшид ва бар палоси дурушт нишаст ва ҳеч низ нахандид ва сӯйи осмон нангарист ва гӯшт нахӯрду муҷоамат накард. Ва бисёр бигирист бар он кардаҳои хеш ва аз он пашемонӣ хӯрд фаровон.

Писари ӯ Сиёваш бахирад ва оҳиставу ҳушёр буд ва сахт хубрӯй буд. Рӯзе Судова ӯро ба хештан хонд. Сиёваш иҷобат накард. Пас Судова пеши Кайковус гуфт: «Ӯ маро ба фасод ба наздики хеш хонд». Кайковус мар Сиёвашро куштан фармуд, то оташе азим барафрӯхтанд ва Сиёваш андар он шуд ва ба саломат берун омад. Ва ҳарчанд, ки чунон буд, ғазаб аз дили Кайковус берун нашуд. Ва хабари омадани Афросиёб ба ҳарби эрониён ба Кайковус расид, Сиёвашро ба ҳарби ӯ фиристод ба ишораи Тӯси

Нӯзар. Ва чун Сиёваш ба ҳарбгоҳ омад, Афросиёб сулҳ ҷуст. Сиёваш сулҳ кард ва он фасоду куштан биншаст.

Ва чун Кайковус бишнид, Сиёвашро бад-он маломат кард ва аз вай написандид. Пас Сиёваш ба хашм бирафт ва наздики Афросиёб шуд. Ва Афросиёб ӯро бипазируфт ва неку дошт ва духтари хеш Фарангисро ба занӣ бад-ӯ бидод ва сад фарсанг аз вилояти хеш бад-ӯ бидод.

Чун кори ӯ неку шуд, турконро аз вай ҳасад омад. Пас Гарсеваз таҳриш кард миёни вай ва миёни Афросиёб, то дили Афросиёб бар вай мутағайир гардонид ва ҳаме тазриб кард, то Афросиёб ӯро биёвард ва бифармуд, то андар ташти зарин гулӯи Сиёваш бибуриданд. Ва чун хабар ба Эрон расид, ҷаҳон бишӯрид ва сарони Эрон бишӯриданд ва миёни Эрону Тӯрон таассуб ва фитна уфтод, то бад-ин ғоят ҳанӯз андар онанд.

Кайхусрав ибни Сиёваш ибни Кайковус. Ӯ аз духтари Афросиёб буд. Чун Сиёваш кушта шуд, Фарангис, духтари Афросиёб ҳомила буд ба Кайхусрав ва Кайхусрав бизод ва ӯро ба Пирони Виса супурд. Чун бузургтар шуд, Афросиёб хост, ки Кайхусравро бикушанд, ӯро пеш хонд. Худой азза ва ҷалла, аз Кайхусрав ҳушу хирад бад-он соат бистад, то сухан беҳушона ҳамегуфт. Афросиёб гуфт: «Аз ин ҳеч кор наёяд», ӯро бигзоштанд. Ва чун хабар ба Кайковус расид, ки ӯро писаре аст ба Туркистон, мар Гев ибни Нӯзарро бифиристод ба талаби ӯ, то ҳилатҳо кард ва ӯро аз Туркистон биёвард ва чун ба Кайковус расид, тоҷ бар сари Кайхусрав ниҳод ва ӯро ба подшоҳӣ биншонд.

Ва Кайхусрав ибтидо ба ҳақ гузордани Гев кард ва ӯро неку дошт. Ва Гев шаҳри Бовард бино кард ва Тӯси Нӯзар шаҳри Тӯс ба айёми ӯ бино кард.

Ва Рустам ибни Дастон пеши Кайхусрав биистод. Ва аз Эрон сипоҳ кашиду ба Туркистон рафт ва кини падари хеш аз Афросиёб хост ва аз ҳамаи туркон биёҳехт ва Гарсевазро бикушт. Ва Афросиёбро ба Озарбойҷон андар ёфту бикушт. Ва ҳамаи корзорҳо Рустам кард ва Кайхусрав мар Рустамро бад-он хидмат, ки карда буд, аз хидмат муъоф кард ва Систону Кобул ва Ҳинду Синд ва Зобулистон бад-ӯ бидод.

Ва мар Кайлуҳросро валиаҳди хеш кард, ки ҳам аз дудаи ӯ буд. Фирӯзхурра ба Шом ӯ бино кард. Ва ин шаҳрро Афросиёб ибтидо кард ва Кайхусрав бароварда ва Искандар тамом кард.

Ва чун ин корҳо ҳама рост кард ва дил аз шуғли Афросиёб фориғ шуд, васиятҳо бикард мар Кайлуҳроспро. Пас рӯзе барнишаст ва сӯйи саҳро шуд ва ҳамаи бузургони Эрон бо вай бирафтанд ва саропарда бизаданду тахти зарин бинҳоданд. Ва

Кайхусрав бинишаст ва ҳамаи бузургони Эрон пеши ӯ бинишастанд. Вай андарз кард: «Ҳаме пеши Худой шавам, ки ҳафт шаборӯз пеши Эзад, таъоло, истода будам ва ҳоҷат бихостам, то маро пеши хеш барад, пеш аз он ки дев маро аз роҳи рост бибарад». Мардумони Эрон гуфтанд: «Мо бад-ин ризо надиҳем ва мо бе ту зиндагонӣ нахоҳем».

Пас ӯ Кайлуҳроспро валиаҳд кард. Ва Рустамро маншури вилояти Систон ва ғайра бидод, ки ҳеч кас аз вай ва фарзандони ӯ натавонад ситад. Ва Сипоҳон ва калиди ганҷҳо Тӯсро бидод ва ӯро васӣ кард, то ҳаққи дарвешону заъифон ва ятимон бидиҳад ва бар ин ҷумла ӯро маншур набишт. Ва сипаҳсолории Эрон ва чанд шаҳр аз Хуросон ва дарафши ковиён ба Тӯси Нӯзар бидод ва аспрама ҳам Тӯсро бидод. Ва ҷомаҳои тани хеш ба Рустам бидод ва боғҳо ба Рустам бидод. Ва зинафзорҳо ба Гев ибни Гӯдарз бидод. Ва саропардаҳо ва кӯшкҳо Бежанро бидод ва ангуштарӣ ва муҳри хеш низ ба Бежан бидод ва ҳар касеро андарз кард аз ҳар гуна. Пас бархосту бирафт ва Рустаму Тӯсу Гӯдарз ва Геву Бежан бо ӯ бирафтанд. Пас эшонро бозгардонид ва худ бирафт андар биёбон, нопадид шуд.

Кайлуҳросп ибни Кайуҷӣ ибни Кайманиш ибни Кайқубод ба подшоҳӣ биншаст ва расми девон ӯ ниҳод ва тахти зарин бисохту тоҷ бар сар ниҳод, мурассаъ ба гавҳарҳои бешбаҳо. Ва ҳама подшоҳони Ҳинду Рум ва Турк ӯро мутеъ гаштанд. Ва Сахоробро[101] ба Байтулмақдис фиристод, аммо ранҷе бештар нанамуд он мардумонро ва ба зиндагонии хеш подшоҳӣ ба писари хеш Гуштосп бидод.

Кайгуштосп ибни Кайлуҳросп. Чун ба подшоҳӣ биншаст **,** ба рӯзгори ӯ Зардушт ибни Пуршасп ибни Фидрасп берун омад, аз мардумони Озарбойҷон, аз шаҳри Муқон ва дини муғӣ ва оташпарастӣ кеш овард.

Ду рӯз аз подшоҳии Гуштосп гузашта буд, ки Зардушт берун омад. Ва пеш аз он дини собӣ доштандӣ ва чун вай биёмад, китоби Абасто овард ва оташпарастӣ фармуд ва никоҳи аҳли ҳурмат ҷоиз кард. Ва Гуштосп дини ӯ бипазируфт ва бифармуд, то он китоби Абасторо бар пӯстҳои гови пероста, ба зар набиштанд ва ба ҳисори Истахр биниҳоданд андар хазинаи мулуки Аҷам. Ва Исфандиёр ба ҷидд биистод андар кори зардуштӣ ва ӯро нусрат кард ҳарчи тамомтар; ҳар ки напазируфт, макриҳ андар гардани ӯ кард ва ҳар ки фармон набурд, он касро бикушт. Ва оташхонаҳо бино афганд. Ва сию панҷ сол Зардушт

[101] Саҳорбат

андар миёни эшон буд ва умри ӯ ҳафтоду ҳафт сол буд. Охир ӯро марде бикушт, ки ӯро Баротрукраш[102] гуфтандӣ.

Ва чун Зардушт кушта шуд, Гуштосп Ҷомоспро ба ҷойи ӯ биншонд ва ӯро мӯбади мӯбадон ном кард. Аввал мӯбади мӯбадон ӯ буд. Ва Исфандиёр, писари Гуштосп бар дини Зардушт баристод ва андар он муболиғатҳо кард.

Ва андар ин вақт Арҷоспи турк аз замини Тӯрон биёмад ва ба дари Балх ҳарб кард ва Кайлуҳроспро, ки ба оташгоҳи Озхудоҳ ба Балх нишаста буд ва ба парастиши Эзад, таъоло, машғул гашта, бигирифту бикушт ва чаҳор пора кард ва бар чаҳор дари Балх биёвехт. Ва духтарони Гуштоспро бигирифт, ки хоҳарони Исфандиёр буданд ва ба Туркистон бурд.

Ва андар ин вақт Гуштосп ба Гургон буд. Чун биёмад, Хуросонро туркон гирифта буданд. Ва Исфандиёр ба Гунбадондиз маҳбус буд, ки Гуштосп ӯро боздошта буд. Пас кас фиристод ва Исфандиёрро берун овард. Ва ба ҳарби Арҷосп рафтанд ва Арҷоспро бо лашкар битохтанд аз Эрон. Ва пас Исфандиёр аз роҳи ҳафт хон ба Туркистон шуд ва ҳилатҳо карду Рӯйиндизро бигушод ва Арҷоспро бикушт ва хоҳарони хеш Ҳумой ва Уфияро берун овард ва ба Эрон бозомад.

Ва Гуштосп забон карда буд, ки «чун аз Туркистон ойӣ бо қазои ҳоҷат, тоҷу тахт ба ту диҳам» ва бар ин ҷумла Пашутан ибни Гуштосп ва Ҷомоспи вазирро гувоҳ гирифта буд. Чун Исфандиёр бозомад, онро вафо накард ва гуфт: «Рустам аз фармони мо гардан кашида аст, ӯро ба тоат ор ва баста пеши ман ор, то тоҷу тахт ба ту диҳам».

Пас Исфандиёр ба наздики Рустам рафт ва чун ба сари ҷайҳуни Ҳирманд бирасид, Рустам ба хидмат пеши ӯ омад. Чун ӯро бидид, намоз бурду гуфт: «Ба хонаи хеш омадӣ ва ман бандаам», нузли неку бисохту пеши ӯ овард. Исфандиёр гуфт: «Маро фармони шоҳ чунон аст, ки ту ё дини зардуштӣ бипазирӣ ва ё бо ман ҳарб кунӣ ва ё даст диҳӣ, то туро банд кунам ва пеши шоҳ барам, то чӣ бувад». Рустам гуфт: «Дини зардуштӣ напазирам, ки аз рӯзгори Гаюмарс то бад-ин ғоят ин дин доштам, акнун дини дигар нагирам. Аммо даст ба банд додан ҳам воҷиб накунад, ки ҳамаи душманони Эронзамин ману падари ман ва ҷадди ман ба банд овардаем, зишт бошад чу ман марде даст ба банд диҳад ва ҳарб кардан бо ту ҳам раво набошад, ту писари шоҳ Гуштоспӣ ва аз дудаи каёнӣ, аммо бо ту биёям ва айби хеш пеши шоҳ бигӯям, агар афв кунад, худованд

[102] Турбадоинваш

аст ва агар фармоне дигар фармояд фармон ӯрост». Исфандиёр гуфт: «Албатта, ки ман ба ин ризо надиҳам, илло ҳарб кунем, то фирӯзӣ киро бошад». Ва ҳарчанд Рустам пӯзиш кард, фармон набурд, то дигар рӯз ҳарб карданд ва Рустамро хаста кард ва ҳамчунон мақрӯҳу ранҷур бозгашт. Ва дигар рӯз, ки Рустам даст аз ҷони хеш бардошта буд, биёмад ва ҳарб карданд. Пас Рустам тире бизад андар чашми Исфандиёр ва ба мағзаш расид, дар вақт сипарӣ шуд ва Рустам бозгашт.

Пас Исфандиёр васият кард ва Рустам ҷома бидарид ва хок бар сар карду гуфт: «Ай шоҳзода, донӣ, ки маро ҷурме набуд, аммо ту фармон набурдӣ ва ман аз баҳри ҷони хеш бикушидам, то чунин уфтод». Исфандиёр гуфт: «Ин осмонӣ набишта буд, акнун бояд, ки Баҳманро, писари маро бибарӣ ва бипарварӣ». Ӯ чунон кард. Ва чун хабар ба Гуштосп расид, аз тахт фуруд омад ва бар замин нишасту бисёр бигирист.

Ва чун якчанде баромад, Бахтуннасрро ба Байтулмақдис фиристод, то он вилоят бигирифт ва ҷуҳудонро қаҳр кард ва бисёре аз эшонро бикушт. Ва қундузи Балх Исфандиёр бино афганд. Ва шаҳри Сириста Гуштосп бино афганд. Ва чун ба охири аҳд расид, Баҳман ибни Исфандиёрро аз Систон бозоварда ва валиаҳди хеш кард ва Гуштосп бимурд.

Баҳман ибни Исфандиёр ибни Гуштосп. Ӯро Ардашери дарозбозу хондандӣ ва беҳтарини маликони Аҷам ӯ буд. Ва ба кин хостани падари хеш ба Систон рафт. Ва Зол пеши ӯ бозомад, ӯро ҷафо гуфт ва аз пеши хеш биронд. Ва Рустам мурда буд ва бо Фаромурз писари Рустам ҳарб кард ва бисёр бикушид, натавонист Фаромурзро ба даст овардан, то Фаромурз бимурд ва ӯро мурда бар дор кард ва фармуд, то тирборон карданд. Ва бисёр мардумро аз Систон бикушт ва хонаҳои эшон вайрон кард ва хазинаҳои Рустаму Сом, ки андар ҳазор сол ниҳода будаанд, бардошт.

Ва шаҳри Баҳман[103] Ардашер хурра, ки ӯро Убулла гӯянд, бино кард. Ва бар замини Майсон шаҳре бино афганд. Ва Баҳманобод, ки ӯро Мансура гӯянд, андар ҳадди Синд ӯ бино кард.

Ҳумой бинти Баҳман ибни Исфандиёр. Ӯро Чеҳрозод гуфтандӣ. Дорулмулки Балх ба Ироқ бурд ва дорулмулк ба Мадоин сохт. Ва чаҳор сол андар он буд, то он сохта кард ва бар дили Дачла пул ниҳод. Ва оби Фурот биронд ва расми оби осиё ӯ оварда ва пеш аз он дастосиё буд. Ва Ҳамадон ӯ бино кард. Ва

[103] Яман

подшоҳӣ ба зиндагонии хеш ба бародар ва писари хеш бидод, номи ӯ Дороб ибни Баҳман. Ва Ҳумой фармуд, то корезҳои бисёр берун оварданд. Ва фармуд, то шаҳрҳоро бора кашиданд.

Дороб ибни Баҳман ибни Исфандиёр. Марде одил буд ва раиятро адл фармуд. Ва номаҳо набишт ба атрофи мамлакати хеш ва ҳама кордорону марзбононро фармуд, ки ҳеч касро бедод накунед ва маписандед. Ва фармуд, ки ҳамаи дахли вилоятро ба хизона ored ва ҳашамро аз хазина рӯзӣ диҳед. Ва расми муҳр ниҳодан бар дирам ӯ овард. Ва марҳилаи барид ӯ ниҳод ва аспони баридро дум буридан ӯ фармуд. Ва шаҳри Доробгирд ӯ бино кард ва Доробшаҳр ба Миср ӯ бино кард. Ва мар писари хеш Дороро валиаҳди хеш гардонид.

Доро ибни Дороб. Чун Доро бар тахти салтанат биншаст, сахт бо кибр буд, аммо бар раият меҳрубон буд. Ва Искандар ба Мақдунияи Рум ба подшоҳӣ нишаст. Ва чун Доро ба Рум кас фиристод ба сабаби моле, ки ҳар сол падари Искандар ба Форс мефиристод, Зулқарнайн надод ва бар вай берун омаду ҳарб кард. Ва Доро ҳазимат шуд ва андар он ҳазимат бандагони ӯ бар вай бевафоӣ карданду ӯро бикуштанд ва сари ӯ пеши Искандар бурданд. Чун Искандар бидонист, ки эшон бандагони ӯ буданд, яке вазири ӯ буд ва дигар амири ҳарас, бифармуд Искандар, то ҳар дуро пӯст биёҳехтанд ва пас бар дор карданд ва нидо карданд, ки «ин ҷазои он касе аст, ки бар худованди хеш бевафоӣ кунад».

Ва Доро ба замини Ҷазира шаҳре бино кард ва ӯро Доробӯ ном кард ва онро ободон кард ва андар ӯ ҳисоре сохт ва аз ҳамаи чизҳо андар ӯ бинҳод.

ТАБАҚАИ СЕВУМ
МУЛУКИ ТАВОИФ

Искандар ибни Файлақус подшоҳӣ бигирифт ва аз эрониён бисёр бикушт ва ҷойҳояшон вайрон кард ва ҳисорҳои эшон канду хароб кард. Ва аламҳои эшон, ки мар эшонро ҳорбадон хонанд, ҳамаро кушт ва китобҳо, ки андар дини муғон ва зардуштӣ буд, ҳама бисӯхт. Ва он чи андар тиббу нуҷум ва ҳисобу дигар илмҳо буд, фармуд, то он ҳамаро тарҷума карданд ва ба Рум фиристод. Ва ҳамаи ганҷҳои мулуки Эрон бардошт. Он чи ҳамл тавонист кард, ҳамл карду ба Рум фиристод ва он чи натавонист, ҳам ба Эроншаҳр андар заминҳои биёбону кӯҳҳо ва ҷойҳои муҳкам дафн кард ва ганҷҳо карду тилисмҳо сохт, ки касро даст бад-он нарасад. Ва ба Истахр рафт ва он ҷо мардуми

бисёр гирд омада буданд, аз рӯзгори Ҳумой бинти Баҳман ва ҷойе буд, ки онро Дижнибишт гуфтандӣ, яънӣ Дорулкутуб, андар вай бисёр китоб буд аз илми дини зардуштӣ ва фалсафаву тибб ва ҳисобу ҳандаса ва ҳар илме. Искандар бифармуд, то он ҳамаро тарҷума карданд ва ба Рум фиристод ва фармуд ба Мақдуниё биниҳоданд ва он Дижнибиштро бисӯхтанд бо ҳар чи китоб буд андар вай. Ва дар миёни Аҷам китоб намонд, магар андак моя, ки андар дасти мардҳулон монда буд андар зовияҳои вилоят.

Ва пас сипоҳи Эрон он чи боқӣ монда буд, ҳамаро ҷамъ кард ва лашкаре бисохт ва ба Ҳиндустон рафт аз роҳи Туркистон ва ҳамаро қаҳр кард ва Туркистону Чину Мочин ва Ҳиндустону Кашмир бигирифт ва ҳама мулукро қаҳр кард ва чун ба Бобил расид, дар он ҷо вафот ёфт.

Ва чун вай бимурд, ҷаҳон бе шоҳ бимонд ва ҳар кас вилояте ва шаҳре бигирифтанд ба муроди хеш ва ҳамаи хасисон бар шарифон мусаллат гаштанд. Ва низ амне намонд андар ҷаҳон ва подшоҳӣ заъиф гашт, то Ашк берун омад ва Антихус[104] , ки Антокия бино кардааст, берун омад ва бо Ашк ҳарб кард. Саранҷом Ашк мар Антихусро ҳазимат кард ва он подшоҳӣ бигирифт.

Ашк ибни Балош ибни Шопур ибни Балош ибни Ашкон ибни Ашмаҳин ибни Сиёваш ибни Кайковус. Аввал малике аз тавоиф ӯ буд ва ҳамаро андар ӯ бозхонанд, яънӣ Ашкониён. Ва эшон подшоҳӣ худ гирифтанд ва аз кас наёфтанд. Ва аввал нишаст ба Ҷибол буд ва Савод, он ҷо нишастӣ.

Шопур ибни Ашк подшоҳӣ бигирифт ва чун аз мулки ӯ чиҳил сол бигзашт, Исо ибни Марям, алайҳи-с-салом, берун омад ва пайғамбарӣ даъво кард ва мурдаро зинда кард ва халқро бар Худой, аззу ҷалл хонд.

Гӯдарз ибни Шопур. Тохтан бурд бар банӣ Исройил аз баҳри хуни Яҳё ибни Закариё, алайҳиму-с-салом, ки ӯро бикушта буданд ва хуни ӯ сутуна ҳамезад ва ба сӯйи осмон ҳаме бар шуд, то Гӯдарз бишуд ва ҳафтод ҳазор мард аз эшон бикушт, то он хун фурӯ истод.

Ва ба рӯзгори ӯ Эзад, таъоло, сайлулъарим[105] бар аҳли Яман фиристод, то ҳама ғарқ гаштанд.

[104] Абтиҳуш
[105] Сайлулъазм

Визан ибни Балош[106]ибни Шопур. Андар рӯзгори ӯ Эроншаҳр бишӯрид ва душманон берун омаданд ва ҳилатҳо карданд, то ҳамаи душманонро бозгардонид аз Эрон ва кифоят кард.

Нарсӣ ибни Визан. Марде мардона буду бузург ва корҳои бузург бар дасти ӯ баромад ва ба Рум шуду ҳарб кард ва зафар кард ва бо ғанимат бозомад.

Гӯдарз ибни Кай ибни Визан. Марде суст буд ва бисёр халал даромад андар подшоҳии Эрон ба рӯзгори ӯ. Ва марде шаробдӯст ва ҳамеша ба тараб машғул буд ва аз подшоҳӣ ҳеч наандешид, то охири умри худ.

Ҳурмуз ибни Балош ибни Шопур ибни Ашк. Марде баландҳиммат буд ва ҳар чи Гӯдарз табоҳ кард, ӯ ба салоҳ овард ва ҳамаро низом бидод ва корҳои Эроншаҳрро равнақ биниҳод ва ҳамеронд. Ва андар ҳама рӯзгори ӯ халал ба кори Эроншаҳр роҳ наёфт.

Парвиз ибни Ҳурмуз ва ӯро Ардавони бузург низ гӯянд, сахт бузургвор буд ва бо ҳиммати баланд ва бар раъият мушфиқ буд ва расмҳои неку ниҳод ва бо раъият неку бирафт.

Хусрави Парвиз. Некхӯ буд ва ҳамаи хешон ва қавми хешро пеш гирифт ва шуғлҳои мамлакат бад-эшон бидод, то ба хешони хеш бозбимонад ва ба подшоҳии худ ба ҳеч кас шуғле надод аз бегонагон.

Балош ибни Парвиз ибни Ҳурмуз. Марде сувор буд ва шикор карданро сахт дӯст доштӣ ва ҳеч рӯз набудӣ, ки вай шикор накардӣ. Ва сахт муборак буд бар раъоё ва андар ҳеч подшоҳии ӯ дарвеше набуд.

Ардавон ибни Балош. Ӯ охири мулуки тавоиф буд. Ардашери Бобакон ба рӯзгори ӯ берун омад. Ва бисёр кушид, охир ба дасти Ардашер кушта шуд ва подшоҳии мулуки тавоиф сипарӣ шуд ва ба дасти Сосониён уфтод.

ТАБАҚАИ ЧАҲОРУМ
МУЛУКИ СОСОНИЁН

Ардашер ул-чомеъ ибни Бобак ибни шоҳ Сосон ибни Беҳофарид ибни Зарора ибни Сосон ибни Баҳман ибни Исфандиёр. Чун подшоҳӣ аз тавоиф бистад ва Эрон ӯро гашт, маликзодагони Аҷамро гирд овард, аз пас аз он ки мутафариқ шуда буданд. Ва ҳама шаҳрҳо бигшод ва чун ба Ардавон расид, Ардавон ба рӯйи ӯ берун омад. Ардашер ӯро рад кард ва вайро бигирифту

[106] Биран ибни Малос

бикушт. Ва дувоздаҳ сол аз подшоҳии Ардашер гузашта буд, ки Ардавонро бикушт. Ва малики набатиён бар Ардашер берун омад ва бо вай ҳарб кард. Пас Ардашер ӯро ба қасри Ибни Ҳабира бигирифту бикушт.

Ва чун дилаш аз он ҷиҳат фориғ шуд, хештанро бо шоҳаншоҳ ном кард. Ва ҷомеъ аз баҳри он хондандӣ ӯро, ки ҳамаи доноёни Порсро ҷамъ кард ва фармуд, то китобҳои муғон, ки зоеъ шуда буд, ҷамъ кунанд.

Ва шаҳри Рай бино кард ва Хурра Ардашер, ки ӯро Восит гӯянд ва Истоди[107] Ардашер, ки ӯро Анбор гӯянд ва Ром Ардашер, ки ӯро Басра гӯянд. Ин шаҳрҳо ӯ бино кард.

Ва пеш аз вай испаҳбади ҷаҳон яке будӣ, ӯ чаҳор испаҳбад кард: нахустин Хуросон испаҳбад, дудигар Хурбарон испаҳбад ва сӯйи мағриб ӯро бидод ва седигар Нимрӯзон испаҳбад ва ноҳияти ҷануб ӯро бидод, чаҳорум Озарбойҷон испаҳбад ва ноҳияти шимол ӯро бидод. Ва шаҳрҳо бино афганд: чун шаҳри Тустар ва Ҳурмуз Ардашер ва Ардашер Хурра ва Ром Ардашер ва Асадобод ва Пушангу Бодғис.

Ва Хуросонро чаҳор бахш кард, ҳар якеро марзбоне гумошт: Яке Шоҳҷаҳон ва дигар Балху Тухористон ва сеюм Ҳироту Пушангу Бодғис ва чаҳорум Моваруннаҳр.

Ва расми нард бохтан ӯ овард бар ҳасби гардиши ҷаҳон ва ӯро дувоздаҳ хона ниҳод ва ҳар хона чун яке аз буруҷи фалак ва бисту чаҳор муҳра чун соъот ва сӣ муҳра чун рӯз ва дараҷи фалак чун шабу рӯз ва наййирин, ки ҳамегарданд.

Ва китобе таълиф гардонид андар панду сиёсат ва онро «Корнома» ном кард. Ва подшоҳӣ ба зиндагонии хеш ба писари хеш бидод, ба Шопур.

Шопур ибни Ардашер. Чун Шопур ибни Ардашер бар кати салтанат нишаст, бо мардумон ба муҳомалат рафт ва ҳар чи Ардашер гирд карда буд, ӯ бипароканд. Аз молу ҷавоҳир ба мардумон бахшид ва пас қасди Нисибин кард ва он шаҳрро ҳисор кард ва андар он рӯзгоре шуд, ки ҳисоре бас муҳкам ва маниъ буд. Ва пас ҳилате бикард ва бифармуд, то каждуми ҷаррора бигирифтанд ва андар қарробаҳо карданд ва пас он қарробаҳоро андар манҷаниқ ниҳоданд ва андар ҳисор андохтанд, то он қарробаҳо бишикаст ва каждум берун уфтод ва мардумонро ҳамегазиданд, то бисёре мардум андар он ҳалок шуданд ва зинҳор хостанд ва ҳисор бидоданд. Ва қасди Қустатания кард ва чун аҳли он ноҳият бишниданд, касон андар

[107] Содор

миён карданду бо вай сулҳ карданд ва газид бар эшон ниҳод. Ва китобҳое, ки Искандар ба Рум бурду тарҷума кард, он ҳама китобҳоро Қустантини малик ҷамъ кард ва бар сутурон бор кард ва ба наздики Шопур фиристод бар ваҷҳи ҳадя. Ва Монӣ ибни Фатақ[108] аз-зиндиқ ба рӯзгори ӯ берун омад ва мардумонро ба дини хеш хонд. Ва ин Монӣ шогирди Фодрун[109] буд. Пас Шопур қасди Монӣ кард ва Монӣ аз Эрон бигурехт ва сӯйи Чину Мочин бирафт ва он ҷо шиъа ёфту даъват ошкоро кард ва мардуми бисёр андар дини ӯ омаданд.

Ва Шопур бар дари Қустантиния оташгоҳе бино кард ва шаҳри Ҷунди Шопур ба Майсон бино кард. Ва Фирӯз ба ноҳияти Нисибин ӯ бино кард.

Ҳурмуз ибни Шопур. Чун Ҳурмуз бар тахти салтанат бинишаст, корҳои мамлакатро неку забт кард. Ва ӯ марде мубориз буд ва бо ҳайтолони Суғд ҳарб кард ва эшонро мақҳур кард. Пас сулҳ карданд ва газид пазируфтанд ва ҳадди эшон падид карданд, то аз он ҷо нагзаранд.

Ва Ром Ҳурмуз ва Даскара ӯ бино кард.

Баҳром ибни Ҳурмуз. Ин Баҳром марде ҷидд буд. Ва Монӣ ӯро ба дини хеш хонд, иҷобат накард ва Мониро ба даст оварду бикушт ва пӯсти ӯ биёҳехт ва ба коҳ биёганд ва ба Ҷунди Шопур биёвехт. ва бештар аз шиъа ва табаъ, ки ӯро андар он рӯзгор ба Эрон буданд ба даст овард ва дувоздаҳ ҳазор марди монавимазҳабро бикушт.

Баҳром ибни Баҳром. Чун бар тахти салтанат бинишаст, даст ба бадӣ бурд ва марде бадхӯ буд ва муъҷаброй. Бо аҳли мамлакат зиштиҳо кард, чунонки ҳамаи вазирон ва мудаббирон ва кордорони ӯ, ки муслиҳ буданд, даст аз кори ӯ бикашиданд. Ва чун ба подшоҳӣ бинишаст, бар забони ӯ чизҳои нохуш рафт ва ҳамаи раъоё аз вай нуфур буданд, то охири аҳди ӯ.

Баҳром ибни Баҳром ибни Баҳромон. Ва чун Баҳром бар тахти салтанат бинишаст, даст бар ситаму куштан бурд ва бисёр мардум бикушт ва марде хунхора ва мустаҳилл буд. Ҳар кас, ки ба хусумат пеши ӯ омадӣ, дарвақт хасми ӯро ҳозир кардӣ ва ҳар дуро куштан фармудӣ. Гуфтӣ: «Донам, ки аз ҳар ду яке муҷриманд». Ва ба рӯзгори ӯ ҳеч кас гуноҳ наёрист кардан.

Нарсӣ ибни Баҳром. Чун Нарсӣ ба подшоҳӣ биншаст, расмҳои неку овард, ки подшоҳе нексират буд. Ва расмҳои ҷадду падар бардошт ва раъиятро тааллуф кард ва бар раъоё адлу дод

[108] Фиқ
[109] Қордун

кард. Ва чун мардумон аз вай он шафақат бидиданд, ҳама ӯро дӯстдор ва мутеъу мунқод гаштанд.

Ҳурмуз ибни Нарсӣ. Чун Ҳурмуз ба мулкат биншаст, мар духтари малики Кобулро ба занӣ кард ва чун даст бад-ӯ хост кард, ин зан имтиноъ кард. Ӯро нохуш омад. Пас аз писари мӯбад пурсид, ки «агар касе андар подшоҳе осӣ шавад ва фармони ӯ накунад, бар он кас чӣ воҷиб шавад?». Писари мӯбад гуфт: «Он касро бибояд кушт». Ҳурмуз занро бикушт ва чун мӯбад ҳозир омад, аз вай бипурсид ҳамон масъала. Гуфт: «Куштан воҷиб бувад, магар зан бошад, ё маст, ё кӯдак». Пас гуфт: «Чӣ гӯӣ агар касе бар куштани касе роҳ намояд, ки бар он кас куштан воҷиб набошад?» Гуфт: «Ин роҳнамояндаро бибояд кушт». Фармуд, то писари мӯбадро бикуштанд.

Шопур ибни Ҳурмуз. Чун Шопур андар ишками модар омад, падараш фармон ёфт ва мардумони подшоҳӣ гирд омаданд ва тоҷ бар ишками модараш ниҳоданд ва чун аз модар бизод, доягон ӯро ҳамепарварданд, то дусола шуд ва ба сухан гуфтан омад.

Шабе вақти субҳ бонгу шағаби мардумон шунид, пурсид, ки ин чӣ машғала аст? Гуфтанд, мардумонанд, ки ба ҷиср ҳамегузаранд аз ҳар ду ҷониб ва чун ба ҳамдигар расанд, анбӯҳе шавад ба ҷиср ва бонгу машғала ҳамекунанд. Фармуд, ки ду ҷиср созанд, яке шуданро ва дигар омаданро, то машғала накунанд ва ҳама аҷаб доштанд аз ройи он миқдор кӯдак, ки инчнин тадбири савоб бикард, ки ҳеч подшоҳеро ин тадбир набуд.

Малики Араб[110] андар рӯзгори ӯ ал-Ҳорис ибн ал-Ағур ал-Аёдӣ буд. Ва чун хабари марги Ҳурмуз ба Араб расид, аз билоди Абдулқайс ва Козимаву Баҳрайн биёмаданд ва бар гӯшаи Эроншаҳр бинишастанд ва даст ба дуздию роҳдорӣ бибурданд ва ҳамекуфтанду куштанду бастанд ва мардумонро бозҳамефурӯхтанд ва колои мардумон ҳамебистаданд ва бесомониҳои бисёр ҳамекарданд. Чун Шопури Зу-л-актоф шонздаҳсола шуд, сипоҳ ҷамъ кард ва рӯй ба диёри Араб ниҳод ва бисёр мардумро аз араб бикушт, то дасти тозиёнро аз мардум холӣ кард. Ва охир расм овард, ки ҳар ҷойе, ки аз арабон касеро биёвардандӣ, бифармудӣ, то шонаи ӯ сӯрох кардандӣ ва ҳалқа андар вай афгандандӣ ва бад-ин сабаб ӯро Зу-л-актоф лақаб кардандӣ ва ба порсӣ Ҳубасунбон. Ва Шопур ба вилояти Рум рафт бар зии ҷосусон ва қайсар ӯро бишнохт ва ӯро андар чарми гов кашид, то бар тани вай хушк шуд. Ва пас қайсар биёмад ва Эроншаҳр

[110] Мағриб

бигирифт ва Шопур андар чарми хом сахт ранҷа буд. Пас аз зани қайсар ҳоҷат хост, то ӯро раҳо кард, бар он шарт, ки чун ба Эрон шавад ба қайсар бадӣ накунад ва ӯро чандон бож фиристад.

Чун ба Эрон расид, ҳам ҳашаму сипоҳи хешро гирд кард ва муғофаса қайсарро бигирифт ва бадӣ бад-ӯ накард, ки шарт карда буд. Пас ҳар ду лаби ӯро бибурид, чунонки дандони ӯ бараҳна шуд, ки низ пӯшида нашудӣ ва ӯро ҳам бар он ҳол ба Рум бозфиристод ва худ ба подшоҳии Эрон бинишаст.

Ардашер ибни Ҳурмуз. Чун ба салтанат биншаст, расмҳои бад ниҳод ва ҳамаи алами Порс бигирифт ва бисёре аз эшон бикушт. Ва чун ситами ӯ бисёр шуд ва аз ҳад бигзашт, раъият сутӯҳ гаштанд аз бисёрии ранҷ кашидан. Ҳама гирд омаданд ва итифоқ карданду ӯро халъ карданд ва аз подшоҳӣ боз карданд.

Шопур ибни Шопур. Чун Шопур бар тахти салтанат биншаст, кори Эрон сахт бохалал буд. Вай ба ҳар ҷой лашкар кашид ва ҳарбҳо кард ва бисёр касро аз душманони Эроншаҳр бикушт ва мардум аз омадани лашкар ва ранҷи душманон биёрамиданд. Ва то вай зинда буд, ҳеч кас қасди Эрон натавонист ва ҳамаи атроф аз вай шикӯҳиданд. Ва мардумони Эроншаҳр андар ҳамаи рӯзгори ӯ андар эманӣ буд, чи аз душманон, ки Шопур дасти ҳама кӯтоҳ карда буд ва ҳар чи аз адли вай, ки бо ҳеч кас ситаму номардумӣ накард.

Баҳром ибни Шопур. Чун Баҳром ба подшоҳӣ биншаст, расмҳои неку гирифт. Ва пеш аз ин подшоҳӣ марзбони Кирмон буд ва чун ба подшоҳӣ расид, мустақарри хеш ба Кирмон сохт. Ва даст ба тараб бурд ва ҳамеша даст ба самоъу шароб машғул будӣ ва андар кори занон мулаъ буд ва дӯст доштӣ суҳбат кардан бо занон.

Яздиҷурд ал-асим. Чун Яздиҷурд ба подшоҳӣ биншаст, он ҳама расмҳои падарон ва аслофи хеш барандохт ва расмҳои бад овард ва ситамҳо кард бар аҳли подшоҳии хеш ва расми матолибат ва шиканҷа кардан ва уқубатҳои гуногун ӯ овард. Ва бар раият бедод кард ва молҳое, ки доштанд, ҳама бистад ва ҳамаи аҳли мамлакати хешро дарвеш гардонид.

Ва мар ӯро писаре омад, ӯро Баҳром ном кард. Бас рашиду наҷиб буд. Ва Яздиҷурдро ҳамон як фарзанд буд ва аз бадхӯйии хеш бар он фарзанд битарсид, ки рӯзе ӯро ба бадхӯйӣ табоҳ кунад. Пас, мар писари хешро ба амири араб Нуъмон ибн ал-Мунзир ибни Амр ибни Рабиъа ибни Музир бидод, то ӯро ба замини Ҳира бибараду бипарварад ва аз баҳри ӯро Хаварнақ ва Садир бино афганд ва тамом кард.

Ва Яздиҷурд даст андар бурда буд ва ситам ҳамекард бар раъият. Чун ситами ӯ аз ҳад бишуд ва мардумон бетоқат шуданду ситӯҳ гаштанд, аз вай пеши Эзад, таъоло, бинолиданд. Худой, азза ва ҷалла, дуои эшон мустаҷоб кард ва ӯро ҳалок кард. Ва сабаб он буд, ки аспе бо зину лагом андар кӯшки Яздиҷурд омад ва ҳеч касро даст надод, то Яздиҷурд ба тани хеш наздики асп омад ва инони ӯ бигирифт ва барнишасту биронд ӯро. Ва чун ба саҳро берун омад, асп як-ду хостан бихост ва ӯро аз пушти хеш бияндохт ва лагаде дар сар бизад ва андар соат ҷон бидод ва халқ аз ӯ бираст.

Баҳром ибни Яздиҷурд. Чун Яздиҷурд ҳалок шуд, мардумон чунин гуфтанд, ки он асп фиришта буд, ки Эзад, таъоло, ӯро бифиристод, то Яздиҷурдро бикушт ва халқро аз вай бираҳонид. Ва гуфтанд, аз насли вай подшоҳ нахоҳем. Пас мардеро биҷустанд аз насли Ардашери Бобакон, номи ӯ Хусрав ва подшоҳӣ бад-ӯ бидоданд. Чун Баҳроми гӯр ин хабар бишнид, бо Нуъмон ибн ал-Мунзир бигуфт. Нуъмон чаҳор ҳазор аз араб бигузид ва биёмад бар гӯшаи Мадоин биншаст ва гуфт: «Агар ин кор ба тадбир бибояд кардан аз кадхудоёни Эрон яке манам ва ин подшоҳ ба иттифоқи ман бояд нишонд ва писари Яздиҷурд бо ман аст ва ӯ сазовортар аст ба подшоҳӣ аз бегона». Эрониён ҷавоб бидоданд, ки «ӯ писари Яздиҷурд ал-асим аст ва ҳамчунини падар аст, мо ӯро написандем». Пас Баҳром андар ин бора бисёр мунозара кард ва андар он мунозара ҳамаро лозим кард, ки ӯ мустаҳаққи подшоҳӣ аст. Ва бисёр сухан рафт, то иттифоқ бар он ниҳоданд, ки тоҷи мамлакат биёранд ва бар тахте биниҳанд ва ду шери гуруснаро бар ду гӯшаи тахт бидоранд, ҳар кас, ки ин тоҷ бидорад ва бар тахт бинишинад, подшоҳиро шоён гардад. Баҳром биёмад, шерон қасди ӯ карданд. Нахустин шерро гӯш бигрифт ва бар пушти ӯ биншаст. Ва дигар шерро гӯшҳо бигрифт ва сарҳои ҳар ду шер бар ҳам ҳамезад, то дандонҳоишон биюфтоду маққур гаштанд ва ҳар ду шер аз пой биюфтоданд. Ӯ тоҷ бар сар ниҳод ва бар тахт нишаст ва нахустин касе он Хусрав бар ӯ ба шоҳӣ салом кард.

Ва чун ба подшоҳӣ биншаст, бо мардумон муҳомалатҳои неку кард ва раъиятро таъаллуф кард ва расмҳои бад, ки падараш ниҳода буд, бардошт. Ва аввал коре он кард, ки ҳафтсола хироҷ бахшид. Мар раъият ва аҳли ҳирофро фармуд, ки ним рӯз кор кунед ва ним рӯзи дигар бихуред ва агар надоред, аз ганҷи мо бихуред ва бихоҳеду ҳашмат макунед.

Ва ба Ҳиндустон рафт мутанаккирҳол ва он ҷо дадоне буданд музирр, чун шеру бабр ва аждаҳову фил, ки вилоят аз

дасти мардумон бистада буданд. Он дадонро бикушт. Ва чун Ширма – малики Ҳинд хабар ёфт, ки ӯ аз бузургзодагони Эрон аст, қасди куштани Баҳром кард ва Баҳром мутанаккир шуд. Ва пас лашкаре аз Ҳиндустон бар Ширма берун омад ба ҳарб. Баҳроми гӯр пеши ӯ шуд ва он ҳарб аз Ширма бихост ва пеши он лашкар шуду онро кифоят кард ва лашкарро ҳазимат кард.

Чун дили Ширма фориғ шуд, духтари хеш ба Баҳром бидод ва вилояти Синду Мукрон Баҳромро бидод ва бар ин ҷумла хатт набишт ва гувоҳон кард.

Ва хоқони Турк қасди Эрон кард. Ва Баҳром ба шодӣ ва шароб машғул гашт. Ва хоқон андар Эрон омад ва Баҳром бар вақти шикор кардан сӯйи Озарбойҷон рафт ва эрониён навмед гаштанду кас фиристоданд ва бо хоқон сулҳ карданд ва сову боҷ бипазируфтанд. Хоқон мағрур гашт ва эман биншаст ба Марв ва ба шикор кардану тараб машғул гашт. Ва Баҳром муғофаса тохтан овард ва хоқонро бо ҳамаи азизони ӯ андар шикоргоҳ бигирифту асир кард ва шамшер андар сипоҳи ӯ ниҳод ва бисёре бикушт ва боқӣ бигурехтанд ва пас ба асари эшон ба Мовароуннаҳр шуд ва он диёрро қаҳр кард ва Туркистон бигирифт.

Ва ба рӯзгори ӯ ганҷи Кайковус ёфтанд ва ду говмеши зарини мурассаъ ба ҷавоҳир, бар охурҳои симин баста ва бадали коҳу алаф ҷавоҳир ва марворид рехта пеши эшон. Чун ӯро бигуфтанд, гуфт: «Ганҷе, ки Кайковус ниҳад, мо барнадорем, зеро ки моро нанг бошад ниҳодаи дигарон бардоштан. Моро хизона ба теғу тир ва бозуи қавӣ аз моли душманон бояд гирифт ва анбошт, на ба хостаи мурдагон, ва вилоят ободон бояд дошт». Пас бифармуд, то он зару ҷавоҳир бар дарвешон бахшиданд.

Ва Баҳроми гӯр ба ҳар забоне сухан гуфтӣ. Ба вақти чавгон задан паҳлавӣ гуфтӣ ва андар ҳарбгоҳ туркӣ гуфтӣ ва андар маҷлис бо омма дарӣ гуфтӣ ва бо мӯбадону аҳли илм порсӣ гуфтӣ ва бо занон забони ҳарив гуфтӣ ва чун андар каштӣ нишастӣ забони набатӣ гуфтӣ ва чун хашм гирифтӣ тозӣ гуфтӣ.

Ва чун шасту се сол аз подшоҳии ӯ гузашт, рӯзе дар шикор аз пайи сайде метохт, ногоҳ дар чоҳе уфтоду ҳалок шуд. Ва ӯ нахустин касе буд, ки меҳмонро ба пешгоҳ нишонд.

Яздиҷурд ибни Баҳром. Чун Яздиҷурд ибни Баҳром бар тахти салтанат нишаст, бо раъият неку рафт ва ба рӯзгори ӯ ҷаҳон орамида буд ва ҳарбҳо бархоста буд. Ва ӯ низ марде хушхӯ буд. Аммо ҳарис буд бар сохтан ва пиростани силоҳ ва оростани сипоҳ ва пайваста ҳашамро ва лашкариёнро сила бидодӣ.

Ва деворе бино кард миёни Армения ва Хазар то Боб ул-абвоб, аммо тамом натавонист кард ва фармон ёфт. Муддати салтанаташ ҳаҷдаҳ сол буд.

Ҳурмуз ибни Яздиҷурд. Чун Ҳурмуз ба подшоҳӣ биншаст, корҳо ба тадбир рост кард ва марде ба тадбир буд, ҷаҳонро бо тадбир рост кард, чунонки ӯро андар он ранҷе нарасад. Ва ба рӯзгори ӯ хешони ӯ бар вай берун омаданд ва ҳарбҳо пайвастанд. Ӯ он ҳамаро ба тадбир кифоят кард ва шарри ҳамаи душманон ба кифоят дафъ кард. То ӯ подшоҳ буд, вилоят орамида буд ва аҳволи мамлакат бо низом.

Фирӯз ибни Яздиҷурд. Чун Фирӯз ба подшоҳӣ биншаст, бо мардумон накӯӣ кард. Ва ба рӯзгори ӯ қаҳт уфтод андар Эроншаҳр ва борон бозистод ва ҳафт сол бар ин ҷумла бардошт ва андар ҳамаи подшоҳии ӯ ҳеч ҷонваре аз гуруснагӣ намурд. Ва андар он тадбири неку бикард ва ончунон кард, ки дастури хеш ба атроф ҳамефиристод ва мол аз хазина ҳамедод, то аз вилоятҳои дигар алаф харидандӣ ва ба вилояти ӯ оварданд ӣ ва бар раъият бидодандӣ, то ҳалок нашудандӣ. Ва чун молу хазина ба охир расид, пеши Эзад, таъоло, дуо кард, то Худой, таъоло, қаҳтиро аз он вилоят бардошт.

Ва ҷӯйҳои Марв ӯ бурид ва оби онро қисмат ниҳод ва шаҳри Форёб ӯ бино кард ва қасабаи Гургону шаҳри Озарбойҷон ва Айнултамару Кирмон ӯ бино кард ва аз ин сабаб ӯро Кирмоншоҳ хонанд ва Фирабру Нисо ӯ бино кард.

Балош ибни Фирӯз. Чун Балош ба шоҳаншоҳӣ биншаст, ҳам бар расми падар ҳамерафт. Ва ӯ подшоҳе некусират буд ва расмҳои неку овард ва ҳама ба салоҳи раъият кӯшида буд ва раъиятро андар эманӣ дошт ва ба адл дошт. Ва ба ҳамаи рӯзгори ӯ Эроншаҳр орамида буд андар эманӣ.

Қубод ибни Фирӯз. Чун Қубод бар тахти салтанат биншаст, корҳои мамлакатро неку низом бидод ва раъиятро таъаллуф кард ва бо мардумон неку муҳомалат кард. Ва Маздак ибни Бомдод дар рӯзгори ӯ берун омад ва дини маздакӣ овард ва қавм аз саққоти мардумон бад-ӯ бигаравистанд. Ва Маздак гуфт: «Худой, аззу ҷалл, рӯзии халқ андар ин замин ниҳода аст ва бахшиш падид бикарда аст, аз тавонгарон бибояд ситад ва ба дарвешон бибояд бидод, то ҳама рост гарданд ва зан ҳамчунин ҳар кас, ки дорад раво бошад». Ва бисёр чизҳои мункар гуфт ва Қубод бар ӯ майл кард ва мардумон мутаҳаййир гаштанду бар Қубод бишӯриданд. Ва Нӯширвон кӯдак буд, чун он ҳол бидид, бо Маздак мунозара кард ва гуфт: «Агар занро ҳар кас, ки хоҳад дорад, пас нисбат дуруст набошад ва насл бурида гардад ва ҳеч

кас фарзанди хешро нашносад». Ва ҳаме мунозара кард, то куштан бар Маздак лозим кард. Ва чун ин мунозара миёни анҷуман бирафт, бисёр касон аз дини маздакӣ бозгаштанд ва ба дини зардуштӣ бозомаданд.

Ва чун якчанд бозомад, Қубод дар кори раъият андеша кард ва гуфт: «Бар раъоё ба сабаби даҳяк додан ранҷ аст». Ва сабаб он буд, ки рӯзе ба сайд рафт, занеро дид, кӯдаке ноландаро бар дӯш гирифта ва миёни нористон истода ва он кӯдак ҳаме нор хост ба орзу ва зан надодаш. Қубод пурсид, ки «чаро ин кӯдакро нор надиҳӣ?» Зан гуфт, ки «ҳанӯз ушри шоҳаншоҳ надодаам, ҳаром аст бар мо нор боз кардан аз нористон». Ва Қубодро аҷаб омад. Пас қасд кард, ки он ранҷи ушр аз раъият бардорад, он гаҳ ҳаррозон ба вилоят фиристод, то ҳамаи заминҳо ва разону дарахтонро ҳарз карданд ва масоҳат карданд ва ба ҳар яке хироҷ ниҳоданд. Ва Саводро он сол хироҷ карданд, ҳазор бор ҳазор ва панҷоҳ ҳазор дирам омад.

Ва Қубод Боб ул-абвоб бино кард ва Ҳулвону Аррагон ва Қубохурраву Бардаъа ва Шероз. Ин шаҳрҳо ӯ бино кард.

ТАБАҚАИ ПАНҶУМ, КИ ЭШОНРО АКОСИРА ГӮЯНД

Нӯширвони одил. Чун Нӯширвон ибни Қубод бар тахт нишаст ва расмҳои неку овард, ӯро Нӯширвони одил ном карданд, ки марди одил буд ва ситам аз ҳеч кас написандид ва андар бадод додан расмҳо овард, ки ҳеч кас пеш аз вай наёварда буд.

Ва аввал кор он кард, ки подшоҳии Араб мар Мунзир ибни Имруулқайсро бидод, ки ӯ сайидзодаи ҳамаи Араб буд. Ӯро ва салафи ӯро ба наздики мулуки Аҷам хидматҳои неку бисёр буд.

Ва дигар, ҳадиси Маздакро тадорук кард ва бо ӯ мунозара кард ва ба ҳуҷҷату бурҳон дуруст кард, ки Маздак бар ноҳаққ аст. Пас бифармуд, то ӯро бикуштанд ва пӯсти ӯро биёҳехтанд ва пуркоҳ карданд ва аз дари девон бар гузаргоҳи ҳашам биёвехтанд. Ва пас бифармуд, то маздакиёнро талаб карданд ва биёвезиданд ва ӯ андар ним рӯз ҳаштод ҳазор марди маздакиро бикушт. Ва пас мар аҳли мамлакатро бифармуд, ки «дин омӯзед ва кори динро бипардозед, то андар шинохтану донистани дин моҳир гардед, то чун маздакӣ берун ояд, махрақаи хеш бар шумо раво натавонад кард».

Ва лашкар ба Рум фиристод ва баъзе аз вилоят бигирифт ва қайсар расул бифиристоду сулҳ ҷуст ва ҳадяҳои бисёр бифиристод. Ӯро иҷобат карду хироҷ бар румиён ниҳод ва лашкарро бозхонду аз қайсар гиравгон бистад.

Ва ба Гургон рафту он ҷоҳо бино афганд. Аз рухом кӯшке бино кард, ки кас андар ҷаҳон чунон надида буд, ҳама деворҳо ва боми ӯ аз рухом.

Ва туркони Хоразм ба тоати ӯ омаданд. Ва деворе, ки Яздиҷурд ибни Баҳром бино карда буд ва асоси он ниҳода буд ва тамом накарда ва понздаҳ фарсанг дарозии он девор буд, Нӯширвон ӯро тамом кард ва аз он ҷо бозомад.

Чун ба Даскара расид, аз хоқони бузург – малики Туркистон ва аз ҳайтолон ва аз фағфури Чин ва аз қайсари Рум расулон омаданд бо ҳадяҳои бисёр ва номаҳо оварданд ва аз вай сулҳ ҷустанд. Вай он ҳама расулонро неку пурсид ва бар кард ва ҳадяҳо бипазируфт ва бад-он сулҳ, ки хоста буданд, иҷобат кард.

Ва чун якчанде баромад, қайсари Рум аҳд бишкаст. Нӯширвон лашкар бикашид ва ба Рум рафт ва Дорову Руҳо ва Манбаҷу Қансарин ва Ҳалабу Фомия ва Ҳумсу Салуқия бигирифт ва Антокияро ҳисор кард ва Тарокияро. Ва хоҳарзодаи қайсар андар он ҷо буд бо чанд тан аз бузургони румиён. Он ҳисорро бигшод ва эшонро асир гирифт ва моле азим аз он ҷо бардошт, аз зару сим ва мурвориду ёқут ва ҷавоҳир ва матоъу фарш ва силоҳ. Пас қайсар расул фиристод ва сулҳ хост ва хироҷу сову бож бипазируфт ва васиқате, ки бояст, бикард.

Ва аз он ҷо бозгашту биншаст ва панҷ подшоҳ ба як рӯз ба хидмати ӯ пеш омаданд: Азморасп, шоҳи Ҳиндустон ва хоқони бузург, шоҳи Туркистон ва шоҳи Сарандеб бо ҳадяҳои бисёр ва сову бож пазируфтанд. Ва ҳамаи мулуки ҷаҳон ӯро мусаххар гаштанд ва хоқони бузург духтари хеш ба занӣ бад-ӯ бидод ва ӯ модари Ҳурмуз буд. Ва шоҳи Ҳиндустон бипазируфт ҳар дахле, ки ӯро бошад аз вилояти хеш ҳафтяки он ба наздики шоҳаншоҳ фиристад ва ҳар соле даҳ пил ва дувист ҳазор пора соҷ ва оҷ бидиҳад. Ва Кобулу Қандаҳор ӯро гашт ва андар ҳамаи ҷаҳон ӯро мухолифе намонд, ки бо вай мунозиъат кардӣ.

Ва пайғамбари мо, Муҳаммад ал-мустафо, сала-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, андар рӯзгори ӯ аз модар бизод ва бад-ин фахр бикард ва бигуфт, қола расулу-л-Лоҳ, сала-л-Лоҳи алайҳи ва саллам: «Валадат фӣ заман лилмалик ул-одил ва ҳува Нуширвон». Садақа расуллаҳи.

Ва Бузурҷмеҳр, ҳакими Аҷам вазири ӯ буд ва Калилаву Димна аз Ҳиндустон ӯ ба Эрон овард ва шатранҷ ба рӯзгори ӯ оварданд.

Ва падари ӯ Қубод оғоз карда буд, ки хироҷ ниҳад ва расми ушр бардорад, натавонист, ӯ тамом кард ва хироҷ ниҳод бар ҳар газе гандум як шиёнӣ ва биринҷ чаҳор донг ва раз ҳашт дирам ва чизҳои дигар ҳафт дирам ва чаҳор бун хурморо як шиёнӣ. Боб ул-абвоб ӯ бино кард.

Ҳурмуз ибни Нуширвон. Чун Ҳурмуз ба подшоҳӣ бинишаст бо раият муҳомалат кард ва бар заъифону дармондагон сахт мушфиқ буд ва бар тавонгарону аҳли неъмат сахтдил буд. Ва сездаҳ ҳазор мард аз бузургон ва пешравони Эроншаҳрро бикушт. Ва расми мӯбад нишондан бардошт ва гуфт: «Касе набояд, ки маро бифармояд ва бардорад. Ман ба хештан авлотарам сиёнат кардан хештанро» ва ҳамаи бузургону мутаваҷҷиҳони Эрон бар вай душман гаштанд. Ва чун ёздаҳ сол аз подшоҳии ӯ бигузашт, лашкарҳо рӯй ба Эрон ниҳод аз ҳар ҷой ва чун Ҳурмуз чунон дид, мутаҳаййир гашт ва аз ҳамаи лашкарҳо сипоҳ хост.

Шоба ибни Аласт, малики Туркистон ҳавлтар буд ва се солори бузург аз ҷониби Хазар ва Санбус[111] омаданд ва сарҳанге аз они қайсар аз ҷониби Рум омад ва Аббос ул-ҳавл аз Яман омад. Пас Ҳурмуз Баҳроми Чӯбинро, ки марзбон буд ва набасаи Гургини мелод буд ва аз фарзандони Ораши бузург буд, аз кинораи подшоҳӣ бихонд ва ба рӯйи Шоба- малики Туркистон фиристод ба ҳарб ва сипоҳе, ки хост бад-ӯ бидод.

Ва чун Баҳром ба наздики сипоҳи Туркистон расид ва ҳарб бипайвастанд, саранҷом Шоба кушта шуд ва лашкари туркон ҳазимат шуданд, вай бисёре аз эшон бигирифт ва хазинаи Шоба[112] ба тамомӣ бардошт ва он чи ёфта буд сӯйи Ҳурмуз фиристод, чизҳое ки Афросиёб аз они Сиёваш бозгирифта, аз ҷавоҳиру зароиф ва ҷуз аз он ва он чи Арҷосп аз хазинаи Лухросп ба Туркистон бурда буд.

Ва Озинҷушнаси Ҷурӣ[113], ки вазири Ҳурмуз буд, бо Баҳроми Чӯбин ба кина буд ва аз ин кор, ки бар дасти Баҳроми Чӯбин баромад, Озинҷушнасро ҳасад омад. Сурати он зишт кард сӯйи Ҳурмуз ва андар он ғаноим яке мӯза ёфтанд мурассаъ ба ҷавоҳир. Озинҷушнас гуфт: «Ин мӯза ду пойро буда аст, ки ёфтаанд ва Баҳром ҳамаи мол, ки ёфт, ду нима кардааст, ниме

[111] ?

[112] Сома

[113] Азҳиси Ҳурӣ

худ гирифт ва ниме ба ту фиристод, далели ин як пой мӯза». Ва Ҳурмузро он душвор омад, хашм гирифт ва фармуд, то дуку пунба фиристоданд ба наздики Баҳром ва нома набишт бад-ӯ, ки «ту хиёнат кардӣ ва мол бозгирифтӣ ва ҳар ки хиёнат кунад, осӣ бошад ва ҳар ки андар мо осӣ бошад, аз зан батар бошад».

Ва чун ин нома ба Баҳром расид, бо пешравони лашкар бигуфт, ҳама хашм гирифтанду гуфтанду: «Ин хидматро, ки мо кардем, ин мукофот набошад, ки Ҳурмуз кард». Ба як бор осӣ шуданд ва аз Ҳурмуз бигаштанд. Ва пас сипоҳе, ки ба наздики Ҳурмуз буданд, гирд омаданду гуфтанд, «моро тоқати Баҳроми Чӯбин нест». Ва Ҳурмузро биншонданду мил кашиданд ва Хусрави Парвизро, ки писари ӯ буд, ба ҷойи ӯ биншонданд. Чун Баҳром ин хабар биёфт, лашкар бикашид ва рӯй ба Мадоин ниҳод ба ҳарби Хусрави Парвиз.

Хусрав ибни Ҳурмуз. Чун Хусрав ба подшоҳӣ биншаст, мардумонро ваъдаҳои неку кард. Ва чун холӣ шуд, Хусрав ба наздики Ҳурмуз рафт ва аз вай узр хост, бад-он иҷобат, ки карда буд ва гуфт: «Агар ман иҷобат накардаме, мамлакат аз хонадони мо зоил гаштӣ ва душмане чун Баҳроми Чӯбин бар хонадони мо мусаллат шудӣ». Ҳурмуз узри ӯ бипазируфт ва дил аз ӯ хуш кард. Ва чун Баҳром қасди Парвиз кард, Парвиз пеши ӯ бозшуд ва ҳарб бипайвастанд ва ҳамаи лашкари Парвиз сӯйи Баҳром бигаштанд ва Парвиз бо даҳ савор ба ҳазимат шуд ва ба Мадоин омад пеши падар ва аз вай иститлоъ кард, ки ба наздики кадом подшоҳ шавад, то ӯро нусрат кунад. Ҳурмуз гуфт: «Аммо араб дарвеш аст, ба мол машғул гарданд ва аз баҳри мулки ту ҳарб накунанд ва Туркистону Ҳиндустон хасми ту роҳ бар ту гирифта дорад, аммо Рум, андар он ҳам мол аст, ҳам мард, ҳам силоҳ». Ва Парвиз ба ҳукми ишораи падар сӯйи Рум рафт. Ва холони Хусрав чун Бистом ва Бандуя, чун Парвиз рафта буд, бозгаштанд ва ба баҳона наздики Ҳурмуз рафтанд ва ӯро ба ханоқ бикуштанд ва бар асари Парвиз бирафтанд ва Парвизро аз он хабар набуд.

Чун Парвиз ба Рум рафт, Мурики[114] қайсар ӯро бинавохт ва сипоҳ бидод ва моли бисёр бидод ва духтари хеш ба занӣ бад-ӯ бидод. Ва чун ба Эрон расид, Баҳроми Чӯбин пеши ӯ омад ва ҳарб карданд. Баҳром шикаста шуд ва бо чаҳор ҳазор мард ба ҳазимат шуд ва сӯйи Туркистон бирафт. Ва Хусрави Парвиз ба ҷойи падар ва ҷадди хеш биншаст ва чун мулкат бар ӯ рост шуд, ба ҳилат кардан истод, то дили хоқон бар Баҳром табоҳ кунад, аз

[114] Мурликӣ

паси он ки Баҳром дар Туркистон корҳои неку карда буд. Охир ба макри Парвиз Баҳромро ҳалок карданд.

Ва шаҳри Бағдод Хусрав бино кард ва Мансур тамом кард.

Пайғамбари мо, Муҳаммад Мустафо, алайҳи салавата ва саллам, ба рӯзгори ӯ берун омад ва даъват ошкоро кард ва аз Макка ҳичрат кард ва ба Мадина омад ва халқро ба Худой, азза ва ҷалла хонд. Ва ба Парвиз нома кард ва ӯро ба Худой, азза ва ҷалла, бихонд. Парвиз расулон фиристод, то пайғамбар, (сала-л-Лоҳу алайҳи ва саллам) биёред ва бар вай инкор кунед. Ва то расулон ба Мадина расиданд, Парвизро писари ӯ Шерӯя бикушт.

Аммо Парвизро молу ҷавоҳир ва чизҳои бузургворона фаровон буд ва чандон бузургворӣ ӯро гирд омада буд, ки пеш аз ӯ ҳеч подшоҳеро набуд ва аз он чизҳо баъзе бигӯям: дашти шатранҷ буд ӯро, яке саф аз ёқути сурх ва дигар саф аз ёқути зард ва даште нард буд аз ёқуту зумуррад ва сию ду ҳазор пора ёқути бешбаҳо буд ва ганҷи арӯс ва ганҷи хазро ва ганҷи бодовард ва ганҷи дебои хусравӣ ва ганҷи сӯхта ва зари муштафшор ва тахти тоқдис ва тахти мешсор ва айвони Мадоин ва қасри Ширин ва шодурвони бузурггӯша ба мурворид ва мушкӯи зарин ва дувоздаҳ ҳазор канизак ва ҳазору дувист фил ва сездаҳ ҳазор уштури боркаш ва боғи нахчирон ва боғи Сиёвашон ва боғи Маруд[115] ва аспи Шабдиз ва даҳ ҳазор ман уд ва панҷ ҳазор ман кофур ва се ҳазор ман мушк ва чаҳор ҳазор ман анбар ва дувоздаҳ ҳазор юз ва ҳазор шер ва ҳафтсад ҳазор сувор ва сесад ҳазор пиёда ва шамъ дувоздаҳ ҳазор пилита ва кибрити сурх ва ҳазор бор сипанд ва даҳ ҳазор ғулом ва сад ҳазор аспи борагӣ ва сад ҳазор ситоми зарин ва Саркиси барбатзан ва Ширину Борбад ва Беҳрӯз, ки чандин навову дастони хусравонӣ ниҳода аст. Ва се ҳазор зан буд ӯро ва ҳар сол ҳафтсаду наваду панҷ бор ҳазор ҳазор дирам дахли хазина буд, ки аз вилоят ба хазина оварданди.

Ва чун ӯ бимурд, андар хазинаи ӯ харитае ёфтанд ва андар он харита нуҳто ангуштарӣ буд, ки аз баҳри муҳр кардан доштӣ. Нахустин ангуштарӣ, нигини ӯ ёқути сурх буд ва нақши ӯ сурати малик ва гирдогирди ӯ ба китоба сифати малик набишта ва бад-ин ангуштарӣ маншурҳо ва сиҷиллҳо муҳр кардӣ. Ва дудигар ангуштарӣ, нигини ӯ ақиқ буд ва нақши ӯ Хуросонхурра, ҳалқаи ӯ аз зар ва бад-ӯ ёдгорҳо муҳр кардӣ. Ва ангуштарии седигарро нигин ҷазъ буд ва нақши ӯ суворе, ки ҳаметозад ва ҳалқаи ӯ зарин ва бад-ин харитаҳои баридон муҳр кардӣ. Ва ангуштарии

[115] Маруз

чаҳорумро нигин аз ёқути сурх буд ва нақши ӯ кабши кӯҳӣ ва ҳалқаи ӯ зарин ва бад-он амонномаҳо, ки аз баҳри осиён набиштандӣ, муҳр кардӣ. Ва ангуштарии панҷумро нигин ёқути сурх буд ва ҳалқаи ӯ мурассаъ ба мурворид ва нақши ӯ Хуррахуррамӣ ва бад-ӯ хазинаи ҷавоҳир ва ҷомахона ва пироя ва байтулмол муҳр кардӣ. Ва ангуштарии шашумро нигин оҳани ҳабашӣ буд ва нақши ӯ уқоб ва номаҳои подшоҳон бад-ӯ муҳр кардӣ. Ва ангуштари ҳафтумро нигин подзаҳр буд ва нақши ӯ магас ва бад-он доруҳо ва хӯрокҳо ва тибатҳо муҳр кардӣ. Ва ҳаштум ангуштариро нигин хумоҳан буд ва нақши ӯ сари хук ва номаҳое, ки ба маънӣ хун будӣ ва ё касеро аз хун озод кардӣ, бад-он муҳр кардӣ. Ва ангуштарии нуҳумро нигин оҳанин буд ва чун андар гармоба рафтӣ ва ё дар обзан шудӣ, ин ангуштарӣ пӯшидӣ.

Қуболи Шерӯя ибни Парвиз ибни Ҳурмуз ибни Нуширвон, ки ӯро Шерӯя гуфтандӣ, падари хешро биншонд ва пас марде ҷуст, ки Парвиз падари ӯро кушта буд ва гуфт: «падари ман падари туро ба ноҳақ кушта аст, ту ҳам дар иваз падари маро бикуш, ки то қасос бошад». Он мард мар Хусрави Парвезро андар ишкам дашна бизаду бикушт. Ва Шерӯя ҳафдаҳ бародари худро бикушт ва мулкаш ба ҳеч гуна низом нагирифт ва ҳар рӯзе музтарибтар гашт, то вай биноланда гашт аз иллати тоъун ва ҳеч лаззат наёфт аз подшоҳӣ ва бас рӯзгор наёфт ва ҳам аз он иллати тоъун бимурд.

Шаҳриёр ибни Парвиз ибни Ҳурмуз ибни Нӯширвон. Чун Шаҳриёр ба подшоҳӣ биншаст, басе рӯзгор наёфт, ки аз ӯ асаре будӣ ва ба зудӣ кори ӯ файсал гирифт ва бимурду аз вай тазкира намонд.

Кисро ибни Парвиз ибни Ҳурмуз ибни Нӯширвон. Чун Кисро ба подшоҳӣ биншаст, марзбони Хуросон қасди ӯ кард ва ҳанӯз подшоҳӣ бар вай рост нашуда буд, ки ӯро бикушт. Ва андак моя рӯзгор ёфт ва аз ӯ чизе наёфтам, ки сабт кардаме.

Бурондухт бинти Кисро. Чун Бурондухт ба подшоҳӣ биншаст, кори мамлакатро неку забт кард ва зане бо дониш буд ва раъиятро таъаллуф кард ва ҳама раъоё аз ӯ шод буданд. Ва моли бисёр бахшид мар ҳашамро ва бузургони мамлакатро. Ва чӯби салиб, ки Бахтуннаср аз Рум биёварда ва андар хазинаи мулуки Аҷам монда буд, ба Рум бозфиристод ва бар қайсар бад-ин сабаб миннатҳо ниҳод.

Ва ҳамаи мардум ӯро мувофиқ ва дӯстдор гаштанд ва ба ҳар ҷонибе, ки душманон берун омада буданд ба Эроншаҳр ва ҳар

ҷойе, ки сипоҳе бифиристод, ҳама пирӯз бозомаданд ва ба рӯзгори ӯ Эрон биёрамид.

Ҷушнасббанда ва ӯ Ҷушнасббанда ибни Баҳром Ҷушнас ибни Мардоншаҳ ибни Манучеҳр ибни Озарҷушнас ибни Нарсӣ ибни Баҳром ибни Ардашер ибни Шопур ибни Яздиҷурд ал-асим буд. Ва ӯро ба Майсон парварданд. Ва чун ба подшоҳӣ биншаст ва тоҷ бар сар ниҳод, гуфт: «Ин тоҷ ба сари ман танг аст». Онро ба фоли бад гирифтанд ва ду моҳ беш амон наёфту бимурд.

Озармидухт бинти Кисро. Ин Озармидухт сахт бо доду рой буд ва ҳамеша додхоҳонро темор кашидӣ ва сухани эшон бишнидӣ ва инсофи эшон бидодӣ аз якдигар ва некунигариш буд.

Фаррухзод ибни Хусрав. Фаррухзод чун ба подшоҳӣ биншаст, бас хурд буд ва низ рӯзгор басе наёфт ва ду моҳ подшоҳӣ кард ва аз вай коре наёмад, ки онро асаре бувад, бад-ин сабаб хабари ӯ набишта нашуд.

Яздиҷурд ибни Шаҳриёр. Яздиҷурд охирини мулуки Аҷам буд ва понздаҳсола буд, ки ба подшоҳӣ биншаст ва бисту ду рӯз аз хилофати Абубакри сиддиқ, разийа-л-Лоҳи анҳу, гузашта буд, ки ӯ ба подшоҳӣ нишаст ва чун Умар ибн ул-Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу, ба хилофат биншаст, сипоҳи исломро ба ҷониби Ироқ бифиристод ва Холид ибн ул-Валидро амири он сипоҳ кард. Ва чун хабари омадани сипоҳи араб ба Яздиҷурд ибни Шаҳриёр расид, сипоҳи хешро пазираи эшон фиристод ва Рустам ибни Фаррухзодро бар ин сипоҳ солор кард. Ва чун ба дашти Қодисия ба якдигар расиданд, ба ҳарб пайвастанд ва чандин вақт ҳаме ҳарб карданд. Ба ҳамаи вақтҳо зафар мар мусалмононро буд. Ва Яздиҷурд ба тани хеш биёмад ва баровехтанд, ҳам зафар мар сипоҳи исломро буд ва лашкари Аҷам ҳазимат шуд.

Ва Яздиҷурд бигурехт ва бар ҷониби Марв бишуд. Ва чун Моҳуй – марзбони Марв хабар ёфт, касон бифиристод ба талаби вай - ва Моҳуйро бар ӯ хашм буд - ва касони Моҳуй ӯро наёфтанд. Ва Яздиҷурд андар осиёбе пинҳон шуд. Осиёбон биёмад, ӯро бидид, гуфт: «Аз осиёи ман берун шав, ки дахли ман ҳар рӯз панҷ дирам аст ва чун ту ин ҷо бошӣ, дахли ман бишканад». Ва бо Яздиҷурд симу зар буд, ки бад-ӯ бидодӣ ва низ гурусна буд, якто гавҳари бешбаҳо бад-ӯ бидод, ки «инро бифурӯш ва дахли хеш бардор ва боқиро аз баҳри мо чизе ор, то бихурем ва нишони мо касеро магӯй». Чун осиёбон гавҳар ба бозор оварда, ӯро бигирифтанд ва пеши Моҳуй бурданд. Аз ӯ нишон пурсид, нишон бидод. Моҳуй касон бифиристод, то сари

ӯро бардоштанд ва ба наздики Моҳуй оварданд ва тани ӯро дар об фурӯ ҳиштанд ва мамлакати Аҷам бар вай хатм шуд. Ва пас мусалмонон Эроншаҳр бигирифтанд ва то бад-ин ғоят эшон доранд ва то қиёмат эшон хоҳанд дошт. Биминнатилилоҳи таъоло.

БОБИ ҲАШТУМ
АНДАР ҶАДВАЛИ ХУЛАФО ВА МУЛУКИ ИСЛОМ

Чун аз ахбори Аҷам бипардохтем, акнун андар таворихи хулафо ва мулуки ислом гӯем ва ансобу аҳволи эшон, ҳам бар он ҷумла, ки дар андар кутуб ёфтаем. Ва ибтидои он аз насаби пайғамбари мо, Муҳаммад, расулуллоҳ, сала-л-Лоҳи ва саллам, кунем, ки ӯ Абулқосим Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб ибни Ҳошим ибни Абд Маноф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Фиҳр[116]ибни Молик ибни Назр[117] ибни Кинона ибни Хузайма[118] ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Низор ибни Муъадд ибни Аднон аст ва тамоми нисбати он ҳазрат то Одам, алайҳиссалом, андар шаҷараи ансоб биёвардем. Ва модари ӯ Омана бинти Ваҳаб ибни Абд Маноф ибни Заҳра ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай буд. Ва ҷаддаи ӯ, ки модари Абдуллоҳ буд Фотима бинти Амр ибни Оъид ибни Имрон ибни Махзум буд. Ва ҷаддаи ӯ, ки модари Омана буд, Бараҳ бинти Абдулъазӣ ибни Усмон ибни Абдулдор буд. Ӯро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, бародар набуд ва хоҳар набуд. Ва ман аммон ва амматон ва занону фарзандон ва ғазвҳо ва сутурони ӯро ба ҷадвал овардам ва ҷадвал ин аст, ки ин ҷо кашида шудааст:

[116] Маҳр
[117] Наср
[118] Хурайма

Аммони ӯ	Амма тони ӯ	Занони ӯ	Падарзано ни ӯ	Қабилаи занони ӯ	Фарзандо ни ӯ	Сутурон и ӯ	Аҷно си сутур	Мавлоён и ӯ	Ғазваҳои ӯ
Ал-Аббос	Умия	Хадиҷа	Хувайлид	Қурайш	Ал-Қосим	Сакаб	Асб	Зайд ибни Ҳориса	Бадр ул-авло
Ҳамза	Умм Ҳаким	Ойиша	Абибакри Сиддиқ	Қурайш	Абдуллоҳ	Маловиҳ	Асб	Ам Иман ?	Уҳуд
Абутолиб	Бара?	Ҳафса	Умар ал-Форуқ	Қурайш	Ат-Тайиб	Муртаҷаз	Асб	Усома	Бадр ул-сонӣ
Абулаҳаб	Отика	Умм Ҳабиба	Абусуфён	Қурайш	Ат-Тоҳир	Лазоъа	Асб	Абурофиъ	Хандақ
Ал-Ғизоқ	Арвай	Суда	Замъа	Қурайш	Фотима	Зарб?	Асб	Сафина	Банӣ Қариза
Ал-Мақум	Сафия	Умм Сулма	Абиумия	Махзумӣ	Зайнаб	Яъсуб	Асб	Савбон	Хабир
Зарор	Сафия	Зайнаб	Ҷаҳаш	Банӣ Асади Музир	Руқия	Ал-Лахиф	Асб	Салмон	Фатҳи Макка
Аз-Забир		Маймуна	Ал-Ҳорис	Банӣ Ҳилоли Музир	Умм Кулсум	Вард	Асб	Мехрон	Ҳанин
Қасим		Сафия	Ҳайи	Банӣ Назир	Иброҳим	Фаза	Астар	Шақрон	Тоиф
Ҳорис		Мория	Абдуллоҳ	Қибтия		Афир	Хар	Ясор	Табук

		Умм Шарик	Ло	Банӣ Солим		Сабҳа	Асб	Фазола	Начрон
		Хула	Ҳазил	Банӣ Салим		Яъфур	Хар	Мидъам	Банӣ ан-Назир
		Зайнаб	Ҳузима	Музир		Дулдул	Уштур	Абумуйҳия	Зот ул-Риқоъ
		Ҷувирия?	Ҳорис	Хазоъия		Қисво	Уштур	Абукабша	Банӣ Лаҳён
		Шароф	Халифа	Калбия		Азбо	Уштур	Абубакра	Банӣ Қинқоъ
		Амима	Ҳаким	Кандия		Ҷадъо	Уштур	Абузамира	Банӣ ал-Мусталиқ
		Нишот	Рафоъа	Қариза					
		Шанбо	Амр	Ғафория					
		Ғазия	Ҷобир	Банӣ Калоб					
		Умра	Язид	Банӣ Калоб					

Ва нақши ангуштарии ӯ «Муҳаммад расулуллоҳ» салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам буд, ба се сатр ва ангуштарии ӯ аз оҳан буд, сим бар вай печида. Ва шамшери ӯ «зулфиқор» буд номаш ва зиреҳи ӯ «зотулфузул» ном буд ва ҳоҷиби ӯ Унс буд, мавлое буд ва вазири ӯ Абубакри Сиддиқ ва Умар ибн ул-Хаттоб, разийа-л-Лоҳу таъоло анҳо. Ва мавлуди ӯ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, рӯзи душанбе буд ва дувоздаҳуми моҳи рамазон, ба вақти сапедадам, андар Оммфил ва нуҳ сол гузашта аз подшоҳии Нуширвон ал-одил ва ду сол аз мулки Умар ибни Ҳанд, малики Ҳира . Ва падараш фармон ёфт, ӯ думоҳа буд ва модараш фармон ёфт ӯ чаҳорсола буд ва ӯро ҷаддаш парвард, Абдулмуталлиб. Ва чун бимурд, пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, ҳаштсола буд, ӯро ба Абутолиб, писари хеш супурд. Ва Каъба бино карданд банӣ Қурайш ва маккиён, пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва салам сиву панҷ сола буд. Пас хилоф уфтод миёни маккиён аз ҷиҳати бинои ӯ. Иттифоқ бар он ҷумла карданд, ки аз ҳар дуда як тан гӯшаи ридо бигирад ва сангро, ки бино хоҳанд афканд, бар он ридо ниҳанд ва пас Муҳаммад, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, он сангро бар асоси хона ниҳад ва чунин карданд. Ва чун чиҳилсола шуд, ваҳй омад сӯйи вай аз осмон ва Қуръон бар вай фуруд омад рӯзи душанбе, моҳи рабеъу-л-аввал ва аз паси омадани ваҳй сездаҳ сол ба Макка омад. Пас ҳичрат кард ва ба Мадина омад, рӯзи душанбе, дувоздаҳуми моҳи рабеъу-л-аввал санату-л-аввал мин ал-ҳичрат. Даҳ [119] сол он ҷо буд ва фармон ёфт. Абубакри сиддиқ, разийа-л-Лоҳу анҳу ба хилофат биншаст ва аз паси ӯ Умар ва паси ӯ Усмон ва пас Алӣ ва Ҳасан, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳим аҷмаъин.

Ва ман куниятҳову номҳо ва лақабҳо ва номи модарону ҳуҷҷоб ва дабирон ва муҳрҳои ангуштарӣ ва муддати умри ҳар як ва ибтидои хилофати эшон аз они ҳар як инҷо биёвардам ва онро ба ҷадвал кардам, то дарёфтан осон бувад. Ҷадвал ин аст:

[119] Ду

Ададҳо	1	2	3	4	5	6	7
Куниятҳо	Абубакр	Абуҳафз	Абуамр	Абулҳасан	Абумуҳаммад	Абуабдурраҳмон	Абухолид
Номҳо ва насабҳо	Абдуллоҳ ибни Усмон	Умар ибн ал-Хаттоб	Усмон ибни Аффон	Алӣ ибни Абитолиб	Ал-Ҳасан ибни Алӣ	Муовия ибни Абисуфён	Язид ибни Муовия
Лақабҳо	Ас-сиддиқ	Ал-Форуқ	Зу-н-нурайн	Ал-Муртазо	Сибт ал-Муҷтабо		
Номҳои модарон	Уммулхайр Салмо бинти Сахар ?	Ҳантама бинти Ҳишом	Аруй бинти Курайз	Фотима бинти Асад	Фотимат аз-Заҳро	Ҳанб бинти Атиба	Майсун
Ҳоҷибон	Садиф, мавлои ӯ	Рофиъ, мавлои ӯ	Ҳамрон, мавлои ӯ	Қанбар, мавлои ӯ	Қанбар, мавлои падараш	Абуаюб Зиёд	Савфон
Дабирон	Абдуллоҳ Арқам	Зайд ибни Собит	Марвон	Абдуллоҳ ибни Рофиъ	Абдуллоҳ ибни Рофиъ	Сирҷун ар-Румӣ	Сирҷун ар-Румӣ
Муҳрҳои ангуштарӣ	Наъам ал-Қодиру-л-Лоҳ	Кафан билмавт воъизан ё Умар	Оманат биизӣ халақ фасавӣ	Алмалик ул-ҳаққ	Аллоҳу акбар	Ликулли амал савоб	Язид ибни Муовия
Муддати умр	Шасту се	Ҳафтоду панҷ	Ҳаштоду ду	Панҷоҳу ҳашт	Чиҳилу ҳашт	Ҳаштоду як	Сию ҳашт
Ибтидои хилофат	Санаи аҳадӣ ашр	Салос ашр (13)	Арбаъ ва ишрин	Хамс ва салосин	Арбаъин (40)	Арбаъин (40)	Ситтин (60)

	(11)		(24)	(35)			
Муддати хилофат	ب(2)	يا (11)	يا (11)	ه (5)	و ماه(6 моҳ)	يط(19)	د(4)
Ададҳо	8	9	10	11	12	13	14
Куниятҳо	Абулайлӣ	Абуабдуллоҳ	Абулвалид	Абулаббос	Абуайюб	Абуҳафз	Абухолид
Номҳо ва насабҳо	Муовия ибни Язид	Марвон ибн ал-Ҳакам	Абдулмалик ибни Марвон	Ал-Валид ибни Абдулмалик	Сулаймон ибни Абдулмалик	Умар ибни Абдулазиз	Язид ибни Абдулмалик
Лақабҳо	Набуд	Хит ботил	Абулзабоб	Набуд	Набуд	Набуд эч	Набуд
Номҳои модарон	Ум Ҳошим бинти Ҳошим	Омана бинти Ақлама	Ойиша бинти Муовия	Валода бинт ал-Аббос	Умм ал-Валид бинти Аббос	Лайлӣ бинти Осим	Откӣ бинти Язид
Ҳочибон	Савфон	Абусаҳли Асвад	Абуаёш	Саъд Саъид	Абуубайда	Музоҳим, мавлои ӯ	Холид, мавлои ӯ
Дабирон	Сирҷун	Сирҷун	Сирҷун	Каъқоъ ал-Абусӣ	Сулаймон ибни Наим	Лайс ибни Рақба	Усома ибни Зайд
Мухрҳои ангуштарӣ	Аллоҳ аъло	Ал-ғурат лилЛаҳ	Ликулли амал китоб	Ё валидонат майит	Оманат би-Аллоҳ мухлисан	Азман қанаъ	Қанӣ лилҳисоб ?
Муддати умр	Бисту як	Шасту се	Ҳафтоду як	Чиҳил	Сию ҳашт	Сию нуҳ	Бисту як

Ибтидои хилофат	Муҳаррам арбаъ ва ситтин (64)	Зиқаъда арбаъ ва ситтин (64)	Хамс ва ситтин (65)	Ситт ва самонин (86)	Ситт ва тисъин (96)	Самон ва тисъин (98)	Аҳадӣ ва маъта (101)
Муддати хилофат	?	(ماه ج3 моҳ)	پج (13)	ی(10)	ج(3)	ب (2)	د(4) (77)

Ададҳо	15	16	17	18	19
Куниятҳо	Абулвалид	Абулаббос	Абулхолид	Абусҳоқ	Абуабдулмалик
Номҳо ва насабҳо	Ҳишом ибни Абдулмалик	Ал-Валид ибни Язид	Язид ибн ал-Валид	Иброҳим ибн ал-Валид	Марвон ибни Муҳаммад
Лақабҳо	Набуд	Ал-Ошиқ	Ан-Ноқис	Махлуъ	Ал-Ҳимор
Номҳои модарон	Ойиша бинти Ҳошим	Ум Муҳаммад ибни Муҳаммад	Сария	Сария	Лабоба
Ҳоҷибон	Холид ибни Абдуллоҳ а -Туштарӣ	Қутб, мавлои ӯ	Қутб, мавлои падараш	Қутб, мавлои падараш	Саълоб
Дабирон	Солим	Бакр ибни Самоҳ	Бакр ибни Самоҳ	Абдулҳамид ибни Яҳё	Абдулҳамид ибни Яҳё
Муҳрҳои ангуштарӣ	Ал-Ҳаким ал-Ҳаким	Ал-Валид ибни Язид	Наъм ул-қодиру-л-Лоҳ	Ал-қудрат лилоҳ	Таваккали ало холиқӣ
Муддати умр	Панҷоҳу ду	Чиҳилу чаҳор	Бисту ҳашт	Сиву ду	Чиҳилу як
Ибтидои хилофат	Маъта ва хамсата (105)	Маъта ва хамсати ишрин (125)	Маъта ва хамса ва ишрин (125)	Маъта ва ситта ва ишрин (126)	Маъта ва сабъа ва ишрин (127)
Муддати хилофат	ط (19)	ب(2)	و ماه(6 моҳ)	ج ماه(3 моҳ)	ه(5)

(Хатми давлати Бану Умайя) он буд, ки Ҷаъда ибни Дирҳам, ки мавлои эшон буд ва Сарвон ӯро бароварда буд ва ӯро мазҳаби хеш омӯхта буд, чун хабари мазҳаби Ҷаъда ба Ҳишом расид, ӯро ба наздики Холид ибни Абдуллоҳ фиристод, то бикушандаш ба Ироқ.

Ва ба рӯзгори ӯ Абумуслими соҳибуддаъват ба Хуросон берун омад ва даъвати оли расул ошкоро кард. Ва бо Наср ибни Сайёр ҳарб кард ва Насрро аз Хуросон берун кард.

Пас Наср ибни Сайёр ба Ироқ омад ва андар роҳ бимурд. Ва Қаҳтаба ибни Шабибро ба Ироқ фиристод, то Ироқ бигшод ва Язид ибни Умар ибни Ҳубайра, ки аз ҷониби Марвон амири Ироқайн буд, ба ҷанги Қаҳтаба омад ва миёни эшон дар кинори Фурот, дар шаб ҷанг шуд. Ва дар ин шаб Қаҳтаба дар об ғарқ шуд, аммо лашкараш фатҳ карданд ва Язид ибни Умар ибни Ҳубайраро шикастанд. Ва чун сабоҳ аз ғарқи Қаҳтаба хабардор шуданд, Ҳасан ибни Қаҳтабаро амир карданд ва ба Кӯфа рафтанд ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аббосро, ки ба Саффоҳ мулаққаб аст, ба хилофат бардоштанд. Ва Саффоҳ амуи худ Абдуллоҳ ибни Алиро ба ҷанги Марвон фиристод. Ва Абдуллоҳ бо Марвон ҷанги азим карда, зафар ёфт ва Марвон бигурехт ва лашкари Абдуллоҳ бар асари ӯ ҳамешуданд, то ба рӯди Нил бигзаштанд. Охир мар Марвонро ба Миср андар ёфтанд ба қасабаи Айну-ш-шамс ва он ҷо бикуштандаш ва кори Бану Умайя ва давлати эшон ба бад-ӯ хатм шуд ва кори эшон ба сар омад ва аз он ҷо давлат ба Аббосиён расид. Ва дар девони адаб дар китоби Завот[120] ул-салоса дар охирин боб манқул аст ва чунин орад, ки «Алфивам мин арзи Миср қатал баҳо Марвон ибни Муҳаммад охири хулафои Бану Умайя».

БОБИ НУҲУМ
АНДАР АХБОРИ ХУЛАФО ВА МУЛУКИ ИСЛОМ

Абубакри сиддиқ. Ва Абубакр - Абдуллоҳ ибни Усмон ибни Омир ибни Амр ибни Каъб ибни Саъд ибни Тим ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб буд. Ва он рӯз, ки расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, фармон ёфт, ӯ ба хилофат бинишаст андар сақифаи банӣ Соъида. Ва Умар ибн ал-Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу, бар вай намоз кард. Ва ӯро андар ҷоҳилият Абдулкаъб ном буд ва чун дар мусалмонӣ омад, расул, салла-л-

[120] Давот

Лоҳу алайҳи ва саллам ӯро Абдуллоҳ ном кард. Ва ба айёми ӯ андар аҳли Ямома, аҳли Рут[121] муртад шуданд, аз ҷиҳати бидодани закот ибо карданд ва ӯ ҷиҳод карду мардуми бисёр аз эшон бикушт, то ба тоат омаданду тавба карданд. Ва Умар ибн ал-Хаттобро андар санаи аҳадӣ ашр (11ҳ.) бифиристод, то ҳаҷ бикард. Ва Ямомаро ӯ бигушод ва Мусайламат ал-каззобро ва Асвадулунсиро[122] ӯ кушт. Ва андар санаи аснӣ ашр (12ҳ.) ҳаҷ бикард ва чун ба Мадина расид, лашкар ба Шом фиристод, андар санаи салас ашр (13 ҳ.) ва чун ӯ бимурд, эшон аз роҳ бозгаштанд. Ва фарзандони ӯ, разийа-л-Лоҳи анҳу, Абдуллоҳу Муҳаммад ва Асмоъу Ойиша буданд.

Умар ибн ал-Хаттоб. Ва Абуҳафс Умар ибн ал-Хаттоб ибни Нуфайл ибни Абдулузӣ ибни Риёҳ ибни Абдуллоҳ ибни Қурт ибни Ризоҳ ибни Адӣ ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Фаҳр буд. Ва нидои ҳаққ бар дари Каъба ӯ ошкоро кард ва фарқ кард миёни ҳаққу ботил. Бад-ин сабаб ӯро Форуқ лақаб карданд. Ва андар хилофати ӯ фатҳҳои бисёр мар мусалмононро баромад ва ҷойҳои бисёр гушода шуд ва чун Байтулмақдис ва Димишқ гушода шуд ба дасти Холид ибн ал-Валид ба сулҳ ва Майсону Бармук ва Аҳвоз, шаҳрҳо гушода шуд ба дасти Абумӯсо ал-Ашъарӣ ва Наҳованд гушода шуд ба дасти Нуъмон ибни Муқран. Ва ҳарби Қодисия ба рӯзгори ӯ буд, ки Холид ибн ал-Валид биёмад ва лашкари ӯ пеши Аҷам омад ва ба дашти Қодисия баровехтанд ва сипоҳи Аҷам ҳазимат шуданд. Ва Яздичурд ибни Шаҳриёр, ки малики Аҷам буд, бигурехт ва Холид ибн ал-Валид биёмаду Ироқро фатҳ кард ва ганҷҳои мулуки Аҷамро, ки аз чаҳор ҳазор сол боз ниҳода буданд, ҳама бардошт ва он чи насиби Умар омад, ба Мадина фиристод. Ва фатҳи Ироқ андар санаи самон ашр (18 ҳ.) буд. Ва фарзандони ӯ Абдуллоҳ ва Ҳафса ва Убайдуллоҳу Осим ва Фотимаву Абушаҳма ва Абдурраҳмон буданд. Ва ӯро Абулвалво, ғуломи Муғийра кушт.

Усмон ибни Аффон. Абуумар Усмон ибни Аффон ибни Абилос ибни Умайя ибни Абдушшамс ибни Абд Маноф ибни Қусо ибни Килоб ибни Мурра буд ва кунияти ӯ Абуабдуллоҳ низ буд. Ва ӯ ба ду духтар мар расулро, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, домод буд. Ва сахт мунъим буд. Ва чун ба хилофат нишаст, нахустин сипоҳ ба Рай фиристод ба Абумӯсо Ашъарӣ ва онро бигушоданд. Пас Искандария бигшод, пас Шобур, пас Африқия, пас Қибрис аз савоҳили дарёи Рум. Пас Марв гушода

[121] Бани Рут
[122] Асвадулайниро

шуд бар дасти Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз. Ва фарзандони ӯ Абдуллоҳ ул-кабир ва Абдуллоҳ ус-сағир ва Умару Аббон ва Холиду Амру Саъиду Валид ва Умми Саъиду Муғийра ва Абдулмалику Умми Аббону Умми Умар ва Ойиша буданд.

Ва ӯ андар хонаи хеш нишаста буд, ки ғавғо биёмаданду қасди ӯ карданд ва хона бар вай ҳисор карданд. Пас ғавғо андар уфтод ва ӯро бикуштанд. Ва ӯ ҷомеъи Қуръон пеш ниҳода буд ва Қуръон ҳамехонд ва чун ӯро бикуштанд, он Қуръон аз хуни ӯ биёлуд ва то бад-ин ғоят ҳамчунон монда аст.

Ва Қуръон ӯ ҷамъ кард ва тартиб ниҳод. Ва моли ғаноим байтулмол овардан ӯ бинҳод. Ва лашкарро бистгонӣ кард. Ва дахли байтулмолро андар хазина ниҳод.

Алӣ ибни Абитолиб, караму-л-Лоҳи вачҳа, разийа-л-Лоҳи анҳу, Абулҳасан Алӣ ибни Абитолиб ибни Абдулмуталлиб ибни Ҳошим буд, писари амми расулуллоҳ, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам. Ва лақаби ӯ Ҳайдар ул-каррор буд. Ва нахустин касе, ки бар пайғамбар бигаравид ва андар мусалмонӣ омад, ӯ буд. Ва муборизи ислом буд ва шамшери дин бизад ва чунин гӯянд, ки ҳаргиз ҳеч ҷонвареро беш аз як захм назада буд, илло ба захми нахустин кушт.

Ва фарзандони ӯ Ҳасану Ҳусайну Муҳсин ва Умму Кулсум ул-акбар ва Зайнаб ул-акбар. Ин ҳама аз Фотима бинти расулуллоҳ, сала-л-Лоҳи алайҳи ва саллам буданд. Ва Муҳаммаду Убайдуллоҳ ва Абобакру Умар ва Руқияву Яҳё ва Ҷаъфару Аббосу Абдуллоҳ ва Рамлаву Уммулҳасан ва Умму Кулсум ас-сағир ва Ҳамонаву Маймуна ва Хадичаву Фотима ва Уммулкирому Нафиса ва Уммуссалмаву Имома ва Умму Абиҳо аз занони дигар буданд.

Ва ҳарби Ҷамал ӯ кард андар санаи ситта ва саласин (36 ҳ.) ва ҳарби Сиффин ӯ кард андар сабъа ва саласин (37 ҳ.) бо Муовия ва шомиён. Ва шомиёну Муовия бо ӯ бисёр ҳиллатҳо карданд ва заръ карданд ва Амр ибни Ос тадбирҳо кард аз баҳри Муовия ва Муовия ба ишораи ӯ талбисҳо кард, то мулк бигирифтанд. Ва пайғамбари мо, сала-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, ӯро биситуд ва гуфт: «Инна абнӣ ҳазаин саййидо шабоб аҳли ҷаннати ва абуҳумо хайра минҳумо, яънӣ Алҳасан ва Алҳусайн ва абуҳумо ало хайра минҳумо». Ва бисёр хабар омада аст андар фазли ӯ ва оят омада аст андар шаъни ӯ, разийа-л-Лоҳи анҳу.

Охир кушта шуд ва шаҳодат ёфт бар дасти Абдурраҳмон ибни Мулҷим ал-Муродӣ.

Ал-Ҳасан ибни Алӣ ибни Абитолиб, кунияти ӯ Абумуҳаммад ва ӯ набераи пайғамбар буд, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва гузидаи Худой, азза ва ҷалла, буд ва ситудаи расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам. Ва чунин гӯянд, ки ҳеч кас ба сурати пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, монандтар аз ӯ набуд.

Ва байъат карданд ӯро ба Кӯфа, ба ҷойе, ки онро Маскан гӯянд. Ва Муовия амири Шом буд ва ба Маскан омаданд ва сафирону миёнҷиён дар миён шуданд ва ҳамебигуфтанд, то Ҳасанро пашемон карданд. Ва чун Ҳасан донист, ки бо Муовия ба ҳиллату талбис муқовимат натавонад кард, иҷобат кард ва кор ба ӯ супурд ва на бар муроди хештан назъ. Ва чун ин қарор биюфтод, Муовия сӯи Шом рафт ва Ҳасан сӯйи Мадина бозшуд. Ва Муғийрат ибни Шаъбаро ба Кӯфа амир кард ва Абдуллоҳ ибни Омир бар Басра.

Ва чунин гӯянд, ки Муовия мар зани Ҳасан, номи ӯ Ҷаъда бинт ал-Ашъас ибни Қайс ал-Киндиро понсад ҳазор дирам бипазируфт, то ӯ мар Ҳасанро заҳр бидод ва андар ӯ кор кард ва аз он заҳр хӯрдан бимурд.

Рӯзгори вилояти Бану Умайя. Ва Абуадбурраҳмон Муовия ибни Абисуфён Сахр[123] ибн ал-Ҳарб ибни Умайя ибни Абдушшамс буд ва чун ба вилоят нишаст, Амр ибн ал-Ос ӯро гуфт: «Ту на мустаҳаққи ин кор будӣ ва бад-ин, ки расидӣ, ба иттифоқ расидӣ. Агар раиятро тааллуф кунӣ, ин бар ту ва бар фарзандони ту бимонад ва агар ситам кунӣ, аз ту бишавад ва ҷони ту андар ин бишавад».

Ва чун вилояти Бану Умайя ба Марвон расид, ки ӯро Марвони ҳимор гуфтандӣ, Абумуслим Абдурраҳмон ибни Муслим ба Хуросон берун омад ва бо Наср ибни Сайёр ҳарб кард ва Насрро ҳазимат гардонид. Ва ӯ аз Хуросон бигурехт ва ба Ироқ омад ва он ҷо бимурд. Ва Марвони ҳиморро аз Ироқ ҳазимат кард ва сӯйи Миср бигурехт. Ва лашкар бар асар бифиристод ва ба Миср, ба шаҳри Айну-ш-шамс ӯро дарёфтанд ва бикуштанд ва сари ӯ ба наздики Абумуслим оварданд. Ва давлати Аббосиён падид омад ва Маҳдӣ Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ас-Саффоҳ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, ба хилофат биншаст.

Ва ман таворихи Аббосиён ин ҷо биёвардам, ҳам бар он ҷумла, ки аз Бану Умайя бувад ва ду ҷадвал андар ин зиёда кардам, яке номи вузаро ва дигар номи қузот. Ва ҷадвал ин аст, ки падид кардам:

[123] Сахр

Лақабҳо	Ас-Саффоҳ	Ал-Мансур	Ал-Маҳдӣ	Ал-Ҳодӣ	Ар-Рашид	Ал-Амин	Ал-Маъмун
Куниятҳо	Абулаббос	Абуҷаъфар	Абуабдуллоҳ	Абумуҳаммад	Абуҷаъфар	Абуабдуллоҳ	Абулаббос
Номҳо	Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ	Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ	Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Мансур	Мусо ибни Муҳаммад ал-Маҳдӣ	Ҳорун ибн ал-Маҳдӣ	Муҳаммад ибни Ҳорунаррашид	Абдуллоҳ ибни Ҳорунарраш ид
Модарон	Райта бинти Убайдуллоҳ	Сулома бинти Зайд	Умм Мусо бинти Мансур	Хизрон	Хизрон	Зубайда бинти Ҷаъфар	Мароҷили Бодғисӣ
Вазирон	Абусалмат ал-Хилол	Холид ибни Бармак	Абуабдуллоҳ	Рабиъ ибни Юнус	Фазл ибни Рабиъ ва Яҳё ибни Холид	Ал-Фазл ибн ал-Рабиъ	Ал-Фазл ибни Саҳл
Қозиён	Яҳё ибни Саъд	Усмон ибни Умар Тамимӣ	Ибни Алоса Ақилӣ	Яъқуб ибни Довуд	Абуюсуф	Исмоил ибни Ҳамод	Яҳё ибни Аксам ва Воқидӣ
Дабирон	Абулҷаҳм ибни Атия	Абдулҳамид ибни Яҳё	Абдуллоҳ ибни Муовия		Авн ибни Абдуллоҳ	Исмоил ибн ал-Сабиҳ	Абуибода Собит ибни Яҳё
Ҳоҷибон	Холид ибни Майсам	Шарик ибни Абдуллоҳ	Ал-Ҳасан ибни Усмон	Фазл ибни Рабиъ	Ал-Аббос ибн ал-Фазл	Ал-Аббос ибн ал-Фазл	Ал-Ҳасан ибни Саҳл

Муҳри ангуштарӣ	Аллоҳ сиққат Абдуллоҳ	Аллоҳ сиққа Абдуллоҳ ваби явман	Ал-Иззат лилоҳ	Аллоҳул-Азим	Би-Лоҳи ясақ Ҳорун	Ҳасабӣ ал-Қодир	Аллоҳ сиққа Абдуллоҳ ваби явман
Муддати умр	Сию се сол	Шасту панҷ	Чиҳилу панҷ	Бисту шаш	Чиҳилу панҷ	Бисту ҳашт	Чиҳилу ҳашт
Ибтидои хилофат	Моъа ва аснӣ ва саласа (132)	Моъа ва ситта ва саласин (136)	Моъа ва самоният ва хамсин (158)	Моъа ва тисъ ва ситтин (169)	Моъа ва сабъин (170)	Моъа ва саласа ва тисъин (193)	Моъа ва самония ва тисъин (198)
Аҳди хилофат	د(4)	كب(22)	ى(10)	ا(1)	كج(23)	د و 4 солу 6 моҳ)	كا(21)

Лақабҳо	Ал-Муътасим Биллоҳ	Ал-Восиқ	Ал-Мутаваккил Ала-л-Лоҳ	Ал-Мунтасир Биллоҳ	Ал-Мустаъин Биллоҳ	Ал-Муътаз Биллоҳ	Ал-Муҳтадӣ Биллоҳ
Куниятҳо	Абуисҳоқ	Абуҷаъфар	Абулфазл	Абуҷаъфар	Абуисҳоқ	Абуабдуллоҳ	Абуабдуллоҳ
Номҳо	Муҳаммад ибни Ҳорунаррашид	Ал-Муътасим Борун ибни Муҳаммад	Ал-Муътасим Ҷаъфар ибни Муҳаммад	Муҳаммад ибни Ҷаъфар ал-Мутаваккил	Аҳмад ибни ал-Муътасим	Муҳаммад ибни Ҷаъфар ал-Мутаваккил	Муҳаммад ибни Ҳорун ал-Восиқ
Модарон	Моруда	Қаротис ар-Румия	Шуҷоъ ат-Тухорӣ	Ҷайшият ар-Румия	Махорик	Фатиҳат ар-Румия	Қурб ар-Румия

Вазирон	Умар ибни Саъд	Муҳаммад ибни Абдул-малик	Убайдуллоҳ ибни Яҳё	Аҳмад ибн ал-Хасиб	Абусолиҳ	Аҳмад ибни Исройил	Ҷаъфар ибни Маҳмуд
Қозиён	Аҳмад ибни Абиабдуллоҳ	Аҳмад ибни Абиабдуллоҳ	Ҷаъфар ибни Абдулвоҳид	Ҷаъфар ибни Абдулвоҳид	Сулаймон ибни Алӣ	Ҷаъфар ибни Муҳаммад	Ал-Ҳусайн ибни Маҳмуд
Дабирон	Аҳмад ибни Ибода	Аҳмад ибни Абидовуд	Аҳмад ибни Абидовуд ва ал-Фазл	Сулаймон ибни Ваҳаб	….	Ҷаъфар ибни Маҳмуд	….
Ҳоҷибон	Васиф ат-Туркӣ	Васиф	Буғо ал-Кабир	Васиф	Уртомиш	….	Солиҳ ибни Юсуф
Муҳри ангуштарӣ	Иътисамат Биллоҳ	Ал-Восиқ Биллоҳ	Таваккалат Ала-л-Лоҳ	Антасарут Биллоҳ	….	Ал-Муътаз Биллоҳ	….
Муддати умр	Чиҳилу нуҳ	Сию шаш	Чиҳил	Сию панҷ	Бисту ҳашт	…..	Сию панҷ
Ибтидои хилофат	Маъатӣ ва самоният ашр(218)	Маъатӣ ва сабъат ва ишрин (227)	Маъатӣ ва аснӣ ва саласа (232)	Маъатӣ ва ситт ва арбаъин (246)	….	Маъатӣ ва аҳадӣ ва хамсин (251)	….
Аҳди хилофат	ح ح (8 солу 8 моҳ)	ه(5)	يه (15)	و (6)	د(4)	د(4)	ا (1)

Лақабҳо	Ал-Муътамид Ала-л-Лоҳ	Ал-Муътазид	Ал-Муктафӣ Биллоҳ	Ал-Муқтадир Биллоҳ	Ал-Коҳир	Ар-Розӣ Биллоҳ	Ал-Мутақӣ Биллоҳ
Куниятҳо	Абулаббос	Абулаббос	Абумуҳаммад	Абулфазл	Абумансур	Абулаббос	Абуисҳоқ
Номҳо	Аҳмад ибни Ҷаъфар ал-Мутаваккил	Ал-Муваффақ Аҳмад ибни Абиаҳмад	Алӣ ибни Аҳмад ал-Муътазид	Ҷаъфар ибни Аҳмад ал-Муътазил	Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Муътазил	Муҳаммад ибни Ҷаъфар ал-Муқтадир	Иброҳим ибни Ҷаъфар ал-Муқтадир
Модарон	Фатиён	Зарор	Ҷиҷак ат-Туркия	Шуъаб	Қабул	Залум	Хилуб ар-Румия
Вазирон	Абдуллоҳ ибни Яҳё	Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Сулаймон	Қосим ибни Убайдуллоҳ	Алӣ ибни Мӯсо	Муҳаммад Муқла	Абулқосим ибни Сулаймон	Ал-Ҳасан ибни Маймун
Қозиён	Ибни Абиассвод	Исмоил ибни Исҳоқ	Юсуф ибни Яъқуб	Ал-Ҳасан ибн ал-Қосим	Абуҷаъфар Муҳаммад ибн ал-Қосим	Абулҳасан Умар ибни Муҳаммад	Абулҳасан ибни Муҳаммад
Дабирон	Солиҳ Аҳмад	Ал-Қосим ибни Убайдуллоҳ	Ал-Аббос ибн ал-Ҳусайн	Сулаймон ибни Ҳасан	Абулаббос ….	Аз-Закӣ	Салома
Ҳоҷибон	…	Фатҳ ва Хафиф	….	Савсан	….	Абулҳасан ибни Саъд ибни Умар	Абулаббос ал-Исфаҳонӣ

Муҳри ангуштарӣ	Ал-Муътамид Ала-л-Лоҳ	….	…..	Ал-Насб Биллоҳ	….	Разият Биллоҳ	Ал-Мутақӣ Биллоҳ
Муддати умр	….	Сию як	….	Сию ҳафт	…..	…..	Сию чаҳор
Ибтидои хилофат	Маъатӣ ва ситтӣ хамсин (256)	….	…..	Маъатӣ ва хамсат ва тисъин (295)	Саласмоъа ва ишрин (320)	Аснӣ ва ишрин ва саласмоъа (322)	Тисъат ва ишрин ва саласмоъа (329)
Аҳди хилофат	ك(23)	ى(10)	و (6)	ك(25)	او(1 солу 6 моҳ)	ز(7)	د (4)

Лақабҳо	Ал-Мустакфӣ Биллоҳ	Ал-Мутиъ Лилаҳ	Ат-Тоиъ Лилаҳ	Ал-Қодир Биллоҳ	Ал-Қоим Биамруллоҳ
Куниятҳо	Абулқосим	Абулқосим	Абубакр	Абулаббос	Абуҷаъфар
Номҳо	Абдуллоҳ ибни Алӣ ал-Муктафӣ	Афзал ибни Ҷаъфар ал-Муқтадир	Абдулкарим ибн ал-Фазл ал-Мутиъ	Аҳмад ибни Исҳоқ ибни Ҷаъфар	Аҳмад ибни Аҳмад ал-Қодир
Модарон	Ғасан	Машъала	Атаб ал-Армения	….	Бадр ад-Дачӣ
Вазирон	Абулфарач ас-Сомирӣ	Абулфатҳ	Абулфатҳ	….	…..
Қозиён	Муҳаммад ибни Қариъа	Муҳаммад ибни Қариъа	Муҳаммад ибни Қариъа	Абулфазл	…..
Дабирон	Аҳмад Хоқон	Бадр аш-	Абдулмалик	Абулфазл	….

		Шаробӣ	ибни Бадр	Муҳаммад ибни Абдулкарим	
Ҳоҷибон	Абумуҳаммад ал-Халодӣ	Абдуллоҳ ибни Сахӣ	Абумуҳаммад ал-Муҳаллабӣ	.....	….
Муҳри ангуштарӣ	Аллоҳ кофӣ	Ал-Мутиъ Лилаҳ	Ал-Тоиъ Билоҳ	Ал-Қодир Биллоҳ	Ал-Қоим Биамруллоҳ
Муддати умр	Сию ҳафт	Панҷоҳу панҷ	Чиҳилу ду	Шасту панҷ	…..
Ибтидои хилофат	Салас ва салосин ва саласмоъа (333)	Арбаъ ва саласин ва саласмоъа (334)	Арбаъ ва ситтин ва саласмоъа (364)	Аҳадӣ ва самосин ва саласмоъа (381)	Салас ва ишрин ва арбаъмоъа (423)
Аҳди хилофат	ا (1)	ل(30)	يز(17)	ما(41)	.....

ХИЛОФАТ ВА ДАВЛАТИ БАНӢ АББОС ИБНИ АБДУЛМУТАЛЛИБ

Абулаббос ас-Саффоҳ. Ва чун Марвон кушта шуд ва кори Абумуслим боло гирифта буд ва ӯ ба фармони Иброҳим ал-Имом, разийа-л-Лоҳи анҳу, он шуғл ҳамекард, пас чун душман заъиф гашт, кас ба Мадинаи расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, фиристод ва Иброҳим ал-Имомро, разийа-л-Лоҳи анҳу, хабар бидод, ки Хуросон ва Ироқ аз хасм холӣ шуд. Ва чун расули Абумуслим ба наздики Иброҳим ул-Имом, разийа-л-Лоҳи анҳу, расид, андар он вақт ҳанӯз Марвони ҳимор зинда буд. Ба иттифоқ кас фиристода буд ва понсад сувор, то Иброҳим ал-Имомро ба ақвоми ӯ ба Димишқ баранд ва чун Иброҳим чунон дид, мар Абулаббосро, бародари хеш валиаҳд кард ва ин расулро гуфт, ки «ин бурно бародари ман аст, валиаҳди ман аст, Абумуслимро бигӯй, ки ӯро ба ҷой бидоранд». Ва худ ба наздики ин фиристодаи Марвон рафт ва ин ҳама кӯдакон ва ҳошиятро дар хона кард ва дар бибастанд ба фармони ӯ. Пас ин расули Абумуслим аз боғе, ки бар киронаи шаҳр буд, сумҷ бурид ва нахуст баромад ва он ҳама кӯдакони ӯро бад-он роҳи сумҷ берун бурданд. Ва андар бодия рафт ва он расул андар он бодия фармон ёфт ва Абулаббосу бародараш Абуҷафъар бо атфолу занон ба Кӯфа омаданд. Ва Абусалмат ал-Халлол амири Кӯфа буд ба фармони Абумуслим. Ва чун Иброҳим ал-Имом мурда буд, ӯро майл ба алавиён уфтод ва Абулаббосро иҷобат накард ва мудофиъат ҳамекард, то Абулаббос ба рағми ӯ андар Кӯфа омад ва чора надид. Абусалмат пеши ӯ омад ва бо вай байъат карданд рӯзи одина чаҳордаҳуми моҳи рабеъу-л-охир санаи аснӣ ва саласин ва моя (132 ҳ.)

Ва чун ба хилофат биншаст, лашкарҳо ба ҳар ҷонибе бифиристод, бо амми хеш Абдуллоҳ ибни Алӣ сӯйи Шом. Ва Абуавн ва Қаҳтаба бар асари Марвон ҳамешуданд то ба Миср. Ва мар Марвонро Омир ибни Исмоил кушт ва сари ӯ бибурид, сӯйи Абулаббос фиристод. Ва Марвонро андар ҳазимат пурсиданд, ки «бад-ин ҳол аз чӣ уфтодӣ», гуфт: «аз хор доштани номаҳои Наср ибни Сайёр».

Абулаббос бародари хеш Абуҷаъфарро ба Хуросон фиристод, то байъати Абумуслимро ва ҳамаи бузургони Хуросон бистад. Ва Абулаббосро мар Абумуслим аз ҳоли Абусалмат ал-Халлол огоҳ кард. Абумуслим мар Марор ибни Унсро бифиристод ва ҳарб карданд ва ӯро бикуштанд. Ва Абулаббоси Саффоҳро чун ҳоли хилофат мустақим гашт ва фориғдил шуд, аз паси хеш

мар бародари хеш Абуҷаъфар ал-Мансурро байъат кард ва аз паси ӯ Алӣ ибни Исоро. Ва Абулаббос андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи ситта ва саласин ва моъа (136 ҳ.) фармон ёфт.

Абуҷаъфар. Чун Абуҷаъфар Абдуллоҳ ибн ал-Аббос ибни Абдулмуталлиб ба хилофат биншаст, ҳама кас ӯро байъат кардand, магар амми ӯ Абдуллоҳ ибни Алӣ, ки ба Шом буд ва қасди Ироқ кард. Ва Мансур Абумуслимро бифиристод, то бо вай ҳарб кард ва Абдуллоҳ ибни Алиро ҳазимат кард ба Нисибин ва ҳамаи хостаи ӯ ғанимат кард ва ӯро асир гирифту ба наздики Мансур фиристод.

Ва чун Абумуслим ин корҳо бикард ва ҳама бар дасти ӯ ҳамебаромад, Мансурро он ҳама хуш наёмад ва ба хештан битарсид. Пас рӯзе мар Абумуслимро пеш хонду бисёр бигуфт ва андар хашм шуд ва бифармуд, то Абумуслимро ҳамон ҷо пеши ӯ бикуштанд.

Ва Абулаббос валиаҳд аз паси Мансур мар Алӣ ибни Исоро карда буд ва Мансурро он ҳол ҳаме хуш наёмад ва хост, ки байъати Алӣ ибни Исоро бозситонад ва писари хеш Абуабдуллоҳ Муҳаммад ал-Маҳдиро байъат кунад. Ва чанд гуна ҳилатҳо сохт ва мардумонро пеш кард ва аз Алӣ ибни Исо молҳо ва вилоят пазируфт, иҷобат накард ва хештанро халъ накард. Ва пас ба ҳилат машғул гашт ба табоҳ кардани Алӣ ибни Исо ва мар Абдуллоҳ ибни Алиро ба дасти Алӣ ибни Исо бидоду гуфт: «инро бикуш, то ману ту эман гардем». Ва Алӣ ибни Исо мар Абдуллоҳ ибни Алиро пинҳон карду гуфт: «куштам».

Ва пас Мансур мар банӣ Ҳошимро байъат кард, то Абдуллоҳ ибни Алиро аз вай бихостанд ва шафоъат карданд ва эшонро иҷобат карду гуфт: «Аз Алӣ ибни Исо бихоҳед ӯро». Алӣ ибни Исо гуфт: «Мар Абдуллоҳ ибни Алиро ба фармони амиралмуъминин бикуштам». Мансур мункир шуду гуфт: «Ман нафармудам». Пас басе шағаб карданд ва андар Алӣ ибни Исо овехтанд. Мансур гуфт: «Ҳар чӣ хоҳед бикунед». Эшон шамшер биёварданд ва хостанд Алӣ ибни Исоро то қасос кунанд. Алӣ ибни Исо пеши Мансур омад, гуфт: «Ё амиралмуъминин, нек сиголидӣ, вале бираведу Абдуллоҳ ибни Алиро зинда биёваред». Ва бад-ӯ супурд ва ӯ Абдуллоҳ ибни Алиро гуфт, ки «ё амм, агар хуни ту бирехтӣ, хуни даҳ ҳазор мардум бирехтӣ». Пас ӯро гуфт: «Андар ин хона шав, то бо ту ҳадисе гӯям». Ва ӯ андар он хона шуд ва низ кас ӯро надид. Ва ҳар гуна ҳилат ҳамекард, то Алӣ ибни Исо сутуҳ гашт, пас хештанро халъ кард ва Мансур байъати Маҳдӣ бистад ва Алӣ ибни Исоро даҳ ҳазор бор ҳазор

ҳазор дирам фиристод ва хилъату зайъатҳои нафис ва амирии Кӯфа бад-ӯ бидод.

Чун дил аз кори Алӣ ибни Исо фориғ кард, Бағдод бино кард ва тамом кард ва ҷиср бибаст. Ва гирдогирди Басра ва гирди Кӯфа ӯ девор кашид ва моли он бар аҳли шаҳрҳо ҷибоят[124] кард. Ва васиятҳо неку бикард ӯро ва аз баҳри Маҳдӣ ба Русофа кӯшке сохт. Ва андар он вақт бар Холид ибни Бармак хашм гирифт ва се бор ҳазор ҳазор дирам ӯро мусодара кард. Ва ба рӯзгори ӯ ба Озарбойҷон хаворичӣ берун омаданд, ӯ мар Холид ибни Бармакро бифиристод, то он фитнаро биншонд.

Ва ба Хуросон Устодсис аз ҷониби Систон берун омад бо сесад ҳазор мард. Мансур мар Маҳдиро он ҷо фиристод, то он фитнаро биншонд. Ва Абдуллоҳ ибн ал-Аштар ба ноҳияти Бусту Рахуд берун омад ва даъват ошкоро кард, охир бигурехт ва ба замини Синд бишуд ва он ҷо муқом кард ва ӯро ақиб монд бисёр. Ва Мансур ба ҳаҷ рафт ва ноланда шуд. Ва иллати исҳол ёфт ва андар он иллат бимурд.

Ал-Маҳдӣ. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Мансур ба мамлакат биншаст ҳам андар он рӯзи вафоти Мансур. Ва дар миёни рукну муқом ӯро байъат карданд ва ҳеч халифа-теро ин набуд. Ва чун ангуштарӣ ва бурду қазиби пайғамбари мо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, бар дасти мубораки мавлои Мансур ба наздики Маҳдӣ расид, ҳашаму аҳли Бағдодро ба байъат хонд, ҳама иҷобат карданд ва байъат пазируфтанд.

Ва чун Маҳдӣ ба подшоҳӣ биншаст, расмҳои неку овард: аввал коре зиндони Бағдод арз кард ва ҳамаи гуноҳкоронро озод кард, магар касе, ки қасди мулк карда буд, ё хасмон доштанд ба хуни ӯ. Лашкари азим бисохт ва ба Рум фиристод бигшодан. Ва писари Марвони ҳимор ба Шом буд ва чанд гоҳ мутанаккир буд, чун хабар ба Маҳдӣ оварданд, ӯро амон бидод, то биёмад ва чун ба наздики ӯ омад, ӯро итлоқ кард, то ҳар куҷо хоҳад биравад. Ва ҳаҷ кард ва масҷиди пайғамбарро, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, ободон кард, дебоҳо ки андар Каъба карда омада буд, фармуд, то ҳама фурӯ гирифтанд ва ба дарвешон бахшид ва дебои насаҷи мусаққали бешбаҳо андар хона кашид, чунонки ба қимати он ҳама дебоҳо буд.

Ва чун ба ҳаҷ рафт, бо тараву тараб гашт андар ҷоҳо ва ба пушти уштурон ҳамебурданд, то ба Макка расид. Ва андар ҳама роҳ мар ҳоҷи Хуросонро таъаҳҳуд кард. Ва фармуд, то Алӣ ибни Исо хештанро дигарбора халъ кард ва аз аҳди Рашид берун

[124] ҷиноят

овард ва пас мар ӯро бист бор ҳазор ҳазор дирам бахшид ва мар писари хеш Мӯсо ал-Ҳодиро байъат бистад ва ӯро валиаҳди хеш кард.

Ва Муқаннаъи испедҷома ба рӯзгори ӯ берун омад ва даъват кард халқро ба дини таносухиён ва охир зиштҳо гуфт ва бисёр мардум бар ин Муқаннаъ фитна шуданд. Ва сабаб он буд, ки бар рӯй ҷароҳат дошт ва рӯй ба кас нанамудӣ. Ва чун ин хабар ба Маҳдӣ расид, Мусаййаб ибни Заҳирро ба ҳарби ӯ фиристод ва он ҷо рафту бисёр ҳарбҳо кард ва чанд вақт андар он бимонд, то саранҷом лашкари Муқаннаъ мақҳур гаштанд ва он ҳисорҳо, ки муқаннаъиён гирифта буданд, ҳама бозситад. Ва чун ба он қалъа расид, ки Муқаннаъ будӣ, бисёр ранҷ дид, то онро бигирифт ва Муқаннаъ чун чунон дид, заҳр хӯрду бимурд. Ӯро мурда биёфтанд андар он қалъа. Сари ӯро буриданд ва сӯйи Маҳдӣ фиристод. Ва чун дил аз ҳадиси Муқаннаъ ва фитнаи ӯ фориғ гашт, Маҳдӣ ба замини Мавсил, ба ҷойе, ки он ҷойро Мавсил гӯянд, ду байт шеър шунид, ки ҳеч касро надид, ҳам андар вақт бимурд, бе ҳеч иллате, ки ӯро буд.

Ал-Ҳодӣ. Абулқосим Мӯсо ибни Муҳаммад ал-Маҳдӣ буд. Ва андар он вақте ки Маҳдӣ фармон ёфт, ӯ ба Табаристон буд ва бо шарурин ҳаме ҳарб кард. Ва ангуштарӣ ва қазибу бурди пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, Насри ҳоҷиб ба наздики Ҳодӣ бурд. Ва лашкар ба Бағдод дирами байъатӣ хостанд, Рабеъи ҳоҷиб набуд, лашкар бишӯриданд ва Рабеъ пинҳон шуд. Хонаи Рабеъ ғорат карданд. Ва Яҳё ибни Холид Рабеъро маломат кард ва битарсид, ки набояд фитна хезад ва андар миён шуду сулҳ кард бар ҳаждаҳмоҳа атмоъи эшон ва сим аз Хизрон[125], модари Ҳорун бистаданд ва ба сипоҳ бидоданд, то он шӯриш биншаст ва ҳамаи мардумон Ҳодиро байъат карданд. Ва чун ин хабар ба Ҳодӣ расид, сахт писандид аз Яҳё ва ӯро шукр кард ва лашкар бар сипоҳсолор бигзошту худ ба Бағдод омад ва корҳоро неку забт кард.

Ва Ҳусайн ибни Алӣ ал-Ҳуснӣ ба рӯзгори ӯ берун омад аз Мадина ва амири Мадина Умар ибни Адулазиз буд ва ӯ набасаи Умар ибн ал-Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу буд. Ва сабаби берун омадани ин Ҳусайн ал-Алавӣ он буд, ки Умар Абулбаъсро, ки писари амми Ҳусайн буд, маст бигирифт ва ҳадд бизаду боздошт ва чун Ҳусайн шафоъат кард, иҷобат накард. Пас хашм гирифт ва он шаб берун омад, андар моҳи зу-л-қаъда ва Умар пинҳон

[125] Хизрона

шуд. Ва Бухолиди Барбарӣ[126] бо Ҳусайн ҳарб кард ва Бухолид кушта шуд ва дувист марди ӯ ҳазимат шуданд. Ва чун вақти мавсими ҳаҷ буд, рӯзи тарвия буд бо Муҳаммад ибни Сулаймон ҳарб карданд ва Ҳусайн кушта шуд ва лашкараш ҳазимат шуд ва ин андар санаи тисъ ва ситтин ва моъа (169 ҳ.) буд.

Ва андар марги Ҳодӣ хилоф карданд, баъзе гӯянд ӯ ба Мавсил бимурд ба шаҳре, ки онро Ҳадиса[127] гӯянд, се рӯз бемор буд. Ва баъзе гӯянд, модари Ҳодӣ аз Ҳодӣ биёзурда буд, он ки модарро неку надоштӣ ва низ ҷафоҳо кардӣ бо вай. Рӯзе Ҳодӣ биринҷ хӯрда ва табақи нимхӯрда ба наздики Хизрон модари хеш фиристод, заҳр бар ӯ пошид ва гуфт: «як нима ман хӯрдаам, ин нима ту бихур». Ва Хизрон ба шак шуд, бифармуд, то пеши саг андохтанд ва андар соат саг бимурд. Пас Хизрон канизаконро молҳои бисёр пазируфту гуфт: «чун Ҳодиро маст ёбед, болиш бар даҳани ӯ ниҳед ва дасту пойи ӯ бигиред, то бимирад». Ва ҳамчунон карданд. Чун Ҳорун бо Яҳё ибни Холид бигуфт, Яҳё Ҳорунро бигуфт, то мудофаъат кард ва ба Қаср ул-муқобил рафту даҳ рӯз он ҷо муқом кард ва то вай бозомад, Ҳодӣ сипарӣ шуда буд.

Ва баъзе гӯянд, сабаби марги Ҳодӣ он буд, ки бо Саъид ибни Салм бар манзаре биншаста буд ва дурудгаре парда ҳамесохт. Ҳодӣ гуфт: «Тири ман он ҷо расад?!» Саъид гуфт: «Пиндорам, ки расад!» Тир бияндохт, бар ишками дурудгар омаду гузора кард ва дурудгар дар вақт бимурд. Ҳодиро ханда гирифт, ҳеч наяндешиду бисёре бихандид. Андар соат пушту пояш бихорид ва бусуре падид кард ва ба хориш истод ва омос карду рим кард ва ганда шуд. Ду рӯз бизисту бимурд ва хуни он дурудгар ӯро бигирифт.

Ар-Рашид. Абуҷаъфар Ҳорун ибни Муҳаммад ал-Маҳдӣ буд. Чун ба хилофат бинишаст, аввал кор Яҳё ибни Холидро аз ҳабс берун овард, ки Ҳодиаш боздошта буд ва қасди куштани ӯ карда буд. Вазорат ба Яҳё ибни Холид бидод ва фармуд, то Ҷаъфар ибн ал-Ҳодӣ хештанро халъ карда ва аз байъат безор шуд.

Ва пас ба лаби ҷиср омад ва он ангуштариро, ки Маҳдӣ мар Ҳорунро бидода буд ва Ҳодӣ аз вай бихоста буд ва Ҳорун он ангуштариро аз хашм андар об андохта буд ва қимати он ангуштарӣ сад ҳазор динор буд, Ҳорун андар ин вақт ғаввосонро фармуд, то фурӯ шуданду биҷустанд, биёфтанду баровардand ва бистаду ғавосонро бисёр мол бахшид ва он ба фол нек омад.

---

[126] Ва Қарирӣ
[127] Ҳадмаса

Ва Абдуллоҳ ибни Молик ал-Хузоъӣ соҳиби шурати Маҳдӣ ва Ҳодӣ буд ва Ҳорун савганд хӯрда буд, ки ба ҳаҷ пиёда равад. Ва чун Рашид биншаст, хост он савганд ба ҷо орад, ин Абдуллоҳ фармуд, то аз Бағдод то ба Макка як-як намат ҳамегустарданд фаррошон ва ӯ ҳамерафт, то ба ҳаҷ бирафт ва савгандро тамом кард. Ва Ҳорунро аз вай он писанд омад.

Ва Ҳорун мар писари хеш Муҳаммадро валиаҳд кард ва аз паси ӯ Маъмунро ва аз паси ӯ Мутмаинро.

Ва Яҳё ибни Абдуллоҳ ал-Ҳасанӣ ба рӯзгори ӯ берун омаду Табаристон бигирифт. Ва Рашид мар Фазл ибни Яҳёро бо панҷ ҳазор мард ба ҳарби ӯ фиристод. Ва Фазл як сол ба шаҳри Рай муқом кард ва ҳилатҳо сохт, то дили Муҳаммад ибни Яҳё хуш кард, ки Муҳаммадро ба зинҳор баранд. Ва гуфт: «Ман амон-номаи Рашид хоҳам ба хатти дасти ӯ». Пас Фазл кас ба Бағдод фиристод, то он амоннома биёварданд ба замони ҳамаи ҳошимиён ва бад-ӯ намуданд ва ӯро сӯйи Бағдод гусел кард. Ва чун хабар ба Ҳорун расид, ҳама ҳашами хешро ва ҳошимиёнро фармуд, то ба истиқболи ӯ рафтанд ва ӯро бо эъзозу икром андар Бағдод оварданд ва ҳамаи ҳашам бо ӯ то дари сарои ӯ бирафтанд ва аз он ҷо бозгаштанд. Ва Ҳорун фармуда буд, то хонаи неку аз баҳри ӯ сохта карданд ва ӯро неку ҳамедоштанд, то ҳафт моҳ. Пас ҷурм бар вай ниҳод, ки «дайламиён ба наздики ту ҳамеоянд ва байъат ҳамеситонанд» ва ӯро бад-ин ҷурм ба зиндон боздошт. Ва бифармуд, то заҳр андар таъом карданд ва бад-ӯ бидоданд андар зиндон, то бимурд.

Ва Ҳорунаррашид мар Баромакаро ба хештан наздик кард, хосса Яҳё ибни Холиди Бармакро бо чаҳор писар, чун Ҷаъфару Фазлу Муҳаммаду Мӯсо ва эшонро бикашид ва бузург гардонид ва ба ҳадде бирасонид, ки аз он бузургтар ҳадд натавонад буд. Ва Яҳёро падар хонд ва Ҷаъфарро бародар хонд ва вазорат эшонро бидод ва ҳамаи кор ба тадбири эшон кард ва дасту қаламу забони эшон бар ҳамаи мусалмонон мутлақ кард. Ва эшон ҳеч тақсир накарданд аз насиҳат кардан мар ӯро ва саховат кардан бо мардумон ва фарёд расидан андар мондагонро. Ва ахбори эшон худ маълум аст. Охир ҳам бевафоӣ кард ва ба гуфтори душманон бар эшон тағйир кард ва эшонро бечурме ҷурм кард ва ҳамаи молу милки эшон бистад ва эшонро ба зортарин уқубатҳо бикушт.

Ва сабаби тағйири Ҳорун он буд, ки мар Ҷаъфари Яҳёро ба ғоят дӯст доштӣ ва хоҳаре доштӣ Аббоса ном, ӯро низ сахт дӯст доштӣ ва чун ба маҷлис биншастӣ, фармудӣ, то парда фурӯ овех-тандӣ, бар як ҷониб Ҷаъфар нишастӣ ва бар дигар ҷониб

Аббоса, то Ҳорун ҳар ду танро ҳамедидӣ. Чун рӯзгоре бар ин ҳол баромад ва Ҳорун сутӯҳ гашт, Ҷаъфарро гуфт: «Ман хоҳари хеш ба ту диҳам, бад-он шарт, ки бо вай сухан нагӯйӣ ва бо вай ҳеч гуна наздикӣ накунӣ». Ва Ҷаъфар ҳам бар ин ҷумла замон кард. Ва Аббоса неку зане буд ва Ҷаъфар ҳамчунон бағоят неку марде ва чун ба як маҷлис биншастандӣ ва низ якдигарро ҳалол буданд, сабр намонд. Пас андар сирр ҳилат сохтанду гирд омаданд ва Аббосаро аз Ҷаъфар фарзанде омад ва ӯро пинҳон кард. Ва Зубайда хабар ёфт ва пеши Ҳорун бигуфт, ки Аббосаро аз Ҷаъфар фарзанде омад ва ба Макка фиристод. Ҳорун кас фиристоду маълум гардонид ва чун ошкоро шуд, Ҳорун мутағайир шуд бар Ҷаъфар.

Ва бар ӯ душманон роҳ ёфтанд мар тазрибу таҳриш ва бад гуфтанро ва пеши Ҳорун мар Ҷаъфар ва Бармакиёнро бад гуфтан гирифтанд ва ҳамегуфтанд, то дили ӯ ба якборагӣ мутағайир гардониданд ва пас ҳамаро бикушту нест кард, ҳамчунон ки асари эшон намонд андар ҷаҳон.

Ва чун эшон ҳама нест гаштанд, халалҳо андар кори мамлакат роҳ ёфт ва кас набуд, ки онро ба салоҳ овардӣ ва ё андар он тадбире кардӣ ва ҳоли дахли байтулмол рӯй ба нуқсон ниҳод ва Ҳорун аз карда пашемон шуд ва суд надошту кор аз даст бишуда буд.

Ва Рофеъ ибн ал-Лайс ибни Наср ибни Сайёр амири Самарқанд буд ва чун молу зайъат аз вай бихостандӣ, надод ва исён падид кард. Ва Ҳорун Ҳарсама ибни Аъйанро, ки амири Хуросон буд, бифармуд то бо Рофеъ ҳарб кард. Рофеъ Ҳарсамаро аз дари Самарқанд битохт ва тоъат надошт. Ва чун хабар ба Ҳорунаррашид расид, бо заҷар гашт ва лашкар бисохту сӯйи Хуросон омад. Ва чун ба Кирмоншоҳ расид, Маъмунро бо даҳ ҳазор сувор пеш бифиристод ба Марв ва аз паси ӯ ба як моҳ бирафт ва чун ба Тӯс расид, он ҷо фармон ёфт.

Ва пеш аз вафот ба ҳаҷ рафта буд ва ҳамаи ҳоҷиёнро, ки аз ҳамаи ҷаҳон омада буданд, байъати писарони хеш Муҳаммад ва Маъмуну Муътаман бистада буд ва ҳар серо валиаҳд карда буд. Вилоятҳо қисмат карда буд: Ироқу Яману Ҳиҷоз ва баъзе аз Шом мар Муҳаммад Аминро ва Хуросону Мовароуннаҳр ва Ҳинду Синд ва Нимрӯзу Кобулу Зобулистон мар Абдуллоҳ Маъмунро ва баъзе аз Шом ва Мағрибу Озарбойҷон ва диёри Руму Занҷ ва Ҳабаш мар Муътаманро ва бар ин ҷумла маҳзарҳо набишта буд ва ҳоҷиёнро гувоҳ карда буд. Ва яке маҳзар ба каъба бинҳод ва ҳар писареро яке аз ин нусхат бидод.

Ал-Амин. Ӯ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳорунаррашид буд. Ва чун Рашид ба Тӯс расид, пеш аз он ки фармон ёфт, Фазл ибн ар-Рабеъ ва Солеҳро гуфт: «Ин мол, ки ба Хуросон овардам, мар Маъмунрост, бад-ӯ расонед, ки ман аз баҳри ӯ фаровон мол бигзоштам». Эшон бар васияти вай кор накарданд ва хиёнат карданду сипоҳ бикашиданд ва хазинаҳо бардоштанду ба Бағдод шуданд. Ва он сипоҳу хазоин пеши Муҳаммад ал-Амин бурданд. Ва аз ҳамаи лашкар байъат ситада буданд. Ва ал-Амин эшонро бар карда ва лашкарро бар карда ва лашкарро дирами байъатӣ бидод.

Ва Маъмун аз молу хазинаи падар маҳрум монд ва сӯйи Ҳарсама фиристод, то бо Рофеъ сулҳ кард ва аз Самарқанд бозомад. Ва Маъмун андар Хуросон адл бигустард ва расмҳои неку ниҳод. Ва ба шаҳри Марв андар саройи Шойгон биншаст ва ҳар рӯз андар масҷиди ҷомеъ омадӣ ва мазолим кардӣ ва аламҳо ва фуқаҳоро биншондӣ ва сухани мазлумон бишнидӣ ва доди эшон бидодӣ ва яксола хироҷ бахшидӣ.

Ва Муҳаммад Амин ба тараб машғул шуд. Ҳамаи кори подшоҳӣ ба Фазл ибн ар-Рабеъ буд ва рӯзҳо бигзашт, ки кас ӯро надидӣ аз мастиву лаҳв. Ва чун якчанде бигзашт, Амин мар бародари хеш Муътаманро ба Бағдод овард ва чун Маъмун ин хабар бишнид, ҳазми[128] хеш бигирифт. Ва Фазл ибн ар-Рабеъ дили Муҳаммад Амин бар Маъмун табоҳ кард ва ӯро аз аҳд бигардонид ва Амин қасди он кард, ки валиаҳд мар писари хешро кунад ва Маъмунро халъ кунад. Ва Фазл ибн ар-Рабеъ мар Алӣ ибни Исо ибни Моҳонро[129] бо хештан ёр кард ва ҳар ду тан ҳамегуфтанд, то дили Амин бигашт.

Пас расулон фиристод сӯйи ӯ ва нома набишт, ки «хештанро халъ кун, ки ман писари хештанро байъат кардам». Маъмун иҷобат накард. Чун хабар ба Амин расид, Алӣ ибни Исоро бо панҷоҳ ҳазор сувор ба ҳарби ӯ фиристод ва кас ба Макка фиристод, то он маҳзар, ки Рашид набишта буд, биёварданд ва пора кард. Ва чун Маъмун хабари омадани Алӣ ибни Исо бишнид, бо Фазл ибни Саҳл тадбир кард, ки ба ҳарби ӯ киро бифиристад. Ва Зубон - мунаҷҷими аҷамӣ гуфт, ки «касеро бояд фиристод, ки якчашм бошад ва номи ӯ чаҳор ҳарф бувад». Ва бар ин гуна Тоҳир ибн ал-Ҳусайн буд. Ӯро бихонду гуфт: «ҳар чанд бихоҳӣ сипоҳ бибар». Тоҳир гуфт: «чаҳор ҳазор мард хоҳам ва зиёда аз ин нахоҳам». Пас мардон бигузид ва аз Марв берун омад. Ва чун

[128] ҳарами
[129] Ҳомонро

ба Рай расид, Алӣ ибни Исо фароз расид ва миёни Қистона ва Мушкӯй ҳарб кард. Ва он ҳарб дертар бидошт, ки Алӣ ибни Исоро бикуштанд ва сари ӯ бардоштанд ва сӯйи Маъмун фиристод.

Пас Амин мар Абдурраҳмон ибни Ҷабаларо бо бист ҳазор мард бифиристод ва чун ба Ҳулвон расид, Тоҳир он ҷо расида буд, баровехтанд, Абдурраҳмон ҳазимат шуд ва андар ҳисори Ҳамадон шуд ва ду моҳ ҳисор дошт, охир зинҳор хост ва берун омад. Пас Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Ҳарашӣ[130] ба мадади Абдурраҳмон омад бо ду ҳазор сувор. Ва Абдурраҳмон бо Тоҳир ҳилате сохт ва нома бар ӯ арз кард ва гуфт: «Эшонро ба лашкари хеш биёр то сипоҳ ва ёри ту бошанд». Чун биёмаданд, шабехун карданд ва бар лашкари Тоҳир кӯфтанд ва аз лашкар бисёр бикуштанд. Ва чун Тоҳир воқиф шуд, лашкарро барнишонд ва ҳарбе азим кард. Охир Абдурраҳмон кушта шуд ва сари ӯ ба Маъмун фиристод.

Пас Муҳаммад ибни Язид ва Абдуллоҳ ибни Ҳамид ибни Қаҳтабаро фиристод бо чиҳил ҳазор мард ва ба Хониқин фуруд омаданд бар якманзилии Ҳулвон. Ва Тоҳир ҳилат кард ва хилоф андар эшон афганд, ки «Амин ҳаме ба Бағдод ҳашамро мол бахшид ва шуморо ба ҷон берун фиристод». Ҳам бозгаштанд ва Тоҳир Ҳулвон бигирифт ва хабар ба Маъмун фиристод.

Ва ҳашами шаҳр ба Бағдод бишӯриданд ва Ҳусайн ибни Алӣ ибни Исо лашкарро барангехту гуфт: «Аз Амин кор барнаёяд, ки ба тарабу нобакорӣ машғул аст» ва хештанро ба саройи Муҳаммад Амин афганд. Ва ӯро берун оварданд ва ба саройи Зубайда биншонданд ва банд бар пойи ӯ бинҳоданд ва байъати Маъмун бистаданд. Ва чун сипоҳ дирами байъатӣ хостанд, Ҳусайн гуфт: «то аз халифаи Маъмун масъалат кунам». Гуфтанд: «нахоҳем» ва шағаб карданд ва Муҳаммад Аминро берун оварданду боз ба хилофат биншонданд ва банд аз пойи ӯ бардоштанд ва бар пойи Ҳусайн бинҳоданд.

Пас якчанде баромад, Тоҳир ба дари Бағдод биёмад ва Ҳарсама низ баробари Тоҳир биёмад ва Бағдодро бар Амин ҳисор карданд ва ҳар рӯз ҳарб ҳамекарданд. Ва куштани бисёр ҳамебуд ва шаҳр бар мардумон танг шуд. Ва манҷаниқҳо биниҳоданд ва ба тадриҷ пештар ҳамеомаданд, то ба саройи Амин расиданд. Ва кор бад-он ҷо расид, ки андар саройи Амин таом намонд ва ӯ бимонд бо тане чанд аз хоссагони хеш ва мутаҳаййир шуд ва низ шаҳриён ёрӣ надоданд ва на мавлоён.

[130] Ал-Ҳарасӣ

Пас руъқа набишт сӯйи ӯ ки «ман ба наздики ту оям». Ҳарсама ӯро иҷобат кард ва Амин андар шаб берун омад бар ҷониби Дақла ва андар заврақ нишаст. Ва Тоҳир хабар ёфт, ҳамаи соҳили Дақла бигирифт ва бифармуд, то санг бар он заврақҳо ҳамезаданд ва ҳамешикастанд, то он заврақи Амин ва Ҳарсама шикаста шуд. Ва каштибон Ҳарсамаро бигирифт ва Амин ба об фурӯ шуд. Ва Амин ошно неку донист, ба ошно бар кирона омад. Ғуломе аз они Тоҳир ӯро бигирифт ва мар Тоҳирро хабар бидод. Тоҳир мар он ғуломро фармуд, то ӯро ба харпуштаи хеш барад ва кас фиристод, то сари ӯ бигирифтанд ва пеши Тоҳир оварданд ва Тоҳир сӯйи Маъмун фиристод.

Дигар рӯз он хабар андар ҳамаи лашкар ва шаҳри Бағдод шоеъ гашт. Тоҳир фармуд, то нидо карданд андар Бағдод, ки «Иман бошед ва дил қавӣ доред». Ҳама иман гаштанд ва берун омаданд ва дарҳо бигушоданд ва халқ биёрамид ва низ аз лашкариён ранҷе набуд.

Маъмун. Ӯ Абулаббос Абдуллоҳ ибни Ҳорунаррашид буд. Ва чун сари махлуъи Муҳаммад ал-Амин бад-ӯ расид, бигирист бар марги бародар. Ва ҳамон ҷо ба Марв қарор кард ва Бағдод ба Тоҳир ибн ал-Ҳусайн бигзошт ва худ ба Марв мустақарр сохт. Ва Тоҳир байъати аҳли Ироқу Яман ва Ҳиҷозу Шом бистад аз баҳри Маъмун. Ва Фазл ибни Саҳл мар Маъмунро гуфт: «Моро ба Бағдод бояд рафт ва подшоҳиро ба воҷибӣ бояд забт кард, ки ин машриқ аст ва кори мағриб бохалал бошад, агар ин ҷо бошем ва агар ба Бағдод бошем, Бағдод бар миёна аст, аз ҳар ду ҷониб темор тавонем дошт». Маъмун фармон накард; Хуросон ӯро хуш омада буд.

Ва шуғли Ироқ ба Тоҳир бигузошт. Пас хориҷие берун омад ба замини Аҳвоз, номи ӯ Наср ибни Шабас ибни Рабъӣ, аз меҳтарони хавориҷ ва Раққа аз вилояти Ҷазира бигирифт. Ва Тоҳир ба Маъмун набишт.

Чун Маъмун бо Фазл ибни Саҳл тадбир кард, гуфт: «Пеш аз ин боист рафт ва агар не акнун бирав». Маъмун гуфт: «Тоҳир кифоят кунад». Фазл гуфт: «Ироқ зоеъ монад». Маъмун ӯро гуфт: «Касе фирист, то темори Ироқ бидорад». Фазл гуфт: «Як роҳ, ки чунин аст: Ҳасан ибни Саҳл, бародари маро бифирист». Ҳасан марде дабир буд, ӯро ба Ироқ фиристод ва фармуд, то Тоҳир ба Раққа равад ва бо Наср ибни Шабас ҳарб кунад. Ва Тоҳир бирафт ва Раққа бар Наср ҳисор кард ва ҳарб бикард. Ва андар ин вақт марде ба Кӯфа берун омад, номи ӯ Муҳаммад ибни Иброҳим ибн ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳасан ибни Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳум, ки ӯро ба лақаби Ибни Таботабо бигуф-

тандӣ ва мардумонро даъват кард бирризо мин оли Муҳаммад, салла-л-Лоҳу алайҳим ва саллам. Ва Абусуройо , ки ғуломи Ҳарсама буд ва Ҳасан ибни Саҳл ба омори мардангораш [131] номи ӯ бияфганд, тавфир накард ва аз он бисёр хашами Бағдод бияфканд ва он ҳама бо Абусуройо ба Кӯфа шуданд ва даъвати Ибни Таботабо ошкоро карданд ва алавиёнро нусрат карданд ва Яману Кӯфаву Басра гирифтанд.

Ва Абусуройо аз бузургони хаворичӣ буд, аз фарзандони Ҳонӣ ибни Қабисат аш-Шайбонӣ. Ва Ҳасан ибни Саҳл Заҳир ибн ал-Мусайабро бо ҳазор сувор ба ҳарби ӯ фиристод. Абусуройо он ду ҳазор суворро ҳазимат кард ва бисёр бикушт ва дираму динор ва сутуру силоҳи эшон ғорат кард. Ва чун Ибни Таботабо он мол аз Абусуройо бихост, ӯро хашм омад, мол надод ва он шаб ӯро заҳр бидод ва андар он шаб бимурд.

Пас Абусуройо кӯдаке алавиро биншонд, номи ӯ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Зайд ибни Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳум. Ва Ҳасан ибни Саҳл Убайд ибни Муҳаммад ал-Марврӯдиро бо чаҳор ҳазор мард ба мадади Заҳир фиристод. Абусуройо биёмаду ҳарб кард ва Убайдро бикушту лашкарашро ҳазимат кард. Ва ҳамаи алавиёнро аз атроф бихонд ва худ пеши ин алавӣ биистод ӯро амиралмуъминин ном кард ва номи Маъмун аз хутба бияфганд ва ҷомаву алам испед кард ва бар дирам «Инна-л-Лоҳа юҳуббу-л-лазина юқотилуна фӣ сабилиҳи саффан, каанаҳум бунёнун марсусун»[132] набишт ва аз Кӯфа ба Восит омад, бигирифт. Ва Абдуллоҳ ибни Саъид ал-Харашӣ амири Восит аз пеши ӯ бигурехт. Ва чун вақти ҳаҷ омад, кас ба Макка фиристод ва амири Маъмунро берун кард ва ба Мадина ҳамчунин ва ҳаҷ бар мардумон табоҳ шуд.

Ва Ҳарсамаро ба ҳарби Абусуройо фиристоданд ва гуфтанд: «Ин ғуломи ту буд, магар ӯро ба даст тавонӣ овард». Ва Ҳарсама Кӯфа ва Воситу Мадоин аз вай бистад ва ба Басра шуд. Ва Ҳасан ибни Саҳл мар Саъидро бо сипоҳи хуросонӣ бифиристод ва Ҳусайн ибни Алии Бодғисиро бар эшон солор кард. Ва Ҳусайн

---

[131] Дар ҳарду нусха: «бидор мардонгоришӣ»?, ки «бидор хурд ангоришӣ»? табъ кардаанд. Қироати ин калимот мавриди тааммул аст. Ҳадси ман ин аст, ки дафтари эҳсояи лашкар мақсад бошад, чи мору омор дар истилоҳоти Сосонӣ шумор ва эҳсоия аст ва «мардонгориш» шумору адад ва миқдори марди лашкар бошад, ки чамъан аз он дафтаре мақсад бошад, ки номҳои лашкариёнро дар он менавиштаанд ва Гардезӣ гӯяд, ки номи Абосуройоро аз ҷамъи лашкариён берун кард ва тавфир нанамуд ва танхоҳу маош надод. Табарӣ низ ҳамин мақсадро бо ибороти дигар навиштааст (А.Ҳ.)

[132] Сураи Саф (61:4).

бо Абусуройо ҳарб кард ва ӯро ҳазимат кард ва Абусуройо ба хонаи хеш ба Ҷазира бишуд. Ва амири Ҷазира Ҳамод ал-Киндӣ буд аз ҷиҳати Ҳасан ибни Саҳл. Чун Абусуройо ба хонаи хеш ба Ҷазира бишуд, ӯро ва ҳар ки бо ӯ буд, бигирифт ва банд карду ба наздики Ҳасан ибни Саҳл фиристод. Ҳасан фармуд, то ҳамаро гардан заданд ва сари Абусуройо ба Маъмун фиристод. Ва Зайдуннори Алавиро низ бифиристод ва ин Зайд алавӣ буд сахт бераҳм ва ситабрдил ва ҳар касро, ки ба наздики ӯ оварданд аз асирон бифармудӣ, то андар оташ андохтандӣ.

Ва Ҳасан ибни Саҳл амирии Яман мар Муътасим бародари Маъмунро бидод ва Ҳарир ал-Ақилӣ бо ӯ ҳарб кард ва андар он ҳазимат ба роҳи Яман бимурд.

Ва чун Маъмунро дил аз Абусуройо фориғ шуд, Ҳасан ибни Саҳл амирии Шом ба Ҳарсама ибни Аъйан бидод ва Ҳарсама напазируфт ва хост, ки ба наздики Маъмун шавад. Ва Ҳасан ӯро дастурӣ надод ва Ҳарсама бе дастурии ӯ аз Кӯфа ба Ҳамадон шуд ва аз он ҷо сӯйи Хуросон шуд ва гуфт: «Сухани хеш пеши амиралмуъминин бигӯям». Ва ҳарчанд Ҳасан ибни Саҳл пеши ӯ фиристод, Ҳарсама иҷобат накард ва бознагашт. Пас Ҳасан бародари хеш Фазлро (набишт, ки агар Ҳарсама пеши Маъмун ояд), ӯро бар мо мутағайир хоҳад гардонид. Ва чун Фазл он нома бихонд, андар истод ва пеши Маъмун масовии Ҳарсама ҳамегуфт, бефармонии ӯ шарҳ ҳамедод, то Маъмун нома набишт ба Ҳарсама, ки «бозгард». Ҳарсама бознагашт ва фармон накард ва Фазл ҳаме таҳриз кард (….

ал-Муътасим Биллоҳ….) ки мардумони Сипоҳон ва Ҳамадону Мосабдон[133] андар дини хуррамӣ шуданд ва мазҳаби Бобаки хуррамдин гирифтанд ва лашкари анбуҳ бар Бобак гирд омад. Муътасим мар Исҳоқ ибни Иброҳимро, ки амири Бағдод буд, ба ҳарби эшон фиристод. Ӯ бирафт ва бо хуррамдин ҳарб кард ва шаст ҳазор мардро аз эшон бикушт ва боқӣ бигурехтанд ва замини Озарбойҷон ва Армения бистаданд.

Ва марде берун омад ба Толиқони Марв ва номи ӯ Муҳаммад ибн ал-Қосим ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳум ва мардумонро даъват кард ила-р-ризо мин оли Муҳаммад ва бисёр кас иҷобат карданд. Абдуллоҳ ибни Тоҳир сипоҳ фиристод, ҳамаро ҳазимат карданд, ё Абдуллоҳ худ он ҳамаро ҳазимат кард ва Муҳаммад ибн ал-Қосим бигурехт. Ва Абдуллоҳ ду ҳазор дирам бипазируфт, то ӯро бигирифтанд ва наздики Абдуллоҳ оварданд ва

[133] Мосандон

Абдуллоҳ ӯро наздики Муътасим фиристод. Ва Муътасим фармуд, то ӯро ба саройи Масрур ал-кабир боздоштанд. Пас шиъаи ӯ боми хона сӯрох карданд ва ӯро бурданд.

Ва андар ин вақт Самоқи Зут берун омад бо қавме аз зутиён ва Басра бигирифтанд. Ва Муътасим мар Ачиф ибни Анбасаро[134] бифиристод, то ҳафт моҳ бо зутиён ҳарб кард ва эшонро ҳазимат кард ва бисёре аз эшон бикушт ва бист ҳазор ба Бағдод андар овард ва ҳамаро ба бардагӣ бифурӯхтанд.

Ва дили Муътасим аз будан андар Бағдод бигирифт ва бо Масрури ходим тадбир кард. Масрур ӯро ҳидоят кард ба Сомира. Ва Муътасим фармуд, то шаҳри Сомира бино афганданд ва аз он бино ниме Фазл ибни Марвон ал-вазир тамом карда ва ниме Муҳаммад ибни Абдулмалик аз-Зийот ва чун тамом шуд, ҷойи бас хубу хуррам омад. Чунин гӯянд, ки ҳазор бор ҳазор динор андар бино сарф шуд.

Ва чун лашкари ислом сӯйи хуррамдинон мутавотир гашт, Бобаки хуррамдин заъиф гашт. Пас, аз малики Рум истиъонат хост ва малики Рум ба нусрати Бобак берун омад ва шаҳри Зибатаро вайрон карду бозгашт. Ва чун хабар ба Муътасим расид, зафар гашт ва бад-он сабаб, ки ҳамаи сипоҳ ба ҳарби Бобак машғул буданд, чизе нагуфт. Ва чун Афшин аз ҳарби Бобак бозомад, Муътасим пурсид, ки «аз шаҳрҳои Рум кадом тавонгартар?» Гуфтанд: «Аммурия, ки дорулмулки Рум аст»

Пас, Муътасим бифармуд, то сози ғазои Рум карданд, аз силоҳҳои гуногун ва манҷаниқҳо ва ҳавзҳои адим ва олатҳои ҳарбу сафар, чунонки ҳеч халифате насохта буд ва аз Бағдод бирафт ва ба Тарсус шуд ва аз он ҷо лашкар таъбия кард ва қасди Аммурия кард ва андар Рум шуд. Ва чун ба Наҳр ал-кабир расид, сипоҳро се кард: яке худ рафт ва дудигар ба Ашнос бидод ва седигар ба Афшин бидод ва фармуд ки «ба роҳҳои мухолиф биравем ва ғазв ҳамекунем ва ба Аммурия гирд ойем». Ва чун ин фавҷ мутафарриқ шуда буданд, хабар оварданд, ки малики Рум аз ҷой бирафт.

Муътасим бад-он ду сипоҳ нома кард, ки «яке бар ҷой бибошед, то ман ба шумо бирасам». Ва малики Рум бо Афшин баробар шуд ва баровехтанд ва ҳарб карданд. Афшин малики Румро ҳазимат кард ва пеши Муътасим бозомад ва Муътасим ба омадани Афшин ва расидани хабар шод шуд ва ҳамаи лашкар рӯй ба Аммурия ниҳоданд ва Аммурияро ҳисор карданд, ки ҳисоре бас муҳкам буд, ҳама аз санг сохта. Ва як ҷой рахна буд,

[134] Атба

бад-он ҷониб рахна карданд ва ҳисор бистаданд ва Ботис, амири ҳисорро асир гирифтанд ва ҳисор вайрон карданд ва моле азим аз он ҷо бардоштанд ва рӯй сӯйи Ироқ ниҳоданд.

Ва андар роҳ Аҷиф ва Амр мар Муътасимро хилоф карданд ва бо Аббос ибн ал-Маъмун байъат карданд ва қавмеро бигардониданд ва қасди он карданд, ки Муътасимро андар роҳ фурӯ гиранд. Ва фурсат ҳамеҷустанд, иттифоқ наюфтод, то хабар ба Муътасим расид, ҳамаро бигирифту бикушт. Ва Аббосро таом бисёр бидод, то бихӯрд ва фармуд, то об надодандаш, то аз ташнагӣ бимурд ва дигаронро ҳамчунин ба гуногун уқубатҳо бикушт.

Ва Бобаки хуррамдин андар вилоят бисёр табоҳӣ кард ва бисёр мардумро аз роҳ бибурд. Ва нишасти ӯ андар кӯҳҳои тангу торик буд ва ҷойи сардсер. Ва чун лашкар он ҷо шудӣ, бо он хуррамдинон муқовимат надонистӣ кард, аз табоҳии ҷой ва аз сардии ҳаво ва ҳар чизе. Ва фасоди Бобак бисту ду сол бардошт. Ва Муътасим мар Муҳаммад ибни Ҳамид ат-Тӯсиро бифиристод, ҳазимат шуд. Ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир низ бирафт, чун ҳадиси Хуросон пеш омад, ӯ Хуросонро бар ҳарби Бобак ихтиёр кард. Ва Иброҳим ибн ал-Лайсро низ бифиристод, ҳазимат шуд. Пас Афшинро бифиристод, ки сарҳанге бузург буд ва аз Ушрусна буд, вилояти Мовароуннаҳр ва он ҷо маликро афшин хонанд. Номи ӯ Хайзар ибни Ковус буд. Ва Афшин бо бародари хеш ва хешони хеш Девбидод ибни Зардушт ва ёрони эшон бирафт ва Бобак Исмат ибни Абисаъидро бо се ҳазор мард пеши Афшин фиристод. Ва Муҳаммад ибни Муғийра Исматро бо даҳ сарҳанг ба ҳисори хеш меҳмонӣ сохт ва ҳамаро бикушт ва Исматро бар девори ҳисор оварду гуфт: «Дигар сарҳангонро овоз деҳ ва агар не, туро бикушам». Ӯ сад танро аз он сарҳангон ва пешравони сипоҳ овоз бидод, ҳама андар ҳисор омаданд, ягон-ягон ҳамедаромаданд ва ҳамекуштанд, то ҳамаро бикуштанд. Пас Исматро бо он сарҳои сад тан ба наздики Афшин фиристод ва Афшин ба наздики Муътасим фиристод.

Ва Афшин бар сари дара биншаст ҳафт моҳ, ки андар он тангҳо натавонист рафт. Ва ҳаво сард шуд ва Афшин зачар гашт. Ва пас ба ҳила кардан машғул шуд ва нома набишт ва аз Муътасим мол хост. Ва Муътасим ба суҳбати Буғо сад харвор дирам фиристод. Ва Афшин ба наздики Бобак кас фиристод ва бифармуд ӯро, то ба семанзилӣ фуруд ояд ва худ аз сари дара бирафт ва бифармуд, то он мол ба якманзилӣ биёварданд ба рӯз ва шаб бозгардонид ва худ бо сутурон ба сари дара омад. Ва Бобак хабари мол овардан ва бархостани Афшин ёфта буд, пас

Бобак ба сари дара омад бо панҷ ҳазор мард ва бо Буғо баровехт. Ва Афшин аз пас андар омад ва бисёр кушиш кард. Ва Бобак бигурехт ва ҳазор мард кушта шуд. Ва Афшин аз сари дара бо понздаҳ ҳазор мард андар он дараҳо ва тангҳо шуд ва ба ҳазм мерафт. Ва Буғо ва Муҳаммад ибни Муғийраро бо панҷ ҳазор мард пеш бифиристод ва худ бо панҷ ҳазор мард ҳамерафт ва панҷ ҳазор марди дигарро таъбия кард ва фавҷ-фавҷ бар сари кӯҳҳо ҳамеронд. Ва Бобак хабар ёфт, бо ду ҳазор мард берун омад ва шабехун кард ва бар фавҷ заду эшонро ҳазимат кард.

Ва Афшин ба Ардабил бишуд ва Буғо ва бародари Афшин низ лахте биёвехтанду бирафтанд ва ба Ардабил омаданд. Ва зимистон он ҷо буданд. Ва чун баҳор омад, Муътасим зар фиристоду моли бисёр. Рӯй ба Бобак ниҳоданд ва андар дара шуданд ва пеши ҳисори Бобак лашкар фуруд оварданд, сӣ ҳазор мард бо силоҳ ва олати тамом. Ва пайваста ҳарб ҳамекарданд, то қавми Бобак маҳҳур гаштанд ва бисёре аз эшон кушта шуданд ва боқӣ ҳамегурехтанд, то ҳамаи қавм бигурехт ва Бобак бимонд бо тане чанд аз наздикони хеш.

Ва чун он ҳисор сахт холӣ шуд, ӯ низ бо бародару наздикони хеш аз ҳисор берун омаду бигурехт ва ҳам андар он кӯҳҳо пинҳон ҳамебуд. Ва мусалмонон он ҳисорро вайрон карданд ва Бобакро ҳаме талаб карданд ва дидбонҳо андар сари роҳе биншонданд. Ва Бобак андар миёни он кӯҳҳо ва дарахтон буд, то сутӯҳ гашт ва маҳҳур шуду дармонд. Пас фурсат ҳамеҷуст, то дидбонон нимрӯзӣ ҳамебихуфтанд, ӯ аз кӯҳ берун омад ва бар эшон бигзашт ва сӯйи ҳисоре омад ва…..

(**Ал-Муътазид**….. Аҳмад) ибни Абдулазизро фармуд, то бо Рофеъ ҳарб кард ва шаҳри Рай аз вай бистад. Ва Шамила[135] номе, ки даъвати алавиён ҳамекард, ӯро бигирифт ва аз вай бипурсид, ки «киро даъват кунӣ, рост бигӯй, то туро озод кунам ва агар нагӯйӣ, бикушамат». Шамила гуфт: «Агар маро бар оташ кунӣ ҳам, нагӯям». Бифармуд, то бар чӯби хайма ӯро бибастанд ва бар оташ гардониданд, то бимурд ва пас аз он бар дораш карданд.

Ва банӣ Шайбон андар бодия осӣ шуданд ва роҳҳо ҳамезаданд ва фасоди бисёр ҳамерафт аз эшон. Муътазид ба тани хеш он ҷо рафт ва он ҷо тадорук кард ва он ҳама муфсидонро қаҳр кард ва қабилаҳои эшон ғорат кард. Ва чандон мол ёфтанд, ки онро андоза падид набуд ва чандон ғаноим ёфтанд, ки гӯсфанде ба дираме ва уштуре ба панҷ дирам фурӯхтанд ва сомитро қиёс набуд.

[135] Сулайма

Ва Наврӯзи муътазидӣ ӯ ниҳод ва аз урмузди фарвардин ба ёздаҳуми ҳазирон бурд. Ва сабаб он буд, ки Муътазид ба шикор рафта буд; ва бистгонии ҳашам бар моли хироҷ итлоқ карда буданд ва бар раъоё ҳамерасид, ки ҳанӯз ғалла нарасида буд. Ва чун пеши Муътазид бигуфтанд, ӯро нохуш омад, гуфт: «ин ҳама баротҳо ба девон бозбаред ва мол аз хазина бистонед». Пас вазирро ва аҳли девонро мисол бидод, ки хироҷ бад-он вақт итлоқ кунанд, ки ғалла бирасад ва дасти раъият гушода шавад. Пас ба фармони ӯ Наврӯзро ба ёздаҳуми[136] ҳазирон бурданд ва он рӯз ифтитоҳи хироҷ карданд ва он расм бимонд, то бад-ин ғоят ҳам ин расм бимонда аст.

Ва дигар расм дошт, ки ҳаргиз ҳеч алавиро накуштӣ. Ва чунин гуфт, ки «шабе мар Алӣ ибни Абитолибро, алайҳи-с-салом, ба хоб дидам, ки маро гуфт: «фарзандони моро ҳурмат дор» ва кананде маро бидод ва се бор бар замин задам. Гуфт: «ба адади ин захм фарзандони ту халифа бошанд» ва ман назр кардам, ки ҳеч алавиро наёзорам». Ва Ҳасан ибни Зайд, доъии алавии табаристонӣ[137] ҳар соле се ҳазор динор ба Бағдод фиристодӣ, ба наздики марде порсо, то он мол ба алавиён бидодӣ. Чун Муътазид хабар ёфт, он мардро гуфт: «пинҳон мадеҳ ва ошкоро бидеҳ» ва касро аз он манъ накард.

Ва девони маворис ӯ бардошт. Ҳар киро ақаба намондӣ, хостаи ӯ ба завӣ-л-арҳом бидодандӣ.

Ва фарзандони Аҳмад ибни Абдулазиз ба Сипоҳон осӣ шуданд ва Муътазид падарро бифиристод, то бо эшон ҳарб кард ва Сипоҳон бистад. Ва Рофеъ ибни Ҳарсама бо Амр ибни Лайс ҳарб кард ва Амр ӯро ҳазимат кард ва ба Нишобур омад. Рофеъ шаҳр бигирифт ва Амр ибни Лайс бар ақиби ӯ биёмад ва ӯро аз Нишобур битохт. Рофеъ ба Хоразм шуд. Хоразмшоҳ ӯро бикушт ва сари ӯ сӯйи Амр ибни Лайс фиристод ва Амр сӯйи Муътазид фиристод. Ва Муътазид бад-он шод шуд ва Амрро бад-он шукр кард. Ва ҳар соле Амр ибни Лайсро панҷ ҳазор бор ҳазор дирам матоъи ҳиндӣ ва туркӣ будӣ, чун самуру санҷобу боз ва уду мушку сандал ва дорҷошок ва чаҳор бор ҳазор ҳазор дирам нақд будӣ.

Ва ба рӯзгори Амр ибни Лайс Мовароуннаҳр Аҳмад ибни Исмоил[138] дошт ва Амр вилояти Мовароуннаҳр аз Муътазид бихост ва Муътазид аҳди он бад-ӯ фиристод. Амр қасди Аҳмад кард ва ба Балх омад ва Аҳмад ибни Исмоил ногоҳ аз об

[136] понздаҳум
[137] Табаристон
[138] Исмоил ибни Аҳмад

бигузашт ва шабехун кард ва Амрро бигирифту банд кард ва ба наздики Муътазид фиристод. Ва Муътазид сахт шодмона гашт ва он фатҳе буд мар Муътазидро, ҳарчи бузургтар.

Ва Муътазид хост, ки бар Муовия ва Язиду Бусуфён бар минбарҳо лаънат фармояд ва чун номаҳо фармуд набиштан ба ҳамаи мусалмонӣ Убайдуллоҳ ибни Сулаймон ибни Ваҳаб ӯро фурӯ дошт ва аз он манъ кард.

Ва ба рӯзгори ӯ ба Омид ва Майёфориқин марде осӣ шуд, номи ӯ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Исо ибни Шайх[139] ва Муътазид ба тани хеш бирафт. Ва Муҳаммад шаҳр ҳисор кард ва се моҳ Муътазид бар дари ҳисори ӯ биншаст, то Муҳаммад дар ҳисор сутӯҳ шуд ва алаф намонд ва мардумон омаданд ба хурӯш аз беалафӣ. Пас Муҳаммад аз Муътазид зинҳор хост. Ӯро зинҳор дод ва худ сӯйи Бағдод омад.

Ва қарматиён ба Баҳрайн омаданд ва аз он ҷо андар бодия рафтанд ва бар роҳи ҳоҷиён омаданду фасодҳо карданд ва ҳуҷҷоҷро аз Макка боздоштанд. Ва Муътазид мар Муниси ходимро бифиристод. Пас бар дор кардандаш ва низ ҳам андар рӯзгори ӯ ҳеч қарматӣ наёрист сар аз ҷой бар кардан.

Ва чун ҳамаи корҳои подшоҳӣ рост кард ва аз дари Рум бозомад, фориғдил биншаст ва ду сол андар он фориғдилӣ рӯзгор ёфт ва пас андар санаи тисъ ва самонин ва маътин (289 ҳ.) бимурд.

Ал-Муктафӣ Биллоҳ. Абумуҳаммад Алӣ ибни Аҳмад ал-Муътазид буд. Ва андар ин вақт, ки Муътазид фармон ёфт, ӯ ба Раққа рафта буд ва Қосим аз Бағдод кас фиристод, ӯро бихонд. Ва чун аз Амр ибни Лайс пурсид, гуфтанд, зинда аст. Муктафӣ шодмона гашт. Сабаб он буд, ки андар он соле, ки ӯ ба Рай буд, Амр ӯро ҳадяҳои бисёр фиристод ва хост, ки он хидматро ҳақгузорӣ кунад. Ва чун Қосим он бишнид, битарсид ва кас фиристод, то таом аз ӯ бозгирифтанд, то аз гуруснагӣ бимурд ва Муктафиро гуфтанд, ӯ бимурд.

Ва Бадр ал-Кабир ба Порс буд. Қосим хост, ки хилофат аз фарзандони Муътазид бибарад ва ин сирр бо Бадр бигуфт. Бадр бар вай инкор карду гуфт: «Амиралмуъмининро ҳуқуқе бошад, ман худовандзодаи хешро биншонам». Ва Қосим аз вай хашм гирифт ва чун Муктафӣ биншаст, Қосим тазриб ва таҳриш ҳамекард, ба вақти фурсат масовии Бадр ҳамегуфт. Ва гуфт: «Бадр нахост, ки ту халифа бошӣ». Ва миёни Бадру Муктафӣ ба рӯзгори Муътазид ҳамеша хушунат будӣ. Муктафиро он ба

[139] Ал-Ҳайсам

кин[140] омад, гуфт: «Пас чӣ бояд кард?» Қосим гуфт: «Ба ман бигзор, то ман сари ӯ пеши ту орам». Муктафӣ гуфт: «Ту донӣ, ҳар чи бояд кардан, бикун». Ва пас Муктафӣ ҳама корҳо ба Қосим бигзошт. Қосим дирами байъатӣ сӯйи Бадр фиристод ва нома набишт бад-ӯ, ки «ту бар ҷой бош ва агар вилояти дигар хоҳӣ, то аҳду ливои он ба ту бифиристам». Бадр донист, ки Қосим таҳриш кард ва кори хеш тамом кард. Пас Қосим ба ҳилат кардан истод, то ҳамаи сипоҳро аз ӯ ҷудо кард ва ӯро бо суворе чанд, ки монда буданд, бихонд. Ва чун ба Даҷла расид, кас фиристод, ки пайғоми амиралмуъминин андар сирр бишнавад. Он расули сохта бирафт ва наздики ӯ шуд ва ӯро ба ҷойе бурд ва он қавми ӯро гуфт: «Моро мапойед, ки мо бар ин роҳ нахоҳем омад». Пас ин расул сари ӯ бардошт ва наздики Қосим фиристод ва Қосим пеши Муктафӣ бурд.

Ба рӯзгори Муктафӣ Закарвайҳ ибни Меҳрвайҳи қарматӣ берун омад ва бисёр фасод кард ва Муктафӣ чанд бор бад-ӯ сипоҳ фиристод, ҳамаро Закарвайҳ ҳазимат кард. Ва ин Закарвайҳ аввал ба оли расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, даъват кард. Пас он рустоиён ва мардуми ғарчаро андар мазҳаби қаромата овард ва он мазҳаб ошкоро кард ва ба Қодисия[141] берун омад ва он ҷо биншаст ва роҳ бар ҳоҷиён табоҳ кард. Пас Муктафӣ ба тани хеш ба ҷониби ӯ ҳаракат кард ва Муҳаммад ибни Сулаймонро бо лашкари бисёр пештар фиристод, то бо ӯ ҳарб кард ва эшонро ҳазимат кард ва Закарвайҳро бо умарояш бикуштанд ва шарри эшон кифоят шуд. Пас Муктафӣ андар санаи хамс ва тисъин ва маътин (295 ҳ.) вафот ёфт.

Ал-Муқтадир Биллоҳ. Абулфазл Ҷаъфар ибни Аҳмад ал-Муътазид буд. Он рӯз, ки Муктафӣ бимурд, ӯ хурд буд. Ӯро байъат карданд ва дирами байъатӣ бидод ва ба хилофат биншаст. Пас ӯро ба наздики Абдуллоҳ ибн ал-Муътаз бурданд ва Абдуллоҳ ӯро ба хилофат таҳният кард. Ва аз он ҷо ба Макка шуд ва ҳаҷару-л-асвадро андар зар гирифт. Ва чун се сол аз хилофати Муқтадир бигузашт, қавме аз ҳашам гирд омаданд ва ӯро халъ карданд ва чун дигар кас шоистаи хилофат набуд, ҳам ӯро байъат карданд ва дигар бор биншонданд ва аз пайи он ба як сол бикуштандаш.

Ва ба рӯзгори ӯ ал-Ҳасан ибни Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибни Умар ибни Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб, алайҳиму-с-салом, маъруф ба Атруш ба Табаристон берун омад ва

[140] Мумкин
[141] Қодия

Табаристон бигирифт, ки Ҳасон ибни Нуҳ, ки амири Табаристон буд, бимурда буд ва Абулаббоси Суълук ба ҷойи писари Нуҳ биншаста буд. Ва Ҳасан ибни Алӣ ал-Атруш берун омад ва ба соҳили Обаскун ҳарб карданд. Ва Абулаббоси Суълукро бо чаҳор ҳазор мард ҳазимат кард. Ва аз он ҷо ба Солус рафтанд, ки сағри Дайлам аст ва дар он ҷо ҳазор мард буд аз қавми Абулаббос. Эшонро андар ҳисор карданд. Ва аз он ҷо ба Омул рафтанд ва Ҳасан ибн ал-Қосим ал-Алавии доъӣ бад-эшон пайваст. Ва ҳамчунин ҳамаи Табаристон бигирифт ва ноибон биншонд. Ва то вай зинда буд, Табаристон ӯро буд, кас аз вай натавонист ситад ва чун ӯ бимурд, миёни фарзандонаш хилоф уфтод ва ба хилофи эшон Табаристон аз эшон бистаданд.

Ва чун Ҳасан ибни Алӣ ал-Атруш бимурд, Лайлӣ ибни Нуъмон, ки сарҳанги Ҳасан буд, сипоҳи ӯро бигирифт ва ба Гургон рафт ва хештанро «Ал-муъайаддин лил-Лоҳи ал-мунтасир лиоли расулу-л-Лоҳ» лақаб кард. Ва моле азим дошт ва сахт сахӣ буд, ҳамаи мол ба лашкар бахшид ва дасташ танг шуд, ноком бибойист рафт. Пас ба Нишобур омад андар санаи самон ва саласмоъа (308 ҳ.) ва Наср ибни Аҳмад, амири Хуросон мар Ҳамуя ибни Алиро пеши ӯ фиристод. Ва ба Тӯс ба якдигар расиданд ва ҳарб карданд ва Ҳамуя ҳазимат пазируфт ва сӯйи Марв рафт ва Лайлӣ бар асари ӯ бирафт ва андар шаҳри Марв шуд бар асари ӯ. Пас Ҳамуя ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Балъамӣ[142] ва Абуҷаъфари Суълук ва Хоразмшоҳу Бакр ибни Муҳаммад ва Симҷури давотдор ва Қаротегину Буғро сари он кӯй бигирифтанд ва Лайлӣ мутаҳайир шуд. Андар охири кӯй боғе буд, андар он боғ пинҳон шуд. Касони Буғро ӯро бигирифтанд ва кас сӯйи Ҳамуя фиристоданд. Бифармуд, то сари ӯ бардоштанд ва бар сари найза карданд ва ба лашкари ӯ намуданд. Эшон битарсиданду амон хостанд, ҳамаро амон бидод. Ва куштани Лайлӣ шашуми сафар буд, санаи тисъ ва саласмоъа (309 ҳ.).

Ва Мокон ибни Кокӣ чун аз ин ҳазимат бозгашт ба Табаристон шуд ва кулоҳ бар сар ниҳод ва хутба бар фарзанде аз фарзандони Ҳасан ибни Алӣ ал-Атруш кард ба Гургон ва ба Табаристон ва ба Рай. Чун хабар ба амири саъид Наср ибни Аҳмад расид, фармуд то Муҳаммад ибн ал-Музаффар, амири Нишобур, Моконро бихонд ва дили ӯ хуш кард ва бо вай аҳд баст. Чун ба Табаристон расид, қасди Нишобур кард ва аҳд бишкаст. Ва амири Рай Суълук буд ва ба мири Нишобур Бакр ибни Муҳаммад ибн ал-Ясаъ мутобиқ буд ва чун Мокон хабари мутобиқ

[142] ал-Аламӣ

будан бишнид, низ берун наёраст омадан. Ва Асфор ибни Шерӯя ва Мардовиз ва Вушмгир ибни Зиёр, ки андар сипоҳи Мокон буданд, берун омаданд ва Гургону Табаристон гирифтанд.

Ал-Қоҳир Биллоҳ. Абумансур Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Муътазид буд. Чун ба хилофат биншаст, аҳли ҳарами бародари хешро гирифт ва мутолибат кард ва андар мутолибат баровехташ, то андар он бимурд. Ва писари Муктафиро мил кашид. Ва аҳди Хуросон ба амири саъид Наср ибни Аҳмад фиристод ба суҳбати Аббос ибни Шақиқ.

Пас ҳашам гирд омаданд ва мар Қоҳирро халъ карданд, андар шуҳури санаи аснӣ ва ишрин ва саласмоъа (322 ҳ.)

Ва андар айёми ӯ амири саъид мар Муҳаммад ибн ал-Музаффарро сипаҳсолории Хуросон бидод. Ва Мокон аз замини Дайлам бозгашт ва наздики ӯ омад, бо ҳафт тан ва Муҳаммад ибн ал-Музаффар аз баҳри Моконро сутур фиристод ва силоҳу дирам. Пас Мардовиз қасди Муҳаммад кард ва Муҳаммад Гургон бигзошт ва ба Нишобур бозомад. Ва дабире буд мар Мардовизро, номи ӯ Мутриф[143] ибни Муҳаммад. Пас Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Балъамӣ бо Мутриф[144] мутобиқат кард ва Мутриф замон кард, ки «сари лашкар бигардонам». Ва Мардовиз низ огоҳ шуд, Мутрифро бигирифт ва ҳамаи моли ӯ бистад ва бад-он мақсуд нарасиданд.

Ар-Розӣ Биллоҳ. Ӯ Абулаббос Муҳаммад ибн ал-Ҷаъфар ал-Муқтадир буд. Марде адибу фозил буд ва аз ҳар илме бидонист ва адаб неку ёд дошт ва шеър бисёр донист ва сахт фасеҳу комил.

Дори зарби дираму динор дошт. Фармуд, то аз нуқраи пок дирам заданд ва аз зари пок динор.

Ва ба рӯзгори ӯ (Муҳаммад ибни) Алӣ ибни Муқларо ба тазвир муттаҳам карданд, бифармуд то як дасти ӯ аз оринҷ андар бибуриданд.

Ва аҳди Хуросон сӯйи Наср ибни Аҳмад фиристод ба суҳбати Аббос ибни Шақиқ[145]. Ва андар ин вақт Нишобур Муҳаммад ибни Музаффар дошт ва Рай Мардовиз дошт. Пас Мардовиз аз Рай сӯйи Табаристон рафт ва ғуломонаш бо ӯ буданд, андар гармоба ӯро бикуштанд. Ва пешрави эшон Бақками Моконӣ буд ва лашкари ӯ бо бародараш Вушмгир гирд омаданд. Муҳаммад ибн ал-Музафарро фармон расид, то қасди Қумиш кунад ва Моконро гуфтанд, то наздики ӯ ояд аз Кирмон. Чун ба Домғон

---

[143], [138] Мутриб

[139] Мушфиқ

расид, аз роҳи биёбон, Бобхини Дайлам қасди эшон кард, ки ёри Вушмгир буд. Чун Бобхин ба Гургон расид, рӯзе ҳаме чавгон зад, аспаш хато кард, ӯро бияндохт, аз он ҷо мурда бардоштандаш.

Ва Розӣ ҳафт сол халифатӣ кард ва андар санаи тисъ ва ишрин ва салсамоъа (329 ҳ.) фармон ёфт.

Ал-Муттақӣ Биллоҳ. Абуисҳоқ Иброҳим ибни Ҷаъфар ал-Муқтадир буд. Чунин гӯянд, ки чун Муттақиро байъат хостанд кард, ӯ имтиноъ кард ва гуфт: «Бе дастурии амми хеш Қоҳир иҷобат накунам». Ва пеши Қоҳир омаду гуфт: «Ай амм, ту ҳамебинӣ, ки ба ҷабр ин шуғл андар гардани ман ҳамекунанд, агар ту хештанро халъ кунӣ ва ба тавъу табарруъ ба ман таслим кунӣ ва илло ман настонам ва агар бикунам, ин шуғл ҷуз ба фармони ту накунам». Чун Қоҳир ин бишнид, аз Муттақӣ хушнуд шуд ва ӯро андар бар гирифту гуфт: «Ай бародарзода, Розӣ бар ман ситам кард ва акнун бад-ин гуфтори ту хуш гаштам ва пеши ин ҳама маҷлис ҳамегӯям, ки хештанро назъ кардам ва ӯро халъ кардам ва ба ту таслим». Ва чун аз наздики ӯ берун омад, бо Муттақӣ байъат карданд. Ва Қоҳир сад ҳазор дирам сӯйи Муттақӣ фиристод ва дафинаҳо, ки ҳеч кас надонист, ӯро маълум кард.

Ва гӯянд, вазифаи матбах ба рӯзгори Муқтадир ва Қоҳир ҳар рӯзе чаҳорсад динор буд ва ба рӯзгори Розӣ сесад динор шуд, пас ба айёми Муттақӣ Бачками Моконӣ ба дувист динор бозовард.

Ва ба рӯзгори Муттақӣ ба Бағдод вабо уфтод ва мардумони бисёр бимурданд ва кор он ҷо расид, ки аз кафан кардани мурдагон оҷиз шуданд. Пас Муттақӣ бифармуд, то ҳар рӯз дувист динор андар баҳои кафани мурдагон бидодандӣ.

Ва андар он вақт, ки Розӣ бимурд, Бачками Моконӣ ба Восит буд, Муттақиро ба фармони ӯ ба хилофат биншонданд. Пас рӯзе Бачкам ба шикор берун шуд. Баъзе аз курдон пеши ӯ омаданд ва ӯ холӣ буд, ки ҳар кас ӯро нашинохт ва ба ғалат ӯро бикуштанд ба айёми Муттақӣ. Ва андар хазинаи Бачкам моле азим ёфтанд ба Бағдод ва чунин гӯянд, ки ду бор ҳазор ҳазор динор ва шаш бор ҳазор ҳазор дирам буд андар хазинаи ӯ, беруни ҷавоҳир ва ҷомаву зароиф. Муттақӣ фармуд, то он ҳама ба байтулмол бурданд.

Чун аз хилофати Муттақӣ се сол бигузашт, амири саъид Наср ибни Аҳмад бимурд ва Муттақӣ аҳди вилояти Хуросон ба Абумуҳаммад Нуҳ ибни Наср фиристод андар шаъбони санаи аҳадӣ ва саласин ва саласмоъа (331 ҳ.) Ва чун панҷ сол аз хилофати Муттақӣ бигузашт, Муттақиро мил кашиданд ва аз хилофат боз нишонданд.

Ал-Мустакфӣ Биллоҳ. Абулқосим Абдуллоҳ ибни Алӣ Муктафӣ буд ва Муттақӣ…[146] сол халифа буд. Пас ӯро мил кашиданд ва халъ карданд. Тузун[147], ки ӯро амиралумаро гуфтандӣ, каси хеш бифиристод, то ӯро мил кашиданд ва халъ карданд. Ба ҳар ду чашм кӯр шуд ва андар он бимурд. Ва чун Абулҳусайн Аҳмад ибни Бӯя ин хабар бишнид, аз Аҳвоз ба Бағдод омад ва турконро аз он ҷо битохт. Ва туркон аз Абимуҳаммад ал-Ҳасан ибни Абулҳайҷо истиъонат хостанд ва Ҳасан бо эшон ба Бағдод омад ва ҳарб пайвастанд бо Абулҳусайн Аҳмад ибни Бӯя ва чаҳор моҳ ҳарб карданд. Пас писари Ҳамдон бо туркон ҳазимат шуданд ва сӯйи Мавсил бирафтанд ва Абулҳусайн Аҳмад ибни Бӯя Бағдод бигирифт ва ба кори Мустакфӣ биистод. Ва кордорон ба ҳар ҷой бифиристод. Ва ба рӯзгори Мустакфӣ нархҳо андар Бағдод гирон шуд ва вабо уфтод ва бисёр мардум аз он вабо бимурд. Ва чун Аҳмад ибни Бӯя аз Бағдод бирафт, вабо камтар шуд ва нархҳо фуруд омад ва ғалла арзон шуд ва рӯ ба фарохӣ ниҳод.

Ва Мустакфӣ аҳди Хуросон ба амири ҳамид Нуҳ ибни Наср фиристод ва ӯ бипазируфт. Ва ҳашами Хуросон бо Абуисҳоқ Иброҳим ибни Аҳмад ибни Исмоил майл карданд ва ӯ ба Мавсил буд, хостанд ки Мустакфӣ аҳди Хуросон ба ӯ диҳад ва сабаб он буд, ки чун Абуалӣ аз Марв ба Нишобур шуд, Муҳаммад ибни Ҷаъфар ал-Ориз лашкар арз хост ва бисёр касро аз маъруфони лашкар ном аз девон бияфганд. Бад-ин сабаб лашкар бар Абуалӣ мутағайир гаштанд ва то Рай биёмаданд ва бо Абуалӣ ҳам бар он истизодат. Ва Абуалӣ Қасура ибни Муҳаммадро ба эшон фиристод, то шуғлҳои девони Райро забт кунад ва ҳамаи ҳаллу ақди он ба расми ӯ кард, ки ба рӯзгори амири саъид ба расми Абуалӣ буд. Ва Қасура мутаваллии бистгониҳои лашкар буд ва нигоҳ доштани ҳисоби он ба расми ӯ буд. Ва ҳашам мар Иброҳим ибни Аҳмадро бихонданд ва пеши Мустакфӣ бирафтанду аҳди Хуросон аз баҳри Иброҳим бистаданд. Ва ӯ сӯйи Хуросон бирафт. Ва чун ба шаҳри Рай бирасид андар моҳи рамазони санаи арбаъу салосин ва саласмоъа (334 ҳ.), хабари омадани ӯ ба Нуҳ расид, бифармуд то Қасурарро бигирифта ва бар вай муваккил карданд.

Чун Абуалӣ он бидид, бо Иброҳим байъат кард ва сӯйи кӯҳ рафт ва Нуҳ бо лашкар аз Бухоро биёмад бар азми он ки ҳарб кунад. Ва чун бар чанд минбар бар Иброҳим хутба карда буданд, кор сахт шуд ва фасод бисёр шуд. Иброҳим мар хештанро халъ

[146] Мустакфӣ шонздаҳ сол
[147] Турун

кард, то он фитна ва шӯриш биншаст ва чун Нуҳ ба Самарқанд омад, Иброҳим ба наздики ӯ омад ва Нуҳ дил бар вай хуш кард ва аз вай бад-он чи карда буд, биписандид.

Ал-Мутиъ Лиллаҳ. Абулқосим Афзал ибни Ҷаъфар ал-Муқтадир буд. Чун вай ба хилофат биншаст Абулҳусайн Аҳмад ибни Бӯя ҳама аъмоли Мутиъ музаббат кард ва зиёъи бисёр, ки пеш аз он хароб гашта. Ва бифармуд, то ҷиср бисохтанд бар Даҷла. Ва андар кори раъият тазоҳурҳои неку кард ва расми зиндону шиканҷа ва расмҳои бад, ки туркон ниҳода буданд, бардошт. Ва Ҳасан Булҳайҷоро, ки раиси туркон буд ва ба Мавсил нишастӣ, ҳам бар он амал дошт ва ҷибояте вофир бар вай ниҳод, ки ҳар моҳ ба хазина фиристад.

Ва Алӣ ибни Бӯяро Имоду-д-давла лақаб карданд ва Абулҳусайнро Муъиззу-д-давла ва Ҳасанро Рукну-д-давла.

Ва аҳди вилояти Хуросон Нуҳ ибни Насрро фиристод.

Ва ба рӯзгори Мутиъ ба Чағониён мутанабие падид омад ба деҳе, ва гӯянд, ба Дари Оҳанин, номи ӯ Маҳдӣ ва даъвои пайғамбарӣ кард ва даъват ошкоро кард ва бисёр мардум бад-ӯ бигиравиданд. Ва ӯ шамшере ба ҳамоил доштӣ ва бо мухолифони хеш ҳарб кардӣ ва бисёр мардумро бикушт, ки аз вай эъроз карданд ва мазҳаби ӯ нагирифтанд. Ва ин Маҳдӣ худованди ҳилатҳо буд, чунонки даст андар ҳавзи пуроб кардӣ, муште динор баровардӣ ва андак моя таом бар хон ниҳодӣ, қавме анбуҳ бар он бихӯрдандӣ ва ҳама сер шудандӣ ва кӯза пуроб кардӣ ва қавме бихӯрдандӣ ва кӯза пуроб будӣ. Ва чун хабари вай бипароганд, мардумон рӯй ба вай ниҳоданд ва бисёр кас аз оммаи мардумон бад-ӯ бигиравиданд. Ва чун ин хабар ба амири ҳамид расид, нома кард сӯйи Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибн ал-Музаффар, то ӯро бигирифт ба Вошгирд ва сари ӯ бибурид ва ба Бухоро фиристод ва он сарро бар сари найза карданд ва бад-он касҳо намуданд, ки бад-ӯ гиравида буданд.

Ва ба рӯзгори Мутиъ нома расид аз Абусаъиди Молик ба Бағдод, ки ҳар сол аз вилояти Рай дувист ҳазор динор ҳамедиҳад ва ҳадяҳои дигар, чунонки расм буд ва бо Вушмгир ба ҳадиси Табаристон музоҳимат накунанд. Ва Мутиъ фармуд, то номаи Абусаъиди Моликро бар муроди ӯ ҷавоб набиштанд ва он чӣ илтимос карда буданд, бидодандаш ва ҳадяҳову тӯҳфаҳо ба наздики халифа пайваста гашт ва хунҳо баста шуд ва адоватҳо биншаст ва корҳои Хуросон ва Ироқ рост шуд. Ва Мутиъ нома набишт, ки он дувист ҳазор динор атои ҳашами Хуросон кардем, ҳар сол аз Рай ва Кавари Ҷибол аз қарори санаи арбаъ ва арбаъин ва саласмоъа (344 ҳ.) ва корҳои мамлакат низом гирифт

ва Мутиъ хешро аз хилофат назъ кард ва писари хеш Тоеъро ба ҷойи хеш биншонд.

Ат-Тоиъ Лиллоҳ. Абубакр Абдулкарим ибн ал-Фазл ал-Мутиъ буд. Ва аз вақти Абубакри сиддиқ то бад-ин ғоят ҳеч халифатеро куният Абубакр набуд ҷуз ӯро. Ҳеч халифа ба зиндагонии падари хеш ба хилофат нанишаст ҷуз вай. Ва ӯро шеър бисёр аст. Ва Мутиъ андар маҷлисе, ки банӣ Ҳошим ва алавиён ва машоиху удул ҳозир буданд, хештанро назъ кард аз хилофат ва ба писари хеш бидод ва ӯ бипазируфт, чунонки воҷиб омад, андар зи-л-қаъдаи санаи салос ва ситтин ва саласмоъа (363 ҳ.) Ва Бахтиёр ҳоҷиби Тоиъ буд, бо вай мусоҳират кард ва Бахтиёр ба Аҳвоз шуд аз баҳри истидроки молро, ки андар он тақсир рафта буд. Ва Сабуктегини чошнигирро ба Бағдод халифаи хеш кард. Сабуктегин хилоф падид овард ва хазина ва силоҳу мол ҳамегирифт ва табоҳ ҳамекард ва турконро ба хештан ҳамехонд ва даста медод, омма ва авбоши шаҳрро ҳамчунин, то саройҳои аҳли салоҳ ғорат ҳамекарданд ва хун ҳамерехтанд ва молҳои мардумон ҳамебурданд ва даст бар ҳарами мардумон дароз ҳамекарданд.

Бахтиёр амми хеш Ҳасан ибни Бӯяро огоҳ кард ва аз ибни[148] амми хеш Фанохусрав ёрӣ хост ба кифоят кардани шарру фасоди Сабуктегин ва дигар туркони муфсид. Фанохусрав аз Порс биёмад ва Абулфатҳ ал-Амидро Ҳасан ба вай фиристод бо гелу дайлам ва Сабуктегин ба Дайрулоқул омад ба ҳарби эшон ва он ҷо нолон шуд ва чаҳор рӯзро бимурд. Ва миёни Бахтиёру туркон чанд вақоеъ биюфтод ба Восит. Охир туркон бигурехтанд ва ба Бағдод омаданд ва Абушуҷоъ бар асари эшон фароз расид бо Бахтиёр ва қасди Бағдод карданд. Чун ба Мадоин расиданд, хабар расид, ки туркон ҷисрро бастанд ва Савод паси пушт карданд ва Тоиъро ёри хеш карданд ва қасди Бахтиёр доранд. Бахтиёр лашкар бисохт, туркон фароз расиданд ва ҳарб карданд ҳарчи саъбтар ва Абушуҷоъ ғалаба кард бар туркон ва туркон ҳазимат шуданд ва дайламон ғолиб гаштанд ва кушиш карданд, то туркон нек мақҳур гаштанд. Абушуҷоъ оташ андар лашкаргоҳи эшон зад ва туркон андар Бағдод шуданд ва ба дигар сӯ берун шуданд ва сӯйи Мавсил бипагандand ба таъҷил.

Ва Абушуҷоъ андар Бағдод омад ва он ҷо муқом кард. Ва Абушуҷоъро аз Бахтиёр хабарҳое шунавониданд, ки Бахтиёр нафси бад дорад ва дунҳиммат асту хасисхӯ. Абушуҷоъ чанд бор панд бидод, суд надошт. Ва Абушуҷоъ марди ҷидд буд ва рав-

[148] ин

шанрой ва зирактабъ. Бахтиёрро ба зиндон кард ва молҳои ӯ баргирифт ва аъмоли ӯ бигирифт.

Ва чун хабари Бахтиёр ва Абушуҷоъ ба амми ишон Ҳасан ибни Бӯя расид, тофта шуд ва бигиристу гилем андар сар кашид ва касро бор надод. Ва нома набишту кас фиристод сӯйи Абулфатҳ ибн ал-Амид, ки дабири Абушуҷоъ буд. Ва Абулфатҳ бисёр иноят кард, то Абушуҷоъ мар Бахтиёрро даст боздошт ва молҳо бад-ӯ боз бидод ва вилоят бад-ӯ бидод. Ва Бахтиёр ба шукри Абушуҷоъ нома набишт ба амм ва Абушуҷоъ сӯйи Порс бозрафт.

Ва Тоиъ Абулфатҳи дабирро зукифоятайн ном кард.

Ва чунин гӯянд, ки Абушуҷоъ марди мутакаббир ва гардановар буд. Қисса набиштанд бад-ӯ, ки лашкаре андар сарой нузул кардааст, ки он сарой расмӣ набудааст. Абушуҷоъ бар пушти қисса ҷавоб набишт, ки «Са урикум оёти фа ло тастаъҷилун»[149]

Ва Абулфатҳ ибн ул-Амид ва Абуҷаъфар Аҳмад ибн ал-Ҳусайн ал-Утбӣ ба яке ҷой мукотибат доштанд. Пас ҳар ду дабир андар истоданд, миёни оли Бӯя ва миёни Сомониён улфат афганданд ва ҳамаи ваҳшатҳо бардоштанд. Ва ҳар сол дувист ҳазор динор аз Гургону Табаристон ва Қумиш ҳаме ба Хуросон оварданд. Ва андар он миён Ҳасан ибни Бӯя бемор шуд ва заъиф гашт ва Абушуҷоъро ба наздики хеш хонд ва чанд гоҳ он ҷо ҳамебуд. Ва шаҳрҳову мамлакат бар фарзандон бахшид ва ҳиссаи ҳар як падид кард. Ва хар чи дафин буд бо Абушуҷоъ бидод. Ва чун ба шаҳри Рай омад бимурд ба таърихи панҷуми муҳаррами санаи ситт ва ситтин ва саласмоъа (366 ҳ.)

Ва ба рӯзгори Мутиъ Абуалӣ Илёс андар амири рашид осӣ шуд ва Кирмон бигирифт ва Фанохусрав лашкард фиристод ва Абуалиро ҳеч натавонист кард. Ва сабаби берун омадан ва исёни Абуалӣ он буд, ки чун Абулмузаффар Абдуллоҳ ибни Аҳмад ба Чағониён бимурд, Абуалӣ ба ҷойи ӯ биншаст ва чун бар муроди хештан тамкин наёфт, исён падид кард ва берун омад ва рафт он чи рафт.

Ал-Қодир Биллоҳ. Абулаббос Аҳмад ибни Исҳоқ ибни Ҷаъфар ал-Муқтадир буд. Ва Абунаср Баҳоу-д-давла ибни Азуду-д-давла бадхоҳи Тоиъ буд ва ҳамеша бади ӯ гуфтӣ ва масовии ӯ ҷустӣ ва пайваста тадбирҳо кардӣ андар кори ӯ ва аммо ҳанӯз қазо наёмада буд.

[149] Сураи Анбиё (21:38).

Духтари Бахтиёр, ки зани Тоиъ буд, Абунасрро тамкин кард, то андар саройи ӯ омад ва ҳар чи хост аз матоъи хона ва ҷуз аз он бардошт ва берун омад. Ва бо ҳашам тадбир кард ва Тоиъро халъ карданд, андар шаъбони санаи аҳадӣ ва самонин ва саласмоъа (381 ҳ.) ва бисту се рӯз холӣ буд, ки ҳеч кас набуд, ки хилофатро шойист.

Пас Абунаср Баҳоу-д-давла кас фиристод, то Аҳмад ибни Исҳоқ ибн ал-Муқтадирро аз Батоиҳи Яман биёварданд. Ва ӯ ба наздики амири Яман ҳамебуд мутанаккиргуна ва амири Яман ӯро сахт неку доштӣ ва бо ӯ аҳдҳо карда буд. Ва ин рӯз, ки қосиди Баҳоу-д-давла фароз расид, шароб хӯрда буданд ба хонаи амири Яман ва шабона хуфта буданд. Чун ин хабар андар расид, амири Яман ҷиҳози ӯ бисохт аз таҷаммулу сутур ва фаршу авонӣ ва кеҳтарон ва ӯро бо иъзозу икром ба ҷониби Бағдод гусел кард аз Яман ва чун ба Бағдод расид, ӯро ал-Қодир Биллоҳ ном кард ва ба хилофат биншонд.

Ва Қодир сахт гурбузу зирак ва равшанрой буд ва ӯро аз гурбузӣ «Ибни Димна» гуфтандӣ ва ба ғоят ҳушёр буд ва чун хилофат бар вай қарор гирифт, Тоиъро[150] ба мунодимати хеш оварда ва кор ҳамеронд.

Аввал коре, ки бикард писари хеш Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмадро валиаҳд кард ва ӯро «ал-Ғолиб Биллоҳ» лақаб кард ва ҳуҷоҷи Хуросон ва ҳамаи бузургони Ирокро бар он аҳд гувоҳ кард.

Ва Абулфаворис ибни Азуду-д-давла бимурд ба Бағдод андар ҷумоди-л-охираи санаи тисъ ва сабъин ва саласмоъа (379 ҳ.) ва Баҳоу-д-давла ва Зиёу-л-милла ва Ғиёсу-л-умма Абунаср бародари Азуду-д-давла ба ҷойи ӯ биншаст ва он лашкар ба Порс буданд. Самсому-д-давла Боколиҷорро аз қалъаи Кабул берун оварданд ва Порс бигирифт ва туркон ӯро мухолиф шуданд.

Пас Абуалӣ писари Абулфаворис ибни Азуду-д-давла пеши ӯ шуд. Ва ӯро Қуроу-д-давла лақаб карданд. Ва Самсому-д-давла бо эшон ҳарб кард ва эшонро ҳазимат кард. Ба Бағдод боз шуданд ва чунон ҳарбҳо буд миёни Боколиҷор ва миёни Абунаср , то бештар аз шаҳрҳои Аҳвозу Басра вайрон шуд. Пас гурӯҳе аз мардумони Порс сиголиданд, ки бар он ҳисор шаванд, ки писарони Бахтиёрро бар он ҷо боздошта буданд ва бандҳо аз эшон бардоранд ва эшонро берун оранд. Ва ҳамчунон карданд ва эшон берун омаданд. Ва шаҳри Порс ба сабаби берун омадани

[150] Толиъро

эшон музтариб шуд ва лашкар мухолиф шуданд якдигарро. Ва Боколиҷор хост, ки бо эшон ҳарб кунад, натавонист. Эшон бар вай ғалаба карданд ва ӯро бигирифтанду сари ӯ бибуриданд. Ва чун ин хабар ба Баҳоу-д-давла расид, кини он бозхост ва писарони Бахтиёрро аз ноҳият берун кард. Меҳтари эшон Солор ибни Бахтиёр буд, ӯро Нуру-д-давла лақаб карда буданд. Ӯ бигурехту ба Кирмон шуд ва Баҳоу-д-давла пеши ӯ рафт ба Вошаҳр. Ғуломони хеш ӯро бикуштанд ва сари ӯ бибуриданд ва пеши Баҳоу-д-давла оварданд. Ва Баҳоу-д-давла чун чунон бидид, нафратро фармуд, то пӯсти он ғуломон, ки сари ӯро бурида буданд, биёҳехтанд ва эшонро бар дор карданд. Ва фармуд, то андар лашкар нидо карданд. ки «Ин ҷазои он кас аст, ки бар худованди хеш даст дароз кунад ва аз Худой, азз ва ҷалл, натарсад ва ҳаққи худованди хеш фаромӯш кунад ва ба неъмати худованди хеш кофар шавад».

Ва ба рӯзгори ал-Қодир Биллоҳ Нуҳ ибни Мансур, амири Хуросон бимурд, Қодир аҳди Хуросон ба Абулҳорис Мансур ибни Нуҳ фиристод ва ӯ ҳанӯз болиғ набуд, ки ба амирӣ нишаст.

Ва аз бас хабарҳои амир Абулқосим Маҳмуди Сабуктегин, раҳмату-л-Лоҳи таъоло, ба наздики ал-Қодир Биллоҳ мебурданд ва ҷалдиҳову кифоятшиъории ӯ, ба таърихи охири зи-л-қаъда, санаи тисъ ва самотин ва саласамоъа, аҳд ва ливои Хуросон ба амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, фиристод ва ӯро Ямину-д-давла ва Амину-л-милла лақаб карданд. Ва то охири аҳди амир Маҳмуд халифа ал-Қодир Биллоҳ буд. Ва чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, фармон ёфт, аҳд ва ливои Хуросон ба амир Бусаъид Масъуд ибни Ямину-д-давла фиристод ва ӯро Носируддину-л-Лоҳ ва Ҳофизу ибоду-л-Лоҳ ва Заҳиру халифату-л-Лоҳ лақаб карданд ва чун ду сол аз вилояти Носируддину-л-Лоҳ бигзашт, ал-Қодир Биллоҳ фармон ёфт.

Ал-Қоим Биамруллоҳ. Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Қодир Биллоҳ аст. Ва андар санаи салас ва ишрин ва арбаъамоъа (423 ҳ.) ба хилофат биншаст. Ва сахт порсо ва хештандор буд ва Худойтарс ва ҳамеша ба таъаббуд машғул буд ва ҳаргиз расм надошта аст ба фиску фуҷур ва ғайбат кардан. Ва чун хилофат бар вай рост шуд, аввал коре ки кард, аҳди Хуросон ба наздики амир Бусаъид Масъуд ибни Ямину-д-давла, раҳмату-л-Лоҳ, фиристод. Ва ба рӯзгори ӯ Хуросон бишӯрид ва туркмонон берун омаданд ва бештар аз шаҳрҳои Хуросон вайрон карданд. Ва чун Қоим ин ҳол бишнид, нома набишт ба Носириддину-л-Лоҳ, то онро тадорук кунад.

(БОБИ ДАҲУМ)
АНДАР ҶАДВАЛИ УМАРОИ ХУРОСОН

Аммо умарои Хуросон. Андар қадим расм дигаргун буд. Аз рӯзгори Офаридун то гоҳи Ардашери Бобакон мар ҷаҳонро яке сипаҳсолор будӣ. Ва чун Ардашер биёмад, ҷаҳонро ҷаҳор сипаҳсолор кард: яке Хуросон, дудигар Мағриб, седигар Нимрӯз, чаҳорум Озарбойҷон. Ва мар Хуросонро чаҳор марзбон кард: яке марзбони Марви Шойгон ва дувум марзбони Балху Тухористон ва сеюм марзбони Мовароуннаҳр ва чаҳорум марзбони Ҳироту Пушанг ва Бодғис. Ва чун мусалмонон подшоҳии Аҷам бигирифтанд ва Хуросон мусалмононро бигашт, он ҳама расмҳои муғон барандохта шуд.

Ва ба рӯзгори пайғамбари мо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, дасти мусалмонон ба Хуросон нарасида буд ва андар хилофати Абубакри сиддиқ, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳу, ҳамчунон. Ва чун Умар, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳу, ба хилофат биншаст, мар Холид ибн ал-Валидро ба замини Аҷам бифиристод, то онро фатҳ кунад. Ва чун ба дашти Қодисия расид, лашкари Аҷам пеши ӯ омад, ба фармони Яздиҷурд ибни Шаҳриёр ва солори он сипоҳ Рустам ибни Фаррух буд. Ва он ҷо ҳарб карданд ва зафар мар аҳли исломро буд. Муғонро мақҳур карданд ва бисёре аз эшон дастгир карданд ва ба бандагӣ бифурӯхтанд. Ва Яздиҷурд ба ҳазимат шуд ва ба Марви Шойгон кушта шуд. Ва лашкари ислом андар Ироқ омаданд ва ҳама бар он ҷумла ҳамеомаданд ва шаҳрҳо ҳамегушоданд, то ба Хуросон расиданд.

Ва андар хилофати Умар кас ба Хуросон нарасид. Ва чун Усмон ибни Аффон, разийа-л-Лоҳи анҳу, ба хилофат биншаст, мар Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайзро ба Хуросон фиристод ва Абдуллоҳ ибни Омир мар Абдуллоҳ ибни Ҳозимро бар муқаддамаи хеш бифиристод ба роҳи Порсу Гургон ва ба Табасайн берун омаданд ва Табасайнро бигушоданд. Ва нахустин кас андар аҳли Хуросон мардумони Табасайн мусалмон шуданд. Ва ҳамчунин аз паси ӯ амирони дигар ҳамеомаданд ва фатҳ карданд то бад-ин ғоят.

Ва ман номҳои ҳар амире ва шаҳрҳои ҳар мамлакат ва номи хулафо, ки ба рӯзгори эшон буданд ва муддати подшоҳии ҳар як ва таърихи ибтидои аморати ҳар амире ин ҷо биёвардам ва онро ба ҷадвал кардам, то зудтар ёфта шавад ва осонтар ба даст ояд. Ва ҷадвал ин аст:

Адад	Номҳои умаро	Дорул мулк	Номҳои хулафо, ки ба рӯзгори ҳар як буданд	Муддатҳои аморат	Таърихи ибтидои аморат аз торихи ҳичрӣ
ا (1)	Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз	Гӯён	Усмон ибни Аффон	***	Зу-л-ҳиҷҷаи санаи сала ва ишрин 23ҳ.)
ب(2)	Умайр ибни Аҳмар ал-Яшкурӣ	Марв	Усмон ибни Аффон	***	Зу-л-ҳиҷ-ҷаи сабъа ва ишрин (27 ҳ.)
ج (3)	Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз	Заранҷ	Алӣ ибни Абитолиб ва писари ӯ Ҳасан	***	Зу-л-ҳиҷҷаи сабъа ва ишрин (27 ҳ.)
ز (4)	Қаъда ибни Ҳубайра ал-Махзумӣ	Марв	Муовия	***	
ه (5)	Абдурраҳмон ибни Абизӣ ал-Хузоъӣ	Балх		***	Аҳадӣ ва саласин (31 ҳ.)
و (6)	Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз	Ҳирот	Муовия	***	Арбаъ ва саласин (34 ҳ.)
ذ (7)	Зиёд ибни Абиҳ	Балх		***	Самон ва саласин (38 ҳ.)
ح (8)	Убайдуллоҳ ибни Зиёд	Марв	Муовия	***	Арбаъ ва арбаъин (44 ҳ.)
ط (9)	Саъид ибни Усмон ибни Аффон	Марв		***	Аснин ва хамсин (52 ҳ.)
ى (10)	Абдурраҳмон ибни Зиёд	Бухоро		***	Хамс ва хамсин (55 ҳ.)
يا (11)	Салм ибни Зиёд	Марв	Абдуллоҳ ибни Зубайр	***	Самон ва хамсин (58 ҳ.)
يب (12)	Абдуллоҳ ибни Хозим	Марв		***	Аснӣ ва ситтин (62 ҳ.)
يج (13)	Баҳир ибни Варқоъ	Тӯс	Абдулмалик ибни	***	Аҳадӣ ва сабъин

			Марвон		(71ҳ.)
يد (14)	Умайя ибни Абдуллоҳ	Марв	Абдулмалик ибни Марвон	***	Аснӣ ва сабъин (72 ҳ.)
يه (15)	Ал-Ҳаққоқ ибни Юсуф	Кас	Абдулмалик ибни Марвон	***	Тисъ ва сабъин (79 ҳ.)
يو (16)	Қутайба ибни Муслим	Марв	Валид ибни Абдулмалик	***	Сабъ ва самонин (87 ҳ.)
يز (17)	Язид ибни Муҳаллаб	наёмад	Сулаймон ибни Абдулмалик	***	Сабъ ва самонин (87 ҳ.)
يح (18)	Вакиъ ибни Абисауд	Фарғона	Сулаймон ибни Абдулмалик	***	Ба Хуросон нарасид
يط (19)	Язид ибни Муҳаллаб	Гургон	Сулаймон ибни Абдулмалик	***	Сабъ ва тисъин (97)
ك (20)	Ал-Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ ал-Ҳакамӣ	Марв	Умар ибни Абдулазиз	***	Санаи моъа (100)
كا (21)	Абдурраҳмон ибни Нуъайм ал-Омирӣ	Марв	Язид ибни Абдулмалик	***	Аҳадӣ ва моъа (101 ҳ.)
كب (22)	Саъид ибни Абдулазиз	Марв	Ҳишом ибни Абдулмалик	***	Арбаъ ва моъа (104 ҳ.)
كج (23)	Умар ибни Ҳубайра	Марв		***	Сабъ ва моъа (107 ҳ.)
كد (24)	Холид ибни Абдуллоҳ	Марв		***	
كه (25)	Ашрас ибни Абдулоҳ ас-Салимӣ	Марв	Ҳишом ибни Абдулмалик	***	Ашр ва моъа (110 ҳ.)
كو (26)		Марв	Ҳишом ибни Абдулмалик	***	Аснӣ ашр ва моъа (112 ҳ.)

كز (27)	Холид ибни Абдуллоҳ	Нишобур	Ҳишом ибни Абдулмалик	***	Ишрин ва моъа (120 ҳ.)
كح (28)	Осим ибни Ҳамид ал-Ҳилолӣ	Нишобур	Ҳишом ибни Абдулмалик ва Иброҳим ва Марвон	***	Ишрин ва моъа (120 ҳ.)
كط (29)	Наср ибни Сайёр	Нишобур	Абулаббос Саффоҳ	***	Ишрин ва моъа (120 ҳ.)
ل (30)	Абумуслим Абдурраҳмон	Нишобур	Абуҷаъфар ал-Мансур	***	Ситт ва ишрин ва моъа (126 ҳ.)
لا (31)	Абудовуд аз-Зуҳлӣ	Нишобур	Ал-Мансур	***	Сабъ ва саласин ва моъа (137 ҳ.)
لب (32)	Абдулҷаббор ибни Абдурраҳмон	Систон	Ал-Мансур	***	Арбаъин ва моъа (140 ҳ.)
لج (33)	Хозим ибни Хузайма	Нишобур	Ал-Мансур	***	Аснӣ ва арбаъин ва моъа (142 ҳ.)
لد (34)	Абуавн Абдулмалик ибни Язид	Нишобур	Ал-Мансур	***	Салас ва арбаъин ва моъа (143 ҳ.)
له (35)	Усайд ибни Абдуллоҳ	Балх		***	Хамсин ва моъа (150 ҳ.)
لو (36)	Абада ибни Қудайд	Систон	Ал-Мансур	***	Аҳадӣ ва хамсин ва моъа (151 ҳ.)
لز (37)	Ҳумайд ибни Қаҳтаба	Тӯс	Ал-Мансур	***	Тисъ ва хамсин ва моъа (159 ҳ.)
لح (38)	Абуавн ибни Абдулмалик	Марв	Ал-Маҳдӣ	***	Ситтин ва моъа (160ҳ.)

لط (39)	Маъоз ибни Муслим	Нишобур	Ал-Маҳдӣ	***	Аҳадӣ ва ситтин ва моъа (161 ҳ.)
م (40)	Ал-Мусаййаб ибни Зуҳайр	Марв	Ал-Маҳдӣ	***	Сабъ ва ситтин ва моъа (167 ҳ.)
ما (41)	Абулаббос ал-Фазл ибни Сулаймон	Тӯс	Ал-Маҳдӣ ва ал-Ҳодӣ	***	Ситт ва ситтин ва моъа (166 ҳ.)
مب (42)	Ҷаъфар ибни Муҳаммад	Тӯс	Ар-Рашид	***	Аснӣ ва сабъин ва моъа (172 ҳ.)
مج (43)	Ал-Аббос ибни Ҷаъфар	Марв	Ар-Рашид	***	Хамс ва сабъин ва моъа (175 ҳ.)
مد (44)	Ал-Ғитриф ибни Ато	Бухоро	Ар-Рашид	***	Сабъ ва сабъин ва моъа (177 ҳ.)
مه (45)	Ал-Фазл ибни Яҳё Бармакӣ		Ар-Рашид	***	
мо (46)	Мансур ибни Язид (Язид ибни Мансур)	Нишобур	Ар-Рашид	***	Самонин ва моъа (180 ҳ.)
мз (47)	Алӣ ибни Исо ибни Моҳон	Балх	Ар-Рашид	***	Тисъ ва сабъин ва моъа (179 ҳ.)
мх (48)	Ҳарсама ибни Аъйан	Балх	Ар-Рашид	***	Аҳадӣ ва тисъин ва моъа (191 ҳ.)
мт (49)	(Ҳасан ибни Саҳл)	Марв	(ал-Маъмун)	***	Самон ва тисъин ва моъа (198 ҳ.)
н (50)	Ғассон ибни Аббод	Марв	(ал-Маъмун)	***	Хамс ва моъитин (205 ҳ.) (202)
на (51)	Тоҳир ибн ал-Ҳусайн	Нишобур	(ал-Маъмун)	***	Арбаъ ва моъитин (204 ҳ)
нб (52)	Талҳа ибни Тоҳир	Нишобур	(ал-Маъмун)	***	Сабъ ва моъитин

					(207 ҳ)
نج (53)	Абдуллоҳ ибни Тоҳир	Нишо бур	(ал-Маъмун)	***	Салас ашр ва моъитин (213 ҳ.)
ند (54)	Тоҳир ибни Абдуллоҳ	Нишо бур	Ал-Восиқ ва ал-Мутавакк ил ва ал-Мунтасир	***	Саласин ва моъитин (230 ҳ.)
نه (55)	Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳ	Нишо бур	Ал-Мустаъин ва ал-Муътаз	***	Самон ва арбаъин ва моъитин (248 ҳ.)
نو (56)	Яъқуб ибни Лайс	Систон	Ал-Муътамад Ала-л-Лоҳ	***	Арбаъ ва хамсин ва моъитин (254 ҳ.)
نз (57)	Амр ибни Лайс	Систон	Ал-Муътамад Ала-л-Лоҳ	***	Хамс ва ситтин ва моъитин (265 ҳ.)
نح (58)	Тоҳир ибни Муҳаммад (Тоҳири севум)	Нишо бур	Ал-Муътамад Ала-л-Лоҳ	***	Тисъ ва хамсин ва моъитин (259 ҳ)
نط (59)	Наср ибни Аҳмад	Балх	Ал-Муътамад Ала-л-Лоҳ	***	Аҳадӣ ва сабъин ва моъитин (271 ҳ.)
س (60)	Тоҳир ибни Амри Лайс	Систон	Ал-Мук-тафӣ Биллоҳ	***	(Тисъ) ва самонин ва моъитин (289 ҳ.)
سا (61)	Ал-мозӣ Исмоил	Бухоро	Ал-Муътазид ва ал-Муктафӣ	***	Сабъ ва самонин ва моъитин (287 ҳ.)
سب (62)	Аш-шаҳид Аҳмад ибни Исмоил	Бухоро	Ал-Муктафӣ ва ал-Муқтадир	***	Хамс ва тисъин ва моъитин (295 ҳ)
سج (63)	Ас-саъид Наср ибни Аҳмад	Бухоро	Ал-Қоҳир ва ар-Розӣ	***	Аҳадӣ ва саласмоъа

					(301 ҳ.)
سد (64)	Ал-ҳамид Нӯҳ ибни Наср	Бухоро	Ал-Мутақӣ ва ал-Мустакфӣ	***	Аҳадӣ ва саласин ва саласмоъа (331 ҳ.)
سه (65)	Ар-рашид Абдулмалик ибни Нӯҳ	Бухоро	Ал-Мутиъ Лиллоҳ	***	Салас ва арбаъин ва саласмоъа (343 ҳ.)
سو (66)	Ас-садид Мансур ибни Нӯҳ	Бухоро	Ал-Мутиъ Лиллоҳ	***	Хамсин ва саласмоъа (350 ҳ.)
سз (67)	Ар-разӣ Нӯҳ ибни Мансур	Бухоро	Ал-Тоиъ Лиллоҳ	***	Хамс ва ситтин ва саласмоъа (365 ҳ.)
سح (68)	Мансур ибни Нӯҳ	Бухоро	Ал-Тоиъ Лиллоҳ	***	Салас ва самонин ва саласмоъа (383 ҳ.)
سط (69)	Абдулмалик ибни Нӯҳ	Бухоро	Ал-Тоиъ Лиллоҳ	***	Тисъ ва самонин ва саласмоъа (389 ҳ.)
ع (70)	Ямину-д-давла, Аминуд-давла Абулқосим Маҳмуд	Ғазнин	Ал-Қодир Биллоҳ	***	Тисъ ва самонин ва саласмоъа (389 ҳ.)
عا (71)	Ҷалолу-д-давла ва ҷамолу-л-мила Абуаҳмад ибни Маҳмуд	Ғазнин	Ал-Қодир Биллоҳ	***	Аҳадӣ ва ишрин ва арбаъмоъа (421 ҳ.)
عب (72)	Носириддину-л-Лоҳ ва Ҳофиз Ибоду-л-Лоҳ Абусаъид Масъуд	Ғазнин	Ал-Қоим Биамруллоҳ	***	Аҳадӣ ва ишрин ва арбаъмоъа (421)
عج (73)	Шиҳобу -д-давла ва Қутбу-л-милла	Ғазнин	Ал-Қоим Биамруллоҳ	***	Аснӣ ва салосин ва арбаъмоъа

	Абулфатҳ Мавдуд				(432 ҳ.)
عط (74)	Абуҷаъфар Масъуд ибни Мавдуд	Ғазнин	Ал-Қоим Биамруллоҳ	***	Арбаъин ва арбаъмоъа (440 ҳ.)
عه (75)	Ал-Амин ал-Муаййад бинасруллоҳ Абулҳасан Алӣ ибни Масъуд	Ғазнин	Ал-Қоим Биамруллоҳ	***	Аҳадӣ ва арбаъин ва арбаъмоъа (442 ҳ.)
عو (76)	Изоу-д-давла ва Зайну-л-милла ал-Амин Абдуррашид	Ғазнин	Ал-Қоим Биамруллоҳ	***	Аҳадӣ ва арбаъин ва арбаъмоъа (442 ҳ.)

БОБИ ЁЗДАҲУМ
АНДАР АХБОРИ УМАРОИ ХУРОСОН

Акнун ахбори умарои Хуросон бигӯям, ҳам бар он тартиб, ки андар ҷадвал кардам, б-Аллоҳу-т-тавфиқ.

Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз. Ӯ Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз ибни Рабиъа ибни Ҳабиб ибни Абдушшамс буд. Ва Усмон ибни Аффон, разийа-л-Лоҳи анҳу, Басра ба Абумӯсо ал-Ашъарӣ бидода буд ва аз вай бистаду Абдуллоҳ ибни Омирро бидод ва Хуросон ҳам бад-ӯ бидод. Ва Абдуллоҳ ибни Омир мар Абдуллоҳ ибни Хозим ас-Суламиро бар муқаддимаи хеш бифиристод ва бар роҳи Порсу Кирмон ба Табасайн берун омад ва Табасайнро фатҳ карду мусалмон шуданд.

Ва баъзе гӯянд, ба Қумиш омад ва пас ба Гӯён омад ва он ҷо муқом кард. Ва аз он ҷо ба Озодвор омаду сулҳ кард. Ва духтари Милҳони Гуёниро[151] бигирифту ба Абдулло ибни Хозим бидод ба занӣ. Абдуллоҳро аз вай се писар омад: Муҳаммаду Мӯсо ва Солиҳ.

Ва Абдуллоҳ ибни Омир ба Нишобур омад ва Аҳнаф ибни Қайс ва Муҳаллаб ибни Абисуфра бо ӯ буданд ва қавме аз меҳтарони Басра. Ва аз шаҳрҳои Хуросон Қуҳастону Абаршаҳр ва Тӯсу Сарахс ӯ гушод андар санаи тисъ ва ишрин (29 ҳ.).

Ва Ҳотам[152] ибн ал-Нуъмон ал-Боҳилиро бифиристод бо чаҳор ҳазор мард аз Араб ва ҳазор марди Аҷам ба ҷанги ҳайтолон. Ва Аҳнафро андар ҳарбҳо бар сар ҷароҳат уфтод ва об андар чашмаш аз он буд. Ва дижи Аҳнаф ба Марврӯд ӯ бино кард ва шаҳри Марврӯдро бистад ба сулҳ. Ва Абдуллоҳ ибни Омир бо деҳқони Ҳирот сулҳ кард ба панҷоҳ бадра дирам. Ва чун соли сию як андар омад, Абдуллоҳ ибни Омир ба ҳаҷ рафт ва Қайс ибн ал-Ҳайсам ас-Суламиро бар Хуросон халифа кард. Ва чун ба наздики Усмон расид, ӯро ба наздики хеш бозгирифт.

Умайр ибни Аҳмар ал-Яшкурӣ. Пас Усмон мар Умайр ибни Аҳмарро ба Хуросон фиристод. Ва ӯ Маъмур ибн Суфён ал-Яшкуриро бифиристод, то бар қундузи Марв намоз кард. Ва чанд гоҳ Умайр ба Хуросон бимонд ва сипанҷ гирифтани хонаҳои мардумон мар лашкариро ӯ расм оварад. Ва сабаб он буд, ки Умайр ибни Аҳмар бар дари Марв фуруд омада буд, андар харгоҳҳо ва харпуштаҳо ва сармои сахт омад ва деҳқонони Марв битарсиданд бар Умайр ва сипоҳаш, ки аз сармо ҳалок

[151] Милҷони Лӯпониро
[152] Хотам

шаванд. Пас эшонро дар хонаҳои хеш ҷой бидоданд ва чун чанд рӯзе баромад, аз он чи карда буданд, пашемон шуданд. Ва қасд карданд, ки он сипоҳҳо ва Умайрро фурӯ гиранд. Ва ин сиголиш аҳли бозор ва айёрон карданд. Ва Бироз ибни[153] Моҳуя, ки солор ва деҳқони Марв буд, аз ин сиголиш хабар ёфт, дарвақт мар Умайр ибни Аҳмарро хабар бидод. Умайр фармуд, то ҳамаи лашкариён силоҳ пӯшиданд ва шамшер андар ниҳоданд ва бисёр мардум аз Марврo бикуштанд ва бисёр хонаҳоро ғорат карданд, то ҳамаи мардуми шаҳр гирд омаданд ва касон андар миён карданду моле бипазируфтанд ва аз Умайр узр хостанд, то лашкариёнро фурӯ дошт ва он фитна биншаст. Ва аз паси он лашкариро сипанҷ гирифтан расм гашт. Ва Умайр ибни Аҳмар мукофоти он чи Бироз карда буд, ба ҷойи ӯ бикард ва аз пас аз он ӯро сахт неку доштӣ ва ҳурмат кардӣ.

Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз. Пас Усмон бори дигар Хуросон мар Абдуллоҳ ибни Омирро бидод. Ва ӯ Рабиъ ибни Зиёдро бифиристод, то Систон бигушод ва аз он ҷо чиҳил ҳазор сар барда кард ва аз он бардагон яке Меҳрон буд, мавлои Убайдуллоҳ ибни Зиёд ва Солиҳ ибни Абдурраҳмон буд ва Пирӯз мавлои Ҳасин ибни Молик ал-Анбарӣ буд ва Бастом[154] мавлои бану Лайс буд, ки ӯро ба Марв фарзандон ва ақаб бисёр аст ва Маъоз[155] ибни Муслим буд, ҷадди Маъозиён, ки волиёни Хуросон буданд ва Икрима буд мавлои Абдуллоҳ ибн ал-Аббос.

Ва ин Пирӯз – мавлои Ҳасин бо Абдурраҳмон ибн ал-Ашъас буд, ки Язид ибн ал-Муҳаллаб ӯро асир гирифт ва сӯйи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф фиристод. Ва Ҳасин ибни Молик ва Пирӯз шаҳри Майсон ва Фурот ва амали он дошта буданд ва бар эшон моле азим ҳосил омада буд. Ва Ҳаҷҷоҷ аз Пирӯз бихост, надод ва Ҳаҷҷоҷ ӯро бад-ин сабаб бикушт. Ва чун фатҳи Систон бибуд, Рабиъ ибни Зиёд ба Басра бозрафт ва андар он вақт обшиносон ӯро гуфтанд, ки «агар мо аз баҳри туро шохи об берун орем, моро ва фарзандони моро озод кунӣ?» Шарт кард, ки «озод кунам». Пас эшон андар истоданд ва об берун оварданд ба Набоҷ[156] ва ба Ҷуҳфа ва ба бустони Банӣ Омир ва ба Нахила, якманзилии Макка ва ба Арафот обҳо берун оварданд ва сақояҳои Банӣ Омир эшон карданд ва асари он то бад-ин ғоят ҳанӯз монда аст.

[153] Барозини
[154] Башом
[155] Маъод
[156] Баноҳ

Ҷаъда ибни Ҳубайра ал-Махзумӣ. Ва чун Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳу, ба хилофат биншаст, Хуросон мар Ҷаъда ибни Ҳубайраро бидод ва ӯ писари холи Алӣ буд ва Умм ал-Ҳасан, духтари Алӣ, зани ӯ буд. Ва Алӣ, разийа-л-Лоҳи анҳу, нома набишт сӯйи Бироз ибни Моҳуя, деҳқони Марв, то хироҷ ба Ҷаъда гузорад. Ва Ҷаъда ба Марв омад ва Бироз ба ҳамаи деҳқонони Марв нома набишт ба тоъат доштани Ҷаъда андар гузордани хироҷ. Ва Ҷаъда бисёр фатҳҳо кард андар Хуросон ва писари ӯ Абдуллоҳ, ҳамчунон дар ҳарби Ҷамал, ки ба Басра буд андар санаи ситт ва саласин (36 ҳ.) ва дар ҳарби Сиффин, ки Алӣ, алайҳу-с-салом, бо Муовия кард андар санаи сабъ ва салосин (37 ҳ.) , буд.

Абдурраҳмон ибни Абизӣ ал-Хузоъӣ. Пас Алӣ, разийа-л-Лоҳи анҳу, Хуросон мар Абдурраҳмон ибни Абизиро бидод. Ва Абдурраҳмон марди хирадманд ва покдин буд ва бо мардумон муҳомилат кард ва расмҳои неку ниҳод. Ва ҳанӯз ӯ ба Хуросон буд, ки Алӣ, разийа-л-Лоҳи анҳу, фармон ёфт ва Ҳасан ибни Алӣ, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳумо, ба ҷойи падар биншаст. Муовия ҳилатҳо кард ва Амр ибн ал-Ос андар миён ва сари эшон баргардонид, то хештанро аз хилофат назъ кард. Ва Амр ибни Ос Муовияро гуфт: «Ҳилати он соз, ки Ҳасан хештанро бармало халъ кунад ва хутба кунад». Ва бо Муовия муқовимат натавонист кард ва бо кайди ӯ барнаёмад, бар пой хосту хутба кард, ки порсии он чунин буд, ки «Ай мардумон, Худой, таъоло, хунҳои шуморо аз рехтан боздошт ва ман шуморо бар Муовия аҳду мисоқ гирифтам, ки адл кунад миёни шумо ва файи шумо ба шумо расонад ва бо мақом машғул нагардад ва шуморо ба кинаву ситеза нагирад».

Ва рӯй сӯйи Муовия карду гуфт: «Ё Муовия, ҳамчунин ҳаст?» Муовия гуфт: «Ҳаст». Ва Ҳасан ин оят ҳамехонд: «Ва ин адрӣ лаъаллаҳу фитнатун лакум ва матоъун ило ҳинин»[157]. Ва чун хомӯш шуд, Муовия бо Амр ибни Ос итоб кард, ки «чаро маро чунин ишорат кардӣ».

Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз. Ва чун Муовия ба мақсуд расид, Хуросон мар Абдуллоҳ ибни Омирро бидод ва ӯ мар Абдуллоҳ ибни Хозимро халифат кард ва ба Хуросон фиристод. Ва он ҷо бимонд, то Абдуллоҳ ибн Самрат ал-Умавӣ биёмад ва сағри Кобулу[158] Балхро бигшод ва пас ба Ироқ бозшуд. Ва Абдуллоҳ ибни Омир андар санаи салас ва арбаъин (43 ҳ.) мар

[157] Сураи Анбиё (21:111)
[158] Ва Кобул

Муҷошиъ ибни Масъудро ба Систон фиристод ва ӯ Бусту Заминдовир бистад ва рӯй сӯйи Ироқ ниҳод. Ва чун ба Кирмон расид, ба ҷойе, ки он ҷойро Каракон хондандӣ ва акнун Қасри Муҷошиъ гӯянд, сармои сахт бигирифт ва борон омадан гирифт ва барфу дама андар истод, чунонки низ сутуру мардум кор натавонист кард ва ҳамаро сармо бигирифт ва зери барф шуданд ва ҳеч кас назист, илло ҳама мурданд зери барф.

Зиёд ибни Абиҳӣ. Пас Муовия Хуросон ба Зиёд ибни Абиҳӣ бидод ва ӯ Ҳакам ибн Амр ал-Ғаффориро ба Хуросон фиристод. Ва Ҳакам ба Ҳирот омад ва аз он ҷо ба кӯҳҳои Хуросон берун шуд ва Муҳаллаб ибни Абисуфра бо вай буд бар соқаи лашкар. Ва Муҳаллаб корҳои нек кард ва номи ӯ маъруф гашт ба мардӣ ва муборизату ҳушёрӣ. Ва чун хабр ба Саъд ибни Ваққос расид, бар вай дуои нек кард ва гуфт: «Ё Раб. Ту носиру нигаҳдори Муҳаллаб бош ва ҳаргиз ҳеч хорӣ манамо ӯро». Ва Саъдро мустаҷобуддаъват хондандӣ. Ва аз баҳри Муҳаллаб шамшере фиристод ва он шамшерро фарзандони ӯ, ақаби Муҳаллаб аз баҳри табаррук нигоҳ ҳамедоштанд. Ва чунин гӯянд, ки Сулаймон ибн Муҳаммад ал-Ҳошимӣ он шамшерро аз Дурайд ибн ус-Симма ибни Ҳабиб ибни Муҳаллаб ба сад ҳазор дирам бихост ва надодаш. Ва ҳар чи Муҳаллаб ёфт, чунин гӯянд, ки аз баракати дуъои Саъд ёфт.

Ва Ҳакам ибни Амр ба шаҳри Марв бимурд ва он ҷо ба гӯр кардандаш. Ва нахустин амире буд аз мусалмонон, ки ба Хуросон бимурд ва нахустин амире буд, ки аз рӯди Балх об хӯрд. Ва аз паси ӯ Зиёд ибни Абиҳӣ, мар Абдуллоҳ ул-Лайсиро ба Хуросон фиристод ва ӯ аз ёрони пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳ ва олиҳи ва саллам, буд. Ва аз паси ӯ Рабиъ ибн ал-Ҳорисиро бидод, андар санаи хамсин ва рабиъ (54 ҳ.) ба Хуросон омад ба Марв ва ҳаётиларо ҳазимат кард ва ҳам он ҷо бимурд. Ва андар санаи аҳадӣ ва хамсин (51ҳ.) мардумони Бодғис ва Ганҷрусто муртад шуданд. Пас Шаддод ибни Холид ал-Асадӣ бар эшон тохтан оварда ва қавмеро бикушт ва тане чандро барда кард. Пас Муовия фармуд, то он бардагонро бозбидоданд аз ҷиҳати аҳдро. Ва нахустин барда, ки ба Хуросон бидоданд, он буд.

Убайдуллоҳ ибни Зиёд. Муовия Хуросон ба писари ӯ Убайдуллоҳ ибни Зиёд бидод. Ва Убайдуллоҳ ба Хуросон омад ва рӯд бигзашт бо шонздаҳ ҳазор сувор. Ва нахустин касе аз мусалмонон, ки аз рӯд гузорда шуд, ӯ буд. Ва Муҳаллаб ибни Абисуфраро ба Бухоро фиристод бо чаҳор ҳазор мард, то Бухороро ғорат кард. Ва Бухоро ҷаддаи Бухорохудот дошт - хотун ва писараш ҳанӯз кӯчак буд ва ҳамаи Аҷам ба наздики

хотун гирд омада буданд. Убайдуллоҳ ҳамаро ҳазимат кард ва хостаҳои эшон ба ҳазимат гирифт ва аз Бухоро чаҳор ҳазор барда гирифт ва ба Басра боз шуд. Ва ҳафт сол вилояти Ироқ ӯ дошт, то Иброҳим ибн ал-Аштар ӯро бикушт.

Саъид ибни Усмон ибни Аффон. Пас Муовия Хуросон мар Саъид ибни Усмонро бидод андар санаи хамс ва хамсин (55 ҳ.). Ва Аслам ибн Зуръат ал-Килобиро[159] хироҷи Хуросон бидод ва бо Саъид ба як ҷой бирафт. Ва Аслам бар хироҷи Марв сад ҳазор дирам бияфзуд ва то бад-ин ғоят мувассал аст.

Ва Саъид ибни Усмон Бухоро ва Суғду Самарқанд бигушод. Ва бар дари Самарқанд тире расид бар чашми Саъид ва як чашмаш бишуд. Ва ӯро саропардаи сипоҳ буд, ки ҳамаи сипоҳи ӯро андар он саропарда ҷой буд.

Ва андар вилояти Саъид араб ба Марв зиёъу мустағал ва хонумон сохтанд ва он ҷо қарор карданд ба фармони Муовия, то туркон аз об гузора накунанд.

Абдурраҳмон ибни Зиёд. Пас Муовия Хуросон мар Абдурраҳмон ибни Зиёдро бидод ва Абдурраҳмон аз Хуросон ҳаштод бор ҳазор ҳазор дирам ҷамъ кард ва Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф он ҳамаро аз вай бозситад ва ӯро дарвеш кард. Ва чунин гуфт Молик ибни Динор, ки Абдурраҳмон сад сол зиндагонии хешро ҳар рӯз ҳазор дирам сохта буд ҷуз зиёъу таҷаммул ва Ҳаҷҷоҷ ӯро ба ҷойе расонид, ки рӯзе бар харе нишаста буд, Молик ӯро пурсид, ки «он ҳама моли ту чун шуд?» Гуфт: «бишуд ва ин хар ҳам орият аст». Ва андар ин вақт Муовия бимурд.

Салм ибни Зиёд. Чун Язид биншаст, мар Салм ибни Зиёдро ба Хуросон фиристод. Ва Аҷам бо хотун яке шуда буданд ба Мовароуннаҳр. Ва Салм, ки ба Хуросон расид, лашкар бикашид ва ба Мовароуннаҳр рафт ва аҷамиён пеши ӯ омаданд ба ҳарб ва корзоре ҳавл бикарданд ва охир аҷамиёнро ҳазимат кард. Андар ин ҳарб ҳеч касро он асар набуд, ки Муҳаллаб ибни Абисуфраро, ки ӯ корҳои нек кард ва аз вай бисёр асарҳои писандида омад андар он ҳарбгоҳ. Ва чун Салм аз шуғли Мовароуннаҳр дил фориғ кард, вилояти Систон мар Талҳа ал-Талҳотро бидод ва ӯро Талҳа ибни Абдуллоҳ[160] ал-Хузоъӣ гуфтандӣ. Охир Салм бар Талҳа хашм гирифт. Ва чун Талҳа хабар ёфт, бигурехт бо испаҳбади сагзӣ ва наздики Язид ибни Муовия шудандӣ. То марги Язид он ҷо бимонданд ва чун Язид бимурд, эшон ба Систон бозомаданд ва коришон рост шуд. Ва Талҳа ба Систон

[159] Зироъа ул-Килолӣ
[160] Убайдуллоҳ

бимонд, то ба рӯзгори фитнаи Абдуллоҳ ибн ал-Зубайр. Ва Салм ибни Зиёд Хуросон ба Арфаҷа ибни Омир ас-Саъдӣ супурд ва худ сӯйи Макка бирафт.

Абдуллоҳ ибни Хозим[161]. Ва чун Салм қасди Макка кард, Абдуллоҳ ибни Хозим бо вай рафт ва Салмро андар роҳ хидмат кард. Ва чун бо вай густох шуд, аҳди Хуросонро аз Салм бихост ва Салм аҳди Хуросон ба Абдуллоҳ бидод. Ва Абдуллоҳ ба Марв омад ва бо Арфаҷа ҳарб кард ва Арфаҷаро бикушт ва Хуросон бигирифт. Ва ба наздики Абдуллоҳ ибн аз-Зубайр номаҳо набишт ба байъати хеш ва мардумонро ба тоъати ӯ хонд.

Миёни Абдуллоҳ ибни Хозим ва миёни музариён ба Марв ҳарбҳо уфтод ва он моддат гирифт ва ба шаҳрҳои Марву Марврӯд ва Толиқону Ҳирот шӯриш хост ва гурӯҳе аз тамимиён писарашро, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Хозим бикуштанд, ки амири Ҳирот буд ва Абдуллоҳ ба кини писараш қавмеро аз эшон бикушт. Ва кори Абдуллоҳ ибн аз-Зубайр боло гирифт ва Абдуллоҳ ибни Хозим бимонд андар Хуросон ҳашт солу панҷ моҳу бисту панҷ рӯз, то вақти фитнаи Мусъаб ибн аз-Зубайр бо Абдулмалик ибни Марвон.

Ва Мусъаб кушта шуд ва Абдумалик мар Абдуллоҳ ибни Хозимро ба тоат хонд, иҷобат накард. Ва сари Мусъаб сӯйи писари Хозим фиристоданд ва хуросониён ҳам аз ӯ сар печиданд ва ба Тӯс ба якдигар расиданд ва ҳарб карданд. Ва Вакиъ ибн ал-Даврақия (ва Бакир ибни Васоҷ бо ҷамоъате аз мардум баромаданд ва чун Абдуллоҳ ибни Хозим) бародари Вакиъро бикушта буд, Вакиъ бо Абдуллоҳ баробар уфтод ва биёвехтанд. Вакиъ мар Абдуллоҳро бар замин зад ва бар синаи ӯ нишасту сари ӯ бибурид ва пеши Баҳир овард ва Баҳир ӯро биситуд ва он сари Абдуллоҳро сӯйи Холид ибн Абдуллоҳ ал-Қасрӣ фиристод ва Холид сӯйи Абдулмалик ибни Марвон фиристод.

Баҳир ибни Варқоъ. Пас Абдулмалик ибни Марвон вилояти Хуросон мар Баҳир ибни Варқоъро бидод андар санаи аҳадӣ ва сабъин (71 ҳ.). Ва чун кори ӯ рост шуд, Абдулмалик фармуд, то аз Хуросон ҳамаи вазоиф ва атоҳо ва зиёдатҳо ва иқтоъҳо, ки андар вақти Абдуллоҳ ибн ал-Зубайр ниҳода буданд, бияфганд ва назрҳои неку кард аҳли Хуросонро. Ва Баҳир марди оҷиз буд ва андар дасти сипоҳиён дармонда, бад-ин сабаб ҳоли Хуросон бо халал ҳамебуд. Пас нома набиштанд сӯйи Абдулмалик, ки Хуросонро ҷуз марде аз қурайш натавонад дошт. Абдулмалик Баҳирро маъзул кард ва Умайяро ба ҷойи ӯ фиристод.

[161] Ҳозим (ва дар зер низ)

Умайя ибни Абдуллоҳ. Ва ин Умайя ибни Абдуллоҳ ибни Абилос ибни Абдушшамс буд. Ва Абдулмалик Хуросонро ба Умайя бидод андар санаи аснӣ ва сабъин (72 ҳ.) ва Умайя ба Хуросон омад. Баҳир осӣ шуд ва қундузи Марврро ҳисор гирифт ва чанд гоҳ андар он ҳисор буд. Охир Умайя ӯро фуруд оварду бикушт. Ва ду бародар буд мар Баҳирро: якеро Будайл ном буд ва дигареро Шамардал, он ҳар дуро низ бо ӯ бикушт.

Ва Умайя ибни Абдуллоҳ ҳафт сол дар вилояти Хуросон бимонд ва аз будани Умайя бар дили Ҳаққоқ ибни Юсуф ҳаме ранҷ буд ва ҳилатҳо сохт, то Абдулмалик Умайяро маъзул кард ва Хуросону Систон Ҳаққоқ ибни Юсуфро бидод.

Ҳаққоқ ибни Юсуф. Ва Абдулмалик Хуросон мар Ҳаққоқ ибни Юсуфро бидод. Ва Ҳаққоқ Муҳаллаб ибни Абисуфраро ба Хуросон фиристод андар санаи тисъ ва сабъин (79 ҳ) . Ва ӯ ба шаҳри Кеш шуд ва бо мардумони Суғд сулҳ кард. Ва малики Суғд андар он рӯзгор Тархун буд, аз вай гиравгон бистад. Ва Муҳаллаб бимурд андар ноҳияти Марврӯд, ба деҳе, ки онро Зоғул[162] гӯянд ва писари хеш Язидро халифат кард. Ва писари ӯ чаҳор сол дар Хуросон халифат буд аз чиҳати Ҳаққоқ. Ва аз паси ӯ Ҳаққоқ Хуросон ба бародари ӯ Муфаззал ибни Мулаҳҳаб бидод. Ва Муфаззал марде дониставу оҳиста ва мардумшинос буд.

Ҳаққоқ Систон мар Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ал-Ашъасро[163] бидода буд. Ва чун ӯ ба Систон расид, андар Ҳаққоқ осӣ шуд ва бар вай берун омад. Ва миёни Ҳаққоқ ва Абдурраҳмон ҳаштод ҳарб биюфтод ва андар Дайр ал-Ҷамоҷим Абдурраҳмон ҳазимат шуд ва аз он ҷо ба Кобул рафт, ба наздики рутбил, амири Кобул. Ҳаққоқ расул фиристод ва ӯро аз рутбил бозхост. Рутбил Абдурраҳмонро ба расул супурд ва расул ӯро банд кард ва як ҳалқаи банд бар пойи ӯ ниҳод ва як ҳалқа бар пойи марде дигар. Ва андар роҳ ба манзиле фуруд омаданд ва бар боми хона шуданд ва Абдурраҳмон хештанро аз он бом фуруд андохт бо он мард ва ҳар ду бимурданд.

Ва чун Валид ибни Абдулмалик биншаст, Ҳаққоқ Муфаззал ибни Муҳаллабро маъзул кард аз Хуросон ва фарзандони Муҳаллабро андар мутолаба кашид. Ва Ҳинд духтари Муҳаллабро, ки зани Ҳаққоқ буд, талоқ кард ва сад ҳазор дирам кобин ба наздики ӯ фиристод, то Ҳинд он мол бад-ӯ бозфиристод ва напазируфт. Ва Ҳаққоқ писарони Муҳаллабро се сол ба Басра

[162] Рағул
[163] Ал-Асъабро

боздошт, то Язид ибни Абумуслим дар боби эшон сухан гуфт ва шаш бор ҳазор ҳазор дирам замон карданд ва эшонро бо муваккил итлоқ карданд ва эшон ҳар чаҳор бародар ҳилатҳо карданд ва наҷибон сохта буданд, бигурехтанд ва ба Шом шуданд. Ва Раҷо ибни Ҳайот ал-Киндиро гусӣ карданд ва аз ӯ ҳоҷат хостанд, то ҳадиси эшон бо Сулаймон ибни Абдулмалик бигуфт ва Сулаймон эшонро иҷобат кард.

Пас Сулаймон ибни Абдулмалик ва Абдулазиз ибн ал-Валид андар истоданд ва бисёр шафоъат карданд ба Валид ибни Абдулмалик, то иҷобат кард ва Сулаймонро фармуд, ки эшонро наздики вай фиристад. Сулаймон писари хеш Айюбро бо Язид ибн ал-Валид фиристод ва Айюбро гуфт: «як замон аз Язид ибн ал-Мулаҳҳаб ғоиб мабош, агар бад-ӯ баде хоҳад кард , нахуст то туро кушанд».

Пас Язид ибн ал-Мулаҳҳаб пеши Валид омад. Валид шафоъати Сулаймон бипазируфт ва Язидро сӯйи Сулаймон бозфиристод ва се бор ҳазор ҳазор дирам аз мусодараи ӯ фуруд ниҳод. Ва Ҳаҷҷоҷро фармуд, ки «хар ки аз фарзандони Муҳаллаб ва табори эшон ба наздики ту мондаанд, ҳамаро зинҳор деҳ ва ба Шом фирист». Ва ҳама ба Димишқ омаданд ба наздики Сулаймон ва шаш сол он ҷо бимонданд, то охири аҳди Валид ибни Абдулмалик. Қутайба ибни Муслим, ки волии Рай буд, фармудаш ба Хуросон шавад.

Қутайба ибни Муслим. Қутайба андар санаи сабъ ва самонин (87 ҳ.) ба Хуросон омад аз роҳи Қумиш. Пеш аз он аз роҳи Порс ва Кирмон омадандӣ.

Чун Қутайба ба Қумиш расид, аҳди хеш талаб кард, наёфт, ки ба Рай фаромӯш карда буд. Кас фиристод ва аз Рай биёварданд.

Ва мар Язид ибн ал-Мулаҳҳабро ба Хуросон бӯстоне буд бас хуррам. Қутайба он бӯстонро вайрон сохт ва уштурхона кард. Пас марзбоне ӯро пурсид, ки «чаро чунин кардӣ?» Қутайба гуфт: «падари ман уштурбон буд, падари Язид бӯстонбон».

Ва андар санаи сабъ ва самонин (87 ҳ.) лашкар бикашид ва ба рӯзгори ӯ бештар аз шаҳрҳои Бухоро гушода шуд ва Кешу Нахшабу Самарқанд. Ва гӯянд, ки Хоразму Кобулу Нисо ҳам ба рӯзгори ӯ гушода шуд. Ва аз паси он андар санаи тисъ ва самонин (89 ҳ.) Фарғона бигшод. Ва андар он сол Ҳаҷҷоҷ бимурд ва андар хазинаи ӯ дувисту нуздаҳ бор ҳазор ҳазор дирам ёфтанд. Вилояти Ҳаҷҷоҷ бист сол буд.

Чун Қутайба хабари марги Ҳаҷҷоҷ бишнид, ғамнок шуд, ба Марв бозомад. Ва Валид ибни Абдулмалик сӯйи Қутайба

номаҳои неку набишт ва ваъдаҳои неку кард. Ва Қутайба ба Фарғона бисёр кушиш кард ва бардаи бисёр бигирифт ва пас сулҳ кард бо эшон ва гиравгон бистад ва сӯйи Марв бозгашт. Чун ба Кушмайҳан[164] расид, хабари марги Валид шунид ва нишастани Сулаймон ибни Абдулмалик. Ва аз Сулаймон битарсид ва Сулаймон ба ӯ руқъа набишт ба таҳдиду танбиҳ.

Ва Сулаймон Язиб ибн ал-Мулаҳҳабро ба Хуросон номзад карда буд. Чун руқъаи Қутайба расид, таваққуф кард ва маншури Қутайба набишт ба тозагӣ ва ба дасти расул бозфиристод. Ва Қутайба дилаш қарор нагирифт ва аз Сулаймон ҳаметарсид, ки маъзул кунадаш. Ва миёни Сулаймон ва Қутайба бад буд, аз он чи Қутайба андар байъати Абдулазиз ибн ал-Валид буд ва андар он саъй мувофиқат карда буд ва Қутайба аз Сулаймон бад-ин сабаб тарсон буд.

Пас андар Сулаймон осӣ шуд бо бештар аз сарҳангон ва ёрони хеш. Ва пеш аз он ки осӣ шуд, мар Вакиъ ибни Абисауд ал-Ғудониро аз меҳтарии тамимиён маъзул карда ва ба ивази он шуғле дигар надода буд ӯро ва он меҳтарӣ мар Зирор ибни Ҳасин аз-Заббиро бидода буд ва Вакиъ бар он сабаб бар Қутайба кина гирифта буд ва сипоҳро таҳриз ҳамекард ва хештанро бемор сохта буд ва чанд вақт андар хона нишаста буд. Ва чун берун омад, бо он қавм даст яке кард ва ба Фарғона фурсат ёфтанд ва мар Қутайбаро бикуштанд ва ёздаҳ тан аз фарзандони Муслим бикуштанд ва аз он ҳафт писари Муслим буданд, чун Қутайба ва Абдурраҳмон ва Абдуллоҳу Убайдуллоҳ ва Солеҳу Ясор ва Муҳаммад бану Муслим ва чаҳор тан аз фарзандзодагони Муслим ва аз авлоди Муслим ҳеч кас нараст магар Амр, ки ба Гузгонон буд. Вакиъ бифармуд, то сарҳои ҳама бибуриданд ва сӯйи Сулаймон ибни Абдулмалик фиристод.

Вақиъ ибни Абисауд ал-Ғудонӣ. Пас Сулаймон аҳди Хуросон ба наздики Вакиъ ибни Абисауд ал-Ғудонӣ фиристод. Вакиъ сиёсате ҳавл фурӯ ниҳод ва ҳар касе ки аз ҳадди худ таҷовуз кардӣ, ё андак моя хиёнат кардӣ, дарвақт бикуштӣ. То бад-он ҷой расид, ки рӯзе мастеро пеши ӯ оварданд, бифармуд, то он мастро гардан бизаданд. Ӯро гуфтанд: «бар маст куштан воҷиб наёяд, балки ҳадди тозиёна воҷиб шавад». Вакиъ гуфт: «Уқубати ман тозиёна ва чӯб набувад, илло шамшер».

Ва чун мардумон он бишуниданд, ҳама аз вай битарсиданд ва низ ҳеч кас ҷурме накард, ки онро адаб ва уқубату куштан

[164] Кушмин (ё Кушайн)

вочиб омадӣ, то охири рӯзгори ӯ ҳам бар он ҷумла будӣ. Ибтидои вилояти ӯ андар санаи арбаъ ва тисъин (94 ҳ.)буд.

Язид ибн ал-Мулаҳҳаб. Пас Сулаймон ибни Абдулмалик Хуросон Язид ибн ал-Мулаҳҳабро бидод дигарбора. Ва Язид писари хеш Мухалладро ба халифатии хеш ба Хуросон фиристод. Ва Язид худ бар асари ӯ биёмад, ҳам андар санаи сабъ ва тисъин (97 ҳ.) ва Вакиъ ибни Абисаудро бигирифт ва кордорони Қутайба ибни Муслимро шиканҷаҳои бисёр кард ва хостаҳои эшон бистад ва моли бисёр аз он рӯй ҷамъ кард. Ва аз Марв сӯйи Гургон рафт андар санаи самон ва тисъин (98 ҳ.) аз роҳи Нисо, аз ҷониби Дари оҳанин ва Гургон бигушод ва чун бозгашт, гургониён дигарбора муртад шуданд.

Пас Язид ибн ал-Мулаҳҳаб дигарбора лашкар бисохт ва ба Гургон рафт. Мардумони Гургон андар кӯҳ гурехтанд ва Язид аз паси эшон андар кӯҳ шуд ва дувоздаҳ ҳазор мард аз эшон бикушт. Ва савганд хӯрд, ки то ба хуни гургониён осиёб нагардонад ва орд накунад бад-он осиёб ва аз он орд нон напазад ва бад-он нон чошт накунад, аз он ҷо наравад. Ва чун мардум ҳамекуштанд ва хунҳояшон ҳаме бифисурд ва аз ҷо намерафт, пас Язидро гуфтанд, бифармуд, то об афганданд ва осиёб бигашт ва орд карданду аз он орд нон пухтанд, то ӯ бихӯрд ва савганди хеш рост кард.

Ва шаш ҳазор барда аз гургониён бигирифт ва ҳамаро ба бандагӣ бифурӯхтанд. Ва фатҳнома набишт сӯйи Сулаймон ибни Абдулмалик ба фатҳи Гургон ва гуфт: «Ин вилоятро аз гоҳи Шопур Зу-л-актоф кас нагушод ва Кисро писари Ҳурмуз ва Умар ибн ал-Хаттоб ва ҳар кас қасд карданд ба ҳама баста буд, касро даст бад-ин вилоят нарасид ва акнун амиралмуъмининро гушода гашт».

Ва амири Гургон Савл буд ва ӯро дастгир кард ва аз они Савл имрӯз ба Гургон ақаб бисёр аст. Пас Савл мар Язид ибн ал-Мулаҳҳабро гуфт: «Андар мусалмонӣ аз ту ҷалилтар ҳеч кас ҳаст, то ман бар дасти ӯ мусалмон шавам?» Язид гуфт: «Амиралмуъминин аз ман ҷалилтар аст». Савл гуфт: «Маро ба наздики ӯ фирист». Язид ӯро сӯйи Сулаймон фиристод. Пас Савл мар Сулаймонро гуфт: «Андар мусалмонӣ ҳеч кас аз ту бузургтар ҳаст?» Сулаймон гуфт: «Имрӯз андар мусалмонӣ аз ман ҷалилтар кас нест, ҷуз гӯри пайғамбар, алайҳи-с-салом». Савл гуфт: «Маро он ҷо фирист, то мусалмон шавам». Сулаймон ӯро ба Мадина фиристод ва ӯ бар гӯри пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, мусалмон шуд ва бозгашт. Ба наздики Язид омад ва бо вай ҳамебуд ва корҳо ҳамекард, то кушта шуд андар

аҳди Маслама ибни Абдулмалик. Ва Муҳаммад ибни Савл аз доъиёни бузурги оли Аббос буд ва Абдуллоҳ ибни Алӣ ӯро ба Шом бикушт.

Ва Язид ибн ал-Мулаҳҳаб писари хеш Мухалладро бар Хуросон халифа кард ва худ бозгашт, сӯйи Сулаймон рафт ва чун ба Порс расид, хабари марги Сулаймон шунид. Ва дар вилояти Умар ибни Абдулазиз оҳанги Басра кард ва чун андар Басра омад, Адӣ ибни Артот ал-Фазорӣ, ки амири Басра буд, пеши ӯ омад, бо номаи Умар ибни Абдулазиз ба таслими амал баъд аз ин ва фиристоданд мар Язид ибн ал-Мулаҳҳабро сӯйи Умар. Ва чун Язид наздики Умар расид, ӯро боздошт. Ва ҳар ки андар маънии Язид пеши Умар сухан гуфт бар сабили шафоъат, ҷавоби Умар он буд, ки Язид марде кушанда аст, ӯро ҷой беҳтар аз зиндон нест». Ва пас бифармуд, то Язидро мутолиба карданд ба он хостаҳое, ки дар нома набишта буд сӯйи Сулаймон ва он ҳама хоста аз вай ба ҳосил оварданд.

Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ ал-Ҳакамӣ. Ва Умар ибни Абдулазиз Хуросон мар Ҷарроҳ ибн Абдуллоҳ ал- Ҳакамиро бидод ва ӯ сӯйи Хуросон рафт. Ва Умар ӯро фармуд, то Мухаллад ибни Язидро сӯйи ӯ фиристад. Ва чун Ҷарроҳ сӯйи Хуросон омад, андар санаи тисъ ва тисъин (99 ҳ.), дарвақт Мухалладро бигирифту боздошт. Пас андар занҷир кашид ва сӯйи Умар фиристод. Ва Мухаллад то Кӯфа расид андар роҳ ҳаштсад ҳазор дирам бахшид ва ҳамаи мардумон некухоҳ ва некугӯйи ӯ шуданд. Ва андар ин вақт, ки Ҷарроҳ амири Хуросон буд, Муҳаммад ибни Алӣ ал-Имом Майсарароро ба Ироқ фиристод ва ба Хуросон доъиёни дигар фиристод. Бисёр мардумро андар байъат оварданд ва бозгаштанд.

Абдурраҳмон ибни Нуъайм ал-Омирӣ[165]. Пас Умар ибни Абдулазиз Хуросон мар Абдурраҳмон ибни Нуъаймро бидод андар санаи моъа (100 ҳ.). Ва Абдурраҳмон андар ин сол ба Хуросон омад. Ва чун Мухаллад ибни Язид ибн ал-Муҳаллаб ба наздики Умар ибни Абдулазиз расид, Умар мар Мухалладро писандида дошт ва аз вай некӯӣ гуфт ва фармуд, ин беҳтар аз падар аст ва бифармуд ӯро таъаррузе нанамуданд.

Саъид ибни Абдулазиз. Ва Язид ибни Абдулмалик Хуросон мар Саъид ибни Абдулазизро бидод. Саъид марде хешкор буд ва андар фузулӣ ва ситамгорӣ маҷол набудаш. Чун ба Хуросон бирасид, бо мардумон муҳомилат кард ва аз кас зиёдат

[165] Абдурраҳмон Наъим ал-Ғомидӣ.

наталабид ва як сол бар шуғли Хуросон бимонд ва аз паси як сол ӯро бозхонданд ва Умар ибни Ҳубайраро фиристоданд.

Умар[166] ибни Ҳубайра. Пас Язид ибни Абдулмалик Хуросон мар Умар ибни Ҳубайраро бидод ва Умар мар Саъид ибни Абдулазизро сарф кард аз Хуросон ва ба ҷойи ӯ Саъид ибни Амр[167] ал-Ҳараширо фиристод. Ва Саъид ибни Амр андар Хуросон омад, андар санаи арбаъ ва моъа (104 ҳ.). Ва бас рӯзгор бар аморат намонд, ки Умар ибни Ҳубайра ӯро маъзул кард ва ба ҷойи ӯ Муслим ибни Саъид ибни Аслямро фиристод. Ва Муслим ба Хуросон бимонд санаи арбаъ ва тамомии санаи хамс ва чанд моҳ аз санаи ситт ва моъа (106 ҳ).

Холид ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ. Ва чун кори мамлакат бар Ҳишом ибни Абдулмалик рост шуд, вай Хуросон мар Холид ибни Абдуллоҳро бидод ва ӯро ба Хуросон фиристод ва Ироқ ҳам ӯро бидод. Ва Холид ба Ироқ бозистод ва бародари хеш Асад ибни Абдуллоҳро ба Хуросон фиристод. Ва се сол бимонд ва насиҳатҳо кард бо мардумон. Ва Наср ибни Сайёрро бигирифт ва Абдурраҳмон ибни Нуъаймро, ки бар кори хироҷ буд ва Баҳр ибни Дирҳамро, ки бар амали сипоҳ буд ва Сурат ибни Алҳар ад-Доримӣ ва эшонро туҳмат кард, ки шумо ҳаме ирҷофҳо афгандед ва бад-ин баҳона эшонро ба тозиёна бизад ва сарҳову ришҳои эшон биситурд ва дастҳои эшон ба ғул кард ва ҳамаро сӯйи бародари хеш фиристод. Ва ин мардумон бад-он чи бар эшон рафта буд, мар Ҳишомро огоҳ карданд ва Ҳишом ба Холид нома набишт, то эшонро даст боздошт. Ва эшон ҳама ба Ироқу Шом бозистоданд ва низ ҳеч кас ба Хуросон бознаёмад, то Холид зинда буд.

Ашрас ибни Абдуллоҳ. Ва Ҳишом Хуросон Ашрас ибни Абдуллоҳро бидод. Мар ин Ашрасро аз фозилӣ, ки буд, «комил» хондандӣ. Ва ӯ андар санаи ашр ва моъа (110 ҳ.) ба Хуросон омад ва сирати худ бигардонид ва бисёр норавоиҳо кард, бар раъоё ситамҳо ва бедодиҳо фаровон кард. Ва мардумони Хуросон бишӯриданд ва ба тазаллум ба наздики Ҳишом рафтанд, мар Ашрасро маъзул кард.

Ҷунайд ибни Абдурраҳмон. Пас Ҳишом мар Хуросон мар Ҷунайд ибни Абдурраҳмонро бидод ва ӯ ба Хуросон омад андар санаи аснӣ ашр ва маъа (112 ҳ.). Ва чун ба Хуросон расид, хоқони турк берун омад. Чун Ҷунайд бо хоқон ҳарб кард, хоқонро ҳазимат кард ва аз сипоҳи хоқон фаровон мардум

[166] Амр
[167] Умар

бикушт. Ва дигар сол хоқон бозомад ва Ҷунайд қасди ӯ кард. Суйи Сурат ибни Алҳар ад-Доримӣ, ки амири Самарқанд буд, нома набишт ва аз вай истиъонат кард. Ва Сурат берун омад ва бо туркон баровехт ва туркон ҳазимат шуданд. Ва Сурат низ андар он ҳарб табоҳ шуд ва Ҷунайд андар расид ва турконро якборагӣ ҳазимат кард ва хоқон бигурехт. Ва чун аз он ҷо бозгашт, Ҳорис ибни Сурайҷи хориҷиро, ки ба Хуросон берун омада буд, бигирифт бо қавме анбӯҳ ва ҳамаро бикушт. Ва андар санаи ситт ашр ва моъа (116 ҳ.) андар гузашт.

Осим ибни Абдуллоҳ ал-Ҳилолӣ. Пас Ҳишом мар Хуросон Осимро дод, андар санаи ситт ашр ва моъа (116 ҳ.). Ва чун Осим ба Хуросон омад, ҳанӯз шуғлҳои аморат ба воҷибӣ низом надода буд, ки Ҳорис ибни Сурайҷ берун омад ва Гузгонону Толиқон ва Форёбу Марврӯд бигирифт ва ба Қуръону ба ахбори пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, даъват кард ва хилофи Марвониён падид кард. Ва чунон намуд, ки аҳли замматро ба заммат вафо кунад ва аз мусалмонон хироҷ настонад ва бар кас бедод накунад. Ва мардуми бисёр бо ӯ гирд омаданд ва рӯй ба Марв ниҳоду қасди Осим кард. Осим бо Ҳорис ба Марв ҳарб карданд ва мутавасситон андар миён омаданд ва сулҳ карданд миёни эшон, бар он ҷумла, ки то расул ба наздики Ҳишом фиристанд ва аз ин ҳол ӯро хабар диҳанд, агар муроди Ҳорис бидиҳад фабиҳо ва ниъма, агар надиҳад ҳарб кунанд ва ҳам бар ин ҷумла ҳар ду фариқ иттифоқ карданд.

Холид ибни Абдуллоҳ ал-Қасрӣ. Пас хабари Ҳорис ба Ҳишом расид, Хуросон мар Холид ибни Абдуллоҳ ал-Қасриро бидод ва ӯ мар бародари хеш Асад ибни Абдуллоҳро бифиристод андар санаи ситт ашр ва моъа (116 ҳ.). Ва расулони Ҳорис ва Осим пеши Асад омаданд, эшонро бозгардонид. Ва Асад ба Марв омад бо бист ҳазор мард ва қасди Ҳорис кард ва ба дари Тирмиз баробари якдигар уфтоданд ва ҳарб пайвастанд ва охир Ҳорис сӯйи Туркистон ҳазимат шуд. Ва Асад гурӯҳе мардумонро, ки доъиёни оли Аббос буданд, бигирифту бикушт. Ва чун аз Холид бародари хеш иститлоъ кард, Холид ҷавоб набишт, ки «хун макун».

Ва Асад чаҳор сол ба Хуросон бимонд ва андар санаи ишрин ва моъа (120 ҳ.) фармон ёфт. Ва Ҷаъфар ибни Ҳанзаларо халифа кард ва Ҷаъфар панҷ моҳ ба Хуросон монд. Ва деҳи Асадобод аз рустои Нишобур Асад ибни Абдуллоҳ бино кард ва то рӯзгори Абдуллоҳ ибни Тоҳир фарзандони ӯ доштанд. Пас Абдуллоҳ ибни Тоҳир он деҳро бихарид ва бар абноу-с-сабил вақф кард.

Наср ибни Сайёр. Ҳишом Хуросон мар Наср ибни Сайёрро бидод, андар моҳи рағаби санаи ашрин ва моъа (120 ҳ.) ва аҳди Хуросон сӯйи ӯ фиристод ва ба Балх бад-ӯ расид. Ва Наср бо Абдуссалам ибни Музоҳим бигуфт ва ҳар ду ба наздики Ҷаъфар рафтанд ва номаи таслими амал ба Ҷаъфар бидоданд. Ва Ҷаъфар Насрро ба ҷойи хеш биншонд ва худ ӯро таҳният кард ва мардумон ба таҳният омаданд. Ва Наср мар аҳли Хуросонро тааллуф кард ва маунатҳои эшон сабук кард.

Ва Наср мар Яҳё ибни Зайд ибни Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб, ризвону-л-Лоҳи алайҳимро, ки ба Балх мутаворӣ буд, аз пас аз он ки падарашро Ҳишом кушта буд, бигирифту боздошт. Ва Ҳишом бимурд.

Ва Муҳаммад ибни Алӣ ал-Имом, раҳмату-л-Лоҳ, ҳам андар ин вақт бимурд ва меҳтарони шиъа ба фармони ӯ дувоздаҳ нақиб карданд, яке Сулаймон ибни Касир ва дудигар Қаҳтаба ибни Шабиб ва седигар Мӯсо ибни Қаъб ва чаҳорум Молик ибн ал-Ҳайсам ва панҷум Абудовуд ва шашум Холид ибни Иброҳим ва ҳафтум Бакр ибн ал-Аббос ва ҳаштум Лоҳиз[168] ибни Қурайз ва нуҳум Шибл ибни Таҳмон ва даҳум Абулнаҷм ибни Имрон ибни Исмоил ва ёздаҳум Ало ибни Ҳарис ва дувоздаҳум Амр ва Исо абнӣ Аъйан. Ва Ало ба Хоразм ба даъват кардан ва Талҳа ибни Зурайқ ба ҷойи ӯ биистод.

Ва чун Ҳишом бимурд, Валид ибни Язид ба ҷойи ӯ биншаст ва аҳди Хуросон ба Наср ибни Сайёр фиристод. Ва ӯро бифармуд, то Яҳё ибни Зайдро даст боздошт ва Яҳё чун ба рустое расид аз вилояти Нишобур, Валидро халъ кард ва хештанро даъват кард ва бозгашт бо саду бист мард ва ба дари Нишобур ба деҳе фуруд омад. Ва Амр ибни Зурорат ал-Қасрӣ амири Нишобур кас ба наздики ӯ фиристод, ки «аз ин ноҳият берун шав». Яҳё гуфт: «то баросоям ва сутурон низ баросоянд».

Чун ба наздики Амр омад, дарвақт дарнишасту берун омад ва ҳарб карданд ва Амрро ҳазимат карданд ва андар ҳазимат кушта шуд. Ва Яҳё ибни Зайд қасди Балх кард ва Наср ибни Сайёр чун хабар ёфт, мар соҳиби шурати хеш Салм ибни Аҳвазро ба талаби Яҳё фиристод. Ва Яҳё ба Бодғис шуд ва аз он ҷо ба Марврӯд ва Толиқону Форёб ва Салм аз пайи ӯ ҳамерафт, то ба Гузгонон андар ёфт ӯро ба қасабаи Анису. Ҳарб карданд ва Яҳё ибни Зайдро бикуштанд ва сараш бибуриданд ва бар чӯбе карданду ба Марв бурданд. Ва Валид кушта шуд ба Шом андар ҷумоди-л-охири санаи ситт ва ишрин ва моъа (126 ҳ.) ва Язид ибн

[168] Ломир

ал-Валид биншаст андар соли саду бисту шаш. Ва чун кори Язид рост шуд, аҳди Хуросон ба наздики Наср ибни Сайёр фиристод ва нома набишт ба сӯйи Наср, ки «то Ҳорис ибни Сурайҷро зинҳор диҳӣ». Ва Ҳорис ба Марв бозомад ва Язид бимурду Иброҳим ибн ал-Валид бинишаст аввали зу-л-ҳиҷҷаи санаи ситт ва ишрин ва моъа (126 ҳ.) ва кори ӯ рост шуд, ки Марвон ибни Муҳаммад биёмад, ӯро халъ кард ва худ бинишаст андар сафари санаи сабъ ва ишрин ва моъа (127 ҳ.) ва Иброҳимро махлуъ кард.

Ва Марвонро Марвон ул-ҳимор хондандӣ, ки ба забони тозӣ ҳар сад солеро, ки аз давлате бигзарад, он солро ҳимор хонанд ва давлати Бану Умайя ба сад сол наздик расида буд.

Ва Марвони ҳимор аҳди Хуросон сӯйи Наср ибни Сайёр фиристод ва ямониёну рабиъа аз Наср эъроз карданд ва сӯйи Ҷудайъ ибн ал-Кирмонӣ шуданд. Ва Ҷудайъ аз ҷумлаи шиъа буд ва Ҳорис ибни Сурайҷ бо эшон мутобиқат кард ва бо Наср ибни Сайёр ҳарб карданд. Ҷаҳм ибни Савфон меҳтари ҷаҳмиён, ки бо Ҳорис буд, кушта шуд ва писараш Алӣ ба ҷойи ӯ биистод ва аз Шайбони Ҳарурӣ нусрат хост ва ба зинҳори ӯ шуд ба Марв. Ва ямониёну музариёну ҳаруриён яке шуданд ва бо Наср ҳарб пайвастанд. Муддати нӯҳ моҳ ҳарб бипайвастанд ва дар ин муддати нӯҳ моҳ ҳафтод ҳарб уфтод миёни эшон. Ҳамаи вақтҳо зафар Насрро буд, магар андар он ҳарб, ки Наср ба Абумуслим машғул буд.

Ва Абумуслим берун омада буд андар моҳи рамазони санаи тисъ ва ишрин ва моъа (129 ҳ.) , даъват кард ба оли Муҳаммад, салла-л-Лоҳи алайҳ ва саллам ва канда кард.

Ва Абумуслим аз Сипоҳон буд, номаш Абдурраҳмон ибни Муслим. Ва Иброҳим ал-Имом Абумуслимро ба Хуросон фиристода буд. Ва чун Иброҳим ал-Имом хабари ин хилофҳо бишнид, нома набишт сӯйи Сулаймон ибни Касир, ки «шамшер бараҳна кун бар Наср ибни Сайёр». Ва чун фасоди Хуросон бисёр шуд, Наср ибни Сайёр аз Марвон истиъонат кард. Албатта ҳеч ҷавоб наёмад. Ва ҳар нома, ки Наср ибни Сайёр аз Нишобур фиристодӣ, Язид ибни Умар ибни Ҳубайра расулони Насрро ҳаме боздоштӣ аз Марвон ва номаҳо пинҳон ҳамекард аз ситезаи Наср ибни Сайёр. Ва Марвон низ ба Заҳҳоки Ҳарурӣ машғул буд ва ба Наср нарасид.

Ва Абумуслим ямониён ва рабиъаро, ки бо писари Кирмонӣ буданд ва Шайбони Ҳаруриро бо хештан ёр кард ва бо хештан андар канда овард ва рӯй сӯйи Наср ниҳоданд. Аз эшон бигурехт ва аз Марв ба Нишобур омад ва чун Наср бирафт, Абумуслим кордонони хешро ба шаҳрҳо ва ноҳиятҳои Хуросон бифиристод.

Ва Қаҳтаба ибни Шабиб ат-Тоиро бар асари Наср ибни Сайёр бифиристод ва Қаҳтаба мар Тамим ибни Насрро ба Тӯс андар ёфт ва ҳарб карданду Тамим кушта шуд. Ва Наср қасди Ироқ кард ва чун ба Сова расид, он ҷо бимурд.

Абумуслим Абдурраҳмон ибни Муслим. Ва Абумуслими соҳибуддаъват аз Марв берун омад ва хонаи ӯ ба деҳи Мохон буд. Ва чун дил аз кори Наср фориғ кард, нома набишт сӯйи Қаҳтаба, то ба Гургон шуд ва бо Набота ибни Ҳанзала, ки волии Гургон буд ва чиҳил ҳазор мард аз шомиён бо ӯ буданд, ҳарб кард ва Наботаро бикушт ва чанд писарони ӯро низ бикушт ва мардуми бисёр кушта шуд. Ва Марвон сипоҳ пеши Қаҳтаба бифиристод ба роҳи Шаҳразур ва Умар ибни Ҳубайра ибни Язид аз Кӯфа сӯйи ӯ рафт. Ва Абумуслим ба Нишобур омад андар сафари санаи аҳадӣ ва салосин ва моъа (131 ҳ).

Ва Усмон писари Кирмонӣ ба Тухористон буд бо Абудовуд. Абумуслим ба Абудовуд нома набишт, ки «Усмонро бикуш». Абудовуд мар Усмонро бикушт. Ва пеш аз он Абумуслим мар Алӣ ибни Ҷудайъ ал-Кирмониро андар шавволи санаи аҳадӣ ва салосин ва моъа (131 ҳ.) бикушт. Ва пеш аз Абумуслим бар Алии Кирмонӣ ба амирӣ салом карданд. Ва лашкар сӯйи Қаҳтаба ҳамефиристод, то ҳафтод ҳазор мард гирд омад, тасдиқи он хабар, ки аз Алӣ ибни Абдуллоҳ ибн ал-Аббос ривоят кунанд, ки вай гуфт: «Аз машриқ ҳафтод ҳазор шамшер ояд ба нусрати аҳли байт».

Ва Қаҳтаба ба Сипоҳон шуд, бо Омир ибни Зубора ҳарб кард ва Омирро бикушт ва бисёр мардум аз сипоҳи ӯ бикушт андар рағаби санаи аҳадӣ ва салосин ва моъа (131 ҳ.). Ва пас Наҳовандро бигушод ва аз он ҷо ба Ҳулвон шуд.

Ва масҷиди ҷомеъи Марв Абумуслим бино кард ва масҷиди ҷомеъи Нишобур ҳам Абумуслим кард, ки он ҷой Фодуспон Абумуслимро бахшида буд. Ва ин Фодуспон аз деҳқонони Нишобур буд ва ба ростои Абумуслим бисёр накӯӣ карда буд, андар он рӯз ки Абумуслим даъват пинҳон ҳамекард ва чун Абумуслимро кор нек шуд, ҳаққи Фодуспон бигзорд.

Ва Беҳофариди муғ андар рустои Хавоф[169] ва Бусти Нишобур берун омад. Ва ин Беҳофарид аз рустои Завзан буд ва андар миёни муғон даъвои пайғамбарӣ кард. Бисёр мардумро аз эшон мухолиф кард ва ҳафт намоз фариза кард сӯйи офтоб, ҳар ҷой ки бошад. Аз ин намозҳо яке андар тавҳиди Худой, азз ва ҷалл ва дудигар андар офаридани осмону замин ва седигар андар

[169] Хавоб

офариниши ҷонварон ва рӯзиҳои эшон ва чаҳорум андар марг ва панҷум андар растохезу шумор ва шашум андар биҳишту дӯзах ва ҳафтум андар таҳмиду сипосдории биҳиштиён. Ва гӯшти мурдор ҳаром кард бар эшон хӯрдан ва никоҳи модару хоҳар ва хоҳарзода ва бародарзода ҳаром буд ва кобини зан аз чаҳорсад дирам гузаштан ҳаром кард ва ҳафтяк бихост аз хостаҳои эшон ва аз дастранҷашон ҳамчунин. Ва он миллат бар муғон табоҳ кард.

Пас мӯбадон пеши Абумуслим омаданд ва аз Беҳофарид шикоят карданд ва гуфтанд: «Дин бар шумо ва бар мо табоҳ кард». Пас Абумуслим мар Беҳофаридро бигирифт ва бар дор кард ва қавмеро, ки бад-ӯ бигаравида буданд, бикушт.

Ва Абумуслим Абуавнро ба ҳарби Марвони ҳимор фиристода буд ва чун Қаҳтаба ба кинори Фурот расид, Язид ибни Ҳубайра ба ҷанги ӯ омад ва дар шаб миёни эшон ҷанг шуд. Лашкари Қаҳтаба зафар ёфтанд, аммо Қаҳтаба дар об уфтод ва ғарқ шуд. Чун чанд рӯз бишуд, лашкараш мар Ҳасан ибни Қаҳтабаро бар худ амир карданд ва ба Кӯфа даромаданд ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аббосро, ки ба Саффоҳ мулаққаб аст ва бо бародарон дар хонаи Абусалма ал-Халлол пинҳон буд, берун оварданд ва ба хилофат бад-ӯ байъат карданд.

Пас Саффоҳ амуёни худ Абдуллоҳу Абдуссамадро ва Абуавнро ба ҷанги Марвон фиристод. Ва чун Марвон хабари эшон бишунид, ба ҳарби эшон биёмад ва ба зудӣ ҳазимат пазируфту рӯй сӯйи Миср ниҳод. Ва Абуавн бар асари ӯ ҳамешуд, то ӯро ба Бусайри[170] Миср андар Айну-ш-шамс дарёфт. Ва Омир ибни Исмоил бо Марвон баробар шуд, Марвонро бикушт ва сарашро бибуриду пеши Абуавн овард ва Абуавн ба наздики Абулаббос ас-Саффоҳ фиристод. Ва куштани Марвон андар зу-л-қаъдаи санаи аснӣ ва салосин ва моъа (132 ҳ.) буд.

Ва чун Абулаббос ба хилофат биншаст, бародари хеш Мансурро ба Хуросон фиристод, то байъати Абумуслим ва аз они ҳамаи аҳли Хуросон бистад. Ва чун Иброҳим ал-Имом кушта шуда буд, Абусалма ал-Халлолро, ки амири Кӯфа буд, майл ба алавиён уфтод ва Абулаббосро он маълум гашт ва Абумуслимро аз он ҳол хабар бидод. Пас Абумуслим мар Маррор ибни Анасро бифиристод, то Абусалмаро бикушт.

Ва Шарик ба Фарғона буд, мар Абумуслимро мухолиф шуд ва ба оли Абутолиб даъват кард ва мардуми бисёр гирд кард.

[170] Буқса

Пас Абумуслим Зиёд ибни Солиҳро бифиристод ба ҳарби Шарик ва чун Зиёд ибни Солиҳ ба Ҷайҳун расид, Бухорохудот ба зинҳори ӯ омад ва бо вай ба ҳарби Шарик рафт. Ва ҳарб карданд ва бисёр мардум кушта шуданд. Ва Шарикро дастгир карданду сараш бибуриданд ва ба наздики Абумуслим фиристоданд ва Абумуслим сӯйи Абулаббос фиристод андар моҳи зу-л-ҳиҷҷаи санаи аснӣ ва салосин ва моъа (132 ҳ).

Ва чун кори Хуросон рост шуд ва аз ҳеч ҷой машғулии дил намонд, Абумуслим бо ҳашт ҳазор мард сӯйи ҳаҷ рафт ва чун ба Нишобур расид ва ба Рай, ҳамаро бипароганд ва бо ҳазор мард бирафт. Вазирон ӯро гуфтанд: «ба Марв, ки бознаёӣ?» Фурӯ накард. Абумуслим мар Сулаймон ибни Касирро, ки ибтидои даъват ба оли расул, алайҳу-с-салом ва салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, ӯ кард, бикушт. Ва чун ба ҳаҷ рафт ва ба наздики Абулаббос ас-Саффоҳ расид, Абулаббос ӯро ҳақгузорӣ кард ва неку фуруд овардан фармуд. Ва чун пеши ӯ омад, ӯро неку пурсид ва чун Абумуслим ба ҳаҷ рафт, Абулаббос ас-Саффоҳ фармон ёфт, андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи ситт ва салосин ва моъа (136 ҳ).

Ва Мансур, бародари Абулаббос ба хилофат биншаст ва чун Абумуслим аз ҳаҷ бозомад, Мансур ӯро ба ҳарби амми хеш Абдуллоҳ ибни Алӣ фиристод. Ва Абумуслим ӯро ҳазимат кард ва хостаҳои ӯ ба ғанимат гирифт. Ва Ҷумҳур ибни Маррор Абдуллоҳ ибни Алиро андар он ҳарб асир гирифт ва пеши Абумуслим овард. Ва Абумуслим ӯро ба наздики Мансур фиристод ва Мансур ӯро боздошт, то охири аҳди Алӣ.

Ва бар забони Абумуслим ҳар чизе рафта буд ва он ҳама ба самъи Мансур расида буд ва фурсат ҳамечуст куштани Абумуслимро. Ва чун Абумуслим аз ҳаҷ бозгашт, ӯро гуфтанд, ба Ҳарра тарсое аст дувистсола ва аз ҳар чизе хабар дорад. Абумуслим ӯро ба наздики хеш хонд. Чун он пир Абумуслимро бидид, гуфт: «Кардӣ кифоят ва ба тамомӣ расонидӣ иноят ва расонидӣ ба ниҳоят. Хештан сӯхтӣ ва кори хеш парогандӣ ва куштани хеш муъояна бидидӣ». Абумуслим андуҳгин шуд. Пас пир ӯро гуфт: «Не аз ҳазми тамомат халал омад ва не аз ройи савоб ва не аз тадбир судманд ва не аз шамшери буррон, валекин ҳеч кас ба ҳамаи орзуҳо нарасад, илло ки замона ӯро андар ёфт ва баъзе аз мурод ҳосил шуд». Абумуслим гуфт ӯро: «Чӣ гумон мебарӣ, кор ба куҷо расад?» Пир гуфт: «Чун ду халифа бар коре мутаффиқ шуданд, он кор тамом шавад ва тақдир ба наздики он кас аст, ки тадбир бо ӯ ботил шавад. Агар ба Хуросон шавӣ, саломат монӣ».

Абумуслим хост баргардад, Мансур касон фиристод, ки «зуд биёӣ». Қазо омада буд, Абумуслимро басар бишуд. Пас якеро пурсид, ки «ту чӣ гӯйӣ, ки бо ман чӣ кунанд?» Гуфт: «некӯӣ ва мукофоти он чи ту ба ҷойи эшон кардӣ, ҷуз некуйӣ набошад». Абумуслим гуфт: «Ман ҷуз ин пиндорам».

Ва ибтидо бар куштани Абумуслим аз Абуҷаъфари Мансур он буд, ки Мансур мар Яқтинро ба Абумуслим фиристод ва ӯ Абумуслимро гуфт: «Маро бад-он фиристод, то бингарам, ки ин хоста мар ин ҳашамро басанда бошад ё не?» Ва Абумуслим донист, ки не чунон аст, ки ӯ мегӯяд. Пас роҳи Хуросон гирифт бар мухолифати Мансур, то ба Ҳулвон расид. Фуруд омад. Мансур мар Ҷарир ибни Язид ибни Ҷарир ибни Абдуллоҳ ал-Баҷалиро бифиристод. Ва ин Ҷарир (аз) гурбузон буд ва доҳӣ буд, ки ӯро ҳамто набуд ва бисёр афсун ва найранҷ бар Абумуслим бихонд, то ӯро бозгардонид сӯйи Мансур.

Ва чунин гӯянд, ки чун Абумуслим аз Ҳулвон бо Ҷарир ал-Баҷалӣ назди Абуҷаъфар омад, аспе бихост, ки дар ҳамаи охури ӯ аз он беҳтар набуд ва бар он асп нишаст, ки пеши Мансур хост рафт. Аспаш андар сар омад зери Абумуслим се бор. Яке аз ёрони Абумуслим гуфт: «бозгард». Абумуслим гуфт: «он чи Худой, таъоло, хоҳад, бибошад». Ва чун пеши Мансур омад, ӯро биншонд ва неку пурсид ва пас гуфт: «Ту ин чанд фатҳҳо ва ҳарбҳо ба кадом шамшер кардӣ?» Абумуслим гуфт: «бад-ин» ва ишора бад-он шамшер кард, ки бар миён дошт. Мансур гуфт: «маро деҳ». Ба Мансур бидод. Пас Мансур гуфт: «Донӣ, ки ту бо ман чӣ кардӣ?» Чунин кардӣ». Ва ягон-ягон ҳамешумурд ва Абумуслим ҷавоби ҳар як ҳамедод, то Мансур битуршид[171] ва бонг бар ӯ зад. Абумуслим гуфт: «Ё амиралмуъминин, ин не мукофоти он некуиҳост, ки ман кардам». Ва Мансур гуфт: «Ё Абомуҷрим, ёд дорӣ, ки ту пеши Абулаббос омадӣ ва ӯро хидмат кардӣ ва ман он ҷо нишаста будам, ба ман илтифот накардӣ ва ёд дорӣ, ки писари бародари маро Исо ибни Мӯсоро гуфтӣ: хоҳӣ, то Абуҷаъфарро халъ кунам ва туро биншонам ва ёд дорӣ, ки маро ба Шом пеши Яқтин ибни Мӯсо душном бидодӣ ва писари Салома хондӣ ва Салома камтар аз модари ту буд?» Абумуслим ҳар якеро ҷавоб ҳамедод.

Пас Мансур гуфт: «Ин не ба дӯстии мо кардӣ, балки ин кор осмонӣ буд ва иноятиЭзадӣ, ки қиёми давлати мо буд». Пас Мансур ишорат кард он касро, ки бар сари Абумуслим истода

[171] битарсид.

буд, шамшер бизад ва Абумуслим биюфтод. Гуфт: «оҳ!оҳ!». Мансур гуфт: «Ай фоъили феъли ҷабборон ва бонги кӯдакон!»

Ва нахустин мар Абумуслимро Усмон ибни Наҳик зад, ки пеш аз он саркаси Абумуслим буд ва пас Абулхатиб ал-ҳоҷиб шамшер андар ниҳод ва Абумуслимро сипарӣ кард. Ва лашкари Абумуслим бар дар ғавғо карданд. Абулхатиб берун омад ва пайғоми Мансур ба ҳашами Хуросон бидод, ки «амиралмуъминин гӯяд, ки амир Абумуслим бандаи мо буд ва мо андар нофармонӣ сиёсат фармудем. Шуморо бар он сабиле нест». Ва яксола сила фармуд аз хазина бистонанд. Ҳама биёрамиданд. Пас сари Абумуслим сӯйи Абудовуд фиристод, то дар ҳамаи Хуросон бигардониданд.

Абудовуд Холид ибни Иброҳим аз-Зуҳлӣ[172]. Ва Мансур вилояти Хуросон мар Абудовудро бидод, андар моҳи рамазони санаи сабъа ва салосин ва моъа (137 ҳ.) ва Абудовуд бар он вилоят то ба марг бимонд. Ва ӯро испедҷомагон бикуштанд андар моҳи рабеъу-л-аввали санаи арбаъин ва моъа 140 ҳ.). Ва он табақа, ки ӯро куштанд аз қавми Саъиди ҷуллоҳ буданд. Охир қавми Абудовуд он ҳама бигирифтанд ва бикуштанд ва Саъиди ҷуллоҳ, ки раиси он қавм буд, низ гирифта шуд ва ӯро бо эшон бикуштанд.

Абдулҷаббор ибни Абдурраҳмон. Ва ин Абдулҷаббор соҳиби шурати Мансур буд. Чун Абудовуди Зуҳлӣ кушта шуд, аҳди вилояти Хуросон мар Абдулҷаббор ибни Абдурраҳмонро бидод ва ӯ ба Марв омад бо чиҳил астари барид ва дабираш Муовия ном бо ӯ буд ва корҳо ҳамеронд.

Пас Абдулҷаббор ба хештан ғарра шуд ва ба Мансур нома набишт, то иёл ва фарзандони ӯро ба Хуросон фиристад. Мансур бифиристод ва Абдулҷабор қасди хилоф кард. Ва хироҷи Марву Балх ва бисёр аз шаҳрҳои Хуросон зиёдат кард ва Нишобур мар хоҳарзодаи хеш Хаттоб ибни Язидро бидод. Ва Хаттоб сирати бад гирифт ва ситамҳо кард бар мардумон ва раъоё пеши Мансур аз вай шикоят карданд. Ва Мансур сӯйи Абдулҷаббор нома набишт, то Хаттобро пеши ӯ фиристад, нафиристод ва узр оварду хилоф кард.

Пас Абдулҷабборро бар марде далолат карданд, номи ӯ Барозбанда[173] ибни Бамрун ва ин мард даъво кард, ки ӯ Иброҳим ибни Абдуллоҳ ал-Ҳошимӣ аст ва ба хештан даъват кард. Ва Абдуҷаббор бад-ӯ кас фиристод ва сирри хеш бо ӯ бигуфт. Ва бо

[172] Ал-Дуҳлӣ.

[173] Бароршадо

ӯ байъат кард ва алам испед кард ва мардумонро ба тоъати Барозбанда хонд ва аз хузоъиён қавмеро бикушт, чун Осим, ки соҳиби шурати Абудовуд буд ва Абулқосими Тоқӣ ва бародараш ва Умар ибни Аъйан ва Маррор ибни Анас ва Абулқосими Хузоъӣ ва Шурайҳ ибни Абдуллоҳ ва Қудома ал-Ҳаришӣ, расули Мансур ва Абуваҳаб ва Бормонӣ ва Абуҳилоли Толиқонӣ ва Муҳтоқ ва ин ҳама сарҳангон буданд, ки ба даъват иҷобат накарда буданд.

Пас Мансур Хуросонро ба писари худ Маҳдӣ бидод. Ва Маҳдӣ Ҳарб ибни Зиёдро ба ҷанги Абдулҷаббор фиристод. Чун ин хабар ба Абдулҷаббор расид, ӯ Савворро бо панҷ ҳазор мард пеши Ҳарб фиристод. Ҳарб мар Савворро ҳазимат кард ва мутаваҷҷеҳи Марв шуд. Чун наздик расид, Абдулҷаббор ба ҷанг берун омад. Ва дар он ҷанг шахсе, ки худро Иброҳими Ҳошимӣ ном карда буд, ба дасти Ҳарб кушта шуд ва Абдулҷаббор мунҳазим гашт ва аз лашкараш бисёре кушта шуданд. Ва Абдулҷаббор ба роҳи Зам гурехт ва роҳ гум кард ва дар панбазоре дар наздикии хонаҳои аздиён уфтод. Ва Абдулғаффор ибни Солиҳи Толиқонӣ бо ҷамъе ба талаби ӯ меомаданд ва дар он ҷо ӯро биёфтанд. Ӯро бо дабираш Муовия бигирифтанд ва ҳар ду дасташ бибастанд ва бар астари бузурге нишонданд ва ӯро пеши Ҳарб ибни Зиёд бурданд. Ва Ҳарб андар саройи аморат фуруд омада буд. Эшонро ба зиндон кард ва нома набишт сӯйи Маҳдӣ бад-он фатҳ. Ва он нома ба Хозим ибни Хузайма, ки халифати Маҳдӣ буд, расид. Ва Хозим бар хештан баст. Ва ин ҳазимат рӯзи шанбе буд шашуми моҳи рабеъу-л-аввали санаи аснӣ ва арбаъин ва моъа (142 ҳ).

Ва Хозим ба Марв бимонд ва Ҳарбро ба Ҳироту Толиқон фиристод ва Ҳасан ибни Ҳамронро ба Балх ва Заму Омуй фиристод. Пас Хозим истеъфо хост, Маҳдӣ ӯро афв кард ва аз шуғл бознишаст.

Абуавн Абдулмалик ибни Язид. Ва Мансур Хуросон мар Абуавн Абдулмалик ибни Язидро бидод. Ва Абуавн ба Марв омад андар санаи салас ва арбаъин ва моъа (143 ҳ.) ва ҳафт сол ба Хуросон бимонд.

Ва ба рӯзгори ӯ Ҳасан ибни Ҳамрон ва бародарашро ғавғои лашкар бикуштанд аз баҳри рӯзӣ хостанро. Ва андар санаи ситт ва арбаъин ва моъа (146 ҳ.) Мансур бинои Бағдод тамом кард ва аз Восит он ҷо биёмад. Ва Абуавнро андар санаи тисъ ва арбаъин ва моъа (149 ҳ.) маъзул кард ва аз Хуросон бозхонд.

Усайд[174] ибни Абдуллоҳ. Ва Мансур Хуросон мар Усайд ибни Абдуллоҳро бидод ва Усайд ба Хуросон омад андар моҳи рамазон. Ва ин Усайд соҳибҳараси Мансур буд.

Ва ба рӯзгори аморати ӯ ба Хуросон Устодсиси Бодғисӣ берун омад ва пайғамбарӣ даъво кард ва роҳи Беҳофарид гирифт. Ва сабаб он буд, ки беҳофаридиёни бодғисӣ сӯйи Маҳдӣ нома карданд, ки «Мо мусалмон шудем бар дасти ту, моро тақдире кун».

Ва Маҳдӣ мар Муҳаммад Саъидро ба ғазви Кобул фиристод ва ин бодғисиёнро бо вай фиристод ва эшонро аз ин фай тақдире кард. Ва Муҳаммад бирафт ва аз он фай эшонро чизе надод. Пас эшон ба хонаҳои хеш бозшуданд ва муртад гаштанд. Ва Устодсис берун омад ва Маҳдӣ Абуавнро ва Хозимро ба ҳарби Устодсис фиристод. Ва чун Устодсис хабар ёфт, бо қавме аз ёрони хеш ба зинҳори Абуавн омад ва ӯ ҳамаро пазируфт ва вафо кард ва Устодсис ва қозиро ва писарашро даст боз дошт ва он қалъа бигрифт, ки эшон доштанд, бо ҳар чи дар қалъа андар буд.

Ва гурӯҳе чунин гӯянд, ки Мароҷил духтари Устодсис буд, ки модари Маъмун буд ва Ғолиб писари Устодсис буд, холи Маъмун, ки Фазл ибни Саҳлро ба Сарахс андар гармоба бикушт ба фармони Маъмун. Ва Усайд ибни Абдуллоҳ бимурд андар санаи хамсин ва моъа (150 ҳ.).

Абада ибни Қудайд. Пас Хуросон Абада ибни Қудайдро бидоданд. Ва ӯ ба Марв омад андар муҳаррами санаи аҳадӣ ва хамсин ва моъа (151 ҳ). Ва ҳафт моҳ бар вилояти Хуросон бимонд ва пас маъзул кардандаш.

Ҳумайд ибни Қаҳтаба. Ва Мансур вилояти Хуросон мар Ҳумайд ибни Қаҳтабаро бидод андар ғурраи шаъбони санаи аҳадӣ ва хамсин ва моъа (151 ҳ.). Ва Ҳумайд аз доиёни бузург буд.

Ва ба рӯзгори ӯ Мансур бимурд ва Маҳдӣ ба хилофат биншаст ва аҳди Хуросон ба наздики Ҳумайд фиристод.

Ва андар аморати Ҳумайд Муқаннаъ берун омад ва алам испед кард. Ва ин Муқаннаъ марде якчашм буд ва ба Марв гозурӣ кардӣ ва Ҳаким ном буд. Ва аввал, ки берун омад, даъвои пайғамбарӣ кард, охир ба худойӣ даъво кард ва мардумонро ба бандагӣ хондӣ. Ва хештанро рӯйпӯше карда буд аз зар ва он пеши рӯй доштӣ, то кас рӯйи ӯ надидӣ, аз бас ки кареҳлиқо буд. Ва чунин гуфтӣ, ки «Худой, азз ва ҷалл, Одамро биёфарид ва

[174] Асад

андар сурати ӯ шуд ва чун ӯ бимурд, андар сурати Нуҳ шуд ва пас андар сурати Иброҳим шуд ва андар сурати Мӯсо шуд ва андар сурати Исо ва андар сурати Муҳаммад, алаҳиму-с-салом, шуд ва ҳаме то андар сурати Абумуслим шуд ва аз паси Абумуслим андар сурати Ҳошим шуд», яъне Муқаннаъ ва ин Муқаннаъ хештанро Ҳошим ном карда буд. Ва бисёр кас аз гумроҳон бад-ӯ бигаравиданд ва ӯро саҷда кардандӣ ва андар ҳарбгоҳ бонг кардандӣ, ки «Ё Ҳошим ёрӣ», чунонки кас аз Худой, азз ва ҷалл, ёрӣ хоҳад ситад. Ва халқи бисёр бар вай гирд омад ва қалъаи Сиём, ки андар рустои Кеш аст, бишкарда ва он қалъатро ҳисор сохтанд ва испедҷомагони Бухоро ва Суғд падид омаданд ва ӯро ёрӣ карданд. Ва туркони кофарро низ бихонд ва хостаҳои мусалмонон ҳаме ғорат карданд. Ва бештари кори онон ба Суғд падид омад. Ва Абулнуъмон қасди эшон кард ва ҳеч натавонист кард: ба ноҳият ва шаҳри Кеш омаданд ва кӯйҳо бистаданд ва ҳисори Навокас ба Сином ва Сангардар бистаданд [175]. Ва Абулнуъмон ва Ҷунайду Лайс ибни Наср ва Ҳассон ибни Тамим ибни Наср ибни Сайёр ва Муҳаммад ибни Наср бо эшон ҳарб карданд ва ҳеч кас бо эшон барнаёмад ва ҳама ба ҳазимат бозгаштанд. Пас Маҳдӣ мар Ҷабраил ибни Яҳё ва Язиди бародарашро бифиристод ва ба испедҷомагони Бухоро машғул шуданд, ки андар рӯзгори Ҳусайн ибни Маъоз падид омада буданд андар санаи сабъ ва хамсин ва моъа (157 ҳ.). Ва Ҷабраил бо эшон ҳарб кард андар шаҳри Навҷакас[176] ва ҳафтсад мард аз эшон бикушт ва Ҳакими Бухориро бикушт, ки меҳтари эшон буд ва дигарон ҳазимат шуданд, сӯйи Муқаннаъ рафтанд.

Пас Ҷабраил ба Самарқанд рафт ва қасди суғдиён кард ва меҳтареро аз эшон бикушт. Ва Ҳумайд ибни Қаҳтаба бимурд ва писараш Абдуллоҳ ибни Ҳумайд аз паси ӯ Хуросон бидошт, то тамомии санаи тисъ ва хамсин ва моъа (159 ҳ).

Абуавн Абдулмалик ибни Язид. Маҳдӣ Хуросон мар Абуавнро бидод ва писари ӯ бар муқаддима баромад рӯзи душанбе нимаи сафари санаи ситтин ва моъа (160 ҳ.). Ва як солу як моҳ Хуросон ӯ дошт. Ва бо Муқаннаъ ҳарб кард. Ва Юсуф Сақфии Ҳарурӣ берун омада буд андар рӯзгори Ҳумайд ва Ҳаками Толиқонӣ ва Бумаъози Форёбӣ бо вай буданд ва Пушанг аз Мусъаб ибни Зурийқ бистада буданд ва Юсуф бар Марврӯд ва Толиқону Гузгонон ғалаба карда буд, то ҳошимиёни Балх бо ӯ ҳарб карданд ва ӯро ҳазимат карданд. Ва Бумаъози Форёбиро

[175] Ва Навокат ба Сом ва Сакзуда бисаданд.
[176] Навмахкат.

бигирифтанд ва ба наздики Маҳдӣ фиристоданд. Ва Маҳдӣ бифармуд, то Бумаъозро андар Бағдод бар дор карданд. Пас Маҳдӣ мар Абуавнро аз Хуросон маъзул кард.

Маъоз ибни Муслим. Ва Маҳдӣ Хуросон мар Маъоз ибни Муслимро бидод ва Маъоз бародари хеш Саламаро ба халифатии хеш ба Хуросон фиристод ва андар ақиби ӯ худ баромад, андар моҳи рабиъу-л-охири санаи аҳадӣ ва ситтин ва моъа (161 ҳ).

Ва ба рӯзгори ӯ Нишобур ба номи писараш Ҳусайн карданд. Ва ба рӯзгори ӯ қаҳт уфтод. Ва мардуми бисёр бар дари ӯ гирд омаданд ва аз қаҳт бинолиданд ва аз гирониии нарх ва аз вай андар хостанд, ки «ғалла бифурӯш, то дигарон бар ту нигаранд ва бифурӯшанд». Ҳусайн гуфт: «хостаме, ки як дона гандум ба диноре будӣ». Мардумон навмед гаштанд ва дуо карданд. Ҳафтае нагузашт, ки Ҳусайн бимурд.

Ва чун Маъоз ба Марв рафт ва корҳои Хуросон рост кард, пас қасди Муқаннаъ кард ва Саъиди Ҳараширо ба муқаддимаи хеш кард. Ва Ақба ибни Салм низ ба Тавовис бо эшон ёр шуд ва ба Самарқанд рафтанд. Ва Хорича, каси Муқаннаъ бо понздаҳ ҳазор марди испедҷома бо Ҷабраил ибни Яҳё ҳаме ҳарб кард ва Ҷабраил аз эшон се ҳазор мард бикушт. Ва чун ин мадад андар расид, мусалмонон бирасиданд ва испедҷомагон заъифтар гаштанд ва бисёре аз испедҷомагон кушта гаштанд ва боқӣ сӯйи Муқаннаъ боз шуданд. Ва Муқаннаъ пеши қалъаи Сином канда кард ва бо мусалмонон ҳарб кард. Ва кор бар испедҷомагон танг шуд ва сабр ҳамекард, то кор ба ҷойе расид, ки пӯсти якдигар бихӯрданд ва бо Ҳарашӣ сулҳ ҷустанд бе илми Муқаннаъ. Ва Ҳарашӣ иҷобат кард ва сӣ ҳазор мард аз канда берун омаданд ва бирафтанд. Ва Муқаннаъ бимонд бо ду ҳазор мард аз мардон ва умматон ва мутобиъони ӯ.

Ва миёни Саъиди Ҳарашӣ ва миёни Маъоз ибни Муслим ваҳшат буд. Ва Маъоз аз амали Хуросон афв хост аз Маҳдӣ ва иҷобат ёфт ва сӯйи Ироқ бозгашт.

Мусаййаб ибни Зуҳайр. Пас Маҳдӣ Хуросон мар Мусаййаб ибни Зуҳайрро бидод ва ӯро ба Хуросон фиристод. Ва Мусаййаб андар ҷумоди-л-аввали санаи ситт ва ситтин ва маъа (166 ҳ.) ба Хуросон омад ва дарвақт, ки расид, хироҷ ҷибоят кард. Ва оҳанги Бухоро кард ва қасди Муқаннаъ кард. Пас хабари фатҳ ёфт, ки Саъиди Ҳарашӣ карда буд ва бар Муқаннаъ ҳисор танг карда. Ва чун Муқаннаъ аз ҷони хеш навмед шуд, ҳамаи занони хешро гирд кард ва заҳре бисохт ва эшон ҳамаро биҳишт пазируфт, то ҳама аз он заҳр бихӯрданд, ҳама андар соат

бимурданд. Ва Муқаннаъ заҳр низ бихӯрд ва дертар ҳамемурд. Фармуд, то яке аз ёрони ӯ мар Муқаннаъро гардан бизад. Ва васият кард, то тани ӯро ба оташ бисӯхтанд, то тани ӯро бознаёбанд.

Ва баъзе гумроҳон, ки ба ӯ иқтидо карда буданд, гуфтанд, ки ба осмон бишуд ва гурӯҳе бад-ин сабаб фитна шуданд ва то бад-ин ғоят муқаннаъиён ҳанӯз ҳастанд.

Ва лашкар андар он қалъат уфтоданд ва қалъат аз мардум холӣ буд ва чизе, ки ёфтанд, бардоштанд. Ва Мусаййаб ибни Зуҳайр ҳашт моҳ ба Хуросон бимонд ва бар вазифаи хироҷ зиёдат кард ва раъоё аз вай гила карданд, то Маҳдӣ ӯро маъзул кард. Ва дирами мусаййабӣ дар Моваруннаҳр равад, бад-ӯ бозхонанд, чунонки ғитрифӣ ба Ғитриф ибни Ато ал-Киндӣ ва муҳаммадӣ ба Муҳаммад ибни Зубайда ва ин дирамҳо ба рӯй ва арзиз омехта бошад.

Абулаббос ал-Фазл ибни Сулаймон. Ва пас Маҳдӣ Хуросон Абулаббос ал-Фазл ибни Сулаймон ат-Тӯсиро бидод. Абулаббос мар Саъид ибни Баширро ба муқаддима бифиристод ва Саъид ба Марв омад андар муҳаррами санаи сабъ ва ситтин ва моъа (167 ҳ.) ва ба наздики Мусаййаб шуд ва Мусаййаб ҳеч хабар надошт. Ва бар вай салом кард ва номаи таслими амал бад-ӯ бидод. Ва чун бихонд, аз ҷойи хеш бархост ва гуфт: «маҷлис турост».

Ва пас Абулфазл низ биёмад андар моҳи рабиъу-л-аввали санаи ҳаза ва сират гирифт. Ва панҷ ҳазор баст об, ки сарҳангон ва меҳтарон ба ғалаба гирифта буданд, ба мардумони Марв боз бидод ва масҷиди Марв бузургтар кард ва ҷойҳо харид аз ҳоитҳо ва боғҳо ва андар гӯристонҳои Марв афзуд ва рӯзии сарҳангон афзуд ва бахшиши хироҷ миёни мардумон рост кард. Ва ба Қуҳастону Табасайн ва Нисову Бовард ва Ҳироту Пушанги мо чунон гашт, ки ҷуз расми вай написандидандӣ. Ва ҳар чи Мусаййаб зиёдат карда буд андар хироҷҳо аз мардумон бардошт.

Ва Фазлобод андар биёбони Омуй ӯ бино кард ва миёни Суғду Бухоро деворе азим бикашиданд, то аз туркон эман шуданд. Ва хироҷҳои меҳтарони тозиён сабуктар кард. Ва Ҳодӣ ба рӯзгори ӯ ба хилофат биншаст ва ба ҳамаи рӯзгори Ҳодӣ амири Хуросон Абулаббос буд. Ва чун Ҳорунаррашид ба хилофат биншаст, Хуросон Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибн ал-Ашъасро дод.

Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибн ал-Ашъас. Пас Ҳорунаррашид Хуросон мар Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибн ал-Ашъасро бидод ва ӯро ба Хуросон фиристод. Ӯ андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи сабъин ва

моъа (170 ҳ.) писари хеш Аббосро ба Кобул фиристод ва шобиҳорро бигушод ва ҳар чи хоста буд андар шобиҳор ҳама ғанимат кард ва Ҷаъфарро бозхонд.

Ва гӯянд, ки Ҷаъфар рӯзе пеши Ҳорун шуд ва Ҳорун бар яке хашм гирифта буд. Ҷаъфар гуфт: «Ё амиралмуъминин! Хашм аз баҳри Худой бояд гирифт ва хашме, ки аз баҳри Худой гирӣ, беш аз он магир, ки Худой, азз ва ҷалл гирад». Ҳорунро хуш омад ва бар он мард хуш гашт.

Аббос ибни Ҷаъфар. Чун Ҳорун мар Ҷаъфарро бозхонд, Хуросон ба писари ӯ бидод, Аббос ибни Ҷаъфар. Ва вай ба Хуросон омад ва ҳам бар расми падар рафт. Ва се сол андар вилояти Хуросон бимонд ва андар санаи хамс ва сабъин ва моъа (175 ҳ.) боз кардандаш.

Ғитриф ибни Ато ал-Киндӣ. Пас Ҳорун Хуросон мар Ғитриф ибни Ато ал-Киндиро бидод. Ва Ғитриф Довуд ибни Язид ибни Ҳотимро ба халифатии хеш бифиристод ва бар асар худ биёмад андар шуҳури санаи хамс ва сабъин ва моъа (175 ҳ.).

Ва Умар ибни Ҷамилро бифиристод то Ҷабуяро[177] аз Фарғона берун кард ва чанд гоҳ он ҷо буд. Ва дирами ғитрифӣ фармуд задан, ки ба Бухоро бад-ӯ ситаду дод кунанд.

Ва андар вилояти Ғитриф Ҳасини хоричӣ берун омад аз мардумони Ӯқ . Ва амири Систон Усмон ибни Умора ибни Ҳузайма буд ва Ҳасин лашкари Усмонро бишикаст ва пас ба Хуросон омад ба Пушанг ва Ҳирот. Ва Ҳорун бифармуд, то ӯро талаб кунанд. Пас Ғитриф халифати хеш ва бародарашро ва Ҷарир ибни Язидро бо дувоздаҳ ҳазор мард бифиристод ва гӯянд, ки бо Ҳасин сесад мард буд ва Ҳасин ҷумла аз эшон бикушт. Ва чун ба Исфизор бишуд, он ҷо бо зан кушта шуд андар санаи сабъ ва сабъин ва моъа (177 ҳ).

Ал-Фазл ибни Яҳё ал-Бармакӣ. Пас Рашид Хуросон мар Фазл ибни Яҳё ал-Бармакиро бидод ва Фазл ибни Яҳё (мар Яҳё) ибни Маъозро ба халифатӣ фиристод ба Хуросон аз баҳри хеш. Ва Яҳё андар моҳи рамазони санаи сабъ ва сабъин ва моъа (177 ҳ.) ба Хуросон биёмад ва Фазл ибни Яҳё андар муҳаррами санаи самон ва сабъин ва моъа (178 ҳ.) биёмад ва ба ғазви Моваруннаҳр рафт.

Хорохура[178], ки малики Ушрусна буд пеши ӯ бозомад, ки пеш аз он пеши ҳеч кас наёмада буд ва ҳеч касро фармон набурда буд.

[177] Ҳабуяро
[178] Ҷононҳаза

Ва Хуроша ибни Синон ал-хориҷӣ ба айёми ӯ берун омада буд ва Динвар бигирифт. Ва Фазл ибни Яҳё Иброҳим ибни Ҷабраилро бифиристод, то Хурошаро ҳазимат кард ва андар се рӯз навад фарсанг бигурехт ба Шаҳразур ва ба Чоҳи Асад омад ва он ҷо бигирифтанду бикуштандаш.

Ва Ҳорун мар Муҳаммад ал-Аминро андар кинори Фазл ибни Яҳё парварда буд ва Маъмунро андар кинори Ҷаъфар ибни Яҳё ва Яҳё ибни Холидро падар хондӣ ва вазирӣ ба Яҳё ибни Холид бидод. Ва Фазл ва ҳамаи Бармакиён босаховат буданд, чунонки рӯзе пеши Фазл ибни Яҳё гуфтанд, ки «Умар ибни Ҷамил марде аст сахӣ ва меҳмондӯст». Фазл ӯро дувист ҳазор дирам фармуд ва бар Хуросон халифат кард ӯро бад-ин ҳикоят, ки аз вай карданд.

Ва чун Фазл маъзул шуд, Умар ибни Ҷамил ба Чағониён асбоб сохт ва он ҷо бимонд ва ӯро ба Чағониён ақиб бисёр монд ва то бад-ин ғоят аз насли ӯ бисёр ҳастанд. Ва чунин гӯянд, ки Умар рӯзе рӯбоҳе дид, ки ба сӯрохе фурӯ рафт, Умар он сӯрохро биканд ва андар он ҷо моле азим бидид. Ҳамон ҷо кӯшке сохт ва он мол бардошт ва ҳамаи хешони ӯ гирдогирди кӯшк ҷойҳо сохтанд.

Ва Рашид мар Фазл ибни Яҳёро маъзул кард.

Мансур ибни Язид. Рашид пас Хуросон мар Мансур ибни Язидро бидод ва ӯ холи Маҳдӣ буд. Ва Мансур писари хеш Саъидро халифат кард ва Саъид ба Хуросон омад андар зу-л-қаъдаи (санаи тисъ ва сабъин ва моъа (179 ҳ.). Ва Мансур андар зу-л-ҳиҷҷаи) санаи ҳаза биёмад.

Ва андар вилояти Мансур Ҳамза ибни Адрак (Озарак? –Қ.Р) ал-Хориҷӣ берун омад ва ба Қуҳастон рафт ва аҳли Қуҳастон ҳар чи Ҳамза хост, бидодандаш ва бозгашт.

Алӣ ибни Исо ибни Моҳон[179]. Пас Ҳорун Хуросон мар Алӣ ибни Исо ибни Моҳонро бидод. Ва ӯ писари хеш Яҳёро ба муқаддима бифиристод ва Яҳё ибни Алӣ андар Хуросон омад ба аввали санаи самонин ва моъа (180 ҳ). Ва даҳ сол андар вилояти Хуросон бимонд.

Дабири ӯ Ҳафс ибни Мансури Марвазӣ буд ва Ҳафс бимурд ва аз вай шаст кӯдак бимонд, бист бузург ва чиҳил хурд. Ва китоби «Хироҷи Хуросон» Ҳафс таълиф карда аст.

Ва андар вилояти Алӣ ибни Исо ибни Моҳон Ҳамзаи хориҷӣ берун омад. То Пушанги вилояти Ҳирот мар Амр ибни Язид ал-Азадиро буд ва Амр бо шаш ҳазор мард пеши Ҳамза рафт ва

[179] Ҳомон

Ҳамзаро ҳазимат кард ва мардуми бисёр аз лашкари ӯ бикушт. Ва гармои сахт, ки буд, ҷумла низ бимурданд. Ва Амр низ аз он гармо бимурд ва боз- оварданду ба гӯр карданд. Ва Ҳамза ба Астаробод шуд ва Алӣ ибни Исо ибни Моҳон писари хеш Ҳусайнро бифиристод бо даҳ ҳазор мард. Ва ба Бодғис омаду ба Ҳамза нома набишт ва закот бад-ӯ бидоду бо вай ҷанг накард, то падараш бад-ин сабаб вайро маъзул кард.

Пас дигар писар, Исоро бифиристод ва бо Ҳамза ҳарб кард. Ва Ҳамза лашкари Исоро бикушт ва ба Балх бозомад ва падараш лашкари дигар бидод ва ба ҳарби Ҳамза рафт ва бисёр мардум аз лашкари Ҳамза бикушт. Ва Ҳамза бо чиҳил ҳазор мард сӯйи Қуҳастон ҳазимат рафт. Ва Алӣ ибни Исо чанд тан аз сарҳангони хешро ба Уқ фиристод ва Гувайн, то ҳарчи хориҷии қаъдӣ ёфтанд, ҳамаро бикуштанд ва деҳҳое, ки Ҳамзаро нусрат шуда буданд, мардумони он деҳҳоро бикуштанд ва деҳҳоро бисӯхтанд, то ба Заранҷ расиданд. Ва чунин гӯянд, ки сӣ ҳазор мардро бад-ин гуна бикуштанд. Ва Абдуллоҳ ибн ал-Аббосро ба Заранҷ бигзоштанд бо чаҳор ҳазор мард ва Абдуллоҳ се бор ҳазор ҳазор дирам ҷибоят кард.

Ва Ҳамза то Сабзавор пеши ӯ омад, он ҷо ҳарб карданд. Ва суғдиёну нахшабиён сабр карданд, то Ҳамза сутӯҳ шуд, пас ҳамла оварданду ёронашро бикуштанд ва бар рӯйи Ҳамза ҷароҳат карданд. Ва Абдуллоҳ ибн ал-Аббос он хостаҳо бардошт ва бирафт. Ва Ҳамза андар деҳҳо ҳамеуфтод ва ҳар киро ёфт, ҳамекушт. То ба дабиристон бирасид ва сӣ кӯдакро бо устод бикуштанд. Ва чун Тоҳир бишнид, андар деҳе қадъиён буданд, ки ҳарб накарандӣ ва ба хона нишаста буданд… чун сесад марду зан бикуштанд ва хостаҳоишон бардошт ва эшонро биёвард ва ду шохи қавӣ аз дарахт ба расанҳои қавӣ фарози якдигар кашидандӣ ва ду пойи қаъдиро бар он ду шох бибастандӣ ва пас расан бигшодандӣ, то он ду шох ба қуввати хеш мардро ду пора кардандӣ.

Ва миёни мардумони Исо ва мардумони Ҳамза ҳарбҳо бисёр уфтод ва кори Исо рост истод. Ва деҳи Ос ба Балх Исо бино кард.

Ҳарсама ибни Аъйан. Ва Рашид Хуросон мар Ҳарсама ибни Аъйанро бидод. Ва ӯ ба Хуросон омад андар санаи аҳадӣ ва тисъин ва моъа (191 ҳ). Ва Рофиъ ибн ул-Лайс ибни Наср ибни Сайёр ба Самарқанд осӣ шуда буд ва Ҳарсама бад-ӯ машғул шуд чанд гоҳ. Пас Ҳарсама ӯро амоннома набишт ва ба наздики Рофиъ фиристод. Рофиъ бад-он илтифот накард ва чун Рашид ин хабар шунид, гуфт: «ҳар ки зинҳорнома рад кунад, хор гардад».

Ва Ҳарсама ибни Аъйан Тоҳир ибн ал-Ҳусайнро ба наздики хеш хонд ва Хуросон аз ҳашам холӣ шуд. Ва Ҳорун чун хабари Рофиъ ва Ҳарсама бишнид, тангдил гашт ва аз Бағдод бирафту қасди Самарқанд кард. Чун ба Тӯс расид, бимурд андар санаи салос ва тисъин ва моъа (193 ҳ.). Ва Ҳамза берун омад ва куштану ғорат кардан гирифт. Ва кордорон аз Ҳироту Систон сӯйи вай ҳамеомаданд.

Абдурраҳмони Нишобурӣ ба Заранҷ берун омад ва бист ҳазор марди ғозии набишта бо Абдурраҳмон гирд омаданд андар санаи арбаъ ва тисъин ва моъа (194 ҳ.) ва қасди Ҳамза карданд. Бо Ҳамза шаш ҳазор мард буд ва бештар аз мардумони Ҳамза кушта шуданд. Ва Ҳамза ба Ҳирот бишуд ва ғозиён бар асари ӯ бишуданд. Охир ӯро бикуштанд андар шуҳури салас ашр ва моъитин (213 ҳ.).

Ва Абуисҳоқи қозӣ ба ҷойи ӯ биистод ва Ҳарсама Самарқандро ҳисор кард бар Рофиъ ибн ал-Лайс ва бисёр ҳарб кард, то Самарқандро бигушод ва Рофиъро бикушт. Ва Моваруннаҳр ба Яҳё ибни Маъоз бидоданд андар санаи хамс ва тисъин ва моъа (195 ҳ.) ва аз паси он маъзул кардандаш ва Боянҷурро[180] бидоданд андар шаъбони санаи тисъ ва тисъин моъа (199 ҳ.).

Ал-Маъмун Абдуллоҳ ибни Рашид. Ва чун Рашид фармон ёфт, Маъмун ба Марв буд. Ва Рашид васият карда буд, ки «моле, ки бо ман аст, ҳама ба Маъмун расонанд». Ва Фазл ибни Рабиъ хиёнат кард ва ҳамаи мол сӯйи Бағдод бурданд ба наздики Муҳаммад ибни Зубайда, бар хилофи он чи Рашид васият карда буд. Ва Маъмун аз паси Амин валиаҳд буд.

Ва чун Маъмун ба Хуросон буд ба вақти вафоти падар, ҳам он ҷо қарор кард ва вилоятиХуросонро забт кард. Ва Амин Муътаманро аз замини Мағриб бозхонд ва ӯро бифармуд, то хештанро халъ кард ва Амин мар писари хешро байъат ситад. Ва ӯро «ал-Нотиқ биллоҳ» лақаб ниҳоданд. Ва нома набишт ба Маъмун ва ӯро бозхонд аз Хуросон. Ва Маъмун бас зирак ва ҳушёр буд ва ғарази Муҳаммад ал-Амин ҳамедонист. Узре оварда ба Бағдод нашуд. Пас Муҳаммад ал-Амин мар Алӣ ибни Исоро ба ҳарби Маъмун фиристод ва чун Маъмун хабар ёфт, бо Фазл ибни Саҳл машварат кард ва ба иттифоқу ишораи ӯ ва Зубони мунаҷҷим Тоҳир ибн ал-Ҳусайн ибни Мусъабро пеши Алӣ ибни Исо бифиристод. Ва бар якманзилии Рай андар мулоқоти якдигар расиданд ва баровехтанду ҳарб карданд. Пас

[180] Мосаҳур

рӯзгоре нашуд, ки Тоҳир зафар ёфт ва Алӣ ибни Исо кушта шуд. Ва Тоҳир сари ӯ бибурид ва сӯйи Маъмун фиристод ва аз он ҷо рӯй сӯйи Ироқ ниҳод.

Ва Абдурраҳмон ибни Ҷабаларо[181] Муҳаммад Амин бо сӣ ҳазор кас ба ҳарби Тоҳир фиристод ва дар наздики Ҳамадон миёни эшон муҳорибаи азим даст бидод ва Абдурраҳмон мунҳазим гашту ба Ҳамадон даромад ва Тоҳир шаҳрро муҳосира кард. Пас Абдурраҳмон ба зинҳор омад ва якчанде буд. Он гоҳ ҳилате сохт ва бо қавме, ки аз Бағдод ба мадади Абдурраҳмон омада буданд, нимрӯзӣ андар лашкари Тоҳир уфтоданд. Ва Тоҳир берун омада буд ва ба ҳарб пайвастанд ва он ҳама қавмро бикуштанд ва Абдурраҳмонро бигирифтанду сари ӯ бибуриданд ва сӯйи Маъмун фиристод. Ва пас қасди Бағдод кард.

Ва Ҳарсама ибни Аъйан ба мадади Тоҳир аз Хуросон андар расид. Ва ба Бағдод шуданду лашкар андар ҳаволии Бағдод фуруд оварданд ва ҳарб пайвастанд. Ва Бағдодро ҳисор карданд ва кор бар Муҳаммад ибни Зубайда танг шуд. Чун аз ҳад бишуд ва дар хазина мол намонд ва ҳамаи ҳашам ва сипоҳиёну раъият ва мавлоён аз Муҳаммад ал-Амин иъроз кардан ва ӯ танҳо бимонд ва ҳеч ҳилат намонд, руқъа набишт сӯйи Ҳарсама, ки «ман имшаб ба наздики ту оям». Ва Ҳарсама андар заврақ нишаст ва ба роҳи Дақла ба Бағдод омад. Ва Муҳаммад ба наздики ӯ шуд ва ҳар ду андар заврақ буданд. Ва Тоҳир аз ин ҳол хабар ёфт, роҳ бар Муҳаммад бигирифт ва бифармуд, то санг ҳамеандохтанд, то заврақи Муҳаммад бишикаст ва каштибон Ҳарсамаро бигирифту берун бурд. Ва Муҳаммад ошно донист, аз Дақла берун хост шуд, ғуломе аз они Тоҳир ӯро бигирифт ва бар харпуштаи хеш бурду Тоҳирро хабар бидод. Ва Тоҳир ҳамон ғуломро бифармуд, то сари ӯ бибурид.

Пас сари Муҳаммад ибни Зубайда ва ридову қасаб ва мусаллои пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, ба дасти Муҳаммад ибн ал-Ҳасан ибн ал-Мусъаб, писари амми Тоҳир ба наздики Маъмун фиристод. Ва Маъмун Муҳаммад ибн ал-Ҳасанро ҳазор ҳазор дирам сила бидод. Ва чун Маъмун ба Хуросон биншаст, ҳама доду адл кард ва ҳар рӯз андар масҷиди ҷомеъи Марв омадӣ ва он ҷо мазолим кардӣ ва сухани мардумон бишнидӣ ва инсофҳои эшон бидодӣ.

Ғассон ибни Аббод. Ва чун сари махлуъи Муҳаммад ал-Амин ба Хуросон оварданд ва халифатӣ бар Маъмун рост шуд, вилояти Хуросон мар Ғассон ибни Аббодро бидод андар раҷаби

[181] Ҳабла

санаи арбаъ ва моъитин (204 ҳ.). Ва Ғассон мар Лайс ибни Саъдро аз Самарқанд маъзул кард ва Нуҳ ибни Асадро бидод.

Ва ба рӯзгори ӯ Маъмун аз Марв бирафт ва ба Бағдод шуд ва (Алӣ ибни) Мусо ар-Ризо ба Тӯс фармон ёфт, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳу.

Ва Фазл ибни Саҳлро андар Сарахс ба гармоба бикуштанд. Ва чун таракоти ӯ бингаристанд, андар миён дурҷе ёфтанд ба муҳр ва қуфле дар он ҷо ниҳода. Қуфл боз карданд, ҳуққаи зарин ёфтанд банд карда, боз карданд, андар он ҷо порае ҳарир буд, он ҷо набишта ёфтанд: «Бисмиллоҳи раҳмон ир-раҳим. Ин ҳукми Фазл ибни Саҳл аст, ки аз баҳри хештан ҳукм карда аст: умр бояд чиҳилу ҳашт сол, пас бикушандаш миёни обу оташ». Ҳам бад-ин миқдор умр ёфт ва холи Маъмун Ғолиб ибни Устодсис ӯро ба шаҳри Сарахс андар гармоба бикушт.

Тоҳир ибн ал-Ҳусайн. Пас Маъмун Хуросон мар Тоҳир ибн ал-Ҳусайн ибни Мусъабро бидод андар шавволи санаи хамс ва моъатин (205 ҳ.). Ва Тоҳир халифати хеш бифиристод ва худ ба ҳарби Наср ибни Шабас рафт ва ба Раққа бо ӯ ҳарб кард. Пас Абдуллоҳ ибни Тоҳирро Маъмун бадали падараш ба Раққа фиристод ва Тоҳир ба Хуросон омад андар моҳи рабиъу-л-охири санаи ситт ва моъатин (206 ҳ.) ва яку ним сол ҳукумат кард. Баъд аз он дар яке аз ҷумъаҳо номи Маъмунро дар хутба зикр накард ва дар шаби ҳамон рӯз бимурд, андар ҷумоди-л-охири санаи сабъ ва моъатин (207 ҳ.) ва писари хеш Талҳа ибни Тоҳирро халифат кард.

Талҳа ибни Тоҳир. Чун Тоҳир бимурд, Талҳа писари ӯ ба вилояти Хуросон биншаст. Ва миёни Талҳа ва Ҳамзаи хориҷӣ ҳарбҳо фаровон буд. Пас Ҳамза андар санаи салос ашр ва моъатин (213 ҳ.) кушта шуд.

Ва мар Тоҳир ибн ал-Ҳусайнро Маъмун «Зу-л-яминин» лақаб карда буд ва сабаб он буд, ки чун Тоҳирро пеши Алӣ ибни Исо ҳамефиристод, Фазл ибни Саҳл он соати хуруҷи ӯ ихтиёр кард ва толеъ бинҳод ва ду ситораи ямонӣ, яке Суҳайл ва дигар Шаърои ямонӣ андар васату-л-само ёфт. Бад-ин сабаб ӯро «Зу-л-яминин» ном кард. Ва Маъмун ба сабаби он ихтиёри мувофиқ, ки уфтод, илми нуҷумро дӯст гирифт.

Ва андар он соат, ки мар Тоҳир ибн ал-Ҳусайнро ливо набишт, Фазл гуфт: «ай Тоҳир, туро ливое набистам, ки то шасту панҷ сол ҳеч кас нагшояд». Ва аз беруномади Тоҳир аз Марв, ки пеши Алӣ ибни Исо рафт, то вақти шудани давлати Тоҳириён ва гирифтани Яъқуб ибн ул-Лайс Муҳаммад ибни Тоҳирро шасту панҷ сол буд.

Ва Талҳа ибни Тоҳир чун дил аз кори Ҳамзаи хориҷӣ фориғ кард ва Ҳамза кушта шуд, ҳам андар он сол Талҳа бимурд ва Муҳаммад ибни Ҳамид ат-Тоҳириро халифат кард бар Хуросон.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир. Ва чун Маъмун хабари марги Талҳа бишнид, Хуросон мар Абдуллоҳ ибни Тоҳирро бидод. Ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир мар Алӣ ибни Тоҳирро ба халифатии хеш ба Хуросон фиристод. Ва Абдуллоҳ ба Динвар буд ва лашкарҳо ҳамефиристод ба ҳарби Бобаки хуррамдин. Ва хаворичҷ тохтан карданд ба деҳе аз Нишобур ва мардуми бисёр бикуштанд. Ва чун хабар ба Маъмун расид, Абдуллоҳ ибни Тоҳирро фармуд, ки ба Нишобур равад ва он ҳол тадорук кунад. Ва Алӣ ибни Ҳишомро бадали Абдуллоҳ ба Динвар фиристод. Ва Абдуллоҳ андар рачаби санаи хамс ашр ва моъатин (215 ҳ.) андар Нишобур омад. Ва Хуросон андар фитнаи хаворичҷ буд ва Абдуллоҳ мар Азиз ибни Нуҳро бар муқаддимаи хеш бифиристод бо даҳ ҳазор кас, то Хуросон аз хаворичҷ пок кард ва бисёре аз эшон бикушт.

Ва Муҳамад ибни Ҳамид ат-Тоҳирӣ халифати Абдуллоҳ буд ба Нишобур ва бисёр ситамҳо кард. Ва аз роҳи шориъ баъзе бигирифт ва андар саройи хеш овард. Ва чун Абдуллоҳ ба Нишобур омад, бипурсид. Аҳмади Ҳоҷ, ки муъаддал буд, бигуфт, ки «вай аз тариқи шориъ андар саройи хеш оварда аст». Абдуллоҳ ибни Тоҳир ӯро маъзул кард ва бифармуд, то девор аз роҳи мусалмонон баргирифт.

Ва Маъмун ба рӯзгори ӯ фармон ёфт ва Муътасим ба хилофат биншаст. Ва Муътасимро бар Абдуллоҳ хашм буд ва сабаб он буд, ки андар он вақт ки Абдуллоҳ ҳоҷиби Маъмун буд, рӯзе Муътасим бо қавме аз ғуломони хеш ба дари Маъмун омад, бевақт. Абдуллоҳ гуфт: «ин вақти салом нест бо чандин ғулом». Муътасим ӯро гуфт: «Туро бо чаҳорсад ғулом шояд, ки барнишинӣ, маро бо ин моя мардум нашояд барнишастан?» Абдуллоҳ гуфт: «Агар ман бо чаҳор ҳазор ғулом барнишинам, тамаъ андар он накунам, ту бо чаҳор ғулом кунӣ». Муътасим бозгашт ва хашм гирифт ва чун Маъмун хабар ёфт, ҳар дуро бихонд ва оштӣ бидод.

Ва чун Муътасим биншаст, аҳди Хуросон сӯйи Абдуллоҳ фиристод ва канизаке фиристод ӯро сахт неку ва мар он канизакро дасторча бидоду гуфт: «Чун Абдуллоҳ бо ту наздикӣ кунад, ин дасторча бад-ӯ деҳ, ки хешатанро пок кунад». Чун канизак ба хонаи Абдуллоҳ рафт ӯро дӯст гирифт ва он роз бо вай бигуфт. Ва Абдуллоҳ ҳазми хеш бигирифт ва хештанро аз Муътасим нигоҳ ҳамедошт ва он ваҳшат аз дили ӯ берун оварда.

Пас рӯзе Абдуллоҳ мар Исмоил дабири хешро гуфт, ки «ман ҳаме ба ҳаҷ равам». Исмоил гуфт: «Ё амир, ту ҳозимтар аз онӣ, ки коре кунӣ, ки аз ҳазм дур бувад». Абдуллоҳ гуфт: «рост гуфтӣ, аммо ман туро озмудам».

Ва андар санаи арбаъ ва ишрин ва моъатин (224 ҳ.) ба Фарғона зилзила уфтод ва бисёр хонаҳо вайрон шуд.

Ва ба рӯзгори Абдуллоҳ Мозёр ибни Қоран ба Табаристон осӣ шуд ва дини Бобаки хуррамдин бигирифт ва ҷома сурх кард. Ва Абдуллоҳ он ҷо рафт ва бо вай ҳарб кард. Ва Мозёрро бигирифт андар санаи сабъ ва ишрин ва моатин (227 ҳ.) ва ба наздики Муътасим фиристод. Ва Муътасим фармуд, то Мозёрро понсад тозиёна бизаданд ва ҳам андр рӯз аз он дард бимурд.

Ва пайваста аҳли Нишобур ва Хуросон назди Абдуллоҳ ҳамеомадандӣ ва хусумати корезҳо ҳамерафтӣ. Ва андар кутуби фиқҳ ва ахбори расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, андар маънии корез ва аҳкоми он чизе наёмада буд. Пас Абдуллоҳ ҳамаи фуқаҳои Хуросонро ва баъзе аз Ирокро ҷамъ кард, то китобе сохтанд дар аҳкоми корезҳо ва онро «Китоби қанӣ» ном карданд, то аҳком, ки андар он маънӣ кунанд, бар ҳасби он кунанд. Ва он китоб то бад-ин ғоят барҷост ва аҳкоми қанӣ ва қаниёт, ки дар он маънӣ равад, бар муҷиби он китоб равад.

Ва мар Абдуллоҳ ибни Тоҳирро расмҳои неку бисёр аст. яке он аст, ки ба ҳамаи кордорон нома набишт, ки «ҳуҷҷат баргирифтам шуморо, то аз хоб бедор шавед ва аз хирагӣ берун ойед ва салоҳи хеш биҷӯйед ва бо барзгарони вилоят мудоро кунед ва кишоварзе, ки заъиф гардад, ӯро қувват диҳед ва ба ҷойи хеш бозоред, ки Худой, азз ва ҷалл, аз дастҳои эшон таъом карда аст ва аз забонҳои эшон салом карда аст ва бедод кардан бар эшон ҳаром карда аст».

Ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир гуфтӣ: «илм ба арзонӣ ва ноарзонӣ бибояд бидод, ки илм хештандортар аз он аст, ки бо ноарзониён қарор кунад».

Ва чун Муътасим фармон ёфт, Восиқ ба хилофат биншаст ва аҳди Хуросон сӯйи Абдуллоҳ фиристод. Ва Абдуллоҳ андар хилофати Восиқ фармон ёфт дар санаи саласин ва моъатин (230 ҳ.).

Тоҳир ибни Абдуллоҳ. Пас Восиқ Хуросон мар Тоҳир ибни Абдуллоҳро бидод ва кунияти Тоҳир Абуттайиб буд. Ва Абуттайиб андар ин вақт ба Табаристон буд, ба Нишобур бозомад. Ва Мусъаб ибни Абдуллоҳро халифат кард. Ва Восиқ бимурд андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи аснӣ ва саласин ва моъатин (232 ҳ.).

Ва Мутаваккил ба хилофат биншаст ва аҳди Хуросон сӯйи Тоҳир фиристод. Ва чун якчанде баромад, Мутаваккилро бикуштанд ва Мунтасир ба хилофат бинишаст ва аҳди Хуросон ба Тоҳир фиристод.

Ва Абулҳасани Шаъронӣ чунин гуфт, ки «Тоҳир ходиме дошт испедпӯст ва некурӯй. Ба ман дод, ки инро бифурӯш. Ва ходим бисёр зорӣ кард ва бигирист. Ман таваққуф кардам, ки бас хуб ходиме буд ва ба амир ручуъ кардам, ки «ходимро чиро мефурӯшӣ?» Гуфт: «Шабе андар сарой хуфта буд ва бод ҷома аз ӯ бозафганд, ман ӯро бидидам, ба чашмам хуб омад. Ҳамебитарсам, ки мабодо дев маро васваса кунад». Пас фармуд, то ҳадоё бисохтанд ва ӯро бо ҳадяҳои дигар наздики Мутаваккил бифиристоданд».

Рӯзе руқъа набиштанд бад-ӯ, андар руқъа гуфтанд: «агар ройи рашиди ӯ савоб бинад». Тавқиъ зад, ки «нахоҳам, ки маро рашид хонанд, ки ин ном бар касе ниҳанд, ки Худой, азз ва ҷалл, ӯро сазовори он карда бошад».

Ва чун Мунтасир бимурд, Мустаъин ба хилофат биншаст ва вилояти Хуросон бар Тоҳир нигоҳ дошт. Ва Тоҳир фармон ёфт андар санаи самон ва арбаъин ва моъатин (248 ҳ.).

Муҳаммад ибни Тоҳир. Мустаъин Хуросон мар Муҳаммад ибни Тоҳирро бидод. Ва Муҳаммад ибни Тоҳир ғофил ва беоқибат буд. Сар фуруд бурд ба шароб хӯрдан ва ба тарабу шодӣ машғул гашт, то ба сабаби ғафлати ӯ Табаристон бишӯрид ва Ҳасан ибни Зайд ал-Алавӣ берун омад андар санаи аҳадӣ ва хамсин ва моъатин (251 ҳ.). Ва Сулаймон ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир амири Табаристон буд. Ҳасани Зайд бо ӯ ҳарб кард ва Сулаймон ҳазимат шуд. Ва Ҳасан Табаристон бигирифт. Ва Мустаъинро халъ карданд. Пас Муҳтадӣ ба хилофат биншаст ва понздаҳ моҳу шонздаҳ рӯз хилофат кард, пас халъ кардандаш. Ва пас Муътамид ба хилофат биншаст андар рачаби санаи ситт ва хамсин моъатин (256 ҳ.).

Ва Хуросон Муҳаммад ибни Тоҳир дошт. Ва Табаристону Гургон бишӯрида буд. Ва писарони амми Муҳаммад ибни Тоҳир аз Муҳаммад ҳасад карданд ва бо Яъқуб ибн ал-Лайс ёр шуданд ва ӯро далер карданд, то қасди Хуросон кард ва берун омад. Ва Муҳаммадро бигирифту худ биншаст ба Хуросон.

Фитнаи Яъқуб ибн ал-Лайс. Ва Яъқуб ибн ал-Лайс ибни Муъаддал марде мачҳул буд ва асли ӯ аз рустои Систон буд, аз деҳи Қарнин. Ва чун ба шаҳр омад, рӯйгарӣ ихтиёр кард ва ҳамеомӯхт ва моҳе ба понздаҳ дирҳам муздур буд.

Ва сабаби рушди ӯ он буд, ки бад-он чи ёфтӣ ва доштӣ ҷавонмард будӣ ва бо мардумон хӯрдӣ ва низ бо он ҳушёр буд ва мардона. Ҳамаи қаринонро ӯ ҳурмат доштӣ ва ба ҳар шуғле, ки биюфтодӣ, миёни ҳамшуғлони хеш пешрав ӯ будӣ.

Пас аз рӯйгарӣ ба айёрӣ шуд ва аз он ҷо ба дуздӣ уфтоду ба роҳдорӣ. Ва пас сарҳангӣ ёфт ва хайл ёфт. Ва ҳамчунин ба тадриҷ ба амирӣ расид ва нахустин сарҳангии Буст ёфт аз Наср ибни Солиҳ ва амирии Систон ёфт. Ва чун Систон ӯро шуд, низ бар ҷой қарор накард ва гуфт: «Агар ман биёромам, маро даст бознадоранд».

Пас аз Систон ба Буст омад ва Бустро бигирифт ва аз он ҷо ба Панҷвой ва Тегинобод омад ва бо ратбил ҳарб кард ва ҳилат сохту ратбилро бикушт ва аз Панҷвой то Рахуд бигирифт. Ва аз он ҷо ба Ғазнин омаду Зобулистон бигирифт ва шористони Ғазнинро бино бапо афганд. Ва ба Гардез омад ва бо Абумансур Афлаҳ ибни Муҳаммад ибни Хоқон, ки амири Гардез буд, ҳарб кард. Ва бисёр кушиш кард, то мардумон андар миён шуданд ва Абумансур гиравгон бидод ва замон кард, ки ҳар сол даҳ ҳазор дирам хироҷ ба Систон бифиристад.

Ва аз он ҷо бозгашт ва сӯйи Балх рафт ва Бомиён бигирифт андар санаи ситт ва хамсин ва моъатин (256 ҳ.) ва Навшоди Балхро вайрон кард ва биноҳое, ки Довуд ибн ал-Аббос ибни Ҳошим ибни Моҳҷур карда буд, ҳамаро вайрон кард. Аз он ҷо бозгашту ба Кобул шуд ва шоҳи Кобулро қаҳр кард ва Пирӯзро бигирифт. Ва сӯйи Буст шуд ва бар мардумони Буст хироҷҳо барниҳод аз ҳар навъе ва ӯро бар мардумони Буст хашм буд ба сабаби он ки андар он вақт бар вай зафар карданд.

Ва аз он ҷо сӯйи Систон бозрафт ва андар санаи сабъ ва хамсин ва моъатин (257 ҳ.) ба сӯйи Ҳирот рафт ва дар Курух мар Абдурраҳмони хориҷиро ҳисор кард. Ва чун Абдурраҳмон андар он ҳисор маҳҳур гашт ба зинҳори ӯ омад бо чанд тан аз пешравон, чун Маҳдии Муҳсин ва Муҳаммад ибни Навла ва Аҳмад ибни Муҷиб ва Тоҳир ибни Ҳафс. Ва аз он ҷо ба Пушанг омад ва Муҳаммад ибни Тоҳирро бигирифт ва аз он ҷо ба Систон бозшуд.

Ва Абдуллоҳ ибни (Муҳаммад ибни Солиҳи) Сагзӣ ва ду бародари ӯ Фазл (ва…?) ро бо Яъқуб ибни Лайс ҳарб уфтод ва Абдуллоҳ мар Яъқубро шамшере бизад ва хаста кард ва се бародар бад-ин сабаб аз Систон бирафтанд ва ба зинҳори Муҳаммад ибни Тоҳир омаданд ба Нишобур. Ва Яъқуб нома набишт ва эшонро бозхост ва Муҳаммад ибни Тоҳир бознадод. Ва Яъқуб ба талаби эшон ба Хуросон омад ва расуле ба наздики

Муҳаммад ибни Тоҳир фиристод. Чун расули Яъқуб биёмаду бор хост, ҳоҷиби Муҳаммад гуфт: «бор нест, ки амир хуфта аст». Расул гуфт: «касе омад, ки-ш аз хоб бедор кунад». Ва расул бозгашт ва Яъқуб қасди Нишобур кард ва Абдуллоҳи Сагзӣ бо бародарон ба Гургон шуданд ва чун Яъқуб ба Фарҳодон расид, ба семанзилии Нишобур, сарҳангон ва аммзодагони Муҳаммад ҳама пеши Яъқуб омаданд ва хидмат карданд, ҷуз Иброҳим ибни Аҳмад. Ва Яъқуб бо эшон ба Нишобур омад ва Муҳаммад ибни Тоҳир мар Иброҳим ибни Солиҳ ал-Марвазиро ба рисолат наздики Яъқуб фиристод, гуфт: «Агар ба фармони амиралмуъминин омадӣ, аҳду маншур арза кун, то вилоят ба ту супорам, ва агар не, бозгард».

Чун расул ба наздики Яъқуб расид ва пайғом бигзорд, Яъқуб шамшер аз зери мусалло берун овард ва гуфт: «Аҳд ва ливои ман ин аст». Ва Яъқуб ба Нишобур омад ва ба Шодях фуруд омад ва Муҳаммадро бигирифт ва пеши хеш оварду бисёр накӯҳид. Ва хазинаҳои ӯ ҳама бигирифт ва ин гирифтани Муҳаммад дувуми шаввол буд санаи тисъ ва хамсин ва моъатин (259 ҳ.).

Ва Яъқуб мар Иброҳим ибни Аҳмадро бихонд ва гуфт, ки «ҳамаи ҳашам пеши ман бозомаданд, ту чаро наёмадӣ?» Иброҳим гуфт: «Айду-л-Лоҳ ал-амир, маро бо ту маърифате набуд, ки пеши ту омадаме ё нома набиштаме ва аз амир Муҳаммад гиламанд набудам, ки аз вай иъроз кардаме ва хиёнат кардан бо худованди хеш раво надоштам, ки мукофоти ӯ ва они падари ӯ ғадр кардан набуд». Яъқубро хуш омад ва ӯро гиромӣ кард ва наздик сохт ва гуфт: «Кеҳтар чун ту бояд дошт» ва он касҳо, ки ба истиқболи ӯ шуда буданд, ҳамаро мусодара кард ва неъматҳоишон бистад.

Ва сӯйи Ҳасан ибни Зайд ба Гургон нома набишт ва Абдуллоҳи Сагзиро бо бародарон аз вай бихост. Ҳасан ибни Зайд ҷавобе набишт ва эшонро нафиристод. Яъқуб қасди Гургон кард ва Ҳасан ибни Зайд аз пеши ӯ ҳазимат шуду ба Омул рафт ва аз он ҷо ба роҳи Рӯён аз ақабаи Кандсон берун шуд ва чун Яъқуб ба лашкаргоҳи Ҳасан расид, холӣ ёфт. Лашкарро бифармуд, то ҳар чи битавонистанд бардоштан, бардоштанд ва боқиро оташ заданд ва ҳама бисӯхт. Ва ин андар санаи ситтин ва моъатин буд (260 ҳ.) .

Ва Абдуллоҳу бародаронаш сӯйи Рай рафтанд ба наздики Силобӣ[182]. Ва Яъқуб ба Силобӣ нома набишт, то эшонро бифиристад ва агар не, бо ӯ ҳамон муъомила кунад, ки бо

[182] Сулолӣ.

Муҳаммад ва Ҳасан кард. Ва аҳли Рай аз он нома битарсиданд ва Силобӣ ҳар ду бародарро ба наздики Яъқуб фиристод ва Яъқуб эшонро ба Нишобур овард, ба Шодёх эшонро андар девор бидӯхт ба мехҳои оҳанин. Ва моли Тоҳириён бардошту сӯйи Систон бозгашт.

Ва Муҳаммад ибни Тоҳирро бо ҳафтод мард банд овард ва Муҳаммад андар он иътиқол бимонд, то Яъқубро Муваффақ ба Дайр ал-Оқул ҳазимат кард ва Муҳаммад ибни Тоҳир халос ёфт андар раҷаби санаи салас ва ситтин ва моъатин (263 ҳ.).

Пас Яъқуб қасди Форс кард ва Форсу Аҳвоз бигирифт ва қасди Бағдод кард ва хост, ки ба Бағдод равад ва Муътамидро аз хилофат боз кунад ва Муваффақро биншонад. Ва Муваффақ ин ҳол бо Муътамид бигуфт. Ва Яъқуб андар сирр номаҳое сӯйи Муваффақ ҳаменабиштӣ ва Муваффақ он руқъаҳо Муътамидро ҳаме арза кардӣ. То Яъқуб ба Дайр ал-Оқул расид, наздики Бағдод бар манфази оби Фурот ва лашкар он ҷо фуруд овард. Ва Муваффақ фармуд, то оби Даҷла бар вай гушоданд ва лашкари Яъқуб бештар ҳалок шуданд ва ӯ ҳазимат шуд ва бозгашт. Ва аз он нанг ӯро заҳир гирифт ва чун ба Ҷундишопур расид, аз он иллати заҳир бимурд. Ва ӯ ҳеч гоҳ аз хасмон ҳазимат нашуда буд ва макри ҳеч кас бар ӯ раво нашуда буд. Маргаш андар рӯзи шанбеи чаҳордаҳуми шаввол санаи хамс ва ситтин ва моъатин (265 ҳ.) буд.

Амр ибн ул-Лайс. Пас Муътамид ва Муваффақ Хуросон ва Систону Форс мар Амр ибн ул-Лайсро бидоданд ва Амр аз Ҷундишопур сӯйи (Порс) бозгашт ва аз он ҷо сӯйи Ҳирот берун омад. Ва Хуҷистонӣ ба Нишобур муқом кард. Ва Хайкони[183] Қорӣ ва Яҳё ибни Муҳаммад ибни Яҳё аз-Зуҳлӣ[184] ва ҳамаи мутаввиъа ва фуқаҳои Нишобур майл сӯйи Амр доштанд, ки ӯ фиристодаи амиралмуъминин буд ва аҳду ливо ӯ дошт.

Ва андар Хуҷистонӣ вақиъат карданд, ки ӯ мухолиф буд мар султонро ва чун Хуҷистонӣ хабар ёфт, Аҳмад ибни Манаҳро ба Нишобур халифат кард ва худ ба Ҳирот омад ба ҳарби Амр ибн ул-Лайс ва Ҳирот бар Амр ҳисор кард андар сафари санаи сабъ ва ситтин ва моъатин (267 ҳ.) ва ҳеч чиз натавонист кард ва аз он ҷо қасд сӯйи Систон кард. Чун ба Рамалсам расид, он ҳисорро бар Шодони Масрур ва Асрам ҳисор кард. Пас Хуҷистониро дил машғул гашт ва сӯйи Нишобур бозгашт ва қавмеро бикушт ва Амрро дил фориғ гашт.

[183] Ханкон
[184] ал-Зумлӣ

Пас Амр ибн ул-Лайс шуғли аморати Хуросонро ҳар чи некутар ва тамомтар забт кард ва сиёсате ба расм биниҳод, чунонки ҳеч кас бар он гуна нагирифта буд.

Ва чунин гӯянд, ки Амр ибн ул-Лайсро чаҳор хазина буд: яке хазинаи силоҳ ва се хазинаи мол, ки ҳамеша бо вай будӣ. Яке хазинаи моли садақот ва газидҳо ва он чи бад-он монад ва харҷи он андар ваҷҳи бистгонии сипоҳ будӣ ва дудигар хазинаи моли хос, ки аз баҳри ғалла ва зиёъ ҷамъ шудӣ ва харҷи он андар ваҷҳи нафақот ва матбах ва монанди он будӣ ва седигар хазинаи мол, ки дахли он аз иҳдос ва мусодараҳои ҳашам, ки ба душманон майл кардандӣ, ҷамъ шудӣ ва харҷи он андар ваҷҳи силатҳои ҳашам ва мунҳиён ва расулон ва он чи бад-ин монад, сарф шудӣ.

Ва Амр ибн ул-Лайс дар кори ҳашам ва лашкар сахт кӯшо буд ва ҳар се моҳ эшонро сила фармудӣ. Ва ба ғоят ҳушёр буд ва чун мусодара кардӣ, ба вақт кардӣ ва узр ниҳодӣ, то моле аз марде бистадӣ.

Гӯянд, рӯзе Муҳаммад ибни Башар пеши Амр омад ва андар хазинаи силот мол намонда буд ва ваъдаи силати ҳашам наздик расида буд ва Амрро ҳаме мол мебоист. Пас Амр рӯй сӯи Муҳаммад ибни Башар кард ва бо вай итоб кардан гирифт ва гуфт: Донӣ, ки чӣ кардӣ ба ҷойи ман, чунону чунин кардӣ» ва аз ҳар чизе ҳамегуфт. Ва Муҳаммад мақсуди Амр бидонист, гуфт: «айду-л-Лоҳ ал-амир, ҳар чи маро мол аст, агар аз сабалу барда ва агар аз моли сомит, зиёдат аз панҷоҳ бадра дирам, ин ҷумла мол аз ман бистон бевосита ва маро аз ин итобу таҳдид афв кун». Амр гуфт: «Ҳаргиз марде аз ин ҳушёртар надидам». Пас Муҳаммад ибни Башар он мол ба хазина супурд ва аз бисёр ранҷҳо ва зиёнҳо ва миннатҳои дӯстон эман гашт.

Ва расми Амр чунон будӣ, ки чун сари сол бигзаштӣ, ӯро ду табл буд, якеро муборак гуфтандӣ ва дигареро маймун, фармудӣ, то ҳар ду бизадандӣ, то ҳамаи ҳашам хабар ёфтандӣ, ки рӯзи силат аст. Пас Саҳл ибни Ҳамдони ориз биншастӣ ва бадраи дирам пеши худ фурӯ рехтӣ ва шогирди ориз дафтар пеш гирифтӣ ва нахустин номи Амр ибн ул-Лайс баромадӣ. Пас Амр ибн ул-Лайс аз миёни ҳашам берун омадӣ ва ориз ӯро бингаристӣ ва ҳилат ва аспу силоҳи ӯро ҳама сара кардӣ ва ҳамаи олати ӯро неку нигоҳ кардӣ ва биситудиву писандидӣ. Пас сесад дирам бисахтӣ ва андар киса кардиву бад-ӯ бидодӣ. Амр бистадӣ ва андар соқи мӯза ниҳодӣ ва гуфтӣ: «Алҳамдулиллаҳ, ки Эзад, таъоло, маро тоъати амирулмуъминин арзонӣ дошт ва мустаҳаққи аёдии ӯ гардонид» ва бозгаштӣ.

Пас бар ҷойи баланд шудӣ ва биншастӣ ва сӯйи ориз нигоҳ ҳамекард, то ҳамаи лашкарро ҳар якеро тафаҳҳус ҳамчунин кардӣ ва аспу зин ва афзору олати сувору пиёда ҳама неку нигаристӣ ва силати ҳар як бидодӣ ба андозаи он кас.

Ва ҳамеша мунҳиён доштӣ бар ҳар солореву сарҳанге ва меҳтаре, то аз аҳволи ҳама воқиф будӣ. Ва Амр бас ҳушёру гурбуз ва равшанрой будӣ.

Ва сабаби баргаштани давлаташ он буд, ки чун Амр сари Рофиъ сӯи Муътазид фиристод андар санаи арбаъ ва самонин (ва моъатин – 284 ҳ.), дархост аз халифа, то аҳди Моваруннаҳр бад-ӯ фиристад, ки он ба расми Тоҳир ибни Абдуллоҳ буд. Пас Муътазид мар Ҷаъфар ибни Буғлоғузи [185] ҳоҷибро сӯйи Амр фиристод. Ва нусхати ҳадяҳои Ҷаъфар ба наздики Амр овард. Чун Амр ибн ул-Лайс он нусхат бихонд, аз он ҳама ҳадяҳо тавлияти Моваруннаҳр хуш омадаш. Пас Ҷаъфар аз сӯйи писари халифат Муктафӣ Алӣ ибни ал-Муътазид ва Убайдуллоҳ ибни Сулаймон ва Бадру-л-кабир ба хилофат набишт ва эшон ба Рай буданд. Дарвақт аҳди Моваруннаҳр набиштанд ва сӯйи вай фиристоданд ба суҳбати Наср ал-Мухторӣ, ки ғуломи Абусоҷ буд.

Ва Ҷаъфар бо аҳд ва ҳадяҳояш пеши Амр шуд ва андар он ҷо ҳафт даст хилъат буд ва баданае буд мансуҷ ба дурр ва мурассаъ ба ҷавоҳиру мурворид ва тоҷе буд мурассаъ ба ёқут ва ёздаҳ асп буд, аз он ҷумла даҳ асп ба зину ситоми зарин ва якеро зину лигому ситом зарин ва мурассаъ ба ёқуту мурворид ва аспнамад ва ҳамчунин ҷиноғи он ҳама мурассаъ ба ҷавоҳир ва чаҳор дасту пойи ӯ наъли зарин баста ва сандуққои бисёр.

Пас ин ҳама ҳадяҳо пеши Амр бигзаронид ва сандуққо андар саройи Амр биниҳоданд ва Ҷаъфар он хилъатҳо ягон-ягон андар Амр ҳамепӯшид ва ҳар дасте, ки бипӯшидӣ ду ракъат намоз кардӣ ва шукри он бигзордӣ.

Пас аҳди Моваруннаҳр пеши ӯ бинҳод, Амр гуфт: «Инро чӣ хоҳам кард, ки ин вилоят аз дасти Исмоил берун натавон кард, магар ба сад ҳазор шамшери кашида». Ҷаъфар гуфт: «Ин ту хостӣ, акнун ту беҳтар донӣ». Амр он аҳд бигирифт ва бӯса бидоду бар сар ниҳод ва пеши хеш бинҳод ва Ҷаъфар берун шуд.

Пас Амр ибн ул-Лайс Муҳаммад ибни Башар ва Алӣ ибни Шарвин ва Аҳмади дарозро ба роҳи Омул бар муқаддима пеши Исмоил ибни Аҳмад фиристод. Ва Исмоил ибни Аҳмад ба роҳи Зам аз рӯд бигзашту пеши эшон омад ва ҳарб кард. Аҳмади

[185] Фаълофар

дароз ба зинҳори Исмоил ибни Аҳмад рафт ва Муҳаммад ибни Башар ҳазимат шуд ва лашкар ба талаби ӯ рафтанд ва ӯ андар он ҳазимат кушта шуд бо ҳафт ҳазор мард. Ва Алӣ ибни Шарвинро асир гирифтанд ва ин рӯзи душанбе буд, ҳаждаҳуми шавволи санаи ситт ва самонин ва моъатин (286 ҳ).

Ва чун Алӣ ибни Шарвинро асир гирифтанд, Аҳмади дароз шафоъат кард, то ӯро накуштанд ва ба Бухоро ба зиндон боздоштанд то марг. Ва Исмоил ибни Аҳмад ба Бухоро рафт ва лашкари Систон сӯйи Амр бозомаданд ба ҳазимат ва ба Нишобур омаданд.

Чун Амр эшонро бидид заҷар гашт ва бисёр тангдилӣ кард. Гуфтанд: «Ай амир, аз ин некутар моидаи бузург пухтаанд ва мо ҳанӯз як коса хӯрдаем, ҳар ки мард аст, гӯ бишаву боқӣ бихӯр». Амр хомуш гашт.

Пас Амр ибн ал-Лайс лашкар бисохт ва силоҳ бидод ва бо олати бисёр ва уҳуббате тамом рӯй ба Мовароуннаҳр ниҳод аз Нишобур. Чун ба Балх расид, бо Исмоил ибни Аҳмад баробар шуд ва ҳарб карданд ва бас рӯзгоре нашуд, ки Амр ибн ал-Лайсро бишикастанд ва лашкари Амр ҳазимат шуд ва андар он Амр ибн ал-Лайс дастгир шуд ва ӯро асир карданду пеши Исмоил ибни Аҳмад оварданд. Ва ин ҳазимати Амр рӯзи сешанбе буд, нимаи рабиъу-л-аввали санаи сабъ ва самонин ва моъатин (287 ҳ).

Дарвақт Исмоил ӯро ба Самарқанд фиристод. Ва чун хабар ба Муътазид расид, сахт шодмона гашт ва Абдуллоҳ ибн ал-Фатҳро ба Хуросон фиристод. Ва аҳди Хуросон ва тоҷу хилъатҳои бисёр андар санаи самону самонин ва моъатин (288 ҳ.) сӯйи Исмоил ибни Аҳмад ба Самарқанд фиристод. Ва Ашносро бифиристод, то Амрро бо ӯ бифиристад. Ва чун Амрро ба Бағдод бурданд ва пеши Муътазид омад, Муътазид гуфт: «Алҳамдуллилоҳ, ки шарри ту кифоят шуд ва дилҳо аз шуғли ту фориғ гашт». Ва бифармуд, то ӯро ба зиндон боздоштанд ва то марг андар зиндон буд. Ва марги ӯ андар санаи тисъ ва самонин ва моъатин буд (289 ҳ).

(БОБИ ДУВОЗДАҲУМ
АНДАР) ВИЛОЯТ ВА НАСАБИ СОМОНИЁН

Ва сабаби вилояти Сомониён он буд, ки Сомонхудо ибни Ҳомитон, ки ин ҳамаро бад-ӯ бозхонанд муғ буд, дини зардуштӣ дошт. Ва насаби ӯ Сомонхудот ибни Ҳомитон ибни Нӯш ибни Тамғосп ибни Шодил ибни Баҳроми Чӯбин ибни Баҳроми Ҳасис ибни Кӯзак ибни Асфиён ибни Кардор ибни Диркор ибни Ҷам ибни Ҷир ибни Бастор ибни Ҳадод ибни Ранҷиҳон ибни Фир ибни Фаровул ибни Сим ибни Баҳром ибни Шосаб ибни Кӯзак ибни Ҷардод ибни Сафрасб ибни Гургин ибни Мелод ибни Мирис ибни Марзвон ибни Меҳрон ибни Фозон ибни Кишрод ибни Содсод ибни Башдод ибни Ихшин ибни Фардин ибни Вимом ибни Арсотин ибни Дусар Манучеҳр ибни Кузак ибни Эраҷ ибни Афридун ибни Асфиёнбайк ибни Байк ибни Сурков ибни Ахшинков ибни Расадков ибни Дирков ибни Риманков ибни Бефаруш ибни Ҷамшед ибни Девнакҳон ибни Аскаҳад ибни Ҳушанг ибни Фаровак ибни Муншӣ ибни Каюмарс подшоҳи нахустин, ки бар замин буд.

Ва андар он вақт, ки Муҳаммад ал-Амин ба Бағдод халифа буд ва Маъмун ба Марв буд ва Хуросон ба расми ӯ буд, ин Сомонхудот ба наздики Маъмун омад ва бар дасти ӯ мусалмон шуд. Ва ӯро писаре буд номи ӯ Асад ва Маъмун мар ин Асадро сахт неку доштӣ. Ва ӯро чаҳор писар буд: Нуҳу Аҳмад ва Яҳёву Илёс ва Маъмун эшонро неку доштӣ ва бад-ӯ наздик буданд, аз он чи мардумони асил буданд.

Ва чун Маъмун ба Бағдод рафт ва ба хилофат биншаст ва Хуросон мар Ғассон ибни Аббодро бидод, Маъмун ӯро андар маънии эшон васият кард. Пас Ғассон Самарқанд мар Нуҳ ибни Асадро бидод ва Фарғона Аҳмад ибни Асад ва Чочу Ушрусна Яҳё ибни Асадро ва Ҳирот Илёс ибни Асадро.

Чун Тоҳир ибн ал-Ҳусайн ба сарфи Ғассон ба Хуросон омад, эшонро ҳам бар он амалҳо нигоҳ дошт. Ва аз ин ҳама писарон Аҳмад коромадатар буд ва чун ӯ бимурд ӯро ду писар монд: Наср ва Исмоил. Ва ба рӯзгори Тоҳириён Самарқанд ва Бухоро эшон доштанд; Самарқанд Наср дошт ва Бухоро Исмоил ва миёни эшон кор нек ҳамерафт. То бадгӯён миёни эшон таҳриз карданд ва ваҳшат афганданд ва онро мадад ҳамекарданд, то он ваҳшат моддат ёфт ва мустаҳкам гашт, то кори эшон ба ҳарб расид ва лашкарҳо бикашиданду ба ҳарби якдигар рафтанд. Андар санаи хамс ва сабъин ва моъатин (275 ҳ.) ҳарб карданд ва Исмоил бар Наср зафар ёфт. Ва Насрро дастгир карданду пеши

Исмоил оварданд. Чун Исмоилро чашм бар вай уфтод, пиёда шуд ва пеши ӯ омад ва бар дасти ӯ бӯса бидод ва аз вай узр хост ва ӯро бар сабили хубӣ, бо ҳамаи ҳашам ва ҳошият ба Самарқанд бозфиристод. Ва аз паси он Исмоил мар Насрро бар ҳамаи Мовароуннаҳр халифат кард ва кор неку ҳамерафт.

Ва чун Амр ибн ал-Лайс Мовароуннаҳр аз Муътазид бихост ва иҷобат ёфт, қасди Исмоил кард. Ва Исмоил лашкар бикашид ва пеши Амр омад ва онро кифоят кард ва Амрро ба Бағдод фиристод. Ва ин қисса гуфта шуд.

Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон. Ва чун вилояти Хуросон мар Исмоилро гашт ва аҳду ливои Муътазид бирасид, Исмоил ибни Аҳмад мар Муҳаммад ибни Ҳорунро бифиристод, то Гургон ва Табаристон бигирифт. Ва Муҳаммад ибни Зайд ибни Муҳаммадро бигирифт ва сӯйи Исмоил фиристод. Ва Исмоил Гургон ва Табаристон мар Муҳаммад ибни Ҳорунро бидод.

Ва чун якчанде баромад, Муҳаммад ибни Ҳорун осӣ шуд ва Исмоил қасди ӯ кард ва ба Рай шуд. Ва Укартмиш кушта шуд ва Муҳаммад ибни Ҳорун бо ду писар дастгир шуданд. Ва ин фатҳ ҳафдаҳуми рақаб буд санаи тисъ ва самонин ва моъатин (289 ҳ.).

Ва Исмоил бозгашту ба Нишобур омад ва мар Аҳмад ибни Саҳлро бад-он диёр бигузошт. Ва андар ин вақт Муътазид бимурд ва Муктафӣ ба хилофат биншаст ва аҳди Хуросон ба Исмоил фиристод ва аз паси ӯ писари ӯ Аҳмадро. Ва аҳду ливои Хуросон ба суҳбати Муҳаммад ибни Абдуссамад фиристод, бо аҳди вилояти Рай ва Қазвину Зингон, ки бо вилояти Хуросон зам карда буд. Ва чун Муҳаммад ибни Абдуссамад ба Нишобур расид, ӯро каромат кард, сесад ҳазор дирам силат бидод ва бо ҳадяҳои бисёр ӯро бозгардонид.

Пас вилояти Рай Исмоил мар Абусолиҳ ибни Исҳоқро бидод, Аҳмад ибни Саҳлро сарҳангӣ бидод ва ҳараши хеш ба расми ӯ кард ва фармуд, то тимори ҳамаи ҳашам ӯ бикашад, чунонки дарди саре ба Мансур наёяд. Ва Исмоил Гургон писари хеш Аҳмадро бидод ва Табаристон Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммадро ва писарро фармуд, то бо Абдуллоҳ мувофиқат кунад ба ҳамаи корҳо ва ба ҳеч чизе ӯро хилоф накунад.

Пас аз он мар писари хешро маъзул кард аз Гургон бад-он сабаб, ки бо Ҷастон корзор накард. Аммо Ҷастонро писари Нуҳ ҳазимат кард ва мар Аҳмад писари Порс, бузургҳоҷиби хешро бидод . Ва Исмоил ибни Аҳмад бимурд шаби чаҳоршанбе, чаҳордаҳуми сафари санаи хамс ва тисъин ва моъатин (295 ҳ.) ва ӯро «Мозӣ» лақаб карданд.

Аш-шаҳид Абунаср Аҳмад ибни Исмоил. Ва чун Исмоил пеш аз он ки бимурд мар писари хеш Аҳмадро валиаҳд кард бар Хуросон ва Муктафӣ аҳди Хуросон ба Аҳмад фиристод ба суҳбати Тоҳир ибни Алӣ ва ливои ӯ ба дасти хеш баст. Ва чун ба Бухоро расид, Аҳмад ибни Исмоил ӯро неку фуруд овард ва бо ӯ некуӣ кард ва моли бисёр бахшид ӯро.

Андар зу-л-қаъдаи санаи хамс ва тисъин ва моъатин (295 ҳ.) Муктафӣ бимурд ва Муқтадир ба хилофат бинишаст ва вилояти Хуросон ҳам Аҳмад ибни Исмоил нигоҳ дошт.

Ва чун кори Бухоро рост кард, хост ки сӯйи Рай шавад ва он вилоятро низ забт кунад ва ишғоли онро низом диҳад. Иброҳим ибни Зайдавия ӯро ишорат кард, ки «Наҳуст ба Самарқанд шав ва мар амми хеш Исҳоқ ибни Аҳмадро бигир, то шағили Хуросон бар ту нашӯрад, ки ӯ андар сар фузул дорад». Аҳмад ибни Исмоил ба Самарқанд шуд ва Исҳоқро банд кард ва ба Бухоро фиристод. Ва худ ба Рай шуд андар санаи ситт ва тисъин ва моъатин (296 ҳ.) ва аҳди Муқтадир он ҷо бад-ӯ расид. Пас Аҳмад мар Абуҷаъфари Суълукро ба Рай халифат кард ва худ бозгашт.

Андар санаи сабъ ва тисъин ва моъатин (297 ҳ.) ба Ҳирот омад ва аз он ҷо мар Ҳусайн ибни Алӣ ал-Марвазиро сӯйи Систон фиристод ва Аҳмад ибни Саҳл ва Муҳаммад ибн ал-Музаффар ва Иброҳим ва Яҳё ибни Зайдавия ва Аҳмад ибни Абдуллоҳро бо вай бифиристод. Эшон Муъаддал ибн ал-Лайсро андар ҳисор карданд ва Муъаддал мар Абуалӣ ибни Алӣ ибн ал-Лайсро бифиристод, то ба Буст ва Рухуд шавад ва мол ҷамъ кунад ва сӯйи Муъаддал фиристад. Пас Абуалӣ лашкаре ҷамъ кард ва хоста бардошту рӯй ба Систон овард. Аҳмад ибни Исмоил хабар ёфт ва аз Ҳирот тохтан овард ва он лашкарро ҳазимат кард ва Абуалиро бигирифт ва хостааш ҳама бистад. Ва Абуалиро сӯйи Бағдод фиристод. Ва Ҳусайн ибни Алӣ ба Систон бо Муъаддал ҳаме ҳарб кард. Чун Муъаддал хабар ёфт, ки бародараш Абуалиро бигирифтанд, сулҳ кард ва Систон ба Мансур ибни Исҳоқ бидод ва худ бо Ҳусайн ибни Алӣ сӯйи Бухоро рафт.

Ва марде буд аз ҷумлаи ҳашами Аҳмад ибни Исмоил номи ӯ Муҳаммад ибни Ҳурмуз маъруф ба Мавло Сандалӣ ва мазҳаби хаворич дошт ва марде пир буду муҷарраб. Рӯзе арзгоҳ омад, аз ҷиҳати вазифаи хеш ва бо Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ал-Ориз илҳоҳ кард. Ориз ӯро гуфт: «Туро он савобтар, ки ба работе биншинӣ, ки пир шудаӣ ва аз ту коре наёяд». Муҳаммад ибни Ҳурмузро хашм омад ва аз амир дастурӣ хост ва ба Систон

рафт ва андар истод ва ҳамаи мардум ва аҳли ғавғои Систонро аз роҳ бибурд ва бар Мансур ибни Исҳоқ берун овард. Ва мар Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибн ал-Лайсро байъат кард андар сирр. Ва пешрави эшон Муҳаммад ибн ал-Аббос буд, маъруф ба писари Ҳаффор ва Мансур ибни Исҳоқро бигирифтанду бибастанд ва ба зиндон карданд. Ва хутба бар Амр ибн Яъқуб карданд. Чун Аҳмад ибни Исмоил хабар ёфт, Ҳусайн ибни Алиро бори дигар ба Систон фиристод. Ва ҳарб пайвастанд ва нуҳ моҳ ҳаме ҳарб кард. Пас ин пир, ки ӯро мавло Сандалӣ гуфтандӣ, ба гӯшаи ҳисор омад ва гуфт: «Бигӯйед Абулҳасани Оризро, ки фармони ту кардам ва работе гирифтам, дигар чӣ фармойӣ?»

Пас Амр ибни Яъқуб ва писари Ҳаффор аз Ҳусайн зинҳор хостанд. Эшонро зинҳор бидод. Ва Мансур ибни Исҳоқро итлоқ карданд. Ва Ҳусайн писари Ҳаффорро наздик кард ва неку ҳамедоштӣ. Пас рӯзе пеши ӯ омаданд. Амр ибни Яъқуб ва писари Ҳаффорро бигирифт ва банд барниҳод. Ва Ҳусайн чунон донист, ки Аҳмад Систон ӯро диҳад. Пас Аҳмад мар Симҷури давотдорро бидод ва Ҳусайнро бифармуд, то бозгардад бо он зинҳориён. Пас Ҳусайн мар Амр ибни Яъқубро ва писари Ҳаффорро андар Бухоро овард, андар санаи саласмоъа (300 ҳ.)

Чунин гӯянд, ки Аҳмад ибни Исмоил сахт мулаъ буд бар сайд кардан. Ҳангоме сӯйи Фирабр ба сайд рафта буд. Чун сӯйи Бухоро рафт, фармуд, то лашкаргоҳро бисӯхтанд. Чун андар роҳ бирасид, номаи Абулаббоси Суълук расид, ки волии Табаристон буд, ки Ҳасан ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Умар ибни Алӣ ибн ал-Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳум, ки ӯро Ҳасани Утруш гуфтандӣ, берун омада аст. Чун нома бихонд, мутаҳайир гашт ва сахт тангдил шуд. Пас сар сӯйи осмон карду гуфт: «Ё раб, агар андар собиқ қазои ту ва тақдири осмонӣ чунон рафта аст, ки ин подшоҳӣ аз ман бишавад, ту маро ҷон бистон». Ва аз он ҷо сӯйи лашкаргоҳ омад, оташ зада буданд, он ба фоли нек буд.

Ва шере буд, ки ҳар шаб ба дари Аҳмад ибни Исмоил будӣ, то ҳеч кас гирд наёрист гаштан. Он шаб он шерро наёварданд ва дигар касон аз асҳоб бар дар низ нахуфтанд. Пас андар шаб чанде аз ғуломони ӯ андар омаданд ва гулӯи ӯ бибуриданд ва ин ҳол рӯзи панҷшанбе буд бисту якуми ҷумоди-л-охири санаи аҳадӣ ва саласмоъа (301 ҳ.).

Ӯро аз он ҷо ба Бухоро бурданду дафн карданд. Ва қавмеро аз паси ин ғуломон фиристоданд, баъзе аз эшон бигирифтанду бикуштанд. Ва Абулҳасан Наср ибни Исҳоқ ал-котибро туҳмат

карданд, ки бо ғуломон мутобиқ буд ба куштани амири шаҳид. Ӯро бигирифтанд ва бар дор карданд. Ва мар Аҳмад ибни Исмоилро «амири шаҳид» лақаб карданд.

Ас-саъид Наср ибни Аҳмад. Пас Наср ибни Аҳмад ас-саъид ба вилояти Хуросон ба хилофат биншаст бисту якуми ҷумоди-л-ахираи санаи аҳадӣ ва саласмоъа (301 ҳ.) ва ӯ ҳаштсола буд ва сӣ солу се моҳ амири Хуросон буд.

Чун амири шаҳидро бикуштанд, ба Бухоро машоих ва ҳашам гирд омаданд ва иттифоқ бар писари ӯ карданд, Наср ибни Аҳмад. Пас ӯро Саъди ходим бар гардани хеш нишонд ва берун омад то бар вай байъат карданд. Ва соҳибтадбираш Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Ҷайҳонӣ буд. Корҳо бар ваҷҳи неку пеш гирифт ва ҳамеронд.

Ва Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ марде доно буд ва сахт ҳушёр ва ҷилду фозил ва андар ҳамаи чизҳо басорат дошт. Ва ӯро таълифҳо бисёр аст андар ҳар фанне ва илме. Ва чун ӯ ба вазорат биншаст ба ҳамаи мамолики ҷаҳон нома набишт ва расмҳои ҳамаи даргоҳҳо ва девонҳо бихост, то нусхат карданд ва ба наздики ӯ оварданд, чун вилояти Рум ва Туркистон ва Ҳиндустону Чин ва Ироқу Шому Миср ва Занҷ ва Зобулу Кобул ва Синду Араб. Ҳамаи расмҳои ҷаҳон ба наздики ӯ оварданд ва он ҳама нусхатҳо пеш ниҳод ва андар он нек тааммул кард ва ҳар расме, ки некутар ва писандида буд, аз он ҷо бардошт ва он чи носитудатар буд, бигзошт ва он расмҳои некуро бигирифт ва фармуд, то ҳама аҳли даргоҳ ва девони ҳазрати Бухоро он расмҳоро истеъмол карданд. Ва ба ройу тадбири Ҷайҳонӣ ҳама кори мамлакат низом гирифт.

Ва чанд тан аз хориҷиён берун омаданд ва пеши ҳар як лашкар фиристод, ҳама мансуру музаффар бозомаданд ва дар ҳеч коре қасд накард, илло мақсуди ӯ ҳосил шуд. Ва чун Наср ибни Аҳмад ба амирӣ биншаст, аввал кас амми падари ӯ Исҳоқ ибни Аҳмад ба Самарқанд осӣ шуд ва писари ӯ Илёс ибни Исҳоқ пеши шуғли лашкар биистод ва лашкар ба Бухоро кашиданд. Пас Наср мар Ҳамавия ибни Алиро пеши ӯ фиристод ва ба Хартанг ба якдигар расиданд ва ҳарб карданд андар моҳи рамазони санаи аҳадӣ ва саласмоъа (301 ҳ.). Пас рӯзгоре нашуд, ки Исҳоқро ҳазимат карданд ва сӯйи Самарқанд бозгашт. Ва Ҳамавия ибни Алӣ бар ақиби Исҳоқ бирафт ва кор бар вай танг бигирифт, чунонки бар ӯ айш мунағғаз гашт ва чун сахт музтар гашт, нома набишту амон хост. Ӯро амон бидоданд, то ба Бухоро омад. Ӯро неку ҳамедоштанд ва он ҷо бимонд то марг.

Ва Ҳусайн ибни Алӣ чун Систон бигирифта буд, тамаъ дошт, ки Систон ӯро бидиҳанд, надоданд ва аз он муставҳиш гашт ва мунтазир ҳамебуд фасоди давлати Аҳмадро ва чун Аҳмад бимурд, ӯ ба Ҳирот осӣ шуд ва чанд вақт андар он исён буд.

Пас рӯзе лашкар арз кард ва қасди Нишобур кард ва аз Бухоро Аҳмад ибни Саҳлро ба ҳарби ӯ фиристоданд. Аҳмад ба Ҳирот омаду онро бигушод ва Мансур ибни Алӣ бародари Ҳусайн амон хост ва пеши Аҳмад ибни Саҳл омаданд. Пас Аҳмад сӯйи Нишобур омад андар моҳи рабиъу-л-аввали санаи ситт ва саласмоъа (306 ҳ.) ва бо Ҳусайн ҳарб кард ва Ҳусайнро асир кард ва ба Нишобур муқом кард. Ва Муҳаммад ибни Аҷҳад соҳиби шурати Бухоро буд ва ба Марв буд. Ӯ ба наздики Аҳмад ибни Саҳл омад бо Муҳаммад ибн ал-Муҳаллаб ибни Зироҳ ал-Марвазӣ ва аз он ҷо бозгашт ва ба Бухоро рафтанд.

Ва ин Аҳмад ибни Саҳл аз асилони Аҷам буд ва набераи Яздиҷурд ибни Шаҳриёр буд ва аз ҷумлаи деҳқони Ҷиранҷ буд, ки аз деҳҳои бузурги Марв аст. Ва ҷадди Аҳмад Комгор ном буд ва ба Марв гуле аст, ки бар ӯ бозхонанд, «гули комгорӣ» гӯянд, ба ғоят сурх бошад.

Ва ин Комгориён хидмати Тоҳириён карданд ва бародарон ҳама дабирон ва мунаҷҷимон буданд, Фазл ва Ҳусайну Муҳаммад, писарони Саҳл ибни Ҳошиманд, ки илми нуҷум неку донист. Рӯзе ӯро пурсиданд, ки «Толиъи писарони худ чун нангарӣ, то оқибати эшон чӣ гуна хоҳад буд?» Гуфт: «Чӣ нигарам, ки ба як рӯз кушта хоҳанд шуд андар таъассуби араб». Ва ҳамчунин буд.

Ва Аҳмад чун бузург шуд, хуни бародарон талаб кард, ҳазор мард бо ӯ гирд омаданд. Пас Амр ибн ал-Лайс ба талаби ӯ касон фиристод ва ӯ битарсид ва бо касе ки бар асари ӯ шудӣ, ҳарб ҳамекард ва даст надодӣ. Пас Амр ибн ал-Лайс ӯро амон бидод, ба наздики хеш хонд. Ва чун Аҳмад пеши Амр омад, ӯро бигирифту ба зиндон кард ба Систон. Ва хоҳари Аҳмад, номи ӯ Ҳафса ӯро таъаҳҳуд ҳамекард. Амр мар Аҳмади Саҳлро бифармудӣ, то хоҳари хешро ба ғуломи ӯ диҳад, номи ӯ Субкарӣ ва Аҳмадро сӯйи Марв бифиристад. Аҳмад иҷобат накард ва битарсид, ки Амр бар ӯ интиқом кунад.

Пас ҳилат кард ва хоҳари хешро фармуд, то пайваста ба хидмати духтари Амр ҳамешуд. Пас хоҳари Аҳмад ба духтари Амр шафоъат кард, то Аҳмадро ба гармоба шудан дастурӣ бошад, ки мӯйи ӯ дароз шуда бошад. Чун дастурӣ ёфт, ба гармоба шуд ва оҳак кард бар сару рӯйи хеш ва чун ғуломе берун омад бо ҷаъду турра ва ҷомаи бегона пӯшид ва бирафт, ки аз он

муваккилон ҳеч кас ӯро нашинохт. Ва андар шаҳри Систон мутанаккир шуд.

Пас Абуҷаъфар Суълук ӯро аз Амр бихост. Амр бибахшид, то ошкоро шуд ва шарт кард бо вай, ки кулоҳ наниҳад ва мӯза напӯшад ва Аҳмад бар ин ҷумла замон кард.

Пас Аҳмад андар сирр ҷаммозаҳо бисохт ва аз Систон берун омад ва ба Марв бишуд. Қавме ҷамъ кард ва Абуҷаъфари Ғуриро, ки халифати Амр буд, бигирифту бибаст ва аз Исмоил ибни Аҳмад амон хост ва ба Бухоро бирафт.

Исмоил ӯро каромат кард ва бар дасти Аҳмад корҳои бузург рафт ва фатҳҳои нек баромад. Ва Аҳмад ибни Саҳл марде бо рой буду гурбуз ва оҳиставу зирак. Чун ба наздики Исмоил ибни Аҳмад ӯро қабул уфтод, он ҷо қарор кард ва мардиҳо кард, то ҳар рӯз азизтар гашт ва ба рӯзгори амири шаҳид бар он ҷо ҳамебуд ва ба рӯзгори амири саъид Нишобур ӯро буд.

Пас исён падид кард ба Нишобур ва номи Саъид аз хутба бияфганд. Ва Қаротегин, ки амири Гургон буд, қасди ӯ кард. Аҳмад аз Нишобур бирафт ва ба Марв шуд ва ҳисори хасинро бино кард ва онро ҳисор гирифт.

Ва чун хабар ба Бухоро расид, мар Ҳамавия ибни Алиро ба ҳарби ӯ фиристод ва чун ба Марв дар шуданд, Ҳамавия мар сарҳангони дашкари хешро бифармуд, то бо Аҳмад ибни Саҳл мукотиба карданд ва бад-ӯ майл намуданд. Ва чун номаҳо ба Аҳмад расид, бад-он мағрур гашт ва ҳазм нагирифт ва аз Марв қасди Ҳамавия кард ва ба Хузон ба якдигар расиданд ва бар кинори рӯд андарвақт лашкари Аҳмадро ҳазимат карданд ва Аҳмад танҳо бимонд. Ва ҳарб ҳамекарданд, то сутураш тоқат дошт ва чун аспаш биюфтод, ӯ пиёда шуд, ба сипоҳ ҳарб кард. Охир бигирифтандашу банд карданд ва ба Бухоро фиристоданд. Ва амири саъид фармуд, то ба зиндон кардандаш ва андар он зиндон бимурд, андар зу-л-ҳиҷчаи санаи сабъ ва саласамоъа (307 ҳ.).

Ва андар санаи сабъ ашр ва саласмоъа (317 ҳ.) амири саъид аз Бухоро сӯйи Нишобур рафт ва бародарони хеш Иброҳиму Яҳё ва Мансурро ба қуҳандизи Бухоро боздошт ва фармуд, то ичроъи эшонро дар он ҳамедоданд. Ва таббохе буд, номи ӯ Абубакр ибни Амӣ ал-хаббоз, ки ичроъи ишон бидодӣ ва аблаҳгуна буд ва ҳамеша гуфтӣ, ки «Амири саъидро аз ман ранҷ бояд дид». Ва мардумон аз ҳамоқати ӯ бихандидӣ. Ин Абубакр миёни бародарони саъид ва миёни фузулиёни Бухоро ва лашкар восита буд.

Пас рӯзе мувозиъат ниҳоданду биёмаданд, дарбони қуҳандизро фуруд гирифтанд ва писарони Аҳмадро ва ҳар чи маҳбус буд андар қуҳандиз, ҳамаро берун оварданд ва Бухоро бигирифтанд. Ва Яҳё мар ин Абубакри таббохро сарҳангӣ бидод ва ба хештан наздик кард.

Ва чун хабар ба амири саъид расид, аз Нишобур бозгашт ва қасди Бухоро кард. Яҳё мар Абубакри таббохро бо хайли ӯ ба лаби Ҷайҳун фиристод, то роҳ нигоҳ дорад ва нагузорад, ки гузора шавад. Ва писари Ҳусайн ибни Алӣ ал-Марвазиро бо ӯ фиристод ва чун ба лаби Ҷайҳун расиданд, Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ ал-Балъамӣ ба писари Ҳусайн руъқа набишт. Писари Ҳусайн мар Абубакри таббохро бигирифту бибаст ва амири саъид аз рӯд гузора кард ва ба Бухоро омад ва бифармуд, то Абубакрро зери тозиёна бикуштанд ва пас ӯро ба танӯри тофта ниҳоданд ва як шаб андар танӯр бидоштанд ва дигар рӯз баркашиданд, ҳеч андоми ӯ насӯхта буд, ҳамаи мардумон аз он аҷаб доштанд.

Ва бародарони амири саъид мутафарриқ уфтоданд. Ва Яҳё ба Самарқанд шуд ва аз он ҷо ба Балх шуд ва аз он ҷо ба Нишобур рафт ва аз он ҷо ба Бағдод шуд ва ҳам он ҷо бимурд ва тобути ӯ ба Испиҷоб оварданд.

Ва андар санаи ишрин ва саласмоъа (320 ҳ.) ал-Қоҳир Биллоҳ ба хилофат биншаст. Ва амири саъид сӯйи Нишобур омад ва кори Гургонро низом бидод ва чун аз шуғли Гургон фориғ шуд, сипаҳсолории Хуросон ба Абубакр Муҳаммад ибн ал-Музаффар бидод. …ва чун ба Бухоро бозгашт, пас Ар-Розӣ Биллоҳ ба хилофат биншаст ва аҳди Хуросон сӯйи Наср ибни Аҳмад фиристод ба суҳбати Аббос ибни Шақиқ[186].

Ва андар ин вақт Муҳаммад ибн ал-Музаффар дар Нишобур буд ва Мардовиз ба Рай. Ва Мардовиз аз Рай сӯйи Сипоҳон хост рафт. Андар роҳ ба гармоба фурӯ рафт. Ғуломон ӯро андар гармоба бикуштанд андар санаи салас ва ишрин ва саласмоъа (323 ҳ.). Ва Бачками Моконӣ солори он ғуломон буд. Ва Муҳаммад ибн ал-Музаффар нолида гашта ва иллат бар ӯ саъб шуд. Пас амири саъид мар Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибн ал-Музаффарро ба Нишобур фиристод ва Муҳаммадро боз кард. Аҳмад андар муҳаррами санаи самон ва ишрин ва саласмоъа (328 ҳ.) сӯйи Гургон шуд ва шаҳр бар Моконӣ ҳисор кард ва кор бар вай танг гашт ва ҳамаи қавми Моконӣ аз Абуалӣ зинҳор хостанд, ки алаф танг шуда буд. Ва Моконӣ сӯйи Табаристон

[186] Шафиқ

биёмад ва бар дари Рай ҳарб карданд. Абуалӣ эшонро ҳазимат кард ва аз лашкари эшон бисёр бикуштанд ва Моконӣ андар маърака кушта шуд. Сари ӯ ба Бухоро фиристод ва аз он ҷо ба суҳбати Аббос ибни Шақиқ[187] ба Бағдод фиристод.

Ва Абуалӣ писари Моконiро бо нуҳсад марди дайлами маъруф, ки асир гирифта буд андар ғазо, раҳо кард ва бар уштурон ниҳода ба Бухоро фиристод. Ва андар зиндони Бухоро ҳамебуданд, то Вушмгир ба Бухоро омад ба тоъат ва эшонро бихост, бад-ӯ бахшид.

Пас ал-Муттақӣ ба хилофат биншаст андар санаи тисъ ва ишрин ва саласмоъа (329 ҳ.) ва аҳди Хуросон сӯйи амири саъид фиристод ва Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Музаффар ба Рай буд, Вушмгир ба Табаристон буд ва Сориро ҳисор гирифта буд ва Аҳмад қасди ӯ кард, ҳол бар вай танг шуд ва ҳамаи вилояти ӯ бигирифт ва зимистон андар омад ва боронҳо мутавотир шуд. Пас сулҳ ҷустанд ва муозиъат бинҳоданд, ки Фушмгир сар аз тоъат накашад ва Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад сӯйи Гургон бозгашт андар ҷумоди-л-ахираи санаи аҳадӣ саласин саласмоъа (331 ҳ.). Ва ҳам андар ин моҳ амири саъид фармон ёфт.

Ва чун ӯ бимурд, аз он мудаббирон ва дабирон, ки бар дари ӯ буданд, касе намонд ва ҳасаду дугурӯҳӣ миёни лашкари ӯ андар уфтод ва шуғли тадбир аз Муҳамад ибни Убайдуллоҳ ал-Балъамӣ сӯйи Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад Ҷайҳонӣ шуд ва Муҳамад ибни Ҳотам ал-Мусъабӣ хилоф кард ва корҳо бенизом гашт.

Ал-ҳамид Абумуҳаммад Нуҳ ибни Наср. Ва амири ҳамид ба хилофат биншаст дар вилоёти Хуросон андар шаъбони санаи аҳадӣ ва саласин ва салосмоъа (331 ҳ.) ва дувоздаҳ солу се моҳ амирӣ кард ва ба моҳи рабиъу-л-ахираи санаи салас ва арбаъин ва салосмоъа (343 ҳ.) бимурд.

Ва чун ба амирӣ биншаст, вазорат ва шуғли тадбир ба Абулфазл Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ҳоким бидод, ки ӯро «ҳокими ҷалил» хонанд ва бистгонии ҳашам бар дасти ӯ кард. Ва Абулфазл расмҳои неку ниҳод. Ва Абулаббос Аҳмад ибни Ҳамавия аз амири ҳамид тарсон буд, ки амири саъид ба рӯзгори зиндагонӣ валиаҳд мар Исмоил ибни Насрро карда буд ва Аҳмад ибни Ҳамавия соҳибтадбири ӯ буд ва душманон миёни Исмоил ва Нуҳ, писарони Наср тазрибҳо карда буданд. Ва Исмоил пеш аз Наср бимурд ва он хашм дар дили Ҳамид монда буд.

[187] Шафиқ

Ва Аҳмад ибни Ҳамавия ҳаметарсид ва амири саъид ӯро гуфта буд, ки «агар маро ҳодиса бошад, Нуҳ бо ту накӯӣ накунад». Ва чун амири ҳамид ба амирӣ биншаст, Аҳмад ибни Ҳамавия Ҷайҳун бигзошт ва ба Омуй омад ва пинҳон ҳамебуд».

Чун як сол баромад, шумор карданд, Ҳоким шасту анд бор ҳазор ҳазор дирам ба ҳашам бидода буд. Ҳеч кас хушнуд набуд ва хазинаҳо холӣ шуд ва ҳашамҳо ба гила. Асари аҷз ва заъфи ройи ӯ падид омад. Ва андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи аҳадӣ ва саласин ва салосмоъа (331 ҳ.) зилзила хост ба ноҳияти Нисо ва бисёр деҳро вайрон кард ва афзун аз панҷ ҳазор мардум зери гил шуданд.

Ва амири ҳамидро аз Муҳаммад ибни Туғон ал-Ҳоҷиб суханҳои мункар шунавониданд, фармуд то ӯ ва писарашро бикуштанд. Ва чун амир Нуҳ ба Марв омад андар санаи аснӣ ва саласин ва саласмоъа (332 х.), Аҳмад ибни Ҳамавия хабар надошт, муфоҷот аз хона берун омад, ӯро бигирифтанд ва пеши Нуҳ оварданд. Чун Нуҳ ӯро бидид, инкоре накард, илло некуӣ гуфт ва умедҳои неку кард ва неку пурсидаш ва ӯро мушоҳира фармуд кардан, аз он чи марде корӣ буд.

Пас амири ҳамид аз Марв сӯйи Нишобур рафт андар рақаби санаи салас ва саласин ва саласмоъа (333 ҳ.) ва панҷоҳ рӯз он ҷо муқом кард. Ва қавм аз раъоё биёмаданд ва аз бадхӯйии Абуалӣ бинолиданд ва аз дароздастии халифагони ӯ. Пас амири ҳамид ӯро маъзул кард ва Иброҳим ибни Симҷурро ба ҷойи ӯ биншонд ва худ сӯйи Бухоро бозгашт.

Ва андар санаи арбаъ ва саласин ва саласмоъа (334 ҳ.) Мустакфӣ ба хилофат биншаст. Пас ҳашами Рай мар амир Нуҳро хилоф карданд ва қасди исён карданд. Чун хабар ба амири Нуҳ расид, аз он ҷо ба Марв омад. Ва Ҳоким тазриб кард ва гуфт амир Нуҳро, ки «ин ҳама Аҳмад ибни Ҳамавия кунад, то дили ту машғул бошад». Ва бисёр гуфт, то Нуҳ бар вай мутағайир гашт ва бифармуд, то Аҳмад ибни Ҳамавияро пеши Ҳоким зери чӯб бикуштанд андар санаи хамс ва саласин ва саласмоъа (335 ҳ.).

Ва ҳашам ба Марв даромаданд ва аз Муҳаммад ибни Муҳаммад[188] ал-Ҳоким шикоят карданду гуфтанд: «Тимори лашкар надорад ва таъаҳҳуд накунад ва бистгонӣ надиҳад ва кор бар ту бишӯрид ва Абуалиро ӯ осӣ кард ва дили ҳашам ӯ биёзурд». Ва Абуалӣ ҳилате карда буд ва дили бисёр кас аз ҳашам хуш гардонида буд бар хештан. Пас ҳашам гуфтанд, ки

[188] Аҳмад

«амир дасти ӯро аз мо кӯтоҳ кунад ва агар не, мо ба як сӯ шавем аз пеши ӯ». Амири ҳамид фармуд, то Ҳокимро он ҷо, ки буд бикашиданд андар рӯй ва ҳамеоварданд то дари сарой ва ҳамон ҷо фармуд, то бикуштандаш, андар санаи хамс ва саласин ва саласмоъа (335 ҳ.). Ва ин аз паси куштани писари Ҳамавия ба ду моҳ буд.

Ва пас Абуалии Чағонӣ бо Иброҳим, амми амири ҳамид ва бо ҳашам ба Нишобур омад ва Иброҳим ибни Симҷур ва Мансур ибни Қаротегин ва хайли ӯ бирафтанд ва ба Марв шуданд наздики Нуҳ. Ва Абуалӣ аз Нишобур берун омад, охири моҳи рабиъу-л-аввали санаи хамс ва саласин ва саласмоъа (335 ҳ.) ва ба Сарахс омад ва аз он ҷо қасди Марв кард. Чун ба деҳи Айқон расид, номаҳои бисёр кас расид аз пайвастагон ва сарҳангони Нуҳ ва майл карда ба Абуалӣ. Ва Абуалӣ ба деҳи Синг, якфарсангии Марв фуруд омад ва Нуҳ сӯйи Бухоро рафт ва Абуалӣ андар Марв омад ва чанд вақт бибуд. Пас сӯйи Бухоро рафт ва Ҷайҳун бигзошт.

Ва Нуҳ ба Самарқанд рафт ва Абуалӣ хутба бар Иброҳим ибни Аҳмад кард ва чанд гоҳ он ҷо бибуд. Пас мардумони Бухоро қасд карданд, ки Абуалиро бо ҳамаи наздикони ӯ фурӯ гиранд. Чун хабар бад-ӯ расид, дигар рӯз берун омад ва фармуд, то ҳамаи қавми ӯ низ берун омаданд ва ҳамаи базу қумош бардоштанд, берун оварданд ва хостанд, ки оташ андар шаҳр зананд. Пас сарони шаҳр берун омаданд ва шафоъат карданд ба Худой, азз ва ҷалл, ӯро битарсониданд то фуруд истод. Ва чун дид, ки эътиқоди мардуми шаҳр бо ӯ на некуст, Абуҷаъфарро биншонд ва ҳар касро бар шуғле насб кард аз шуғлҳои девон ва худ ба роҳи Рахнаи[189] Ҳамавӣ берун рафт ва чунин намуд, ки сӯйи Самарқанд шавад ва то Нахшаб бишуд. Пас ҳамаи сарҳангон ва ҳашамро бозгардонид ва худ сӯйи Чағониён рафт.

Ва чун Абуалӣ бирафт, Иброҳим ва Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Наср кас ба наздики амир Нуҳ фиристоданд ва аз вай амон хостанд. Эшонро амон бидод ва узри эшон бипазируфт ва худ ба Бухоро бозомад андар моҳи рамазони санаи хамс ва саласин ва салосмоъа (335 ҳ.).

Ва ҳам андар ин сол Мутиъ ба хилофат бинишаст. Ва амири ҳамид сипаҳсолории Хуросон мар Мансур ибни Қаротегинро бидод. Ва Мансур аз он ҷо ба Марв омад ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алӣ ал-Қазвинӣ ба Марв буд, пеши Мансур омад ва ӯро хидмат кард. Ва Мансур аз он ҷо ба Нишобур омад

[189] Рахтаи

ва Абуалӣ ба Чағониён ҳамебуд. Пас хабар расид Абуалиро, ки «амир Нуҳ лашкар ҷамъ кард ва бар ту тохтан хоҳад овард». Ва Абуалӣ ҳазми он бигирифту сӯйи Балх омад ва чанд гоҳ он ҷо бибуд. Пас аз он ҷо ба лашкар сӯйи Бухоро рафт ва амири ҳамид бо ҳамаи сипоҳи хеш пеши ӯ бозомад. Ба Хартанг ба якдигар расиданд, ба таърихи ҷимоди-л-аввали санаи ситт ва саласин ва салосмоъа (336 ҳ.) ва ҳарб карданд, аз пеши намози дигар, то вақти баромадани офтоб. Ва Нуҳу сарҳангони ӯ сӯйи Бухоро бозгаштанд ва Абулҳорис ибни Абулқосим ва Фатгини[190] хазинадор ва Абуалӣ ибни Исҳоқ ва Аҳмад, бародари Порсро он ҷо биншонданд пеши Абуалӣ то бомдод. Ва Исмоил ибни Абуҳасанро асир гирифтанд ва чанд тани дигарро аз қавми Абуалӣ. Абуисҳоқи Рӯзгонӣ зинҳор хост ва биёмад бо қавме анбӯҳ аз дайламон. Ва Абуалӣ ба ҳазимат шуд то Чағониён. Ва Боҷури ҳоҷиб андар маърака кушта шуд. Ва Алӣ ибни Аҳмад ибни Абдуллоҳро андар ҳудуди Самарқанд бигирифтанд ва Аҳмад ибн ал-Ҳасан[191] ал-Утбиро ба Нахшаб бигирифтанд ва бар астарон нишонданд ва ба рӯз андар Бухоро оварданд. Ва ҳамаро ба дар оварданд ва ҳар якро сад тозиёна бизаданд ва банд ниҳоданду мусодара карданд. Абулаббос Муҳаммад ибни Аҳмад андар он бимурд, аммо Аҳмад ибн ал-Ҳасан халос ёфт аз паси аҳди дароз.

Пас Абуалӣ аз амири Хутталон ёрӣ хост ва худ лашкаре ҷамъ кард, ба Тирмиз омад ва Ҷайҳун бигзошту ба Балх омад ва аз он ҷо сӯйи Гузгонон бирафт, то бар он ҷумла ба Самангон ба амири Хутталон расад. Чун ба Тухористон расид, хабар омад, ки лашкари Бухоро ба Чағониён омад ва Дари Оҳанинро бисӯхтанд ва ҳамаи хонумони Абуалӣ вайрон карданд. Андарвақт аз роҳи Мила аз об бигузашт ва лашкар бар ҳар сӯйи пароканда кард ва роҳи лашкари Бухоро бигирифт. Ва кор бар эшон танг шуд ва роҳи алаф баста шуд. Ва чун ба деҳи Камконон расид, он ҷо ҳарб карданд, андар моҳи рабиъу-л-аввали санаи ситт ва саласин ва салосмоъа (336 ҳ). Ва ин деҳ бар дуфарсангии Чағониён аст. Пас лашкари амири ҳамид бар Абуалӣ ғалаба карданд ва сӯи Шумон бирафт, ба дувоздаҳфарсангии Чағониён. Ва ҳашами Бухоро андар Чағониён омаданд ва шаҳр ғорат карданду кӯшкҳову хонаҳои Абуалӣ ғорат карданд.

Пас мадад андар расид Абуалиро аз кимиҷиён ва амири Жошт[192] Ҷаъфар ибни Шумониқуво ва лашкари Элоқ ва ба

[190] Фаткин
[191] Ал-Ҳусайн
[192] Жост

якрӯза Вошгирд омаданд. Ва Аҳмад ибни Ҷаъфар, амири Хутталон мар Бачкамро, ки сарҳанги бузурги ӯ буд, низ бифиристод ва лашкаре анбуҳ. Ва роҳ бар ҳашами Бухоро баста гашт ва хабарҳои ҳазрат аз эшон бурида шуд. Пас сулҳ ҷустанд ва мувозиъат биниҳоданд, ки Абуалӣ писари хеш Абулмузаффар Абдуллоҳ ибни Аҳмадро ба Бухоро бифиристад бар сабили гиравгон ва ҳамчунин карданд. Ва ин андар ҷимоди-л-охира буд санаи сабъ ва саласин ва салосмоъа (337 ҳ.).

Ва чун Абулмузаффар ба Бухоро шуд, амири ҳамид фармуд, то шаҳр ойин бастанд ва ӯро ба иъзозу икром андар шаҳр оварданд ва ба сарой фуруд овардан фармуд ва ба хони хосса бихондаш ва хилъати хос ӯро фармуд, то кулоҳ ниҳод.

Ва мутанаббие берун омада буд аз ноҳияти Чағониён, аз вилояти Босанд ва рӯй ба Дари оҳанин овард. Номи ӯ Маҳдӣ ва пайғамбарӣ даъво кард. Андар санаи аснӣ ва ишрин ва саласмоъа (322 ҳ.) даъват ошкоро кард ва бисёр кас қасди ӯ карданд ва бад-ӯ бигиривиданд. Ва ин Маҳдӣ шамшере ҳамоил доштӣ ва бо ҳар кас, ки ӯро хилоф кардӣ, бо он ҳарб кардӣ. Ва марде муҳтол буд ва найранҷҳои бисёр донист аз ҳар гуна, чунонки даст андар ҳавзи пуроб кардӣ ва аз он ҷо мушти ӯ пурдинор шудӣ; ва аз хони ӯ қавме анбуҳ бихӯрандӣ ҳеч нуқсон накардӣ; ва аз оби ҷоми ӯ қавме сероб шудандӣ ва аз он ҷом тиҳӣ нашудӣ. Ва қавме ки хоссаи ӯ буданд, ҳар рӯзе ҳар яке аз эшон яке хурмо хӯрдӣ ва ӯро он кифоят будӣ.

Ва чун ин хабар ба навоҳӣ бигустард, бас кас аз оммаи чуҳҳол қасди ӯ карданд. Пас нома расид сӯйи Абуалии Чағонӣ аз Бухоро, ки «кори он мутанаббиро тадорук кун». Ва Абуалӣ мар Аботалҳа Ҷаъфар ибни Мардоншоҳро бифиристод. Ва ин Маҳдӣ ба деҳи Вардӣ буд, андар кӯҳ шуд ва ҳарб карданд, то ӯро аз кӯҳ берун оварданд ва сари ӯ бибуриданд ва сӯйи Абуалӣ фиристод андар тӯбра ва Абуалӣ ба Шумон буд. Ва Абуалӣ фармуд, то он сарро ба ҳама кас, ки бад-ӯ бигиривида буданд, бинамуданд. Пас ба Бухоро фиристод.

Ва Абулмузаффар ба Бухоро ҳамебуд, то рӯзе бар асп нишаст ва ҳамеомад, асп хато кард, ӯро бияндохт ва сараш бар санге омад ва мағзаш берун омаду бимурд. Амири ҳамид тофта шуд ва фармуд, то ӯро кафани неку карданд ва тобути ӯ ба Чағониён фиристод ва Насри шаробдорро ба таъзият ба наздики Абуалӣ фиристод.

Ва чун ду моҳ аз марги Абулмузаффар бигзашт, Мансур ибни Қаротегин ба Нишобур бимурд. Ва амири ҳамид сипаҳсолории Хуросон ба Абуалии Чағонӣ бидод ва аҳду ливо

ба наздики ӯ фиристод ва модунуннаҳр ҳама ӯро бидод. Ва Чағониёну Тирмиз писари ӯ Мансур Наср ибни Аҳмадро бидод. Ва Абуалӣ ба Нишобур омад андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи арбаъин ва саласмоъа (340 ҳ.) ва андар санаи аҳадӣ ва арбаъин ва саласмоъа (341 ҳ.) ҳама кори Хуросонро низом бидод.

Ва андар санаи аснӣ ва арбаъин ва саласмоъа (342 ҳ.) ба Рай шуд ва шаҳр бар Ҳасани Бӯя ҳисор кард. Вушмгир ибни Зиёр аз баҳри Ҳасани Бӯяро мадад фиристод, ҳеч чиз натавонистанд кардан. Ва андар ин вақт марги сутур уфтод ба Рай ва низ сутур намонд магар андак. Пас мардумон андар миён шуд ва сулҳ карданд, бар он ҷумла ки Ҳасани Бӯя ҳар сол дувист ҳазор динор бидиҳад ва Абӯалӣ бозгардад. Ва Ҳасан мар Аббос ибни Довудро ба наздики ӯ фиристод ба гиравгони ин мол.

Ва Абуалӣ бозгашт ба Нишобур. Ва амири ҳамидро туҳмат уфтод, ки магар Абуалӣ бо Ҳасани Бӯя майл кард. Ва Абӯалӣ касон фиристод ва ҳоли хеш бознамуд. Он ғазаб аз дили амири ҳамид барнахост. Пас Абуалии Чағонӣ мар машоих ва муъаддилон ва аъёни Нишобурро ба Бухоро фиристод, то узри Абуалӣ бознамоянд ва маълум гардонанд, ки ӯ аз он чи амири ҳамид занн бурда, бегона аст. Ва то сиқоти Нишобур ба Бухоро расиданд, амири ҳамид бемор шуд ва иллат бар ӯ сахт шуд ва ҳам аз он иллат фармон ёфт, андар моҳи рабиъу-л-охираи санаи салас ва арбаъин ва саласмоъа (343 ҳ.).

Ар-рашид Абулфаворис Абдулмалик ибни Нуҳ. Ва мар Нуҳ ибни Насрро чанд писар буд: Абдулмалику Аҳмад ва Насру Абдулазиз. Ва эшонро ба тартиб байъат карда буд ва меҳтар Абдулмалик буд. Ӯ ба вилоят биншаст андар моҳи рабиъу-л-охираи санаи салас ва арбаъин ва салосмоъа (343 ҳ). Ва Абумансур Муҳаммад ибни Азизро бар тадбири вазорати хеш насб кард ва Абусаъид Бакр ибни Моликро[193] сипаҳсолорӣ бидод. Ӯ ба Нишобур омад андар шаъбони санаи салас ва арбаъин ва салосмоъа (343 ҳ.) ва сирати неку ниҳод ва адл кард.

Пас хабар расид, ки Мутиъ Хуросон мар Абуалии Чағониро бидод ва Бакр ибни Молик[194] бад-ин хабар тофта гашт ва бо ҳашам берун омад ва ба деҳи Озодвор фуруд омад аз рустои Гӯён. Ва аз он ҷо бо ҳашам тадбир кард мар ҳарбро. Пас пешравони лашкар гуфтанд, алаф танг аст ва лашкар чизе надорад, ҳарб натавонанд кард. Пас Бакр ибни Молик[195] сӯйи

[193]- [194]-[195]Малик

рашид Абдулмалик ибни Нуҳ нома набишт ба сурати ин ҳол ва аз вай мол хост. Рашид мар Исмоил ибни Тағиёнро бозгардонид ва моли воҷиб нафиристод. Ва чун ин хабар ба Хуросон расида буд ва Хуросон бишӯрида буд, бад-ин сабаб Ҳасани Бӯя мар Абулфатҳ ибн ал-Амидро ба Сипоҳон фиристод, то ҳарб кард ва писари Моконiро бигирифт ва ба қалъати Аррагон фиристод ва низ кас ӯро надид. Ва ин фатҳи Сипоҳон андар моҳи рабиъу-л-аввали санаи арбаъ ва арбаъин ва саласмоъа (344 ҳ.) буд.

Ва Ҳасани Бӯя қасди Гургон кард ва хабар ба наздики Бакр ибни Молик омад. Ва Ҳасани Фирӯзон ба ҳадди Ҷоҷарм омад. Чун Абдулмалик ибни Нуҳ ин хабарҳо бишнид, лашкарҳо гирд кард ва сӯйи Бакр ибни Молик фиристод ба Озодвор. Ҳасани Бӯя ва Абуалӣ ба ҳарби Бакр наистоданд, сӯйи Табаристон бишуданд. Ва Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷурро Абусаъиди Молик бихонд, то ба Нишобур шаҳна бошад. Ва номаи Ҳасани Бӯя ва Абуалии Чағонӣ омад сӯйи Алӣ ибн ал-Марзбон ва сулҳ ҷустанд бо Абусаъиди Бакр ибни Молик. Ва Ҳасан ҳаме замон кард, ки аз Рай ва Кавари Ҷибол ҳар сол дувист ҳазор динор ҳамефиристанд ва ҳадяҳои дигар ва мабарратҳо кунанд ва бо Вушмгир музоҳимат накунанд ба ҳадиси Табаристон. Ва Алӣ ибн ал-Марзбон дар миён шуд ва ҳам бар ин ҷумла сулҳ уфтод. Ва Ҳасан моли сулҳ бо ҳадяҳо бифиристод ва хунҳо баста шуд ва адоватҳо бархост ва корҳои Хуросон рост шуд.

Ва Мутиъ нома набишт ба Ҳасани Бӯя ва ин сулҳу мувозиъат аз вай написандид ва гуфт, он атои лашкари Хуросон аст ҳар сол аз қарори санаи арбаъ ва арбаъин ва саласмоъа (344 ҳ.). Ва Абуалӣ нолон шуду бимурд андар санаи арбаъ ва арбаъин ва саласмоъа (344 ҳ.) ва тобуташ ба Чағониён бурданд.

Ва Бакр ибни Молик ҳашамро хор доштӣ ва андар ҳоҷатҳошон тақсир кардӣ, то аз вай кина гирифтанд ва ба Бухоро омаданд ва пеши Абдулмалик гила карданд. Пас Бакр ибни Молик андар рамазони санаи хамс ва арбаъин ва саласмоъа (345 ҳ.) ба ҳазрати Бухоро омад бар он ки ӯро хилъат диҳанд ва сию ҳафт тани дигарро аз солорон бо вай, то ба Фарғона бозгарданд. Ва чун Бакр ибни Молик биёмад ва расми хидмат ба ҷой овард ва бозхост гашт, Фатгини хазинадор бар рости ӯ буд ва Алптегин бар чапи ӯ буд, хост, ки барнишинад, Алптегини ҳоҷиб ӯро бар замин зад ва шамшеру ҳарба андар ӯ ниҳоданд ва ӯро бикуштанд бар дари султон ва сари ӯ баргирифтанд. Ва

Абумансур ибни Азизро банд крданд ва Абуҷаъфар ибни Муҳаммад ал-Ҳусайнро ба вазорат биншонданд ва Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳимро сипаҳсолории Хуросон бидоданд ва Иброҳим ибни Алптегинро ба наздики Абулҳасан фиристоданд, бо аҳду ливои сипаҳсолорӣ андар санаи сабъ ва арбаъин ва саласмоъа (347 ҳ.).

Ва Абуҷаъфари Утбӣ молҳо асорат ҳамекард ва андар имороти хазинаҳо истиқсои балеғ ҳаме ба ҷой овард, то забонҳо бар вай дароз гашт ва вазорат аз Абуҷаъфар бозситаданд ва ба Абумансур Юсуф ибни Исҳоқ бидоданд андар шуҳури санаи самон ва арбаъин ва салосмоъа (348 ҳ.).

Ва амир Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ба Нишобур ситамҳо бисёр кард ва тазаллуми ӯ ба ҳазрати Бухоро пайваста гашт. Пас ӯро маъзул карданд андар ҷимоди-л-охираи санаи тисъ ва арбаъин ва саласмоъа (349 ҳ.) ва сипаҳсолорӣ ба Абумансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ бидоданд ва Абунаср Мансур ибни Бойқароро бо аҳду ливо ва хилъат наздики ӯ фиристоданд.

Ва чун он аҳд ба наздики Абумансур Абдурраззоқ расид, вилояти модунуннаҳр неку забт кард ва расмҳои неку ниҳод ва ба мазолим биншаст ва ҳукм миёни хасмони худ кард ва инсофи раъоё аз якдигар бистад. Ва Абумансур марде покиза буд ва расмдону некуишрат ва андар ӯ феълҳои неку фаровон буд.

Ва Алптегини ҳоҷиб ба ҳазрат лаёқати Абумансур ҳамедонистӣ. Ва Алптегин гуфт, андар кори Юсуф ибни Исҳоқ бадмаҳзарӣ рафта аст, то вазорат аз ӯ бозситанд ва ба Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Балъамӣ бидоданд. То Алптегин аз Абдулмалик ҳол дигаргун дид, андар ишрат ба хидмат камтар омадӣ. Пас Абдулмалик ӯро фармуд, то ба Балх шавад. Алптегин гуфт: «Омил набошам ба ҳеч ҳол, пас аз он ки ҳоҷибулҳуҷҷоб будам». Пас сипаҳсолории Хуросон ӯро бидоданд ва Абумансурро сарф карданд. Ӯ сӯйи Тӯс рафт ва Алптегин ба Нишобур омад ба бистуми зу-л-ҳиҷҷаи санаи тисъ ва арбаъин ва саласмоъа (349 ҳ.) ва вазири ӯ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад аш-Шиблӣ буд.

Ва миёни Алптегин ва Абуалии Балъамӣ аҳд буд, ки ҳар ду ноиби якдигар бошанд ва Балъамӣ ҳеч кор бе илм ва машварати Алптегин накардӣ. Алптегин аз баҳри Абдулмалик ар-рашид ҳадяҳо фиристод ва андар он аспон буд ва дигар чизҳо. Пеш оварданд пас аз намози дигар ва Абдулмалик ҳаме чавгон зад андар майдон ва миқдоре шароб хӯрда. Ва аз он аспони ҳадя ягон-ягон ҳамебарнишаст. Яке асп аз зери Абдулмалик биҷаст ва

ӯро бияндохт ва сару гардани ӯ хурд бишикаст. Ӯро мурда бардоштанд ва «Рашид» лақаб карданд.

Ас-садид Абусолиҳ Мансур ибни Нуҳ. Рашид ва Садид писарони амири ҳамид Нуҳ буданд. Чун Рашидро он ҳол биюфтод, Абуалии Балъамӣ дарҳол нома набишт сӯйи Алптегин бад-он чи Рашидро уфтод ва гуфт: «Киро савоб бошад нишондан?» Алптегин ҷавоб набишт, ки ҳам аз фарзандони ӯ яке савобтар бувад нишондан. Чун ин ҷавоб рафта буд, борнома расид, ки Сомониён ва ҳашам бар онанд, ки Мансурро бояд нишонд.

Алптегин чун нома бихонд, ҷаммозаи суворон аз рӯд гузашта буданд, пас Алптегин сӯйи Абумансур Абдурраззоқ расул фиристод, ки «аҳволи Хуросонро забт кун, ҳаққи суҳбате, ки миёни мо ҳар ду тан аст ба ҷо ор, чунонки эътиқоди ман андар ту ҳаст».

Ва ҳанӯз расули Алптегин ба наздики Абумансур буд, ки нома омад аз Бухоро ба сарфи Алптегин ва тавлияти Абумансур. Ва мар Абумансурро фармуда буд, ки «магзор, ки Алптегин аз об гузора ояд, бо вай ҳарб кун ва сипаҳсолории Нишобур турост» ва умедҳои дигар кардандаш.

Ва Алптегин аз Нишобур берун омад андар зу-л-қаъдаи санаи хамсин ва саласмоъа (350 ҳ.). Ва Абумансур лашкар берун фиристод ба Дари Тобарон ва Навқон, сӯи Ҷоҳа. Алптегин гузашта буд. Аз бунаи ӯ миқдоре ёфтанд, айёрон ва сарҳангон онро ғорат карданд ва ҳар чи буд, бибурданд. Ва Абумансур бар асари Алптегин ба Ҷоҳа омад. Алптегин ба лаби рӯд расида буд ва номаҳои Бухоро сӯйи сарҳангони Алптегин расид аз амир ва вазиру вакили дар, ки Алптегин ғосиб аст. Чун Алптегин чунон бидид, оташ андар лашкаргоҳ зад, то ҳама бисӯхт. Пас ғуломони хосси хешро гуфт: «Ҳамебинед аз пеш захми теғ ва зиндону мусодара ва аз паси пушт куштану гирифтану шамшер. Савоб он аст, ки сӯйи Балх шавем». Аз он ҷо ба Балх омад ва аз Балх ба роҳи Хулм берун омад.

Ва чун Садид хабари гурехтани ӯ биёфт Бабдоҳро пеши ӯ фиристод. Ва ба дараи Хулм ӯро андар ёфт ва ғуломони Алптегин ҳафтсад ғулом буданд, бо дувоздаҳ ҳазор мард корзор карданд ва бисёре бикуштанд. Охир Бабдоҳ ба ҳазимат бозгашт ба Бухоро ва Алптегин сӯйи Тухористон омад ва аз он ҷо ба Ғазнин омад. Ва чанд гоҳ он ҷо буд ва охири аҳди Алптегин ба Ғазнин буд.

Ва Абумансур Абдурраззоқ донист, ки он шуғл бад-ӯ нагузоранд ва ӯро сарф кунанд, ба Марв бозомад. Сарҳангони

Марв дарвозаҳо бибастанд бар рӯйи ӯ ва аз он ҷо бигзашт ва дасти лашкар гушода кард ва ғорат ҳамекарданд ва молҳои мардумон ҳамеситад. Ва ҳамчунон рӯй ба Нисо ва Бовард ниҳод ва раиси Нисо бимурда буд, варасаи ӯро бигирифт ва моле бистад. Ва сӯйи Ҳасан ибни Бӯя нома набишт ва аз вай мутобиқат хост ва ӯро ба Гургон хонд ва Ҳасани Бӯя аз он ҷо бирафт.

Вушмгир ҳазор динори зар Юҳаннои табибро бидод, то Абумансурро заҳр бидод. Ва бори дигар сипаҳсолорӣ мар Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳимро бидоданд андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи хамсин ва саласмоъа (350 ҳ.). Абулҳасан биёмад ва бисёр накӯӣ кард бо раъият ва адл бигустард ва аз он зиштиҳо, ки пеш аз он аз вай рафта буд, ки мардумон аз вай ранҷҳо дида буданд, ҳамаро истиҳолат кард ва он хӯйи зиштро бинҳод ва расмҳои бадро барандохт.

Ва фармон омад мар Абулҳасанро, то бо Абумансури Абдурраззоқ ҳарб кунад. Чун амир Абулҳасан ба ҳарби ӯ рафт ва ба Маҳкану Хабушон, сипоҳи Ҳасани Бӯяро андар ёфт ва Абулҳасан андар ақиби ӯ расид ва ҳарб бипайвастанд. Ва он заҳр андар Абумансур кор карда буд ва музтар гашта буд, чашмаш низ кор накард. Лашкари Абулҳасан чира гаштанд ва сипоҳи Абумансур ҳазимат шуданд. Ва Абумансур андар ҳазимат сипоҳро гуфт: «Ман фуруд оям». Гуфтанд: «вақт нест». Гуфт: «ман роҳати хеш андар он мебинам». Вайро танҳо бигзоштанду бирафтанд ва ӯ фуруд омад. Дарвақт хайли Аҳмад ибни Мансур ибни Қаротегин фаро расид. Ғуломе саклобӣ фароз омад ва сари Абумансур Абдурраззоқ бардошт ва ангуштарии ӯ бистад ва пеши меҳтари хеш бурд.

Ва кори амир Абулҳасан низом гирифт ва панҷ сол андар Нишобур муқом кард ва ҷойе нарафт. Пас нома расид аз Бухоро, ки «ба Рай шав ва ҳарб кун». Ва Вушмгир дабири хеш Алии Домғониро бифиристод ва худ бар асар ҳамеомад. Андар роҳ ба шикор рафт, хуке Вушмгирро бияфганду бишикаст ва ҳамон ҷо бимурд. Ӯро ба Гургон оварданд, нимаи зу-л-ҳиҷҷаи санаи ситт ва хамсин ва саласмоъа (356 ҳ,).

Ва чун Вушмгир бимурд, рафтан сӯйи Рай суст гашт. Ҳашами Хуросон мол хостанд. Мансур ибни Нуҳро нома кард ва мол хост. Ва ӯ ҷавоб кард, ки моли ҳашам аз Бисутуни Вушмгир бояд ситад. Чун Бисутун бишнид, қасди Табаристон кард ва узр ниҳод, ки моли ман он ҷост ва андар сирр бо Ҳасани Бӯя тадбир кард ва Ҳасан Алӣ ибн ал-Қосим ал-Оризро ба Омул фиристод, то Бисутун он ҷо омад ва он кор муҳкам кард.

Ва Бисутунро аз Мутиъ хилъат расид ва ливо ба вилояти Табаристону Гургон ва Солус ва Рӯён ва ӯро «Заҳиру-д-давла» лақаб карда буд. Ва амир Абулҳасан ба Нишобур бозомад ва номи аҷзу сустӣ бар вай ниҳоданд. Ва Солор ибни Шердил ва Шаҳриёр ибни Зарринкамар ба наздики амир Абулҳасан омада буданд ва эшонро неку ҳамедоштанд. Пас Бисутун ба Астаробод бимурд андар рақаби санаи сабъ ва ситтин ва саласмоъа (367 ҳ.). Ва асари сустии Абулҳасан ба султон зоҳир гашт ва аз асари сустии ӯ Гургону Қумис ва Солусу Рӯён бишуд.

Пас Мансур ибни Нуҳ Ашъас ибни Муҳаммад ал-Яшкуриро ба Нисо фиристод, то аз он ҷо ба Гургон равад ва Наср ибни Моликро[196] ба Гургонҷ фиристод, то онро фатҳ кунад. Ва андар маънии Абулҳасан тадбирҳо ҳамекард. Ва чун ба Абулҳасан расид, ба ҳилат машғул гашт ва ба Бухоро омад ва аз наздикони Мансур поймардон сохт, то он ғайрат аз дили Мансур берун кард ва он мазарратро аз хештан дафъ кард. Вазирӣ миёни Абуалии Балъамӣ ва Абуҷаъфари Утбӣ уфтода буд чанд гоҳ. Пас Абуалии Балъамӣ бимурд андар ҷумоди-л-охираи санаи салас ва ситтин ва салсомоъа (363 ҳ).

Ва амир Абулҳасан бас маккору муҳтол буд, ҳилат ба кор овард, ба Нишобур бозомад бо сипаҳсолории вилояти Марв, ки вайро буд. Сарҳанге аз вилояти Ҳирот, ки ӯро Абуалӣ Муҳаммад ибн ал-Аббос Тулакӣ гуфтандӣ, осӣ шуд ва ҳисори Тулак ободон кард ва қавме бар вай гирд омаданд. Пас амир Абулҳасан мар Абуҷаъфари Зибодиро номзад кард, то ба ҳарби Тулакӣ рафт ва ӯро дар ҳисори Тулак биёфт, то ба зинҳор омад ва ӯро ба Нишобур овард. Ва ҳамин Абуҷаъфари Зибодӣ ба Ғур шуд ва чанд ҳисор аз Ғур фатҳ кард ва андар санаи тисъ ва ситтин ва саласмоъа (369 ҳ.) ба Систон рафт ба нусрати Ҳусайн ибни Алӣ ибни Тоҳир ал-Тамимӣ, ки бо Халаф ибни Аҳмад ҳаме ҳарб кард ва амир Абулҳасан андар ақиби вай низ он ҷо рафт ва чанд гоҳ ҳарб карданд ва бозгаштанд андар санаи салас ва сабъин ва салосмоъа (373 ҳ.).

Ва ат-Тоиъ Лиллоҳ амиралмуъминин ба хилофат биншаст андар санаи арбаъ ва сабъин ва саласмоъа (374 ҳ.). Пас Абуҷаъфари Утбӣ мукотиба кард бо Абулфазл ибн ал-Амид. Абулфазл шод гашт ва ҳар ду вазир андар истоданд ва ваҳшатҳо, ки миёни Бӯяиён ва Сомониён буд, бардоштанд ва корҳо бигшод ва ҳарбҳо бархост ва корҳо низом гирифт. Ва оли Бӯя мутобиъати Мансур ибни Нуҳ карданд ва музоҳимат накарданд

[196] Малик

ва фасодҳо аз мамлакат бархост ва мардумон биёрамиданд. Ва ҳар сол дувист ҳазор вазифа динор ҳамеоварданд, беруни ҳадяҳои дигар, аз Рай ва Кавари Ҷибол ба Хуросон. То Ҳасани Бӯя бемор шуд ва мамлакат бар фарзандони хеш бахшид. Ва Абушуҷоъи Фанохусрав холӣ шуд, ҳамаи асрор ба Абушуҷоъ бигуфт ва ба Рай бимурд панҷуми муҳаррами санаи ситт ва ситтин ва саласмоъа (366 ҳ).

Ва Абуҷаъфари Утбӣ, ба Хуросон корҳои неку кард. Юсуфи вазирро бозоварданд, ба вазорат биншонданд, андар зу-л-қаъдаи санаи салас ва ситтин ва саласмоъа (363 ҳ.) бимурд. Пас Абуабдуллоҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ҷайҳониро биншонданд андар санаи хамс ва ситтин ва саласмоъа (365 ҳ.). Ва Мансур ибни Нуҳро ҳам дар ин сол иллате уфтод ва он беморӣ бар вай мустаҳкам гашт ва аз он иллат бимурд, ёздаҳуми шавволи санаи хамс ва ситтин ва саласмоъа (365 ҳ.) Ӯро «Садид» лақаб карданд.

Ар-разӣ Абулқосим Нуҳ ибни Мансур. Чун Нуҳ ибни Мансур ба хилофат биншаст, ҳанӯз болиғ набуд. Ва бисту як солу нуҳ моҳ вилоят дошт. Ва бо амир Абулҳасан ва Абулҳорис Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Фариғун хешӣ кард, то бад-эшон пушти ӯ қавӣ гашт. Ва корҳои хеш ба Фоиқ ал-хосса ва Тош ал-ҳоҷиб супурд. Ва чун ба вилоят биншаст, Абуабдуллоҳ ибни Ҳафс солори ғозиёни Бухоро ба расулӣ наздики амир Абулҳасан фиристод. Ва ӯро «Носиру-д-давла» лақаб кард ва аҳду хилъат фиристод ӯро ба сипаҳсолорӣ ва амали маъунат ва иҳдоси Нишобур ва Ҳирот ва Қуҳастон. Ва пайғом бидод бар забони Абуабдуллоҳи ғозӣ, ки «мо ба ҷойи ту истиноъ бештар аз он кардем, ки ту чашм доштӣ, зеро ки андар ту нишони вафо ва далели рушд дидем, нигар, то занни мо хато накунӣ. Ва се чиз ба ту арзонӣ доштем, ки аслофи мо надошта буданд, яке он ки хешӣ кардем бо ту ва он далели ростии эътиқоди мо бошад андар ту ва муҷиби издиёди шарафу қадри ту. Дудигар зиёдати вилоят ва он далели бузург доштани кори ту бошад. Ва седигар лақаб ниҳодан мар туро андар мухотибот ва мукотибот, то туро рифъате бошад миёни акрон ва амсоли ту».

Чун ин аҳду хилъат ба наздики Абулҳасан расид, сахт шод шуд ва расулро неку фуруд овард ва фарзанде ҳарчи каримтар номзад кард мар василатро. Пас Абуабдуллоҳи ғозиро бозгардонид.

Ва Абулҳусайн Абдуллоҳ ибни Аҳмади Утбиро ба вазорат биншонданд андар рабиъу-л-охираи санаи сабъ ва ситтин ва саласмоъа (367 ҳ). Ва чун амири разӣ вазорат Абулҳусайни Утбиро хост бидод, нома набишт ба амир Абулҳасан ба

машварат. Амир Абулҳасан ҷавоб набишт, ки «Абулҳусайн ҷавон аст». Чун ин истихфофи амир Абулҳасанро Абулҳусайн бишунид, кина гирифт ва масолиби амир Абулҳасан бар забон гирифт ва ба ҳар вақт ҳамегуфт, ки Абулҳасан оҷиз аст, аз вай кор наёяд ва Хуросон бад-ӯ зоиъ аст ва ҳиммати ӯ андар мусодара ва истихроҷ аст, хешӣ кардан бо вай намуҳат[197]. Чандон бигуфт аз ин навъ, то амири разӣ ӯро маъзул кард ва номаи азл бад-ӯ фиристод.

Ва Абулҳусайни Утбӣ, мар расулро фиристод, то пайғом дар мало ба Абулҳасан гузорад ва ба овози баланд. Чун расул ба Нишобур расид, амир Абулҳасан андар мавкиб истода буд. Расул ин пайғом бар ҳукми мисоли вазир бигзорд. Амир Абулҳасан тира шуд ва хашм гирифт ва гуфт: «Волии Хуросон манам ва сипаҳсолор Абуалӣ аст, писари ман, валлоҳ, ки ман ситора ба рӯз бад-эшон намоям». Ва табл бизаду лашкар берун овард.

Ва чун хабар ба Абулҳусайни Утбӣ расид, тангдил шуд ва аз он чи гуфта буд, пашемон шуд ва андеша ҳамекард, ки амир ӯро хушнуд кунад ва ин гуноҳ бар гардани ман кунад ва маро банд кунаду боздорад. Ва дигар рӯз номаи мунҳӣ омад, ки Абулҳасан аз он пашемон шуд, розӣ аст бад-он чи фармоянд аз вилоят ва азл. Ва пас амир Абулҳасан сиқоти Нишобурро ба Абунаср Аҳмад ибни Алӣ ал-Миколӣ бифиристод, то узри ӯ бихостанд. Абулҳусайн шод шуд ва амир Абулҳасан мар Аҳмад ибн ал-Ҳусайнро, ки ба расулӣ омада буд, пеш хонд ва узр хосту бар сабили хубӣ бозгардонид.

Пас амири разӣ сипаҳсолорӣ ба Абулаббоси Тош ал-ҳоҷиб бидод ва амири разӣ Нуҳ ӯро «Ҳисому-д-давла» лақаб кард. Ва Тош ба Нишобур омад, нимаи шаъбони санаи аҳадӣ ва сабъин ва саласмоъа (371 ҳ.) ва як сол он ҷо биншаст. Ва Абулҳусайни Утбӣ, дар кори Тош иноят дошт, ки Тош аз ғуломони падараш буд. Ва Абулҳусайн мар Фоиқ ва Қобусро ва чанд сарҳанги дигарро сӯйи Гургон фиристод ба ҳарби Бӯя ва худ ба роҳи Бия бирафт. Ва Алӣ ибн ал-Ҳасан ибни Бӯя он ҳарбро аз бародари хеш бихост. Ва аввал ба Алии Кома зад ва ӯро ҳазимат кард ва худ ба Астаробод бишуд. Ва аҳли Хуросон ба ғорат машғул шуданд ва Тош мар Алиро бозхонд.

Ва Абушуҷоъ Фанохусрав аз баҳри бародари хеш Муайиду-д-давлаи Бӯя ҳафт ҳазор мард мадад фиристод, чаҳор ҳазор аз як ҷониб ва се ҳазор аз дигар ҷониб. Чун мадади Буяиён расид,

[197] Дар ҳар ду нусха чунин аст, сурати саҳеҳи ин калима маълум нашуд (А.Ҳ.)

лашкари Тошро баргирифтанд ва ҳазимат карданд ва Тош ба лашкаргоҳи хеш омад. Фармуд, то лашкаргоҳро оташ заданд ва худ бирафт. Чун лашкари Бӯя ибн ал-Ҳасан қасд карданд, ки бар асари ҳазиматиён андар Хуросон оянд, эшонро хабар расид, ки Фанохусрав бимурд ва лашкари Бӯя фуруд истоданд ва низ сӯйи Хуросон наёмаданд ва гар не Хуросон ва Тошро лош кардандӣ.

Ва амир Абулҳасанро аз Бухоро нома расид, ки «дурроъа пӯш ва ба хона биншин». Ва ӯ чунон кард ва лашкар ба писари хеш амир Абуалӣ бидод ва ӯро ба мадади амир Ҳусайн ибни Тоҳир ба Систон фиристод ва амири Хуросон Пушанг ӯро бидод ва Абуалӣ бирафт.

Чун хабар ба Систон ба амир Халаф расид, ғуломони бойтузӣ ва аҳроронро номзад кард бо миқдори чаҳор ҳазор сувор ва чаҳор пил, то бар амир Абуалӣ тохтан оранд. Ва Абуалӣ аз он хабар ёфт ва ҳазм бигирифт ва чун тохтан оварданд, ӯ бо ҳазор сувор буд. Шамшер андар ниҳоданд ва бисёр мардум бикуштанд ва он пилонро бистаданд.

Чун ин хабар ба Бухоро расид, Абуалиро иҳмод карданд ва вилояти Бодғис низ ӯро бидоданд ва миёни вай ва аз они Тош васлат карданд. Ва амир Абулҳасан гилаи Абулҳусайни Утбиро ба Фоиқ набишта буд ва қиссаи он сақат гуфтан ва истихфоф кардан. Фоиқ гуфт: «ман ҳилати он бисозам». Пас гурӯҳе аз ғуломони маликиро бифирефт, аз он ғуломони Худойнотарс ва ҳар якеро моле бидод, то эшон Абулҳусайни Утбиро бикуштанд ва ба наздики падараш дафн карданд ва корҳо музтариб гашт. Ва Тошро ба ҳазрат бозхонданд ва Тош қасди он кард, ки кини Абулҳусайни Утбиро бозхоҳад, фурсат наёфт.

Пас Абулҳусайн Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Мазаниро ба вазорат биншонданд ва корҳо рост шуд. Ва амир Абуалӣ халифатӣ ба Нишобур аз Тош бихост ва Тош ӯро дод ва он хато буд, ки Тош кард. Ва чун Абулҳусайни Утбӣ бимурд, кори Тош суст шуд ва Фоиқу Абулҳсан қасди ӯ карданд ва мардумонро барангехтанд, то тазаллуми Тош пайваста карданд. Ва Фоиқ ва Абуаливу Абулҳасан тадбир карданд ва Абуалӣ аъмоли Тошро бигирифт ва моле азим бистад.

Ва Абулҳусайни Мазаниро боздоштанд, андарҳол бемор шуду бимурд. Ва Абумуҳаммад Абдурраҳмон ибни Аҳмад ал-Форсиро ба вазорат биншонданд. Ва ғалабаи Абуалӣ ва Фоиқ бисёр шуд. Охир бар он қарор гирифт, ки Нишобур Тошро ва Балх Фоиқро ва Ҳирот Абуалиро ва Бодғису Канҷрустоқ ва Қуҳастон Абулҳасанро бошад.

Тош ба Нишобур омад ва тоъинони ӯ фурсат ёфтанд ба бад гуфтан ва таҳризу тазриб ва бадмаҳзарӣ ҳамекарданд, то Тошро маъзул карданд ва Абдурраҳмонро аз вазорат бознишонданд андар моҳи рабиъу-л-аввали санаи ситт ва сабъин ва саласмоъа (376 ҳ.). Ва сипаҳсолории Хуросон ба амир Абулҳасан бидоданд ва Нисову Бовард Тошро бидоданд. Чун Тош хабари азл бишнид, ба Сарахс биистод ва сӯйи Нисо низ нарафт. Ва Абусаъиди Шайбӣ ва Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абдурразоқ дар Нишобур буданд.

Чун амир Абулҳасан биёмад, шаҳр бипардохтанд ва ба наздики Тош шуданд ва…. назми ӯро бидиданд. Ва амир Абулҳасан андар Нишобур шуд. Тош биёмад ва шаҳр бар ӯ ҳисор кард ва Алӣ ибни Ҳасан ибни Бӯя Тошро мадад фиристод, то ҳарб карданд. Ва Абулҳасан шаҳр бипардохт ва сӯйи Қуҳастон рафт ва аз Абулфаворис ибни Абишуҷоъ мадад хост. Абулфаворис ду ҳазор мард фиристод ва Фоиқ низ биёмад ва ба Нишобур омаданд ва Тошро ҳазимат карданд. Ва ин ҳазимат ҳафтуми шаъбон буд, санаи сабъ ва сабъин ва саласмоъа (377 ҳ.). Ва бисёр дайлам бигирифтанд ва Мансур ибни Муҳаммад ибни Абдурразоқ андар миён буд, низ гирифта шуд. Ҳамаро ба Хуросон фиристоданд ва Мансурро бар гове нишонданд ва ба рӯз андар Бухоро оварданд ва Тош ба Гургон шуд. Алӣ ибни ал-Ҳасан ибни Бӯя ӯро неку пазируфт ва Тош ба Гургон бимурд андар санаи самон ва сабъин ва саласмоъа (378 ҳ.).

Ва пас мар Абуалӣ Муҳаммад ибни Исо ад-Домғониро ба вазирӣ биншонданд даҳуми моҳи рабиъу-л-охираи санаи самон ва сабъин ва саласмоъа (378 ҳ.). Ҳашам Абунаср Абузайдро биписандиданд, то дигар бор вазорат мар Абуалии Домғониро бидоданд. Ва то хон ба Бухоро омад, вазир ӯ буд ва чун хон бозгашт, ӯро бибурд. Ба Самарқанд фармон ёфт ғурраи рақаби санаи аснӣ ва самонин ва саласмоъа (382 ҳ.).

Ва амир Абулҳасан рӯзе ба боғи Хуррамак шуд ва канизакеро дӯст дошт, бо вай бихуфт. Бар шиками ӯ хуфта буд ҷон бидод андар зу-л-ҳиҷҷаи санаи самон ва сабъин ва саласмоъа (378 ҳ.).

Ва андар ин вақт амир Абуалӣ ба Ҳирот буд ва амир Абулқосим Нишобур нигоҳ дошт. Душманон тазрибҳо карданд миёни бародарон. Чун Абулқосим бидонист, аз Нишобур ба Ҳирот омад ва хазинаву ғуломони амир Абулҳасан ба наздики Абуалӣ овард ба Ҳирот андар санаи тисъ ва сабъин ва саласмоъа (379 ҳ.).

Пас Нуҳ ибни Мансур сипаҳсолорӣ ба Абуалӣ бидод ва аҳду ливо ва хилъат фиристод ва ӯро «Имоду-д-давла» лақаб кард, андар санаи аҳадӣ ва самонин ва саласмоъа (371 ҳ.) Ва Фоиқ ба Бухоро бозгашт бефармон ва Иниҷ[198] ҳоҷиб ва Биктузон бо вай ҳарб карданд, ӯро ҳазимат карданд, ба Балх шуд. Ва Чағониён мар Абулҳасан Тоҳир ибн ал-Фазлро бидоданд.

Амир Тоҳир ибн ал-Фазл биёмад ва Абулмузаффар ба наздики Фоиқ шуд ва Фоиқро нусрат кард. Ва бо Тоҳир ибн ал-Фазл ҳарб кард ва Тоҳир андар он маърака кушта шуд. Ва чун Абумӯсо Ҳорун ибни Элакхон аз Туркистон ба Испиҷаб омад, тохтан овард ва сарҳангони Фоиқро ба Хартанг[199] бигирифт ва Фоиқ ба зинҳори хон шуд ва бо вай ба Бухоро омад. Ва Нуҳ ибни Мансур мутаворӣ буд. Фоиқ Балхро аз хон бихост, бад-ӯ бидод ва худ бозгашт.

Ва амир Абуалиро сипоҳу силоҳ ва хазина бисёр шуд. Даст андар вилояти амири Хуросон кард ва ҳамаи модунуннаҳр бигирифт ва бар хироҷу аҷлоб ва маъодану аҳдос ва зиёъи султонӣ муставлӣ гашт ва ҳар истихфофе, ки битавонист ба амир Нуҳ бикард ва худро «амиру-л-умароу-с-само» лақаб кард ва хутбаи минбарҳо бар Нуҳ бидошт.

Ва чун Элак ба Испиҷоб омад, Абуалӣ сӯйи Элак нома набишт ва бад-ӯ майл кард. Элак ба Бухоро омад ва ба Ҷӯйи Мӯлиён фуруд омад андар рабиъу-л-аввали санаи аснӣ ва самонин ва саласмоъа (382 ҳ.). Ва Нуҳ ҳаме нома набишт ва расул фиристод ба Абуалӣ, ки «биё, ки хон омад». Албатта Абуалӣ аз он нома наяндешид. Ва лашкар хост аз вай, ҳам нафиристод.

Ва хон якчанд бемор шуд, ба иллати бавосир ва бозгашт ва ба вақти рафтан вилоят Абдулазиз ибни Нуҳ ибни Насрро супурд ва хилъати неку бидода шуд ва ӯро гуфт: «Ин вилоят аз Нуҳ ситадем ва ба ту супурдем». Ва Элак ба Қучқорбошӣ бирасид ва бимурд.

Ва Нуҳ мар Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Азизро аз вилоят нафй карда буд ба Хоразм. Чун ба Омуй расид, ӯро бихонд ва кори хеш бад-ӯ супурд. Ва чанд бор ба Абуалӣ нома набишт, ӯро бихонд ва мол хосту лашкар бихост. Албатта ҳеч иҷобат накард ва такаббур бикард ва гардан кашид, то Худой, азз ва ҷалл, кори Нуҳ неку кард ва он шуғл бе миннати кас шафоат кард ва ба Бухоро бозомад.

---

[198] Эх

[199] Ҷузҷанк

Амир Абумансур Сабуктегин аз паси Алптегин ал-ҳоҷиб муставлӣ гашт бар Ғазнин ва Гардезу Парвон ва Кобулу Буст ва он вилоятҳо, ки ғуломони Қаротегин доштанд. Ва кори Сабуктегин бузург шуд ва номвар гардид. Ва чун ҷафову истихфофи Абуалӣ бар амир разӣ бисёр шуд, пас амир Нуҳ сӯйи амир Сабуктегин, раҳмату-л-Лоҳ, нома набишт ва аз Абуалӣ шикоят кард ва ӯро бихонд. Ва амир Сабуктегин ба Кешу Нахшаб шуд ва ҳар аҳде, ки боист бикард. Ва Абуалӣ аз Марв ба Нишобур омад, андар раҷаби санаи салас ва самонин ва сасалмоъа (383 ҳ.). Ва номаҳои амир Сабуктегин расид сӯйи вай бар ваъдаву ваъид. Ҳеч суде надошт ва Абуалӣ мусирр биистод бар бефармонӣ ва ҳарчанд, ки панд бештар бидоданд, такаббур зиёдат кард.

Ва чун аз ҳадд бишуд низ ҷойи эҳтимол намонд. Нуҳ аз Бухоро ба Марв омад ва аз Марв ба Ҳирот омад бо лашкари хеш ва амир Сабуктегин солор буд. Ва Абуалӣ аз Нишобур ба Ҳирот омад. Беруна лашкаргоҳ зад бо бародарон ва Фоиқ ва дигар амирон. Ва расулон андар миён шуданд, ки сулҳ кунанд. Сарҳангони Абуалӣ ризо надоданд ва гуфтанд: Нуҳ ва Сабуктегин яқин доранд, ки ғалаба моро хоҳад буд. Дигар рӯз Саръини Ҳирот Нуҳ ва Сабуктегин бигирифтанд.

Чун Абуалӣ ва лашкари ӯ чунон бидиданд, пашемон шуданд ва низ суд надошт. Ва мар Абуалиро соҳибхабаре буд ва амир Сабуктегин ӯро ҳамешинохт, аммо чун дар ногуфтани ӯ салоҳе дид, ҳеч падид накард. Рӯзе саҳа биёмад ва амир Сабуктегинро бигуфт: «Доро ибни Қобус аз ҳарбгоҳ ба зинҳор хоҳад омад ва ман биравам, то вай биёяд». Амир Сабуктегин шод шуд. Пас он ҷосусро ҳозир кард бар сабили шуғле фармудан ва пас бо надиме аз они хеш ҳамегуфт, чунонки он ҷосус ҳамешунид, ки «Абулқосими Симҷур ва Фоиқу Доро ҳаме ба зинҳори мо оянд ва яке аз эшон пазируфта аст, ки Абуалиро бигирад ва ба дасти мо бисупорад». Ва ин амири одил ба кори дигар машғул гашт.

Ҷосус Абуалиро огоҳӣ бидод. Абуалӣ баддил гашт ва рағбати сулҳ кард, пас аз он ки иҷобат накарда буд. Чашм дошт, ки магар касе биёяд ба сулҳ ва ҳеч кас наёмад. Ва чун бомдод шуд, хазлон андар лашкари Абуалӣ падид омад. Ҳеч шак накард, ки ҳазимат шаванд ва ғуломону роёт аз ҳар сӯй падид омад ва пилони маст бисёр ва сувору пиёда чандон ки замин падид набуд. Ва Абуалӣ бар боло истода буд, нигоҳ кард, Доро зинҳор ситад, ӯро он сухани ҷосус дуруст омад, тарси ӯ бештар шуд.

Пас бонги таблу буқ ва дуҳулу дабдаба ва говдуму синҷ ва ойинафилон ва карной ва сапедамуҳра бихост ва наъраи мардону

бонги аспон, чунонки ҷаҳон торикӣ гирифт ва бод бихост ва хоку санг андар вай. Абуалӣ бирафт бо гурӯҳе аз ғуломон ва ҳар чи буд, он ҷо бигузошт. Ва ин ҳарб андар санаи арбаъ ва самонин ва салосмоъа (384 ҳ.) буд.

Ва пас амири Хуросон ва лашкари Сабуктегин андар омаданд ва андар лашкаргоҳи Абуалӣ уфтоданд ва аз ҳамаи хостаҳо ғанимат карданд. Ва Абуалӣ ва сипоҳи ӯ бирафтанд ва ба шаб андар Нишобур даромаданд. Ва амири разӣ мар Сабуктегинро «Носиру-д-дин ва-д-давла» ном кард ва писари ӯ Абулқосим Маҳмуд ибни Носиру-д-давларо «Сайфу-д-давла» лақаб кард. Ва амир Маҳмуд бо амир Нуҳ ба Ҳирот бозистод, то он шуғлҳо, ки он ҷо буд, тамом карданд ва аз он ҷо ба Нишобур бозомаданд.

Ва чун Абуалии Симҷурӣ мазаллат ва ҳақорати хеш бидид, ба узр омад, низ узраш напазируфтанд, навмед шуд, сӯйи Гургон рафт. Ва андар санаи хамс ва самонин ва саласмоъа (385 ҳ.) Соҳиб Абулқосим ибни Аббод бимурд ба Рай. Ва амир Нуҳ ба Бухоро бозрафт ва амир Сабуктегин ба Ҳироту Пушанг буд ва амир Маҳмуд ба Нишобур буд ба забт кардан ва ишғоли он ноҳият. Ва Абуаливу Фоиқ бо лашкари гирон биёмаданд андар санаи хамс ва самонин ва салосмоъа (385 ҳ.).

Пас амир Маҳмуд ба Ҳирот омад наздики падар ва аз ҳар ҷой мадад хостанд ва Абунаср Абузайдро ба расулӣ наздики Халаф ибни Аҳмад ҳокими Систон фиристоданд. Халаф биёмад бо лашкари сохта ва амир Фариғун аз Гузгонон омад. Ҳамчунин туркони халаҷро низ бихонданд ва Халафро ба Пушанг бигзоштанд ва писари ӯ Тоҳирро бо лашкар бибурданд ва ба Тӯс ҳарб карданд ба деҳи Андарих. Абуалиро ҳазимат карданд ва асирон аз дасти ӯ берун карданд ва лашкаргоҳи ӯро ғорат карданд.

Ва Абуалӣ аз роҳи Табас ба сӯйи Рай рафт. Ва Алӣ ибн ал-Ҳасан ибни Бӯя ба ҷойи ӯ бисёр некуӣ кард, ҳар моҳ панҷоҳ ҳазор дирам ӯро мушоҳира бидод ва ҳар гоҳ, ки ӯро ба хон хондӣ, аспе бо сохт бифиристодӣ ва он ҳама бад-ӯ гузоштӣ. Пас дили Абуалӣ танг шуд ва мутанаккирҳол ба Нишобур омад аз баҳри занеро. Ва амир Маҳмуд ӯро бигирифту боздошт. Ва аз банд бигурехту рӯй ба Хоразм ниҳод. Чун ба Ҳазорасп расид, андар боғе фуруд омад. Вакилони Абуабдуллоҳ Хоразмшоҳ биёмаданд, ки нузули Абуалиро рост кунанд. Гуфтанд: «Фардо Хоразмшоҳ худ ояд». Чун мардумон бихуфтанд, хоразмиён андар омаданд ва Абуалиро фурӯ гирифтанду бибастанд ва ба Хоразм бурданду боздоштанд.

Ва миёни аҳли Гургонҷ ва аҳли Хоразм таассубе буд қадим ва Маъмун амири Гургонҷ лашкаре фиристод ба Хоразм, ҳарб карданд ва Хоразмшоҳро бигирифтанд ва Абуалии Симҷуриро аз ҳабс берун оварданд ва ҳамаро ба Гургонҷ бурданд. Ва хорамшоҳӣ мар Абуалӣ ал-Маъмун ибни Муҳаммадро бидоданд. Ва Маъмун мар Абуалиро неку ҳамедошт ва мол бад-ӯ бахшид ва кори Абуалӣ беҳтар шуд.

Расули Нуҳ омад сӯйи Абуалӣ ва бисёр некуӣ гуфт ва ваъдаҳои неку кард ва ӯро бихонда буд. Абуалӣ ба Бухоро шуд. Абдуллоҳ ибни Узир ва Бектузун пешбоз омаданд. Чун ба саройи Нуҳ андар шуд, Абуалиро бигирифтанд бо ҳаждаҳ тан бародарону сарҳангон ва ҳамаро банд карданд ва ба қуҳандиз бурданд андар санаи ситт ва самонин ва саласмоъа (386 ҳ.).

Ва чун амир Сабуктегин хабари Абуалӣ биёфт, ӯро аз амири разӣ Нуҳ дархост кард. Пас Нуҳ мар Абуалиро ва ғуломаш Элманкуро ва Амираки Тӯсиро ва Абулҳусайни писари Абуалиро назди амир Сабуктегин фиристод андар шаъбони санаи ситт ва самонин ва саласмоъа (386 ҳ.).

Пас амир Сабуктегин ин чаҳор танро ба қалъаи Гардез фиристод, ки он ҷойи ҳасин буд ва боздошт ва андар санаи сабъ ва самонин ва саласмоъа (387 ҳ.) эшон ҳар чаҳор танро бикуштанд. Ва амири разӣ Абулқосим Нуҳ бемор шуд ва даргузашт рӯзи одинаи сездаҳуми рақаби санаи сабъ ва самонин ва салосмоъа (387 ҳ.) .

Ва андар шаъбони ин сол Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасан ибни Бӯя низ бимурд. Ва амир Сабуктегин ба Балх нолон шуд, қасди Ғазнин кард андар роҳ бимурд ва ин воқиа дар шаъбони санаи сабъ ва самонин ва саласмоъа буд (387 ҳ). Чун амир разӣ Нуҳ бимурд, ӯро «Разӣ» лақаб карданд.

Абулҳорис Мансур ибни Нуҳ. Ва амири разӣ Нуҳ ибни Мансур мар писари хешро, ки Мансур буд, валиаҳд карда буд. Чун Нуҳ бимурд, Мансур ба ҷойи ӯ биншаст ва ҳанӯз болиғ нашуда буд. Ва вазири ӯ Абулмузаффар Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Барғушӣ буд. Ва дигар корҳо ҳама Фоиқ ҳамеронд. Ал-Қодир Биллоҳ Абулаббос ибни Исҳоқ ибн ал-Муқтадир ба хилофат биншаст ва аҳди Хуросон ба Абулҳорис фиристод. Ва Абумансур Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Узайр мар Абумансур Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн ибни Мутро гуфт: «бо ман[200] … то сипаҳсолории модунуннаҳр ба ту эътимод карда ояд» ва ба Элак низ истиъонат кард. Элак ба ёрӣ додан бо эшон

[200] (ба Бухоро ой?)

биёмад ва ба дари Самарқанд фуруд омад. Ва Абумансур бо андак мардум пеши ӯ бозомад ва ӯро фуруд овард ва то суворонаш фуруд омаданд, бифармуд, то Абумансур ибни Узирро банд карданд. Ва Фоиқро аз Самарқанд бихонд ва бар муқадддима ва бифармуд ӯро, ки ба Бухоро шавад.

Чун амир Абулҳорис ин хабар бишнид ба Омуй рафт. Чун Фоиқ фаро расид, Абулҳорисро маломат кард аз гузоштани мамлакат. Пас Абулҳорис Бектузунро сипаҳсолории Хуросон бидоду бифиристод ва худ сӯйи Бухоро бозгашт ва Фоиқ як манзил пеш омад ва андар Бухоро шуданд.

Ва андар ин вақт амир Маҳмуд ба Нишобур буд ва хабари марги падар шунид. Ва низ шунид, ки бародараш Исмоил ибни Носируддин таракоти падар баргирифт ва вилояти Ғазнин бигирифт. Пас амир Маҳмуд рӯй ба Ғазнин ниҳод ва ба дари Ғазнин бо бародар биёвехту ҳарб кард ва бародарро қаҳр кард ва асир гирифт ва лашкарашро ҳазимат кард ва шаҳри Ғазнинро бигирифт.

Ва Абулқосими Симҷуриро туркон ғалаба карда буданд. Пас Бектузун тамаъ кард ва ба Нишобур омад. Бектузун пеш рафт ва ҳарб кард андар моҳи рабиъу-л-аввали санаи самон ва самонин ва саласмоъа (388 ҳ.) ва Абулқосимро бишикаст ва моли ӯро баргирифт. Ва Абулмузаффари Барғуширо аз вазорат боз карданд ба Бухоро ва Абулқосим ал-Аббос ибн Муҳаммад Бармакиро ба ниёбат биншонданд, то касе падид ояд.

Ва чун Абулқосим кушта шуд, Абулҳусайн ибни Муҳаммад ибни Алӣ ал-Ҳамулиро биншонданд, то касе падид ояд ва аз Абулҳусайн кор пеш нарафт. Пас вазорат ба Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Хуноматӣ[201] бидоданд ва ин Хуномат деҳе аст аз вилояти Бухоро ва вазорат бад-ӯ хатм шуд.

Ва чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, дил аз шуғли Ғазнин фориғ кард, кор бисохт ва рӯй ба Нишобур ниҳод. Бектузун донист, ки бо вай бар наёяд, сӯйи Нисо ва Бовард рафт ва амир Абулҳорис қасди ӯ кард. Бектузун ва Фоиқ яке шуданд ва Абулҳорисро халъ карданд ва мил кашиданд ӯро ба Сарахс, рӯзи чаҳоршанбеи дувоздаҳуми моҳи сафар, санаи тисъ ва самонин ва саласмоъа (389 ҳ.).

Абулфаворис Абдулмалик ибни Нуҳ. Пас Бектузуну Фоиқ ва табақаи ҳашам гирд омаданд ва мар бародари Абулҳорис Абдулмалик ибни Нуҳро биншонданд ва моли байъат аз ӯ бихостанд, бидод. Ва андар ин вақт амир Маҳмуд, раҳмату-л-

[201] Ал-Ҳабофӣ

Лоҳ, ба Марв омад, ба кина хостани Абулҳорис, то ҳарб кунад. Расулон дар миён шуданду сулҳ карданд бар он ки Ҳироту Балх амир Маҳмудро бошад бо ҳамаи амволи он. Ва амир Маҳмуд ду ҳазор динор садақа бидоду бозгашт бар ин сулҳ ва шукр кард, шукр Худойро, аззу ҷалл, ки хуне наюфтод.

Пас андар бозгаштани амир Маҳмуд, ғуломони малик бар бунаи амир Маҳмуд заданд ва он ба таълим ва тазриби Доро ибни Қобус карданд. Амир сипаҳсолор Носириддин, ки бародари амир Маҳмуд буд, раҳмату-л-Лоҳ, бозгашту ҳарб кард. Бектузун ҳазимат шуд. Пас Бектузун ба Бухоро рафт ба ҳоле бад. Ва Фоиқ бимурд андар шаъбони санаи тисъ ва самонин ва саласмоъа (389 ҳ.) ва Бектузун бимонд бо надомати бисёр.

Пас Абулҳасан Элакхон ибни Наср, бародари хон ба дари Бухоро омад ва ба дил ҷуз он дошт, ки ҳаменамуд аз дӯстдории Абдулмалик ибни Нуҳ. Ва фарзандони Нуҳ аз шарри ӯ ҳаметарсиданд, бомдод ба саломи ӯ шуданд. Эшонро фурӯ гирифтанд ва асир кард ва банд карду ба Ӯзганд фиристод ва молҳои эшон баргирифт. Ва муддати эшон ба сар омад ва рӯзгори давлати эшон бигзашт.

Элак андар Бухоро шуд рӯзи душанбеи даҳуми моҳи зу-л-қаъдаи санаи тисъ ва самонин ва саласмоъа (389 ҳ.) ва ба саройи аморат фуруд омад ва Абулфаворис Абдулмалик пинҳон шуд. Фармуд, то ӯро талаб карданд ва биёварданд. Чодар андар сар кашид ва ҳам бар он ҳол боз аз Бухоро ӯро баровардан ва пеши Элак оварданд. Бифармуд, то ӯро банд барниҳоданд ва сӯйи Ӯзганд бурданд ва он ҷо андар ҳабси Элак фармон ёфт, Аллоҳу аъло ва аҷалл.

(БОБИ СЕЗДАҲУМ
АНДАР АХБОРИ ЯМИНУ-Д-ДАВЛА ВА ХОНАДОНИ Ӯ)

Чунин гӯяд гирдоварандаи ин китоб Абусаъид Абдулҳай ибн аз-Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ, ки чун аз ахбор ва таворихи анбиё ва мулуки Калдониён ва мулуки Аҷам ва хулафои ислом ва умарои Хуросон бипардохтем, оғоз кардем ба гуфтани ахбори Ямин-уд-давла, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, бар тариқи иҷоз ва ихтисор, аз он чи аз ҳамаи ахбор, ки хондаем, ҳеч чизро он ҳол набуд, ки ахбори ӯро, ки он чизҳои дигар ба истимоъ шунидаем ва аз кутуб хондаем ва шояд бувад, ки он мусаннифон ва ровиён андар он таснифҳо ва ахбор каму беш оварда ва гуфтаанд аз баҳри таъаҷҷуби суханро ва азиз кардани китобро. Аммо ин

ахбор бештар аз вай он будааст, ки ба раъйулъайни хеш бидидам, ки амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, андар Ҳиндустон чӣ кардааст ва ба Нимрӯзу ба Хуросон ва ба Хоразму ба Ироқ чӣ гуна қалъаҳо гушода аст ва бар чӣ ҷумла биёбонҳову кӯҳҳо ва роҳҳои махуф гузашта аст ва ҳарби он чӣ гуна кардааст ва подшоҳони бузургро чӣ гуна қаҳр карда аст, ки кас он надида аст ва нашунида, ки чунин ҳарбу ҳилат на кори одамиён бошад.

Ва ба хосса инчунин иттифоқе, ки мар ин худованди олам, султони муъаззам изу-д-давла ва зайну-л-милла, сайфуллоҳ, муъиззидиналлоҳ Абумансур Абдуррашид ибни Ямину-д-давла ва Амину-л-милла, Абилқосим Маҳмуд ибни Носириддин ва-д-давла, атоллалоҳ биқуввa ва одома султона ва таббата мулка ва каббата аъдоҳро уфтод, ки бе ҳеч такаллуфе подшоҳӣ ба дасти ӯ омад ва чун қасд кард, дарвақт ба орзу бирасид бе ҳеч мониъе ва муҳлате ва ин чандин ҳазор халқ бе хунрезиш ва бе тамаъе ва бе ранҷе ва бе рӯзгоре ва бе ҳилате ва кайде мутиъ ва мунқоди ӯ гаштанд, ки ҳамеша давлати ӯ собит бод ва рояти ӯ мансур бод ва душмани ӯ мақҳур бод ва дасти ӯ масрур бод ва ҳамаи балоҳо аз соҳати ӯ дур бод.

Пас ман аз ҷумла ахбори давлати ин хонадонро, Одомуллоҳ суботиҳо, он чи хуштар ва аҷабтар бувад, илтиқот кардам ва ин ҷо биёвардам ва ҳарчанд ки битавонистам, мухтасар кардам, ки агар ба шарҳ машғул гаштаме, бисёр омадӣ. Пас аз он ахбор интихоб кардам ва ин ҷо биёвардам, би изни Аллоҳ, таъоло.

Подшоҳии амири аҷалл сайид Ямину-д-давла ва амину-л-милла ва каҳфулислом Абулқосим Маҳмуд ибни Носириддин ва-д-давла Сабуктегин, раҳмату-л-Лоҳи алайҳим. Чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, аз фатҳи Марв фориғ шуд ва амири Хуросон гашт ва ба Балх омад ва ҳанӯз ба Балх буд, ки расули ал-Қодир Биллоҳ аз Бағдод ба наздики ӯ омад бо аҳди Хуросон ва ливо ва хилъати фохир ва тоҷ. Ва Қодир ӯро лақаб ниҳод «Ямину-д-давла ва амину-л-милла Абулқосим Маҳмуд валӣ амиралмуъминин». Пас, чун он аҳду ливо бирасид, амир Маҳмуд бар тахти салтанат нишаст ва хилъат бипӯшид ва тоҷ бар сар ниҳод ва хоссу омро бор бидоданд, андар зу-л-қаъдаи санаи тись ва самонин ва саласмоъа (389 ҳ.).

Пас аз Балх сӯйи Ҳирот рафт андар санаи тисъин ва саласмоъа (390 ҳ.) ва аз он ҷо ба Систон шуд ва Халаф ибни Аҳмадро андар ҳисори Испаҳбад[202] муҳосира кард ва Халаф

[202] Маҳбад

касон андар миён кард ва бо амир Маҳмуд сулҳ кард, ки сад ҳазор динор бидиҳад ва хутба бар вай кунад.

Ва чун аз ин фориғ шуд, сӯйи Ғазнин рафт ва аз Ғазнин сӯйи Ҳиндустон рафт ва бисёр ҳисорҳо бистад. Ва чун аз Ҳиндустон бозомад, хон кас фиристод ва бо ӯ хешӣ пайваст ва мувозиъат ниҳоданд, ки Моваруннаҳр мар хонро бошад ва модунуннаҳр мар амир Маҳмудро. Амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ба Нишобур омад андар салхи ҷумоди-л-аввали санаи аҳадӣ ва тисъин ва салосмоъа (391 ҳ.).

Ва Абуиброҳими Сомонӣ бо амир сипаҳсолор Наср ибни Носириддин, раҳмату-л-Лоҳ, ҳарб кард ва мар амир Насрро ҳазимат кард ва ҳиндубача дастгир шуд. Ва ин рӯз чаҳоршанбе буд охири рабиъу-л-аввали санаи аҳадӣ ва тисъин ва салосмоъа (391 ҳ.).

Ва кори Абуиброҳим ба Нишобур бузург шуд ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, қасди ӯ кард. Абуиброҳим бирафт ва ба Исфароин шуду Кирмон ва аз он ҷо ба Гургон шуд. Пас бори дигар ба Нишобур омад ва амир Наср аз Нишобур ба Бузгон омад. Лашкари Абуиброҳим бар асари ӯ биёмаданд ва амир сипаҳсолор Наср мар эшонро ҳазимат кард. Ва раиси Сарахс мар Абуиброҳимро бихонд, то бо амир Наср ҳарб кунад ва раис ӯро ёрӣ кунад. Ва он ҷо рафтанд ва амир Наср низ он ҷо шуд ва ҳарб карданд. Абуиброҳимро бишикаст ва Тузтош ал-ҳоҷиб ва Абулқосими Симҷурӣ дастгир шуданд. Ва Абуиброҳим сӯйи Бовард рафт ва аз он ҷо сӯйи туркони ғуз. Ва андар миёни ғузон ҳамебуд. Ва туркон азм карданд, то бо вай ба ҳарб раванд. Байғу, меҳтари эшон мусалмон шуд ва бо Абуиброҳим хешӣ кард. Ва бо Абуиброҳим то Куҳак омаданд ва бо Субошӣ тегин ҳарб карданд ва Субошӣ тегинро бишикастанд ва Элак ба Самарқанд омад, ба он ки[203] тохтан бурданд . Ва ҳаждаҳ тан аз сарҳангон бигирифтанд ва ғузону асиронро бурданд. Ва Абуиброҳим навмед гашт ва бо сесад сувор ва чаҳорсад пиёда ба гузаргоҳи Дарғон омад, ба қасди гузаштан аз рӯд, ки ях баста буд. Ва аз пас ба талаби ӯ омаданд ва чун бихостанд гузашт аз рӯд, ях бишикаст ва ҳама фуруд шуданд. Ва Абуиброҳим ба Омӯй диранг кард ва Мириси нақиброро ба наздики амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, фиристод ба расулӣ ва гуфт: «фасоди оли Сомон аз ҷиҳати ман мустақим нагардад магар ба иноятиту, бингар, то чӣ савоб бинӣ, то он кунам». Чун Мириси нақиб бирафт,

[203] Зоҳиран «бар он кӯҳ» аст, ки мурод аз он Кӯҳаки собиқулзикр бошад, дар канори Самарқанд (А.Ҳ.)

Абуиброҳим ба Марв шуд ва чун ба Кушмайҳан аз Абуҷаъфари хоҳарзода ёрӣ хост, иҷобат накард ва ба расул истихфоф кард ва берун омаду бо Абуиброҳим ҳарб кард ва ӯро ҳазимат кард ва ӯ сӯйи Бовард бишуд.

Ва чун Мирис ба наздики амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, расид, ӯро бисёр некуйӣ кард ва карометҳо кард ва бо моли бисёр бозфиристод ва замон кард ба ҳар чи ӯро мурод ояд. Сӯйи Абуҷаъфар нома набишт, то ӯро ҳар чи битавонад, хидмат кунад ва узр хоҳад. Ва Абуиброҳим сӯйи Бухоро рафт ва аз он ҷо сӯйи Суғд шуд.

Ва писари Аламдор, ки сари айёрони Самарқанд буд, бо се ҳазор мард ва[204] пирони Самарқанд ба наздики ӯ омаданд ва хони бузург ба ҳарби ӯ омад. Хонро бишикастанд андар санаи арбаъ ва тисъин ва саласмоъа (394 ҳ.) ва писари Сурхак аз наздики Абуиброҳим бирафт, ба наздики хон шуд ва бо ӯ мутобиъат кард. Пас нома набишт сӯйи Абуиброҳим ва андар он бисёр некуйӣ гуфт ва ӯро замонҳо кард. Ва он ҳама дурӯғ буд, ки бо хон сохта буд. Ва чун хабар ба хон расид, ки Сомонӣ ба ҳазимат шуд, ҳамаи гузарҳои об бигирифт ва касонро ба гузарҳо биншонд. Ва чун Абуиброҳим ин хабар бишнид бигурехт бо ҳашт тан ва ба бунгоҳи писари Баҳиҷ шуд. Аз араб андар биёбони Марв яке бундор буд ва ӯро Моҳрӯй гуфтандӣ, бифармуд, то роҳи Абуиброҳим нигоҳ доштанд ва ӯро бикуштанд андар рабиъу-л-охираи санаи хамс ва тисъин ва саласмоъа (395 ҳ.) ва давлати оли Сомон ба якборагӣ мунқатиъ гашт.

Ва чун амир Маҳмуд хабари куштани Абуиброҳим бишнид, дарвақт мар Арслон Ҷозибро бифристод, то бунгоҳи писари Баҳиҷ ғорат кард ва Моҳрӯй ва писари Баҳиҷро бикуштанд ба зортарин ҳоле.

Ва чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ба Нишобур омад, ғуломон шӯриш карданд ва дарвақт амир Маҳмуд хабар ёфт, ҳазми он бигирифт ва хост, ки эшонро бигирад ва адаб кунад. Эшон битарсиданд ва баъзе гирифтор шуданд ва баъзе бигурехтанд. Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бар асари гурехтагон бирафт ва баъзеро бикушт ва баъзеро асир бигирифт ва баъзе ба наздики Сомонӣ шуданд. Ва андар ин вақт Абулқосими Симҷурӣ низ бигурехт ва ба наздики Сомонӣ шуд.

Ва амир Маҳмуд ба Ҳирот бозомад, панҷуми рамазони санаи аҳадӣ ва тисъин ва саласмоъа (391 ҳ.) ва аз он ҷо ба Ғазнин рафт

[204] буда бошад, ки ҳазор мард аз

ва аз Ғазнин сӯйи Ҳиндустон шуд бо лашкари азим ва ба шаҳри Паршовар фуруд омад бо даҳ ҳазор марди ғозӣ. Ва шоҳи Ҳиндустон Ҷаяпол баробари амир Маҳмуд лашкаргоҳ бизад ва дувоздаҳ ҳазор сувор ва сӣ ҳазор пиёда ва сесад фил ба ҳарб оварда буд. Пас сафҳо бикашиданд ва даст ба ҳарб бурданд. Худой, азз ва ҷалл, мусалмононро нусрат бидод ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, фирӯзӣ ёфт ва Ҷаяпол мақҳур гашт ва кофарон нобуд шуданд. Ва мусалмонон андар он маърака панҷ ҳазор кофарро кушта буданд ва Ҷаяполро асир гирифтанд бо понздаҳ тан аз писару бародари ӯ. Бисёр ғаноим ёфтанд аз молу барда ва сутур.

Ва чунин гӯянд, ки андар гардани Ҷаяпол қалодае буд мурассаъ ба ҷавоҳир. Аҳли басар онро саду ҳаштод ҳазор динор қимат карданд ва андар гарданҳои дигар сарҳангони ҳинд ва ҳамчунин иқлидҳо ёфтанд қиматӣ. Ва ин фатҳ рӯзи шанбе буд, ҳаштуми муҳаррами санаи салас ва тисъин ва саласмоъа (393 ҳ.). Ва аз он ҷо ба Вайҳанд рафт. Ва он вилояти бисёр бигшод ва чун баҳор рӯй бинамуд, раҳмату-л-Лоҳ, ба Ғазнин бозомад.

Ва андар муҳаррами санаи салас ва тисъин ва саласмоъоа (393 ҳ.) ба Систон рафт. Ва Халаф ибни Аҳмад андар ҳисори Тоқ шуд, ки он қалъате муҳкам буд. Ва амир Маҳмуд ба ҳарб биистод ва чун рӯзгор ҳамешуд, бифармуд, то пилон дари бораи ҳисори Тоқ бияфганданд. Халаф битарсид ва зинҳор хосту берун омад ва ҳамаи калиди ганҷҳо пеши амир Маҳмуд ниҳод. Ва амир Маҳмуд ӯро лутф кард ва неку гуфт ва аз вай пурсид, ки «куҷо хоҳӣ, то фиристамат». Халаф гуфт: «Ба Гузгонон». Ӯро он ҷо фиристод. Ва марги амир Халаф ба Деҳак буд.

Ва чун амир Маҳмуд ба Ғазнин бозомад, қасди Баҳотия кард ва аз роҳи Волишстон[205] ҳисор бигзошт ва ба Баҳотия расид ва он ҷо се рӯз ҳарб кард. Ва Бачиров – роҷаи Баҳотия лашкар сохт ва пеши ҳарби амир Маҳмуд фиристод ва худ бо тане чанд бар соҳили оби Синд бирафт. Ва чун амир Маҳмуд хабар ёфт, суворе чанд бар асари ӯ фиристод, то андар ӯ расиданд ва он ҳама қавм, ки бо вай буд, бигирифтанд. Чун Бачиров он ҳол бидид, кинора бикашид ва хештанро бикушт. Эшон сари ӯ бардоштанд ва он ҳама қавми ӯро дастгир карданд ва пеши амир Маҳмуд оварданд. Бисёр шодӣ кард ва бифармуд, то шамшер андар куффор ниҳоданд ва бисёр бикуштанд ва дувисту ҳаштод фил бигирифтанд. Ва чун амир Маҳмуд аз Баҳотия бозгашт, хабар расид, ки мардумони Систон осӣ шуданд. Рӯй сӯйи Систон кард

[205] Долшон

ва чун он ҷо расид, ҳамаи пешравони сагзиён андар ҳисори Ӯг шуданд. Ва амир Маҳмуд як рӯз ҳарб кард, меҳтари эшонро бигирифт, ҳамаи сагзиён ба тоат омаданд ва ӯ сӯйи Ғазнин бозгашт бо зафару фирӯзӣ.

Ва аз Ғазнин қасди Мултон кард ва андеша кард, чун ба роҳи рост равад, мабодо Довуди Насрро, ки амири Мултон буд, хабар бошад ва ҳазми он бигирад, ба роҳи мухолиф рафт. Ва Анандапол ибни Ҷаяпол ба роҳ буд ва амир Маҳмудро роҳ надод. Пас амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, дасти лашкар мутлақ кард, то андар вилояти Анандапол уфтоданд ва ҳамегирифтанду куштанд ва ғорат карданд. Ва Анандапол бигурехт ва андар кӯҳҳои Кашмир рафт. Ва амир Маҳмуд ба роҳи Ҳиндустон ба Мултон расид ва ҳафт рӯз он шаҳрро ҳисор кард, то мардумон дар миён омаданд ва сулҳ карданд, ки ҳар сол бист бор ҳазор ҳазор дирам бидиҳад аз вилояти Мултон ва бар ин қарор уфтод ва амир Маҳмуд бозгашт. Ва ин андар санаи ситт ва тисъин ва саласмоъа (396 ҳ.) буд.

Пас хабар расид амир Маҳмудро, ки туркон аз об гузора шуданд ва ба Хуросон омаданд ва бипарогандand. Пас ба таъҷил аз Мултон ба Ғазнин омад ба аҳде наздик. Ва Субошӣ тегини турк ба Ҳирот омада буд ва муставлӣ гашта ва хайлеро ба Нишобур фиристода буд, то он ноҳиятро забт кунад. Ва Арслон Ҷозиб, гумоштаи амир Маҳмуд аз Нишобур бозгашта буд. Ва ҳанӯз туркон қарор нагирифта буданд, ки хабар омад амир Маҳмуд аз Ҳиндустон бозомад ва ба Балх рафт. Касҳои хон бирафтанд, ки ба наздики хон шаванд. Роҳҳои эшонро гумоштагони амир Маҳмуд гирифта буданд. Туркон мутаҳайир монданд ва ба навоҳии Марврӯд ва Сарахсу Нисо ва Бовард ҳамегаштанд ва Арслон Ҷозиб аз паси эшон ҳамешуд шаҳр ба шаҳр ва он чи ба даст омаданд, ҳамегирифту ҳамекушт. Ва амир Маҳмуд мар Алтунтош ал-ҳоҷибро ба мадади ӯ фиристод. Пас туркон ҳилат карданд ва баъзе ба гузаргоҳ бишуданд ва гурӯҳе мухотира карданд ва аз Ҷайҳун бигузаштанд ва бештар аз эшон ҳалок шуданд ва модунуннаҳр аз эшон холӣ холӣ шуд. Ва амир Маҳмуд хабар ёфт, ки лахте аз эшон бар кинораи рӯд шудаанд, ба Марв бихоҳанд гашт. Дабдабаи тохтан ва ойина бизаданд. Туркон, ки монда буданд, чун он бонг бишниданд, хештанро андар об андохтанд аз бим ва ғарқ шуданд ва ғозӣ охурсолор он ҷо кушта шуд андар… ки ҳарб кард ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, қасди ҳарби эшон кард. Чун сипоҳи ӯ аз тохтан ранҷа шуда буданд, андешид, ки агар баровезанд, туркони хонро бизананд ва бошад, ки ин зафару фирӯзиро чашм расад.

Ва чун Субошӣ тегин ба наздики Элак расид, Субошӣ тегинро маломат кард бисёр. Сарҳангон гуфтанд, ки бо он филон ва силоҳу олат ва мардон ҳеч кас муқовамат натавонад кард. Пас аз он Элак ба ҳамаи Мовароуннаҳр кас фиристод ва лашкар хост, то чиҳил ҳазор сувор гирд омад ва Элак бо он лашкар аз рӯд бигзашт ва ба Балх омад. Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, он ҷо рафт ва ба дашти Катар ҳарб карданд. Ва чун лашкарҳо саф кашиданд, амир Маҳмуд ду ракъат намоз гузорд ва аз Худой, азз ва ҷалл, фирӯзӣ хост ва пас рӯй ба ҳарб оварда. Ва бифармуд, то ҷумла филонро барангехтанд ва ҳамла бурданд. Андар соат туркон ҳазимат шуданд ва лашкари амир Маҳмуд бисёр аз эшон бикуштанд ва бисёре дастгир карданд ва он чи бигурехтанд, дар об ғарқ шуданд ва аспу силоҳи эшон бистаданд. Ва ин фатҳ ба рӯзи якшанбе буд, бисту дувуми моҳи рабиъу-л-охираи санаи самон ва тисъин ва салосмоъа (398 ҳ).

Ва чун амир Маҳмуд аз ин ҳарб фориғ шуд, хабар расид, ки Шукпол, набасаи шоҳ, ки ба Нишобур ба дасти Абуалии Симҷурӣ асир уфтода буд ва мусалмон шуда, андар ин вақт муртад шуд. Пас амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бар вай тохтан оварда ва ӯро бигирифт андар кӯҳҳои Кашнур. Ва Шакпол чаҳорсад ҳазор дирам бипазируфт. Амир Маҳмуд, онро ба Тегини хозин бахшид ва ӯро ба ҳабс кард, то марг андар он ҳабс буд.

Ва аз он ҷо сӯйи Ҳиндустон рафт андар санаи тисъ ва тисъин ва саласмоъа (399 ҳ.) ва бо Анандапол ҳарб кард ва Анандаполро ҳазимат кард ва сӣ фил бигирифт ва бисёр ғаноим ёфт. Ва бо лашкар аз он ҷо ба қалъаи Баҳимнагар шуд ва он қалъаро ҳисор кард ва се рӯз ҳарб кард, то аҳли қалъа ба зинҳор омаданд ва дар боз карданд. Амир Маҳмуд бо тане аз хоссагони хеш андар қалъа шуданд ва он хазинаҳои зарру симу алмос ва ҳар чизе, ки аз рӯзгори Баҳим бонду ниҳода буданд, баргирифт ва чандон мол ёфт андар қалъа, ки ҳадду қиёси он падид набуд. Ва аз он ҷо ба Ғазнин омад ва тахти зарину симин бар дари кӯшк бинҳод ва он мол ба саҳро бифармуд, то бирехтанд, чунонки ҳамаи ҳашам ва раият бидиданд ва ин андар санаи арбаъмоъа (400 ҳ.) буд.

Ва чун санаи аҳадӣ ва арбаъмоъа (401 ҳ.) андар омад, аз Ғазнин қасди Мултон кард ва он ҷо рафт ва боқӣ, ки аз вилояти Мултон монда буд, ба тамомӣ гирифт ва қаромита, ки он ҷо буданд, бештар аз эшон бигирифт ва баъзеро бикушт ва баъзеро даст бибурид ва накол кард ва баъзеро ба қалъаҳо боздошт, то ҳам андар он ҷойҳо бимурданд. Ва андар ин сол Довуд ибни

Насрро бигирифт ва ба Ғазнин овард ва аз он ҷо ба қалъаи Ғӯрак фиристод ва то марг андар он қалъа дошта буд.

Ва чунин хабар оварданд амир Маҳмудро, ки Тонисар ҷойи бузург аст ва бутони бисёр андар он. Ва ин Тонисар ба наздики ҳиндувон ҳамчунон аст, ки Макка ба наздики мусалмонон ва сахт бузург доранд ҳиндувон он буқъатро ва андар он шаҳр бутхонаи сахт куҳан аст ва андар он бутхона буте аст, ки онро Ҷакарасвам гӯянд. Ва чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ин хабарро бишнид, рағбаташ уфтод, ки бишавад ва он вилоятро бигирад ва он бутхонаро вайрон кунад ва музде ҷазил хештанро ҳосил кунад. Ва андар санаи аснӣ арбаъмоъа (402 ҳ.) аз Ғазнин бирафт ва қасди Тонисар кард.

Ва чун Тируҷанпол[206] шоҳи Ҳиндустон хабар ёфт, тофта гашт ва расул фиристод сӯйи амир Маҳмуд, ки «агар ин азмро бияфганӣ ва сӯйи Тонисар нашавӣ, панҷоҳ фили хиёра бидиҳам». Амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бад-он сухан илтифот накард ва бирафт. Ба Дираи Ром расид. Мардумони Ром бар роҳ омаданд ва андар анбӯҳии беша ва андар камингоҳҳо бинишастанд ва бисёр мусалмононро табоҳ карданд. Ва чун ба шаҳр расид, шаҳр холӣ карда буданд. Он чи ёфтанд, ғорат карданд ва бутони бисёр бишкастанд ва он бути Ҷакрасвамро ба Ғазнин оварданд ва бар даргоҳ биниҳоданд ва халқи бисёр гирд омад ба наззораи он.

Ва андар санаи салас ва арбаъмоъа (403 ҳ.) Ғарчистонро бигшод ва шор, шоҳи Ғарчистонро биёварду банд кард ва ба шаҳри Мастанг фиристод. Ва чун санаи салас ва арбаъмоъа (403 ҳ.) ба охир расид, Абулфаворис ибни Баҳоуддавла аз Кирмон ба Буст, ба наздики амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, омад, ба зинҳор аз бародари хеш Абушуҷоъ ва се моҳ ба Ғазнин буд. Ва амир Маҳмуд дар ин маънӣ номаҳо набишт ва танбиҳ намуд, то миёни эшон сулҳ уфтод ва бародари ӯ замон кард низ, ки бо ӯ дигар лаҷоҷ ва таъассуб накунад. Пас Абулфаворис бозгашт ва ба Кирмон рафт ва ба сари вилояти хеш биншаст андар иманӣ ва роҳат.

Ва ҳам андар ин сол сафири азизи Миср омад, ки ӯро Тоҳаритӣ[207] гуфтандӣ ва чун наздики Хуросон расид, фуқаҳо ва аҳли илм гуфтанд, ки ин расул ба даъвати азизи Миср ҳамеояд ва бар мазҳаби ботиниён аст. Чун амир Маҳмуд ин хабар бишнид низ мар он расулро пеши хеш нагузошт ва бифармуд, то ӯро ба

[206] Бируҷипол
[207-208] Таҳоратӣ

Ҳасан ибни Тоҳир ибни Муслим ал-алавӣ супурданд ва Ҳасан Тоҳаритиро[208] ба дасти хеш гардан бизад ба шаҳри Буст.

Ва андар санаи арбаъ ва арбаъмоъа (404 ҳ.) қасди қалъаи Нандана кард бо лашкар ва чун Таруҷинпол, шоҳи Ҳиндустон хабар ёфт, мардони корӣ бар он бигумошт, то он қалъаро нигоҳ дорад ва худро сӯйи дараи Кашмир кашид ва бирафт ва лашкари амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ба Нандана ҷой бигирифтанд ва ҳаффорон сумҷ ҳамебуриданд ва туркон тир бар сари девор ҳамеандохтанд. Ва чун аҳли ҳисор ончунон ҳарб бидиданд, дарвақт зинҳор хостанд ва ҳисор бидоданд. Ва амир Маҳмуд бо тане чанд аз хоссагони ӯ дар ҳисор рафтанд ва молеву силоҳе, ки буд бардоштанд ва амир Маҳмуд мар Сориғро ба кӯтволии он қалъа бигумошт ва аз он ҷо рӯй сӯйи дараи Кашмир ниҳод, ки Таруҷинпол он ҷо буд. Ва чун Таруҷинпол хабар ёфт, аз он ҷо низ бигурехт. Ва амир Маҳмуд фармон бидод, то он ки андар он қалъаҳо, ки андар дараи Кашмир буд, ҳама бигирифтанд ва ғорат карданд ва лашкар аз он қалъаҳо бисёр ғаноим ва барда ёфт ва бисёр кофарон ба ислом омаданд. Ва андар ин сол фармуд, ҳар ҷой, ки гушода буд аз диёри куффор, масҷидҳои ҷомиъ сохтанд ва устодонро фармуд, то ба ҳар ҷой бифиристоданд, то мар ҳиндувонро шароити ислом биёмухтанд. Ва худ бо зафару фирӯзӣ сӯйи Ғазнин омад ва ин фатҳи Нандана андар санаи хамс ва арбаъмоъа (405 ҳ.) буд.

Чун санаи ситт ва арбаъмоъа (406 ҳ.) андар омад, қасди Кашмир кард ва аз Ғазнин рӯй бар он ҷониб ниҳод. Чун ба дараи Кашмир расид, ҳаво сард шуд ва зимистон андар омад ва андар дараи Кашмир ҳисоре буд бас ҳасин ва муҳкам ва андар ӯ обу мардуми анбӯҳ ва он ҳисорро Лавҳакут хонанд, яъне ҳисори оҳанин. Пеши он ҳисор лашкарро фуруд овард ва ҷанг бипайваст ва чанд гоҳ андар он буд. Ва чун ваҷҳа гирифт, ки он ҳисор ситада шавад, сармои сахт андар омад ва барф омадан гирифт ва ҷаҳон яхбанд шуд, чунонки низ даст аз сармо кор накард. Ва аз роҳи кӯҳҳои Кашмир мар он аҳли ҳисорро мадад расид аз Кашмир ва қувват ёфтанд. Чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ҳол бар он ҷумла бидид, андеша кард, ки набояд, ки бар сипоҳи вай ҳилате равад ва аз он қалъа бозгашт ва ба саҳро берун омад аз он кӯҳу дараҳо. Чун вақти баҳор омад, ба Ғазнин бозомад.

Ва ҳам андар санаи ситт ва арбаъмоъа (406 ҳ.) номаи Абулаббос ал-Маъмун ибн ал-Маъмун Хоразмшоҳ расид аз

Хоразм. Хоҳари Ямину-д-давларо бихост ва амир Маҳмуд иҷобат кард ва хоҳари хеш бад-ӯ дод. Сӯйи Хоразм бибурдандаш. Пас андар санаи сабъ ва арбаъмоъа (407 ҳ.) қавме аз фузулиён ва авбош ба Хоразм гирд омаданд ва шӯриш карданд ва андар миён мар Хоразмшоҳро бикуштанд, ки домоди Ямину-д-давла буд, раҳмату-л-Лоҳ. Ва хабар ба амир Ямину-д-давла расид. Аз Ғазнин сӯйи Балх рафт ва аз он ҷо қасди Хоразм кард ва чун ба Ҷакарбанд[209] расид, ки сарҳадди Хоразм аст, лашкарро таъбия ва мар Муҳаммад ибни Иброҳим ат-Тойиро ба муқаддамаи сипаҳ бифиристод. Ва Муҳаммад ат-Тойӣ ба ҷойе фуруд омад бо ҳамаи хайли хеш ва чун бомдод буд, мусалмонон ба намоз ва обдаст машғул гаштанд. Пас Хумортош, солори хоразмиён бо лашкари анбуҳ аз биёбон баромад ва бар эшон кӯфт ва қавмеро аз хайли Муҳаммад ал-Тойӣ бикушт.

Ва чун ин хабар ба амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бирасид, тангдил шуд ва қавме аз ғуломони саройро бифиристод, то бар асари Хумортош бирафтанд ва он ҳама лашкари ӯро торумор карданд ва Хумортошро дастгир карданду биёварданд ва куштаву хастаро қиёс набуд. Ва чун ба Ҳазорасп расиданд, лашкари Хоразм бо таъбияи ҳарчи тамотар, ҳама бо силоҳҳои тамом ороставу сохта, пеши лашкари Ямину-д-давла омаданд ва сафҳо бикашиданд ва майманаву майсара ва қалбу ҷиноҳ рост карданд ва ҳарб пайвастанд. Ва бас рӯзгоре нашуд, ки лашкари хоразмиён ҳазимат шуданд ва Алптегини Бухорӣ, ки сипаҳсолори хоразмиён буд дастгир шуд ва сипоҳи Ямину-д-давла рӯй ба Хоразм ниҳоданд ва шаҳри Хоразмро бигирифтанд.

Аввал коре он кард Ямину-д-давла, ки бифармуд, то ҳамаи муҷримонро чун Алптегини Бухорӣ[210] ва ғайра бигирифтанд ва пеши ӯ оварданд. Пас бифармуд, то мукофоти ҳар як бикарданд; аҳли қасосро ба қасос бирасониданд ва баъзеро бимолиданду адаб кардан ва баъзеро банд ниҳоданду боздоштанд.

Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, мар ҳоҷиби бузурги хеш, Алтунтошро ба хоразмшоҳӣ номзад кард ва Хоразму Гургонҷро бад-ӯ бидод ва ӯро то охири аҳди хеш хоразмшоҳ кард ва андар тоату бандагии амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ ва хонадон ӯ буд. Ва фатҳи Хоразм панҷуми сафари санаи самон ва арбаъмоъа (408 ҳ.) буд.

Ва аз он ҷо бозгашт ва ба Балх омад. Чанд вақт он ҷо муқом кард. Ва мар амир Масъудро, раҳмату-л-Лоҳ, ба Балх хонданд ва

[209] Ҷаъфарбанд
[210] Чун Абулаббос

чун пеши падар омад, ӯро некуйӣ гуфт ва вилояти Хирот бад-ӯ бидод ва ӯро сӯйи Ҳирот гусел кард. Ва мар Абусаҳл Муҳаммад ибн ал-Ҳусайн ал-Завзаниро кадхудойии ӯ бидод ва бо ӯ ба Ҳирот бифиристод. Ва вилояти Гузгонон мар амир Муҳаммадро, раҳмату-л-Лоҳ бидод ва ӯро ҳамчунон хилъат бидод ва некӯйӣ гуфт ва сӯйи Гузгонон гусел кард ва Абубакри Қуҳастониро бо ӯ бифиристод.

Ва чун санаи тисъ ва арбаъмоъа (409 ҳ.) андар омад, амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, рой зад, ки сӯйи Қаннавҷ равад ва он вилояте бувад бисёр ободон ва тавонгари кофир андар он бисёр. Пас аз ҳафт оби мухотира бигузашт. Чун ба сарҳадди Қаннавҷ расид, Бакура номе, ки амири сарҳадд буд, расул фиристод, тоат намуд ва амон хост. Ӯро зинҳор бидод. Ва аз он ҷо ба қалъаи Барна[211] ва амири он қалъа Ҳардат буд, бигурехт ва қавми хешро бигузошт ва қавми Ҳардат қалъа ҳисор карданд. Чун сипоҳи ислом андар расиданд ва аҳли ҳисор олату уҳубати эшон бидиданд, касон андар миён карданд ва ҳазор бор ҳазор дирам ва сӣ пил бидоданд ва хештанро бозхариданд.

Ва аз он ҷо ба қалъаи Маҳован шуданд ва амири он қалъа Калчандар буд ва ин қалъа дар кинори оби Ҷаун буд. Ва чун Калчандар хабари омадани амир Ямину-д-давла бишунид, бар пиле нишаст, ки беҳтарини ҳамаи пилони ӯ буд ва хост, ки аз об гузора шавад. Амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, хабар ёфт, бифармуд, то роҳҳо бигирифтанд. Чун Калчандар хабар ёфт, катора бизад ва хештанро бикушт. Ва сипоҳи Ямину-д-давла андар ҳисор уфтоданд ва саду ҳаштоду панҷ пили хиёра бигирифтанд ва чандон моли ғанимат ёфтанд, ки онро қиёсе набуд. Ва аз он ҷо сӯйи қалъаи Мотура шуд, ки шаҳре бузург аст ва буткадаи ҳиндувон аст. Ва чунин гӯянд, ки муваллиди Каш ибни Босидев, ки ҳиндувон ӯро пайғамбари худ гӯянд, бад-ин Мотура будааст. Ва чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бад-ин вилояти Мотура расид, ҳеч кас ба ҳарб пеши ӯ наёмад. Бифармуд, то лашкар андар он вилоят уфтоданд ва ҳар ҷой, ки буткада буд, ҳамеканданду ҳамесӯхтанд ва моли он вилоят ба тороҷ ҳамебурданд. Ва амир Маҳмуд аз он бутхонаҳо ва хазоини он чандон мол ёфт, ки андозаи он падид набуд. Ва як пора ёқути киҳлӣ ёфт ба вазни чаҳорсаду панҷоҳ мисқол ва ҳаргиз ҳеч чунин гавҳар надида буд. Ва бутоне, ки аз зару сим буданд, беҳадду андоза буд. Як бути заринро амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, фармуд, то бишикастанд ва бисанҷиданд, наваду ҳашт ҳазору

[211] Тарна

сесад мисқол зари пухта буд. Ва монанди ин молу ҷавоҳир бисёр ба ҳосил шуд аз он ҷо. Ва ин фатҳ андар ҳаштуми шаъбон буд, санаи тисъ ва арбаъмоъа (409 ҳ.).

Ва чун ройи Қаннавҷро ба даст оварданд, зуд аз он ҷо бозгашт. Ва андар роҳи Қаннавҷ, ки сӯйи Ғазнин ҳамеомад, хазинаи Чандрой пеши ӯ омад бо моле азим. Ва филе буд ин Чандройро номдор, чунонки ба ҳамаи Ҳиндустон бад-ӯ масал заданд ва амир Ямину-д-давла номи он фил шунида буд ва қасд карда, ки он филро бибояд харид ба ҳар моле, ки тамаъ дорад ва агар панҷоҳ фил хоҳад бадалаи он як фил бидиҳад. Ва иттифоқи некро, ин фил андар роҳ аз пеши Чандрой бигурехт ва бе пилбон ҳамеомад, то саропардаи Ямину-д-давла. Ва чун амир Маҳмуд онро бидид, Эзад, таъолоро шукр кард ва он филро «Худобидод» ном ниҳод ва аз он ҷо бо фатҳу нусрат ва ғаноими бисёр рӯй сӯйи Ғазнин ниҳод.

Ва чунин гӯянд сиқот, ки он сол шумор карданд, ғаноими сафари Қаннавҷро, ки амир Ямину-д-давла оварда буд, бисту анд бор ҳазор ҳазор дирам ва панҷоҳу се ҳазор барда ва сесаду панҷоҳу анд фил буд.

Ва чун тирмоҳ андар омад, андар санаи ашр ва арбаъмоъа (410 ҳ.), амир Ямин-уд-давла, раҳмату-л-Лоҳ, қасди Нандо кард, ки ӯ мар Роҷпол, амири Қаннавҷро кушта буд. Ва накуҳиш кард, ки чаро аз пеши сипоҳи маҳмудӣ ҳазимат шудӣ ва мар Таруҷинполро пазируфта буд, ки ӯро нусрат кунад ва лашкар ба вилояти хеш бозрасонад. Ва чун хабари омадани амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бад-он диёр расид, Таруҷинпол аз Ганг гузора омад, сӯйи Борӣ омад. Ва амир Ямину-д-давла аз об гузора шуд ва он ҳама лашкарҳоро барҳам зад ва Таруҷинпол бо ҳиндуе чанд бигурехт ва низ пеши амир Маҳмуд наёманд.

Пас қасди шаҳри Борӣ карданд ва шаҳр аз мардум холӣ ёфтанд. Ҳамаи бутхонаҳоро бисӯхтанд ва он чи ёфтанд, ғорат карданд. Ва аз он ҷо лашкар сӯйи вилояти Нандо кашид ва аз чанд оби бузург гузора шуд. Ва Нандо хабари омадани сипоҳи ислом ёфта буд, мар ҳарбро муҳайё гашта ва лашкари бисёр ба наздики хеш ҷамъ карда. Ва чунин гӯянд, ки андар лашкари ӯ сиву шаш ҳазор сувор буд ва чаҳорсаду панҷ ҳазор пиёда ва шашсаду чиҳил фил ва ҳам андар қиёси ин сипоҳ силоҳу хазина ва алаф. Ва амир Маҳмуд чун ба наздики ӯ расид, лашкарро ба таъбия фуруд оварда ва майманаву майсара ва қалбу ҷиноҳин ва муқаддамаву соқа бисохт ва талоя бифиристод ва фуруд омад ба ҳазму эҳтиёт. Пас расул фиристод сӯйи Нандо. Ӯро панд бидод ва ваъид намуд ва бедор кард ва пайғомҳо бидод ба иъзору

инзор, ки «мусалмон шав ва аз ин ҳама ҳарбу ранҷ ва зиён иман бош». Нандо ҷавоб бидод, ки «маро бо ту ҷуз ҳарб коре нахоҳад буд».

Ва чунин шунидам аз баъзе сиқот, ки амир Ямину-д-давла, раҳмату-л-Лоҳ, он рӯз бар болое шуд ба назораи сипоҳи Нандо ва нигоҳ кард, як ҷаҳон хаймаву харпушта ва саропарда дид ва сувору пиёдаву фил. Пашемонигуна андар дили ӯ омад. Пас истиъонат хост аз Эзад, таъоло, то ӯро зафар диҳад ва чун шаб андар омад, Эзад, таъоло, раъабе ва фазаъе андар дили Нандо афганд ва лашкар бардошту бигурехт. Ва рӯзи дигар амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, расул фиристод. Чун расул ба лашкаргоҳи Нандо омад, дайёр надид. Ҳама олат бар ҷой гузошта ва мардум рафта ва сутуру фил бибурда. Расул бозомад ва амир Маҳмудро хабар бидод. Бифармуд, то камингоҳҳо биҷустанд ва пайи лашкар нигоҳ карданд, ҳама рафта буданд. Амир Ямину-д-давла Худойро, азз ва ҷалл, шукр кард ва бифармуд, то лашкаргоҳи Нандоро ғорат карданд ва моли бисёр аз ҳар ҷинс ғорат шуд ва аз он ҷо сӯйи Ғазнин бозгашт бо зафару фирӯзӣ. Ва андар роҳ бешае пеш омад, лашкар андар беша шуданд. Понсаду ҳаштод фили Нандоро андар он беша ёфтанд, ҳамаро бironданд ва ба лашкаргоҳ оварданд.

Пас хабар оварданд амир Ямину-д-давларо, ки ду дара аст, якеро Қирот гӯянд, дудигарро Нур[212] ва ҷойҳои муҳкам аст ва мардуми он кофару бутпараст. Ва Ямину-д-давла қасди он дараҳо кард бо сипоҳи хеш. Бифармуд, то коргарони анбӯҳ аз оҳангарону дурудгарон ва сангшикан бо лашкар бирафтанд, то роҳҳоро ҳамеперостанд ва дарахтон ҳамебуриданд ва санг ҳамешикастанд. Ва чун он ҷо расиданд, аввал қасди Қирот карданд. Ва Қирот ҷойи муназзаҳ аст ва мардумонаш шедпараст ва ҳавои он сардсер ва мева фаровон. Ва чун шоҳи Қирот хабар ёфт, пеш омаду тоат намуд ва зинҳор хост. Амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ӯро пазируфт ва некуйӣ кард ба ҷойи ӯ ва шоҳи Қирот мусалмон шуд ва бисёр мардум аз Қирот мусалмон шуданд ба табаъияти он шоҳ ва устодонро бипазируфтанд ва оғозиданд шароит омӯхтан ва шариъатро варзидан.

Аммо мардумони Нур тамарруд карданд. Пас амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд мар ҳоҷиб Алӣ ибни Эларслон ал-Қарибро то ба Нур шуд ва онро фатҳ кард ва қалъа бино кард ва мар Алӣ ибни Қадар Роҳукро кутволии он қалъа бидод. Ва бифармуд, то ба унфу икроҳ ва ба шамшер ислом андар гардани

[212] Марб ва Бур

эшон кард ва эшон тобиъан ав макруҳан он бипазируфтанд ва ислом андар он диёр ошкоро шуд. Ва ин фатҳи Нур ва Қирот андар санаи аҳадӣ ашр ва арбаъмоъа (411 ҳ.) буд.

Ва чун санаи аснӣ ашр ва арбаъмоъа (412 ҳ.) андар омад, қасди Кашмир кард ва ҳисори Луҳаркутро андар печид ва як моҳ он ҷо муқом кард ва аз он ки он қалъа бисёр маниъ ва муҳкам буд, натавонист гушод. Ва андар ин сол амир Наср ибни Носириддин, раҳмату-л-Лоҳ, фармон ёфта буд ва амир Юсуф ибни Носириддин, раҳмату-л-Лоҳ, бо Ямину-д-давла рафта буд. Ва чун қалъаи Луҳаркут гушодан мумкин нагашт, аз он дара берун омад ва бар ҷониби Луҳур ва Токишар бирафт ва лашкар пароганд, то андар он кӯҳпояҳо ҳаме ғазв карданд. Ва чун баҳор омад, рӯй сӯйи Ғазнин ниҳод.

Ва чун санаи салас ашр ва арбаъмоъа (413 ҳ.) андар омад, амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, қасди вилояти Нандо кард. Ва чун ба қалъати Гуволиёр расид, он қалъаро андар печид ва ҳисор кард ва лашкарро фармуд, то ҳама ҳаволии он бигирифтанд. Ва аз он ки қалъа бас маниъу муҳкам буд ва бар санги хора ниҳода буд ва аз маниъӣ, ки буд, ҳаффор ва тирандозро бар он даст набуд ва мумкин нагашт ҳамеситадани он ҳисор, амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, чаҳор шаборӯз андар он бимонд.

Пас солори ҳисор кас фиристоду сулҳ ҷуст ва сию панҷ фил бидод, то лашкари Ямину-д-давла аз он ҷо бозгаштанд ва сӯйи Коланҷар рафтанд, ки қалъаи Нандо буд ва Нандо андар он қалъа буд бо ҳамаи ҳашаму ҳошия ва хешон. Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то ҳама гирдогирди қалъа лашкари ӯ фуруд омаданд. Ва тадбирҳо ҳамекард, аз он ки ин қалъа бар ҷойи сахт баланд ва маниъ буд, чунонки ҳилатро ва мардиро бад-ӯ роҳ набуд ва низ бинои ҳисор бар санги хора буд, ки ҳафр кардан ва буриданро вақҳ набуд ва тадбир дигар даст надод, фуруд нишаст ва чанд рӯз бимонд бар он ҷо. Чун Нандо нигоҳ кард ва он лашкари анбӯҳ бидид, ки ҳама роҳҳо бигирифта буданд, пас расулон андар миён кард, то андар маънии сулҳ сухан гуфтанд ва бар он ниҳоданд, ки Нандо ҷизя бидиҳад ва андар оҷил ҳадя бар расм бифиристад ва сесад фили хиёра бидиҳад. Ва Нандо бад-ин сулҳ шодмона гашт ва дарвақт сесад филро бифармуд, то бе филбонон аз қалъат берун ронданд. Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то туркон ва лашкариён андар уфтоданд ва он филонро бигирифтанд ва барнишастанд. Ва аҳли ҳисор наззора ҳамекарданд, сахт аҷаб доштанд аз далерии эшон.

Пас Нандо шеъре гуфт амир Маҳмудро ба луғати ҳиндувӣ ва ба наздики ӯ фиристод. Амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, фармуд, то он шеърро бар ҳамаи шуъарои ҳиндувон ва порсиён ва тозиён арза карданд. Ҳама биписандиданд ва гуфтанд, сухан аз ин балиғтар ва баландтар натавон гуфт ва амир Маҳмуд бад-он ифтихор кард ва фармуд, то маншуре набиштанд Нандоро ба аморати понздаҳ қалъа ва ба наздики ӯ фиристоданд. Гуфт: «Ин силлати он шеър аст, ки аз баҳри мо гуфтӣ». Ва бо он бисёр чиз фиристод аз зароиф ва ҷавоҳир ва хилъатҳо. Ва Нандо ҳамчунон бисёр молу ҷавоҳир фиристод. Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бо фатҳу зафар аз он ҷо бозгашт ва ба Ғазнин омад.

Ва андар санаи арбаъ ашр ва арбаъмоъа (414 ҳ.) бифармуд, то лашкарро таъбия карданд, панҷоҳу чаҳор ҳазор сувор омад. Ба дашти Шобҳор ба арзагоҳ ҳозир омаданд, берун аз сувороне, ки ба атрофи мамлакат буданд ва шаҳнагони навоҳӣ буданд. Ва ҳазору сесад фил бо баргустувону олати тамом ба шумор омад, ки андар ин таъбия омада буд. Ва сутурро аз уштуру асп худ қиёс набуд.

Ва чун санаи хамс ашр ва арбаъмоъа (415 ҳ.) андар омад, амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, қасди Балх кард, ки он ҷо шавад ва зимистон бибошад. Ва чун ба Балх расид, ба ҳар вақт мутазаллимони Алӣ Тегин аз ҷониби Моваруннаҳр ба наздики вай ҳамеомаданд ва аз Алитегин тазаллум ҳамекарданд, ки норавоиҳои бисёр мекунад ва мардумонро ҳаме ба дард дорад ва бар раъоё ва аҳли салоҳ аз вай ранҷ аст. Ва чун тазаллум бисёр шуд, амир Маҳмуд қасд кард, ки он ҳисбат бикунад ва он мусалмононро аз он ранҷу балоҳо бираҳонад. Ва низ орзуаш буд, ки аз Ҷайҳун гузора шавад ва он диёрро мутолиъа кунад ва андар он тадбир истоду гуфт: «Агар ба каштӣ бигзарем, бошад ки халале уфтад» Ва чанд гоҳ андар он буд, то олати он бисохтанд ва он чунон буд, ки бифармуд, то занҷирҳои сатир сохтанд, нару мода, ҳар яке миқдори араш ва се араш ва ҳама занҷирҳоро андар чарми гов гирифт ва каштиҳо биёварданд ва андар арзи Ҷайҳун бар якдигар бибастанд бад-он занҷирҳои нару мода ва бар қаринҳое, ки андар каштиҳо таркиб карда буданд ва аз Систон лифҳои қавӣ оварда буданд, чунонки ҳар лиферо уштуре бардошта буд ва бад-он лифҳо каштиҳоро низ бибастанд ва тақвифҳои каштиро ба ҳашв биёганданд, чунонки сувор ва пиёда ва уштуру астар ва хар осон бар он ҷо битавонист гузашт. Ва пас лашкарро бар ин пул гузора кард ва худ гузора шуд.

Ва чун хабари Ямину-д-давла ба Мовароуннаҳр расид, ҳазоҳиз андар аҳли он диёр уфтод ва мулуки он диёр мутаҳайир шуданд. Аввал касе амири Чағониён буд, ки ба хидмати ӯ омад бо ҳамаи лашкари хеш ва худро арза кард ва хидмате, ки тавонист бикард. Пас хоразмшоҳ ҳоҷиб Алтунтош бо ҳамаи лашкари хеш ба наздики амир Маҳмуд омад. Ва пас амир Маҳмуд бифармуд, то саропардаи бузург бизаданд, чунонки даҳ ҳазор суворро андар он саропарда ҷой буд ва яке саропардаи дигар хоссаи ӯ аз дебои шуштарии лаъл бизаданд ва ситораи ӯ ва харпушта аз дебоҷи насиҷ.

Пас фармуд, то лашкарро таъбия карданд, майманаву майсара ва қалбу ҷиноҳин бисохтанд ва таъбия неку биёростанд ва худ андар қалб биистод. Ва фармуд, то зарродхона андар қафои ҳар таъбия бидоштанд ва филон бо баргустувону полон биистониданд. Ва пас фармуд, то ба якбор буқу дабдаба ва дуҳулу табл бизаданд ва бар пушти филон таҳолӣ ва ойинаи филон ва муҳраи сапед ва санкиву шандаф ва биҷур бизаданд ва ҷаҳон аз овози эшон кар хост гашт ва мардумон мадҳуш гарданд ва ҳар кас, ки аз Туркистон ва Мовароуннаҳр андар он лашкаргоҳ ҳозир буданд, заҳрашон бихоҳад кафид.

Мулоқоти Юсуф Қадархон бо султон Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ. Чун Қадархон, ки солори ҳамаи Туркистон буд ва хони бузург ӯ буд, хабар ёфт аз гузора шудани Ямину-д-давла аз Ҷайҳун, аз Кошғар бирафт ва қасди илтиқои амир Маҳмуд кард, ки то биёяд ва бо вай дидор кунад ва аҳд тоза кунад. Пас аз Кошғар бирафт, сӯйи Самарқанд омад ва аз он ҷо пештар омад бар сабили сулҳу дӯстӣ, то ба якфарсангии сипоҳи амир Маҳмуд расид ва он ҷо фуруд омаду саропарда бифармуд, то бизаданд. Ва расулон бифиристод ва амир Маҳмудро, раҳмату-л-Лоҳ, аз омадани хеш хабар бидод ва иштиёқ намуд ба дидори ӯ. Амир Маҳмуд ҳамчунон ҷавоби неку бидод ва ҷой мусаммо кард, ки он ҷо дидор кунанд.

Пас амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бо суворе чанд ва Қадархон бо суворе чанд он ҷо омаданд ва чун якдигарро бидиданд, ҳар ду пиёда шуданд. Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, якто гавҳари бешбаҳо бо дасторча ба хазинадор бидода буд, фармуд, то дар дасти Қадархон бидод ва Қадархон ҳамчунин гавҳаре оварда буд, аз раъаб ва фазаъ, ки бад-ӯ расид, фаромӯш кард ва чун аз пеши амир Маҳмуд бозгашт, ёдаш омад, ба дасти каси хеш фиристод ва узр хосту бозгашт.

Ва чун рӯзи дигар буд, амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то хаймаи бузург аз дебои мансуҷ бизаданд ва кор

бисохтанд мизбониро ва расул фиристод ва мар Қадархонро меҳмон хонд.

Сифати маҷлис ва меҳмонӣ. Ва чун Қадархон биёмад, бифармуд, то хоне биёростанд ҳарчи некутар ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бо вай ба ҳам дар як хон нон хӯрданд ва чун аз хон фориғ шуданд, ба маҷлиси тараб омаданд. Маҷлис ороста буд сахт бадиъ, аз сипарғамҳои ғариб ва меваҳои лазиз ва ҷавоҳири гиронмоя ва маҷлисхонҳои зарину булӯр ва ойинҳои бадиъ ва наводир, чунонки Қадархон андар он хира монд. Замоне нишастанд ва Қадархон шароб нахӯрд, аз он ки мулуки Мовароуннаҳрро расм нест шароб хӯрдан, хосса он маликони туркони эшон ва замоне самъ шуниданд ва бархост.

Пас амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то нисоре ки боист, ҳозир карданд, аз авониҳои зарину симин ва гавҳарҳои гиронмоя ва зароифҳои бағдодӣ ва ҷомаҳои неку ва силоҳҳои бешбаҳо ва аспони гиронбаҳо бо ситомҳои зарин ва ба асои мурассаъ ба ҷавоҳир ва даҳ модафил бо ситомҳои зарин ва ба асоҳои мурассаъ ба ҷавоҳир ва астарони бардаъӣ бо ҳурроҳо ба зар ва ҳавдаҷҳои астарон бо камарҳо ва моҳҳои зарину симин ва ҷалоҷил ва ҳавдаҷҳое аз дебоҷи масноҷ ва насиҷу фаршҳои гиронмоя аз маҳфуриҳои арманӣ ва қолиҳои увайсӣ ва бӯқаламун ва дастҳои насиҷ ва мансуҷ ва табарҳои муъалами муваррад ва теғҳои ҳиндӣ ва уди қуморӣ ва сандалии мусфарӣ ва анбари ашҳаб ва гӯрони мода ва пӯстҳои паланги барбарӣ ва сагони шикорӣ ва чарғон ва уқоби шикуҳ бибода бар кулангу оҳу ва нахчир ва Қадархонро ба иъзозу икром бозгардонид ва ӯро лутф бисёр кард ва узр хост.

Ва чун Қадархон ба лашкаргоҳи худ расид ва он чандон чиз аз зароифу матоъ ва силоҳу мол бидид, мутаҳайир гашт ва надонист, ки мукофоти он чӣ гуна бикунад. Пас фармуд хазинадорро, то дари хазина бигшод ва моли бисёр берун оварда ба наздики амир Маҳмуд фиристод, бо чизҳое, ки аз Туркистон хезад, аз аспони нек бо нисор ва олати зарин ва ғуломони турки бо камару кеши ба зар ва бозу шоҳин ва мӯйҳои самуру санҷоб ва қоқуму рӯбоҳи сиёҳ ва авониҳо сохт аз пушт ва ду нешаи хуту ва тариф ва дебои чинӣ ва дорҷошоки чинӣ ва он чи бад-ин монад. Ва ҳар ду малик аз якдигар ҷудо шуданд ба ризо ва сулҳу некуӣ.

Ва чун Алитегин хабар ёфт, бигурехт ва андар биёбон шуд. Амир Маҳмуд соҳибхабарон насб кард аз ҷиҳати Алитегинро. Пас хабар оварданд, ки Исройил ибни Салҷуқ ба ҷойе пинҳон шудааст ва Ямину-д-давла касон фиристод, то ӯро аз он ҷо берун

оварданд ва сӯйи Ғазнин бифиристод ва аз он ҷо сӯйи Ҳиндустон фиристод ӯро, то охири аҳд он ҷо буд.

Пас хабар оварданд, ки иёл ва бунаи Алитегин бар асари ӯ ҳаме андар биёбон бихоҳад шуд. Амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, мар ҳоҷиб Билко тегинро ба талаби эшон бифиристод. Ӯ бирафт ва ҳилат кард, то зану духтарон ва бунаи Алитегинро ба даст кард ва пеши амир Маҳмуд овард. Ва ин андар санаи ситт ва ашр ва арбаъмоъа (416 ҳ.) буд.

Ибтидои туркони салҷуқӣ. Ва андар ин вақт, ки амир Маҳмуд ба Мовароуннаҳр буд, фавҷе мардум аз солорон ва пешравони туркмонон пеши ӯ омаданд ва бинолиданд аз ситами умарои эшон бар эшон ва аз ранҷҳое, ки бар эшон ҳамебуд. Гуфтанд: «Мо чаҳор ҳазор хонаем, агар фармон бошад, худованд моро бипазирад, ки аз об гузора шавем ва андар Хуросон ватан созем. Ӯро аз мо роҳат бошад ва вилояти ӯро аз мо фарохӣ бошад, ки мо мардумони даштием ва гӯсфандони фаровон дорем ва андар лашкари ӯ аз мо анбӯҳӣ бошад». Амир Маҳмудро, раҳмату-л-Лоҳ, рағбат уфтод, ки эшонро аз об гузора орад. Пас дили эшон гарм кард ва эшонро умедҳои неку намуд ва мисол бидод, то аз об гузора оянд. Ва эшон ба ҳукми фармони ӯ чаҳор ҳазор хона аз марду зан ва кӯдаку буна ва гӯсфанду уштур ва аспу сутурон, ба тамомӣ аз об гузора омаданд ва андар биёбони Сарахс ва Фарова ва Бовард фуруд омаданд ва харгоҳҳо бизаданд ва ҳамон ҷо ҳамебуданд.

Ва чун амир Маҳмуд аз об гузора омад, амири Тӯс, Абулҳорис Арслон ал-Ҷозиб пеши ӯ омад, гуфт, «ин туркмононро андар вилоят чаро овардӣ, ин хато буд, ки кардӣ, акнун ки овардӣ, ҳамаро бикуш, ё ба ман деҳ, то ангуштҳои нари эшон бибуррам, то тир натавонанд андохт». Амир Маҳмудро, раҳмату-л-Лоҳ, аз он аҷаб омад, гуфт: «Бераҳм мардӣ ва сахт ситабрдилӣ». Пас амири Тӯс гуфт: «Агар накунӣ, бисёр пашемонӣ хурӣ». Ва ҳамчунон буд ва то бад-ин ғоят ҳанӯз ба салоҳ наёмада аст.

Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, аз Балх ба Ғазнин омад ва тобистон он ҷо бибуд ва чун зимистон омад, бар урфу одати хеш сӯйи Ҳиндустон рафт ба ғазо.

Ва пеши ӯ ҳикоят карданд, ки бар соҳили дарёи Муҳит шаҳре аст бузург ва онро Суманот гӯянд ва он шаҳр мар ҳиндувонро чунон аст, ки мар мусалмононро Макка ва андар ӯ бут бисёр аст аз зару сим. Ва Манотро, ки ба рӯзгори сайиди олам, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, аз Каъба ба роҳи Адан гурезониданд, бад-он ҷост ва онро ба зар гирифтаанд ва гавҳарҳо андар ӯ

нишонда. Ва моле азим андар хазинаҳои он бутхона ниҳодаанд. Аммо роҳи ӯ сахт пурхатар асту махуф ва бо ранҷи бисёр. Ва чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ин хабар бишнид, ӯро рағбат уфтод, ки бад-он шаҳр шавад ва он бутонро ночиз кунад ва ғазве бикунад.

Ва аз Ҳиндустон рӯй сӯйи Суманот ниҳод ба роҳи Наҳрвола ва чун ба шаҳри Наҳрвола расид, холӣ карда буданд ва мардуми он ҳама бигурехта. Лашкарро бифармуд, то алаф бардоштанд ва аз он ҷо рӯй ба сӯйи Суманот ниҳод. Ва чун наздики шаҳр расид ва он лашкарро шаманон ва бараҳманон бидиданд, ҳама ба парастиши бутон машғул гаштанд ва солори он шаҳр аз шаҳр берун омад ва андар каштӣ нишастанд бо иёлу бунаи хеш ва андар дарё шуданд ва бар ҷазира фуруд омаданд ва ҳамебуданд. Ва то лашкари ислом аз он диёр нарафтанд, эшон аз он ҷазира берун наёмаданд.

Ва чун лашкари ислом наздики шаҳр омаданд, мардуми шаҳрро дар ҳисор гирифтанд ва ба ҳарб бипайвастанд ва басе рӯзгор нашуд, ки ҳисор бигушоданд ва лашкари амир Маҳмуд андар уфтоданд ва куштане карданд ҳарчи мунакиртар ва бисёр куффор кушта шуданд. Ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то муаззин бар сари деҳра[213] бишуд ва бонги намоз бидод ва он бутонро ҳама бишикастанду бисӯхтанд ва ночиз карданд. Ва он санги Манотро аз бех баркандаанд ва пора-пора карданд ва баъзе аз ӯ бар астар ниҳоданд ва ба Ғазнин оварданд ва то бад-ин ғоят бар дари масҷиди Ғазнин афганда аст. Ва ганҷе буд андар зери бутон, он ганҷро бардошт ва моле азим аз он ҷо ҳосил кард, чи бутони симин ва чавоҳири эшон ва чи ганҷ аз дигар ғаниматҳо.

Ва аз он ҷо бозгашт ва сабаб он буд, ки Баҳимдев[214], ки подшоҳи ҳиндувон буд, ба роҳ буд ва амир Маҳмуд гуфт, ки набояд, ки ин фатҳи бузургворро чашм расад. Аз роҳи рост наёмад. Далели он роҳ гирифт ва бар роҳи Мансура ва соҳили ҷайҳун[215], рӯй сӯйи Мултон ниҳод ва андар он роҳ бар лашкариён ранҷи бисёр расид, чи аз ваҷҳи хушкии биёбон ва чи аз ҷитони Синд ва аз ҳар навъе ва мардуми бисёр аз лашкариёни ислом андар он роҳ ҳалок шуданд. Бештар аз сутурон ҳалок шуданд, то ба Мултон расиданд. Ва аз он ҷо рӯй ба Ғазнин ниҳоданд ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ба Ғазнин омад бо лашкари хеш андар санаи сабъ ашр ва арбаъмоъа (417 ҳ.).

---

[213] Дайра (Деҳра дар санскрит ба маънии маъбад ва бутхона аст (А.Ҳ.)

[214] падимдев

[215] Мурод дарёи Синд аст (А.Ҳ.)

Ва ҳам андар ин сол расулон омаданд аз наздики Қатохон[216] ва Уйғурохон ба сӯйи амир Маҳмуд. Пайғомҳои неку оварданд ва хештанро ба хидмат арза карданд ва илтимос намуданд, ки «хоҳем миёни мо васлат бошад». Ва амир Маҳмуд эшонро, бифармуд, то неку фуруд оварданд ва пас пайғоми эшонро ҷавоб доданд, ки «мо мусалмонем ва шумо кофаронед ва моро нашояд хоҳару духтари хеш ба шумо додан, агар мусалмон шавед, тадбири он карда ояд». Ва расулонро бар сабили хубӣ бозгардонид.

Ва андар шаволи санаи сабъ ашр ва арбаъмоъа (417 ҳ.) , номаи ал-Қодир Биллоҳ омад бо аҳду ливои Хуросон ва Ҳиндустон ва Нимрӯзу Хоразм мар амир Маҳмудро ва фарзандон ва бародарони ӯро лақабҳо ниҳода. Аммо амир Маҳмудро «Каҳфу-д-давлат ва-л-ислом» ва амир Масъудро «Шаҳобу-д-давлат ва ҷамолу-л-миллат»» ва амир Муҳаммадро «Ҷалолу-д-давлат ва ҷамол-у-миллат» ва амир Юсуфро «Азуду-д-давлат ва муаййиду-л-миллат». Ва нома набишта буданд ва андар нома гуфта буд, ки «ҳар кас ки ту хоҳӣ, валиаҳди хеш кун ва ихтиёри ту иттифоқи мост». Ва бар он ғазоҳо, ки амир Маҳмуд карда буд, Қодир ӯро шукри бисёр карда буд ва ӯро бисёр ситуда. Ва расидани ин аҳду ливо ва алқоб ба Балх буд.

Ва амир Маҳмудро, раҳмату-л-Лоҳ, аз ҷиҳати ҷитони Мултон ва баҳотияи соҳили Сайҳун[217] ғазабе азим андар дил буд, бад-он беадабиҳо, ки андар роҳи Суманот карда буданд ва хост, ки мукофоти он бикунад ва эшонро молише диҳад. Пас чун санаи самон ашр ва арбаъмоъа (418 ҳ.) андар омад, мартабаи дувоздаҳум лашкар ҷамъ кард ва рӯй сӯйи Мултон ниҳод. Ва чун ба Мултон расид, бифармуд, то ҳазору чаҳорсад каштии нек бисохтанд ва бифармуд, то бар ҳар каштӣ се шохи тези қавии оҳанин таркиб карданд, яке аз пеш бар пешонии каштӣ ва ду бар паҳлӯи каштӣ ва ҳар шохе ба ғоят қавӣ ва тезкарда, чунонки ба ҳар ҷой аз он шох бизадӣ, агарчи қавӣ чиз будӣ, онро бидаридӣ ва бишикастӣ ва ночиз кардӣ. Ва ин ҳазору чаҳорсад каштиро, бифармуд, то бар рӯйи оби Сайҳун афганданд ва андар ҳар каштӣ бист мард бо тиру камон ва қорураву нафт ва сипар биншонд. Ва чун ҷитон хабари омадани амир Маҳмудро бишуниданд, бунаро бигирифтанд ва ба ҷазираҳои дурдаст бибурданд ва худ ҷарида биёмаданд бо силоҳҳо ва чаҳор ҳазор каштӣ барафганданд ва баъзе гӯянд, ҳашт ҳазор. Андар ҳар

[216] Қабохон
[217] Мурод дарёи Синд аст (А.Ҳ.)

каштӣ мардуми анбуҳ биншаст бо силоҳи тамом ва рӯй ба ҳарб ниҳоданд. Ва чун андар баробари ҳамдигар омаданд, тирандозони лашкари ислом тир ҳамеандохтанд ва наффотон оташ ҳамеандохтанд. Ва чун каштии маҳмудиён наздики каштии ҷитон расидӣ, шохе бизадӣ ва каштии ҷитонро хурд бишикастӣ ва ғарқа гаштӣ. Ва ҳам бар ин гуна ҳарб ҳамекарданд, то каштиҳои ҷитон бишикаст, ё ғарқа шуд ё ҳазимат шуд. Ва бар соҳили Сайҳун сувору пиёда ва фил гирифта буд, то ҳар чи аз об бурун шудӣ, он сувору пиёда ӯро гирифтӣ ва бикуштӣ. Ва аз он ҷо бар соҳили Сайҳун ҳамчунон ҳамерафтанд, то бар бунаи эшон расиданд ва бунаро ғорат карданд ва бардаи бисёр ёфтанд ва аз он ҷо бо зафару фирӯзӣ рӯй ба Ғазнин ниҳоданд.

Ва чун санаи самон ашр ва арбаъмоъа (418 ҳ.) ба охир расид, мардумони Нисо ва Бовард ва Фарова ба даргоҳ омаданд ва аз фасоди туркмонон бинолиданд ва аз дастдарозии эшон, ки андар он диёр ҳамекарданд. Ва амир Маҳмуд нома фармуд набиштан сӯйи амири Тӯс Абулҳорис ал-Ҷозиб, раҳмату-л-Лоҳ, ва ӯро мисол бидод, то он туркмононро молиш диҳад ва дасти эшон аз раъоё кӯтоҳ кунад. Ва амири Тӯс бар ҳукми фармон бар эшон тохтан бурд. Ва туркмонон анбӯҳ шуда буданд, пеши ӯ омаданд ва ҳарб карданд ва бисёр мардум бикуштанд ва бисёрро маҷрӯҳ карданд. Ва ба чанд дафъат амири Тӯс бар эшон тохтан бурд, ҳеч натавонист кард ва он тазаллум ва шикоят аз даргоҳи амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ҳеч гуна бурида нагашт. Пас нома фармуд сӯйи амири Тӯс ва ӯро маломат кард ва ба аҷз мансуб кард. Амири Тӯс ҷавоб набишт, ки «туркмонон сахт қавӣ гаштаанд ва тадоруки фасоди эшон ҷуз ба роят ва рикоби хосса натавон кард. Агар худованд ба тани хеш наёяд ба талофии ин фасод, эшон қавитар гарданд ва тадорук душвортар гардад».

Ва чун амир Маҳмуд, ин номаро бихонд, тангдил шуд ва низ қарор накард ва лашкар бикашид ва андар санаи тисъ ашр ва арбаъмоъа (419 ҳ.) аз Ғазнин ҳаракат кард, сӯйи Буст рафт ва аз он ҷо сӯйи Тӯс кашид. Ва амири Тӯс ба истиқбол омад ва хидмат кард. Ва чун амир Маҳмуд аз вай бипурсид, сурати ҳоли туркмонон ба ҳақиқат бознамуд. Пас амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то фавҷе анбӯҳ аз лашкар, бо солоре чанд, бо амири Тӯс бирафтанд ба ҳарби туркмонон ва чун ба наздики работи Фарова расиданд, андар муқобили якдигар омаданд. Ва туркмонон далер гашта буданд, ҷанг бипайвастанд ва лашкар чун чира шуд ва бар эшон зафар ёфтанд, шамшер андар ниҳоданд ва чаҳор ҳазор сувори маъруф аз туркмонон бикуштанд ва бисёреро дастгир карданд ва боқӣ ба ҳазимат

рафтанд сӯйи Балхон ва Даҳистон ва фасоди ишон андар он вилоят саҳлтар гашт.

Ва чун амир Маҳмудро, раҳмату-л-Лоҳ, дил аз фасоди туркмонон фориғтар гашт, қасди Рай кард ва рӯй сӯйи Гургон ниҳод ва ба роҳи дараи Динорзорӣ[218] ба Гургон шуд ва аз он ҷо сӯйи Рай кашид. Ва чунин гуфт маро муътамаде, ки амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, мар Эку тегин ал-ҳоҷибро бо ду ҳазор сувор аз Нишобур сӯйи Рай бифиристод ва ҳеч мисол надод ва чун Эку тегин ба ду манзил расид, бад-ӯ нома набишт, ки «қарор кун, то Ғозӣ ҳоҷиб ба ту расад, бо ду ҳазор сувор». Ва Ғозиро ҳам мисол надод. Ва чун эшон ду тан ба панҷ манзилӣ расиданд, нома кард ба эшон, ки «қарор кунед, то Алӣ ҳоҷиб ба шумо расад». Ва Алӣ ҳоҷибро мисолҳо бидод ва чаҳор ҳазор сувор бо ӯ бифиристод ва чун Алӣ ҳоҷиб он ҷо расид, лашкар таъбия кард, маймана ба Элку тегин ва майсара ба Ғозӣ ҳоҷиб ва худ андар қалб ва ҳам бар он таъбия ҳамешуданд то дари Рай.

Ва чун хабар ба амири Рай шоҳаншоҳ Маҷду-д-давла Абутолиб Рустам ибни Фахру-д-давла расид, пиндошт, ки амир Маҳмуд ба тани хеш омадааст. Пас Абутолиб бо сад сувор аз ҳашам ва хешону наздикони хеш берун омад. Бо пиёдае чанд аз рикобдор ва сипаркаш ва жубиндор ва он чи бад-он монад. Ва чун Алӣ ҳоҷиб ӯро бидид, кас фиристод, гуфт: «фуруд бояд омад, то пайғоме ки дорам, бигзорам». Дарвақт Маҷду-д-давла расид, то харпуштаҳо ва хайма бизаданд ва фуруд омаданд. Ва Алӣ ҳоҷиб фармуд, то дарҳои шаҳр бигирифтанд ва ҳеч касро раҳо накарданд ва нагузоштанд, ки аз дари шаҳр кас берун омадӣ ва ё дар шаҳр шудӣ, то хабар Маҷду-д-давларо пӯшида бимонад.

Ва Алӣ ҳоҷӣ ӯро андар он харпушта мавқуф кард ва силоҳе, ки бо вай оварда буданд, ҳама бистад ва Абутолиб чаҳор рӯз андаруни хайма мавқуф буд ва ҳоҷиб Алӣ сӯйи Ямину-д-давла нома набишт ва аз сурати ҳол хабар бидод ва ҷавоб бозомад. Пас Абутолибро бо шаст марди дигар бар сари уштур нишонд ва ба наздики амир Маҳмуд фиристод, то ӯро сӯйи Ғазнин бурданд ва то охири аҳди ӯ он ҷо бимонд. Ва амир Ямину-д-давла ба Рай омад ва шаҳр бигирифт бе ҳеч ранҷу такаллуф ва хазинаҳои Бӯяиён, ки андар солҳои бисёр ниҳода буданд, ҳама бардошт. Моле ёфт, ки онро ададу мунтаҳо падид набудӣ.

Ва чунин хабар оварданд амир Маҳмудро, раҳмату-л-Лоҳ, ки андар шаҳри Рай ва навоҳии он мардумони ботинӣ ва қаромата бисёранд. Бифармуд, то касонеро, ки бад-он мазҳаб муттаҳам

[218] Динордорӣ

буданд, ҳозир карданд ва сангрез карданд ва бисёр касро аз аҳли он мазҳаб бикушт ва баъзеро бибаст ва сӯйи Хуросон фиристод, то мурдан андар қалъаҳо ва ҳабсҳои ӯ буданд. Ва чанд гоҳ ба Рай қарор кард, то ҳамаи шуғлҳои он подшоҳиро низом бидод ва кордорон насб кард. Ва он вилояти Рай ва сипоҳон ба амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, супурд ва худ сӯйи Ғазнин бозгашт. Ва фатҳи Рай андар ҷимоди-л-аввали санаи ишрин ва арбаъмоъа (420 ҳ.) буд.

Ва мар амир Маҳмудро, раҳмату-л-Лоҳ, иллати диқ падид кард ва чанд гоҳ бар он баромада буд ва иллат қавӣ гашт ва ҳар рӯзе амир Маҳмуд аз он иллат заъифтар ҳамешуд ва ҳам бар он нолонӣ хештанро ба такаллуфу ҳилат қавӣ ҳамедошт ва чунон намуд ба мардумон, ки ӯро ранҷе ва беморие нест ва ҳам бар он ҳол ба Хуросон омад ва ба Балх рафт ва зимистон он ҷо бибуд. Ва чун вақти баҳор омад, нолонӣ бар вай сахт қавӣ гашт ва рӯй сӯйи Ғазнин ниҳод ва чанд рӯз дар Ғазнин бибуд. Ва ҳарчанд ҳилат кард, хештанро андар натавонист ёфт ва ба ғоят заъиф гашт ва аҷал фароз омад ва ҳеч гуна бар ҷома нахуфт, илло ки ҳамчунон нишаста ҳамебуд ва андар он ҳол ҷон бидод, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, наввар ҳафрата.

Вафоти амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, рӯзи панҷшанбе буд, бисту сеюми моҳи рабиъ-ул-охираи санаи аҳадӣ ва ишрин ва арбаъмоъа (421 ҳ.) ва ба марги ӯ ҷаҳоне рӯй ба вайронӣ ниҳод ва хасисон азиз гаштанд ва бузургон залил шуданд.

Вилояти амир Ҷалолу-д-давлат ва ҷамолу-л-миллат Абумуҳаммад Муҳаммад ибни Ямину-д-давла, раҳмату-л-Лоҳи тоъоло алайҳо. Ва чун амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, фармон ёфт, амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ ба Сипоҳон буд ва амир Муҳаммад, раҳмату-л-Лоҳ, ба Гузгонон буд. Пас Алӣ ибни Эларслон ал-ҳоҷиб, ки хеши амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, буд, шуғли сиёсатро неку забт кард ва аҳволи подшоҳиро барқарор бидошт ва нагузошт, ки ҳеч кас бар касе афзунӣ кунад ва шаҳри Ғазнин чунин шуд, ки ба масал гургу меш ба ҳам об хурад. Ва кас фиристоду амир Муҳаммадро, раҳмату-л-Лоҳ, биёварад. Ва ба аморат биншаст бар ҷойи падар ва аввал кор мазолиме сохт ва сухани мутазаллимон бишнид ва доди эшон аз якдигар бистад.

Ва пас андар ҷароид ва дафтарҳои навоҳӣ бифармуд, то нигоҳ карданд ва ҳар ҷой, ки хароб буд ва ба сабаби хироҷи он ва бар худовандони ҷой ранҷ буд, он хироҷро назар кард ва раъоёро таъаллуф кард. Ва бифармуд, то дари хазинаро бигшоданд ва ҳамаи ҳашаму лашкариёнро аз вазиъу шариф ва маҷҳулу маъруф хилъат ва силлат бидод. Ва сипаҳсолорӣ бар

амми хеш Абуяъқуб Юсуф ибни Носириддин, раҳмату-л-Лоҳ, бидошт ва ӯро хилъати неку бидод ва моле азим силат бидод. Ва мар Хоҷа Абусаҳл Аҳмад ибн ал-Ҳасан ал-Ҳамдувиро ба вазорат биншонд ва корҳо ба тадбири ӯ кард. Ва корҳои вилоят бигшод ва айш бар мардумон хуш гашт ва нархҳо арзон шуд ва лашкарию бозорӣ ба якбор масрур гаштанд. Ва чун хабари тавонгарӣ ва фарохии Ғазнин ба шаҳрҳо расид, бозаргонон аз ҷоҳои дурдаст рӯй ба Ғазнин ниҳоданд ва аз ҳамаи матоъ ва ахриёни бозоргонӣ биёварданд ва нархҳо фуруд омад ва арзон гашт.

Ва бо ин ҳама некуӣ, ки ӯ ба ҷойи раъият ва лашкарӣ кард ҳашам ва раъоёро майл ба амир Шаҳобу-д-давла Абусаъид Масъуд ибни Ямину-д-давла алайҳимо буд ва ӯро хостанд.

Ва чун панҷоҳ рӯз аз вафоти амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, бигзашт, амир Аёз бо ғуломон тадбир кард ва аз эшон байъат ситад бар рафтан ба сӯйи амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ ва ҳама иҷобат карданд ва савгандон хӯрданд. Ва кас фиристод ба наздики Абулҳасан Алӣ ибни Абдуллоҳ, ки ӯро Алии Доя гуфтандӣ ва Алии Доя иҷобат кард ба рафтан сӯйи он лашкар. Ва рӯзи дигар ғуломони сарой берун омаданд ва ба сутургоҳ рафтанд, аспон бигшоданд ва барнишастанд бо силоҳҳои тамом ва рӯёрӯй аз дари кӯшк берун омаданд ва ҳамчунон ба мукобира бирафтанд ва сӯйи Буст шуданд.

Ва чун хабар ба амир Муҳаммад, раҳмату-л-Лоҳ, расид, лашкарро аз паси эшон бифиристод ва аз ҷумлаи ҳашам, Сундҳарой, ки сипаҳсолори ҳиндувон буд, бо сувори чанд бар асари эшон бирафт ва эшонро андар ёфту баровехт. Ва ғуломон ҳарб карданд ва бисёр ҳиндуро бикуштанд ва Сундҳарой низ кушта шуд. Ва бисёре аз ғуломони сарой кушта шуданд ва сарҳои эшон пеши амир Муҳаммад оварданд. Ва Абулнаҷм Аёз ибни Аймоқ ва Алии Доя ҳамчунон бо он ғуломони анбӯҳ ба таъҷил ҳамерафтанд, то ҳама ба Нишобур пеши амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, омаданд ва чун амирро бидиданд, ҳама намоз бурданд ва хидмат карданд ва бар вай ба подшоҳӣ салом карданд. Ва эшонро бипазируфт ва неку гуфт ва узр хосту аз роҳ бипурсид ва умедҳои неку кард.

Ва амир Муҳаммад андар Ғазнин фурӯ нишаст ва даст ба тарабу нишот бурд ва ба шароб хӯрдан машғул гашт, то наздикони ӯ мар ӯро гуфтанд, ки «ин ҳама хатост, ки ҳаме ту кунӣ ва оммаи мардумон туро андар забон гирифтаанд ва бад-ин ки ту мекунӣ, туро накӯҳиш ҳамекунанд, ки хасми ту аз Ироқ биёмад ва қасди ту кард ва ту аз вай ғофил, рӯй ба шаробу

худкомӣ овардаӣ. Агар пеши ӯ боз нашавӣ, ин подшоҳӣ аз ту бишавад».

Ва чун чаҳор моҳ аз подшоҳии ӯ бигзашт, амир Муҳаммад, раҳмату-л-Лоҳ, қасди рафтан кард ва бифармуд, то саройпарда бар ҷониби Буст берун бурданд ва бизаданд ва лашкарро силат бидод ва пас бо лашкре ороста ва тавонгар аз Ғазнин берун рафт. Ва чун ба Тегинобод расид, ҳамаи сарон ва солорони лашкар гирд омаданд ва сӯйи вай пайғом бидоданд, ки «моро мебарӣ пеши хасм, ки ҳамаи ҷаҳон шиъа ва мутобиъи ӯянд ва мо яқин донем, ки ту бо вай муқовимат натавонӣ кард. Савоб он аст, ки ту ба ҷой бинишинӣ, то мо пеши ӯ равем ва узри хеш бихоҳем ва сухани ту бигӯем, то дил бар мо хуш кунад ва аз ту низ хушнуд гардад ва туро ба наздики хеш хонад ва туву мо аз вай ба ҷон иман гардем».

Ва чун амир Муҳаммад, раҳмату-л-Лоҳ, дид, ки ҳамаи лашкар бигаштанд, донист, ки инро ҷабр натвон кардан ва ҷуз иҷобат илоҷ нест. Дарвақт бад-он чи хостанд, иҷобат кард. Ва ӯро бар қалъаи Рухаҷ оварданд ва биншонданд ва пас амир Юсуф ва Алӣ ҳоҷиб ва он бузургон ва солорон хазинаҳо ва зарродхона бардоштанд ва лашкар биронданд ва рӯй сӯйи амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, ниҳоданд ва бар ҷониби Ҳирот бирафтанд.

Вилояти амир Носиридину-л-Лоҳ, ҳофизи ибоду-л-Лоҳ ва заҳири халифату-л-Лоҳ Абусаъид Масъуд ибни Ямину-д-давла амиралмуъминин раҳмату-л-Лоҳи алайҳимо. Ва чун Аёз ибни Аймоқ ва Алии Доя ба Нишобур расиданд, амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, қавидил гашт ва бор бидод ва ба мазолим нишаст ва сухани раъият шунид ва инсоф аз якдигари эшон бистад. Ва чун рӯзе чанд бигзашт, аҳду ливои амиралмуъминин ал-Қодир Биллоҳ биёварданд ва ин аҳду ливо Абусаҳл Мурсил ибни Мансур ибни Афлаҳи Гардезӣ овард. Амир Масъуд мар Мурсилро некуӣ гуфт ва умедҳои неку кард ва якчанде ба Нишобур муқом кард ва аз он ҷо сӯйи Ҳирот омад.

Ва чун рӯзе чанд ба Ҳирот бибуд, Алӣ ҳоҷиб пеши амир Масъуд омад, дасти ӯ бигирифт ва ӯро аз роҳ бипурсид ва бародари Алӣ, Манкитарок пеш аз вай омада буд ва амир Масъуд Манкитарокро ҳоҷибӣ бидода буд ва ба чашми эҳтиром ҳаме дар ӯ нигарист. Ва чун Алӣ ҳоҷиб аз пеши амир бозгашт, ӯро сӯйи ҳуҷра бурданд ва Манкитарок даст ба қабзаи шамшер кард. Алӣ ҳоҷиб бонг бар вай зад, гуфт: «Худованд ва худовандзода ӯст, ҳар чи фармояд, фармонбардорем». Ва пас аз он рӯз кас он ҳар ду бародарро надид.

Ва чун ҳашам ва хазинаҳо ба наздики амир Масъуд расид, аз Ҳирот қасди Балх кард. Ва зимистон он ҷо муқом кард ва ишғоли мамлакатро неку забт кард. Ва ибтидои подшоҳии ӯ андар шавволи санаи аҳадӣ ва ишрин ва арбаъмоъа (421 ҳ.) буд.

Аввали корҳо тадбири вазир кард, то кист, ки мар вазоратро шояд. Ҳеч кас набуд кофитар ва адибтару донотар аз Хоҷа Абулқосим Аҳмад ибни Маймандӣ, раҳмату-л-Лоҳ. Ва хоҷа Аҳмадро ба қалъаи ҷангӣ андар Ҳиндустон боздошта буданд. Амир Масъуд кас фиристод ва ӯро аз он қалъа берун овард. Ва вазорат бад-ӯ бидод ва ӯро хилъати неку бидод ва ҳамаи тадбирҳои сипоҳ бад-ӯ бидод.

Ва мар Ҳасан ибни Муҳаммад ал-Миколиро боздошта буд. Бифармуд, то ӯро мусодара карданд ва моле аз вай ба ҳосил омад. Пас бифармуд, то ӯро ба шаҳри Балх бар дор карданд ва сабаб он буд, ки андар он вақт, ки амир Ҳасанак аз амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, дастурӣ хост ва ба ҳаҷ рафт ва чун аз ҳаҷ бозомад, ба роҳи Шом,- аз он ки роҳи бодия шӯрида буд ва аз Шом ба Миср рафт ва аз азизи Миср хилъат ситад, ӯро мутаҳҳам карданд, ки ӯ ба азизи Миср майл кард ва бад-ин туҳмат раҷм бар вай лозим шуд. Пас амир Масъуд бифармуд хӯде бар сари ӯ ниҳоданд ва ӯро бар дор карданд ва сангрез кардандаш ва пас сари ӯро бардоштанд ва ба Бағдод наздики Қодир фиристоданд.

Ва ҳар кас, ки амир Масъудро, раҳмату-л-Лоҳ, хилоф карда буд ва бо хасми ӯ мутобиқат карда буд, ба даст овард ва ҳар якеро аз эшон уқубате кард ва ҳамаро мустаъсил гардонид. Ва мар Аҳмади Йинолтегини хозинро, ки хозини амир Маҳмуд буд, бигирифт ва мусодара кард ва моле азим аз вай бифармуд ситадан. Ва чун мол бидод, ӯро сӯйи Ҳиндустон фиристод ва солории Ҳиндустон бад-ӯ бидод ва ӯро ба ҷойи Илёруқ ал-ҳоҷиб он ҷо фиристод. Ва он ғазабҳо ва мусодара ва ранҷу истихфофҳо, ки бар Аҳмади Йинолтегин расида буд, андар дили Аҳмад буд, чун ба Ҳиндустон расид, сар аз итоат бикашид ва исён падид кард. Ва амир Носириддину-л-Лоҳ бифармуд, то Абутолиб Рустам Маҷду-д-давларо аз Ҳиндустон биёварданд ва ӯро пеши хеш хонд ва некӯӣ гуфт. Ва фармуд то ҳам ба Ғазнин аз баҳри ӯ ҷой сохтанд ва мисол бидод, то ба ҳар вақт ба хидмати даргоҳ ҳамеояд. Ва то охири умр ба Ғазнин буд.

Ва андар ин вақт Ҳусайн ибни Маъдон, ки амири Мукрон буд, биёмад ва аз бародари хеш Абуласкар шикоят кард ва гуфт: «Подшоҳӣ фуруд гирифта аст ва ҳаққи ман бибурда аст ва инсофи ман менадиҳад». Пас амир Носириддину-л-Лоҳ мар

Тоши фаррошро мисол дод ва бо ӯ бифиристод, то ба Микрон шуд ва инсоф аз бародари ӯ биситад ва мар Ҳусайнро ба вилоят биншонд.

Пас амир Масъуд раҳмату-л-Лоҳ, аз Балх қасди Ғазнин кард ва чун мардумони Ғазнин ин хабар бишниданд, бисёр шодӣ карданд ва ҳама ба тарабу шодӣ машғул гаштанд ва бозорҳо ойин бастанд ва мутрибон берун бурданд ва чанд рӯз он ҷо бибуданд ва шаборӯз ҳаме тараб карданд ва интизори омадани Носиридину-л-Лоҳ, раҳмату-л-Лоҳ, аъёну руасо ва пешравони шаҳр ҳама ба истиқбол рафтанд ва хидмат карданд ва шодӣ намуданд. Ва чун ба Ғазнин расид, мардумони Ғазнин дирамрезу диноррез карданд. Ва дигар рӯз, ки биншасту бор бидод, ҳамеомаданд ва нисорҳо ҳамеовардан расм-расм. Ва амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, ҳамчунон ҳамаро лутф кард ва неку гуфт ва умедҳои неку кард ва ҳамаи мардуми Ғазнин ба якбор забон бигушоданд ва ӯро санои бисёр гуфтанд ва дуо карданд ва аз Худой, азз ва ҷалл, бақои давлати ӯ хостанд ва хидмат карданду бозгаштанд.

Ва чун дили амир аз хидмати Ғазнин фориғтар гашт, ӯро нишоти Омул ва Сипоҳон ва Рай хост ва қасди он ҷо кард. Ва чун ба Ҳирот расид, фарёдхоҳон аз Сарахсу Бовард омаданд ва аз туркмонон бинолиданд. Пас амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, солореро номзад кард, бо лашкари анбуҳ, мар Абусаъд Абдус ибни Абдулазизро бифиристод ба кадхудойӣ ва тадбири он лашкар ва ин андар санаи аснӣ ва ишрин ва арбаъмоъа (422 ҳ.) буд.

Чун лашкар ба туркмонон расиданд, ба Фарова биёвехтанд ва ҳарб карданд ва бисёр мардум кушта шуданд. Ва туркмонон бунаву иёл бардоштанд ва сӯйи Балхон бифиристоданд. Ва суворони ҷарида биистоданд ва ҳар рӯз фавҷ-фавҷ ҳамеомаданд ва ҳарб ҳамекарданд. Ва чун якчанде буданд, ин лашкариён бозгаштанд.

Ва чун санаи салас ишрин ва арбаъмоъа (423 ҳ.) андар омад, Хоҷа Аҳмад ибн ал-Ҳасан, раҳмату-л-Лоҳ, фармон ёфт ва амири шаҳид бо мудаббирони хеш андар маънии вазир тадбир кард ва чанд танро ном бурданд. Иттифоқ бар Хоҷа Абунаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуссамад уфтод, ки нек марде ва доҳӣ буд ва тамомхираду равшанрой ва мусиби тадбир ва чанд гоҳ вазорат карда ба Хоразм андар ва он мамлакатро ба тадбири равшан ва ройи мусиб ободон гардонида буд. Пас амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, нома кард ва ӯро аз Хоразм бихонд ва шуғли тадбир бад-ӯ бидод ва ӯро хилъате ба воҷибӣ бидод.

Ва пас рӯй сӯйи Ғазнин ниҳод ва ба мустақарри иззи хеш боз биёмад. Ва андар санаи арбаъ ва ишрин ва арбаъмоъа (424 ҳ.) қасди Ҳиндустон кард. Ва қалъае буд андар дараи Кашмир, онро Сарсатӣ гуфтандӣ, ҳаме бад-он қалъа рафт ва онро ҳисор кард ва мардумони он бисёр ҳарб карданд. Охир бигушод ва лашкар аз он қалъа ғанимат бисёр ёфт аз молу барда. Чун баҳор андар омад, рӯй сӯйи Ғазнин ниҳод.

Ва андар санаи хамс ва ишрин ва арбаъмоъа (425 ҳ.) қасди Омулу Сорӣ кард ва лашкар бар он ҷониб кашид ва он ҷо рафт бо лашкаре сохта ва ороста. Ва хабаре бад-он диёр расида буд ва ҳамаи мардуми он диёр мар ҳарбро муҳайё гашта буданд ва лашкари анбӯҳ гирд карда буданд аз шаҳриву кӯҳӣ ва геливу дайлам. Ва бар роҳ омада буданд ва андар бешаҳо ва зовияҳо фавҷ-фавҷ камин сохта буданд.

Чун лашкари Ғазнин он ҷо расид, аз ҳар сӯйе берун ҳамеомаданд ва ҳарб ҳамекарданд. Ва амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, бар филе нишаста буд. Пас Шаҳроким ибни Саврил, амири Астаробод, пеши ӯ омад, амири шаҳид силоҳ пӯшида ва бар фил ҳамеомад. Шаҳроким хиште бизад ва паҳлӯи фил сӯрох шуд ва фил биюфтод. Ва чун амири шаҳид аз пушти фил нигоҳ кард ва он бидид, зӯбине бияндохт ва мар Шаҳрокимро ба рӯй бизаду бияфганд ва ҳашам биёмаданду ӯро дастгир карданд. Ва мардумони ӯ низ омада буданд ва ба Сорӣ ҳарб карданд, охир ҳазимат шуданд ва амири шаҳид шаҳр бигирифт. Ва бебокони лашкар баъзе аз шаҳр ғорат карданд ва мардумон пеш омаданду бинолиданд ва гуфтанд: «Мо мардумони бозаргонем ва басалоҳ ва бар мо аз лашкари ту ситам равад». Бифармуд, то лашкариён даст аз ғорату тороҷ бикашиданд.

Ва саропарда бар дари Омул бизад ва Боколиҷор, амири Табаристон, расулон фиристод ва касон андар миён омаданд, то сулҳ карданд бар он ҷумла, ки андар оҷил сесад ҳазор динор бидиҳад ва ҳар сол хироҷ бидиҳад ва хутбаи ҳамаи Табаристон бар амир Масъуд раҳмату-л-Лоҳ, кунад ва гиравгон бидиҳад. Пас ин моли замон ҳамл кард ва ба наздики амири шаҳид фиристод писари хеш Баҳманро ва писари бародари хеш, Шаҳру ибни Сурхобро ба гиравгон бифиристод.

Ва чун Омулу Сорӣ ва Табаристон мар амири шаҳидро, раҳмату-л-Лоҳ, шуд, аз он ҷо рӯй ба Ғазнин ниҳод. Ва чун ба Нишобур расид, мутазаллимон пеш омаданд ва аз туркмонон бинолиданд. Ва амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, бинишаст бо вузаро ва нудамо ва солорон, андар маънии туркмонон тадбир карданд ва гуфтанд, ки беадабии эшон бисёр гашт ва ҳар кас рой

заданд ва Бектуғдӣ ҳоҷиб гуфт, ки «табоҳии ин аз солори бисёр аст, агар як тан бад-ин шуғл фиристӣ, тимори ин воҷибӣ дорад ва ин шуғлро тамом кунад». Амири шаҳид Бектуғдиро гуфт: «Туро бибояд шуд ва Ҳусайн ибни Алӣ ибни Микойил бо ту биёяд». Пас эшонро бифиристод ва лашкари бисёр аз ҳинду курду арабу турк ва аз ҳар дасте бо эшон бифиристод ва филони ҷангии нек. Ва аз Нишобур бирафтанд ва ба Тӯс омаданд ва аз он ҷо сӯйи Нисо рафтанд. Ва чун ба ҷойе расиданд, ки он ҷойро Сипандонқон[219] гӯянд, расули туркмонон омаданд ва пайғоми эшон ба наздики Бекктуғдӣ оварданд, ки «мо бандагонем ва тоъат дорем, агар моро бипазиред ва чарохури мо падид кунед, мо даст аз ин корҳо кӯтоҳ кунем ва низ касеро аз мо ранҷе набошад». Пас Бектуғдӣ бонг бар он расул зад ва бисёр дуруштӣ гуфт ӯро ва эшонро гуфт: «Миёни ману шумо шамшер аст ва агар шумо тоъат доред ва фармон баред, каси хеш ба наздики малик Масъуд фиристед ва ин узр аз вай хоҳед ва сӯйи мо нома оваред, то аз шумо боз шавем ва агар не, мо ба ҳеч ҳол боз нашавем».

Пас Бектуғдӣ расулро бозгардонид ва лашкар таъбия кард: маймана мар Фатгини хазинадорро дод ва майсара мар Пир ҳоҷибро ва худ андар қалб биистод ва мар Ҷомиъи Арабиро ба талоиъи сипоҳ бифиристод, бо понсад сувор, ки хайли Ҷомиъи Арабӣ буд. Ва чун Ҷомиъи Морарнӣ (?) расид, бар талоиъи туркмонон фирӯзӣ ёфт ва бисёре аз эшон кушта шуданд ва туркмонон ба ҳазимат шуданд ва лашкари Бектуғдӣ бар асари эшон ҳамешуданд, то ба бунаи эшон расиданд ва ҳамаи бунаро ғорат карданд ва моли бисёр ғанимат ёфтанд ва сутуру коло берун оварданду ба лашкаргоҳ бозомаданд, ки он ҷой ҷойе танг буд. Ва андар ин вақт лашкари Бектуғдӣ бештар ғоиб буданд, чи ба тохтан буданд ва чи ба ғорат машғул буданд. Ва чун хабар ба Довуди туркмон шуд, Довуд бо лашкари анбӯҳ аз тангиҳои кӯҳ берун омад ва андар баробар лашкар рост кард ва сафҳо бикашиданд ва ду шаборӯз ҳарб карданд ва туркмонон ҳаме ғалаба карданд.

Пас Бектуғдӣ Ҳусайн ибни Алӣ ибни Микойилро гуфт, ки «ҷойи истодан нест». Ҳусайни раис гуфт: «Ба ҳеч ҳол ман ба ҳазимат пеши амир нашавам, ё зафар ёбам, ё кушта шавам». Ва Бектуғдӣ пушт бидоду бирафт ва Ҳусайн биистод ва ҳарб ҳамекард, то ҳамаи лашкари ӯ бигурехтанд ва ӯ танҳо бимонд. Туркмонон андар омаданд ва гирди фили ӯ бигирифтанд ва ӯро

[219] Сипандонфоқ

аз фил фуруд оварданд ва хостанд, ки ӯро бикушанд, то Довуд хабар ёфт, кас фиристод, то ӯро накуштанд ва пеши ӯ бурданд ва бар дасту пойи ӯ банд биниҳоданд ва андар харгоҳе боздоштанд ва чанд тан аз туркмонон бар вай нигоҳбон карданд ва то бад-ин ғоят андар миёни эшон монда аст.

Ва Бектуғдӣ бозгашт ва пеши амири шаҳид омад. Ва амир тангдил шуд ва аз он ки гиравгон ва асирони дайламон бо ӯ буданд, муқом натавонист кард ва сӯйи Ғазнин омад ва асиронро биёварду ба қалъаҳо ва шаҳрҳо бифиристод андар моҳи рамазони санаи ситт ва ишрин ва арбаъмоъа (426 ҳ.).

Ва ба ҳар вақт аз Ҳиндустон хабар ҳамерасид, ки Аҳмад андар вилояти Ҳиндустон дастдарозиҳо мекунад ва уммолро даст барбаста аст ва дар молҳо хиёнат ҳамекунад. Пас амири шаҳид мар Бонҳа ибни Муҳаммад ибни Малалиро, ки солори Ҳиндустон буд бифиристод бо лашкари анбӯҳ. Ва чун баробари ҳамдигар расиданд, баровехтанд ва ҳарб карданд ва мардуми бисёр аз ҳар ду лашкар кушта шуданд ва Бонҳа андар он миён кушта шуд ва лашкариёнаш ҳама ҳазимат шуданд ва дасти Аҳмади Йинолтегин қавӣ гашт.

Ва чун амири шаҳид ин хабар бишнид мар Тулак ибни Ҷаҳаланро, ки сипаҳсолори ҳиндувон буд бифиристод. Ва Тулак бо сипоҳи анбӯҳ аз ҳиндувон бирафт ва бо Аҳмади Йинолтегин ҳарб кард. Ва чанд бор миёни эшон овезиш ва ҳарб буд ва ба ҳама вақтҳо зафар мар Тулакро буд. Ва Аҳмади Йинолтегин ба ҳазимат рафт ва лашкари ӯ зеру забар шуданд. Мар Тулак ҳар касеро аз лашкариён ва бозоргонон, ки пайвастаи Аҳмади Йинолтегин ва касони ӯ буданд, бигирифтӣ, як дасту бинии ӯро бибуридӣ ва накол кардӣ, то мардуми бисёреро бад-ин дастур накол карлд. Ва Аҳмади Йинолтегин бигурехт ва рӯй сӯйи Мансура ва Синд ниҳод ва хост аз оби Синд гузора шавад, иттифоқи бадро селе биёмад ва ӯро баргирифт ва ғарқа кард ва бимурд. Ва чун об ӯро порае бурд, бар гӯша андохт ва аз лашкариён ва муъонидони ӯ касе ӯро биёфт ва бишинохт ва сари ӯро бибурид ва ба наздики Тулак оварданд. Ва Тулак ба Балх фиристод ва амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то миле карданд ва он сар андар он мил ниҳоданд.

Ва ҳам андар ин вақт, яъне санаи сабъ ва ишрин ва арбаъмоъа (427 ҳ.), кӯшки нав тамом шуд ба Ғазнин бо тахти зарин, ки аз баҳри ин кӯшк сохта буданд, мурассаъ ба ҷавоҳир. Пас амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то он тахти заринро биниҳоданд андар кӯшк ва тоҷи зарин ба вазни ҳафтод ман аз зару ҷавоҳир сохта буданд, аз болои тахт биёвехтанд ба

занҷирҳои зарин. Ва амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, бар он тахт биншаст ва он тоҷи овехта бар сар ниҳод ва ҳашаму раъиятро бор бидод. Ва ба худовандзода амир Мавдуд таблу алам бидод ва ӯро сӯйи Балх фиристод. Ва андар зу-л-қаъдаи санаи сабъ ва ишрин ва арбаъмоъа (427 ҳ.), лашкар сӯйи Ҳиндустон кашид. Ва қалъае буд маниъ ва муҳкам ва мардуми анбӯҳ андар вай ва онро Ҳонсӣ гуфтандӣ. Амири шаҳид қасди он қалъа кард ва чун наздики он қалъа расид, бифармуд, то лашкар гирди он қалъат бигирифтанд ва ҳарб бипайвастанд ва аҳли ҳисор аз болои ҳисор ҳарб ҳамекарданд. Чунон донистанд мардумони ҳисор, ки ҳаргиз ҳеч одамиро бар он ҳисор даст набошад, аз устувории он ҳисор. Ва чун шаш рӯз ҳарб карданд, як бораи ҳисор бияфганданд ва ҳисор аврат шуд ва андар уфтоданд. Лашкари ислом ҳисорро ғорат карданд ва моли бисёр ғанимат ёфтанд ва бардаи бисёр гирифтанд. Ва аз он ҷо рӯй ба қалъати Сунипат ниҳоданд, ки ҷойи Дебол Ҳирёна будӣ ва чун Дебол Ҳирёна хабар ёфт, бигурехт ва рӯй сӯйи саҳрову беша ниҳод ва он қалъаро бо молу коло бигузошт. Ва чун лашкари ислом он ҷо расиданд, амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то он қалъаро ғорат карданд ва бутхонаҳо бисӯхтанд ва ҳар чи ёфтанд аз зару сим ва матоъ ҳама ба тороҷ бурданд.

Ва пас ҷосусон биёмаданд ва аз Дебол Ҳирёна хабар оварданд, ки ӯ ба фулон беша андар аст. Амири шаҳид он ҷо бирафт, то наздики лашкари ӯ расид. Чун Дебол хабар ёфт, дарвақт бигурехт ва лашкарро бигузошт ва лашкари ислом андар лашкари куффор уфтоданд ва бисёр мардум бикуштанд ва бисёреро дастгир карданд ва барда беандоза бигирифтанд. Ва аз он ҷо бозгаштанд ва рӯй сӯи Дираи Ром биниҳоданд. Чун солори Ром хабар ёфт, кас фиристод ва аз амири шаҳид узр хост. Гуфт: «Марде пирам ва тоқати он надорам, ки ба хидмат оям». Ва ба дасти каси хеш моли бисёр бифиристод ва амири шаҳид узри ӯ қабул кард ва нисори ӯ пазируфт.

Ва аз он ҷо бозгашт ва рӯй ба Ғазнин ниҳод. Пас амир Маҷдуд ибни Масъудро, раҳмату-л-Лоҳ, вилояти Лоҳур бидод ва таблу алам бидод ва ӯро бо ҳашам ва ҳошия сӯйи Лоҳур бифиристод ва худ сӯйи Ғазнин омад. Ва фатҳи Ҳонсӣ андар санаи самон ва ишрин ва арбаъмоъа (428 ҳ.) буд.

Ва чун ба Ғазнин қарор гирифт, ба ҳар вақт фарёдхоҳон аз Хуросон ҳамеомаданд ва аз туркмонон ҳаменолиданд ва мунҳиёну соҳиббаридон номаҳо пайваст ҳаменабиштанд, ки фасоди туркмонон аз ҳадд бишуд. Пас охири санаи самон ва ишрин ва арбаъмоъа (428 ҳ.) аз Ғазнин сӯйи Балх рафт аз ҷиҳати

ба салоҳ овардани асбоби Хуросон ва тадоруки фасоди туркмонон. Ва чун ба Балх расид, туркмонон, ки андар он ҳаволӣ буданд, аз ҷойҳои хеш бирафтанд ва вилояти Балх аз туркмонон холӣ шуд. Ва хабар оварданд мар амири шаҳидро, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, ки сӯйи Мовароуннаҳр шӯриш хоста аст аз ҷиҳати Пуртегин (Бурӣ тегин – Қ.Р.) ва лашкариёни ӯ, ки бар раъоё аз эшон ранҷ ҳамерасид. Амири шаҳид қасд кард, ки онро тадорук кунад, зеро ки хони бузург Қадархон бимурда буд ва аз Пуртегин раъоё нафрат гирифта. Андешид, ки магар андар ин фурсат Мовароуннаҳр хештанро гардонад.

Пас бифармуд, то бар Ҷайҳун пул бастанд ва лашкарро бар пул гузора кард ва сӯйи Мовароуннаҳр рафт. Ва ҳамаи саркашон ва пешравони Мовароуннаҳр ҷойҳо холӣ карданд ва бирафтанд ва ҳеч кас пеши ӯ наёмад. Ва чун чанд рӯз дар Мовароуннаҳр бибуд, номаи хоҷа Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуссамад ал-вазир омад сӯйи амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ аз Балх, ки «Довуди туркмон бо ҳамаи сипоҳи хеш қасди Балх кардааст ва бо ман бас сипоҳу ҳашам ва олат нест, ки бо эшон муқовимат тавонам кард ва агар ту бознаёӣ, халал ояд».

Андарвақт амир Масъуд, раҳмату-л-Лоҳ, аз Мовароуннаҳр бозгашт ва ба дашти Катар омад ва лашкар таъбия кард ва мар ҷанги туркмононро биёрост. Ва чун Довуди туркмон хабар ёфт, ки амир аз об гузора омад, дарвақт лашкар бикашид ва сӯйи Марв бишуд ва чун амири шаҳид хабари вай бишнид, ба Балх омад ва аз Балх сӯйи Гузгонон рафт. Ва чанд тан аз мардумони он ноҳият пеши амири шаҳид омаданд ва аз Алии Қуҳандизӣ тазаллум карданд. Ва ин Алии Қуҳандизӣ марде айёр ва муфсид буд ва андар ин навоҳиҳо бисёр дастдарозиҳо карда буд.

Пас амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то кас фиристоданд ва ин Алиро ба даргоҳ хонданд. Ва чун кас ба наздики ӯ шуд, наёмад, ва қалъае буд андар он ноҳият, он қалъаро паноҳ гирифт ва иёлу буна ба он қалъа бурд ва он қалъаро ҳисор гирифт. Ва амири шаҳид фармуд, то он ҳисорро бистаданд ва вайрон карданд ва Алии Қуҳандизиро ба зер оварданд. Чун пеши амири шаҳид овардандаш, дарвақт бифармуд, то дар дораш карданд ва ин андар санаи тисъ ва ишрин ва арбаъмоъа (429 ҳ.) буд.

Ва чун туркмонон хабари ҳаракати амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, сӯйи Марв бишниданд, битарсиданд, дарвақт расул бифиристоданд ба наздики ӯ ва гуфтанд: «Мо бандагонем ва фармонбурдорем. Акнун агар амир моро бипазирад ва чарохури мо падид кунад, то мо сутуру бунаи хеш бар чарохур бигзорем ва

худ ба танҳои хеш ба хидмати рикоби олӣ машғул гардем, ройи амир бартар». Амири шаҳид кас фиристод, то васиқате, ки воҷиб омад, бо байғу бикарданд ва ӯро савгандон бидоданд, ки низ сар аз тоъат накашад ва фармонбурдор бошад ва қавму қабиларо манъ кунад аз ин фасодҳо ва чарохуре, ки амири шаҳид падид кунад, бад-он ихтиёр кунанд. Ва бар ин ҷумла аҳд карданд ва паймон бастанд ва савгандон хӯрданд ва он ҳама сарону солорони туркмонон андар он аҳд омаданд ва бар ин ҷумла замон карданд.

Ва амири шаҳид аз он ҷо рӯй сӯйи Ҳирот ниҳод. Пас туркмонони чанд андар роҳи Ҳирот бар бунаи лашкари амири шаҳид заданд ва бисёре коло бибурданд ва тане чандро бикуштанд ва мачрӯҳ карданд. Ва амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, бифармуд, то лашкар бар асари эшон бирафт ва шамшер андар туркмонон ниҳоданд ва бисёре аз эшон бикуштанд ва қавме анбӯҳро дастгир карданд ва асиронро бо сарҳои куштагон пеши амири шаҳид оварданд. Ӯ бифармуд, то он сарҳоро бар харон бор карданд ва ба наздики байғу фиристоданд. Ва пайғом бидод, ки «ҳар кӣ аҳд бишканад, ҷазои ӯ ин бошад». Ва чун байғу он бидид, узр хост ва он беадабонро маломат кард ва ҷавоб бидод, ки «моро аз ин хабар набуд ва он чи мо хостем бикард, амир худ бикард».

Ва амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, рӯзе чанд ба Ҳирот муқом кард ва чун ба Тӯс рафт, фавҷе аз лашкари туркмонон пеши ӯ омаданд ва ҳарб карданд ва бисёр туркмонон кушта шуданд. Ва аз он ҷо сӯйи Нисо ва Бовард рафт ва андар он навоҳӣ ҳеч туркмонон набуданд. Пас хабар оварданд амири шаҳидро, ки мардумони Бовард ҳисори хеш ба туркмонон бидоданд ва бо эшон мутобиқат карданд. Дарвақт қасди Бовард кард ва бас рӯзгоре нашуд, ки он ҳисориёнро пеши амир оварданд. Ва бештари эшонро, бифармуд, то бикуштанд. Ва дил аз он фориғ кард ва сӯйи Нишобур омад ва зимистон ба Нишобур буд, андар санаи саласин ва арбаъмоъа (430 ҳ.).

Ва чун баҳор омад, аз Нишобур сӯйи Бовард омад, ки хабар ёфта буд, ки Туғрили туркмон он ҷост. Ва чун Туғрил хабари омадани амири шаҳид бишунид, сӯйи Назани Бовард бирафт ва пеши амир Масъуд наёмад. Ва чун амири шаҳид ӯро андарнаёфт, аз роҳи Меҳна сӯйи Сарахс омад. Ва мардумони Сарахс хироҷ надоданд ва шаҳр ҳисор карданд. Амир бифармуд, то мардумро аз ҳисор берун оварданд ва он ҳисорро вайрон карданд ва мардумони ҳисорро баъзе бикуштанд ва баъзе даст бибуриданд.

Ва аз он ҷо ба Ластона рафт ва чанд гоҳ он ҷо муқом кард. Ва аз он ҷо рӯй сӯйи Дандонақон ниҳод ва чун ба Дандонақон расид, лашкар фуруд омаданд. Ва чун бомдод буд, ҳама дашту кӯҳ туркмонон гирифта буданд ва роҳҳо бар лашкари Ғазнин баста буданд. Ва чун амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, чунон дид, бифармуд, то кори ҳарб сохта карданд ва лашкар таъбия кард ва сафҳо бикашиданд. Ва туркмонон низ рӯй ба ҳарб ниҳоданд ва бар расми хеш биёростанд, ки эшон ҳарб ба курдус кунанд ва ҳама курдус-курдус шуданд ва ҳарб ҳамекарданд. Ва лашкари Ғазнинро шикасте карданд ва қавме аз лашкари Ғазнин бигаштанд ва сӯйи душман рафтанд ва амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, ба тани хеш ба ҳарб кардан истод ва чанд марде кориро бияфганд, баъзеро ба найза ва баъзеро ба шамшер ва баъзеро ба гурз ва он рӯз корзоре кард, ки ҳеч подшоҳе ба тани хеш накарда буд. Ва кас фиристод ба наздики солорони лашкари хеш ва эшонро ҷанг кардан фармуд. Эшон ҳарб накарданд ва пушт бидоданд ва ба ҳазимат бирафтанд ва ӯ ба тани хеш ҳамчунон ҳарб ҳамекард, то ба наздики ӯ бас кас намонд ва чун дид, ки кор табоҳ гашт, бозгашт ва низ ҳеч туркмонро заҳра набуд, ки бар асари ӯ биёмадӣ, зеро ки дастбурди ӯ дида буданд. Ва ин воқиъаи Дандонақон рӯзи одина буд, моҳи рамазони санаи аҳадӣ ва саласин ва арбаъмоъа (431 ҳ.).

Ва амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, аз он ҷо рӯй сӯйи Марврӯд ниҳод , то баъзе аз лашкар ба наздики ӯ омад. Ва аз Марв рӯй ба Ғазнин овард ва ба роҳи Ғӯр берун омад ва ба Ғазнин омад. Аввал коре ба Ғазнин он кард, ки он солоронро, ки андар масоф бефармонӣ карда буданд ва дар ҳарб иҳмол варзида, чун сипаҳсолор Алии Доя ва ҳоҷиби бузург Субошӣ ва дигар Бектуғдӣ ҳоҷиб ин ҳар се солорро банд кард ва моли эшон бистад ва эшонро сӯйи Ҳиндустон ба қалъаҳо фиристод ва ҳам андар ин рӯз ҳар се тан бимурданд.

Ва пас амири шаҳид тадбир кард, то тадоруки он ҳол чӣ гуна кунад. Иттифоқ бар он уфтод, ки сӯйи Ҳиндустон шавад ва аз он ҷо лашкари қавӣ ҷамъ кунад ва биёяд ва ин ҳолро тадорук кунад. Пас амир Мавдуд, раҳмату-л-Лоҳро амирии Балх бидод ва хоҷа Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуссамад ал-вазирро бо ӯ ба Балх фиристод ва Артегин[220] ал-ҳоҷибро ҳоҷибии ӯ бидод ва чаҳор ҳазор сувор бо ӯ бифиристод. Ва ӯ сӯйи Балх рафт.

[220] Азангин

Ва чун амир ба Ҳупиён[221] расид, он ҷо муқом кард ва амир Маҳдудро, раҳмату-л-Лоҳ, бо ду ҳазор сувор сӯйи Мултон фиристод ва амир Эзадёрро сӯйи кӯҳпояи Ғазнин фиристод, ки он ҷо афғонон ва осиён буданд ва гуфт: «Он вилоят нигоҳ дор, то халале набошад». Пас бифармуд, то ҳамаи хазинаҳо ва ганҷҳо, ки амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, ниҳода буд андар қалъаҳо ва ҷойҳо, ҳама ба Ғазнин оварданд, чун қалъаи Дидирӯ ва Мандиш ва Нойломону Маранҷ ва Сомукот.

Пас ҳарчи мол аз ҷавоҳир ва зару сим ва ҷома ва фаршу авонӣ буд, ҳама бар уштурон бор карданд ва лашкар бикашид ва рӯй сӯйи Ҳиндустон ниҳод бо он хазина ва ҳарам ва буна. Ва ҳам аз роҳ кас фиристод, то бародари ӯ амир Муҳаммадро, раҳмату-л-Лоҳ, аз қалъаи Барғанд сӯйи лашкаргоҳ биёранд. Чун ба наздикии работи Моригала расид, хазина пеши ӯ ҳамебурданд, чанд тан аз ғуломони беадаб ва лашкариёни бебок бо хазина расиданд. Як ҷаҳон уштур ва астар диданд, ҳама ҷавоҳиру симу зар бор. Даст бад-он дароз карданд ва миқдоре аз он бардоштанд ва лашкар бишӯрид ва ба якбор он ҳама хазинаро бардариданд ва пок бибурданд. Ва чун беадабӣ карда буданд, донистанд ки ин аз пеш нашавад, магар амире дигар бошад. Иттифоқро амир Муҳаммад фароз расид. Пас қавме аз муҷримон фароз омаданд ва бар амир Муҳаммад ба подшоҳӣ салом карданд ва чун амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, чунон дид ва ҷойи сиёсат ба кор бастан ва ҳарб кардан набуд, андар работи Моригала рафт. Ва он шаб андар работ бибуд ва чун рӯзи дигар буд, берун омад ва бисёре бикӯшид. Қазо омада буд, ҳеч натвонист кард. Бозгашт ва работро ҳисор кард. Пас лашкар гирди работ бигирифт аз мардум ва фил. Пас ҷамъе андар работ омаданд ва мар амир Масъудро, раҳмату-л-Лоҳ, берун оварданд ва банд барниҳоданд ӯро ва аз он ҷо ба қалъаи Гирӣ бурдандаш. Ва ӯ он ҷо ҳамебуд, то ба таърихи ёзадаҳуми ҷимоди-л-аввали санаи аснӣ ва саласин арбаъмоъа (432 ҳ.). Охир ҳамон ҷамоъат, ки дар халъи ӯ саъй карда буданд, ҳилате бисохтанд ва кас фиристоданд ва сӯйи кутволи Гирӣ аз забони амир Муҳаммад пайғом расониданд ва амир Муҳаммадро аз он хабар набуд, то кутволи Гирӣ ӯро бикушт ва сари ӯ бардошт ва ба наздики амир Муҳаммад, раҳмату-л-Лоҳ, бифиристод. Ва амир Муҳаммад бисёр бигирист ва он касонро маломат кард.

[221] Ҳасон

Вилояти амир Шаҳобуддин ва-д-давла ва Қутбу-л-милла Абулфатҳ Мавдуд ибни Носиридину-л-Лоҳ Масъуд ибни Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳи алайҳумо. Ва чун хабари воқиъаи Моригала ва вафоти амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, ба амир Мавдуд расид, ба Ҳупиён, тофта шуд ва қасди он кард, ки он ҷо равад ва он ҳолро тадорук кунад ва кини падари хеш бихоҳад. Пас Абунаср Аҳмад ибни Муҳаммад Абдуссамад, раҳмату-л-Лоҳ, ӯро аз он тадбир боздошт ва гуфт: «Савоб он аст, ки ба ибтидо ба Ғазнин равем ва онро забт кунем, чун Ғазнин ба дасти мо бошад, он сипоҳ зуд ба даст ояд». Ва аз Ҳупиён бо лашкари хеш ба Ғазнин омад ва мардумони Ғазнин ҳама пеши ӯ омаданд ва ӯро таъзият карданд. Ӯ ба мотам нишаст ва чун фориғ шуд, ҳама аҳли Ғазнин биёмаданд ва хештанро арза карданд. Ва амир Мавдуд, раҳмату-л-Лоҳ, эшонро некуӣ гуфт ва рӯй ба ҳарби амм ниҳод ва чун ба Данпур расид, амир Муҳаммад низ он ҷо расида буд. Пас сафҳо бикашиданд ва ҳар ду лашкар таъбия карданд ва ҳарб пайвастанд. Ва он рӯз ҳама рӯз ҳарб ҳамекарданд, то шаб андар омад, аз якдигар боз шуданд.

Ва чун амир Мавдуд ба ҷойи хеш бозомад, вазир ва солоронро бихонд ва тадбирҳо кард. Пас андар сирр кас фиристод сӯйи амири аҷал сайид Абумансур Абдуррашид ибни Ямину-д-давла адомаллоҳ мулкаҳу ва сӯйи вай пайғомҳо бидод, ки «ман донам, ки ту ба якбор натвонӣ гаштан ва ба наздики ман омадан, аммо агар ту бар ҷой бошӣ ва ҳарб накунӣ, то ман бо хасми хеш биёвезам ва инсофи хеш аз вай бихоҳам, туро миннате бузург бар ман бувад. Агар ман ба мақсуди хеш расам, ном бар ман бошад ва ҳама шуғлу фармон туро бошад ва ман он кунам он вақт, ки ту фармоӣ». Ва бар ин ҷумла савгандон хӯрд ва ба аймони муғаллаз васиқатҳо кард, ки он васиқат таъвил ва рухсати иҳтимол накунад ва гуфта буд, ки «туро бо падари ман амири шаҳид, раҳмату-л-Лоҳ, аҳд аст, ки бо фарзандони ӯ бад накунӣ». Ва чун пайғом ба наздики амири аҷалл, адомаллоҳ давлатуҳу расид ва васиқатҳо муҳкам дид, дилаш сӯйи амир Мавдуд мойил гашт ва забон бидод, ки «ман ҳарб накунам ва шамшер накашам ва бар ҷой шавам, то ин кор файсал гирад». Ва чун рӯзи дигар буд, сафҳо бикашиданд ва майманаву майсара ва қалбу ҷиноҳин рост карданд ва муборизон ҳарб ҳамекарданд, то чоштгоҳ. Ва амири аҷалл Абдуррашид, адомаллоҳ давлатуҳу бар гӯша истода буд ва ҳеч ҳарб накард. Ва чун амир Мавдуд, раҳмату-л-Лоҳ, чунон дид ба тани хеш ҳамла бурд ва бар маймана аз сипоҳ зад ва бисёре мардум аз маймана бияфганд ва

маймана бар майсара зад ва майсара бар қалб зад ва ба як ҳамла он лашкар бад-он бузургиро ҳазимат кард.

Ва Артегини[222] ҳоҷиб бо ғуломони сарой аз паси қафои эшон андар нишастанд ва ҳамекуштанд ва ҳамезаданд ва ҳамегирифтанд, то бисёр мардум кушта ва гирифта шуд. Ва амир Муҳаммадро дастгир карданд ва писари ӯ Аҳмадро ва Сулаймон ибни Юсуфро ва қавме аз бузургзодагони давлатро дастгир карданд. Пас амир Мавдуд, бифармуд, то ҳамаро бикуштанд ва баъзеро тирборон карданд ва баъзеро бар думи аспи муъарбид бастанд…….

БОБИ ЧАҲОР(ДАҲУМ)
АНДАР ИСТИХРОҶИ ЧАҲОР ТАЪРИХ АЗ ЯКДИГАР

Бидон ки таърихҳое, ки мустаъмал аст ва ҳамаи мунаҷҷимон ва аҳли ҳисоб онро истиъмол кунанд, се таърих аст, чун румӣ ва арабӣ ва порсӣ. Ва ман ба ин ҳар се таърихи ҳиндувон замм кардам, то ҳар чаҳор таърих аз якдигар берун ояд ва тариқи он падид кардам, биъивни Аллоҳу ва тавфиқа.

Аммо таърихи румӣ, ки дураҳдтар аст, аз гоҳи Зулқарнайн гиранд, ки ӯ ба подшоҳӣ нишаст ба Мақдуниё ва он рӯзи душанбе буд, аввали тишрину-л-аввал ва миёни ӯ ва миёни таърихи ҳиҷрат чандини 340701 рӯз бошад ва миёни (таърихи) румӣ ва (таърихи) порсӣ чандини 344324 рӯз бошад.

Ва таърихи ҳиҷрӣ аз рӯзи одинаи ғурраи муҳаррами сари соли нахустин, ки пайғамбари мо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз Макка ба Мадина омад ва ҳиҷрат кард, (гиранд) ва миёни (таърихи) ҳиҷрат ва миёни таърихи порсӣ чандини 3623 рӯз аст.

(Ва таърихи порсӣ аз гоҳи Яздиҷурд ибни Шаҳриёр гиранд, ки ӯ ба подшоҳӣ нишаст ва он рӯз сешанбе буд, аввали фарвардинмоҳ ва бисту ду рӯз аз хилофати Абубакри Сиддиқ, разийа-л-Лоҳи анҳу, гузашта буд).

Агар таърихи ҳиҷрӣ ёфта шуд, солҳои тамоми ӯро бигир ва андар бисту як ҳазору дувисту шасту ду зарбат кун ва он маблағ, ки ба ҳосил ояд, бар шаст қисмат кун (ва агар боқии қисмат чандини 30 ё бештар бувад, як бар ҳосили қисмат барафзой, ҳосил) айёми он солҳои тамом бошад. Пас кусури ин соли мақсуд

[222] Узтегин

он чи бошад аз моҳу рӯз бар вай афзой, ҷумла рӯзҳо бошад аз ибтидои ҳичрат, то он рӯзи мақсуд.

Ва чун хоҳӣ, ки таърихи румӣ аз (торихи) ҳичрат бидонӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи румӣ ва таърихи ҳичрат аст, бо он рӯзгор барафзой, то рӯзҳои таърихи (ҳичрӣ) румӣ гардад ва чун хоҳӣ, ки то онро сол гардонӣ, он рӯзҳоро андар шаст зарбат кун, пас он маблағро, ки ба ҳосил (ояд) бар бисту як ҳазору нуҳсад ва понздаҳ қисмат кун, то солҳои (тамоми румӣ) ба ҳосил гардад ва он чи (ҷуз айёми солҳои тамом) боқӣ монад, моҳу рӯз гардон, то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд.

(Ва чун хоҳӣ, ки таърихи порсӣ аз таърихи ҳичрат бидонӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи ҳичрӣ ва таърихи порсӣ аст, аз он рӯзгор нуқсон кун, то рӯзҳои таърихи ҳичрӣ форсӣ гардад, пас он он маблағро, ки ба ҳосил ояд, бар сесаду шасту панҷ қисмат кун, то солҳои тамоми форсӣ ба ҳосил ояд ва он чӣ ҷуз айёми солҳои тамом боқӣ монад, моҳу рӯз гардон, то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд).

Ва агар таърихи форсӣ ба ҳосил бошад, солҳои тамоми ӯро андар сесаду шасту панҷ зарбат кун, то ҳамаи (солҳои тамом) рӯз гардад ва кусури соли мақсудро (он чи бошад аз моҳу рӯз) бар (вай) барафзой, (ҷумла рӯзҳо бошад аз ибтидои таърихи порсӣ то он рӯзи мақсуд).

Ва агар таърихи арабӣ хоҳӣ берун (орӣ аз торихи порсӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи арабӣ ва таърихи порсӣ аст, бо он рӯзгор барафзой, то рӯзҳои таърихи порсӣ арабӣ гардад. Ва он маблағ, ки ба ҳосил ояд, бар бисту як ҳазору дувисту шасту ду қисмат кун, то солҳои тамоми арабӣ ба ҳосил ояд ва он чи ҷуз айёми солҳои тамом боқӣ монад, моҳу рӯз гардон, то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд.

Ва чун хоҳӣ, ки таърихи румӣ аз таърихи порсӣ бидонӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи румӣ ва таърихи порсӣ аст, бо он рӯзгор барафзой, то рӯзҳои таърихи порсӣ румӣ гардад ва он рӯзҳо андар шаст зарбат кун, пас он маблағ, ки ба ҳосил ояд ва он чи ҷуз айёми солҳои тамом боқӣ монад, моҳу рӯз гардон, то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд.

Ва агар таърихи румӣ ба ҳосил бошад), бинеҳ солҳои тамоми румиро ва андар бисту як ҳазору нуҳсаду понздаҳ зарбат кун ва он (маблағ)-ро (ки ба ҳосил ояд) бар шаст қисмат кун, то ҳама рӯз гардад (ва кусури рӯзҳои соли мақсуд – он чи бошад аз моҳу рӯз – барафзой, ҷумла рӯзҳо бошад аз ибтидои таърихи румӣ, то он рӯзи мақсуд).

Ва чун хоҳӣ бо таърихи румӣ таърихи ҳичрӣ аз вай берун орӣ, он тафовут, ки миёни ин таърих ва таърихи мақсуд бошад, аз он кам кун, то рӯзҳои таърихи арабӣ бо румӣ ҳосил шавад ва чун хоҳӣ, ки он рӯзҳоро соли арабӣ гардонӣ, маълаги рӯзҳо андар шаст зарбат кун ва пас он маблағро, ки ба ҳосил ояд, бар бисту як ҳазору дувисту шасту ду қисмат кун, то солҳои (тамоми арабӣ) ба ҳосил гардад ва он чи (ҷуз айёми солҳои тамом) боқӣ монад, (моҳ ва) рӯз бувад аз аввали сол то рӯзи мақсуд.

Чун рӯзҳои (таърихи) румӣ ёбӣ ва хоҳӣ то таърихи порсӣ аз вай истихроҷ кунӣ, пас он миқдор, ки миёни таърихи румӣ ва таърихи порсӣ аст аз рӯзҳо, аз вай нуқсон кун, то рӯзҳои таърихи румӣ порсӣ гардад ва боқиро бар сесаду шасту панҷ қисмат кун, то солҳои (тамоми) порсӣ аз вай берун ояд ва он чи ҷуз айёми солҳои тамом) боқӣ монад, моҳу рӯз бошад (аз ибтидои сол то рӯзи мақсуд).

Бидон, ки таърихи ҳиндувон, он чи мустаъмал аст миёни эшон, онро шаккол[223] гӯянд. Ва «кол» вақт бошад ба луғати ҳиндувон ва «Шак» подшоҳе будааст эшонро ва бар ҳамаи ҳиндувон ғалаба карда буд ва мар ҳиндувонро бисёр ранҷ намуда буд. Ва чун ӯ ҳалок шуд, эшон он марги ӯро чун иде доштанд ва ҷашн сохтанд ва аз он ҷо таърих ниҳоданд.

Ва чун хоҳем, ки ин таърихи (ҳиндувон) аз он таърихҳои маъруф берун орем, бигирем ин таърихи машҳурро рӯз гардонем, агар румӣ бошад, чандини 1019273 барафзоем ва агар ҳичрӣ бошад чандини 1359974 барафзоем ва агар форсӣ бошад, чандини 1363597 барафзоем ва он чи ба ҳосил шавад, ба ду ҷой ниҳем, нигоҳ дорем, пас зарб кунем (яке аз) он маҳфузро андар 55739 ва қисмат кунем онро бар 3506481 ва он чи берун ояд бар он маҳфузи дигар афзоем ва он чиро (ки ба ҳосил ояд) ба ду ҷой ниҳем ва яке аз он андар 5311 зарбат кунем ва қисмат кунем он маблағро бар 5343330 ва он чи берун ояд, зарбат кунем андар 30 ва он чи ҷамъ шавад, аз он ҷойи дигар нуқсон кунем ва боқиро бар 30 қисмат кунем, моҳ берун ояд ва он чи боқӣ монад, рӯз бувад. Пас ин моҳҳоро бар дувоздаҳ қисмат кунем, то солҳои тамом ҳосил гардад ва аз вай чандини 3178 нуқсон кунем, он чи боқӣ монад, соли шаккол бошад.

Ва чун бо соли шаккол чандини 1972947179 барафзоем, таърихи аввали рафтори ситорагон аз сари ҳамал берун ояд, ба қавли ҳиндувон.

Ин буд тамомии мақолати таворих ва ахбор, ки ёд кардем ва акнун сухан андар идҳо гӯйем, иншоолоҳи таъоло.

---

[223] Шикол

МАҚОЛАТИ ДУВВУМ
АНДАР ҶАДВАЛҲОИ ИДҲО ВА АСБОБИ ОН АНДАР РАСМҲОИ ПАНҶ УММАТ

Чунин гӯяд ҷамъкунандаи ин китоби Зайну-л-ахбор: идҳое, ки маъҳуди ҳар уммате аст, хабаре аст на фаҳоме ва расме аст, на бурҳоне, ки чун ҳодисае биюфтодӣ аз ғаму шодӣ, ё қаҳр ё фатҳ, онро расме ниҳодандӣ ҳар уммате ва чун ҳар соле бад-он рӯз бирасад, шодӣ кунанд, ё таъаббуд намоянд ва рӯза доранд.

Ва аммо чунонки андар кутуби мутақаддимон ёфтаам – ки ривоят кардаанд аз сиқоти ҳар уммат – ки мумкин аст он хабар ҳақиқат набошад, (балки) аҳли ҳар уммате бар он ҳикоят ва ривоят муттафиқанд ва он ҳолро муътақиданд. Пас он идҳоро ин ҷо биёвардам ва ибтидо аз идҳои мусалмонон кардам. Ва би-л-Лоҳу-л-тавфиқ.

БОБИ ПОНЗДАҲУМ
АНДАР ҶАДВАЛИ ИДҲОИ МУСАЛМОНОН

Бидон ки идҳои мусалмонон бисёр аст, ки аҳли ҳар мазҳабе онро истиъмол кунанд ва ман он чи ёфтам, ба хосса аз кутуби хоҷа Абурайҳон, раҳмату-л-Лоҳ, биёвардам ва онро ба ҷадвал кардам, то ёфтани он бар ҷӯянда осонтар бувад. Ва онро бар чаҳор ҷадвал ниҳод: нахустин ҷадвали адади идҳо, дудигар ҷадвали номҳои ҳар ид ва седигар ҷадвали рӯзи гузашта аз ҳар моҳи тозиён, чаҳорум, ҷадвали номи моҳҳои тозиён. Ва ҷадвал ин аст.

Адад	Рӯзҳои бузурги исломӣ аз моҳҳои араб	Рӯзи гузашта аз ҳар моҳ	Моҳҳо
1	Ғурраи сол ва оғози сана	1	
2	Тосуъо бар вазни ошуро	9	Муҳаррам
3	Ошуро, аз ошур, авали моҳҳои яҳуд гирифта шуда	10	
4	Рӯзи шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб дар	10	
5	Карбало, алайҳимо-с-салом	16	
	Гардидани қибла ба Байтулмақдис, дар аввали ислом ҳаждаҳ моҳ	17	
	Омадани асҳобу-л-фили Ҳабаша барои вайронии Макка		

6	Овардани сари буридаи Ҳусайн ибни Алӣ, алайҳу-с-салом ба	16	Сафар
7	Димишқ		
	Ибтидои бемории мавти расулуллоҳ сала-л-Лоҳи ва олиҳи ва саллам	20	
8	Вафоти набӣ, салла-л-Лоҳи ва олиҳи ва саллам, субҳи душанбе	3	Рабиъу-л-аввал
9	Хуруҷи набӣ, салла-л-Лоҳи ва олиҳи ва саллам аз Макка ва пинҳон шудан дар ғор бо	5	
10	Абубакри Сиддиқ (рз)	9	
11	Омадани набӣ, салла-л-Лоҳи ва олиҳи ва саллам ба ҳиҷрат дар Мадина	9	
12	Тазвиҷи Хадиҷа буд бо пайғамбар, салла-л-Лоҳи ва олиҳи ва саллам	12	
	Валодати набӣ, салла-л-Лоҳи ва олиҳи ва саллам рӯзи душанбе оммулфил		
13	Сӯхтани Каъба дар айёми муҳосира, ки Хаҷҷоҷ Абдуллоҳ ибни Зубайрро дар ҳисор дошт	4	Рабиъу-л-охир
14	Такрири фарзи салавот	15	Ҷимоди-л-аввал
15	Ҷанги Ҷамал дар Басра бо Ойиша ва Талҳату Зубайр	3	
16	Вафоти Батул Фотима бинти расул алайҳимо-с-салом	9	Ҷимоди-л-охир
17	Вафоти Абибакри Сиддиқ алайҳи ризвону-л-Лоҳ	2	
18	Валодати Фотима бинти Хадиҷа бинти Хувайлид	4	
19	Вафоти Ҳасан ибни Алӣ, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳум	4	Раҷаб
20	Ҷанги Сиффин байни Алӣ ибни Абитолиб ва Муовият ибни Абисуфён, разийа-л-Лоҳи	4	
21	анҳумо.	12	
22	Мавлиди Муҳаммад ибн ал-Алавӣ	26	
23	Мабъаси набӣ алайҳу-с-салом	27	

	ба тамоми мардум Шаби меъроҷ ва исроъ то Байтулмақдис		
24	Валодати Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абетолиб алайҳу-с-салом	3	Шаъбон
25	Лайлату-л-бироат, ки онро лайлату-л-сак ҳам гӯянд	15	
26	Сарфи қибла аз Байтулмақдис ба Каъба ба намози дигар	16	
27	Задани Абдурраҳмон ибни Мулҷам Алӣ ибни Абитолиб алайҳу-с-саломро ҳангоми	16	Рамазон
28	намози фаҷр	17	
29	Воқиаи Бадр ва фирӯзии	19	
30	нахустин Фатҳи Макка	21	
31	Вафоти Алӣ ибни Абитолиб алайҳу-с-салом аз зарби ибни Мулҷам	21	
32	Вафоти Алӣ ибни Мӯсо ар-Ризо ва бозгашти Маъмун аз		
33	сабзпӯшӣ ба сиёҳпӯшӣ	26	
34	Зуҳури Абумуслими соҳибуддаъвати Аббосӣ дар Марв	26 27	
35	Хуруҷи Бурқаъӣ дар Занаҷ ва изҳори фасод дар замин Вафоти Ҷаъфар ибни Муҳаммад ас-Содиқ, разийа-л-Лоҳи анҳу Шаби қадр бошад ба ривояте		
36	Явми раҳмат ва фитр, ки дар он рӯза нагиранд	1	Шаввол
37	Мубоҳилаи набӣ алайҳу-с-салом, бо насораи Наҷрон	4	
38	Ғузваи Уҳуд ва муқтили Ҳамза, алайҳу-с-салом	17	
39	Вафоти Абитолиб ибни Абдулмуталлиб	19	
40	Бино ниҳодани Иброҳим алайҳу-с-салом, Каъбаро Мақтали	5	Зу-л-қаъда
41	Ҷаъфар ибни Абитолиб	11	

42	Заношӯйии Фотимат аз-Заҳро бо Алӣ ибни Абитолиб	1	
43	алайҳимо-с-салом	1	
44	Мақтали Зайд ибни Алӣ ал-	6	
45	Алавӣ	7	
46	Вафоти Муҳаммад ибни Алӣ	8	
47	Муздалафа	9	
48	Тарвеҳ ва сақии ҳоҷиён	10	Зу-л-ҳиҷҷа
49	Рӯзи арафа ва истодан бар	11	
50	Арафот	12	
51	Рӯзи гӯспандкушон ва азҳия дар Мино	17	
52	Явалқар	18	
53	Явмулнафр	27	
54	Мақтали Усмон ибни Аффон ризвону-л-Лоҳи алайҳ баъд аз шиддати муҳосира	27	
	Рӯзи ғадири хум барои шиъа		
	Мақтали Умар ибни Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу		
	Воқиаи Ҳарра дар Мадина		

БОБИ ШОНЗДАҲУМ
АНДАР АСБОБИ ИДҲОИ МУСАЛМОНОН

Ва чун идҳо шинохта шуд, бояд ки сабаби он низ дониста ояд ва ман он чи донистам ва он чи шунидам ва он чи набишта ёфтам, ин ҷо биёвардам, то маълум бошад.

1.Ғуррати муҳаррам ва рӯзи нахустинро ғуратулҳавл ва сари сол хонанд. Ва ба ҳамаи миллатҳо сари солро бузург доранд. Ва аҳли ҷоҳилияти араб ин даҳ рӯзи аввали муҳаррамро сахт бузург доштандӣ ва пайғамбари мо салла-л-Лоҳи алайҳӣ ва олиҳи ва саллам, ин аввали муҳаррамро ҳурмат доштӣ. Ва пеш аз он ки оят омад ва рӯзаи моҳи рамазон фариза гашт, ҳамаи саҳоба, разийа-л-Лоҳу анҳум, даҳ рӯзи аввали муҳаррам ба ҷойи фариза рӯза доштандӣ ва бар мо ҳама воҷиб аст бар асари расул, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, рафтан ва ин рӯзро бузург доштан.

2. Ва ин рӯзро тосуъо гӯянд, бар вазни ошуро ва ин рӯзи бузургвор аст ва ин рӯз мар ошуроро чунон бошад, ки арафа мар идро.

3. Ин рӯзи ошуро рӯзи бузургвор аст ва аҳли ҳамаи миллатҳо ин рӯзро бузург доранд ва андар ин рӯз тоъатҳо кунанду садақа диҳанд. Мар ҷуҳудонро ид ва рӯзи аввали сол аст, ки инро ашарто гӯянд ва ҳамаи мардумони эшон он рӯз рӯза доранд ва гӯянд, кӯдакро андар гаҳвора шир диҳанд. Ва ин ошуро ба наздики мусалмонон бузургвортар аз он аст, ки ашарто ба наздики эшон.

Андар ин рӯз мақтали амиралмуъминин Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳумо буд ба Карбало ва ин сахт бузургвор рӯз аст. Ва чун ин рӯзҳо бошад, бисёр мардум аз ҳар ҷо ба Карбало оянд ба зиёрати гӯри Ҳусайн, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳум, навҳа кунанд ва бар Язид лаънат кунанд.

4. Андар ин рӯз қибла сӯйи Байтулмақдис гардонида шуд ва сабаби он чунон буд, ки андар аввали ислом фармон омад аз осмон мар пайғамбарро, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, дар намоз рӯй сӯйи Каъба ҳамекардӣ, то фармон омад, ки рӯй сӯйи Байтулмақдис кун ва бар ҳукми фармони Эзад, таъоло, рӯй бар он ҷониб карданд ва ҳаждаҳ моҳ ҳам бар ин ҷумла рафт, то оят омад, дар рӯй сӯйи Каъба фармуд кардан.

5. Ва ин рӯз он буд, ки ҳабаша ба хароб кардани Каъба омаданд. Ва амири ҳабаша Абраҳа ном буд, ки қасди Макка карда буд, то он хонаро вайрон кунад. Ва муроди ӯ он буд, то араб низ ба хонаи Каъба наоянд. Ва ин Абраҳа ҳаме хонае карда буд ва моли бисёр андар он сарф карда буд, хост то ин ҳаҷҷи мардумон ҳамин бошад. Ва бо вай лашкари бисёр буд ва филон буданд. Ин оммулфил андар санаи аснин ва самонин ва самонмоъа буд (882) аз гоҳи Искандар ва санаи арбаъин (40) аз мулки Нуширвони одил.

Ва андар ин вақт ки ин асҳобу-л-фил ба Макка омаданд, Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб, падари пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, ба Шом буд ва чун ба Мадина расид, бимурд ва пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, андар шиками модар буд ва аз паси омадани асҳобу-л-фил ба панҷоҳ рӯз мавлуди Муҳаммад, расулуллоҳ, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, буд. Ва ҳабаша мар хонаро хароб натавонистанд кард ва Худой, аззу ҷалл, тайран абобилро бар эшон бигумошт. Бо санги гил, яъне сиҷҷил бар эшон ҳамезаданд. Ва ҳар ҷонвареро, ки он сиҷҷил биёфтӣ, бикуштӣ, то ҳама ҳазимат шуданд.

6. Андар ин рӯз сари Ҳусайн ибни Алӣ, разийа-л-Лоҳу таъоло анҳум андар Димишқ оварданд, ба наздики Язид, лаънату-л-Лоҳ. Ва мар Ҳусайнро, разийа-л-Лоҳу анҳум, Шамарзӣ-л-ҷавшан кушт ва сари ӯ Амр ибни Саъд бурид ба Карбало.

Андар ин рӯз зиёрати чиҳилтан будааст, ки андар ислом чиҳил аброр ҷамъ шуданд ва андар ин рӯз ба як ҷой гирд омаданд ва ба якдигар зиёрат карданд.

7. Ибтидои бемории расул, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, андар ин рӯз буд аз иллати зоту-л-ҷанб, даҳум андар ин беморӣ бимурд, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи.

Нахустин ғазве, ки пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам бо кофирон бикард ва кофиронро мақҳур калд андар ин рӯз буд.

8. Андар ин рӯз пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, аз Макка сӯйи ғор берун омад ва андар ғор пинҳон шуд, бо Абубакри Сиддиқ, разийа-л-Лоҳи анҳу. Ва се шаборӯз андар ғор бибуданд ва аз он ҷо берун омаданд ва сӯйи Мадина рафтанд, расул салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам ва Абубуакри Сиддиқ ва Омир ибни Фуҳайра мавлои Абубакр ва Абдуллоҳ ибни Урайқат.

9. Андар ин рӯз пайғамбари мо салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, аз иллати зоту-л-ҷанб фармон ёфт ва он рӯз душанбе буд, вақти чоштгоҳ.

10. Андар ин рӯз пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, аз Макка ба Мадина омад ба ҳичрат. Ва чун аз ғор берун омад, андар ин рӯз ба Мадина расид ва ба Қубо, бар сояи дарахт фуруд омад ва ҳафт рӯз он ҷо бибуд. Пас андар Мадина даромад ва ҳар кас ба хонаи хеш арз карданд. Расул фармуд, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, ки «шутури ман маъмур аст». Ва шутур ҳамерафт, то он ҷо зону зад, ки акнун масҷиди расул аст, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам ва он ҷой мар ду ятимро буд ва ба наздики он хонаи Абуайюби ансорӣ буд. Расул, алайҳу-с-салом, он ҷо фуруд омад ва он ҷойро аз ятимон бихариданд ва масҷид кард.

Андар ин рӯз мавлиди амиралмуъминин Абулҳасан Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳум, буд ва модари ӯ Фотима бинт ал-Асад ал-Хурумӣ буд.

11. Андар ин рӯз тазвиҷи Хадиҷа буд бо пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам. Чун он муъҷизот ҳамедид ва низ ӯро амин ёфт ба ҳамаи чизҳо ва оқилу донову ҳушёр, рағбат кард, ки расул, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, шӯйи ӯ бошад. Пас пайғамбарро, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, гуфт: «мар Абутолибро бигӯй, то маро аз баҳри ту, аз

падари ман бихоҳад». Ва чун Абутолиб бихост, Хувайлид иҷобат накард. Пас Хадиҷа, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳу мизбонӣ сохт ва Абутолибро низ бихонд. Ва Абутолиб бо Хувайлид шароб хӯрд ва чун Хувайлид маст шуд, Абутолиб Хадиҷаро аз вай бихост, аз баҳри Муҳаммад ал-Мустафо, салла-л-Лоҳи алайҳӣ ва олиҳи ва саллам, ва Хувайлид иҷобат кард ва ҳам андар он маҷлис никоҳ карданд. Дигар рӯз чун Хувайлид ҳушёр шуд ва ӯро хабар бидоданд, пашемон шуд, хост, ки ақди никоҳро фасх кунад. Ва Хадиҷа ӯро боздошт, гуфт: «ман зиштном гардам».

12. Мавлиди пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам ва Абубакр андар оммулфил ва андар ин рӯз буд, ба хонае, ки онро хонаи ибни Юсуф хондандӣ андар Макка.

13. Андар ин рӯз Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф Каъбаро ба манҷаниқ бикуфту бисӯхт ва сабаб он буд, ки чун мар Ҳусайн ибни Алӣ, разийа-л-Лоҳи анҳумро бикуштанд ва Язид ибни Муовия бар вай чандон истихфоф бикард, Абдуллоҳ ибн аз-Зубайр ба Мадина берун омад ва аз баҳри хештан даъват кард ва қасди бану Умайя кард ва ҳар чи аз бану Умайя ба Мадина буданд, ҳамаро аз Мадина берун кард. Ва Язид ибни Муовия мар Муслим ибни Уқбат ибн ал-Мариро[224] ба ҳарби Абдуллоҳ ибн аз-Зубайр фиристод. Ва ӯ ба Мадина шуд ва мар Абдуллоҳро ҳазимат кард ва се рӯз фармуд, то Мадинаро ғорат карданд…. [225] Пас Муслим сӯйи Макка рафт ва андар роҳ бимурд. Ӯро ба манзили Қудайд дафн карданд. Ҳусайн ибни Намир ба Макка рафт ва хонаи Каъбаро ҳисор гирифт ва бисӯхт, чунонки деворҳои ӯ бисӯхт ва биюфтод, то боз Абдуллоҳ ибн аз-Зубайр ободон кард.

14. Андар ин рӯз мавлиди Ҷаъфар ибн Муҳаммад ас-Содиқ буд, разийа-л-Лоҳи анҳу.

15. Андар ин рӯз намози фариза бар панҷ вақт қарор гирифт ва пеш аз ин ҳар гуна ҳамекарданд, бештару камтар, қароре надошт, ки Ӯзад, таъоло, оят фиристод ва ваҳй кард бар расул, алайҳу-с-салом ва гуфт намоз кунед ва нагуфт, чанд кунед ва кай кунед. Пас расул, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, андар ин рӯз ин намозҳо биниҳод ва вақтҳои он падид кард ва фаризаву суннат падид кард ва мар саҳобаро бифармуд, ки чунин кунед. Ва чун Ҷабрайил, алайҳу-с-салом, зӣ ӯ омад ва он бидид, аз вай писандид ва ҳам бар он қарор бимонд.

16. Ин рӯз ҳарби Ҷамал буд, ки Талҳат ва Зубайр бо амиралмуъминин Алӣ, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳу, ҳарб

[224] Ал-Мазанӣ

[225] Ва вақт мара ин буд (вақъати ҳурра ин буд?)

карданд. Ва Ойиша, разийа-л-Лоҳу анҳоро аз Мадина бо хештан бибурданд. Ва Ойиша, разийа-л-Лоҳу анҳо, андар ҳавдаҷе нишаста буд ва бар уштуре ниҳода. Ва он ҳавдаҷро ҳама ба тир бидӯхтанд, аммо Ойишаро, разийа-л-Лоҳу анҳо, ранҷе нарасид аз он. Охир он қавм, ки бо Ойиша буданд, ҳазимат шуданд ва уштури Ойишаро бигирифтанд. Ва Алӣ, разийа-л-Лоҳу анҳу, фармуд, ки ӯро некӯ фуруд оварданд ва Алӣ ба наздики ӯ рафту узр хост. Ва Ойиша, разийа-л-Лоҳу анҳо, тангдилӣ кард ва бисёр суханон рафт миёни эшон. Охир Ойиша бозгашт ва ба Мадина бишуд.

17. Андар ин рӯз вафоти духтари пайғамбари мо, алайҳу-с-салом, Фотимат ал-батӯл, разийа-л-Лоҳу анҳо, буд ва саҳоба, разийа-л-Лоҳу анҳум, андар ин рӯз мотам гирифтанд.

18. Вафоти Абубакри Сиддиқ, разийа-л-Лоҳу анҳу, андар ин рӯз буд. Ва бар дили саҳоба, разийа-л-Лоҳу анҳум, андар ин рӯз ғаме ва аламе сахт расид ва ҳама мотам гирифтанд бар вафоти Абубакри Сиддиқ, разийа-л-Лоҳу анҳу.

19. Андар ин рӯз рӯзи мавлиди Фотимат аз-Заҳро, разийа-л-Лоҳу анҳо, духтари пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, буд ба Макка.

20. Андар ин рӯз вафоти Ҳасан ибни Алӣ, разийа-л-Лоҳи таъоло анҳум, буд. Ва чунин гӯянд, баъзе ровиён, ки ӯро заҳр бидоданд ва андар ӯ кор кард ва аз он бимурд. Муовия ибн Абисуфён мар зани Ҳасан Ҷаъдат ибн Ал-Ашъас ибни Қайс ал-Киндиро понсад ҳазор дирам бипазируфт, то Ҷаъда он заҳр ба Ҳасан бидод ва Ҳасан аз он заҳр бимурд, то Муовия вилоят ба қаҳр бигирифт.

21. Ҳарби Сиффин андар ин рӯз буд, ки Муовия бо Алӣ ибни Абитолиб разийа-л-Лоҳи анҳу, ҳарб кард. Ва Алӣ, разийа-л-Лоҳи анҳу, мар Муовияро ва сипоҳи ӯро мақҳур кард. Ва чун ҳазимат хостанд шуд, Амр ибн ал-Ос ба наздики Муовия омаду гуфт: «низ ҷойи мардӣ ва муборазат намонд, ин ҷо ҳилат бояд кард». Пас Муовия ба ишораи Амр бифармуд, то сафҳо Қуръонро андар найза карданд ва овоз бидоданд, ки «мо шуморо ба дин ҳамехонем». Пас Алӣ, разийа-л-Лоҳи анҳу, бифармуд, то шамшерҳо андар ниём карданд ва пирон андар миён шуданд ва бар он ниҳоданд, ки ҳакамайн насб кунанд ва мар Амр ибн ал-Ос ва Абумӯсо ал-Ашъариро ҳакам карданд, то расид кор он ҷо, ки расид.

22. Андар ин рӯз Муҳаммад ибни Алӣ ал-Алавиро модар бизод, ки ӯро Боқир хондандӣ ва имоми шоъиён буд, аз ҷумлаи он ҳафт имом, ки эшон гӯянд, яке ӯ буд.

23. Ин рӯз берун омадани пайғамбари мо, Муҳаммади Мустафо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, буд, ки ба Макка берун омад ва ба расулии Худой, азз ва ҷалл, даъво кард ва халқро ба Худой, азз ва ҷалл, хонд. Ва аввал касе Хадиҷа бинти Хувайлид буд, ки ба расулии ӯ ва ба ягонагии Эзад, таъоло бигаравид ва пас Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳу анҳу ва пас Абубакри Сиддиқ, разийа-л-Лоҳи анҳу.

24. Ин рӯз пайғамбари моро, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, аз Макка аз хонаи Умми Ҳонӣ ба Байтулмақдис бурд Ҷабрайил, алайҳу-с-салом. Ва дар Байтулмақдис ҳамаи пайғамбаронро, алайҳу-с-салом, бидид. Ва аз он ҷо ба осмон бибурданд ӯро, ба қоби қавсайн бирасид ва ба Эзад, таъоло, муноҷот кард ва ҳафт осмонро бидид бо ҳамаи неъматҳои алвони он, ҳамаи биҳиштро бидид ва ҳамаи дӯзахро бидид бо ҳама шиддатҳои гуногуни он ва ҳам андар шаб бозомад ва ба Макка биёмад. Ва чун бигуфт, мушрикон бовар надоштанд ва аз вай нишонӣ хостанд ва ӯ нишонӣ бидод, ки корвони Макка, ки аз Шом ҳамеояд ба наздики Байтулмақдис аст ҳанӯз ва андар ӯ уштуре аст, ки як чашми боз дорад ва як ҷуволи ӯ испед ва яке сиёҳ. Ва чун бозомад, ҳамчунон буд.

25. Андар ин рӯз мавлиди Ҳасайн ибни Алӣ ибни Абитолиб буд, разийа-л-Лоҳи анҳум ва пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, ба вақти валодати ӯ бисёре шодӣ кард.

26. Шаби ин рӯз шаби барот бошад ва қазоҳо, ки ҳаст, Эзад, таъоло, андар лавҳи маҳфуз бironда аст, андар ин шаб аз лавҳи маҳфуз сӯйи осмони дунё фуруд оранд ва аз он ҷо ба фармони Эзад, таъоло, ба замин ҳамеоранд ва ин шабро лайлату-л-қадр ва лайлату-л-сак низ гӯянд.

27. Андар ин рӯз қиблаи Байтулмақдис сӯйи Каъба гардонид ба фармони Эзад, таъоло ва сабаб он буд, ки чун фармони Эзад, таъоло, биёмад сӯйи расул, алайҳу-с-салом, ки намоз сӯйи Байтулмақдис кунанд, бар дили пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, аз он ранҷ омад ва аз фармони Эзад, таъоло, ҳеч чора набуд ва ҳаждаҳ моҳ намоз бар он ҷониб карданд. Пас Эзад, азз ва ҷалл, ваҳй фиристод ва амр кард, ки намоз бар он ҷониби Каъба карданд ва ризои расул, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, нигоҳ дошт ва пас аз он қибла Каъба карданд.

28. Андар ин рӯз Абдурраҳмон ибни Мулҷам ал-Муродӣ андар масҷид омад ба вақти намози дигар ва мар Алӣ ибни Абетолибро, разийа-л-Лоҳи анҳу, ки он ҳазрат дар рукуъ буд, маҷруҳ кард, ҷароҳати зишт ва ҳам аз он ҷароҳат бимурд, ризвону-л-Лоҳи алайҳ.

29. Андар ин рӯз вақъати Бадр буд ва нахустини ғазви ислом ин буд. Ва ҳафтсад кофир буд ва сесад мусалмонон. Пас Эзад, таъоло, мусалмононро зафар бидод ва бисёре аз кофиронро бикуштанд ва бисёрро дастгир карданд.

30. Андар ин рӯз пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, аз Мадина ба Макка омад бо лашкаре анбӯҳ ва бо аҳли Макка ҳарб кард ва шаҳри Макка бар эшон ҳисор кард ва бисёре аз эшон бикушт ва бисёре дастгир кард, то Эзад, таъоло, ӯро фирӯзӣ бидод ва Маккаро бигушод. Ва аҳли Макка, аз расул, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, битарсиданд, ки Маккаро ва эшонро нест кунад ба интиқоми он ҷафоҳо, ки эшон ба аввал карда буданд. Ва чун Макка фатҳ кард ва андар шаҳр омад, расул гуфт, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, бо мардумони Макка: «Ман шуморо ҳамон гӯям, ки бародари ман Юсуф, алайҳу-с-салом, бародарони хешро гуфт: «ло тасриба алайкуму-л-явма, яғфиру-л-Лоҳу лакум»[226]. Ва мардумони Макка бад-он шодмона гаштанд.

31. Андар ин рӯз Алӣ ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳу, аз он ҷароҳат, ки уфтода буд ӯро, фармон ёфт.

32. Андар ин рӯз вафоти Алӣ ибни М усо ар-Ризо буд, ки ба Тӯс фармон ёфт[227]. Ва чунин гӯянд, ки аз баҳри Маъмун табақи ангур оварданд, ҳаме аз он бихӯрд ва боқӣ наздики Алӣ ибни Мӯсо ар-Ризо, разийа-л-Лоҳи анҳу фиристод, ки «маро хуш омад аз ин ангур, ту низ бихур». Ва Алӣ ибни Мусо ар-Ризо бихӯрд ва ҳам он шаб бимурд. Ва чунин гӯянд, ки андар он ангур заҳр буд. Ва Маъмун ҷома ва аломат сабз карда буд, чун ӯ бимурд, ҷомаи сабз бияфганд ва сиёҳ пӯшид.

33. Андар ин рӯз Абумуслим Абдурраҳмон ибни Муслим, соҳиби даъвати Аббосиён, берун омад аз деҳи Мохон ва даъват ошкоро кард. Ва Сулаймон ибни Касири марвазӣ бо ӯ ёр буд. Ва Абумуслим бо Наср ибни Сайёр ҳарб кард ва ӯро қаҳр карду Хуросон бигирифт ва аз паси он Ироқ бигирифт ва давлати Бану Умайяро аз бех барканд ва нест кард ва Абулаббос ас-Саффоҳро ба хилофат биншонд.

34. Бурқаъӣ аз Басра буд ва андар ин рӯз хурӯҷ кард. Ва чандин гоҳ ҳамесохт (бо тохт) корон ва қавме аз зангиён ва ҳабашиён ва зутон, ки ба Басра буд. Аз он ҷо корҳои гирон эшон карданд ва аз эшон баъзе банда буданд ва баъзе озод. Ва Бурқаъӣ сари эшон бигардонид ва ҳамаро ба хештан даъват кард. Ва миъоде ниҳоданд, ки фулон рӯз берун оянд ва хонаҳо

[226] Сураи Юсуф (12: 92).

[227] ки бо Маъмун сӯйи Бағдод рафт ҳаме.

фаро гиранд. Ва чун рӯзи ваъда биёмад, силоҳи эшон бештар чӯб ва устухони моҳӣ буд, хонаҳои аҳли Басра фурӯ карданд ва Бурқаъӣ дасти эшон мутлақ кард, то моли мардумон ҳамеситаданд ва мусалмононро ҳамекуштанд ва занону авратони эшонро ҳамегирифтанд, то ҳама Басраро қаҳр карданд ва кушиши бисёр бикарданд. Ва чанд вақт Басраро бидоштанд ва раъияту ҳашами ӯ ҳама зутон ва зангиён ва ҳабашиён буданд.

35. Андар ин рӯз вафоти Ҷаъфар ибни Муҳаммад ас-Содиқ буд, разийа-л-Лоҳи анҳу.

36. Шаби қадр шаби ин рӯз бошад. Ва пайғамбарро, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам пурсиданд аз шаби қадр, гуфт: «Андар фардҳои даҳаи охир биҷӯйед», аммо бар ағлаби занн шаби бисту ҳафтум бошад, ва Аллоҳу аълам.

37. Андар ин рӯзи ид рӯзагушоён рӯза гушоянд ва рӯзи раҳмат аст ва рӯза нашояд дошт.

38. Андар ин рӯз муҷодалаи пайғамбари мо, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, буд бо тарсоёни Наҷрон ва мунозара рафта буд бар Исо, алайҳу-с-салом. Тарсоён гуфтанд, ӯ писари Худой буд, таъолиу-л-Лоҳ амо яқулуна ва пайғамбар, алайҳу-с-салом, гуфт: «Худой, таъолоро зану фарзанд нест ва ба ҳеч чиз ҳоҷаташ нест». Пас пайғамбар, алайҳу-с-салом, тарсоёнро гуфт, ки «мо ибтиҳол кунем» ва ибтиҳол лаънат кардан бошад. Гуфт: «Шумо биёед ва фарзандону занону хешонро биёред ва мо биёем ва занону фарзандони хешро биёрем ва пас лаънат кунем бар ҳар касе, ки дурӯғ гӯяд ё ҳар ки дурӯғ гуфта бошад, аз ин қавм то як сол ҳеч кас намонад, ило ҳама бимиранд ва ҳалок шаванд». Эшон битарсиданд, гуфтанд: «Мо ҳар сол сесад то чиҳилу панҷоҳто зиреҳ бидиҳем ва ин мубоҳила накунем». Ва пайғамбар, алайҳу-с-салом, бад-он сулҳ иҷозат бидод.

39. Андар ин рӯз ғазваи Уҳуд буд ва андар ғазва се ҳазор кофир буд ва ҳафтсад мусалмон ва мусалмонон аввал зафар ёфтанд ва бисёре бикуштанд. Ва Абдуллоҳ ибни Ҷубайр солори тирандозони аҳли ислом буд ва камингоҳ ҳаме нигоҳ доштанд. Пас аз он мардумон ба ғорат машғул гаштанд ва кофарон андар омадан гирифтанд аз он сулма ва ғалаба карданд ва мутаҷаббир шуданд ва бисёр мусалмонон шаҳодат ёфтанд.

40. Андар ин рӯз Абитолиб ибни Абдулмуталлиб бимурд ва чун ӯ бимурд, кофарони Макка, бар пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва саллам, истихфоф карданд, то ҳичрат боист кард аз Макка ба Мадина.

41. Андар ин рӯз Иброҳим пайғамбар, алайҳу-с-салом, қоидаи Қаъба бароварда ва чунин омада аст андар ахбор, ки санги қоидаи Хона аз биҳишт оварданд ва андар он вақт ки банӣ

Қурайш бинои хонаи Каъбаро боз карданд ва ба қаъри он фуруд рафтанд, санге сабз падид омад зери асоси ӯ ва ҳарчанд оҳан бар он санги сабз заданд, кор накард, донистанд, ки он санг аз биҳишт аст ва аз он ҷо бунёд ниҳоданд ва баровардаанд.

42. Мақтали Ҷаъфар ибни Абитолиб, разийа-л-Лоҳи анҳу, ки ӯро Ҷаъфар ут-Тайёр хонанд, андар ин рӯз буд.

43. Андар ин рӯз тазвиҷи Фотимат аз-Заҳро буд, бо Алӣ ибни Абетолиб, разийа-л-Лоҳи анҳумо, ба фармони Эзад, таъоло, ки Ҷабрайил алайҳи-с-салом, аз осмон оварда.

44. Андар ин рӯз мавлиди Зайд ибни Алӣ ал-Алавӣ буд, ки ӯро Бану Умайя бикуштанд ва сари ӯ андар чӯбе карданд. Ва Абумуслим соҳибуддаъвати Аббосиён аз Марв берун омад ва ба сабаби хуни ӯ чанд ҳазор хун рехт ва мулк аз Бану Умайя бибурд.

45. Андар ин рӯз вафоти Муҳаммад ибни Алӣ ал-Амир буд, имоми шиъа.

46. Ин рӯз ба муздалафа бошанд ва аз манзил бираванд ва рӯй ба ҳаҷҷ ниҳанд.

47. Ин рӯзи тарвеҳ бувад, ки ҳуҷҷоҷи Хонаи Худой обҳо бардоранд ва қасди Арафот кунанд ва ба Мино биистанд.

48. Ин рӯзи арафа бошад, ки ҳоҷиён андар Арафот биистанд ва Сафову Марваро тавоф кунанд ва санг андозанд ва ҳаҷ кунанд.

49. Ин рӯз иди гӯспандкушон бошад, ки ба Макка қурбон кунанд ва андар ин рӯз рӯза нашояд доштан ва на дигар рӯз ва айёми ташриқ аз бузургвории ин рӯзҳо.

50. Ин рӯзро рӯзи қарр гӯянд, яъне ки аз ҷойгоҳи ҳаҷҷ бираванд.

51. Ин рӯзро рӯзи аввали нафр гӯянд, ки нахустин корвон, ки аз Макка бираванд, ин рӯз бошад.

52.Андар ин рӯз мар Усмон ибни Аффонро, разийа-л-Лоҳи анҳу бикуштанд, ки ғавғо андар хонаи ӯ уфтоданд ва ӯ мусҳаф ҳамехонд ва ҳам бар он ҳол ӯро бикуштанд ва хуни ӯ бар мусҳаф бирехт.

53. Ин рӯзро ғадири хум гӯянд.

54. Андар ин рӯз мақтали Умар ибн ал-Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу, ки Абулавлуҳ ғуломи Муғийра ӯро ҷароҳат кард ва аз он ҷароҳат бимурд. Ва ҳикояти ин чунон буд, ки ин Абулавлуҳ аҷамӣ буд, бандаи Муғийра ва се пеша медонист, оҳангарӣ ва дурудгариву осиёбонӣ. Ва Муғийра ҳар рӯз аз вай панҷ дирам ҳамехост ва пеши Умар ибн ул-Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу омаданд ва Муғийра гуфт: «Ё амиралмуъминин, ин бандаи ман аст ва се пеша донад ва аз вай ҳар рӯз панҷ дирам ҳамехоҳам». Абулавлуҳ гуфт: «тоқати ин надорам». Умар гуфт: «Ин се пеша,

ки ту дорӣ ҳар рӯз панҷ дирам бибояд дод ва ин бисёр набошад, ки аз осиёгарӣ ин воҷиб ояд додан». Абулавлуҳ аз пеши ӯ берун омад ва ба забони аҷамӣ ҳамегуфт, ки «агар ман осиёе наниҳам, ки то қиёмат аз он сухан гӯянд, мард нестам». Ва пас дашна бикард ва сари онро об бидод ва андар масҷид омад ба вақти намоз, фурсат ёфт ва Умарро, разийа-л-Лоҳи анҳу, бизад ва маҷруҳ кард ва аз он ҷароҳат бимурд, разийа-л-Лоҳи анҳу.

55. Андар ин рӯз вақъати Ҳарра будааст ба Мадина ва сабаб он буд, ки чун Абдуллоҳ Ҳанзала, ки падарашро «Ғасилу-л-малоика» гуфтандӣ бо аҳли Мадина иттифоқ карда, бар Язид ибни Муовия хуруҷ карданд ва бану Умайяро аз Мадина берун карданд, Язид ибни Муовия мар Муслим ибни Уқба ал-Мариро ба Мадина фиристод ба ҳарби эшон ва Муслим бо аҳли Мадина ҷанги азим кард ва Абдуллоҳ ибни Ҳанзала бо аксари аҳли Мадина шаҳид шуданд. Баъд аз он Муслим ибни Уқба андар уфтод ва Мадинаро ғорат кард ва бад-он сабаб бар муҳоҷир ва ансор сахт ранҷ расид ва ҳаргиз бар мусалмонон аз он мункиртар коре нарасида буд ва он рӯзро «явму-л-ҳурра» ном карданд.

Ин буд тамомии идҳо ва вақоеъи мусалмонон, ки ёфтам.

БОБИ ҲАФДАҲУМ
ШИНОХТАНИ ИДҲОИ ҶУҲУДОН БА ҶАДВАЛ

Аммо ҷуҳудонро идҳост ва андар ҳар иде эшонро амрест. Ва андар Таврот он амрҳо биёмада аст ва нашояд эшонро, ки аз он амр берун шаванд. Ва баъзе аз он идҳову ҷашнҳо аҳбори эшон ниҳодаанд ва ин ҷуҳудони ин замона бар иқтидои эшон ҳамераванд. Ва аз ҳама муҳимтар эшонро шанбе аст, ки эшонро дар рӯзи шанбе аз ҳама шуғлҳо фориғ бояд шуд. Ва сию ҳашт кор аст, ки эшонро дар рӯзи шанбе нашояд кард ва ҳаром аст бар эшон. Агар яке аз он бикунанд, куштан бар эшон воҷиб шавад, ба ҳукми ояти Таврот: нахустин, шудёр кардан заминро, дудигар замин киштан ва седигар, андар кишт давонидан, чаҳорум, кишт даравидан, панҷом, харос афгандан, шашум, дос кардан, ҳафтум, тухм андохтан, ҳаштум, таъом гардонидан аз ҷой ба ҷой, нуҳум, суруд задан, даҳум, шир дӯхтан, ёздаҳум, дарахт буридан, дувоздаҳум, ҳезум шикастан, сездаҳум, орд сириштан, чаҳордаҳум, нон пухтан, понздаҳум, гӯшт бирён кардан, шонздаҳум, оташ афрӯхтан, ҳафдаҳум, ду бор сӯзан задан аз баҳри дӯхтанро, ҳаждаҳум давол буридан, нуздаҳум, ҷома

шустан, бистум, ҷома ранг кардан, бисту якум, ду ҳарф навиштан, бисту дувум, ҳарф пок кардан аз ҷой, бисту сеюм, ҷонвар куштан, бисту чаҳорум, сайд кардан, бисту панҷум, ҳезум овардан, бисту шашум, об овардан, бисту ҳафтум, хӯша чидан, бисту ҳаштум ҷувоз гирифтан, бисту нуҳум, чизе ос кардан, сиюм, дарахт нишондан, сию якум, байъ ва шаро кардан, сию дувум, коло бар баҳо ниҳодан, сиву сеюм, аз ҳадди деҳ берун шудан, сию чаҳорум, андар ҳадди деҳ шудан, сию панҷум, коло аз ҷой ба ҷой бурдан, сию шашум, ҷой гардонидан, сию ҳафтум, замин кандан, сию ҳаштум, чизе аз ҷой баркандан. Ин ҳама чизҳо бар эшон ҳаром аст ва ҳамчунин андар ҳар ҷашневу иде бисёр чизҳо бар эшон ҳаром аст.

Ва ман ба ҷадвал овардам идҳои эшонро ҳам бар он ҷумла, ки идҳои мусалмононро гуфтам ва ҷадвал ин аст, ки ин ҷо кашида ояд, то маълум гардад.

Адад	Идҳо ва рӯзҳои ҷуҳудон	Рӯзҳои моҳҳо	Моҳҳо
1	Иди сари сол	1	
2	Рӯзаи Кадлиё	3	
3	Рӯзаи Рибо Ақибо	5	
4	Рӯзаи азоб	7	
5	Рӯзаи кабур	10	
6	Аввали иди мазол	15	Ташрин
7	Аробо, ки охири мазол бошад	21	
8	Иди ҷамъ	22	
9	Иди табрик	23	
10	Рӯзаи Сидқиё	6	Марҳасун
11	Рӯзаи ниёҳ	8	Каслив
12	Рӯзаи ҳанка ва ин ҳашт рӯз бошад		
13	Аввали пайдо шудани торикӣ	5	
14	Рӯзаи торикӣ	8	Тис
15	Рӯзаи дигар	9	
16	Рӯзаи ҳисор	10	
17	Рӯзаи марги сидиқин	5	Шифат
18	Рӯзаи фитнае, ки миёни асбот уфтод	23	
19	Рӯзаи марги Мӯсо, алайҳу-с-салом	7	
20		9	
21	Рӯзаи фитнаи миёни коҳинон	13	Озор

22 23	Рӯзи албурӣ Иди маҷла ва фараҳҳомон Ҳам аз он гуна	14 15	
24 25 26 27 28	Рӯзаи марги писарони Ҳорун, алайҳу-с-салом Рӯзаи марги Марям бинти Имрон Иди фатирхорон Иди кис ва охири айёми фатир ва ғарқ шудани Фиръавн Рӯзаи вафоти Юшаъ ибни Нун	1 10 15 21 26	Найсин
29 30 31	Рӯзаи тобут Иди фасҳи кеҳин ва вафоти Ашмуйил пайғамбар Рӯзаи вафоти Ашмуйил, пайғамбар алайҳу-с-салом	10 15 28	Ир
32 33 34 35	Иди ансара, ду рӯз Рӯзаи аҷал ва рӯзаи бокура низ гӯяндаш Рӯзаи мақтали уламо Рӯзаи мақтали Ҳанино	6 23 25 27	Сиван
36	Рӯзаи ибтидои ҳисори Уршалим ва вайрон карданаш	14	Тамуз
37 38 39 40	Рӯзаи марги Ҳорун, алайҳу-с-салом Рӯзаи вайрон сохтани Бахтуннаср Байтулмақдисро Рӯзаи берун омадани Бахтуннаср аз Байтулмақдис Рӯзаи мурдани чароғи ҳайкал	1 9 15 13	Уб
41	Рӯзаи марги ҷосусон	7	Элал

БОБИ ҲАЖДАҲУМ
АНДАР АСБОБИ ИДҲОИ ҶУҲУДОН

Чун аз ҷадвали идҳои ҷуҳудон фориғ гаштем, акнун сабабҳо ва рӯзҳо гӯйем:

1.Иди сари солро Иширто гӯянд ва он ду рӯзи аввал бувад ба Ташрӣ. Ва эшонро наси оят омадааст андар Таврот ба рӯза доштани он рӯз. Ва андар ин рӯз буд, ки қурбони Иброҳим, алайҳу-с-салом пазируфта шуд ва кабш омад бадали Исҳоқ, алайҳу-с-салом. Қурбон кард ва бад-ин сабаб андар суру бидаманд се бор ва гӯянд он овоз буд, ки Иблис мар Сораро шунавонид. Ва чунин гӯянд, ки ин қурбон андар моҳи найсон буд, аммо ин ҷо оварданд, чунонки ҳичрати пайғамбар, салла-л-Лоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам, андар моҳи рабиъу-л-аввал буд ва ба муҳаррам оварданд.

2. Ин рӯзаи Кадлиё ибни Аҳиқом ибни Шофон аст, ки ӯро Бахтуннаср ба Байтулмақдис подшоҳӣ бидод, аз паи он ки банӣ Исройилро барда карда буд. Ва ӯ бар он зуъафо подшоҳ гашт ба Байтулмақдис . Ва чун аз пешравон ва сарҳангон ва ҷуҳудон ӯро ба иътиқоди дуруст андар Бахтуннаср диданд, аз вай хашм гирифтанд ва аз кӯҳпояҳо, ки буданд, қасди ӯ карданд ва ӯро бикуштанд бо қавме аз калдониён, ки бо ӯ буданд. Ва он қавм чун ӯро кушта буданд, аз Бахтуннаср битарсиданд, аз Байтулмақдис бирафтанд ва ба Миср шуда, он ҷо ватан сохтанд.

3. Савми Рибо Ақибо он бувад, ки ӯро ба рӯзгори юнониён иноят ба ҳабс карданд, то андар зиндон бимурд ва ҳам андар он рӯз ба иттифоқи бист тан аз раисиёни бани Исройил бимурданд ба фаҷо ва ин рӯз ба сабаби ин ҳолро рӯза доранд.

4. Ва ин рӯзаи азобро сабаб хатои Довуд пайғамбар, алайҳу-с-салом, буд, ки банӣ Исройилро иҳсо кард ва Худой, азз ва ҷалл, сӯйи вай пайғом фиристод дар забони Ҳод пайғамбар, ки «ин хато буд, ки ту кардӣ ва ин хаторо уқубат аст. Акнун ихтиёр кун аз ин се чиз як чиз: ё ҳафт сол муқими қаҳт бошӣ ва ё душман бар ту мусаллат шавад ва туро аз вилояти ту берун кунад ва се моҳ аз хонумони худ ғойиб бошӣ ва ё марг уфтад андар миёни ин қавми ту се рӯз ва бисёре аз эшон бимиранд. Аз ин се чиз яке ихтиёр кун». Пас Довуд, алайҳу-с-салом, марг ихтиёр кард ва андар ин ним рӯз ҳафтод ҳазор мардум аз банӣ Исройил бимурданд.

5. Ин рӯзаи кабурро маънӣ кафорат бошад ва ин тавбаи банӣ Исройил буд, ки аз гӯсола парастидан карданд. Ва агар ин рӯз ба рӯзи шанбе ояд, онро ошуро гӯянд ва он рӯз рӯза доштан бар

эшон фариза аст ба наси Таврот. Ва ин рӯза фариза аст эшонро ва агар надорад касе ба унфу қаҳр бифармоянд – ва рӯзаро ба забони ибрӣ таъйино гӯянд – аммо дигар рӯзаҳо ба табарруъ доранд ба вақти ҳодисаҳои дигар, чунонки пеш аз ин ёд кардем ба куштани Кадлиё ва уқубат ба марги фаҷо.

Ва эшонро ду рӯз ба якҷой рӯза нест, зеро ки шаборӯзӣ бисту чаҳор соат бошад ва эшонро бисту панҷ соат рӯза доштан дуруст наёяд.

6. Аммо иди мазол. Маънии «мазол» соя бувад ва сабаби ӯ он бошад, ки андар сифри седигар аз Таврот чунон аст, ки фармуда аст эшонро, ки «чун таъомҳои хешро нақл кунед, ҳафт рӯз ид кунед ва муъаттал бибошед фароғ аз ҳамаи корҳо, рӯзи ҳаштум роҳат бибошед ва сояҳо созед ва зери он биншинед, то мухолифони шумо бидонанд, ки ман шуморо андар соя ва роҳат биншондам». Бад-ин сабаб эшон тахтҳо созанд аз шохаҳову баргҳои сабз андар аҳди ин ид, аз ҳар дарахте, ки бад-он букъа бошад.

7. Ва иди аробо ҳаққи эшон бошад, ки гирдогирди мазбаҳ кӯбанд музу турунҷу барги хурмо ва шохи бед. Ва аробо номи бед бошад ва бад-ин тартиб ин идро бедбедон низ гӯянд.

8. Ин иди ҷамъро ба луғати эшон исорат гӯянд ва ҷумлаи идҳо бад-ин ид бигзарад ва маънии ин охирини идҳо бошад.

9. Иди табрик ва ин идро ба забони ибрӣ «баркас» гӯянд, яъне барака ва марги Мӯсо низ гӯянд, зеро ки Мӯсо, алайҳу-с-салом, дуо карда буд ва аз Худой, таъоло, бихоста буд, то андар аҷали ӯ таъхир кунад ва Эзад, таъоло, дуои ӯ мустаҷоб кард ва ӯро ҳолат дода буд ва чун ҳолати дувум наздик омад, донист, ки инро низ муҳлат набошад ва ӯро аз он рӯз мотаме буд.

10. Рӯзаи Сидқиё. Ин он буд, ки ин Бахтуннаср бар Байтулмақдис подшоҳ гашт нахустин бор ва мар Бутоҳини маликро асир гирифт. Ва чун Сидқиё андар ӯ осӣ шуд, бори дигар биёмад ва Байтулмақдисро ҳисор кард ва ҳафт моҳ ҳисор дошт. Пас Сидқиё бигурехт ва Бахтуннаср мар ӯро бигирифт ва ҳамаи фарзандон пеши ӯ қурбон кард ва ӯро бибасту ба Бобил бурд ва андар зиндон боздошт.

11. Ин рӯзаи ниёҳро сабаб Яҳуёқими малики бузург буд, ки ӯро Қинус гуфтандӣ. Ва чунон буд, ки Юруҳи дабир аз забони Ирмиё пайғамбар нома набишт бад-ин Қинус, он чи ба Байтулмақдис расида буд аз сипоҳи Бахтуннаср ва Қинус бар хештан аз он ранҷ, ки бар дили ӯ расид, бисӯхт.

12. Рӯзаи ҳанка. «Ҳанка»-ро тафсир покӣ бошад ва низом. Ва сабаб он буда аст, ки Антиёхус, малики Антокия бар ҷуҳудон

ғалаба гирифт ва норавоиҳо бисёр кард. Ва Буғрос вазири ӯ буд ва дах чиз аз расмҳои бад, ки бар ҷуҳудон ғалаба гирифт, ниҳод: нахуст, ба бад даст боз доштан ва дувум, қурбон бо гӯри яла кардан ва сеюм, аз ҳайз нашустан ва чаҳорум, аз намоз даст боздоштан ва панҷум, хатна нокардан, ва шашум, Таврот нахондан ва ҳафтум, гуноҳ кардан ва ҳаштум, бар сари дукод нестан[228], то эшонро насибе набошад аз савоби он ва нуҳум, оташ андар мазбаҳ биёвард (?) ва даҳум, духтарони дӯшизаро ба малик додан, то бо эшон будӣ, пас ба шӯй бидодандӣ. То ба канизе расид, ки ӯро ҳашт бародар буданд ва чун вақти он ваъда буд, он духтар рӯй гушода ва ороста берун омад, то он бародарон ва ҳамаи қавм ӯро бидиданд. Ва чун бародари кеҳтари ӯ он бидид, сахт мункар омад ӯро, пас ҳилат кард ва ҷомаи занон бипӯшид ва хештанро бар гунаи занон неку биёрост ва бар дари ин халифат омад, ки ин расмҳои бад ниҳода буд ва пеши амир шуд. Чун холӣ шуд, пас ин амирро бикушт ва ҳамаи банӣ Исройил аз он зиштӣ ва палидӣ бирастанд. Пас шаби нахустин як чароғ афрӯхтанд бар дарҳои хонаи хеш, дудигар шаб ду чароғ афрӯхтанд ва ҳамчунин то ҳаштум шаб чароғ бар адади он бародарон бияфрӯхтанд ва он расм то бад-ин ғоят бимонд.

13. Пайдо шудани зулмат ва рӯзаи он. Чунин гӯянд, ки сабаби ӯ он буд, ки Талмо, малики Миср бар банӣ Исройил икроҳ кард, то Тавротро аз ибрӣ ба юнонӣ тарҷума карданд. Бад-ин сабаб ҷаҳон торик шуд ва се рӯз торик буд. Ва ин хабаре маъруф аст, ки Филидликусро биншонд ва Филидликус аз он нусхат гирифт. Андар он вақт ба Миср озод кард ва ба ҷойи эшон некуӣ кард ва эшонро ба хонаҳои хеш бозфиристод. Ва ин тарҷума ҳафтод тан карданд аз каҳанаи эшон ва онро «нақли сабъин» гӯянд ва ин аз тахлитҳо ва таҳрифҳои Таврот яке буд, ки Худой, азз ва ҷалл, андар Қуръон ёд карда аст: «Юҳайфирун алкалими ъан маввозиъаҳи»[229] . Ва он торикӣ се рӯз бибуд.

14. Дудигар рӯз рӯза бидоштанд ва он расм бимонд миёни ишон.

15. Ин рӯза аз паси рӯзаи зулмат ояд. Чунин гӯянд сиқоти ишон, ки бузургони банӣ Исройил андар кутуби эшон чунон ёд кардаанд ва аз мункарӣ ва саъбӣ, ки сабаби он буд, андар кутуби хеш падид накарданд.

16. Рӯзаи ҳисор ва сабаб он буд, ки чун Бахтуннаср дувум бор ба Байтулмақдис омад ва андар сифри мулук набишта аст,

[228] Дар ҳарду нусха чунин аст ва тасҳеҳи он муяссар нашуд (А.Ҳ)
[229] Сураи Ан-нисо (4: 46) ва сураи ал-Моида (5:13).

ки Бахтуннаср ба Уршалим, яъне Байтулмақдис бирафт андар даҳум сол аз мулки ӯ ва андар вай фуруд омад рӯзи даҳум, яънӣ тамуз ва манҷаниқҳо насб кард ва Байтулмақдисро бигирифт ва вайрон кард.

17. Рӯзаи марги сидиқин. Ин ба рӯзгори Юшаъ ибни Нун буд. Порсоён буданд, ки тадбирҳо эшон кардандӣ ва мар банӣ Исройилро панд додандӣ ва андар миёни шуъаби эшон ихтисобҳо кардандӣ. Пас он ҳама порсоён ба якбора бимурданд ва Юшаъ фармуд, то ҳама рӯза доштанд ва ин суннат гашт эшонро.

18. Рӯзаи куштани асбот. Сабаби ин рӯза он буд, ки сибти Ибни Ёмин ибни Яъқуб фуҷуре бикарданд, ки меҳмоне омад эшонро ва ба хонаи пире фуруд омад бо зани хеш. Пас ин сибт гирд омданд ва он занро аз он худованди хона бихостанд, то бо вай фуҷур кунанд. Ва ӯ бисёр шафоат кард ва духтари дӯшизаи хешро пеши эшон бурд, ки инро бадали он зан бигиранд ва эшон сухан нашниданд ва шафоъати ӯ рад карданд ва андар хонаи ӯ уфтоданду он зани меҳмонро берун оварданд ва ҳама шаб бо вай ҳаме гирд омаданд, то субҳ бидамид. Ва чун шуъаби банӣ Исройил аз ин ҳол огоҳ шуданд ҷиҳод карданд ба фармон ва бисту панҷ ҳазор мард аз он сибт бикуштанд ва ҳафтсад мард аз он қабила бигурехт ва андар зовияҳои биёбон шуданд, то аз куштан бирастанд.

19. Фитнаи коҳинон. Он буд, ки фитна уфтод миёни ду қабилаи банӣ Исройил - яке қабиларо «шимо» хондандӣ, дудигарро «ҳалил» - андар кори дин. Бисёр мардум аз якдигар бикуштанд, пас саронибанӣ Исройил андар миёни эшон шуданд, то эшон сулҳ карданд.

20. Андар ин рӯз Мӯсо, алайҳу-с-салом, бимурд ва банӣ Исройил бад-ин сабаб он рӯз рӯза доштанд ва акнун мар эшонро суннат гаштааст.

21. Ин рӯзи албурӣ чун қуръа бошад ва эшон онро «муғало» гӯянд ва тафсири ӯ китоб бошад. Ва сабаби ин чунон будааст, ки малики Бобилро вазире буд, номи вазир Ҳомон ва зане буд, он занро Мурдхо[230] ном буд. Ва зан аз банӣ Исройил буд ва Ҳомон ҳамеша малики Бобилро таҳрис ҳамекард, то банӣ Исройилро ранҷ ҳаменамудӣ. Ва муроди вазир он буд, ки Мурдхо ба фармони ӯ бошад ва Мурдхо иҷобат накард ва ҳар рӯз малики Бобилро ҳаристар ҳамегардонид, то қавмеро аз эшон биёварданд, ки бикуштанд ба туҳмате, ки эшонро карданд. Пас

[230] Муридхо

Мурдхо ҳоли хеш ва рағбати Ҳомон бад-ӯ пеши малик бигуфт. Ва Ҳомонро ҳозир карданд ва аз вай пурсид, ӯ мункир шуд. Фармуд, то қуръа заданд, бар Ҳомон омад ва чанд тан, ки хабар доштанд, бар сиҳҳати он гувоҳӣ бидоданд, чунонки маликро маълум гашт. Пас бифармуд, то Ҳомонро бибастанд ва ӯро ба обу оташ ва ба сармову ба гармо уқубатҳо карданд. Пас бар дор кардандаш ва бикуштандаш ва то бад-ин ғоят расм мондааст, ки андар ин рӯз тамосилҳо кунанд ба номи Ҳомон ва ӯро бисӯзанд. Ва ин рӯзро Ҳомонкӯб низ гӯянд.

22 ва 23. Ин ду рӯзро шарҳ наёфтам андар кутуб.

24. Рӯзаи марги писарони Ҳорун. Яке аз эшон Модоб ном буд ва дигаре Абиҳаво. Ҳар ду тан пешравони коҳинони банӣ Исройил буданд ва андар биёбони Тури Сино бисӯхтанд ва сабаб он буд, ки андар оташи бегона қурбонгоҳ оварданд пеши Эзад, таъоло, чунонки андар Таврот падид аст, андар сифри чаҳорум. Ва Эзад, таъоло ваҳда, ҳамон оташро бар эшон мусаллат кард, то бисӯхтанд ҳар ду тан.

25. Андар ин рӯз марги Марям буд ва андар сифри чаҳорум аз Таврот падид аст, ки эшон чун ба биёбони Тиҳ андар омаданд андар моҳи нахустин, хоҳари Мӯсо, алайҳу-с-салом, бимурд, ки зане бас порсо ва мустаҷобуддаъват буд. Чун андар Тиҳ омад ва ҷойи хушку беоб, дуо кард ва Худой, азз ва ҷалл, ба баракати дуои ӯ чашмаҳо берун овард андар Тиҳ ва чун ӯ бимурд, он ҳама чашмаҳо хушк гашт ва мардумони банӣ Исройил ва сутурони эшон ҳама ташна ва зоеъ монданд ва пеши Мӯсову Ҳорун омаданд ва бинолиданд аз он ранҷ, ки бар эшон буд. Пас Мӯсо ва Ҳорун ба Худой, азз ва ҷалл, шафоат карданд, то Эзад, таъоло, Мӯсоро бифармуд, ки «асо бар санг зан». Ва чун Мӯсо, алайҳу-с-салом, асо бар санг бизад, об берун омад.

26. Рӯзи фатирхордагӣ. Ӯро бисҳо гӯянд ва фисҳ гӯянд низ ва тафсири фисҳ диҳиш ва бахшудан бошад. Ва ин ҳаҷҷи гӯспанд қурбон кардан бувад эшонро ва андар ин рӯз буд, ки банӣ Исройил аз Миср берун омаданд ба вақти намози шом, башитоб, чунонки орд тар гардид ва ҳамчунон фатир бипухтанд. Пас эшонро фармон омад, ки ҳафт шаборӯз фатир хӯрданд ва хамир нахӯрданд ва хамир аз хонаҳо дур доштанд андар он айём, ки аз Фиръавн ҳаметарсиданд. Ва чун рӯзи ҳафтум буд, Фиръавн бо сипоҳи хеш бар асари эшон биёмаданд ва чун ба рӯди Нил расиданд, пас фармон омад обро, то аз ҳам боз шуд ва замини хушк миёни об берун омад, то банӣ Исройил бигзаштанд ва чун фиръавн бо қавми хеш андар ақиби эшон даррасид ва обро бар он ҷумла дид, асп андар ӯ ронд ва чун миёни рӯд расид, об андар

омад ва фиръавнро ва ҳамаи қавмашро ғарқа кард. Ва он рӯз бисту якуми найсон буд ва ин рӯзро кис гӯянд ва хамир хӯрдан бар банӣ Исройил ҳалол шуд. Ва маънии «кис» куштан бувад ба забони суриёнӣ.

27. Иди кис ин рӯз бувад, ки шарҳи он гуфтам.

28. Андар ин рӯз Юшаъ ибни Нун бимурд, ки ӯ шогирди Мӯсо буд андар вақти зиндагонии Мӯсо ва чун Мӯсо бимурд, Юшаъ халифати ӯ буд бар банӣ Исройил. Чун банӣ Исройил аз Тиҳ берун омаданд, ӯ бимурд. Банӣ Исройил он рӯз рӯза доштанд ва он суннат[231] гашт бар эшон. Ва баъзе гӯянд, ин рӯз ба ҳаждаҳуми ир ояд.

29. Андар ин рӯз рӯзаи тобут бошад. Ва сабаби ин чунон буд, ки банӣ Исройил бо аҳли Фаластин ҳарб карданд, андар он вақт ки Олии коҳин қозии эшон буд. Тобути банӣ Исройил ба эшон буд. Ва аҳли Фаластин бар банӣ Исройил ғалаба карданд ва ду писари Олиро - Ҳафтар ва дудигар Финҳос бикуштанд ва сӣ ҳазор мард аз банӣ Исройил (тобутро) даррабуданд ва бибурданду андар бутхонаи хеш биниҳоданд. Ва чун ин хабар ба наздики Олӣ расид, беҳуш гашт ва аз курсӣ фурӯ уфтод ва пушташ бишкасту андар соат бимурд.

30. Фисҳи кеҳин. Ва расми эшон он аст, ки агар касе андар шартҳое, ки андар фисҳ бошад, тақсир карда бошад, андар моҳи найсон ва он иди фисҳ аз вай фоит шуда бошад, андар ин рӯз онро қазо кунад. Ва ин фармоиш андар Таврот ба насси оят, эшонро омада бошад.

31. Андар ин рӯз Ашмуйили пайғамбар бимурд. Ва ӯро Олии коҳин парварда буд. Ва Ашмуйил он буд, ки банӣ Исроийил ӯро гуфтандӣ: «абъас лано маликан нуқотил фӣ сабили-л-Лоҳи»[232] . Пас ӯ Шовил, яъне Толутро ҳидоят кард, ӯро пеши хеш хонд ва ба равғани қудс бияндуд мар ӯро ва пас бар банӣ Исройил малик кард ва ҳамаро фармуд, то мутиъи ӯ бошанд.

32. Ин рӯз иди ансара бошад ва ба ибрӣ асарто гӯянд. Ва ин ном муштақ аст аз иҷтимоъ. Ва Эзад, андар сифри седигар гуфта аст, ки «нигаҳ доред ба вақти дурудан ва навбова ҳар чи даравед, бардоред ва ба хонаи Худой, азз ва ҷалл, баред фармонро, андар рӯзи дувум». Ва ҳам андар ин рӯз даҳ оят фуруд омад ва аз фисҳ то вай ҳафт ҳафта бошад ба насси ояти Таврот. Пас ба қиёс воҷиб кунад, ки рӯзи бокур дувум ид бошад.

---

[231] Сабаб

[232] Сураи ал-Бақара (2: 246).

33. Рӯзаи аҷал, яъне гӯсола. Ва ин парастиши гӯсола як бор буд ба айёми Мӯсо, алайҳу-с-салом, ки ба муноҷот рафта буд ба Тури Сино. Ва ин дигар бор буд, то банӣ Исройил бар эшон ҷиҳод карданд ва эшон боздоштанд. Ва ин он рӯза аст, ки Суриъам ниҳода аст аз баҳри эшон, ки бар даҳ асбот подшоҳ буд аз банӣ Исройил аз паси вилояти Сулаймон, алайҳу-с-салом. Эшонро манъ кард аз бурдани бокур сӯйи Байтулмақдис.

34. Аммо уламои куштаи эшон Шамъуну Ашмуйил ва Ҳанино буданд ва он Ҳанинои дигар сӯхта шуда, андар Таврот печида, ба рӯзи боз шудани ҳисори Уршалим. Чунон иттифоқ уфтод, ки ду тахтаи шаҳодати Мӯсо бишикаст, ки эшонро ба хашм бияндохт ва ҳам андар ин рӯз чунон иттифоқ уфтод, ки Тастумус, малики юнониён Тавротро бисӯхт ва ҳам андар ин рӯз санаме насб карданд андар ҳайкал ба рӯзгори Маншо.

35. Андар ин рӯз Ҳанино, ки эшон гӯянд ӯ пағамбар буд, кушта шуд.

36. Андар ин рӯз ба ибтидо, Байтулмақдисро вайрон карданд. Ва андар сифри мулук чунин гӯяд, ки ин нуҳуми моҳи панҷум буд, яънӣ моҳи найсон ва ҳам андар ин рӯз Тайтуси қайсар Байтулмақдисро хароб кард. Ва замин, ӯ бифармуд, то ҳама шудёр карданд ва андар ӯ кишт кард. Ва андар ин рӯз буд, ки Эзад, таъоло, замини мавъуд бар банӣ Исройил ҳаром кард, то андар Тиҳ бимонданд.

37. Андар ин рӯз Ҳорун, алайҳи-с-ссалом бимурд ва мар банӣ Исройилро он мусибате саъб буд ба марги ӯ.

38. Андар ин рӯз Бахтуннаср Байтулмақдисро вайрон кард.

39. Андар ин рӯз Бахтуннаср аз Байтулмақдис берун омад ва суйи Бобил рафт ва даст аз куштан ва гирифтани банӣ Исройил бидошт.

40. Мурдани чароғ андар ҳайкал ва ин он чароғ буд, ки бар ҷониби мағриб аз ӯ ниҳода аст. Ва он чароғро Оҳоди малик бикушт.

41. Ин рӯзи марги ҷосусони эшон буда аст ва он дувоздаҳ тан буданд, даҳ тан фаҷо бимурданд, ки банӣ Исройилро бим намуданд ба дурӯғ ва он ду тан, ки бим нанамуданд ба дурӯғ зинда бимонданд, то аз Тиҳ берун омаданд ба заминҳои мавруси хеш. Ва ин ду тан яке Юшаъ буд, дудигар Колиб, бо фарзандони хеш ба саломат аз Тиҳ берун омаданд.

Ин буд тамоми сурҳои ҷуҳудон, ки ёд кардем ва бипардохтем, ба тавфиқи таборак ва таъоло.

БОБИ НУЗДАҲУМ
АНДАР ИДҲОИ ТАРСОЁН БА ҶАДВАЛ

Аммо бидон, ки аҳли миллати тарсоёнро ба се гурӯҳ кардаанд ба ҷадвал, он чи машҳур аст, яке аз эшон малкоиёнанд, дудигар, яъқубиён, седигар, настуриён. Ва ин ҳар гурӯҳеро андар сол рӯзҳои маълум аст аз рӯзаҳо ва идҳо ва зикронҳо ва рӯзгорҳо аст, ки андар моҳҳои суриёнӣ биёяд. Ва бештар аз ин малкоиёнрост ва эшон андар он муболиғат зиёдатар кунанд ва баъзе мар настуриёнро ва баъзе мар яъқубиёнро . Ва ман номҳои мазоҳибро ҷадвале сохтам ва ҳар мазҳаберо ҳарфе рақам кардам. Аммо аломати яъқубиён «я» ва аломати малкоиён «м» ва аломати настуриён «т», то маълум бошад. Ва он чи ҷамъ тавонистам кард, ҳама андар ин ҷадвал ҷамъ кардам ва ӯро панҷ ҷадвал ниҳодам: ҷадвали нахустин адади рӯзаҳо ва идҳо ва зикрон ба ҳуруф ва он чи шарҳ биёфтам, рақами ҷумали ӯ ба сиёҳӣ набиштам ва он чи шарҳи он мутаъаззир гашт ва натавонистам ёфт, рақами он ба шарҳе набиштам сурх. Ва ҷадвали дудигар номи идҳо ва рӯзгори тарсоён ва ҷадвали седигар, рӯзгори гузашта аз моҳҳои суриёнӣ ба вақти ҳар иде ва ҷашневу зикроне, ҷадвали чаҳорум, номи моҳҳои суриёнӣ, ҷадвали панҷум, рақами мазҳабҳои эшон ба ҳуруфи ҷумал. Ва ҷадвал ин аст, ки ман ин ҷо падид кардам, то маълум гардад:

Адад ҳо	Идҳо ва рӯзаҳо (ва зукронҳо)-и тарсоён	Рӯзҳо	Моҳҳо	Мазҳабҳо
1	Зикрони Иброҳим Халилуллоҳ ар-раҳмон ва вазиши боди сабо	9	Тишр ину-	М
2	Зикрони асҳобу-л-каҳф	15	л-ав-	М
3	Зикрони Луқо	18	вал	М
4	Фармон ёфтани сесаду ҳаждаҳ тан	20		Я
5	усқуфон	22		
6	Боздоштан аз хӯрдани тезиҳо ва муҷомиъат Ҳаракати фаҳул ва имании кашишҳо	29		
7	Вақти борон	17	Тишр	
8	Иди зайтун ва боздоштан аз хӯрдани оби сард	23	ину- л- охир	

9 10	Зикрони Юсуф, ки тани Масеҳ ба гӯр кард Милоди Исо ибни Марям	22 25	Кону ну-л-аввал	М Ш[233]
11 12	Иди динҳ Тамоми иди динҳ	5 13	Кону ну-л-охир	М М
13 14 15 16 17	Уфтодани ҷамраи нахустин Баромадани ҷамраи дувум ва гарм шудани замин Бар шудани об аз бехи дарахтон ба сӯйи шохаҳо Уфтодани ҷамраи седигар Аввали айёми аҷуз	7 14 15 21 26	Шабот	
18 19	Парҳез аз хӯрдани тезиҳо Падид омадани парасту ба Ғазнин	7 8	Озор	
20	Ибтидои мадди Фурот	24	Найсон	
21 22	Вазидани бодҳои хуш ва каштӣ рондани аҳли дарё Иди вард	16 25	Аёзам	
23 24 25 26	Аввали мадди рӯди Нил Ҷашн ба шаҳри Миср Рафтани боди самум ва зиёдат шудани оби рӯди Нил Мавлиди Яҳё ибни Закариё	16 ? 24 25	Ҳаризон	 М
27 28	Аввали айёми боҳур Иморати боғҳои раз ба Миср	19 20	Тамуз	
29 30 31 32	Зикрони ал-Ясаъ ва зиёни гармоба рафтан Иди Тури тобур Уфтодани ҷамраи тобистон ва гарм шудани ҳаво Мақтали Яҳё ибни Закариё ва хуш шудани шабҳо	3 6 26 29	Об	М Ш М
33 34 35 36	Зиёдат шудани оби рӯди Нил ва шикастани тобистон Мавлиди Марям бинти Имрон Пайдо шудани салиб Ихтиёри бод барои мустақбал	5 8 14 24	Элул	 М М

[233] Мурод аз «Ш» рӯз ва иди муштараки ҳар се мазҳаб аст (А.Ҳ)

(БОБИ БИСТУМ АНДАР) АСБОБИ ИДҲОИ ТАРСОЁН ВА ЧИГУНАГИИ ҲАР ИДЕ

1.Зикрони Иброҳиму-л-Халил, алайҳи-с-салом. Тарсоён ин рӯзро бузург доранд ва садақаҳо диҳанд ва гӯянд, андар ин рӯз Иброҳим, алайҳи-с-салом, андар оташ саломат монд.

Андар ин рӯз боди сабо вазад ва андар ин вақт аз қасду ҳиҷомат кардан боздоранд ва гӯянд, агар бад-ин рӯз хун бардошта шавад, мазаррати ӯ зиёдат аз манфаъат бошад.

2. Андар кутубҳои қадим дидам, ки ин асҳобу-л-каҳф ба рӯзгори Қалтиёнуси малик буданд. Ва ӯ эшонро ба дини худ хонд ва эшон иҷобат накарданд ва аз пеши ӯ бигурехтанд ва андар ғоре шуданд. Ва эшон ҳафт тан буданд ва яке саг буд бо эшон ва андар он ғор ниҳуфтиданд. Эзад, таъоло, хоб бар эшон афганд, сесаду нуҳ сол хуфта бимонданд ва андар ин рӯзи аввали ташрину-л-аввал аз хоб бедор шуданд. Ва берун омад як тан аз эшон ва чун мардумон ӯро бидиданд, бо вай бирафтанд, то он дигаронро низ бибинанд. Эзад, таъоло, он роҳи ғор бар он як тан ва бар ҳамагон муштабиҳ гардонид, то ҳеч кас эшонро андарнаёфт ва бори дигар бихуфтиданд андар он ғор ва ҳанӯз хуфтаанд, то охиру-з-замон.

3. Ин рӯзро зикрони Луқо гӯянд ва Башорат ва Инҷил гӯянд. Ва он лафз муъарраб аст аз Инглиюн ва андар он ахбори Масеҳ аст аз аввал то охир. Ва онро чаҳор тан набиштаанд ба луғати мухталиф, яке Матӣ буд ба Фаластин ба забони ибрӣ, дудигар Марқус буд ба Рум набишт, ба забони румӣ, се дигар Юҳанно набишт ба Афсиси Юнон ба забони юнонӣ ва чаҳорум Луқо ба Искандария ба забони юнонӣ. Пас ин ҳар чаҳор Инҷилро Ингилиюн гӯянд. Ва ин зикрони Луқо бад-он сабаб ном ниҳоданд, ки ӯ бас порсо буд ва бузург. Чун тарҷумаи Инглиюн тамом кард, он рӯзро зикроне ниҳоданд.

4. Ин сесаду ҳаждаҳ тан ҳама ускуфон буданд ва зоҳидон ва тарсоён ва ҳама андар як рӯз фармон ёфтанд ва бимурданд.

5. Андар ин вақт аттиббо боздоранд аз тезиҳо хӯрдан. Ва муҷомаъат кардан андар ин вақт сахт макруҳ доранд.

6. Фуҳул ҳаракат кунанд ва аҳли каштиҳо иман гарданд аз бодҳои мухолиф.

7. Ҳафдаҳуми тишрину-л-охир вақти борон бошад ва андар ин рӯз борон бошад ва хато кам уфтад.

8. Иди зайтун бошад. Ва чунин гӯянд, ки ҳар чи андар вилояти Рум сор бувад, ҳама ба канисаи Марям биёянд ва ҳар

яке аз эшон зайтуне андар даҳан гирифта ва он ҷо бияфгананд ва мардумон ӯро бардоранд ва аз вай равған кунанд ва андар чароғи каниса ба кор баранд. Ва баъзе гӯянд, он тилисми Балинос аст.

Табибон андар ин рӯз боздоранд аз хӯрдани оби сард, хосса андар шаб аз паси хоб, ки хатар бошад, ки он об зардоб гардад андар тани мардум. Таоми гӯшти мурғ фармоянд хӯрдан, то бихӯрад пухта ва оби гарм хӯрдан пеш аз таом ва аз паси ӯ муҷомаъат кардан ситуда бувад андар ин вақт.

9. Зикрони Юсуф. Ва ин он Юсуф будааст, ки тани Масеҳ андар гӯр ниҳод ба қавли эшон ва он андар ин рӯз будааст ва ин рӯзро бад-ин сабаб бузург доранд.

10. Аммо милод, шаби мавлуди Исо ибни Марям будааст, салавоту-л-Лоҳи алайҳи ва он ихтилоф, ки андар шаби ӯ аст, бисёр аст, агар бигӯям, китоб дароз гардад ва андар рӯзи ӯ ҳам хилоф карданд ва гуфтанд, он валодат дар шашуми конуну-л-охир буд.

11. Иди динҳ ба он рӯз бошад, ки Яҳё ба наҳри Урдун фуруд рафт.

12. Тамоми ид он бошад, ки падарон ба кӯҳи Тури Сино кушта шуданд.

13. Андар ин рӯз ҳафтуми шабот, баромадани ҷамраи нухустин бошад ва ҳаво аз сардӣ майл ба гармӣ кунад.

14. Чаҳордаҳуми шабот ҷамраи дувум барояд ва ҳаво хуштар гардад.

Андар ин рӯз ғаливоз ва бағмурғ падид ояд ва зери замин гарм гардад ва ҷаҳон хуррамтар гардад.

15. Андар ин рӯз, понздаҳуми шабот, об аз бехи дарахтон сӯйи шох бар шавад ва дарахтон тозаву тар биистанд.

16. Уфтодани ҷамраи седигар бисту якуми шабот бошад ва ҳаво нек хуш гардад ва сармо камтар шавад.

17. Ин рӯзи бисту шашуми шабот, аввали айёми аҷуз шавад ва андар ин рӯз ҳаво ба ғоят сард биистад ва сармои саъб кунад. Пас рӯй ба гармӣ ниҳад.

18. Андар ин рӯзи ҳаштуми озор парасту бибинанд ба диёри Ғазнин ва ҳаво хуш гардад.

19. Рӯзи ҳафтуми озор. Аттиббо андар ин вақт гӯшти моҳӣ хӯрдан фармоянд ва ҳалво ва аз тезиҳо парҳез фармоянд кардан.

20. Рӯзи бисту чаҳоруми найсон, мадди Фурот ибтидо кунад ва ҳар рӯз ҳаме мадд кунад, то ба вақти ҷазр бирасад.

21. Андар ин рӯз бодҳои дарё хуш гардад ва бодҳои мухолиф низ наёяд ва аҳли дарё каштӣ рондан гиранд ва хатар набошад низ каштиро.

22. Аммо иди вард он будааст, ки модари Яҳё ибни Закариё, алайҳимо-с-салом, ба наздики Марям омад ва аз баҳри ӯ гул туҳфа овард ва ӯ ситад, бад-он мар Худойро, азз ва ҷалл, шукр кард ва шодӣ намуд.

23. Андар ин вақт мадди рӯди Нил ибтидо кунад ва он об моддат гирад ва қавӣ гардад.

24. Чунин гӯяд Сиёдиқи Мисрӣ андар куноши хеш, ки андар ин рӯз ба шаҳри Миср боралкаъ (?) бошад ва эшонро ҷашне бувад.

25. Андар ин вақт боди самум рафтан гирад ба ҷойҳои одат ва зиёдат шудани рӯди Нил бошад ва тоъун қавӣ гардад.

26. Мавлиди Яҳё ибни Закариё, алайҳумо-с-салом, андар ин рӯз будааст ва андар ин вақт гармо қувват гирад ва фармони ғайби тарсоён ҳам андар ин рӯз бошад.

27. Ин нуздаҳуми тамуз бошад ва аввали боҳур бошад. Ва ин айёми боҳур шаш рӯз бошад. Ва аҳли таҷориб ин шаш рӯзро бар зимистони мустақбал далел гирифтаанд ва ҳар рӯзе, ки аз ин рӯзҳо борон бошад ва ҳаво тира бошад, он моҳ аз зимистон бо борони бисёр бувад ва агар боҳур бар хушкӣ гузарад, низ хушк бошад, валлоҳу аълам.

Даҳуми ин рӯзро маволиду-с-сана хонанд ва ҳар бурҷе, ки моҳ андар ӯ бошад бад-ин рӯз, он бурҷ далели сол бувад; агар моҳ ба ҳамал бувад, гандум камтар бувад ва агар моҳ ба савр бошад, боронҳо бисёр бувад ва иллати дарди сар бар мардумон чира гардад ва ба тобистон самум ва ба зимистон сармо бисёр бувад ва меваҳоро офат расад. Ва агар моҳ ба саратон бошад, соле хушк бошад ва подшоҳ бар мардумон ситам кунад. Ва агар моҳ ба асад бошад, ғалла бисёр бувад аз гандум ва ҷаву арзан ва мардумон дурӯғ бисёр гӯянд андар муъомилот ва мардумон сафарҳо кунанд аз ситами султонон. Ва агар моҳ ба сунбула бошад, боронҳо бисёр бувад ва кишт неку шавад ва меваи дарахтон ҳам неку бошад, аммо чаҳорпоёнро офат расад. Ва агар моҳ ба акраб бошад, нархҳо арзон бошад ва ҷаҳон аз шӯриш орамида бувад, аммо бемориҳо бисёр бувад. Ва агар моҳ ба қавс бошад, бо роҳат бошад ва маишат фарох бувад, аммо хусуматҳо пайваста бувад миёнаи оммаи мардумон. Ва агар моҳ ба ҷаддӣ бошад, борон бисёр бувад ва ғалла фаровон бошад ва подшоҳ сипоҳҳо бисёр фиристад ба ҳар ҷой ва нархҳо арзон бувад. Ва агар моҳ ба далв бошад, лашкариёнро офат расад ва иллати

ярақон андар миёни мардумон бисёр уфтад андар он сол. Ва агар моҳ ба ҳут бошад, боронҳо бисёр ояд ва соле бохайр бошад ва нархҳо арзон бувад. Валлоҳу аълам.

Андар ин рӯз калбулчаббор тулуъ кунад.

28. Андар ин рӯз ба Миср разҳои ангур бибуронанд ва боғҳоро иморат кунанд.

29. Андар ин рӯз зикрони ал-Ясаъ бошад ва андар ин вақт аттиббо аз гармоба рафтан боздоранд ва аз мева хӯрдани бисёр, ки ҳар ду зиён дорад.

30. Ин рӯзро иди Тури тобур гӯянд ва ин он рӯз бувад ба қавли эшон, ки Масеҳ аз миён берун шуд ва аз шогирдон холӣ шуд ва бар кӯҳ рафт миёни абр ва бо Мӯсо ибни Имрон ва Илёси зинда дидор кард ва эшонро бидид, пас боз бар шогирдон омад.

31. Андар ин рӯз ҷамраи тобистон биюфтад ва ба ғояти гармо бирасад ва ғояти тобистон ин рӯз бошад.

32. Андар ин вақт шаб хуш гардад ва самум ба ҷойҳои одат бишканад. Ва мақтали Яҳё ибни Закариё, алайҳума-с-салом, низ андар ин рӯз будааст.

33. Марям бинти Имрон андар ин рӯз зод ва инро эшон бузург доранд.

Андар ин вақт бодҳо хуш гардад ва гармои тобистон бишканад ва зери замин сард гардад.

34. Андар ин рӯз рӯди Нил зиёдат гирад ва ҳар рӯз қавитар мешавад. Ва андар ин чиҳил рӯз хун бардоштан ва дору хӯрдан ва ҳамаи истифроғҳо ситуда доранд.

35. Иди пайдо шудани салиб ва сабаби ин чунон буд, ки бар осмон шаҳобе падид падид омад, монанди салиб. Пас Қустантини маликро гуфтанд, ки «агар ту рояти хешро бар он мисол кунӣ, зафар ёбӣ». Бикарду зафар ёфт. Ва сабаби тарсо гаштани Қустантин он буд. Ва он расм андар миёни тарсоён монда аст, ки андар лашкарҳо салиб бардоранд пеши ҳар подшоҳе ва битриқе.

36. Андар ин рӯз мар бодро нигоҳ доранд, то кадом бод ояд. Ҳар боде, ки андар ин рӯз вазад, андар ҳама мустақбал ғалаба мар он бодро бошад.

Ин миқдор ёфтам аз шарҳи аъёд ва савм ва зикрони тарсоён, ки ёд кардем, би изни Аллаҳ.

БОБИ БИСТУ ЯКУМ
АНДАР ИДҲО ВА РАСМҲОИ МУҒОН БА ҶАДВАЛ

Кунун сухан андар маънии идҳои муғон ва аҷамиён гӯем ва падид кунам, ки ҳар иде ба кадом рӯз бошад аз рӯзҳои эшон. Ва он рӯзро андар ҷадвал овардам, ҳам бар он ҷумла, ки аз они арабиён гуфтам. Ва инро ба чаҳор ҷадвал андар овардам: нахуст адад, (дудигар) ҷашнҳо ва идҳо. Ва ҷадвали седигар андар рӯзҳои моҳҳои аҷамиён. Ҷадвали чаҳорум андар моҳҳои муғон. Ҷадвал ин аст, ки ин ҷо кашида омад:

Адад	Идҳо ва ҷашнҳои муғон	Рӯзҳои моҳ	Моҳҳо
1 2 3 4	Наврӯзи мулук Наврӯзи бузург, ки хосса хонандаш Ибтидои боз Фарвардингон	1 6 17 19	Фарвардин
5 6 7	Урдибиҳиштгон Аввали гаҳанбори седигар Охири гаҳанбори седигар	3 26 30	Урдибиҳиштмоҳ
8 9 10	Хурдодгон Аввали гаҳанбори чаҳорум Охири гаҳанбори чаҳорум	6 26 30	Хурдодмоҳ
11	Тиргон, ки ӯро ҷашни саршӯйӣ гӯянд	13	Тирмоҳ
12	Мурдодгон	7	Мурдодмоҳ
13 14 15	Шаҳриваргон, ки ӯро Озарҷашн гӯянд Аввали гаҳанбори панҷум Охири гаҳанбори панҷум	4 16 20	Шаҳривармоҳ
16 17	Меҳргон Ромрӯзи Меҳргони бузург	16 21	Меҳрмоҳ
18 19	Обонгон Аввали даҳрӯзаи фарвардгон ва аввали айёми масруқа	10 26-30	Обонмоҳ
20 21	Баҳорҷашн, ки ӯро рукубу-л-кусаҷ гӯянд Ҷашни озаргон	1 9	Озармоҳ
22 23	Иди хура, ки ӯро навад рӯз гӯянд	1 8	

24 25 26 27 28 29	Иди дайи аввал Иди гаҳанбори нахустин Сайри сур Иди дайи дудигар, охири гаҳанбори нахустин Батикон Шаби ковкуҳал Иди дайи седигар	11 14 15 15 16 23	Даймоҳ
30 31 32 33	Баҳманҷана Барсада Шаби сада Обрезгон ба Сипоҳон	2 5 10 30	Баҳманмоҳ
34 35 36	Навиштани таъвизи газандагон Аввали гаҳанбори ду дигар Охири гаҳанбори ду дигар	5 11 15	Исфандормазмоҳ

БОБИ БИСТУ ДУВУМ
АНДАР ШАРҲИ ҶАШНҲО ВА ИДҲОИ МУҒОН

Мар муғонро ҷашнҳои фаровон будааст андар рӯзгори қадим ва ман он чӣ ёфтам, ин ҷо биёвардам, андар ин ҷадвалҳо ва акнун шарҳи сабаби ҳар якеро бигӯям ҳам бар он ҷумла, ки андар кутуб ёфтаам.

1.Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро ки сари сол бошад ва шаб бо рӯз баробар шавад ва сояҳо аз деворҳо бигзарад ва офтоб аз равзанҳо уфтад. Ва расми муғон андар рӯзгори подшоҳии эшон чунон будӣ, ки хироҷҳо андар ин рӯз ифтитоҳ кардандӣ. Аҷамиён чунин гӯянд: андар ин рӯз Ҷамшед бар гӯсола нишаст ва сӯйи ҷануб рафт ба ҳарби девон ва сиёҳон – ва маънӣ зангиён бошад – бо эшон корзор кард ва ҳамаро мақҳур кард.

2. Ин рӯзро Наврӯзи бузург гӯянд ва чунин гӯянд: Ҷамшед аз ҳарби сиёҳон ва девон андар ин рӯз бозомад, бо зафару фирӯзӣ ва ғанимати фаровон овард. Пас он зару ҷавоҳир, ки ғанимат оварда буд, бар тахти хеш анбор кард, то ҳар кас бибинад. Ва офтоб аз равзан андар уфтод ва бар он ҷавоҳиру зар ва ҳамаи хона аз акси он равшан гашт. Бад-ин сабаб ӯро «Шед» лақаб карданд ва «шед» ба порсӣ «равшаноӣ» бувад ва офтобро бад-ин сабаб «хуршед» гӯянд, ки «хур» қурси офтоб бошад ва «шед»

равшан ва андар ин рӯз ҷойҳоро об зананд, ки ин рӯз номи фиришtae аст, ки бар об муваккил аст ба қавли эшон.

3. Ин рӯз ибтидои боз бошад муғонро. Ва ин бозро ба тозӣ «замзама» гӯянд ва ин аз сухан бозистодан бошад ва андар ростӣ сухан гуфтан ба вақти изтирор ва андар ин рӯз боз гиранд ва низ бо касе сухан нагӯянд. Ва андар Занди эшон чунон аст мар эшонро, ки чун парастиши Яздон кунанд, ба ҳамаи андом бояд кард ва забонро ҳам фориғ бояд кард аз гуфтор, то парастиш тамом бувад.

Ва ин боз ба замони хӯрдан низ гиранд ва сухан нагӯянд, то таом тамом нахӯранд. Ва чунин гӯянд, ки ин рӯзи Сурӯш ном фиришtae аст, ки Эзад, таъоло, мар ӯро бигумошта аст бар ранҷ доштан мар девонро ва ин рӯзро андар ҳар моҳе, ки биёяд, бузург доранд ва муборак доранд.

4. Ин рӯзи нуздаҳумро фарвардингон гӯянд ва ин рӯз мувофиқи моҳ аст. Ва андар расми муғон чунон рафта аст, ки ҳар рӯзе ки мувофиқи номи он моҳ бувад, ки андар ӯ бошад, он рӯзро бузург доранд.

5. Ин рӯзи седигарро урдибиҳиштгон гӯянд ва ӯро ҳам ба сабаби тавофуқ бо номи моҳ, бузург доранд ва андар ӯ ҷашн созанд. Ва гӯянд, ин рӯз ба номи фиришtae аст, ки бар оташ муваккил аст.

6. Ин гаҳанбор шаш аст ва ин он шаш рӯз аст, ки Эзад, таъоло, халқро андар ин шаш рӯз офарид, чунонки андар кутуби мунзал, чун Тавроту Инҷил ва Забуру Фурқон пайдост.

Аммо муғон чунин гӯянд, ки Худо, таборак ва таъоло, осмонро андар гаҳанбори нахустин офарид ва он ёздаҳуми[234] дай буд ва обро андар гаҳанбори дудигар офарид ва он ёздаҳуми исфандормуз буд ва заминро андар гаҳанбори седигар офарид ва он бисту шашуми урдибиҳишт буд ва наботро андар гаҳанбори чаҳорум офарид (ва он бисту шашуми хурдод буд ва чаҳорпоёнро андар гаҳанбори панҷум офарид) ва он шонздаҳуми[235] шаҳривар буд ва мардумро андар гаҳанбори шашум офарид ва он аввали рӯзи масруқа буд, охири обон.

Ва ин бад-он луғат аст, ки китоби Абисто аст ва ман шарҳи ин гаҳанбор ин ҷо муҷмал бигуфтам, то ҳар ҷой, ки биёяд, хонандаро маълум бувад.

7. Охири гаҳанбори седигар бувад.

8. Хурдодгон бошад ва ин рӯз бо моҳ мувофиқ аст.

---

[234] Аввали

[235] Ҳафдаҳуми

9-10. Гаҳанбори чаҳорум бувад (ки нахустин рӯзи он аштодрӯз аз хурдодмоҳ ва охири он Анеронрӯз аз хурдодмоҳ бошад).

11. Ба тиргонрӯз сездаҳуми моҳи тир мувофиқи моҳ аст ва ин он рӯз бувад, ки Ораш тир андохт андар он вақт, ки миёни Манучеҳр ва Афросиёб сулҳ уфтод ва Манучеҳрро гуфт: «ҳар ҷо ки тири ту бирасад (аз они ту бошад)». Пас Ораш тир бияндохт аз кӯҳи Рӯён ва он тир андар кӯҳе уфтод миёни Фарғона ва Тухористон ва он тир рӯзи дигар бад-ин кӯҳ расид ва муғон дигар рӯз ҷашн кунанд ва гӯянд, дудигар рӯз ин ҷо расид.

Ва андар тиргон, порсиён ғусл кунанд ва сафолинаҳо ва оташдонҳо бишкананд ва чунин гӯянд, ки мардумон андар ин рӯз аз ҳисори Афросиёб бирастанд ва ҳар кас ба сари кори хеш шуданд. Ва ҳам андар ин айём гандум бо мева бипазанду бихӯранд ва гӯянд, андар он вақт ҳама гандум пухтанд ва хӯрданд, ки орд натавонистанд кард, зеро ки ҳама андар ҳисор буданд.

Сар шустан аз баҳри он аст, ки чунин гӯянд, ки чун Кайхусрав аз ҳарби Афросиёб бозгашт, бар сари чашма фуруд омад танҳо, хобаш фурӯ бурд. Пас Бежан ибни Гев фароз расид, ӯро хуфта ёфта, об бар вай зад, то аз он хоб бедор шуд ва андар ин рӯз ғусл кардан миёни эшон расм бимонд.

12. Мурдодгон бошад.

13. Ин рӯзи шаҳриваргонро Озарҷашн гӯянд, зеро ки андар охири айёми тобистон аст ва аввали тағйири ҳаво бувад ва майл кардани ҳаво ба сардӣ ва рағбати мардумон ба оташ афрӯхтан пеши хеш.

14-15. Гаҳанбори панҷум бувад ва андар нимаи шаҳривармоҳ ба меҳррӯз ва ин рӯзи таҳорат аст ва порсиёнро нест, валекин сухани машҳур аст. Ва аввали фасли тирмоҳ аст ва ӯро хазони аввал гӯянд ва аз паси ӯ понздаҳум рӯз хазони дудигар бошад ва хазони хос ва ом низ гӯянд инро.

16. Ин рӯз Меҳргон бошад ва номи рӯзу номи моҳ муттафиқанд. Ва чунин гӯянд, ки андар ин рӯз Афридун бар Бевараспи, ки ӯро Заҳҳок гӯянд, зафар ёфт, мар Заҳҳокро асир гирифт ва ба Дамованд бурду он ҷо ба ҳабс кард ӯро.

17. Меҳргони бузург бошад ва баъзе аз муғон чунин гӯянд, ки ин фирӯзии Афридун бар Бевараспи ромрӯз будааст аз меҳрмоҳ. Ва Зардушт, ки муғон ӯро ба пайғамбарӣ доранд, эшонро фармуда аст бузург доштани ин рӯз ва рӯзи Наврӯзро.

18. Андар рӯзи обонгон (ба амри Зав ибни) Таҳмоспи бузург об равон карданд дар ҷӯйҳо, ки Афросиёб биёганда буд. Ва ҳам

андар ин рӯз хайр расид ҳама кишварҳоро, ки подшоҳӣ аз Заҳҳок бишуд ва бо Афридун расид ва мардумон бар молу милки хеш молик гаштанд ва бо зану фарзанди хеш андар иманӣ биншастанд, ки андар рӯзгор иманӣ набуд.

19. Аммо фарвардгон рӯзгоре аст муғонро, ки таом ва шароб созанд ва ба ҷой бинҳанд ва гӯянд, руҳи мурдагони мо биёянд ва он бихӯранд ва эшон ин айёмро мансуби кушта ва парвариши руҳ (донанд) ва ин охири обонмоҳ бошад.

Аммо айёми масруқа аз ҷумлаи кабиса аст, то сол тамом шавад ва ин аз паси Зардушт карданд ва муғон андар ин ихтилоф карданд. Баъзе гӯянд, ки фарвардгон панҷ рӯзи бозпасин аст ва баъзе гӯянд, панҷ рӯзи масруқа аст. Аз баҳри ин – иҳтиётро – то фарвардгон фоит нашавад, ин даҳ рӯзро, панҷ рӯзи бозпасини обон ва панҷ рӯзи масруқаро аз фарвардгон ниҳоданд.

(Нахустин рӯз аз панҷ рӯзи масруқа аввали гаҳанбори шашум бувад ва охирин рӯзи масруқа охири гаҳанбори шашум.

20. Озаргон бошад ва ин рӯз бо моҳ мувофиқ аст).

21. Аммо баҳорҷашн, ки ӯро рукуби кусаҷ гӯянд. Ва андар рӯзгори акосира ин озармоҳ ба вақти баҳор омад. Ва андар ин рӯз марде кӯсаро бар хар нишондандӣ, ҷомаи ғалила пӯшида ва дастори хеш андар сар баста ва бодбезан бардошта, худро бод ҳамекардӣ ва лахте аз сури зимистонӣ бар хештан ба расан баста доштӣ ва бад-он ишорат ҳамекардӣ мардумонро, ки сармо гузашт ва гармо омад. Ва андар ин вақт баъзе аз Порс ин расм ба ҷой оранд аз баҳри танзу масхарагиро. Валекин бодбезан заҳри он бечора бувад ва ҷомаи ғалила ҷон кандани ӯ бувад.

22. Андар ин рӯз ҷашни ҳурарӯз бувад. Ва ин моҳи дай ба наздики муғон моҳи Худой аст ва аввал рӯзи ӯро ҳам ба номи ӯ хонанд ва ин рӯзро сахт муборак доранд ва навад рӯз низ гӯяндаш, ки аз ин рӯз то навад рӯз Наврӯз бувад.

23. Иди дай аввали ӯ бошад.

24. Аввали гаҳанбори нахустин бошад.

25. Бад-ин рӯзи сайрсур муғон таомҳо созанду бихӯранд ва чунин гӯянд, ки он таомҳо мазаррати девонро рафъ кунад. Ва чунин гӯянд, ки андар ин рӯз буд, ки девон бар Ҷам ғалаба карданд ва ӯро бикуштанд.

26. Ин рӯз иди дудигари дай бувад ва охири гаҳанбори нахустин бувад.

27. Рӯзи батикон он бошад, ки муғон тамосилҳо кунанд, чун мардум аз гил ва ё аз орд ва он тамосилро аз паси дарҳо сахт кунанд. Ва акнун он бигзоштаанд, ки он ба бутпарастӣ (монад ва) онро мункар доранд.

28. Ва аммо шаби ковкалил, ки аз паси понздаҳуми моҳ бошад, он аст, ки говеро биёроянду берун оранд. Ва чунин гӯянд, ки чун Афридунро аз шири модар боз карданд, бар гов нишаст. Ва андар ин рӯз буд, ки он гов Асфиён, падари Афридунро итлоқ карданд, ки Заҳҳок ӯро аз Асфиён боздошта буд, кор бар вай танг гирифта буд. Ва муғон бад-ин сабаб он рӯзро бузург доранд, аз ҷиҳати Афридун ва Асфиёнро.

29. Иди дайи седигар бошад.

30. Ин рӯз баҳманҷана бошад ва расми аҷамиён чунон аст, ки андар ин рӯз деге бипазанд ва аз ҳамаи наботҳо ва донгуҳо ва тухмҳову гӯштҳои ҳар ҳайвоне андар ӯ кунанд ва онро деги баҳманҷана хонанд ва бипазанду ба ҳар ҷой бифурӯшанд. Ва андар ин рӯз баҳмани сурх бо шири тоза бихӯранд ва онро муборак доранд. Ва чунин гӯянд, ки ҳифзро суд дорад ва чашми бад боз дорад.

31. Ва ин барсадаро навсада низ хонанд ва ӯ пеш аз сада ба панҷ рӯз бошад.

32. Садаи бузург. Чунин гӯянд муғон, ки андар ин рӯз сад мардум тамом шуда буд аз насли Мешӣ ва Мешона ва эшон ду мардуми нахустин буванд, чунонки мусалмонон гӯянд Одам ва Ҳаво, муғонро он ду тан буданд. Ва боз баъзе гуфтанд, миёни ин рӯз ва миёни Наврӯз сад шаборӯз бувад, яънӣ панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб, бад-ин сабаб Сада ном кардандаш. Аммо сабаби оташ афрӯхтан андар вай он аст, ки андар он шаб Армойил, ки вазири Беварасп буд, марде некуният буд ва чун Заҳҳок ҳар рӯз ду мардро аз баҳри морони хеш куштан фармуд, ин Армойил, аз он ду мард якеро бикуштӣ ва якеро раҳо кардӣ ва ӯро гуфтӣ, то аз ҷаҳониён пинҳон шудӣ ба ҷойе, ки кас хабари эшон наёфтӣ. Ва чун Афридун бар Заҳҳок зафар ёфт, ин мардумони озодкардаи Армойил сад мардум шуда буданд ва ҳама андар кӯҳи Дамованд пинҳон буданд. Ва Армойил пеши Афридун омада, бад-ӯ тақриб кард ва ин бо вай бигуфт. Афридун ӯро устувор надошт, пас сиқаи хешро Афридун бад-он кӯҳ фиристод, то бингарад ва (ҳақиқат) падид кунад ва ӯро хабар диҳад. Ва Армойил бифармуд, то он мардумони мутанаккир ҳар касе оташе ҷудогона бияфрӯхтанд. Пас сад оташ бияфрӯхтанд, чунонки ҳамаро Афридун бидид. Ва бад-он чи Армойил шафақат карда буд дар ҳаққи онҳо, ӯро Афридун биситуд ва вилояти Дамованд ба Армойил бидод, то бад-ин ғоят ҳанӯз фарзандони ӯ доранд.

33. Аммо обрезгони Сипоҳон он аст, ки мардумон обро бар оби дигар резанд. Ва сабаби ин он буд, ки борон аз Эрон бозистод ба рӯзгори Фирӯз ибни Яздиҷурд, ҷадди Нуширвони -

одил. Ва Фирӯз ба оташкада шуд, ки онро Озархура гӯянд ва бисёр парастиш кард ва хайр ба дарвешон бидод ва пеши Эзад, таъоло, фаровон ҷазаъу зорӣ кард, то борон гушода гашт.

Ва ҳар гоҳ, ки андар ин рӯз борон ояд, муғон он рӯзро шодӣ кунанд ва иде созанд ва ин расм ба Сипоҳон то бад-ин ғоят монда аст.

34. Ин рӯзи панҷуми исфандормуз бошад ва ин ҳам номи фиришгае аст, ки бар замин муваккал аст ва бар занони покизаи мастура. Ва андар рӯзгори пешин ин ид хосса мар занонро будӣ ва ин рӯзро «мардигирон» гуфтандӣ, ки ба муроди хеш мард гирифтандӣ. Ва ин рӯзро «катбат урриқоъ» низ гӯянд ва таъвизҳо нависанд аз баҳри ҳашарот ва ҳавомро ва бар дарҳо ва деворҳо барбишолоянд, то мазаррати он камтар бошад.

35. Аввали гаҳанбори дудигар ба ёздаҳуми исфандормузмоҳ бошад.

36. Охири гаҳанбори дудигар ба понздаҳуми исфандормузмоҳ бошад).

Ин буд сабабҳои идҳо ва ҷашнҳои муғон, ки падид кардем. Ва биллоҳу-л-тавфиқ ва ҳува-л-муваффақ ва-л-муъин.

БОБИ БИСТУ СЕЮМ
АНДАР ИДҲОИ ҲИНДУВОН БА ҶАДВАЛ

Аммо бидон, ки ҳиндувон идро жотр гӯянд ва маънии «жотр» ҳаракат бошад сӯйи сафар. Ва бештар аз идҳои ҳиндувон он аст, ки ба занону кӯдакон бозбаста аст. Ва ман идҳои эшонро, он чӣ ёфтам, ин ҷо ҷамъ кардам ва андар ҷадвал овардам, то ёфтани он осон бошад. Ва ҷадвали ҳиндувон ҳам бар он расм ниҳодам, ки ҷадвали идҳои муғон аст. Ва ҷадвал ин аст:

Ададҳо	Идҳои ҳиндувон	Номҳои моҳҳо	Рӯзҳои моҳ
1	Акдус		2
2	Ҳиндулӣ чайтр	Чайтр	11
3	Чайтр ҷашат		22
4	Гауртар	Байсок	3
5	Басанта		10
6	Иди рупа панҷа	Ҷират	1
7	Аҳорӣ, ин моҳ сартосар чун иде бувад	Ашор	Ҳама
8	Маҳонафамӣ		8
9	Пуҳой	Ашуҷаҷ	16

10	Иди Асук ва оҳуй низ гӯяндаш		23
11	Питрипакша	Баҳодирпат	1
12	Ҳарболӣ		3
13	Гобҳат		6
14	Дурубҳар		8
15	Барбат		11
16	Карора		16
17	Гунолаҳид		26-27
18	Диволӣ	Кортаг	1
19	Гувон ботриҷ	Мангуҳар	3
20	Иди Пуҳавал	Пауш	Ҳама
21	Аштак		8
22	Согорутам		8
23	Ҳатриҷ	Мог	3
24	Монсиртаг		23
25	Пурорatаг	Полган	8
26	Удод		25
27	Шивротар		26
28	Пуйаттана		23

БОБИ БИСТУ ЧАҲОРУМ
АНДАР ШАРҲИ ИДҲОИ ҲИНДУВОН

Акнун шарҳи сабабҳо ва расмҳои ҳар идеро аз они ҳиндувон бигӯем, бар он ҷумла, ки андар кутуб ёфтам.

1.Ин рӯзро Акдус гӯянд ва ин иди аҳли Кашмир аст. Сабаб ин будааст, ки Муттӣ, малики эшон зафар ёфт бар туркон[236], ки Ҳиндустон гирифта буданд.

Ва ба наздики эшон чунон аст, ки ин Муттӣ малики ҳамаи ҷаҳон буд - ва бештар аз он подшоҳони хешро ҳамчунин донанд - ва он таърихи Муттиро бузург доранд. Аммо на чунон аст, ки эшон гӯянд, ҳарчанд ки мумкин бошад, ки ҳамчунонки яке порсӣ, ё яке туркӣ, ё яке арабӣ, ё яке румӣ ҷаҳонро бигирад, аҷаб набошад, агар ҳинду низ бигирад, аммо ахбори ҷаҳон машҳур аст ва андар кутуб муҷаллад аст, аммо ба ҳеч ҷой наёмада аст, ки ҳиндуе ҳама ҷаҳон бигирифт. Валекин ҷуз Ҳиндустон ҷаҳон надонанд ва чун касе ҳамаи Ҳиндустон бигирад, гӯянд, ҳамаи ҷаҳон ӯ дорад.

[236] Бузургон

2. Ин рӯзро ҳиндулӣ гӯянд ва ин иде аст эшонро, ки ҳама бар «девҳари Босидев» гирд оянд ва он баҕ андар водиҷ ниҳанд ва ҳамеҷунбонанд, чунонки расми водиҷ бошад. Ва ба хонаҳои хеш андар ин рӯз ҳамчунин водиҷҳо афгананд ва шодӣ кунанд. Ва чун истиқболи ин моҳ набошад, онро баҳанд гӯянд ва он рӯз иди занон бошад, хештанро биёроянд ва пеши шавҳарони хеш оянд ва аз эшон ҳадия хоҳанд.

3. Ин рӯзро чайтр ҷашат гӯянд ва ин иде аст, ки шодӣ кунанд бар номи Багҳабат ва андар ӯ сарҳо бишӯянд ва садақа диҳанд.

4. Ин Гаутар иди занон бошад ба номи Гаур духтари кӯҳи Ҳимоҷил ва ӯ зани Маҳодев буда аст. Андар ин рӯз сар шӯянд ва хештанро биёроянд ва номи ӯ андар сухан гӯянд ва чароғҳо бияфрӯзанд ва тақарруб кунанд ба бӯйи хуш ва ҳеч нахӯранд ва андар водиҷ бозӣ кунанд ва чун рӯз бувад садақа диҳанд ва таом бардоранд.

Водиҷ ресмони дарозе аст, ки бар чӯбе бастаанд ва бар миёни ин ресмон тахта ё гаҳвора бастаанд ва бутонро андар миёни он тахта ё гаҳвора ниҳанд ва онро водиҷ хонанд ва гоҳ мардону гоҳ занон ва кӯдакон бар он тахта нишинанд ва онро бичунбонанд. Ва онро ба форсӣ «гоз» гӯянд.

5. Ин рӯзи Басанта андар даҳуми бисок бошад. Андар ин рӯз бараҳманон ба саҳро берун шаванд, бо подшоҳе ҳозир бошанд ва оташҳои бузург бияфрӯзанд, ҳар ҷой чаҳор оташ ва он қурбони як бараҳмане бошад, то чаҳор бараҳман бувад ба адади чаҳор Бед. Пас рӯзи шонздаҳум баргарданд ва андар ин моҳ шаб бо рӯз баробар шавад ва эшон онро ба ҳисоб нигоҳ доранд ва он рӯз ид кунанд ва бараҳманон андар он рӯз меҳмониҳо кунанд.

6. Ин рӯзи аввали ҷират бошад, ки рӯзи иҷтимоъ бошад. Андар ин рӯз ид кунанд ва навбоваи киштро бигиранд ва андар об андозанд бар сабили табаррук ва шодиҳо кунанд. Рупа панҷа андар истиқболи ҷират бошад ва ин иди занон бошад.

7. Моҳи Ашор андар ояд, ҳамаи моҳ садақа диҳанд ва инро оҳорӣ хонанд ва андар вай ҳамаи авониҳо ва ханурҳои сафолина нав кунанд ва андар истиқболи саробан[237] меҳмониҳои бараҳманон бувад ва онро чун иде доранд.

8. Маҳонафамӣ, яънӣ рӯзи ҳаштуми Ашуҷаҷ бувад, ки моҳ андар манзили Мул бувад, нуздаҳум манзил, яънӣ шула. Ибтидо кунанд макидани найшакарро. Ва ин Маҳонафамӣ хоҳари Босидев будааст. Ба навбоваи қасаб шакар қурбон кунанд ва ба

[237] Дар санскрит «шраван» ё «сраван» ҳарду моҳи сован аст (А.Ҳ.)

наздики он бут баранд, ки Баҳагбут хонанд ва садақаи бисёр диҳанду бузича бикушанд.

9. Шонздаҳум рӯзи Пуҳой бувад ва чунин гӯянд ҳиндувон, ки ин номи Босидев аст ва андар вақт ки Босидевро холи ӯ Канис бихонда буд ба куштӣ гирифтан ва акнун расм гашта аст, ки мардумон бо ҷонварони дигар бозӣ кунанд ва як бо дигар куштиҳо гиранд ва меҳмониҳо созанд.

10. Бисту сеюми ӯ ид бувад ва андар ӯ садақа диҳанд мар бараҳманонро. Ин рӯзро асук хонанд ва оҳуй низ гӯяндаш. Ва ин он вақт бошад, ки моҳ андар ҳафтум манзил, яънӣ зироъ бошад. Ин ид рӯзи бозӣ ва шодӣ кардан бошад.

11. Ва андар моҳи баҳодирпат чун моҳ ба манзили Маг расад, даҳум манзил, он бутро, ки Патар пакаш гӯянд, яъни падарон, ним моҳ ӯро парастиш кунанд, зеро ки омадани моҳ бад-ин манзил бошад, андар ин вақт наздики истиқбол бошад. Ва андар ин вақт садақа диҳанд ба номи падарон понздаҳ рӯз.

12. Ин рӯзро Ҳарболӣ гӯянд, седигари баҳодирпат бошад ва ин иди занон бошад. Чунон созанд, ки бигиранд чизе аз ханурҳо ва аз ҳар тухме андар ӯ бикоранд ва чун бируста бошад андар ин рӯз биёранд ва гулу бӯйҳои хуш бар вай афгананд ва ҳама шаб бозӣ кунанд. Чун бомдод бошад, биёянд бо он набот, то ба сари ҳавзҳо ва он наботро бишӯянд ва хештанро бишӯянд ва пас садақа диҳанд.

13. Гобҳат бувад ва ин рӯзи шашум бувад, ки андар ин рӯз зиндониёнро таом диҳанд.

14. Дуруб ҳар рӯзи ҳаштум бувад, ки моҳ ними қурси хеш гардад. Андар ин рӯз хештанро бишӯянд ва донгуҳо руста кунанд ва андар ин рӯз донгуҳо хуш созанд ва бихӯранд ва фарзандонро надиҳанд. Ва ин ид, ки занон кунанд, аз баҳри талабидани фарзандро кунанд, то бор гиранд.

15. Барбут, ин рӯзи понздаҳуми баҳодирпат бошад. Андар ин рӯз ресмоне бисозанд дароз, дар миқдори болои бути Содин ва он ресмони муламаъро барбут хонанд. Пас он ресмонро ба наздики Содин ҳадия баранд. Ва чунин гӯянд, ки ин ресмон барозандаи Босидев аст ва андар Содин афгананд, чунонки то пойи ӯ бирасад ва пас нишот кунанд. Ва ин рӯз иде бузург бошад эшонро.

16. Инро карора гӯянд ва ин шонздаҳуми баҳодирпат бошад ва муддати ин ид ҳафт рӯз бошад. Кӯдаконро биёроянд ва бӯйи хуш кунанд ва бо ҷонварони дигар бозӣ кунанд. Ва чун рӯзи ҳафтум бошад, мардон хештанро биёроянд ва бараҳманон садақа диҳанд ва аъмоли хайр кунанд.

17. Ва чун моҳ ба манзили руҳанӣ ояд, чаҳорум манзил, яънӣ дабаронро, ки гунолҳид гӯянд, се рӯз ид кунанд ва шодиҳо намоянд ва бозӣ кунанд ва чунон гӯянд, ки Босидев андар ин рӯз зойид.

Чунин гӯяд фарозоварандаи ин китоб Абусаъид Абдулҳай ибн аз-Заҳҳок, ки чунин бишнидам аз Хоҷа Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Берунӣ, раҳмату-л-Лоҳ, ки гуфт, Ҷибшарми ҳинду чунин гуфт, ки мардумони Кашмир рӯзи бисту шашум ва бисту ҳафтуми баҳодирпат ид кунанд ба сабаби он ки андар ин ду рӯз порае чӯб, ки онро гуна гӯянд, оби Баҳт биёрад ва миёнаи қасабаи Аддаштон орад, ки дорулмулки Кашмир аст.

Ва чунин гӯянд эшон, ки он чӯб Маҳодев фиристад ва хосияти он ҷӯб он аст, ки агар касе қасд кунад, ки он чӯбро бигирад, натавонад гирифт ва ин ба даст наёяд. Ва баъзе аз аҳли Кашмир гӯянд, ки ин аз он ҳавз барояд, ки ӯро Кудайшаҳр гӯянд ва он ҳавз бар чапи оби Баҳт аст. Ва ин андар нимаи бисок бошад, ба қавли аҳли Кашмир ва мумкинтар бошад, зеро ки бисок вақти обхез бошад ва ин наздик аст бад-он чи ба Гургон аст, ки ҳар сол ба вақти обхез чӯбе дар миқдори ду мардболой аз об барояд ва чанд рӯз бибошад ва нопайдо шавад, ки ҳеч касро даст бад-ӯ нарасад. Ва чунин шунидам, ки Кобус ибни Вушмгир занҷире сохт, бифармуд, то бияндохтанд ва андар он чӯб афганданд ва онро муҳкам бибастанд, рӯзи дигар нигоҳ карданд, занҷир бар ҷой буд ва чӯб нопайдо шуда буд.

Ва ҳам Ҷибшарм гуфт, ки андар ҳудуди Савот андар кӯҳҳои ноҳияти Гирӣ ҷойе аст, ки панҷоҳу се рӯд он ҷо гирд ояд ва онро Таранҷой гӯянд, об андар ин ду рӯз сапед гардад. Ва эшон чунин гӯянд, ки Маҳодев хештанро бад-он об андар он рӯз бишӯяд.

18. Ин рӯзро диволӣ гӯянд ва ӯ аввали кортак бошад ва ин рӯз иҷтимоъ бошад андар бурҷи мизон. Андар ин рӯз хештанро бишӯянд ва биёроянд ва барги танбул ва фуфил ҳадия баранд якдигарро ва ба девҳарҳо шаванд ва садақа диҳанду бозӣ кунанд ва шодӣ намоянд то ним рӯз. Ва андар ин шаб бисёр чароғҳо бияфрӯзанд ба ҳар ҷойе, чунонки ҳаво равшан гардад ва сабаби ин он будааст, ки Лачмӣ зани Босидев бо Бал ибни Беруҷан ибни Барҳалод, ки андар ҳафтум замин маҳбус аст, ҳар сол андар ин рӯз берун ояд ва бад-ин ҷаҳон ояд ва он рӯзро «Бул роҷ» гӯянд, яънӣ подшоҳии Бал.

Ва чунин гӯянд, ки ӯ андар «сатҷак» будааст, яънӣ замонаи некӣ, мо низ шодӣ кунем ва некӣ кунем бо мардумон, монанди замона ва андар ин моҳ аз паси истиқбол меҳмониҳо созанд ва занон дар он рӯз хештанро биёроянд.

19. Гувон ботриҷ. Ин рӯз седигари мангуҳар бошад ва ин иди занон бошад, ки ба номи Гаур кунанд. Андар ин рӯз ба хонаҳои тавонгарон гирд оянд ва ҳамаи бутони Гаурро, ки симин бошанд, гирд оранд ва бар курсӣ ниҳанд ва атр кунанд ӯро ва ҳама шаб бозӣ кунанд ва дигар рӯз садақаҳо диҳанд. Рӯзи истиқболи мангҳир ҳамчунон (ид) бошад.

20. Ин рузи Пуҳавал, чаҳоруми пуш бошад ва эшон андар ин моҳ бисёр идҳо кунанд, аммо андар ин рӯзи Пурҳавал, таоми ширин созанд ва аз он таом хӯранд.

21. Инро иди Аштак гӯянд ва ин рӯзи ҳаштуми пуш бошад. Андар ин рӯз бараҳманонро гирд кунанд ва таом созанд аз бост ва ӯ сарма бошад ва бад-он бараҳманон диҳанд, то бихӯранд ва пас бисёр накӯӣ кунанд эшонро.

22. Ин рӯз бисту шашуми пуш бошад ва ин рӯзро Согорутам[238]гӯянд ва андар ин рӯз таомҳо ва шалғам хӯранд.

23. Ин рӯзро ҳатриҷ гӯянд ва ин седигари мог бувад ва ин иди занон бошад, бар номи Гаур кунанд. Ҳама гирд оянд ба хонаҳои он меҳтарони хеш, наздики бути Гаур. Ва пас андар гирдогирди ӯ ҷомаҳои фохир биниҳанд ва атрҳои хӯшбӯй ва хуришҳои покиза ва андар ҳар маҷмаъе, ки ин ид бикунанд, бояд ки саду ҳашт пора авонӣ ниҳода бошанд, ҳама пуроб карда, то он об сард шавад ва бад-он об хештанро бишӯянд чаҳор бор аз рибоъи ин шаб. Пас дигар рӯз садақа диҳанд ва арӯсиҳову меҳмониҳо пайваста кунанд. Ва андар ин моҳ занон хештанро бар умум, ба оби сард бишӯянд ва андар охири ин моҳ, рӯзи бисту нуҳум бад-он вақт, ки аз шаб як соат ва хумс монда бошад, андар об шаванд ва ҳафт бор ба об фурӯ шаванд.

24. Ин Монсиртаг рӯзи бисту севуми мог бошад ва ӯро Моҳонан низ хонанд. Андар ин рӯз меҳмониҳо кунанд ва таом аз гӯшту моши сиёҳи бузургдона созанд.

25. Ин рӯзро Пурортаг гӯянд ва ин ҳаштуми полган бошад. Андар ин рӯз аз баҳри бараҳманон таомҳо созанд аз орд ва равғани гов. Аз ҳар гуна таом бад-эшон диҳанд, то бихӯранд табаррукро.

26. Ин рӯзро удод гӯянд ва ин рӯз андар истиқболи полган бошад. Ва ин иди занон аст ва инро Ҳулӣ низ гӯянд. Мағокҳо биҷӯянд ва андар он мағокҳо оташҳои қавӣ бияфрӯзанд ва ӯро чомоҳа гӯянд ва пас аз он оташ ба ҳар ҷонибе бияндозанд беруни деҳ.

[238] Сокор\Санкронат

27. Ва чун удод бигзарад, дигар шаб аз вайро Шивротур гӯянд, андар ин шаб ҳама шаб бедор бошанд ва нахуспанд ва хидмати Маҳодев кунанд ва бӯйи хуш ва сипарғамҳо хадия баранд.

28. Ин рӯзро Пуйаттана гӯянд ва ин рӯз бисту сеюми полган бошад. Андар ӯ биринҷ хӯранд бо равғани гову шаккар.

Ин миқдор ёфтам аз идҳои эшон, ки ёд кардам.

Ин буд тамомии идҳо, ки ёд кардем аз они панҷ уммат, чун: мусалмонону ҷуҳудон ва тарсоёну муғону ҳиндувон. Ва тамом шуд мақолати идҳо ва шарҳҳои он . Ва аз пас аз ин сухан андар маъориф ва ансоб гӯем ва тавфиқ аз Худой, азз ва ҷалл, хоҳам ба тамомии он. Иннаҳу хайру муваффақин ва муъинин.

(МАҚОЛАТИ СЕЮМ АНДАР МАЪОРИФ ВА АНСОБИ ЧАҲОР ТАБАҚА)

Чунин гӯяд фарозоварандаи ин китоби Зайну-л-ахбор, ки чун аз таворихи мардумони Эроншаҳр, ки мардумони миёни ҷаҳон бошанд ба мақолати аввал ва идҳои панҷ уммат ба мақолати дувум бипардохтем, акнун бад-ин мақолати сеюм, маъориф ва ансоби он табақоти мардум, ки ба чаҳор сӯйи мардуми Эроншаҳр, ба шимолу мағриб ва машриқу мағриб бошанд, биёрам. Ва мин Аллоҳу тавфиқ.

БОБИ БИСТУ ПАНҶУМ АНДАР АҲВОЛ ВА АНСОБИ ТАБАҚОТИ МАРДУМ

Чунин гӯяд фарозоварандаи ин китоб Абусаъид Абдулҳай ибн аз-Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ, ки чун Эзад, таборак ва таъоло, мар ин ҷаҳонро биёфарид, чунонки ӯ хост ва ин заминро мустақарри банӣ Одам кард ва бад-он бар эшон миннат ниҳод, ки гуфт он ҷо: «Ва лақад каррамно банӣ Одама ва ҳамалноҳум фӣ-л-барри ва-л-баҳри ва разақноҳум мина-т-таййиботи» (17:70).[239]

Ва боз мардумонро мутафовит офарид, чунонки миёни ҷаҳонро чун Макка ва Ҳиҷозу Яман ва Ироқу Хуросон ва

[239] Сураи Исро (17:70).

Нимрӯзу баъзе аз Шом – ва инро ба забони форсӣ Эрон хонанд, - ин турбатро Эзад, таборак ва таъоло, бар ҳамаи ҷаҳон фазл ниҳод андар ибтидои олам то бад-ин ғоят, ин диёр ва аҳли он муҳтарам будаанд ва сайиди ҳамаи атроф будаанд. Ва аз ин диёр ба ҷойи дигар барда набурдаанд ва андар урфу одат нарафта аст, ки ин табақа мар аҳли дигар диёрро бандагӣ кардандӣ ва ё кунанд, балки аҳли атроф мар аҳли ин диёрро бандагӣ кардаанд ва бандаро аз атроф бад-ин диёр овардаанд ва суккони вилоятҳо ва атроф мар аҳли ин миёни ҷаҳонро чун банда будаанд, чи ба гузордани хироҷ ва инқиёд ба тоъат ва чи гирифтани хироҷ аз эшон ва барда гирифтан мар эшонро ва фурӯхтану харидан. Ва ин бад-он сабаб аст, ки аҳли ин миёнаи ҷаҳон ба хирад донотаранду ба ақл тамомтар ва ба мардӣ шуҷоътару мумайизтар ва дурбинтару сахитар ва аҳли атроф ба ҳамаи чизҳо аз ин табақа камтаранд. Ва бад-ин сабаб эшон мар ин қавмро тойиъан ва мукриҳан бандагӣ кунанд. Ва чун ҳоли миёни ҷаҳон бар ин ҷумла бувад ва мустағнӣ буданд аз таъриф кардан ва он аҳволи эшон машҳуртар ва маъруфтар аз он бувад, ки ҳаме таъриф боист. Ман маъорифи эшонро бигзоштам, ки агар ба маъорифи эшон машғул гаштаме, китоб аз ҳадди ихтисор бигзаштӣ. Аҳвол ва ансоби чаҳор табақаро тафаҳҳус кардам, ки бар чаҳор ҷониби ҷаҳон бошанд, чун аҳли машриқу аҳли мағриб ва аҳли шимолу аҳли ҷануб. Аммо аҳли машриқ ҳиндувон ва аҳли мағриб румиён ва аҳли шимол туркон ва аҳли ҷануб зангиён.

Ва оғоз аз ҳол ва ансоби туркон кардем, ки эшон ба мусалмонон наздиктар бошанд.

(БОБИ БИСТУ ШАШУМ
АНДАР МАЪОРИФИ ТУРКОН)

Чунин гӯяд Убайдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ андар итоби «Ахбор», ки ӯ кардааст, ки туркон аз ҷумлаи чиниёнанд. Ва чунин гӯяд Абдуллоҳ ибн ал-Муқаффаъ андар китоби «Рубъ ад-дунё», ки чун Нуҳ пайғамбар, алайҳу-с-салом, аз каштӣ берун омад, ҷаҳон холӣ гашта буд аз мардум. Ва ӯро се фарзанд буд: Сому Ҳом ва Ёфис. Пас ҷаҳонро бар фарзандони хеш қисмат кард. Замини сиёҳонро, чун Занҷу Ҳабаша ва Нубаву Барбар ва бару баҳру ҷазоири он диёр мар Ҳомро бидод ва Ироқу Хуросону Ҳиҷоз ва Яману Шом ва Эроншаҳр насиби Сом омад ва Турку Сақлоб ва Яъҷуҷу Маъҷуҷ то Чин мар Ёфисро расид.

Ва аз он ки ин вилояти Туркистон аз ободонӣ дуртар буд, он диёрро Турк ном кард. Ва Нуҳ, алайҳу-с-салом, дуо кард ва аз Худой, азз ва ҷалл, бихост, то Ёфисро номе биёмӯзад ва чун он номро бихонад, борон ояд. Андарвақт Худой, азз ва ҷалл, дуои вай мустаҷоб кард ва Ёфисро биёмӯхт. Ва чун Ёфис он ном биёмӯхт, онро бар санг набишт ва андар гардани хеш овехт, аз баҳри иҳтиётро, то фаромӯш накунад. Ва ҳар вақт, ки бад-он ном борон хостӣ, борон омадӣ ва агар он сангро андар об задӣ ва он об ба бемор бидодӣ, беҳтар шудӣ. Ва он сангро фарзандони ӯ ба мерос медоштанд, то насли ӯ бисёр шуд, чун ғузу халух ва хазару монанди эшон.

Пас лаҷоҷ рафт миёни эшон ба сабаби он санг ва он ба дасти ғузон буд ва иттифоқ карданд, ки «фулон рӯз гирд оем ва қуръа занем, то киро расад, бад-ӯ диҳем». Пас ғузон санге дигар ҳам бар он мисол бигирифтанд ва он дуо бар вай нақш карданд ва он меҳтари эшон он санги музавварро андар гардан овехт. Ва чун рӯзи миъод қуръа заданд, халлухро омад. Он санги музаввар халлухиёнро бидоданд ва он санги аслӣ ба наздики ғузон бимонд. Ва туркон, ки борон хоҳанд ба санг аз ин сабаброст.

Аммо тунукмӯй ва танг хӯйи эшон аст.

Гӯянд, Ёфис ба кӯдакӣ бемор шуд ва ҳеч муъоличат напазируфт, то гандапире мар модари Ёфисро гуфт: «инро хояи мӯрча деҳ ва шири гург, то ин иллат аз вай барад». Пас модар ӯро як моҳ пайваста аз ин ҳарду чиз ҳамедод, то аз он бемор беҳтар шуд. Ва чун риш бароварда, кӯса омад ва фарзандонаш ҳамчунон омаданд. Ва ин каммӯйӣ ба сабаби он хояи мӯрча уфтод ӯро ва бадхӯйӣ ба сабаби шири гург. Ва асли туркон аз вай уфтода аст.

Ва ман қабила-қабила, акнун эшонро чунонки андар кутуб ёфтам, бигӯям:

Аммо **халлухиён**. Чунин гӯянд, ки ин Халлух марде буд аз меҳтарони туркон ва аз ҷойе ба ҷойе ҳамешуданд. Ва модари Халлух бар сутуре нишаста буд ва ҷойе холӣ буд. Чокаре аз они Халлух бад-ин модари Халлух расид ва қасди он зан кард ва аз вай андаровехт ва он зан ӯро берун андохт ва таҳдид кард бад-ӯ. Ва маълум аст, ки занони туркон сахт пок бошанд. Ва чун ин чокар он бидид, битарсид ва аз он ҷо бигурехт ва ба ноҳияти Туғузғуз бишуд, ба вилояти хоқон ва марде аз ҷумлаи хоқониён ӯро андар он шикоргоҳ биёфт ба ҷойе сахт бад ва намадпора бар хештан баста. Ӯро Ябоғу ном кард. Пас ӯро пеши хоқон бурд. Чун хоқон аз ҳоли ӯ бидонист, ҳамаи халлухиёнро, ки андар

вилояти ӯ буданд, ҷамъ кард ва ин Ябоғуро бар эшон…. [240] раёсат бидод ва он қабиларо ябоғу халлух ном кард.

Пас марде аз Туркистон ба қабилаи туғузғуз омад ва бар канизаке аз ябоғуиён ошиқ шуд ва он канизакро бидуздид ва сӯйи Туркистон бибурд. Ва хони Туркистон он канизакро аз вай бистад ва ба наздики хештан овард. Ва он канизакро неку ҳамедошт ва нома набишт ба аҳли байти он канизак ва аз ҳоли канизак эшонро хабар бидод ва эшонро ба наздики хеш хонд. Чун биёмаданд, ба ҷойи ҳама аёдиҳо кард. Ва чун хабар бад-ин боқии қабила расид, ҳамаи қабила он ҷо рафтанд ва чун анбуҳ шуданд, эшонро бар расми араб миёни вилояти хеш биншонданд ва хабуе[241] бад-эшон бидод.

Ва ҳама бар ин гуна ҳамебуданд, то туркистониён бар хоқониён тохтан оварданд ва дувоздаҳ меҳтари маъруфро аз хоқониён куштанд. Ва шамшер андар ниҳоданд ва ҳамаи хоқониёнро бикуштанд ва он ҳама подшоҳии хоқониён ба Чунпон монд аз халлухиён. Ва охирин касе, ки кушта шуд аз хоқониён, Хатғалон хоқон буд ва аввал халлухӣ, ки биншаст Элмолмасан ҷабуя буд. Ва он раёсат андар халлухиён бимонд. Ва аз ин қабилаи ябоғу халлух андар Туркистон қабилаҳо бисёр аст, ки шарҳи он падид карда биёяд.

Кимок. Асли эшон он будааст, ки меҳтари таторон бимурд ва ӯро ду писар монд. Меҳтарписар подшоҳӣ бигирифт. Кеҳтарписар аз бародар ҳасад кард. Ва ин кеҳтарро Шад ном буд ва қасд кард, ки бародари меҳтарро бикушад, натавонист. Бар хештан битарсид ва канизаке буд ин Шадро, ашиқаи ӯ буд ва он канизакро бардошту аз пеши бародар бигурехт ва ба ҷойе шуд, ки он ҷо оби бузург буд ва дарахтони бисёр ва сайди фаровон . Ва он ҷо харгоҳ бизад ва фуруд омад. Ва ҳар рӯз ин мард ва канизак ҳар ду тан сайд кардандӣ ва аз он гӯшти сайд ҳамехӯрандӣ ва ҷома аз пӯсти самуру санҷоб ва қоқум ҳамекарандӣ, то ҳафт тан аз маволидони татор ба наздики эшон омаданд, яке Эмӣ, дудигар Эмок ва седигар Татор ва чаҳорум Балондур ва панҷум Хифчоқ ва шашум Ланқоз ва ҳафтум Иҷлод. Ва ин қавме буданд, ки сутурони худовандон ба чаро оварда буданд ва он ҷо, ки сутур буд, чарохӯр намонда буд. Пас бар он ҷониб шуданд, ки Шад буд ба талаби гиёҳ. Ва чун канизак

[240] Бор соъат

[241] Дар ҳарду нусха чунин омада аст, ки маънии он фаҳмида нашуд. Минорский дар таълиқоти «Ҳудуд-ул-олам» ин калимаро «ҷабуй» («ҷабуя») хонда аст, ки ба қавли Кошғарӣ лақабе буд, камтар аз хоқон (А.Ҳ.)

эшонро бидид, берун омад ва гуфт: «иртиш», яънӣ «фуруд оед» ва он обро бад-ин сабаб Иртиш ном карданд.

Ва чун ин қавм он канизакро бидонистанд, фуруд омаданд ва харгоҳҳо бизаданд. Ва чун Шад фароз расид, сайди фаровон овард ва эшонро меҳмон дошт. Ва эшон он ҷо бимонданд, то зимистон ва чун барф биёмад, натавонистанд бозгашт ва он ҷо гиёҳ фаровон буд. Ҳамаи зимистон он ҷо бибуданд ва чун ҷаҳон хуш гашт ва барф бархост, як танро ба бунгоҳи таторон фиристоданд, то хабари он қавм биёрад. Чун он ҷо расид, ҳамаи ҷойгоҳро вайрон гашта дид ва аз мардум холӣ шуда, аз он ки душман омада буд ва ҳамаи қавмро ғорат карда буд ва бикушта ва он боқӣ, ки бимонда буданд, аз кӯҳпояҳо сӯйи ӯ омаданд. Ва ин мард холӣ шуд ва бо ёрони хеш бигуфт. Он ҳама мардумон рӯй сӯйи Иртиш ниҳоданд ва чун он ҷо расиданд, бар Шад ба раёсат салом карданд ва ӯро бузург доштанд. Ва дигар қавм, ки ин хабар бишниданд, омадан гирифтанд, то ҳафтсад тан гирд омаданд. Ва рӯзгори дароз андар хидмати Шад бимонданд. Пас чун анбӯҳ шуданд, андар он кӯҳҳо бипарогандand ва ҳафт қабила шуданд, ба номи ин ҳафт тан, ки ёд кардем. Ва ин кимокиён ҳама бадхӯ бошанд ва бахилу ғарибдушман.

Ва ин Шад рӯзе бар кинораи рӯди Иртиш истода буд, бо қавми хеш. Овозе омад, ки «ё Шад, андар об маро даст деҳ». Чизе надид, илло мӯй дид, ки бар сари об ҳамешуд. Аспро бибаст ва дар об шуд ва он мӯйро бигирифт, зани ӯ буд – хотун. Пурсидаш, ки «чун андар об уфтодӣ?» Зан гуфт: «Наҳанг маро гирифт аз кинори об». Ва мардумони Кимок он обро бузург доранд ва ӯро бипарастанд ва саҷда кунанд ва чунин гӯянд эшон, ки ин об худои кимокиён аст. Ва Шадро Татаъ ном карданд, яънӣ ки овоз бишнид андар об шуд ва натарсид.

Аммо роҳи кимокиён аз Пороб ба Деҳи нав шавад ва аз Деҳи нав сӯйи Кимок равад, рӯде пеш ояд, он рӯдро бигзорад ва андар регҳо уфтад, ки туркон он ҷойро Алуман хонанд ва аз он ҷо ба рӯде расад, ки онро Сафуқ гӯянд ва аз вай бигзарӣ шӯристон ояд ва аз он ҷо ба кӯҳе расад, ки он кӯҳро Канд Уртоғӣ хонанд. Ҳам андар ин рӯдбор ҳамеравад андар миёни сабзиву гиёҳу дарахтони шаш[242], то бад-он ҷо расад, ки манбаъи ин рӯд аст ва он кӯҳе бузург аст. Пас бар кӯҳ равад ба роҳе борик ва аз Канд Уртоғӣ сӯйи рӯди Исис[243] фуруд шавад ва ин роҳ аст, ки панҷ рӯз офтоб бар мардум наюфтад аз сояи дарахтон, то бад-ин ҷайҳун

[242] Ҳарду нусха «шаш (?) аст, шояд «гашн» бошад, яънӣ анбуҳ (А.Ҳ.)

[243] Ба қавли Минорский Исисро Моркворт бо Ишим татбиқ дода аст (А.Ҳ.)

расад, ки ӯро Исис гӯянд ва оби ӯ сиёҳ бувад, аз ҳади машриқ ҳамеояд, то ба дари Табаристон расад ва аз ҳадди Исис то рӯди Иртиш шавад, ки аввали ҳадди Кимок аст.

Ва чаҳор сӯйи ин руд сутурони ваҳшӣ бошанд ва аз ин сутурон ҳазор ё ду ҳазор ба як ҷой бибинанд ва чунин гӯянд, ки ниточи эшон аз маркабони мулук будаанд, ки ваҳшӣ шуданд ва таносул ҳамекунанд. Ва он аспонро ҷуз ба каманд натавонанд гирифт. Ва чун бигиранд, барнишинанд ва риёзат кунандашон ва риёзат пазиранд ва бо мардум хӯ кунанд. Ва ин рӯди Иртиш рӯде бузург аст, чунонки агар марде бар ин кинораи рӯд, агар истода бувад аз он кинораи дигар ӯро натавон шинохт аз дурии масофат. Ва оби ӯ сиёҳ аст.

Ва аз ин рӯди Иртиш бигзарад, андар хаймаҳои кимокиён уфтад. Ва эшонро деворбаст набошад, илло ҳама андар бешаҳову дараҳо ва саҳро нишинанд ва ҳама худовандони гову гӯсфанд бошанд. Ва эшонро уштур набошад ва агар бозаргоне он ҷо уштур барад, як сол назияд, ки чун уштур аз он гиёҳ бихӯрад, бимирад.

Ва эшонро намак набошад албатта ва агар касе як ман намак бидиҳад, пӯсти самур бистонад. Ва хуриши эшон дар тобистон шири асп бошад, ки онро қимиз хонанд ва ба зимистон қадид кунанд ҳар кас ба миқдори ясори хеш аз гӯшти гӯспанд ва гов.

Ва андар ин ноҳият барфҳои азим уфтад ва бошад, ки найза болои барф бошад бар саҳро. Ва ба зимистон сутуронро сӯйи вилояти Ағроқ бибаранд ба ҷойе ки ӯро Уктоғ гӯянд. Ва эшонро ба зери замин ҷойҳои об бошад аз чӯб сохта аз баҳри зимистон. Чун барф қавӣ гардад аз ин об хӯранд, ки тирмоҳ гирифта бошанд, ки сутурони эшон аз барф натавонанд шуд ба об хӯрдан. Ва шикори эшон самуру қоқум бошад. Ва раиси ишонро ҳамон ябғу гӯянд.

Яғмоиён. Аммо ҳоли яғмоиён он бувад, ки чун Туркхоқон бидид, ки халлухиён бисёр шуданд ва ғалаба гирифтанд ва бо ҳайтолони Тухористон суҳбат карданд ва аз эшон занон хостанд ва зан бидоданд эшонро ва низ заифии Туркистон бидид ва бар вилояти хеш битарсид. Пас қавме аз туғузғуз бигурехтанд ва аз миёни қабилаи хеш берун омаданд ва андар миёни халлухиён омаданд. Ва халлухиён бо эшон ҳеч гуна насохтанд.

Пас Туркхоқон эшонро бифармуд, то миёни халлух ва кимок фуруд омаданд. Ва эшонро меҳтаре буд, марде бад ва шарпарвар ва номи ӯ Яғмо. Ва бар чапи Чин якмоҳа роҳ мардумонеанд тавонгар ва бо сутури бисёр ва самури чинии нек аз он ҷо оранд. Андар миёни эшон таъассуб уфтод ва қавме аз эшон ба

ҳамсоягии Туркхоқон омаданд ва чун ба наздики яғмоиён омаданд ва бо эшон биёмехтанд, кас фиристоданд ба наздики хоқон ва аз аҳволи хеш ӯро хабар бидоданд ва гуфтанд: «мо ба хидмати ту омадем ва агар дастурӣ бошад, бо яғмоиён ба ҳамин ҷой бошем».

Туркхоқонро он хуш омад ва эшонро хубиҳо гуфт ва бад-он чи гуфтанд, дастурӣ бидод. Пас халлухиён бо эшон норавоиҳо ҳамекарданд, Чун сахт сутуҳ гаштанд, аз он ҷо ба сӯйи кимокиён шуданд ва чун якчанде баромад, Шад татағ эшонро ба дард доштан гирифт ва аз эшон хироҷ хост ва бар эшон ранҷ расид. Пас аз Туркхоқон амон хостанд ва аз миёни халлухиён ва кимокиён бирафтанд ва ба наздики хоқон шуданд. Ва хоқон мар ин меҳтари ишонро Яғмо татағ ном кард, мукоидаи Шад татағро.

Хархизиён. Аммо сабаби ҷамъ шудани хархизиён ва меҳтари эшон он буд, ки ӯ аз ҷумлаи сақлобиён буд ва аз бузургони Сақлоб яке ӯ буд. Ва ӯ ба Сақлоб буд ва аз Рум расуле омада буд. Ин мард он расулро бикушт ва сабаби куштан он буд, ки румиён аз насли Сом ибни Нуҳанд ва сақлобиён аз насли Ёфис ва эшон ба саг бозгарданд, аз он ки ба шири саг парварда шудаанд. Ва қиссаи ин чунон буд, ки чун хояи мӯрча бистаданд аз баҳри Ёфисро, мӯрча дуо кард, ки Худой, азз ва ҷалл, Ёфисро шодӣ манамоёд аз фарзанд. Пас чун Ёфисро фарзанд омад, Акма ном буд ба ҳар ду чашм кӯр ва андар он вақт сагро чаҳор чашм будӣ. Ва саге буд аз они Ёфис ва он саг бизода буд ва Ёфис баччаи он сагро бикушта буд ва он писари Ёфис шири саг ҳамемакид, то чаҳорсола шуд ва гӯши саг гирифтӣ ва ҳамерафтӣ бар расми кӯрон. Пас чун саг дигар бачча овард, ин писари Ёфисро бигузошт ва Худой, азз ва ҷалро шукр кард, ки аз писари Ёфис бираст. Ва чун дигар рӯз буд, он ду чашми саг бад-ин кӯдак бозомада буд ва сагро ду чашм монда буд ва асари он бар рӯйи саг ҳанӯз монда аст. Ва бад-ин сабаб эшонро саглобӣ гӯянд. Ва андар ин мунозара расулро бикушт ва чора набуд, ки он меҳтарро аз Сақлоб бибояст рафт ва аз он ҷо бирафт. Ба Хазар омад ва Хазархоқон ӯро неку ҳамедошт, то бимурд. Ва чун хоқони дигар биншаст, дил бар вай гирон кард, чора набуд, ки аз он ҷо бибояст рафт.

Пас аз он ҷо бирафт ва ба наздики Яшҷирт шуд ва ин Яшҷирт марде аз бузургони Хазар буд ва нишасти ӯ миёни хазариён ва кимокиён буд, бо ду ҳазор сувор. Пас Хазархоқон ба наздики Яшҷирт кас фиристод, ки сақлобиро берун кун. Ва ӯ бо

сақлобӣ бигуфт ва сақлобӣ сӯйи вилояти Хазар рафт, ки миёни ӯ ва они эшон хешӣ буд.

Чун андар роҳ ба ҷойе расид, ки миёни Кимок буд ва Туғузғуз, хоқон бо қабилаи хеш бад шуд ва аз эшон хашм гирифт ва эшонро бикуштанд ва ба тафориқ ягону дугон ба наздики сақлобӣ ҳамеомаданд. Ҳамаро бипазируфт ва некуӣ кард ба ҷойи эшон, то анбуҳ шуданд. Ва ба наздики Яшҷирт кас фиристод ва бо вай дӯстӣ пайваст, то қувват гирифт ва пас тохтан бурд бар ғузон ва бисёре аз эшонро бикушт ва бисёреро асир гирифт ва моле азим ба ҳосил овард, чи аз ваҷҳи ғорату тохтан ва чи аз ваҷҳи асирон, ҳамаро бозфурӯхт ва он қабиларо, ки бо вай ҷамъ шуда буданд, хархиз ном кард.

Ва чун хабари вай ба Сақлоб расид, мардум аз Сақлоб ба наздики вай омаданд бо аҳлу буна ва бо ин дигарон биёмехтанд ва пайвастагӣ карданд, то ҳама яке гаштанд. Ва аломати сақлобиён андар хархизиён пайдост, сурхии мӯй ва сафедии пӯст.

Аммо роҳи Хархиз аз Туғузғуз он аст, ки аз Ҷинонкас ба Хасан биравад ва аз Хасан ба Навхабак то Камизорат як-ду моҳа роҳ аст миёни гиёҳҳо ва панҷ рӯз андар биёбон биравад ва аз Камизорат то Монбаклу ду рӯз андар андар кӯҳҳо равад, пас ба беша бирасад ва саҳрову чашмаҳо ояд ва ҷойи шикор. Ва ҳамешавад, то кӯҳе ояд, ки ӯро Монбаклу гӯянд, кӯҳе баланд ва андар ӯ самур бисёр бувад ва санҷобу оҳуи мушк бошад ва дарахтони бисёру сайди фаровон ва кӯҳе сахт ободон аст.

Ва аз Монбаклу сӯйи Кукмон шавад ба роҳе, ки андар ӯ чарохур аст ва чашмаҳои оби хуш ва сайди бисёр ва чаҳор рӯз андар чунин ҷой ҳамеравад, то ба кӯҳи Кукмон расад, кӯҳе баланд ва дарахтони бисёр ва роҳе борик. Аз Кукмон то Ҳоити Хархиз ҳафт рӯз шавад ба роҳи саҳро ва сабзиву об ва ҷойҳои хуш ва дарахтон ба якдигар пайваста, чунонки душман андар ӯ натавонад рафт, ки ҳамаи роҳ ҳамчун бӯстон аст, то ба ҳоити Хархиз расад ва он ҷо лашкаргоҳи Хархизхоқон аст, беҳтарин ва некутарини ҷойҳо. Ва ӯро се роҳ аст, ки битавон рафт, дигар ҳамаи кӯҳҳои баланд гирифта аст ва дарахтони дарҳам печида. Ва аз ин се роҳ яке сӯйи Туғузғуз шавад ва ин сӯйи ҷануб аст, дудигар сӯйи Кимок ва Халлух шавад ва ин сӯйи мағриб аст ва седигар сӯйи биёбон шавад. Ва се моҳ бибояд рафт, то ба қабилае бузург расад, ки эшонро фурӣ гӯянд. Ва инро низ ду роҳ аст, ки сӯйи биёбон шавад, яке семоҳа роҳ, дудигар, ки бар чап шавад, думоҳа роҳ. Аммо ин роҳе саъб аст, ҳама андар бешаву гашнҳои дарахтон бояд рафт ва роҳе танг ва ҷойҳои тангу оби бисёр ва рӯдҳои пайваста ва ҳамеша борон бошад он ҷо ва касе,

ки бад-он роҳ равад, бояд ки тадбири ҷойи нуқл ва ҷома бисозад, ки бар он нишинад, ки он роҳ ҳама об дорад ва бар замин чизе натавон ниҳод ва андар думи сутур бояд рафт, то аз он обҳо бигзарад. Ва андар ин об мардумоне ваҳшӣ бошанд, ки бо ҳеч кас наёмезанд ва эшон сухани дигарон надонанд гуфтан ва кас сухани эшон надонад ва эшон вуҳуши одамиёнанд ва ҳама чиз бар пӯст кунанд ва ҳамаи колои эшон аз пӯсти вуҳуш бошад. Ва агар аз он обгир берун оянд, чун моҳӣ бошанд, ки аз об берун ояд аз бас тангдилӣ. Ва камонҳои эшон аз чӯб бошад ва ҷомаи эшон аз пӯсти вуҳуш бувад ва таомашон гӯшти шикорӣ бошад. Ва мазҳаби эшон он бошад, ки ҳаргиз даст ба ҷома ва колои ҳеч кас надоранд. Ва чун ҷанг хоҳанд кард, бо иёлу буна берун оянду ҳарб кунанд ва чун бар душман зафар ёбанд, даст бар колои эшон накунанд, аммо оташ андар колои душман зананд ва ҳеч чиз барнадоранд, магар силоҳу оҳан. Ва чун ҷимоъ кунанд, занро чаҳорпой биистонанд ва пас ҷимоъ кунанд. Ва кобини занон вуҳуш кунанд ва ё дара, ки андар ӯ вуҳушу дарахт бисёр бошад. Ва агар аз онон яке ба Хархиз уфтад таом нахӯрад ва чун яке аз ёрони хеш бибинад, бигрезаду бишавад. Ва агар яке аз эшон бимирад, он мурдаро ба кӯҳ баранд ва аз дарахт биёвезанд, то ночиз бигардад.

Ва мушку пӯстҳо ва шохи хуту аз ноҳияти Хархиз оранд. Аммо мардумони хархиз мурдаро бисӯзанд, ҳамчун ҳиндувон ва бигӯянд: оташ поктарини чизҳост ва ҳар чи андар вай уфтад, пок шавад ва мурдаро аз палидӣ ва гуноҳ пок кунад. Ва андар Хархиз баъзе гов парастанду баъзе бод ва баъзе хорпушту баъзе ақъақ ва баъзе бозу баъзе дарахтони некудидор.

Ва андар миёни эшон марде бошад, ки ҳар соле ба рӯзе маълум биёяд ва ҳамаи мутрибонро биёранд ва анвоъи олоти шодӣ ҳама ҳозир кунанд – ва он мардро фағитун хонанд, - чун мутрибон самоъ кардан гиранд, ӯ беҳуш гардад. Пас аз вай бипурсанд ҳар чи андар он сол хоҳад буд, аз тангиву фарохӣ ва борону қаҳт ва биму иманӣ ва ғалабаи душман, ӯ ҳамаро бигӯяд ва бештар аз он ҳамчунон бошад, ки ӯ гуфта бошад.

Аммо **Таббат**ро сабаб он буд, ки марде будааст аз маъруфони ҳумайр, номи ӯ Собит. Ва ин Собит аз ҷумлаи муътамадони мулуки Яман буд, ки эшонро туббаъ гуфтандӣ. Ва чун туббаъ ниёбати подшоҳӣ ба ин Собит бидод, модари ӯ руқъа набишт сӯйи Собит, ки яке аз тубаъъон сӯйи машриқ рафт ва бисёр кушиш кард, то ба вилояте расид, ки наботи он зар бувад ва хоки ӯ мушк бувад ва гиёҳи ӯ бухурҳо ва сайдҳо оҳуи мушк ва

бар кӯҳҳои ӯ барф бувад ва саҳрои ӯ хуррамтарини ҷойҳо бувад ва кишти ӯ бадали об хоку гард хӯрад.

Чун Собит он руқъа бихонд, дилаш моил гашт ва лашкаре бузург сохту бирафт ва чун ба Таббат расид, ин ҳама аломатҳо бидид, маълуми ӯ гашт, ки ҳамчунон аст. Бисёр шодӣ кард ва андар он буд, ки торикӣ бихост, чунонки мардумон якдигарро надиданд. Пас Иблис мар девонро бифармуд, то ин Собитро бирабуданд ва дар ҳаво бибурданд. Ва ҳамеша ин Собит ҷавшане доштӣ зери ҷома, ки ҳеч кас надонистӣ. Ва пас девон ӯро ба сари кӯҳе баланд биниҳоданд ва бист рӯз он ҷо бимонданд. Пас Иблис пеши ӯ омад бар шабеҳи марди пир ва ӯро бифармуд: «Маро саҷда кун ва фармонбурдор бош». Ӯ ҳамчунон кард, пас Иблис ӯро аз сари кӯҳ фуруд овард ва бихуспонид ва бо вай ҷимоъ кард ва Иблис худ бихуфт ва ӯро фармуд, то бо Иблис ҷимоъ кард. Пас мӯйи Собит фуруд ҳишт ҳам бар мисоли мӯйи занон ва муҳраи шаба аз вай фуруд овехт ва асобаи зард бар пешонии ӯ бибаст. Ва пас шабуш бигирифт аз паҳлӯи вай ва андар даҳан афганд ва биювборид ва гуфт, ҳар ки хоҳад ки умри ӯ дароз гардад ва ӯро душман набошад, аз ин ҷонвар бибояд хӯрд. Ва бифармуд ӯро, ки аз сарон ва пешравони лашкари хеш ҳафт танро бикуш ва номи ҳар як бигуфт.

Пас Собит ӯро бипурсид, ки «чун ин ҳама шартҳо ба ҷо орам ва фармони ту бикунам, маро чӣ бошад?». Гуфт: «Хоқон гардӣ ва ин ҳама вилоят мусаххари ту гардад ва сайиди ҳама қавм шавӣ». Пас ӯро аз кӯҳ фуруд овард. Ва мардеро дид аз лашкариён, ки ҳаме ҳезум гирд карда. Ва андарзамон ӯро бидид ва Иблисро чун пире бо вай ҳамеомад. Ва Собит ӯро аз лашкариён пурсид. Гуфт, аз паси рафтани ту андар миёни эшон хилоф уфтод. Ва ин марди лашкарӣ аз Собит пурсид аз ҳоли ӯ. Иблис ӯро ҷавоб бидод, ки ӯро фириштагон бурданд, то Худой, азз ва ҷалл, ӯро фармонҳо фармуд ва ӯро ҷавшане бипӯшид ва маро бо вай фуруд фиристод.

Дарвақт ин мард сӯйи лашкаргоҳ давид ва хабар бидод аҳли лашкарро аз он чи дид ва шунид. Пас аз ақиби ӯ Собит андар расид ва ҳар чи бифармуда буд ӯро бикард ва ӯро хоқон ном карданд. Ва аз ин сабаб аст, ки таббатиён шабуш бихӯранд ва бо якдигар муҷомиъат кунанд ва мӯйҳо фурӯ ҳиланд чун занон ва асоба дар ӯ банданд. Ва мухотибаи Таббатхоқон чунин ки аз осмон фуруд омад ва бо вай ҷавшане буд аз нур.

Аммо роҳи Таббат аз Хутан берун ояд ва баргузарад бар кӯҳҳои Хутан. Ва он кӯҳхо ободон аст ва андар ӯ чаҳорпоён бисёр бошанд аз гову гӯсфанд ва кучқор. Ва аз ин кӯҳҳо ба Алшон расад. Ва он ҷо пуле аст ниҳода аз як кинораи кӯҳ то

дигар кинораи кӯҳ ва чунин гӯянд, ки он пул мардумони Хутан кардаанд андар рӯзгори пешин. Ва аз ин пул то дари Таббатхоқон кӯҳе аст, ки чун наздики ӯ шавӣ, аз ҳавои ӯ дами мардум бигардад, чунонки дам натавонад задан ва забонаш гирон шавад ва бисёр мардум андар он бимирад. Ва мардумони Таббат ин кӯҳро «Кӯҳи заҳр» хонанд. Ва чун аз шаҳри Кошғар раванд, бираванд бар рости роҳ миёни ду кӯҳ аз сӯйи машриқ ва бар ӯ бигзарад, ба вилояте расад, ки ӯро Ӯзганд гӯянд ва вилояти ӯ чиҳил фарсанг аст, ниме аз ӯ кӯҳҳо ва ниме печида каваристон.

Ва Кошғарро деҳҳои бисёр аст ва рустоҳои бешумор. Ва андар айёми пешин он вилоят мар Таббатхоқонро будӣ. Аз вилояти Кошғар ба Сорсомакас шавад ва аз он ҷо ба Алишу равад ва биёбон бибурад, то ҷӯй ояд, ки сӯи Куҷо шавад ва бар лаби ин ҷӯй сӯйи паҳлӯи биёбон деҳи Ҳамҳон аст, ки таббатиён бошанд андар вай. Ва пас рӯде ояд, ки ба каштӣ аз он рӯд бигзаранд ва ба ҳадди таббатиён андар оянд. Ва чун ба вилояти Таббатхоқон расад, он ҷо бутхонае аст ва андар ӯ бутон бисёр бошанд. Ва аз он бутон яке бут аст бар тахт нишаста ва паси пушти ӯ чизе ниҳода аз чӯб чун суру ва он бут бар он чӯби чун суру такя зада. Чун даст бар пушти он бут фуруд орӣ, аз вай чун шарар оташ берун ояд.

Ва бар чапи ин ҷой саҳро аст ва биёбон ва андар вай дарахтони унноб бисёр бошад бар киронаи рӯд.

Барсахон. Аммо асли Барсахон аз Аҷам ва Порс будааст. Ва сабаб он буд, ки чун Зу-л-қарнайн бар Доро зафар ёфт ва Аҷамро қаҳр кард ва Эроншаҳр бигирифт, битарсид аз он ки мардумони Аҷам мардумоне бо ройу тадбир ва шуҷоъ буданд ва бо илми бисёр ва муҳтолу дурбин ва ҳушёр буданд. Искандар андешид, ки чун вай биравад, эшон берун оянд ва халифатони ӯро бикушанд ва подшоҳӣ бигиранд.

Пас аз ҳар вилояте як тан ё ду тан бар сабили гиравгон бистад ва бо хеш бибурд ва рӯй сӯйи Туркистон ниҳод ва аз он ҷо қасди Хутан кард. Ва чун он ҷо расид, ки имрӯз Барсахон аст, далелон мар Зу-л-қарнайнро гуфтанд: «Андар пеши мо роҳҳои вайрон хоҳад омад ва ҷойҳои тангу беалаф ва ин буна, ки бо ту аст ба алаф андар монанд». Пас он чи зиёдат буд, бифармуд Зу-л-қарнайн, то ҳам он ҷо дафн карданд ва сутуронро алаф бор карданд ва ин меҳтарзодагони Эронро фармуд, ки «шумо ҳам ин ҷо бибошед, то чун ман аз вилояти Чин бозоям, шуморо бо хештан ба вилояти шумо бозбарам».

Эшон ба фармони ӯ он ҷо ҳамебуданд ва чун хабар омад, ки Искандар вилояти Чин бистад ва аз он ҷо сӯйи Ҳиндустон рафт,

он меҳтарзодагони Эрон навмед шуданд аз расидан ба ҷойи хеш. Пас кас фиристоданд ба Чин ва коргарон оварданд аз гилкору дурудгар ва наққош ва фармуданд, то он ҷо ҷойҳо сохтанд ҳам бар мисоли шаҳрҳои Порс ва онро «Порсхон» ном карданд, яънӣ амири Порс.

Аммо роҳи Барсахон аз Навикас сӯйи Кумбаркас шавад бар роҳи чигилиён ва аз он ҷо ба Ҷил шавад ва ин Ҷил кӯҳ аст ва тафсири «ҷил» «танг» бошад ва аз он ҷо то Ёр дувоздаҳ фарсанг аст. Ва ин Ёр деҳе аст, ки аз вай се ҳазор мард берун ояд. Ва андар ин миён хаймаҳои чигил макин аст ва миёни эшон ҳеч ободонӣ нест ва бар чапи роҳ буҳайрае аст, ки онро Исиғкӯл гӯянд, миқдори ҳафт рӯз роҳ аст, ки ҳафтод рӯд андар ин Исиғкӯл ҷамъ шавад. Ва оби ӯ шӯр аст ва аз он ҷо то Тунг панҷ фарсанг аст ва аз Тунг то Барсахон серӯза роҳ аст ва андар ин роҳ ҳеч нест, илло хаймаҳои чигилон. Ва деҳқони Барсахонро «манъ» гӯянд. Ва аз Барсахон шаш ҳазор мард берун ояд. Ва андар ҳаволии Исиғкӯл чигилиён нишинанд ва аз рости Барсахон ду баз аст, якеро Ябғу гӯянд, дудигарро Азор ва ҷӯй аст, ки онро Нафсхон хонанд, бар ҷониби машриқ ва ҳудуди Чин шавад, Ва ин баз сахт баланд аст, чунонки мурғоне, ки аз сӯйи Чин оянд, аз он ҷо гузаштан натавонанд.

Аммо **ғузон** мардумонеанд, ки малики эшонро туғузғузхоқон гӯянд. Ва андар рӯзгори қадим туғузғузхоқон марде буд, ки ӯро Куртегин гуфтандӣ ва модари ӯ аз Чин буд ва хоқонӣ бародари ин Куртегин дошт, ки модари ӯ озод буд. Пас бародар қасди куштани ӯ кард ва ӯро гулӯ бибурид ва ба ҷойе, ки мурдагони эшон буданд, бияфганд. Ва дояе буд мар Куртегинро, ӯро сӯйи мониён бурд ва ба Доруиён, то ӯро муъолиҷат карданд ва он ҷароҳатро дору карданд, то беҳтар шуд.

Пас ӯ ба шаҳри Азал омад, ки ҳазрати туғузхоқон буд ва пинҳон ҳамебуд. Ва чанд гоҳ ҳилатҳо карданд ва туғузхоқонро аз хабари ӯ гуфтанд ва дили ӯ хуш карданд, то дастурӣ бидод ба омадани ӯ ва будани ӯ. Ва ӯро пеши хеш бигзошт, аммо ӯро ба Банҷекас[244] амирӣ бидод. Пас ин Куртегин андар истод ва аҳли ноҳиятро истимолат кард ва ба ҷойи эшон некуиҳо намуд ва фурсат ҳамеҷуст, то хабар шунид, ки туғузхоқон ба сайд берун омад. Пас Куртегин ҳашаре анбуҳ гирд кард ва қасди туғузхоқон кард. Ва чун баробари якдигар омаданд, ҳарб карданд ва Куртегин бар сипоҳи хоқон зафар ёфт ва туғузғузхоқон бигурехту андар ҳисор шуд. Ва Куртегин бифармуд, то андар ин

[244] Банҳбакаб

деворҳои ҳисор об афганданд, то деворҳои ҳисор биюфтод. Пас Куртегин фармуд, то нидо карданд ва зинҳориёнро амон бидоданд. Ва аҳли ҳисор ғамгин гашта буданд аз гуруснагӣ, ҳама берун омаданду зинҳор хостанд. Ҳамаро зинҳор бидоданд ва туғузғузхоқон андар ҳисор бимонд. Пас Куртегин касони хеш андар ҳисор фиристод, то ӯро ба ханоқ бикуштанд ва хоқониро Куртегин бигирифт.

Ва чунин гӯянд, ки туғузғузхоқонро ҳазор чокар бошад ва чаҳорсад канизак ва ин ҳазор мард сол то сол пеши хоқон таом хӯранд, ҳар рӯз се бор ва чандон ки хоҳанд таом бардоранд. Ва чун нон бихӯранд, сегон шароб бихӯранд ва шароби эшон аз ангур бошад. Ва ин хоқон пеши омма берун наёяд, магар ба вақте нодир. Ва чун барнишинад, ҳама пешравон биёянд ва пеши ӯ бираванд андар роҳ ва аз хонаи ӯ то кинораи шаҳр ҳама самотин зада бошанд. Ва аз раисони шаҳр яке пеши ӯ ҳамеравад ва бардобард ҳамекунад. Ва чун аз асп фуруд ояд ва асп аз даҳлез оранд, ҳама пеши асп зону зананд, то он асп бигзарад. Ва туғузғузхоқон бар мазҳаби диноварӣ [245] бошад, аммо андар шаҳр ва вилояти ӯ тарсо ҳаст ва санавию шаманӣ низ ҳаст. Ва ӯро нуҳ вазир аст.

Ва чун касеро ба туҳмати дуздӣ бигиранд, банд бар пойи ӯ ниҳанд ва даст бар гардани ӯ бибанданд ва бар ҳар роне дувист чӯб бизанандаш ва сад чӯб бар пушташ бизананд ва ӯро гирди бозор бигардонанд. Пас ҳар ду дасту ҳар ду гӯш ва бинии ӯ бибуранд ва мунодӣ бонг ҳамекунад, ки ҳар кас инро бибинад ва феъли ӯ накунад.

Ва чун касе бо дӯшиза зино кунад, сесад чӯб бизананд ӯро ва аспе модиён ва ҷоме симин ва панҷоҳ шатар сим бистонанд ва агар бо колум зино кунад, ҳар дуро ба дари малик оранд ва малик бифармояд, то ҳар якеро сесад чӯб бизананд ва мардро дар харгоҳе пӯшида боздоранд, то фарше аз намади нав тамом кунад, то ба шӯйи зан диҳанд ва он зани зонияро бад-он марди зонӣ диҳанд. Ва шӯйи зан он марди зониро лозим кунад, то аз баҳри ӯ зан орад ва кобини он зан ӯ бидиҳад, агар зонӣ тавонгар бошад. Ва агар дарвеш бошад, сесад чӯб бизананд ӯро ва раҳо кунандаш.

Ва агар касе мард кушад, ӯро товоне азим бикунанд, чунонки андар он мустаъсил гардад ва як моҳ андар зиндонаш бидоранд ва сесад чӯб бизананд ӯро ва пас яла кунандаш. Ва агар дарвеш бошад, ба чӯб иқтизо кунанд ва бигзорандаш.

[245] Дунёравӣ (?)

Ва туғузғузхоқон андар кӯшк бошад ва деворбаст ва фарши ӯ намад бошад, аммо фарши аҳли ислом бар рӯйи ӯ кашанд ва дебои чинӣ бар рӯйи фаршҳо кашида. Аммо оммаи эшон ҳама саҳроӣ бошанд ва хаймаву харгоҳ доранд. Ва либоси мулуки эшон дебои чинӣ ва ҳарир бошад ва аз они омма ҳарир ва карбос. Ва ҷомаи эшон давоҷ бувад ва фарохостин ва дароздоман. Ва камари малики эшон ба ҳулият дур бошад ва чун ба маҷлиси ӯ мардуми анбуҳ биёяд, тоҷ бар сари ӯ ниҳанд ва чун барнишинад, сӣ ҳазор сувор бо ӯ барнишинанд, ҳама ҷавшану зиреҳ доранд ва ҳарб ба найза кунанд.

Аммо роҳҳои эшон аз Барсахон то Банчул шавад ва аз Банчул ба Куҷо шавад ва аз Куҷо ба Азал шавад ва аз Азал ба Сикас шавад ва аз Сикас ба Макшамиғаносур шавад ва аз Сур ба Ҳикат шавад ба миқдори якрӯза роҳ. Ва ин вилоят аз Куҷо хурдтар аст ва ӯ бисту ду деҳ аст. Ва ин саҳрое аст, ки андар зимистон сармои сахт бошад ва барф андак уфтад ва ба тобистон гармои сахт уфтад. Ва аз ҷиҳати гармо мардумони он ҷо сардобаҳо созанд ва аз гармо он ҷо бошанд ва мардумони он ҷо беш андар сардоба бошанд ва аз борони он саҳроҳо дар хонаҳо гурезанд. Ва ҳамаи мардумони эшон камар банданд ва корду ханҷар бар вай биёвезанд ва чизе, ки эшонро ба кор ояд аз он ҷо овехта доранд. Ва бар дари омили он ҷо ҳар рӯз сесад ё чаҳорсад мард гирд оянд аз диновариён ва суҳафи Мониро ба овози баланд ҳамехонанд. Ва дар пеши омил оянд ва салом кунанд ва бозгарданд. Ва аз Ҷинонҷикас бо Зикард шавад ва ба Туғузғуз.

Аммо вилояти **Чин** вилояти бузург аст ва агар ба шарҳи ҳамаи вилояти он машғул гардем, китоб аз ҳадди шарт берун шавад.

Аммо роҳҳои ӯ аз Туғузғуз, аз Ҷинонҷикас то Қамул сӯйи машриқ шавад, андар биёбон ва чун ба Бағшур расад, рӯд пеш ояд ва ба каштӣ бигзарад ва ҳаштум рӯзро ба Қамул расад ва аз Қамул ба роҳи саҳро, ки чашмаҳо асту гиёҳ, ҳафт рӯз биравад, то ба шаҳре расад аз шаҳрҳои Чин, онро Соҷу гӯянд. Ва аз он ҷо то се рӯз ба Санглох расад ва аз Санглох ҳафт рӯз ба Санҳҷу ва аз он ҷо то се рӯз ба Хоҷу расад ва аз он ҷо то ҳашт рӯз ба Куҷо расад ва аз он ҷо то понздаҳ рӯз ба рӯде расад, ки он рӯдро Ғиён гӯянд ва ба каштӣ аз он ҷо бигзарад. Аммо аз Бағшур то Хумдон, ки шаҳри бузурги Чин аст, якмоҳа роҳ аст, ба роҳи работҳо ва манзилҳои ободон.

Ва чунин гӯянд, ки мамлакати Чин бузургтарин мамлакати рӯйи замин аст ва тавонгартарини ҷойҳо. Вилояти Чин ҷойи фарох аст ва ҳамаи мардуми он ҷо пахчбинӣ бошанд. Ва ҷомаи

эшон аз занону мардон дебо ва ҳарир бошад ва ҷомаи дарвешон ва бандагон ҳарир бошад ва ҳама остини фарох доранд ва доманҳои дароз доранд, чунонки бар замин бикашанд аз дарозӣ. Ва кӯйҳои эшон ҳама пӯшида бошад ва ҳар рӯз се бор об зананду бирӯбанд ва дарҳои баланд бошад эшонро аз чӯби савсан ва хонаҳои эшон бо тамосил бувад ва биноҳои эшон аз гил ва хишт бошад. Ва малики эшон лашкаре анбуҳ дорад. Ва чунин гӯянд, ки чаҳор ҳазор марди бистгонихӯр аст он маликро ва ҳаждаҳ ҳазор мардро солорӣ бошад. Ва мардумони Чин ҳама мулаббас бошанд ва бомурувват ва ҷомаҳои неку доранд ва авониҳои фаровон доранд.

Ва Абузайди ҳаким чунин гӯяд, ки туркони ғарчагон аз чиниёнанд. Ва ҳадҳои Чин яке Хутан аст, дудигар Ҳиндустон, седигар Булур ва чаҳорум Яъҷуҷу Маъҷуҷ.

Ва Убайдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ чунин гӯяд, ки ҳар кас андар Чин шавад ба илм донову бузург гардад. Ва мар Чинро маликон бисёранд, аммо бузургтарини маликон фағфур аст ва ӯ ҷуз дебои зар напӯшад ва ҷуз аспи хинг барнанишинад ва андар ҳамаи Чин ҳеч кас ин ду чиз надорад, магар вай. Ва ӯро андар соле як бор бибинанд, ки берун ояд ва бар асб бошад ва дигарон ҳама пиёда бошанд ва пешу паси ӯ ҳамераванд. Ва ӯ то ба гӯристони падарони хеш бишавад ва чун наздики гӯристон расад, пиёда шавад ва ба гӯристон бираваду он ҷо бор диҳад ва то ним рӯз бибошад. Ва пас бозгардаду андар кӯшки хеш бинишинад ва он ҷо яке қуббаи дебои зард бизанад паси нишастгоҳи хеш ва дигарон аз он қубба бар он ҷониб. Ва ҳар чи андар подшоҳии ӯ мутриб бошад, ҳама он ҷо ҳозир бошанд ва малик он рӯз ҳар касеро, меҳтару кеҳтар ато бахшад. Ва ҳеч кас ба наздики малик натавонад шуд, магар вазир ва ё ҳоҷиб ва ё расуле, ки аз наздики подшоҳе омада бошад. Ва андар соле ҳафт рӯз бор диҳад ва пешравони лашкару раисони шаҳр ӯро бибинанд.

Чун расуле бонг кунад, то эшонро пеши ӯ баранд, ӯро бибинад ва чун расуле аз малике биёяд, пеши ӯ шавад ба вақте ки фағфур фармояд. Ва яке вазир бар рости фағфур истода бошад ва дигаре бар чап ва ин расул аз дур бибинад, сари хеш бараҳна кунад ва ӯро саҷда кунад ва сар барнадорад, то нафармояндаш. Пас ҳоҷиб бо вазир пеш ояд ва аз расул сухан пурсад ва бо малик бигӯяд. Пас малик бифармояд, то тахте дебо ва симини зарандудкарда ба хонаи расул баранд ва ҳар рӯз ӯро ба нон хӯрдан ба хонаи малик оранд.

Ва чун малик бо канизак муҷомиъат хоҳад кард, мунаҷҷимон бар боми хонаи бор шаванд ва толиъ гиранд ва вақти муҷомиъати ӯро ихтиёр кунанд.

Ва бештар кишти Чин лалмӣ бошад ва чун борон камтар бошад, нархи ғалла азиз гардад ва чун ғалла гирон шавад, малик ба бутхона шавад ва шаманонро бигираду ба ғул андар кашад ва банд барниҳад ва таҳдид кунад, ки «агар борон наёяд, ман шуморо бикушам». Ва ҳамчунон баста ҳамебошанд, то борон ояд.

Ва андар кӯшки малик саду ҳаштод кӯс аст ва чун офтоб фурӯ хоҳад шуд, ба якбор он саду ҳаштод кӯсро бизананд ва чун мардумон онро бишнаванд, ҳама ба хонаҳо бишаванд ва чун офтоб фурӯ шавад, ҳеч кас дар бозор намонад. Пас асас андар бозор ва андар роҳ оянд ва шамшерҳо кашида, ҳар касеро бад-он вақт аз беруни хона биёбанд, андарвақт гарданаш бизананд ва бар пушти ӯ бинависанд, ки ин ҷазои он касе аст, ки аз фармони малик берун ояд. Ва муҷримро ҳеч уқубат накунад, илло бикушанд, магар душномро. Агар касеро қазф кунанд, он қозифро чӯбе чанд бизананд ва яла кунанд.

Ва чунин гӯянд аз он сӯйи Чин, ҳам аз мамлакати Чин, мардумонеанд сурхпӯст ва сурхмӯй ва ҳама андар сумҷҳо бошанд ва чун офтоб гарм шавад, андар сумҷҳо гурезанд ва чун офтоб фурӯ хоҳад шуд аз сумҷҳо сӯйи саҳро берун оянд.

Аммо роҳҳои ӯ аз Кошғар ба Поиш бошад ва аз Поиш ба Кирмон шавад ва аз Кирмон ба Хумҷон ва аз Хумҷон ба Ғазо ва аз Ғазо ба Пунча ва аз Пунча бо Хаҷикас ва аз Хаҷикас ба Кандилу ва аз он ҷо ба Ройкуянд ва аз он ҷо ба Тадруф ва аз Тадруф ба Растуя шавад, то андар Чин уфтад пайваста ба деҳҳо ҳамешавад. Ва аз Растуя, ки ба Хутан ва Маси [246] Хутан аст, то шаҳри Чин шавад ва андар ин миён рӯде ояд, онро Яра хонанд ва аз он ҷо ба деҳе расад, ки ӯро Симубам гӯянд ва аз он ҷо ба Каваристони мусалмонон шавад ва аз он ҷо ба Ҳарамӣ [247] шавад, ки аз Чин ояд ва аз он ҷо ба шаҳри Хутан шавад.

Ва аз шаҳри Хутан то шаҳри Куҷо понздаҳрӯза роҳ аст. Ва шаҳри Куҷо шаҳри бузург аст аз ҳадди Чин, валекин туғузғузон доранд.

Ва андар шаҳри Хутан бутони бисёранд ва андар он шаҳр шонздаҳ баҳор аст ва дини эшон шаманон аст. Ва андар шаҳр ду калисои тарсоён аст, яке аз андаруни шаҳр, дудигар аз беруни

[246] Мас (?)
[247] Ҳ.р.м.ӣ (?)

шаҳр. Ва андар бозори ӯ қаҳбагон бошанд ва занони бадкирдор. Ва ҳамаи занону мардони эшон мӯй фуруд ҳишта доранд. Ва ҷомаи эшон чун ҷомаи араб бошад. Ва мева бисёр бувад бад-он вилоят ва эшонро гандуму ҷав ва голу арзан ва кунҷиду турунҷ ва панба бисёр бувад ва абрешим бисёр бувад ва бештар либоси эшон аз абрешим бошад. Ва дарахти туд бисёр бошад. Ва як мардро бошад, ки ду ҳазор дарахт бошад ва разу ангур фаровон бошад ва амрудҳои гуногун бувад. Ва андар ҷӯйҳои эшон сангпушт бошад.

Ва андар вилояти Хутан осиёҳо бисёр бошад. Ва ҳама осиёро санги зерин бигардад ва санги забарин сокин бошад, ки ҳеч наҷунбад ва андар хонаи осиёб ғарбелҳо бошад аз ҳарири чинӣ ва чунон сохта, ки он ғарбелро об ҷунбонад, то орд фурӯ равад ва сабӯс бимонад. Ва эшонро олате бошад, ки онро нови осиёб гӯянд ва ғалла андар вай афгананд, онро пок кунад, хошок бар як ҷониб шавад ва ғаллаи покиза бар дигар ҷониб. Ва бод он осиёбро ва ҳам об гардонад. Ва олате дигар бошад эшонро, ки бад-он куранҷ ва гол кӯбанд ва он чун муъалаф гирд сохта бошад ва чӯбе қавӣ андар он ниҳода ва санге қавӣ бар он чӯб баста ва буни он чӯбро тилисм карда, ки об гардонад ӯро.

Хазар. Аммо роҳи ӯ аз Гургонҷ берун ояд, то ба кӯҳи Хоразм ва аз ин кӯҳ сӯйи Баҷинок шавад ва буҳайраи Хоразм пеш ояд. Буҳайраро бар рост бигзорад ва аз он ҷо бигзарад ба замине хушк расад ва биёбон ва нуҳ рӯз ҳамешавад, ҳар рӯзе ё ду рӯзе ба чоҳе расад, ки ба ресмон фуруд оянд ва сутуронро об диҳанд. Чун рӯзи даҳум бошад ба чашмаҳо ва об расад ва сайд бошад он ҷо аз ҳар навъе ва аз мурғу оҳу ва андак моя гиёҳ бошад. Андар ин шонздаҳрӯза роҳ, чун рӯзи ҳафдаҳум ба хаймаҳои баниҷокиён расад ва водии вилояти баниҷокиён сирӯза роҳ аст, аз ҳар ноҳияте уммате бад-эшон пайвастаанд аз вилояти Хифчох ва аз ҷануби мағриб Хазар ва аз мағриб Сақлоб ва ин ҳама қавм ба ғазванд ва баҷинокиёнро ғазва кунанд ва барда кунанду бифурӯшанд.

Ва ин баҷинокиён худовандони мол бошанд ва худовандони сутурон ва гӯспандони фаровон ва авониҳои зарину симин бисёр бошад эшонро ва силоҳи бисёр доранд ва камарҳои симин доранд ва аламҳою тиродҳо доранд, ки андар ҳарбҳо бардоранд. Ва эшонро буқҳо бувад аз саруни гов, ки андар ҳарбҳо зананд. Ва роҳҳои Баҷинок сахт алвон ва нохуш аст, ҳар ки хоҳад, ки аз он ҷо ба ноҳияте берун равад, аспон бояд харид, ки аз ҳеч сӯ берун натавонад рафт, илло бар пушти сутур аз мункарӣ ва алвонии роҳҳои ӯ. Ва бозаргонон аз роҳи бероҳ раванд, ки он ҷо

шаванд, зеро ки ҳамаи роҳи ӯ дарахтон аст ва он роҳ ба аломоти ситора шиносанд.

Аммо миёни баниҷокиён ва Хазар даҳрӯза роҳ аст андар биёбон ва дарахтистону беша аст, то ба Хазар расад. Ва вилояти Хазар ҷойи фарох аст ва бар паҳлӯи ӯ кӯҳи азим аст ва он кӯҳ то Тифлис бикашад. Ва эшонро малике аст, номи ӯ Алшод[248], малики бузург аст. Ва эшон малики бузургро Хазархоқон гӯянд ва бар Хазархоқон номе асту бас, аммо муроди ҳамаи шуғли вилоят ва ҳашам бар Алшод[249] бар аст ва ҳеч кас аз Алшод[250] бузургтар нест. Ва раиси бузургтари эшон ҷуҳуд аст ва Алшод ҳам ҷуҳуд аст ва ҳар ки бад-ӯ майл дорад аз сарҳангон ва бузургон ҳамчунин ва он боқӣ бар динеанд, ки ба дини туркони ғуз монад.

Ва эшонро ду шаҳр аст бузург: якеро Сорғаш гӯянд, дудигарро Хатлағ ва муқоми эшон андар зимистон андар ин ду шаҳр бошад ва чун баҳор ояд, сӯйи саҳро берун шаванд ва низ ба шаҳр наоянд, то зимистон андар наояд. Ва андар ин шаҳр қавме аз мусалмонон бошанд ва эшонро масҷидҳо аст ва имомону муаззинон ва дабиристонҳо. Мардумони Хазар аз он мусалмонон ҳар соле чизе бистонанд бар миқдори ниёзи ҳар як. Ва эшон ҳар сол ба вилояти баниҷокиён ба ғазв раванд ва аз он ҷо молу барда оранд. Ва ин Алшод хироҷи худ меситонад ва бар лашкар тафриқа кунад. Ва бошад гаҳи ғазви Бурдос низ аламҳо ва тиродҳо ва ҷавшанҳои муҳкам ва размаҳои нек доранд.

Ва чун малики Хазар барнишинад, даҳ ҳазор сувор бо ӯ барнишинад, аз ин баъзе бистгонихор бошанд ва баъзе аз ҷиҳати вазъият тавонгарон бошанд, ки бо малик бираванд ба созу олати хеш ва чун бар ҷонибе лашкар кашанд ва бираванд, лашкаре анбуҳ ба хона бигзоранд аз баҳри нигоҳ доштани иёл ва бунаро. Ва эшонро талоеъ бошад, ки пеши лашкар ҳамешаванд ва шамъҳову нафотҳо аз мум сохта, пеши малик ҳамераванд, то ба рӯшании он биравад бо лашкар. Ва чун ғанимат ёбанд, ҳама гирд кунанд ба лашкаргоҳ, пас солори эшон ҳар чи хоҳад аз он ғанимат аз баҳри хешро бардорад ва боқӣ миёни лашкариён қисмат кунад. Ва солори эшон бифармояд ҳар мардеро аз лашкарӣ, то мехе миқдори се раш сар тез карда, бо хештан бардорад ва чун лашкар фуруд ояд, он мехҳо гирдогирди лашкаргоҳ фуруд баранд ва бар ҳар мехе сипаре биёвезанд, то лашкаргоҳ чун деворбасте шавад ва агар душман қасди шабехун

[248]-[250] Эшод

кунад ва ё мукобира орад, ҳеч натавонад кард, ки лашкаргоҳ аз он мехҳо чун ҳисоре бошад.

Ва андар вилояти Хазар киштзорҳо ва бустонҳо бисёр бошад ва неъмат фаровон бувад ва ангубин бисёр бошад ва муми нек аз он ҷо оранд.

Аммо **Бурдос** миёни Хазар ва Булкор аст ва миёни Бурдос ва миёни Хазар понздаҳрӯза роҳ аст ва эшон андар итоъати малики Хазар бошанд. Ва аз Бурдос даҳ ҳазор сувор берун ояд ва эшонро солоре набошад, ки фармон фармояд, илло ки дар ҳар маҳаллате яке ё ду пир бошад, ки миёни эшон ҳукм кунанд ба хусумате ё чизе, ки эшонро уфтад.

Ва ин Бурдос вилояти фарох аст. Ва ҳамасола мукошафа бошад миёни эшон ва булкориён ва баниҷокиён. Ва ин мардумони бурдос ҳама ҷалд ва мардона бошанд ва дини эшон монанди дини ғузон бошад. Ва ҳам некурӯй ва сапедпӯст бошанд. Агар яке аз эшон ба ҷойи дигаре хиёнате кунад, чун ситаме ё ҷароҳате, миёни эшон сулҳ набошад, илло ҳамчунон мукофот бикунанд. Ва чун канизаке расида шавад, аз тоъати падар даст боздорад ва ҳар киро хоҳад, ихтиёр кунад ба шӯй кардани хеш. Пас он мард биёяд ва ӯро аз падараш бихоҳад ва ба занӣ кунад. Ва эшонро уштуру гов фаровон бошад ва ангубин беандоза бошад эшонро ва бештар моли эшон аз дала бувад. Ва эшон ду гурӯҳанд, яке гурӯҳ мурдаро бисӯзанд, дудигар гурӯҳ ба гӯр кунанд. Ва нишасти эшон андар саҳро бошад. Ва бештар дарахтони эшон чӯби халанҷ бошад ва эшонро киштзорҳо бошад ва моли эшон низ аз ангубин бошад. Ва пӯстин эшон аз пӯсти дала кунанд. Вилояти эшон ҳафдаҳрӯза роҳ андар тӯл аст ва ҳамчандин андар арз ва аз вилояти эшон то Хазар ҳам саҳро аст ва роҳи ободон бо чашмаҳо ва дарахтону обҳои равон. Ва баъзе чун аз Бурдос ба Хазар шаванд, ба роҳи оби Итил шаванд ва дар каштӣ нишинанд ва баъзе ба роҳи хушк. Ва силоҳи эшон зӯбин ва тиру камон бошад ва эшонро ҷавшан ва зиреҳ набошад ва ҳар кас аз эшон асп надорад, магар касе, ки худованди неъмати бисёр бошад. Ва ҷомаи эшон фӯта ва ҷаба бошад. Ва андар ин вилоят мева набошад ва шароби эшон аз ангубин бошад. Ва эшон кулоҳ доранд ва аммома гирди ӯ бипечанд.

Аммо **Булкор** пайваста аст бо ноҳияти Бурдос. Ва аҳли Булкор бар кинори ҷайҳун бошанд, ки оби ӯ бар дарёи Хазар уфтад. Ва ин ҷайҳунро оби Итил хонанд ва ӯ миёни Хазару Сақлоб аст. Ва малики эшонро амлон гӯянд ва ӯ даъвои мусалмонӣ кунад. Ва ин қавми булкор миқдори понсад ҳазор аҳли байт аст. Ва ҳамаи замини эшон беша ва дарахтонаш

пайваста ва эшон андар он миён ҳамегарданд аз ҷойе ба ҷойе. Ва эшон се гурӯҳанд: нахустинро барсуло гӯянд, ду- дигарро искол ва седигарро булкор. Ва маоши ин ҳар се гурӯҳ ба як ҷой аст ва хазариён бо эшон ситаду дод кунанд ва ба бозаргонӣ оянд ва русиён ҳамчунин. Ва бозаргонии эшон ҳама пӯсти самуру қоқум ва санҷоб бошад. Ва эшон қавмеанд, ки бар кинораи об нишинанд ва эшонро кишту барз бошад ва ҳамаи ҳубуб бикоранд, чун гандуму ҷав ва голу адас ва мош ва ҷуз он ҳар чизе.

Ва бештари эшон даъвои мусалмонӣ кунанд ва дар вилояти эшон масҷидҳо бошад ва дабиристон ва муаззинону имомон. Ва чун кофаре ошнои хешро бибинад аз мусалмонон ӯро саҷда кунад.

Ва миёни Булкор ва Бурдос серӯза роҳ аст ва пайваста ба ғазв шаванд ва бар бурдосиён тохтан баранд ва эшонро бигиранд.

Ва эшонро силоҳ бисёр бувад ва ҳама сутурону аспони нек доранд ва чун малик бихоҳад, сутур бад-ӯ диҳанд. Ва чун марде зан орад, малик аз ҳар яке аспе бистонад ва чун каштии бозаргоне биёяд даҳяк бистонад. Либоси эшон ба либоси мусалмонон монад ва гӯристонҳои эшон ба гӯристонҳои эшон монад. Ва бештар моли эшон аз дала бошад ва эшонро моли сомит набошад ва ба ҷойи сим, пӯсти дала диҳанд, яке ба ду дирам. Ва дирами эшон аз диёри ислом баранд, дираме бошад сапеду гирд. Ва ин дирам бибаранд ва аз эшон ҳар чизе бихаранд ва боз эшон он дирам ба русиён ва сақлобиён диҳанд. Ва он қавм ҷуз ба дирами сомити ахуриён нафурӯшанд.

Маҷғариён. Миёни вилояти Булкор ва вилояти Искал, ки ҳам аз Булкор аст, ҳадди маҷғариён аст. Ва ин маҷғариён исианд аз туркон. Ва солори он бо бист ҳазор сувор. Ва ин солорро «канда» хонанд ва ин номи малики бузургтари эшон аст ва он солор, ки шуғлҳо ронад, ӯро «ҷала» хонанд ва маҷғариён он кунанд, ки ҷала фармояд.

Ва эшонро саҳро аст ҳама бо гиёҳ ва ҷойи фарох ва вилояти эшон сад фарсанг андар сад фарсанг аст. Ва вилояти эшон ба дарёи Рум пайваста аст, ки аз рӯди ҷайҳун бар он дарё уфтад ва эшон андар миёни ин ҷӯй нишинанд. Ва чун зимистон ояд, касе ки аз ҷайҳун дуртар шуда бошад, ба наздики ҷайҳун бозояд ва зимистон он ҷо бошад. Ва моҳӣ гиранду маишат кунанд. Ва кинори он ҷайҳун, ки бар чапи эшон аст бар ҷониби Сақлоб қавмеанд аз Рум, ҳама тарсоанд ва эшонро нандар гӯянд ва эшон

аз маҷғариён бештаранд, аммо заифтар бошанд. Ва ин ду ҷайҳун якеро Итил, дудигарро Дубо гӯянд.

Чун маҷғариён бар кинори рӯд бошанд, ин нандариёнро бибинанд ва аз бари нандариён бар киноpаи рӯд кӯҳе аст бузург ва об бар паҳлӯи ин кӯҳ берун шавад ва аз паси он кӯҳ қавме бошанд аз тарсоён ва эшонро мирвот гӯянд. Ва миёни эшон ва миёни нандар даҳрӯза роҳ аст. Ва эшон қавме бисёранд ва ҷомаи эшон ба ҷомаи араб монад, аз амома ва пироҳану ҷаба. Ва эшонро кишту барз бувад ва разон бошад. Ва оби эшон бар рӯйи замин равад ва корез надоранд.

Ва чунин гӯянд, ки адади эшон аз Рум беш аст ва эшон уммате ҷудогонаанд ва бештар бозаргонии эшон бо араб бошад.

Ва он рӯд, ки бар рости Маҷғариён аст, ба Сақлоб шавад ва аз он ҷо бар диёри Хазар уфтад. Ва он рӯд аз ин ҳар ду рӯд бузургтар аст. Ва вилояти маҷғариён ҳама дарахтон аст ва обгир аст ва замини ӯ намнок. Ва эшон ҳама бар Сақлоб ғалаба кунанд ва пайваста сақлобиёнро муъанот фармоянд ва эшонро чун асири хеш доранд. Ва маҷғариён оташ парастанд ва ба ғазви Сақлобу Рус раванд ва аз он ҷо барда оранд ва ба Рум баранду бифурӯшанд. Ва ин маҷғариён мардумоне некудидор бошанду боманзар. Ва ҷомаҳои эшон дебо бошад ва силоҳҳои эшон симинандуд ва дурандуд бошад. Ва пайваста ба ғорати сақлобиён раванд.

Ва аз Маҷғариён то Сақлоб даҳрӯза роҳ аст. Боғбори[251] Сақлоб шаҳре аст, онро Вонтит хонанд. Ва эшонро расме аст андар зан хостан, ки чун зан бихоҳанд, кобин буранд бар миқдори зан ва тавонгарии ӯ аз сутур, каму беш ба он ва чун ба кобин буридан биншинанд, падари духтар мар падари домодро ба хонаи хеш барад ва ҳар чи ӯро бошад аз пӯсти самур ва қоқум ва санҷобу дала ва ишками рӯбоҳ бо абраҳои дебо, ҳамаи пӯстҳо гирд кунад миқдори даҳ пӯстин ва андар бисоте печад ва бар аспи падари домод бандад ва ӯро сӯйи хонаи ӯ гусел кунад. Ва ҳар чи аз ҷиҳати кобини духтар бояд, ки пазируфта бошанд аз сутуру сомит ва коло ҳама бад-ӯ фиристад, он вақт зан ба хона оранд.

Сақлоб. Ва миёни банҷокиён ва миёни Сақлоб даҳрӯза роҳ аст ва ин роҳе бероҳ аст, аммо бар ин роҳ чашмаҳо ва дарахтони бисёр аст. Ва вилояти Сақлоб ҷойи фарох аст бо дарахтони анбӯҳ ва эшон бештар андар миёни дарахтон бошанд ва эшонро раз набошад ва киштзор набошад. Ва эшонро козаҳо бошад аз

[251] Боғбор (дорои боғи бисёр?)

чӯб сохта. Ва ангубин фаровон бошад он ҷо ва бошад, ки аз як ангубинҷой панҷоҳ ман ё шаст ман ё сад ман ангубин берун оранд.

Ва эшон хук бичаронанд ва рамаҳои хук бошад эшонро , чунонки моро гӯспанд бувад. Ва агар касе бимирад аз эшон ӯро бисӯзанд. Ва агар занони эшон бимиранд, он занро даст бибуранд ва рӯяш ба корд бибуранд. Ва чун мурдаро бисӯзанд, рӯзи дигар биёянд ва он хокистар аз он ҷо бигиранд ва андар ҷарраҳо кунанд ва бар сар мениҳанд. Ва чун як соле аз марги мурда бигзарад, ангубини бисёр биёранд ва аҳли байти мурда ҷамъ шаванд ва бар сари пуштаи ӯ шаванд ва аз ангубин бихӯранд ва бозоянд.

Ва эшон гов парастанд. Ва бештар кишти эшон говарс бошад ва чун вақти даравидан бошад, он донаи гол андар кафлез кунанд ва пас сар сӯйи осмон кунанд ва гӯянд, ки «Ё раб! Инро ту рӯзӣ кардӣ, моро ба арзонӣ дор». Ва эшонро навъ-навъ рӯдҳо бошад аз барбату танбӯр ва нойу он чи бад-он монад. Ва нойи эшон дароз бошад, миқдори ду раш ва барбатро ҳашт рӯд бувад ва паҳн бошад. Ва шароби эшон аз ангубин бошад. Ва рӯд ба вақти сӯхтани мурда зананд ва гӯянд: «Мо шодӣ кунем, ки раҳмат бар вай ҳаме фуруд ояд». Ва эшонро асп андак бошад. Ва ҷомаи эшон пироҳан бошад ва мӯза доранд. Ва кафши эшон бар мисоли мӯзаи табарӣ бошад, ки занони Табаристон доранд. Ва маишати эшон сахт фарох набошад. Ва силоҳи эшон, ки бад-он ҳарб кунанд, зӯбину сипар ва найза бошад. Ва раиси эшон тоҷ ниҳад ва ҳама ӯро мутиъу мунқод бошанд. Ва раиси меҳтарро «суятмалик» хонанд ва «сунбаҷ» халифати ӯро хонанд. Ва шаҳри дорулмулки ӯро Ҷароват гӯянд. Ҳар моҳе се рӯз андар он шаҳр рӯзи бозор бошад, ки ҳамаи чизҳо андар ӯ биҷӯянд ва бифурӯшанд.

Ва эшон ҳисор сохтан расм доранд. Ҳар тане чанд гирд оянд ва ҳисоре кунанд, ки маҷғариён ба ҳар вақт бар эшон тохтан оранд ва эшонро ғорат кунанд. Ва бад-он вақт, ки маҷғариён биёянд, сақлобиён андар он ҳисор шаванд, ки сохта бошанд. Ва бештар муқоми эшон андар зимистон ба қалъаҳо ва ҳисорҳо бошад ва андар тобистон ба дарахтистон.

Ва эшонро барда бисёр бошад. Ва агар дуздеро бигиранд, ҳама молаш биситонанд ва пас ӯро ба кинораи вилоят фиристанд ва он ҷо азобҳо кунандаш. Ва андар миёни эшон зино наравад. Ва агар зане мардеро дӯст дорад, ба наздики ӯ мешавад ва чун даст бад-ӯ кунад, агар дӯшиза бошад, ӯро ба занӣ кунад, агар набошад, ӯро бифурӯшад ва бигӯяд: «агар андар ту фалоҳӣ будӣ,

ту хештанро нигоҳ доштӣ». Ва агар зане шӯйдор зино кунад, ӯро бикушанд ва узр напазиранд. Ва шаробу ангубин фаровон бошад эшонро ва мард бошад, ки ӯро сад хум шароби ангубин бошад.

Аммо **Рус.** Ҷазирае аст, ки андар баҳр ниҳода аст ва ин ҷазира серӯза роҳ андар серӯза роҳ аст ва ҳама дарахтон асту беша. Ва замини ӯ бас нам дорад, чунонки, агар пой бар нам ниҳӣ, биҷунбад замин аз нам. Ва эшонро малике аст, ки ӯро хоқони Рус гӯянд. Ва андар ин ҷазира миқдори сад ҳазор мардум бошад. Ва ҳамеша ин мардумон ба ғазви Сақлоб раванд андар каштӣ ва аз сақлобиён бигиранду барда кунанд ва сӯйи хазарону Булкор баранду бифурӯшанд. Ва эшонро кишту барз набошад ва кишти эшон ғорати Сақлоб бошад. Ва чун фарзанде оядашон шамшери охта пеши ӯ биниҳанд ва падар гӯяд: «Маро аз зару сим мол нест, ки аз баҳри ту мерос монам, ин мероси ту аст, худ биялфах ва худ бихӯр». Ва бозоргонии эшон пӯсти самур ва санҷоб бувад ва дигар мӯй. Ва эшон мардумоне покҷома бошанд ва бардагонро неку доранд ва неку хоҳанд ва меҳмондӯст бошанд ва ғарибонро неку доранд ва раво надоранд, ки ҳеч кас аз эшон бар ғариб ситам кунад. Ва агар ситам кунад, маломат кунандаш ва инсофи ғариб бистонанд аз вай.

Ва ҷомаи аҳли Рус ва Сақлоб аз канаб бошад ва мардумони эшон дастбаранҷани зарин доранд андар даст. Ва андар ин ҷазира шаҳрҳои бузург аст. Ва андар миёни эшон шамшерҳои сулаймонӣ фаровон бошад. Ва чун ҳарб кунанд, ҳама якдил бошанд ва хилоф накунанд якдигарро, хосса ба мушоҳадати душман. Ва чун бар якдигар ба даъво пеши хоқон шаванд, агар ба фармони ӯ он даъво файсал шавад ва илло бифармояд, то шамшер бар шамшер зананд, ҳар кудом рахна шавад, худованди он шамшерро мазолим бошад.

Ва эшонро табибон бошанд, ки ҳукми эшон бар мулуки эшон равон бошад. Ва агар табибе мардеро ва ё занеро бигирад ва расан андар гардани ӯ афганад ва аз ҷой биёвезад, то ҳалок бишавад ва гӯяд: «ин фармони малик аст», кас ӯро чизе нагӯяд, илло бад-он ризо диҳанд. Ва малики эшон аз бозаргонон даҳяк ситонад. Ва ҳамеша аз эшон садгон ва дувистгон ба Сақлоб оянд ва ба қаҳр аз эшон нафақот ситонанд, то он ҷо бошанд.

Ва аз Сақлоб бисёр мардумон он ҷо шаванд ва мар русиёнро бандагӣ кунанд, то аз бардагӣ иман бошанд. Ва шалворҳо аст эшонро беш аз сад раш, чун бипӯшанд ба зону кашанд ва он ҷо бибанданд. Ва аз ҷомаҳои давоҷ доранд ва кулоҳ ниҳанд. Аммо ҳама бевафо бошанд, чунонки, агар як тан ба ҳоҷат равад, ду ё се тан бо силоҳ бо вай бираванд ва ӯро нигоҳ доранд ва агар якдигарро танҳо ёбанд, бикушанд. Ва чун марде бузургро бикушанд, аз баҳри ӯ гӯре бикананд, андар замин, фарох ва бузург,

чун хонаи фарох ва ҳамаи ҷомаи тани ӯ ва дастбаранҷан ва кӯзобриву шароб ва таому моли сомит бо ӯ биниҳанд ва зани ӯро зинда бо вай андар гӯр биншонанд ва сари гӯр бибанданд, то зан худ бимирад.

Аммо вилояти **Сарир**. Аз Хазар то он ҷо дувоздаҳ фарсанг аст, аввал андар саҳро равад, пас кӯҳе баланд пеш ояд ва рӯде. Ва се рӯз биравад, то ба қалъати малик бирасад. Ва ин қалъат бар сари кӯҳе аст, чаҳор фарсанг андар чаҳор фарсанг ва девори ӯ аз санг. Ва мар он маликро ду тахт бошад, яке зарин, дудигар симин. Бар тахти зарин ӯ нишинад ва бар симин надимони ӯ. Бештар аз аҳли он қалъат тарсоанд ва боқӣ аҳли мамлакати ӯ кофаранд. Ва ин малакатро бас[252] қабила ва мазҳаб ва эшонро деҳҳо ва зиёъ аст. Ва эшон шед[253] парастанд. Ва чун яке аз эшон бимирад, ӯро бар ҷаноза ниҳанд ва ба майдоне берун баранд ва се рӯз он ҷо бигузоранд, ҳам бар он ҷаноза ниҳода. Пас рӯзи седигар биёянд, силоҳҳо пӯшида аз ҷавшану зиреҳ ва силоҳҳои дигар бардошта, бар гӯшаи майдон биистанд ва найзаҳо рост кунанд ва тир бар камон ниҳанд ва шамшерҳо бикашанд ва бар он мурда ҳамла оранд, аммо таън накунанд ва чунин гӯянд, ки сабаби ин он буд, ки марде аз эшон бимурд ва ӯро ба гӯр карданд ва чун рӯзи седигар буд, аз гӯр баромад. Ва чун аз вай пурсиданд, гуфт: «Ҳол аз ман ғойиб шуда буд, шумо маро ба гӯр кардед, пас ҷон андар гӯр ба наздики ман омад, бархостаму берун омадам». Акнун чун касе аз эшон бимирад, ӯро се рӯз ба гӯр накунанд ва пас ӯро ба найзаву тиру шамшер битарсонанд, агар зинда бошад худ бархезад ва агар набошад ба гӯр кунанд ӯро ва ин расм бимонда аст.

Ва малики эшонро «овоз» хонанд. Ва бар рости Сарир вилояте аст, ки онро Ҷандон гӯянд. Ва ин мардумони Ҷандон се дин доранд. Чун рӯзи одина бошад, бо мусалмонон ба масҷиди одина оянд ва намози одина бикунанд ва бозгарданд ва чун якшанбе бошад андар калисо оянд ва бо тарсоён ба расми эшон парастиш кунанд. Ва агар касе аз эшон пурсад, ки чаро чунин кунед, гӯянд: «Ин ҳар се фариқ мухолифи якдигаранд ва ҳар кас ҳамегӯяд, ки ҳаққ ба дасти ман аст, пас мо бо ҳар се фариқ мувофиқат бикунем, магар ҳақро андар он ёбем».

Ва ба даҳфарсангии Сарир дарахте ҳаст, ки ҳеч бар надорад ва ҳар чаҳоршанбе мардумони ин шаҳр биёянд ва аз ҳар мева биёранд ва бар он дарахт биёвезанд. Пас ӯро саҷда кунанд ва он ҷо қурбониҳо кунанд.

---

[252] Бист ҳазор
[253] Шер

Аллон. Аз Сарир берун равад се рӯз андар кӯҳҳо ва марғзорҳо ҳамеравад, то бо Аллон расад. Ва малики Аллон тарсо аст ва ҳамаи аҳли мамлакати ӯ кофаранд, бут парастанд. Ва аз сарҳади ӯ даҳ рӯз биравад миёни дарахтон ва ҷӯйҳову ҷойҳои хуррам, то ба қалъате расад, ки ӯро Боби Аллон гӯянд ва ӯ бар сари кӯҳе ниҳода аст ва зери ин кӯҳ роҳи рост. Ва ҳама гирд бар гирди ӯ кӯҳҳои баланд аст ва ҳазор мард аст, ки ба ниёбат ин қалъатро пос доранд ва шабу рӯз ба тариқи ниёбат.

Чигил ва Туркишӣ. Аммо роҳи Чигил ва Туркишӣ, чун аз Навикас биравӣ, сӯйи Банҷекас бояд шуд. Деҳқони Банҷекасро «кулабқор» гӯянд ва аз он ҷо ҳашт ҳазор мард берун ояд. Ва деҳе аст пайвастаи он, Ӯзкас гӯянд ва ӯро деҳқони дигар аст. Бар чапи ин деҳ, се деҳ аст. Он деҳи нахустро Суёб гӯянд ва деҳқони ӯ бародари ябғу бошад, ё каси ӯ ва бо вай понсад сувор барнишинад ва он деҳ ба кӯҳ наздик аст. Дудигар деҳро Хуткиёл гӯянд ва ӯ бар якфарсангии ин деҳ аст. Ва аз он ҷо панҷ ҳазор мард берун ояд. Ва деҳқони ӯро «яғлило» гӯянд ва ӯ туркишӣ аст ва бар саҳро бошад. Ва седигар деҳро Валуғағ гӯянд ва ин хурдтар аст, аз ӯ миқдори сесад тан берун ояд. Ва ин деҳ ҳам ба кӯҳ наздик аст. Ва туркон ба ин кӯҳ тақарруб кунанд ва бад-ин кӯҳ савганд хӯранд ва чунин гӯянд, ки ин ҷойи раббулиззат аст, таъоло Аллоҳу ъаммо яқулуна. Ва чун аз ин ақаба бигзарӣ, бар чапи ӯ вилояти Туркистон аст аз тухсиён ва Армон ва он ҷо деҳе аст, ки онро Сӯён гӯянд, миёни Узкас ва Армон ва аз он ҷо бист ҳазор мард берун ояд.

Ва бад-он наздикӣ деҳе аст, ки онро Беглиғ гӯянд. Ва бародари ҷабуя (деҳқон) бошад андар ин деҳ. Ва чун вай барнишинад, бо вай понсад мард барнишинад ва агар ҳоҷат уфтад ӯро, се ҳазор сувор барнишинад бо ӯ аз ҳаволии ин деҳ. Ва деҳқони ӯро «бадонсонку» гӯянд ва асли ӯ аз он ҷост. Ва аз он ҷо ҳафт ҳазор мард берун ояд. Ва наздики он ақаба об аст. Чун аз он ҷо бигзарӣ, туркони чигилӣ оянд ва хаймаҳо ва харгоҳҳои эшон ояд.

Ин буд тамомии маъорифи туркон, ки ёфта шуд, баъзе аз «Масолик ва мамолик»- и Ҷайҳонӣ ва баъзе аз «Тавзеҳу-д-дунё» ва баъзе аз китоби Убайдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ ва баъзе аз ҳар ҷой биёвардам. Ва шояд бувад, ки ба ҷуз аз ин эшонро қабилаҳо аст, аммо ахбори эшон ёфта нашуд, то маъзур шумаранд.

БОБИ БИСТУ ҲАФТУМ
АНДАР МАЪОРИФИ РУМИЁН

Бидон, ки Рум мамлакате азим аст ва деҳҳои бисёр. Ва румиён мардумоне ҳушёр бошанд ва бузургдониш ва миллати эшон тарсо. Ва аз диёри Рум аз рӯзгори қадим то бад-ин ғоят ҳукамо ва файласуфони бисёр будаанд ва кутуби бисёр таълиф кардаанд. Хосса андар илми тибб ва табоеъ.

Каркис. Ба расми Артаксеркисас рафт ва аз бенизомӣ наяндешид ва насаби бадон ва хоста кард ва рӯй ба тарабу шодӣ овард, ҳеч гуна аз оқибат наяндешид, то ки кеҳтарон бар вай берун омаданд ва ӯро бикуштанд. Кори ӯ ба сар омад.

Сафрёқус. Ва чун Сафрёқус бинишаст, ба аввали ҳол мутаҳаййир буд ва аз он муъомилат, ки бо Каркис карда буданд, ҳаросон буд. Ва чун аз подшоҳии ӯ дах сол гузашт, даст бар иморат бурд ва вилоятро ободон кард. Ва чун бист сол аз подшоҳии ӯ бигузашт, сиёсатҳо ниҳод ва гарданкашонро молиш бидод ва бисёр бадон ва мутамарридонро қаҳр кард.

Дорнуш. Чун Дорнуш ба подшоҳӣ бинишаст, вилояте ободон дид, низ наяндешид ва пушт ба мамлакат овард ва темори он надошт ва андешаи он накашид, то ҳамаи вилояташ аз даст бишуд ва душманон бар вай берун омаданд ва бар вай қаҳрҳо карданд ва бад-ӯ ранҷҳо расониданд, то ӯ маниб гашт ва вилоят аз дасти ӯ бишуд.

Артаксирксис, ки ӯро Ардашер хонанд. Ва Афлотун ба рӯзгори ӯ берун омад, ки китоби «Даъоим» кардааст. Ва ӯ ба дидори Афлотун шуд ва моле азим Афлотунро бахшид, ӯ напазируфт.

Авхуш ибни Ардашер. Ин Авхуш марде илмдӯст буд ва аҳли илмро бузург доштӣ ва ҳамеша ҳакиме пеши ӯ будӣ. Ва китобе пеши ӯ будӣ, ки андар ӯ ҳаменигаристӣ ва ҳаргиз аз олиме ва китобе холӣ набудӣ. Ва чун умри ӯ ба охир расид, мар Арсинро валиаҳд кард.

Арсин ибни Авхуш. Чун Арсин ба подшоҳӣ бинишаст, ҳам бар расми падар рафт ва уламоро бар хеш наздик кард. Ва дӯст доштӣ аҳли илмро ва ҳамеша мунозараи калом ва ҷидол фармудӣ. Пас бисёр моли хеш андар ваҷҳи кутуб ва аҳли илм сарф кард.

Доро ибни Доро ибни Доро. Сахт мутакаббир буд ва касро заҳра набуд, ки то ӯ нафармудӣ, пеши ӯ сухан гуфтӣ. Аммо ӯ дар ҳарби Искандар кушта шуд ва ба куштани ӯ хонадони мулуки Аҷам вайрон гашт ва мамлакат аз порсиён бишуд ва ба Искандар расид. Ва рӯзгори Искандариён омад ва эшон ҷаҳон

бигирифтанд. Ва мулуки тавоиф омаданд ва ҳамедоштанд, то рӯзгори Ардашер ибни Бобак ибни Сосон.

Ахбори Искандариён ва Батолиса андар рӯзгори ӯ. Чун рӯзгори порсиён ва қибтиён ва банӣ Исройил бигузашт ва Зу-л-қарнайн мар Дороро қаҳр кард ва ӯро ҳазимат кард, пас вазири Доро ва амири фарас бисиголиданд, ки чун фурсат ёбанд, Дороро бикушанд ва сари ӯ пеши Зу-л-қарнайн баранд, то эшонро бипазирад ва бад-он хидмат, ки карда бошанд, подош кунад. Ва бад-ин тартиб бо Доро ҳамерафтанд, то вай фуруд омаду бихуфт. Эшон ҳар ду фароз омаданд ва сари ӯ бибуриданд ва пеши Зу-л-қарнайн омаданд. Чун эшонро бидид, бипурсид, ки «шумо аз они вай чӣ шуғл доштед?» Гуфтанд, яке вазири ӯ буд ва яке соҳиби шурати ӯ. Гуфт: Бо ӯ вафо накардед, бо ман ҳам накунед». Пас бифармуд, то пӯсти ҳар ду биёҳехтанд ва бар доришон карданд ва тирборон карданд. Ва бифармуд, то нидо кунанд, ки ин ҷазои он кас аст, ки бар худованди хеш бевафоӣ кунад.

Зу-л-қарнайн. Ӯро Искандар хондандӣ ва номи ӯ Ахшандрус ибни Файлақус ибни Мусибир ибни Ҳермес ибни Ҳардус ибни Рум ибни Латӣ ибни Лусон ибни Ёфис ибни Сарҷун ибни Румия ибни Барбат ибни Нуфайл ибни Руфӣ ибн ал-Асфар ибн ал-Ис ибни Исҳоқ ибни Иброҳим, алайҳу-с-салом.

Ва андар ахбори Аҷам чунон аст, ки насаби ӯ аз Аҷам буд ва ӯ писари Доро ибни Баҳман ибни Исфандиёр буд ва модари ӯ духтари Файлақус буд. Ва сабаб он буд, ки чун Доро духтари Файлақусро оварда ва бо вай наздикӣ кард, аз даҳани он зан бӯйи нохуш омад. Доро пизишконро фармуд, то онро илоҷ карданд, то он накҳат аз вай бишуд. Ва ҳарчанд чунон буд, он ғусса аз дили Доро берун нашуд. Пас ӯро ба хонаи падараш Файлақус бозфиристод. Ӯ ҳомила буд ва ба хонаи падар ӯро писар омад. Падараш нанг дошта, ки гуфтӣ, ин писари малики Аҷам аст, пас насаби ӯ ба хештан кард. Ва чун рӯзгори Файлақус бигузашт, Искандар ба ҷойи ӯ бинишаст, ҳиммат ӯро нагузошт, ки ба подшоҳии Мақдуниё иқтисор кардӣ. Пас бингарист, аз ҳамаи мулуки замин ҳеч кас бузургтар аз Доро набуд. Ва Дороро ҳар сол аз Рум ҳазор хояи зарин оварданд, ҳар яке сад мисқол ва ин хироҷи Рум буд, ки бад-ӯ бидоданд.

Чун Искандар ба подшоҳӣ бинишаст, Доро ба тақозои хироҷ кас фиристод. Зу-л-қарнайн надоду бигуфт: «Мурғе, ки хояи зарин овардӣ, бимурд, акнун ҷуз шамшер натвон ситад аз мо». Ва расул бозгашту бигуфт. Доро марде бузург буд, надонист, ки андар ҳамаи ҷаҳон касе бошад, ки ин далерӣ тавонад кард ва бар

рӯйи ӯ тавонад овард. Дарвақт нома набишт ба Искандар, ки «сохта бош ҳарби маро». Ва то расули Доро фароз расид, Зу-л-қарнайн ҳамаи корҳо сохта буд. Дарвақт аз Рум бирафт ва пазираи Доро омад. Ва чун Доро бишунид, ки вай омад, бифармуд, то лашкари ӯ он чи ҳозир буданд, рӯй ба ҳарби Искандар ниҳоданд. Чун ба ҳарб бипайвастанд, бас рӯзгоре нашуд, ки аз Искандар Доро ҳазимат кард ва ҳам андар он вақт сари Доро пеши Искандар оварданд ва якборагӣ мамлакати Аҷам ӯро шуд. Чун Аҷамро қаҳр кард, низ қасди Рум накард ва ҳам бар он ҷумла рӯй ба Моваруннаҳр ва Туркистон ниҳод ва он диёрро бигирифт, то Чину Мочин ва аз он ҷо рӯй ба Ҳиндустон овард ва ҳамаи Ҳиндустон бигирифт. Ва ба ҳар ҷой, ки рӯй биниҳод, бо зафару фирӯзӣ бозомад. Ва ҳамаи подшоҳони рӯйи заминро мусаххари хеш гардонид ба андак рӯзгор. Ҳаким Аристотилис ба рӯзгори ӯ буд, китоби Мантиқ сохт ва таснифҳои бисёр кард аз усули тибб ва калом. Ин Араститолис вазири Искандар буд ва ҳар чи кард бо ишораи ӯ кард. Ва бисёре расмҳои неку ниҳод. Ва чун ба ақсои Туркистон мардумон пеши ӯ омаданд, аз яъҷуҷу маъҷуҷ бинолиданд. Пас садде бисохт, ки то имрӯз бар ҷо аст ва шарри яъҷуҷу маъҷуҷ аз ҳамаи ҷаҳон бурида шуд. Ва ба Колиф бар ҷайҳун пул ниҳод ва аз он ҷо работ кард. Ва Порсу Эрон ва Ҳиндустону Шому Ҳиҷоз ва Занҷу Ҳабаш ва Мағрибу Андалус ва Чину Мочин бигирифт ва охир андар иззу ноз бимурд ва тобути ӯ ба Искандария оварданд.

Авлоъус Батлимиус. Ибтидои таърихи Искандар аз подшоҳии Авлоъус ниҳоданд ва аз мамлакати ӯ сездаҳ сол гузашта буд, ки таърихи искандарӣ ниҳоданд.

Филофилис Батлимиус. Чун Филофилис ба подшоҳӣ бинишаст ва бисту чаҳор сол аз мулки ӯ бигузашт, Ашк берун омад аз кӯҳпоя ва подшоҳии Эрон бигирифт ва қавми ӯро Ашконӣ ном карданд, ки эшонро мулуки тавоиф хонанд. Ва андар он вақт, ки ӯ бинишаст, ҷуҳудонро мисриён бандагӣ фармуданд. Ва мар ҷуҳудонро аз дасти мисриён бистад ва озод кард.

Урҳотилис Батлимиус. Чун Урҳотилис ба подшоҳӣ бинишаст, ба Миср корҳоро ба расми дигарон ҳамеронд. Ва бисёр касро аз маликон қаҳр кард ва Итиёхуши бузург, ки малики Шом буд ва аз они Ироқ ба тоати вай андар омад ва ҳар сол ҳазор бадра дирам ба фармони ӯ ба Румия бифиристодӣ.

Филунотир Батлимиус. Чун Филунотир ба подшоҳӣ бинишаст, Итиёхуши бузург лашкар ҷамъ кард ва рӯй ба ҳарби ӯ

ниҳод ва бар Филунотир ғалаба кард ва ҷуҳудонро аз дасти ӯ бистад.

Афиқолис Батлимиус. Чун Афиқолис ба мамлакат бинишаст, аввал коре қасди Итиёхуши бузург кард ва лашкар кашид ва Итиёхушро ҳазимат кард ва ҳар чи аз вилояти ӯ ситада буд, аз вай бозситад ва ӯро мақҳур кард ва вилояти Шом бигирифт ва ҳамаи қавми Итиёхушро мустаъсил гардонид ва аз вилоят берун кард.

Филуманзар Батлимиус. Чун Филуманзар ба мамлакат бинишаст, ҷаҳон орамида буд. Шаҳри Антокия бино кард. Ва ӯро Самунӣ хондандӣ. Марде мубориз буд ва аҳли илмро дӯст доштӣ ва ҳамеша бо аҳли илм суҳбат кардӣ ва бе ишораи эшон ҳеч коре накардӣ.

Илуҳотис Батлимиус. Ин Илуҳотис ҳам ба рӯзгори Итиёхуш буд, бар ҷуҳудон лозим кард, то аз миллати хеш боздошта оянд ва миллати ҷуҳудиро ботил кард ва эшонро ба унф фармуд, то аз дини ҷуҳудӣ бозгаштанд ва ҳар ки бознагашт, он касро уқубатҳо кард ва ранҷҳо намуд, то бисёр мардум андар он ҳалок шуданд …..

БОБИ (БИСТУ ҲАШТУМ)
АНДАР МАЪОРИФИ ҲИНДУВОН

Аммо мардумони Ҳиндустон мардумоне ҳозиқ ва ҳушёру зирак бошанд ва корҳои нағзу борик кунанд. Ва аз миёни эшон доноёни бисёр берун оянд, ба хосса андар вилояти Кашмир. Ва санъатҳои эшон сахт бадиъ бошад. Ва эшонро андар дин фирқаҳост ва андар расмҳо ҳамчунон. Ва ман маъорифи эшон чунонки ёфтам, ин ҷо биёвардам, то маълум бошад.

Аммо ҳиндувон андар нигоҳ доштани насаб сахт мутаҳаққиқ бошанд ва аз ҳар ҷой зан нахоҳанд ва зан надиҳанд, то мувофиқи насаби эшон набошад.

Ва чунин гӯяд Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ андар китоби таворих, ки ӯ карда аст, ки эшон ҳафт гурӯҳанд: Аввалро **сокбатарӣ** гӯянд ва ин гурӯҳ бузургтарини эшон бошад ва ҳамаи қабоили ҳиндувон эшонро саҷда кунанд ва эшон ҳеч касро саҷда накунанд ва мулк эшонро бошад ва аз ин гурӯҳ андак бошанд.

Дудигар **бараҳман** бошанд, аммо эшонро мулк набошад. Ва эшон самониёнро саҷда кунанд ва самониён эшонро саҷда накунанд. Ва бештар аз бараҳманон шароб нахӯранд ва гӯшт нахӯранд.

Се дигар **каштириён** бошанд. Ин тоифа аз се шароб зиёдат нахӯранд. Ва бараҳманон эшонро зан надиҳанд, аммо аз эшон зан хоҳанд.

Чаҳорум, **шудариён** бошанд ва эшон барзгарон ва полезбонон бошанд. Ва эшон бо каштириён суҳбат кунанд ва зан хоҳанд, аммо зан надиҳанд.

(Панҷум **самананиён** бошанд….)

Шашум, **чандолон** бошанд ва эшон худовандони алҳон бошанд ва шуғлҳои сиёсат эшон кунанд. Ва эшонро занони некӯ бошанд ва агар бараҳмане бар он зан ошиқ шавад, ӯро аз ҷумлаи диндорон берун кунанд ва аз ҷумлаи бараҳманон нашуморанд. Ва бад-ин сабаб касро бо чандолон осеб нарасад.

Ва ин чандолон ҳамераванд ва андар даст мукӣ ва андар сари он чӯб ҳалқа ва андар он ҳалқа ҳалқаҳои хурд афганда ва бад-он чӯб ишорат ҳамекунанд, то мардумон он аломат бибинанд ва он овози ҳалқаҳо бишнаванд, аз роҳ бар ҷой шаванд, то осеб нарасад бар эшон.

Ҳафтум, **дунбон** бошанд ва эшон мардумоне сиёҳпӯст бошанд ва ҳама рӯдзану пойкӯбон бошанд ва ҳама ба тариқи чандолон бошанд, аммо чандолон бо эшон биёмезанд ва аз эшон зан бихоҳанд ва зан надиҳанд.

Аммо илмҳо ва адабҳои эшон навъ-навъ бошад, яке афсун бошад ва чунин гӯянд, ки эшон ба афсун ҳар чи бихоҳанд, бикунанд ва беморонро бад-он илоҷ кунанд ва аз ҳар ҷой, ки бошад, беморӣ берун оранд ва ба каси дигар гардонанд.

Ду дигар ваҳм ва фикрат бошад. Ва чунин гӯянд, ки эшон ба ваҳм ба чизҳои аҷоиб расанд. Ва андар маънии ғоят суханҳо гӯянд ба ваҳм ҳамчунон бошанд. Ва чизҳои саъб ба иътиқод ва ваҳм ҳал кунанд, ки гуфт натвон. Ва найранҷҳо кунанд ва хаёл намоянд, ки доноёни бузург андар он таҳайюр кардаанд. Ва амале аст эшонро, ки онро шамонанд гӯянд ва маънии он тилисмҳои аҷоиб бошад, ки бикунанд. Ва хонишҳост эшонро, ки бихонанд ва бад-он хониш тилисмҳо кунанд ва он мар шогирдони хешро биёмӯзанд. Ва аз хонишҳои эшон, ки бас аҷиб аст, яке бастани жола аст ва рондани он аз ҷойе ба ҷойе. Ва бад-ин сабаб деҳҳо ва ҷойҳо муқотиъа ситонанд ва аз жола нигоҳ доранд ва сол ба сол муқотиъаи хеш биситонанд ва агар касе имтиноъ кунад, жоларо бар замини ӯ ронанд. Дудигар хониши заҳр аст, ки аз тани мардум берун оранд. Ва чунин ҳикоят кард маро Аҳмад ибни Валаки Гардезӣ, ки мардеро мор газид ва бар ҷой сард шуд ва чун мурда гашт. Ва хостанд, ки ӯро ба гӯр кунанд. Пас ҳиндуе фароз расид ва гуфт, ки ин мард беҳуш гашта

аст ва намурда аст ва афсун ба хондан истод ва он мард ба ҳуш бозомад ва заҳр аз он ҷо, ки мор газида буд, берун оварда ва мард ба саломат бархосту бирафт.

Ва ҳамчунин аҷоибҳо бисёр намоянд эшон аз афсун хондан. Ва илми тибб аст эшонро, ки андар диёри мусалмонӣ кас чунон надидааст. Ва даъвоҳои эшон андар тибб фаровон аст, аз нигоҳ доштани тандурустӣ ва буридани беморӣ ва таъхири пирӣ ва зиёдати қуввати боҳ ва ҷуз аз он боздоштани бемориҳои куҳан, чунонки баъзе аз дӯстони мо дидаанд ва баъзе шунидаем, чизҳои аҷоиб.

Ва илми ҳисобу масоҳат ва ҳандасаву нуҷум, ки дониш ва бешинагии эшон андар ин боб ба ҳадде аст, ки натвон гуфт, ки он на кори мардум бошад. Ва илми алҳону бозӣ ва сохтани олатҳои шодӣ ва рудҳои аҷоиб (ки ҳар чизе)-ро биҷунбонанд ҳар чи саъбтар бигзарад ҳеч андом наҷунбад. Ва анвоъи силоҳ ниҳодаанд бисёр ва созҳои ҳарб сохтаанд, чун буқу духул ва табл ва чизҳое ниҳодаанд, ки овози фаҷиъ ва ҳоил аз вай биёбанд, чун бонги фил ва бонги шер низ, чунонки ҳар кас бишнавад, мадҳуш гардад ва фазаъу раъаб андар дили ӯ ояд аз он бонг. Ва боз рӯдҳое, ки аз баҳри тараб ва самоъ сохтаанд. Ва ин мардумон, ки чунин чизҳо созанд, андар машриқи Ҳиндустон бошанд ва эшонро «комрут» гӯянд. Ва чунон чизе созанд, ки ҳар кас, ки ӯро бибинад ва ё бишнавад, иқрор кунад, ки эшон мардумон неанд, балки париёнанд.

Ва шаҳрҳо, ки андар ӯ ин аҷоибҳо созанд ва бошад аз вилояти Қандаҳор аст бар ҷониби Кашмир ва дигар вилояти Ганг. Ва аз ин шаҳрҳо яке Ҷаландҳар аст, ки андар вилояти ӯ ҳалилаву балила ва дорҷошок бисёр бошад. Ва чунин гӯянд ҳиндувон, ки малики ин ҷо дувисту панчоҳ сол бизияд, чунонки ба ҳамаи вақтҳо барнишинад ва сайд кунад ва ҷимоъ кунад, ҳам бар он ҷумла, ки ҷавонон кунанд ва он ҳама ба илоҷу ба ҳила. Дигар шаҳр Сароваст аст ва чунин гӯянд, ки он ҷойи мавлиди Буд аст. Ва шаҳри Кашкарӣ, ки гӯянд, он ҷойи ҳалок шудани Буд аст. Ва шаҳри Чатаркут, ки шайтараи ҳиндӣ аз он ҷо хезад. Ва андар кӯҳҳо дорҷошок ва чизҳои бисёр бошад. Ва ин ҷо маскани бузургон аст ва аз ин ҷо афсунҳо омӯзанд ва ҳар илме аз доноёни эшон. Ва шаҳри Уҷин, ки маҳоколиён бошанд ва зиҷи арканд бар тӯли ӯ ниҳодаанд ва андар ӯ хазинаи кутуб ва ҳикмат бисёр аст.

Миллатҳо. Ва чунин гӯяд Абуабдуллоҳ Ҷайҳонӣ, ки ҳиндувонро нуҳ фирқа аст андар миллат ва он ҳама бар чилу ду навъ ҷамъ шавад ва мадори он ҳама бар чаҳор рӯй аст. Ва ман ин чаҳор асосро ба шарҳ бозгӯям, би тавфиқи Аллаҳ.

Нахустин, онананд, ки Офаридгорро, ҷалла ҷалолаҳу, исбот кунанд ва пайғамбарро. Ба амру наҳй ва савобу иқоб муқирранд, ки ҳар кас бар андозаи кирдор савобу иқоб ёбад.

(Дудигар) ононанд, ки пайғамбарро мункиранд ва эшонро, ки ин гӯянд, шаманиён хонанд.

Ва седигар, Бориро, изз ва ҷалл, исбот кунанд ва ба биҳишту дӯзах муқирранд. Ва гӯянд, чун он ҷо шаванд, абад бимонанд, ки ато ва уқубати ҷалла ҷалолуҳуро инқитоъ набошад.

Чаҳорум гурӯҳ гӯянд, савобу иқоб таносух аст андар саодат ва шақоват ва биҳишту дӯзах ба андозаи кирдор ва гуноҳ бошад ва абад набошад. Ва чун бар андозаи феъл подош ёбанд, аз он ҷо берун оянд. Ва ин қавли шаманиён аст, ки будӣ гӯянд эшонро.

Аммо ҳар ки Холиқро ҷалла ҷалолуҳу, исбот кунад аз бараҳманон, гӯянд, ки расули Худо сӯйи халқи ӯ фиришстае буд, ки ӯро Босидев ном буд ва ба наздики эшон омад бар сурати мардум ба рисолат ва бо вай китоб набуд. Ва ӯро чаҳор даст буд, андар як даст шамшер дошт кашида ва андар дасти дигар камари шамшер ва андар седигар чакар - ва ин силоҳи ҳиндувон бошад, ки он пушти фил андозанд, ба мисоли ҳалқа бошад ва кинораҳои он тез карда – ва андар дасти чаҳорум каманд дошт ва бар симурғ нишаста буд. Ва мар ӯро дувоздаҳ сар буд, яке чун сари мардум, дудигар, чун сари шер, ва седигар, чун сари асп, ва чаҳорум, чун сари фил, ва панҷум, чун сари хук, ва шашум, чун сари гӯсфанд, ва ҳафтум, чун сари гов, ва ҳаштум, чун сари гург, ва нуҳум, чун сари хурӯс, ва даҳум, чун сари саг, ва ёздаҳум, чун сари буз, ва дувоздаҳум, чун сари боз. Ва эшонро андар ин сарҳо таъвилҳо бисёр аст.

Ва чунин гӯянд, ки ин Босидев пайғом овард, ки Худой, азза ва ҷалла, гӯяд: «Маро парастед ва бузург доред оташро, ки мар ӯро бузург кардам ва баландтарин ҷойҳо ӯро додам ва зиё андар ӯ пӯшидаам ва ӯро манфаъати аҳли дунё кардам ба ҳар чизе, чи аз баҳри қурбонро ва аз баҳри атрҳоро ва равғанҳоро ва чи аз баҳри хеш донгуҳоро. Ва наҳй кардам мар эшонро аз гулӯ буридани ҷонвар ва куштани он магар он чи аз ҷиҳати қурбон бошад». Ва бифармуд эшонро, то ресмоне аз китфи рост сӯйи зери бағали чап биёранд ва бибанданду бидоранд, онро ҷану гӯянд. Ва наҳй карл эшонро аз шароб хӯрдан ва дурӯғ гуфтан ва аз таоми касе хӯрдан, ки аз миллати эшон набошад ва на аз кибори эшон.

Ва зино мубоҳ кард, то таносул бар пой бошад ва нуқсон нагирад, ки ҷаҳон равшан бувад. Ва фармуд, то монанди ӯ бут кунанд ва ӯро бипарастанд ва чаҳор сӯйи ӯ тавоф кунанд ҳар

рӯзе се бор ва дафҳо бизананду духна дуд кунанд ва пеши ӯ пой кӯбанд. Ва говро бипарастанд ва саҷда кунанд ӯро ҳар ҷо, ки бибинандаш. Ва нашояд ҳеч бараҳманеро, ки аз оби Ганг бар он ҷониб бошад. Ва шарти дини эшон аст, ки ҳар касро наёмӯзанд, магар касе ки аз зуррияти эшон бошад. Ва ҳар кас, ки аз дини эшон бишавад, ӯро напазиранд, то пок нагардад ва покиза кунандаш. Ва покиза кардан он бувад, ки сару риш ва абрӯву мӯйи мижа ва ҳар мӯйе, ки бар тани ӯ бошад, ҳамаро бистуранд ва пас панҷ чизро гирд кунанд: саргини гов ва бавли ӯ ва шири ӯ ва равғани ӯ ва оби Ганг. Ин панҷ чизро ҷамъ кунанд ва бад-ӯ диҳанд, то бихӯрад миқдори як ратл андар тосе рӯйин ва ҳам аз ин об бар сари ӯ резанд. Ва пас аз вай тало кунанд ҳамаи тани ӯро. Ва ҳамчунин даҳ рӯз бикунанд ба андозаи тамарруди ӯ ва берун шудан аз дин. Ва пас ба наздики гове шавад, ӯро саҷда кунад.

Гурӯҳе **маҳодевиён** бошанд. Ва эшон чунин гӯянд, ки пайғамбари эшон фиришtае буд аз фиришtагон ва ӯро Маҳодев ном буд. Ва ӯ ба наздики эшон омад бар сурати мардум бар гове ва тоҷе бар сар ниҳода ва он тоҷ пероста ба устухони мурдагон ва ҳам аз он устухон қалида андар гардан афганда ва ба як даст косаи сари мардум гирифта ва ба дигар даст ҳарба, ки сари ӯ сешох буд ва бар вай пари товус баста. Ва ӯ биёмаду мар эшонро парастидани Офаридгор фармуд. Ва Маҳодеврро ҳам парастиш кунанд ба Эзад, субҳонаҳу ва таъоло, ки ҳама чиз, ки эшонро бошад, бар дасти ӯ бошад. Ва ҳамчун ӯ буте созанд.

Ва расми эшон чунон аст, ки аз ҳамаи чизҳо, ки ба даст тавонанд овард, бигиранд ва аз он қалида созанд ва андар гардани яке афгананд ва он касро бузург доранд. Ва ҳам аз он чизҳо тоҷ кунанд ва бар сари он ниҳанд. Ва пас рӯй ва тани ӯро ба хокистар биёлоянд ва пас аз миёни ӯ то пойи ӯ ба хирқа, ки паҳнои ӯ ду ангушт бувад ва дарозии ӯ чандонки аз миён то пой печида шавад, бипечад. Ва ин хирқа ранг карда бошад ба ҳар ранге, ки мураккаб бувад, ба ҳам омехта набошад. Ва пас ҷарас андар пой афганад ва асое андар даст гирад ва ин асо бар гардан ниҳад ва аз ин асо овехта бошад сӯйи пушт кадуе тиҳӣ ва сафолин, андар яке хокистар бошад ва ҳар рӯзе бад-он масҳ кунад. Ва чун касе ӯро садақа диҳад, аз он хокистар бар пешонии ӯ бикашад. Ва андар он дигар таом дорад. Ва ҳаром бошад бар ин кас ҷонвар куштан ва гӯшт хӯрдан ва муҷомиъат кардан ва мол гирд кардан. Ва маоши ӯ аз садақа бошад. Ва ин табақаро «баҳрора» низ хонанд. Ва эшон андар ҳадиси афсун сахт моҳиранд. Ва андар дасти дигари ин мард табле бошад, бар ӯ ду

гавсарӣ овехта, ки он таблро бизананд ва чун онро биҷунбонанд, овозе аз вай биёяд. Эшон онро ба ҷойи ибодат донанд. Ва бештар андар дашту вайрон гарданд ва чун ба ободонӣ оянд, ба бонг Худой, азза ва ҷалла, ситоянд, ки Офаридгори Маҳодев аст ва Маҳодевро низ ёд кунанд. Ва он таблро ба даст биҷунбонанд. Ва пас Маҳодевро биситоянд ба шеър ва лаҳнҳое ва рағбат нокардан ба дунё, то мардумон бар вай гирд оянд аз овози он ҷарасҳо, ки бар пой дорад ва сагон ба бонг оянд.

Ва **коболиён** қавме бошанд. Ва эшон чунин гӯянд, ки пайғамбари эшон фиришта буд, номи ӯ Шиб. Ва ба наздики эшон омад бар сурати мардум ва масҳ кардӣ ба хокистар ва кулоҳе бар сар аз намади сурх се бадаст дарозии ӯ ва гирдогирди он пораҳои устухони косаи сари мардум. Пас биёмад ва мардеро аз бузургони аср биёвард ва ин андар гардани ӯ кард. Ва акнун аз он касоне, ки ӯро бузург доранд , биёбанд ва ҳам аз он чизҳо қалида созанд ва андар гардани ӯ афгананд. Ва ҳам аз он ки чун камаре дар миёни ӯ бандад ва ҳам аз он андар даст афганад ва ҳам аз он чун халхол андар пой кунад ва ба як даст устухони косаи сари мардум гирад ва ба дигар даст табле ҳамчун табли баҳрорагон, яънӣ маҳодевиён. Ва эшонро он мутанаббии эшон гуфтааст, ки «ин Офаридгори шумост», таъоло аллаҳу ъаммо яқулуна. Ва пас чун (нари) мардум бикард, чизе гирду дароз, давраш ба қутри як бадаст ва онро бар забони эшон «ланд» гӯянд ва эшон онро «Шибланг» хонанд, тафсири ӯ нари пайғамбар бошад ва онро бипарастанд. Ва гӯянд, сабаби таносул андар ин ҷаҳон нар аст.

Ва ин мардумон бараҳна бошанд ва ҳеч ҷома надоранд, илло кулоҳе бар он мисол, ки гуфтем ва ҳам бар мисоли Шиб ҳамераванд ва дар закари хеш ҷарасе бузург овехта бошанд, то ба ҳеч гуна бо занон наздикӣ натавонанд кард. Ва ҳар кас, ки ба наздики эшон ояд аз занон ва мардон ӯро саҷда кунанд ва онро бузург доранд ва бад-он ба Эзад, таъоло, тақарруб кунанд ва эшонро меҳмон доранд ва бар курсӣ бинишонанд, аз гирони он ҷарас, ки бувад. Пас он закари ӯро бухур кунанд ва бар эшон дуо кунад ба некӣ ва гӯянд, Худой, азза ва ҷалла, моро аз музди шумо насиб диҳод. Ва маоши эшон аз садақа бошад. Ва ҳама бараҳна бошанд ва баъзе бошанд, ки тани хешро сӯрох кунанд ва ҳалқа аз мис ё арзиз ё оҳан ба андар он сӯрох афгананд, то чанде ки равшан шавад.

Ва **ромониён** бошанд андар вилояти Дакшоят, яънӣ шимоли шаҳри Бозноин. Ва ин Ромон малике будааст бузург ва донотарини рӯзгори хеш. Пас ҳиммати ӯ бад-он ҷой уфтод, ки

пайғамбарӣ даъво кард. Ва чунин гуфт мардумонро, ки роҳи биҳишт мазҳаби ӯ аст. Пас аҳли мамлакат он мазҳаб аз вай бипазируфтанд.

Пас эшонро ба парастиши хеш хонду гуфт: «Агар хушнудии Худой хоҳед, маро бипарастед». Ва наздикони ӯ ва аҳли ӯ чунин гуфтанд, ки миёни ӯ ва миёни Ровони ифрит сухан рафт ва ифрит дини ӯ напазируфт. Ва ин ифрит андар ҷазирае будааст, ки онро Рабува замин гуфтандӣ. Девори аҳли он ҷазира аз ҷавоҳир буд ва мурворид бофта ба ёқуту зумуррад ва дигар гавҳарҳои бешбаҳо. Ва андар ин ҷазира аз ҳамаи сабзаҳо ва атрҳо мавҷуд буд. Андар ин бора суханҳои аҷоиб гӯянд, чунонки шарҳи он дароз аст, ки бар дарё пул ниҳода ва ба он чӣ бад-ин монад. Ва Ровон биёмаду зани Ромон бигирифт ва бад-ин ҷазира овард. Ва миёни эшон ҳароб уфтод ва пайваста ҳарб ҳамемекарданд, то ифритро бикушт ва зани хеш бозбурд.

Аммо касоне, ки Холиқро, ҷалла ҷалолаҳу, исбот кунанд ва ба савоб, аммо пайғамбарро мункиранд, чунин гӯянд, ки Худой, азза ва ҷалла, халқро бихонд, то аз эшон хоҳад, ки ба дигар кас ҷуз ӯро ҳоҷат набаранд, зеро ки андар ақли эшон дӯстии хайр ниҳод ва душмании шарр ва ҳамдостон набудан аз дигар кас ба чизе, ки ақл иҳтимол накунад ва мар табъи тани хешро мухолиф будан. Ва Худойро, азза ва ҷалла, ба бандагони хеш ҳоҷат набувад ва на ба ибодати бандагони хеш.

Ва чунин гӯянд, ки ба биҳишт расидан аз кирдори ақл бошад ва мухолифи табиъати тан, зеро ки он чизе аст, ки ҷустани он бас душвор аст ва ба хосса бар он субот кардан то бад-он мақсад расанд. Ва боз баъзе аз эшон гӯянд, ки расидан ба ҳаққ бар ҳақиқат ночиз гаштани тан бошад ва растан аз нафси касиф, ки тан бар гуноҳ ҳамл кунад ва онро ба чашм неку намояд. Ва баъзе оламро ба фалак ва тибб ва дигар илмҳо ва адабҳо бозбанданд. Ва эшон ҳама худовандони андешае бошанд, ки ҳамеша худ бар он тадбир гумошта бошанд.

Ва гӯянд, ки ба сахтӣ ва ранҷи бисёр бад-он ҷой тавон расид, ки фириштаро бибинӣ ва бар ту сухан гӯяд ва аз эшон қавоид гирӣ. Ва эшон китобҳои улум ва одоб ниҳодаанд ва чунин гӯянд, ки ба маҳсусот онҷо бирасанд, ки маъқулотро андарёбанд. Қисмати аввал истиъмоли хоста аст бад-он чӣ хоҳанд, пас андеша аст андар ҳилати берун шудан ба даъвоҳои эшон ва қамъ кардан чизҳоро, ки эшон касб кунанд ва шудани туҳмат аз ҳар

чизе, ки онро неку намоянд. Ва ҷойи ин ҳама решиён[254] кӯҳе аст, ки аз баҳри мухолифати тани хешро, сароҳо ба кӯҳ сохтаанд. Ва таоми хеш аз он хурмо ва наботу гиёҳ, ки (бад-он кӯҳ бошад), ҳамесозанд, то ҳавоси эшонро осонтар бувад, ки аз он набот хӯранд ба ҳамаи рӯзгори хеш, чашми эшон тезбинтар бошад ва дили эшон зудёбтар. Ва эшон ба ҳама чизҳо, ки орзу кунанд, бирасанд, аз борону боду жола ва фуруд овардани мурғ ва гирифтани вуҳуш ва андар ҳаво шудан чун мурғ. Ва афсун ин касон ниҳодаанд ва аҷоибҳои бисёр ниҳодаанд аз баҳри дуруст кардани мазҳаби хеш.

Чунин гӯянд, ки яке аз эшон ҷойе нишаста буд ва мурғон гирди ӯ бонги бисёр ҳамекарданд ва ӯ дуо кард, то он ҳама мурғонро парҳо фурӯ рехту биюфтод. Ва чун ин хабар ба малики он замона расид, фармуд, ки «ӯро аз вилояти ман берун кунед, то ба чизе дуо накунад, ки вилояти ман вайрон шавад».

Ва гурӯҳе, ки эшонро **накрбитиён** гӯянд, яънӣ ба оҳан бастагон. Эшон пайваста сару риши хеш ситурда доранд ва чуз аврат ҳеч андом напӯшанд ва аз миён то сина андар оҳан гирифта доранд ва гӯянд, то шикам боз нашавад аз бисёрии илм, ки андар ӯ аст.

Ва ҳамеша кӯза бо хештан доранд. Ва ҳеч касро илми хеш наёмӯзанд ва бо ҳеч кас сухан нагӯянд, то аз дини эшон нашавад.

Ва гурӯҳеанд, ки эшонро **Гангоётрӣ** гӯянд ва аз ин гурӯҳ андар Ҳиндустон ба ҳар ҷой бошанд. Ва суннати эшон он аст, ки ҳар кас, ки гуноҳе кунад, ки модару падарро биёзорад ва ё **сиййиъа** бар дасти ӯ биравад, ҷойе, ки бошад аз дур ва наздики Ҳиндустон аз он ҷо ба Ганг шавад ва бад-он об хештанро бишӯяд. Он каффораи гуноҳи ӯ бошад, агар андар он сафар бимирад, он аз вай қабул бошад.

Ва гурӯҳеанд, ки эшонро **чатрӣ** гӯянд ва бештар аз эшон амирзодагони ҳиндувон бошанд. Ҳама шиъаи мулук бошанд ва дини эшон хидмати мулук бувад ва ёрӣ додан ӯро ба ҳар ҳол. Гӯянд, мо хештанро ба ранҷ надорем бенафъе ё дафъе ва савоб он аст, ки хидмати мулук кунем ва пеши эшон бошем ва бо душмани эшон бикушем, агар зафар ёбем, миқдори мо ба назди подшоҳ бияфзояд ва ҷойи мо баланд гардад ва беҳтарин чизе аз дунё мо ёбем. Ва агар бад-он кушиш бимирем, биҳишт ёбем, бо ҳамаи ниъматҳои он. Ва ин табақа ҳама мардона ва шуҷоъ

[254] Дар ҳарду нусха раисон (?), вале саҳеҳи он «решӣ» аст, ки дар забони ведӣ ва санскрит донишманд ва доно бошад (А.Ҳ.)

бошанд ва худовандони шамшерҳои кашида ва бар ҷон додан сахт носабур бошанд.

Ва гурӯҳе бошанд, эшонро **Баҳодарвазиён** хонанд. Ва чунин гӯянд, ки се бародар буданд, ду тан ҳилат сохтанд, то ин бародари сеюмро, ки Баҳодарваз ном буд, аз асп биюфтоду бимурд. Пӯсти ӯ биёҳехтанд ва боз кашиданд. Ин фарохии замин аз он пӯсти ӯст ва кӯҳҳо аз устухони ӯст ва ин обҳо аз хуни ӯст ва ин дарахтон ва набот аз мӯйи ӯст. Ва зери ин рамз маънии дигар аст. Ва суннати эшон он аст, ки мӯйи дароз доранд ва аз ҳар ҷонибе фуруд овехта бошанд рост, чунонки аз зери мӯй берун нигаранд. Ва эшон садра пӯшанд ва даст ба остин берун карда ва сина кушода доранд ва занҷире бар миён баста доранд. Ва бо ҳар яке марде дигар бошад, ки занҷири ӯ гирифта дорад. Ва шароб нахӯранд. Ва ҳаққи эшон ба кӯҳе бошад, ки онро Чунъаз[255] хонанд. Ва эшон бад-он кӯҳ раванд ва бар Баҳодарваз навҳаҳо кунанд ва он кӯҳи Чунъазро биситоянд. Ва андар он кӯҳ хонае бузург сохтаанд ва сурати Баҳодарваз бар асп нишаста, нигошта. Ва ин хонаро даре аст, чун андар шаванд, даҳани хеш бибанданд, то дам бо бадани бут нарасад. Ва он ҷо қурбонҳо кунанд. Ва чун ин тоифа ба вилоятҳои дигар бираванд, он қиссаҳо ҳамегӯянд, ки мазҳаби эшон бар он аст ва сарро меҷунбонанд. Ва ба ҷуз аз он хона дигар хонаҳо бошад эшонро, ки сурати Баҳодарваз ва аз они ҳар ду бародараш Ҷун ва Марс нигошта бошанд ва бутон сохта, аммо он хонаро, ки ба кӯҳи Чунъаз аст, бузург доранд.

Ва гурӯҳеанд, ки эшонро **Маҳоколиён** гӯянд. Ва эшонро буте бошад, ки Маҳокол гӯянд. Ва ӯро чаҳор даст бошад ва ранги ӯ осмонгун бошад ва мӯйи бисёр бошад ӯро ва ашкҳои ӯ берун хазида бошад ва ишками ӯ баромада бошад ва пӯсти фил бар пушт афганда дорад, ки аз он ҷо хун ҳамеравад. Ва андар ҳар ду гӯши ӯ ду суъбон бошад ва андар чаҳор дасти ӯ суъбон бувад ва сари мардуму асо ва як дасти дигар сӯйи сар бароварда бошад. Ва тоҷе бар сар ниҳода дорад аз устухони косаи сари мардум. Ва чунин гӯянд, ки ин деве буда аст, ки ӯро бипарастанд аз бузургии қадри ӯ, ки бисёр хислатҳои неку бувад андар вай ва бисёр хислатҳои бад бувад. Ва аз баҳри ӯ дар Ҳиндустон бисёр буткадаҳо сохтаанд. Ва ҳар рӯз се бор аҳли ин мазҳаб бад-ин бутхона шаванд ва ӯро саҷда кунанд ва гирдогирди вай тавоф кунанд. Ва эшонро ҷойе аст, ки онро оҷир хонанд ва буте бузург аст ба сурати ӯ. Ҳоҷатҳои дунё ва охират бад-ӯ бардоранд ва илми азоим аз вай омӯзанд ва корҳои аҷоиб кунанд. Ва чунин

[255] Чунғар

гӯянд, ки ин ҳама аз таълими ӯ аст. Ва мард пеши ӯ ояд ва гӯяд, фулон зан маро деҳ ва ё фулон чиз деҳ маро. Ва боз баъзе пеши ӯ оянд ва ӯро парастиш кунанд. Ва чанд рӯз ҳеч чиз нахӯранд ва пеши ӯ тазарруъ ҳамекунанд ва ҳоҷат ҳамехоҳанд.

Ва баъзе чароғдони оҳанӣ бигиранд ва буни ӯ найза карда ва онро бар кафи дасти хеш ниҳанд ва бифшоранд, то аз кафи ӯ бозравад ва сӯрох шавад. Ва пас чароғ андар ӯ бияфрӯзанд ва ба ду зону пеши он бут бинишинанд ва зорӣ ҳамекунанд, ки ин омадан бад-ин хона аз мо бипазирад.

Ва гурӯҳеанд, ки эшонро **девотрӣ** гӯянд. Ва расми эшон он аст, ки буте кунанд ӯро бар гӯсола нишонда ва аз бари ӯ қуббаи баланд зада, пас он гӯсоларо бикашанд ва мардумон гирди ӯ тавоф ҳамекунанд ва дафу рӯдҳо ҳамезананд. Ва андар он рӯз ҳар чи дар вилоят қаҳба бошад, ҳама он ҷо гирд оянд ва он қаҳбагон бар аспон ва филон нишаста бошанд ва перояҳои бисёр баста. Ва мардумон пеши эшон ҳамераванд ва ҳамчунин он бутро тавоф ҳамекунанд. Ва ин андар фасли баҳор бошад. Ва чун ин рӯз бигзарад, он бутро ба ҷойи хеш бозбаранд. Ва мар ин бутро хазинае аст, андар он хазина бутон бошанд бар мисоли мулуки гузашта ва пешравони вилоятҳо ва имомони миллатҳо ва эшонро бутоне бошанд бар мисоли сутурону мурғон ва дадон. Ин ҳамаро андар он рӯз биёроянд ва ҳама мардон гирдогирди ӯ бозӣ ҳамекунанд ва чун он ид бигзарад, он ҳамаро ба хазина бозбаранд.

Ва гурӯҳе бошанд, ки эшонро **багтӣ** гӯянд. Ва расми эшон бошад, ки буте созанд бар сурати зане ва тоҷе бар сар ниҳода ва ӯро чаҳор даст, яке андар мехе зада ва ба дигаре шамшер кашида ва сеюм баҷҷар ва ба чаҳорум чаккар - ва ин ҳар ду силоҳи ҳиндувон бошад. Ва чун офтоб бар сари мизон ояд, ин бутро биёроянд ва тахте бузург бисозанд пеши ин бут ва ҳар чи набот ёбанд ва шохи дарахтон ҳамебиёранд ва бар он тахт ниҳанд ва бӯйҳои хуш он ҷо гирд кунанд. Ва пас қурбониҳо кунанд. Ва ончунон кунанд, ки биёранд говмеш ва гӯсфанд аз навъе ва алаф пеши эшон кунанд, то ҳамехӯранд. Чун сар бароранд, гардани он ҷонвар бизананд, ки сар барорад, ба шамшер пеши он бут ва ин қурбони эшон бошад. Ва ҳамчунин ҳамекунанд, то ид бигзарад ва ин оммаи эшон кунанд. Аммо мулуки эшон биёранд марде сурхмӯй ва сабзчашм, пеши он бут катораи тез зада бошад ва тезӣ аз боло карда ва бифармоянд он мардро, то бар он катора сар биниҳад ва марде бар сари ӯ бизанад, чунонки он катора то даста андар пешонии ӯ шавад ва дарсоат бимирад. Ва чунин

гӯянд эшон, ки бад-он музде бузург ёбанд. Ва андар ин вақт шодиҳо бисёр кунанд ва меҳмониҳо созанд ва шароб хӯранд.

Ва гурӯҳеро **ҷалбаҳгатиён** гӯянд, яънӣ обпарастон. Ва чунин гӯянд, ки бар об фириштае аст ва об асли ҳама наботу ҷонвар аст ва асли зиндагонӣ ӯ аст. Ва ҳар ҷойе, ки аз ӯ зиёдат бошад, он ҷо наботу таваллуди ҷонвар ва иморати ҷаҳон беш бошад. Мард биёяд ва андар об шавад то миён ва аз ду соат зиёдат андар ӯ бошад ва сипарғамҳо андар даст гирад. Пас онро пора-пора ҳамекунад хурд-хурд, пас андар об афганад ва худ ошно ҳамекунад ва чизе ҳамехонад. Ва чун бозхоҳад гашт, обро ба даст бичунбонад ва миқдоре аз ӯ бигирад ва бар сар афганад ва бар ҷойе, ки аз об берун бошад, пас бозгардад ва обро саҷда кунад.

Ва гурӯҳеро **агнӣ ҳутариён** гӯянд, яънӣ оташпарастон. Ва эшон чунин гӯянд, ки оташ бузургтарини унсурҳо аст ва муҳимтарини гавҳарҳо аст ва ҳар ки хештанро бад-ӯ бисӯзад, аз ҳама палидиҳо пок шавад. Ва он оташ баланд гардад. Ва эшон чоҳе бикананд чаҳорсӯ ва оташи бисёр андар ӯ бияфрӯзанд ва пас биёранд таому ҷома ва зару симу ҷавоҳир ва донгуҳо ва бӯйҳои хуш ва андар вай афгананд. Ва гирди он тавоф ҳамекунанд. Ва ин қавмро маликони бузург бошанд.

Ва гурӯҳеро **ҷандарбаҳгатиён** гӯянд, яънӣ моҳпарастон. Ва эшон чунин гӯянд, ки моҳ фириштае аст аз фириштагони бузург. Ва ӯро буте сохтаанд бар гӯсола нишаста. Ва пеши ӯ чаҳор бут сохта ва ба дасти он бут гавҳаре. Ва ин қавм аз ҳар моҳе ниме рӯза доранд, то моҳ тулуъ накунад, рӯза нагушоянд. Ва чун моҳ бар шавад, бар бом шаванд ва бӯйи хуш кунанд ва моҳ ба рӯйи неку бинанд. Пас ба хона фуруд оянд ва рӯза бигушоянд. Ва пеши он бут оянду пой кӯбанд ва бозӣ кунанд.

Ва гурӯҳеро **авбаҳкатиён** гӯянд, яънӣ офтобпарастон. Буте сохтаанд бар гӯсола нишаста ва чаҳор асп бар вай сахт карда ва пеши он бут фириштае аст аз фириштагон, ӯро бипарастанд ва саҷда кунанд. Ва пас нойу даф зананд пеши ӯ ва ӯро зиёъу ғалла фаровон бошад ва эшонро андар ин бут суханҳо бисёр аст. Беморон биёянд ва пеши ӯ шаборӯзӣ рӯза ҳамедоранд, -ки эшон «ланкҳан» гӯянд- то хоб бинанд, ки ӯро бигӯянд, ки муроди ту ҳосил аст, он вақт рӯза бигшоянд. Ва аз ин бут ду буда аст ва амир Маҳмуд, раҳмату-л-Лоҳ, якеро барканд ва дигаре дар Ҳиндустон аст.

Ва гурӯҳеанд, ки эшонро **Маҳобарафтон** гӯянд. Ва расми эшон он аст, ки марде ба гӯристон шавад ва аз он устухони сӯхтаи мурда бигирад ва пас андар ободонӣ ояд ва бонг

ҳамекунад ва мардумонро тавбихҳо ҳаменамояд: «Ё осиёни гунаҳкорон, ки асири ҳаво шудаед ва бандаи табиъат гаштаед ва андар фитнаи ҳаво уфтодаед, то кай аз куштани падарону муҷомиъат кардани модарон (яънӣ мардону занон)! Ҳаргиз тавба наёбед, то ҳамчун ман бишавед ва ба роҳи ман биёед. Хештанро андар ёбед ва залил гардонед, то азиз гардед».

Ва гурӯҳеанд, ки эшонро **амркачриён** гӯянд, ки ба вуҳуш монанд. Ва эшон чун чаҳорпой раванд ва гиёҳ хӯранд ба даҳан ва ҳаргиз мӯй барнадоранд. Ва эшон ба ҳеч чиз ба кор наоянд.

Ва гурӯҳеанд, ки эшонро **вериён** гӯянд, яънӣ хомӯшон, ҳеч касро наёзоранд ва ранҷ нанамоянд ва бо ҳар кас сухан нагӯянд ва ҳар чи ёбанд аз таом он хӯранд ва гӯшт нахӯранду зан накунанд.

Ва гурӯҳеанд, эшонро **нексиён** гӯянд, яънӣ роҳибиҳиштҷӯён. Андар ободониҳо оянд ва занону қавм бо эшон ҳамеоянд ва андар бозор ҳамегарданд. Ва пас ба андеша фурӯ шаванд ва замоне дер бибошанд. Пас биншинанд ва бонг кунанд, ки «рафтан фаромӯш кардам». Пас марде биёяд ва пойи ӯ бигираду биниҳад ва ёри дигар пойи ӯ пеш ниҳад ва ҳамчунин чанд гом ӯро ба таклиф равонанд, гӯяд: «чунин рав». Ӯ биравад ва бар вай дуо кунад.

Ва гурӯҳеро **каштакратиён** ва **сидар** гӯянд. Ва эшон бараҳна бошанд ва ҷуз аврат ҳеч андом напӯшанд. Асое доранд бар гардан ниҳода ва кадуе, ки андар вай ҳар чизе дорад ва харитае, ки андар ӯ таом дорад аз он асо овехта ва ба дасти дигар мизалла аз пари товус. Ва ин қавм аҳли ҷадал бошанд. Ва бо ҳар марде шогирде ҳамеояд. Курсӣ доранд, ки бар вай нишинанд ва эшонро ҳама рӯз ҳеч кор набошад, ҷуз мӯй кандан аз сару мижаву абрӯ ва риш, ва ҳар мӯйе, ки ба андом бошад, ҳамеканад. Бад-он азоби тан хоҳад. Ва гӯянд, малике буд, бар он мазҳаб рағбат кард ва ӯро бараҳна карданд. Пас гуфтанд: «ин ҳама мӯйи ту бибояд канд». Ва гуфтанд: «чун мӯйи ту ҳамекананд, ҳеч фарёд макун, илло ҳамегӯӣ: «ай роҳато!» Чун бисёр бикананд ва дардманд шуд, фарёд кард. Гуфтанд: «табоҳ кардӣ кор». Боз хомӯш кард ва ба гуфтан истод, ки «ай роҳато». Гуфтанд: «агар ҳамчунин бигӯйӣ, то он ҳама мӯйи ту канда шавад, биҳишт биёбӣ». Ва мӯй ба кандан гирифтанд ва сахт ранҷ расид бар вай. Низ сабр надошт, хештанро аз дасти эшон бистад ва ба ҷойи хеш ва мазҳаби хеш боз шуд. Гуфтанд: «чаро чунин кардӣ?» Гуфт: «бибояд гурехт аз мазҳабе, ки ибтидои ӯ дурӯғ бошад».

Ва касоне бошанд аз эшон, ки хештанро ба оташ бисӯзанд ва он чунон кунанд, ки чоҳе кананд наздики об ва он чоҳро

пуроташ кунанд ва ин касе биёяд ва хештанро бухур кунад ва бар ҳар кас сачда кунад ва хештанро андар он чоҳ андозад ва чун оташ андар вай уфтад, берун ояд ва андар об шаваду ғӯта хӯрад, то замоне дер, ки (оташ) бихоҳад мурд. Пас боз андар оташ шавад ва боз андар об шавад. Ҳамчунин кунад, то бимирад, агар андар об бимирад, ё андар оташ, эшон гӯянд, биҳиштӣ буд ва агар андар ду миён мирад, тофта шаванд ва гӯянд, биҳишт наёфт.

Ва баъзе сангҳо битобанд ва пастон бозхуспанд ва он сангрезаи тофта бар ишками ӯ ҳамениҳанд, то ишками ӯ сӯрох шавад ва рӯдагонаш берун ояду бимирад.

Ва баъзе чаҳор оташ бияфрӯзанд ва миёни оташ бинишинанд, як пойро ба як даст карда ва бар як пой истода. Ва ҳамчунон ҳамебошанд, то оташ андар вай уфтад ва зардоб аз вай ҳамедавад. Пас заиф гардад ва биюфтаду бимирад ва бисӯзад.

Ва баъзе аз рони хеш ва аз гӯшти хеш пораҳо ҳамебуранд ва банд-банд ҳамекунанд ва андар оташ ҳамеандозанд ва чизе аз он хонишҳои эшон ҳамехонанд. Ва мардумон гирди ӯ истода ва ӯро ҳамеситоянд ва рағбат ҳамекунанд ба музди ӯ ва дуо ҳамекунанд, ки магар Худой, азза ва ҷалла, ба эшон ҳамон мартаба арзонӣ дорад. Ва ҳамчунон ҳамекунад, то бимирад.

Ва баъзе андар саргини гов шаванд, то соқ ва бинишинанд ва оташ андар он саргин зананд. Ва ҳамесӯзад ва ин ҳамчунон ҳамебошад ва оташ андаргирад ва ҳамесӯзад ӯро, то биюфтаду бимирад.

Ва баъзе танӯре битобанд ва ин мард андар ӯ бинишинад ва оташ андаргирад ва ҳамесӯзад ва мардумон аз вай ҳамепурсанд, ки «сипарғами биҳишт он ҷо расид?» ва вай ҷавоб ҳамедиҳад, то бисӯзаду бимирад.

Ва боз баъзе хештанро ба гуруснагӣ ва ташнагӣ бикушанд ва эшонро **аншиён** гӯянд. Кас бошад, ки бистум рӯз бимирад ва баъзе то сӣ рӯз муқовимат кунанд. Аввал аз рафтан бозмонанд, пас аз нишастан, пас аз сухан гуфтан, пас ҳисси эшон ботил шавад ва чун чӯбе хушк гарданд, пас низ ҳаракат накунанд ва бияфсуранд.

Ва гурӯҳеанд, эшонро **таршулиён** гӯянд. Ва расми эшон он аст, ки дарахте аст, ки онро боту гӯянд ва табъи ин дарахт он аст, ки аз замин барояд ва боло кунад ва шохи дароз аз вай берун шавад бар ҳар ҷонибе ва сӯйи замин ояд, бех кунаду барояд. Ва ҳамчунин ҳамешавад ва агар бигзоранд, вилояте бигирад, аммо лахте аз вай бибуранд ва баъзе бисӯзанд, то қуввате бештар гирад. Ва аҳли ин миллатро ҷойе аст, ки оби Ганг он ҷо ҷамъ шавад ва он ҷо дарахте азим аст ва паҳн боз шуда ва зери дарахт

чизе насб карда, ки онро «таршул» гӯянд, аз оҳан бошад чун амуде андар миён фуруд бурда ва аз бари об чанд даҳ раш боло монда ва ситабрии ӯ чун чӯбе ҳарчи ситабртар ва сари ӯ се шох карда ва ин шохҳои дароз ва ситабр тез карда ва покиза зудуда. Ва чун оташ ҳамедирафшад, марде, ки аз гузораи об наздики дарахт нишаста ва китоб ҳамехонад, рӯди Гангро ҳамегӯяд, ки «ё бузург, ё паркар, ё роҳи биҳишт, ту он ҷӯйӣ, ки аз миёни биҳишт берун ҳамеойӣ ва мардумонро бад-ӯ ҳаме роҳ намойӣ. Хунук онро, ки бар ин дарахт ҳамешавад ва хештанро бар тан ба амуд занад». Ва касон он ҷо бошанд ва он ҳамешунаванд. Яке бар он дарахт шавад ва хештанро бар он амуд занад ва бар он тезии он пора шавад ва андар он об уфтад. Ва касоне, ки он ҷо бошанд, бар вай дуо ҳамекунанд ва гӯянд, ба биҳишт рафт.

Ва гурӯҳеанд (ки эшонро….. гӯянд). Ва расми эшон он аст, ки ҳар рӯз мардон биёянд ба ҷойе , ки Ганг гирд шавад бо оби Ҷун. Ва бо ҳар яке аз эшон силоҳ бошад тез чун шамшеру ханҷар ва дигар тезиҳо. Яке аз он обидон хоҳад, ки хештанро пок кунад ва ба Эзад, таъоло, тақарруб кунад. Пеши он қавм ояд ва эшон ҳар чи доранд аз либосу пероя ва тавқҳои зарин ва дастбандҳову он чи бад-он монад, бар вай афгананд ва пас он тезиҳо, ки доранд, бар вай ба кор баранд ва ӯро бикушанду ба ду пора кунанд, Як пора андар чӯйи Ганг афгананд ва як нима андар Ҷун андозанд ва гӯянд, ин ду ҷӯй ӯро ба биҳишт баранд.

Ва аз эшон қавме бошанд, ки обиде аз миёни эшон берун ояд ба саҳро ва қавме анбӯҳ бо вай бираванд ва дуо ҳамекунанд ва тарғиб ҳаменамоянд. Пас аз эшон танҳо шавад ва ҷойе андар танҳо бинишинад. Ва ҳамаи туюри шикара, чун уқобу каркас ва бозу шоҳин ва ғаливозу ҳумой ва он чи бад-ин монад бар вай гирд оянд ва ӯ сокин бинишинад. Пас ин мурғон фарози ӯ оянд ва густох ҳамешаванд, то ба минқор бизананд ӯро, пас аммомаи ӯ бидаранд. Пас гӯшташ бикананд ва ӯ хомӯш ҳамебошад ва низ оҳ намекунад, то ҳамаи гӯшти ӯ бибаранду бихӯранд ва ӯ андар он ҷон бидиҳад ва ҳаракат накунад. Пас ҳамаи гӯшти ӯ он туюр бихуранд ва устухони ӯ бимонад. Ва чун мардумон бираванд, аҳли ин наззора бар он оянд ва ҳар кас аз он устухон аз баҳри табаррукро порае бардоранду бибаранд ва бисӯзанд ва он устухони сӯхтаро андар хонаҳо нигоҳ доранд ва ба вақти ҳоҷат андар илоҷҳои беморон, ки сахт муҳим уфтад, ба кор доранд.

Ин буд маъорифи ҳиндувон, ки падид кардам ва он чи ёфтам, ин ҷо падид кардем. Ва биллоҳ ат-тавфиқ алайҳи ат-таклон.

(БОБИ БИСТУ НУҲУМ
АНДАР МАЪОРИФИ ЗАНГИЁН

Зангиён уммате азиманд. Ва чунин гӯянд, ки зангиён аз арзоли аснофанд ва мизоҷи эшон рихват бувад, зеро ки замини эшон муҳтариқ аст ва аз надовати таъсири офтоби он ҷо. Аз ин рӯ алвони эшон сиёҳ бувад аз ғояти сӯхтагӣ ва роиҳаи эшон кареҳ ва ройи эшон фосид ва ғолиб бар эшон тараб бувад. Ва баъзе ҳукамо гӯянд, он тарабро сабаб иътидоли дами қалб аст ва баъзе гӯянд, аз хавосси Суҳайл аст, зеро ки Суҳайл ҳама шаб он ҷо тулуъ кунад.

Эшонро шариате нест, лекин мулуки эшонро русум ва сиёсати марҷиъ бувад ва низ гӯянд, қавме аз эшон бар миллати насронианд ва ба ҳулул.

Агар малики эшон зулм кунад, раоё ҷумла мутаффиқ шаванд ва маликро қаҳр кунанд ва дигареро биншонанд. Ва гӯянд, ки золимро нашояд, ки ноиби Худой дар замин бошад.

Оҳан дар миёни эшон чунон бувад дар иззат чун зару сим дар миёни мардуми дигар ва аз он ҳуло созанд аз ҷиҳати зинат.

Маркуби эшон гов бувад ва он синфе аст аз бақар, ки дар билоди зангиён бувад ва рафтори ӯ хуш бувад, бихусбаду бархезад. Ва чун уштур чашмҳои ӯ сурх бувад чун хуну ҳарб бар пушти гов кунанд.

Гӯянд, эшонро малике бувад, номи ӯ Корбил ва ба вай иътиқоди азим доранд. Ва чунон намояд, ки Корбил таом нахӯрад ва шароб пинҳон хӯрад. Ва агар касе бар он иттилоъ ёбад, ӯро ҳалок гардонад. Ва ӯро даст мутлақ бувад бар раоё, ҳар чи хоҳад бистонад ва ҳар ки хоҳад, истирқоқ кунад).

(БОБИ СИЮМ
АНДАР АХБОРИ ТАБИБОН

….) илм ба ҳар кас рағбат карданд ва биёмӯхтанд аз баҳри субот илмро, то нопадид нашавад. Ва чун Буқрот берун омад ва бимурд, ӯро шогирдон монданд ва аз фарзандони Асқалбилус, чун Солисус ва Дароқан ва Моёорсиё - духтари ӯ ва аз дигар шогирдон чун Буқрот ибни Солисус ва Буқрот ибни Дароқан ва Лодан ва Мосирҷис ва Максонус ва Фулус, ки беҳтарин ва бузургтарини шогирдони ӯ буд. Монисун ва Астос ва Соврӣ ва Ғурис ва Санбулқиюс ва Сосолис. Ва илми тибб андар миёни ин тоифа буд, то Ҷолинус ва табибоне, ки андар фитрати Буқрот ва

Ҷолинус буданд Санбулқиюси табиб буд, ки кутуби Буқротро тафсир кард ва Анқилоус ва Мулуқис ва Арастротилиси Қиёсӣ ва Ғолус ва Масридитус, худованди Ақоқир ва Сантолис муфассири китоби Буқрот ва Мойинус ва Ғурус ва Минис ва Андардамохис ва Урос ва Сунохис ва Рофисмаҳра ва Модомумус ва Арсиқонис ва Мосқиридус ва Тимовус ва Сабодаритус – ки ӯро мавҳабатуллоҳ гуфтандӣ ва маъҷун бар номи ӯст – ва Масиновис, ки илми тибб ӯ гушод ва Мориси Куйӣ.

Ва чун Ҷолинус берун омад андар кутуби авоил бингарист ва бисёр сухани мутаноқиз дид андар он китобҳо. Пас иҳтиёт кард, ҳамаи китобҳо ба истиқсо фуруд нигарист ва ҳар чи мутаноқиз буд, бисӯхт ва он тариқро ботил кард. Ва ӯро шогирдон буданд, чун Афритӣ ва Афомус ва Ҳорбиксолис ва Арсолус ва Моринқус ва Фоқутус ва Морис ва Маръолис ва Ҳириси табиб ва Булос ва Ҳоҳуқо ва Калмолис ва Филиси Ҳалқурӣ, ки бемории саъбро илоҷ кардӣ ва ҳаргиз ӯро хато наюфтодӣ.

Ва Димиқротис ва Батлимиуси табиб ва Модифис ва Содирлус, ки ӯро соҳир лақаб буд ва Балодиюс – муфассири китоби Буқрот ва Фалодқатурлӣ буд, табибае, ки Ҷолинус аз вай бисёр доруҳо омӯхт, хосса чизҳое, ки мар занонро ба кор ояд, ва Девҷониси табиб ва Аслимуси каҳҳол ва Асфалсорис Балодурӣ ва Буқроти Гиворишӣ ва табибоне, ки миёни Ҷолинус ва Исҳоқи Ҳанин чун Истифани Искандаронӣ ва Ҷосиюс ва Инқиловус ва Моринус. Ин ҳар чаҳор искандарониён буданд, ки кутуби Ҷолинусро тафсир карданд ва баъзе мухтасар карданд ва баъзеро шарҳ карданд.

Ва Тимовуси Тарсусӣ ва Симрӣ, ки ӯро Ҳилолӣ хондандӣ, зеро ки ҳама рӯз андар хона ба таълифи кутуб машғул будӣ ва берун наёмадӣ ва Арибосиюс, худованди Куннош ва Фулиш худованди Кунноши сурайё ва Диёсқуридуси қаҳҳол ва Арибосиюс ал-Қавобилӣ, ки иллатҳои занон неку донист ва Афринитуси Искандаронӣ ва табибоне, ки аз аҳди Исҳоқи Ҳарнин буданд, то бад-ин ғоят, чун Собити Қурратулҳарронӣ ва Юҳанно ибни Сирофиюн ва Собур ибни Саҳл ва Муҳаммад ибни Закариё ва Исо ибни Саҳорбахт ва Юҳанно ибни Мосуя ва Бахтишуъ ибни Ҷабраил ва Юсуф ибни Сому (…

Чунин гӯяд Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ, фарозоварандаи ин китоб, ки ахбори табибон гирд кардам) аз ҳар ҷойе ва ин ҷо биёвардам ва шояд бувад, ки чуз эшон табибҳост, аммо ахбори эшон ёфта нашуд, то маъзур бишмаранд.

ТАЪЛИҚОТ

Сафҳаи 54. «… аз роҳи дарё ба Мозандарон омаданд, ки ӯро Яман гӯянд…» Ин иборат чунон ҳикоят дорад, ки он «Мозандарон», ки ӯро «Яман» хонанд, ҷуз ин «Мозандарон», ки ноҳияе васеъ аз ҳошияи дарёи Мозандарони кунунӣ (баҳри Хазар, ё Каспий- Қ.Р.) аст, мебошад. Дар дебочаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ, ки ба соли 346 сомон ёфта, омадааст: «Офтоб баромаданро Бохтар хонданд ва фурӯ шуданро Ховар хонданд ва Шому Яманро Мозандарон хонданд ва Ироқу Куҳистонро Савристон хонданд…» Он Мозандарон, ки онро Яман мегуфтанд, дар «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас», ки ба соли 520 ҳиҷрии қамарӣ таълиф шуда, «Мозандарони мағриб» номида шудааст: «Фаридун Қорани Коваро ба Чин фиристод, то Кӯши Пилдандонро бигирифт. Баъд аз он ба Мозандарони мағриб рафт ва Курӯз – шоҳи эшонро бигирифт. Баъд аз он Наримонро ба Ҳиндустон фиристод…».

Номи Мозандарон барои ноҳияи ҷануби дарёи Мозандаронро «муҳадас» (ҷадид, тоза) донистаанд. Дар «Таърихи Табаристон» таълифи Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Исфандиёр Лориҷонии котиб, ки ба соли 613 ҳиҷрии қамарӣ сомон ёфта, омадааст: Мозандарон муҳадас аст, ба ҳукми он ки Мозандарон ба ҳадди мағриб аст ва ба Мозандарон подшоҳе буд, ки чун Рустами Зол он ҷо шуд, ӯро бикушт.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Мозандарони мағриб (Яман) ҷойе нохушоянд ва зишт тавсиф мешавад:

Яке кӯҳ ёбӣ мар ӯро ба тан,
Бару кифту ёлаш бувад даҳ расан.
Чу з-он бигзарӣ санглох асту дашт,
Ки оҳу бар он барнаёрад гузашт.
Зи Базгӯш то шаҳри Мозандарон
Раҳе зишту фарсангҳои гирон.

Ба шаҳре куҷо нармпоён буданд,
Суворони пӯлодхоён буданд.
Касеро, ки бинӣ ту пой аз давол
Лақабшон чунин буд бисёр сол.
Бад-он шаҳр буд шоҳи Мозандарон,
Ҳам онҷо далерону гундоварон.

Ва Мозандарони ноҳияи шимолии Албурзкӯҳ ҷойе хурраму ободон ба васф меояд:

Ба барбат чу бояст барсохт руд,
Бароварда мозандаронӣ суруд.
Ки, Мозандарон шаҳри мо хуш бод,
Ҳамеша бару бумаш обод бод,
Ки дар бӯстонаш ҳамеша гул аст,
Ба кӯҳ андарун лолаву сунбул аст,
Ҳаво хушнигору замин пурнигор,
На гарму на сарду ҳамеша баҳор,
Навозанда булбул ба боғ андарун,
Гурозанда оҳу ба ба роғ андарун.
Ҳамеша наёсояд аз ҷусту ҷӯй,
Ҳамасола ҳар ҷой ранг асту бӯй,
Гулоб аст гӯйӣ ба ҷӯяш равон,
Ҳаме шод гардад зи бӯяш равон.
Дайу баҳману озару фарвадин,
Ҳамеша пур аз лола бинӣ замин.
Ҳамасола хандон лаби ҷӯйбор,
Ба ҳар ҷой бози шикорӣ ба кор,
Саросар ҳама кишвар ороста,
Зи динору дебову аз хоста,
Бутони парастанда бо тоҷи зар,
Ҳамон номдорони зарринкамар,
Касе к-андар он буми обод нест,
Ба ком аз дилу ҷони худ шод нест.

(Тавзеҳ: Бархилофи ин назар порчаи охир низ на дар бораи Мозандарони ҳошияи Хазар, балки дар васфи Мозандарони Яман аст ва сурудаи дев аст, ки барои фирефтани Ковус дар боргоҳи ӯ суруд ва ӯро моил ба фатҳи Мозандарон кард. Ду пораи аввал ва ин пора низ – ҳар се аз достони Ҳафт хони Рустам ва нома нигоштани Ковус ба шоҳи Мозандарон мебошанд ва ҳама мутааалиқ ба як мавриданд. (Ниг. Шоҳнома, ҷилди дувум, Душанбе, «Адиб», 1987, с. 30-31; 72-73; 88-89). Дар «Шоҳнома»-и Саолибӣ, ки ба забони арабист, ба Мозандарон рафтани Ковус «Ёдкарди ангезаи рафтани Кайковус ба Яман ва паёмади он» ном дорад. Ва дар ин китоб суруди дев чунин васф шудааст: «Дев дар миёни навохтани созу овоз сурудашро ба ситоиш аз Яман кашонд ва гуфт: Яман, ваҳ, ки ман чӣ гуям аз Яман, аз зебоиҳояш, ё ки аз покизагиҳояш! Хушо ба рӯзгори бошандагони он. Тобистонаш гарм нест ва зимистонаш сард на. Миёни гулҳо ва меваҳо, ангур ва хурмоҳои тозаи он ҷудоие нест. Соягоҳҳои

он дилпазир, боғҳояш рангоранг ва ҳаво хушбӯ ва гулҳои он дилангез …» («Шоҳнома»-и Саолибӣ. Таҳиягар ва муаллифи сарсухану таълиқот Н.Зоҳидов. Китобхонаи миллии Тоҷикистон. Душанбе , «Бухоро», 2014, с. 107.) Муҷтабо Минувӣ муътақид аст «дар «Шоҳнома» ва китобҳои ҳамасри он зоҳиран лафзи Мозандарон ба маънии Табаристон ба кор нарафта аст, магар он ки ба нудрат иборате ва шеъреро битавон чунон тафсир кард» (ниг.: Ҳусайн Шаҳидии Мозандаронӣ. Фарҳани «Шоҳнома», номи касон ва ҷойҳо. Теҳрон, нашри «Балх», 1377, зайли «Мозандарон») - Қ.Р.)

Сафҳаи 60. «Шопур ибни Ашк… Чун аз мулки ӯ чиҳил сол бигзашт, Исо ибни Марям, алайҳу-с-салом, берун омад….».

Андаке диққат дар ончи ки Гардезӣ дар бораи Исо ибни Марям навишта, нуктае бас муҳим аз таърихи Эрон ва яке аз вогардҳои сахт ҷолиби таваҷҷуҳи мунҳании таҳаввулоти иҷтимоии эрониёнро ошкор мекунад. Қадам ба қадам пеш меравем. Дар «Зайну-л-ахбор» омадааст:

Искандар «андар иззу ноз бимурд ва тобути ӯ ба Искандария оварданд». «Ибтидои таърихи искандарӣ аз подшоҳии Улоъус (ки билофосила баъд аз Искандар мулкат ёфт) ниҳоданд ва аз мулкати ӯ сездаҳ сол гузашта буд, ки таърихи искандарӣ ниҳоданд» .

Мабдаъи таърихи искандариро 113685 рӯз пеш аз мабдаъи таърихи милодӣ додаанд. Пас 113685= (311х 365/25)+93.

Ва ин бад-он маънӣ аст, ки мабдаъи таърихи искандарӣ дар соли 312 (=1+311) қабл аз мабдаъи таърихи милодӣ аст ва чун сездаҳ сол пас аз оғози мулкати Улоъус таърихи искандарӣ ниҳодаанд, пас Искандар дар соли 314 пеш аз мабдаъи милодӣ мурдааст.

Боз дар ҳамин китоби «Зайну-л-ахбор» омадааст: «Чун вай (Искандар) бимурд, ҷаҳон бе шоҳ бимонд ва ҳар кас вилояте ва шаҳре бигирифт ба муроди хеш ва ҳама хасисон бар шарифон мусаллат гаштанд ва низ амне намонд андар ҷаҳон ва подшоҳӣ заиф гашт, то Ашк берун омад ва Антихус , ки Антокия бино карда аст, берун омад ва бо Ашк ҳарб кард. Саранҷом Ашк мар Антихусро ҳазимат кард ва он подшоҳӣ бигирифт.

Ашк ибни Балош ибни… Кайковус аввал малике аз тавоиф ӯ буд ва ҳамаро андар ӯ бозхонанд, яъне Ашкониён. Ва эшон подшоҳӣ худ гирифтанд ва аз кас наёфтанд ва аввал нишаст ба Ҷибол буд ва Савод, он ҷо нишастӣ.

Шопур ибни Ашк. Подшоҳӣ бигирифт ва чун аз мулки ӯ чиҳил сол бигзашт, Исо ибни Марям, алайҳуму-с-салом, берун омад ва пайғамбарӣ даъво кард ва мурда зинда кард ва халқро бар Худой, азз ва ҷалл, хонд».

Дар ин ривояти Гардезӣ чанд нуктаи муҳим ногуфта монда аст: чанд сол баъд аз марги Искандар Ашк берун омад? Ҷангҳои Ашк бо сойири руқабо – масалан Антихус - чанд сол тӯл кашид? Пас аз он ки Ашк руқаборо аз майдон бадар кард ва подшоҳӣ бигирифт, чанд сол салтанат кард? Барои ёфтани посухи ин суолҳо ва суолҳое аз ин даст, ба сойири манобеъ мурочиа мекунем.

Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайн Масъудӣ дар китоби «Мурав-вичу-з-заҳаб ва маъодину-л-ҷавҳар» навишта аст: «Аввал подшоҳ аз мулуку-т-тавоиф Ашк ибни Кайковус шоҳ буд, ки дах сол подшоҳӣ кард. Пас аз Ашк Шопур писари Ашк буд, ки шаст сол подшоҳӣ кард ва дар соли чиҳилу якуми ҳукумати ӯ ҳазрати Масеҳ, алайҳу-с-салом, дар Илиёи Фаластин зуҳур кард».

Муттаҳар ибни Тоҳири Мақдисӣ дар китоби «ал-Бадаъ в-ат-таърих» навиштааст: «Мулук-ат-тавоиф … ҳамон гуна ки Искандар эшонро бад-он дошта буд, боқӣ монданд. Ва эшон Ашк фарзанди Дороро бузург медоштанд ва ӯро подшоҳ мехонданд ва аз Мавсил то Райу Исфаҳон қаламрави фармонравоии ӯ буд. Он гоҳ Ашки Ашконӣ дах сол подшоҳ буд ва сипас Шопури Ашконӣ шаст сол подшоҳӣ кард ва ба рӯзгори ӯ буд, ки Исо, алайҳу-с-салом, дар сарзамин Фаластин зуҳур кард.

Дар такмила ва тарҷумаи «Таъриху-р-русул ва-л-мулук» (Таърихи Табарӣ), ки ба Таърихи Балъамӣ шуҳрат дорад, омадааст: «Нахустин кас аз Ашкониён Ашк буд ва пас аз вай, Ашк ибни Ашк ба ба мулк андар дах сол биншаст ва аз паси вай бародараш Шопур ибни Ашкон шаст сол … ва чун аз мулки ӯ чиҳил сол бигузашт, Исо ибни Марям, алайҳу-с-салом, ба ҷаҳон андар падид омад ба пайғамбарӣ».

Аз ин ривоёт, ки аз манобеъи мутаъаддиди мухталиф нақл шуд, дастгир мешавад, ки дар соли 41 подшоҳии Шопур Исо зуҳур карда аст. Пеш аз Шопур Ашк 10 сол салтанат карда аст. Ашк баъд аз Искандар силсилаи Ашкониёнро бунёд ниҳода аст.

Дар ин сурат, агар Ашк билофосила баъд аз марги Искандар ба салтанат расида, силсилаи Ашкониёнро таъсис карда бошад, Исо дар соли 51 (=10+41) аз ибтидои салтанати Ашк зуҳур карда аст ва чун Искандар (чунонки пештар гузашт) дар соли 324 пеш аз мабдаъи милодӣ мурда аст, пас Исо дар соли 273 (=324- 51) пеш аз мабдаъи милодӣ зуҳур карда аст.

Аммо, агар манзур аз калимаи «Искандар» дар ин ривоётро таърихи искандарӣ фарз кунем (ва феълан шумо, хонандаи гиромӣ, бузургворӣ бифармоед ва аз ин қаламзан бипазиред, ки ин фарз ба сиҳҳат наздиктар аст), дар он сурат Ашк муддати 10 сол баъд аз мабдаъи таърихи искандарӣ ба салтанат расида буда ва пас аз вай Шопур ба тахт нишаст ва дар соли 41 аз салтанати вай, Исо зуҳур карда аст, пас Исо дар дар соли 65 аз мабдаъи таърихи искандарӣ, яънӣ дар соли 247 пеш аз мабдаъи милодӣ зуҳур карда аст.

Ростиро, ки ин Исо, ки дар соли 41 подшоҳии Шопур дар авоили салтанати Ашкониён зуҳур мекунад, «меҳри» паёмовар аст. Ҳамон меҳр, ки чархи хуршедро ба нишонаи оламгир будани ойинаш ба шакли чалипо ба даст мегирифт ва ё дар тасовираш пушти сари вай нақш мекарданд, ки ба ҳангоми рафтан аз ин ҷаҳон шоми охирро баргузор кард, ки барои мақомоти ойинӣ маротиби ҳафтгонаро барқарор кард, ки кулоҳи гӯшадор бар сар мегузошт, ки маросими тақдиси вай ба сурати тақдиси Исои Носирӣ ва маросими калисоӣ таҳаввул ёфт.

Сафҳаҳои 70-74. Чунонки дар ин сафаҳот аз «Зайну-л-ахбор» мулоҳиза мефармоед, дар «Зайну-л-ахбор» аз Хусрави Парвиз то Яздигурд нуҳ тан, ки дар поёни давраи Сосониён ба тахт нишастаанд, ёд шуда аст, он ҳам сахт қаламандоз ва мухтасар, ки албатта, бо сойири манобеъ, ва он манобеъ низ бо ҳам ба ваҷҳи шигифтиоваре мутафовит ҳастанд. Бибинем:

Қадимтарин ривоят дар бораи таърихи солҳои Сосониён, ки - бо восита – бад-он дастрас дорем, қавли Мӯсо ибни Исо Кисравӣ (Хусравӣ) аст, ки Ҳамза ибн ал-Ҳасан ал-Исфаҳонӣ дар китоби «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё» ба соли 346 ҳиҷрии қамарӣ нақл карда ва муаллифи китоби «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас» ба соли 520 ҳиҷрии қамарӣ онро инчунин ба форсӣ баргардонида аст:

«Андар ривояти Ҳамзаи Исфаҳонии таърихи Сосониён ва пайдо кардани саҳв андар он аз шарҳи Исо ибни Мӯсо ал-Кисравӣ :

Чунин гӯянд, ки дар таърихи мулук ал-Фурс бисёр нусхатҳо тааммул кардам, ки эшон Худонома хонанд, ки подшоҳонро худойгон хондандӣ, яънӣ «Шоҳнома» - ва аз саҳви ноқилон аз забоне ва лафзе ба дигаре гардонидаанд, хато уфтода аст ва пӯшида шуда ва ду нусхати муқобал наёфтам. Пас ба шаҳри Мароға бо Ҳасан ибни Алӣ ар-Руқом ал-Ҳамадонӣ пеши ал-Ало ибни Аҳмад, ки раиси шаҳр буд, ҳозир омадем ва ӯ ахбори Аҷам

нек донистӣ. Пас таърихи табақаи савум (Ашкониён) ва чаҳорум (Сосониён) муқобалат карда шуд ба зиҷ ва солҳое, ки миёни (таърихи искандарӣ) ва ҳичрат буда, бар ин муҷиб ёфтем аз ҳисоби зиҷ ва расад, ки аз нимрӯзи душанбеи аввали тишрину-л-аввал (соли авали искандарӣ) то нимрӯзи панҷшанбеи (аввали) муҳаррам (соли) ибтидои ҳичрати пайғамбар, алайҳу-с-салом, сесаду чиҳил ҳазору ҳафтсаду як (340701) рӯз буд ва ба солҳои қамар нуҳсаду шасту як (961) солу саду панҷоҳу чаҳор (154) рӯз бошад ва ба соли масири офтоб, ки сесаду шасту панҷ (365) рӯзу чаҳорякии рӯз бошад нуҳсаду сию ду (932) солу нуҳ моҳу нуздаҳ рӯз бошад.

Пас чиҳил (40) сол бар сараш гирифтем, муддати ибтидои ҳичрат то ҳалок шудани Яздиҷурди шаҳриёр, ҳисоби он нуҳсаду ҳафтоду ду (932 + 40= 972) сол кашид ва нуҳ моҳу нуздаҳ рӯз…»

Ибни Возеҳ Аҳмад ибни Абияъқуб, машҳур ба Яъқубӣ дар «Таърихи Яъқубӣ», ки онро дар ҳудуди нимаи садаи савуми ҳичрӣ таълиф карда, ба ихтисор навиштааст:

«Марги Абубакр, халифаи дувум рӯзи рӯзи сешанбе ҳашт (8) шаб ва ба қавле ду (2) шаб аз ҷимоди-л-охир монда, дар соли сездаҳум (13 ҳичрии қамарӣ) воқеъ шуд… Сипас Умар ибни Хаттоб … рӯзи сешанбе ду (2) шаб ва ба қавле ҳафт (7) шаб монда аз ҷимоди-л-охири соли сездаҳум (13 ҳичрии қамарӣ) ба хилофат расид».

«Умар Абуубайд ибни Масъуди Сақфиро бо лашкаре ба ҳамроҳии Муснӣ ибни Ҳорисаи Шайбонӣ ба Ироқ гусел дошт. Хусрав мурда буд ва Пурон – духтараш ба подшоҳӣ расида ва Рустам ва Фирӯзонро, ки нотавон ва фурӯмоя буданд, ба сарпарастии амри подшоҳӣ баргузида буд… Рустам ҳангоме ки хабар ёфт, мардеро ба номи Ҷолинус ба сӯйи эшон гусел дошт ва дар ҷойе ба номи Борусмо ба ҳам тохтанд ва порсиён ба ҳазимат рафтанд ва Абуубайд Борусморо гушуд. Рустам зу-л-ҳоҷиб Баҳмани Ҷозуяро бар сари эшон фиристод ва фил ҳамроҳи ӯ кард. Ва набарде сахт даргирифт ва аспони мусалмонон аз фил мерамиданд. Пас Абуубайд бо шамшер бар фил ҳамла бурду хартуми ӯро қатъ кард ва филро зер гирифту кушт».

«Пас Умар Ҷарир ибни Абдуллоҳро фиристод ва ӯ ба Кӯфа омад ва сипас аз он ҷо берун рафт ва дар Мадор бар марзбони Мадор ҳамла бурд ва ӯро кушту лашкарашро дарҳам шикаст ва бештарашон дар Дачла ғарқ шуданд. Сипас ба Нахлия рафт, ки Меҳрон бо лашкараш дар он ҷо буд. Пас бар ӯ тохт ва набарде сахт ба анҷом расид ва Манзар ибни Ҳасон бар Меҳрон ҳамла бурд ва ӯро бо найзае аз аспаш дарандохт. Пас Ҷарир бишитофт

ва сари ӯро бурид…. Ин воқеа дар соли чаҳордаҳум (14 ҳичрии қамарӣ) буд».

«Чун порсиён нотавонӣ ва забунии худ ва пирӯзии мусалмонон бар хеш бидиданд, бар куштани Рустам ва Фирӯзон ҳамдостон шуданд. Сипас гуфтанд: натиҷаи ин кор, албатта, парокандагӣ ва парешонии мо аст. Пас дар ҷустуҷӯи фарзанде аз Хусрав баромаданд, то он ки Яздиҷурд – писари бистсолаи ӯро ёфтанд ва ӯро бар худ подшоҳӣ доданд. Пас Яздиҷурд корҳои эшонро муназзам сохт ва тадбире нек дар пеш гирифт ва кишвар неруманд шуд ва кори порсиён боло гирифт. Мусалмононро аз марғзорҳо биронданд».

Пас аз ривояти Мӯсо ибни Исо ал-Кисравӣ ва машруҳаи Таърихи Яъқубӣ куҳантарин таърихе, ки ба мавзуъи таърихи авохири Сосониён дар Эрон пардохта ва дар дастраси ин қаламзан аст, китоби «Таъриху-л-умам ва-л-мулук» ё «Ахбору-р-русаул ва-л мулук» (машҳур ба «Таърихи Табарӣ») таълифи Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ибни Касир ибн ал-Ғолиб ат-Табарӣ ба соли 302 ҳичрии қамарӣ аст.

Дар «Таърихи Табарӣ» дар мавриди авохири даврони Сосониён омада аст:

«Аз Ҳишом ибни Муҳаммад (ибн ас-Соиб) ал-Калбӣ ривоят кардаанд, ки Хусрави Парвиз ҳаҷдаҳ писар дошт, ки Шаҳриёр бузургтар аз ҳама буд ва ӯ писархондаи Ширин буд. Ва мунаҷҷимон ба Хусрав гуфта буданд, ки яке аз писарони ту писаре биёрад, ки вайронии айвон ва инқирози подшоҳӣ ба дасти вай бошад ва нишони вай он аст, ки нақсе дар пайкар дорад. Ба ин сабаб Хусрав писарони хешро аз занон боздошта буд ва муддате гузашт, ки писарон ба зане дастрас надоштанд.

Шаҳриёр шикоят пеши Ширин бурд ва ба пайғом аз шӯру рағбати хеш ба зан сухан кард ва аз вай хост, ки зане назди вай оварад, ва гар на, хештанро хоҳад кушт. Ширин посух дод, ки «зане пеши ту натавонам фиристод, магар он ки дархури эътино набошад ва даст задани ту ба ӯ хушоянд набошад». Шаҳриёр гуфт: «ҳарчӣ бошад, агар зан бошад, бок нест».

Ширин ҳичоматгари худро назди вай фиристод. Гӯянд, духтари яке аз ашроф буд ва Ширин дар мавриде бад-ӯ хашм оварда буд ва ба сафи ҳичоматгарон бурда буд. Ва чун духтар пеши Шаҳриёр рафт, бо вай даромехт ва Яздигурдро бор гирифт ва Ширин бигуфт, то ӯро дар гӯшае бидоштанд, то бор ниҳод. Ва кори мавлудро то панҷ сол ниҳон дошт. Ва чун Хусрав ба ҳангоми пирӣ бо кӯдакон меҳрубон шуда буд, Ширин бад-ӯ гуфт: «эй шоҳ, мехоҳӣ, ки фарзанди яке аз писарони хеш бо он

нохушояндӣ, ки дорад, бибинӣ? Хусрав гуфт: «бок набошад». Ширин бигуфт, то Яздигурдро хушбӯй карданду биёростанд ва пеши Хусрав бурданд ва гуфт: «ин Яздигурд писари Шаҳриёр аст».

Ва Хусрав ӯро бибӯсиду меҳрубонӣ кард ва дил дар ӯ баст ва шабонгоҳ ӯро пеши худ нигаҳ медошт. Як рӯз Яздигурд пеши Хусрав бозӣ мекард. Хусрав гуфтаи мунаҷҷимонро ба ёд оварду ӯро бихонду бараҳна кард ва бигуфт, то бираваду биёяд. Ва айбро дар тиҳигоҳи ӯ бидид ва сахт хашм оварду ӯро бигирифт, ки бар замин бизанад. Ва Ширин домани вайро бигирифт ва савганд дод, ки Яздигурдро накушад. Ва гуфт: «агар чизе дар бораи ин мулк муқаддар бошад, пешгирӣ аз он натавон кард». Хусрав гуфт: «Ин ҳамон шум аст, ки ба ман гуфтаанд, бибар, ки набинамаш». То ӯро ба Систон бурданд. Баъзеҳо гуфтаанд, Яздигурд ба ҳангоми ширхорагӣ дар Савод буд ва дар деҳкадае ба номи Хамония буд.

Ва чунон шуд, ки порсиён бар зидди Хусрав қиём карданд ва ӯро бикуштанд ва Шерӯя ба онҳо кумак кард.

Муддати подшоҳии Хусрави Парвиз сию ҳашт (38) сол буд ва ба соли сию дувуми (32) подшоҳии вай пайғамбари Худо, сала-л-Лоҳу алайҳ в-ас-салам, аз Макка ба Мадина ҳиҷрат фармуд.

Муддати подшоҳии Хусрави Парвиз сию ҳашт (38) сол буд ва ба моҳи озар, рӯзи моҳ (рӯзи 12) кушта шуд».

Пас аз Хусрави Парвиз Шерӯя ба подшоҳӣ расид… Муддати подшоҳии Шерӯя ҳашт (8) моҳ буд.

Пас аз Шерӯя Ардашер ба подшорҳӣ расид… Муддати подшоҳии Ардашер писари Шерӯя як (1) солу шаш (6) моҳ буд.

Пас аз Ардашер Шаҳрбароз ба подшоҳӣ расид… Ҳамаи подшоҳии Шаҳрбароз чиҳил (40) рӯз буд.

Пас аз Шаҳрбароз Пурондухт ба подшоҳӣ расид… Муддати подшоҳии вай як (1) солу чаҳор (4) моҳ буд.

Пас аз Пурондухт Ҷушнсада ба подшоҳӣ расид… Муддати подшоҳияш камтар аз як (1) моҳ буд.

Пас аз Ҷушнсада Озармидухт подшоҳ шуд… Муддати подшоҳии Озармидухт шаш (6) моҳ буд.

Пас аз Озармидухт Хусрав писари Ҷушнсада ба тахт нишаст ва чанд рӯз баъд кушта шуд.

(Ба қавле пас аз Озармидухт, Хусрави Фаррухзод ба подшоҳӣ расид ва чанд рӯз подшоҳ буд ва ба қавле Фирӯз писари Ҷушнсада подшоҳ шуд ва ҳамон рӯз кушта шуд. Ба қавле дигар Фаррухзод подшоҳ шуд, муддати подшоҳияш шаш (6) моҳ буд).

Баъзеҳо гуфтаанд, мардуми Истахр Яздигурд, писари шаҳриёр Хусравро, ки ҳангоми бародаркушии Шерӯя бад-он ҷо паноҳ бурда буд, биёфтанд ва чун хабардор шуданд, ки мардуми Мадоин ба хилофи Фаррухзод Хусрав рафтаанд, Яздигурдро ба оташкадаи Ардашер бурданд ва тоҷ ниҳоданд ва ба подшоҳӣ бардоштанд ва ӯ навҷавон буд. Он гоҳ вайро ба Мадоин оварданд ва Фаррухзод Хусравро аз он пас, ки як (1) сол подшоҳӣ карда буд, ба ҳила бикуштанд ва кори подшоҳӣ ба Яздигурд рост омад.

Пас аз ду (2) сол аз подшоҳии Яздигурд (ва ба қавле пас аз чаҳор сол) арабон ба қаламрави вай ҳуҷум оварданд.

Муддати зиндагонии Яздигурд то вақте ки кушта шуд, бисту ҳашт (28) сол буд.

Муддати подшоҳии Яздигурд бист (20) сол буд. Аз он ҷумла чаҳор (4) сол осуда буд ва шонздаҳ (16) сол аз ҷанги арабон ва муқобала бо онон ба заҳмат буд. Вай охирин подшоҳ аз хонадони Ардашер писари Бобак буд ва пас аз он мулк бар арабон устувор шуд.

Дар ҳамин сол, яънӣ соли сию якум (31 аз ҳичрат) Абдуллоҳ ибни Омир сӯйи Хуросон рафт ва…»

Ҳол ки шумо ин ривояти Табарӣ аз қавли Ҳишом ибни Муҳаммад ал-Калбиро хондаед, бо иноят ба ин ки ба ривоёти мухталиф муддати ҳукумати Фаррухзод «чанд рӯз», «6 моҳ» ва «1 сол» омада ва низ бо таваҷҷуҳ ба ин ки дар соли дувуми подшоҳии Яздигурд, ё дар соли чаҳоруми подшоҳии вай ба қавли Табарӣ, арабон ба сарзамини Эрон ҳуҷум овардаанд, бифармоед, Яздигурд дар чӣ соле подшоҳ шуд? Яздигурд дар чӣ соле кушта шуд?

Қазияи таърихи авохири даврони Сосониён вақте буғранҷтар мешавад, ки шарҳи ҷангҳои эрониён ва арабонро дар ҳамон китоби Таърихи Табарӣ бихонем. Табарӣ зоҳиран шарҳи ҷангҳои эрониён ва арабонро аз китоби «Футуҳу-л-кабир» таълифи Сайф ибни Усар ат-Тамимӣ (ки ба соли 180 ҳичрии қамарӣ фавт шуд) ривоят кардааст:

«Ба соли сездаҳуми (13) ҳичрат порсиён Шаҳрбароз писари Ардашер писари Шаҳриёрро, ки бо Кисро ва Шопур нисбат дошт, ба шоҳӣ бардоштанд ва ӯ сипоҳе бузург мураккаб аз даҳ ҳазор кас бо як фил бо солории Ҳурмузи Ҷозуя сӯйи Муснӣ фиристод ва подгонҳои атроф омадани вайро ба Муснӣ хабар доданд ва ӯ аз Ҳира дар омад ва подгонҳоро ба худ пайваст… ва дар Бобил ба интизори ҳариф монд.

Он гоҳ ду қавм дар Бобил рӯбарӯ шуданд ва наздики таппаи Сирот, наздик ба роҳи аввал ҷанге сахт карданд ва чунон шуд, ки Муснӣ ва тане чанд аз мусалмонон ба фил, ки миёни сафҳо ва дастаҳои сипоҳ буд, ҳамла бурданду онро куштанд ва порсиён ҳазимат шуданд ва мусалмонон ба таъқиб ва куштори онҳо пардохтанд ва эшонро аз ҳудуде, ки дар он ҷо подгон дошта буданд, бironданд ва дар он ҷо мақарр гирифтанд ва таъқибкунандагон ба дунболи фирориён то Мадоин пеш рафтанд.

Пас аз ҳазимати Ҳурмузи Ҷозуя Шаҳрбароз даргузашт ва порсиён ихтилоф карданд ва аз сарзамини Савод он чи моварои Даҷла ва Барас буд, ба дасти Муснӣ ва мусалмонон бимонд.

Ва чунон шуд, ки порсиён пас аз Шаҳрбароз Духтзанон, духтари Кисроро ба шоҳӣ бардоштанд, аммо фармони вай равон набуд ва ӯро бардоштанду Шопур писари Шаҳрбарозро подшоҳӣ доданд.

Ва чун Шопур писари Шаҳрбароз ба подшоҳӣ расид, Фаррухзод писари Бандувон, ки уҳдадори умури вай буд, Озармидухт духтари Кисроро ба занӣ аз ӯ хост ва Шопур пазируфт. Аммо Озармидухт хашмгин шуд ва гуфт: «писари аму, чӣ шуна маро ба занӣ ба бандаам додӣ?» Шопур гуфт: «аз ин сухан шарм кун ва дигар магӯй, ки ӯ шавҳари ту аст». Озармидухт кас пеши Сиёвахши Розӣ, ки аз одамкушони Аҷам буд, фиристод ва нигаронии худро бо вай дар миён ниҳод. Сиёвахш гуфт: «агар ин заношӯйиро хуш надорӣ, бо Шопур сухан макун. Ва кас пеши вай фирист, ки ба Фаррухзод бигӯяд, то пеши ту ояд.

Озармидухт чунон кард ва Шопур дастур дод ва чун шаби зифоф шуд, Фаррухзод пеши Озармидухт омад ва Сиёвахш бар ӯ тохт ва ӯро бо ҳамроҳонаш бикушт. Он гоҳ Озармидухтро ҳамроҳи худ пеши Шопур бурд, ки ба ҳузури шоҳ расид ва Сиёвахшу касонаш низ даромаданд ва ӯ (Шопур)-ро куштанд ва Озармидухт духтари Кисро ба подшоҳӣ расид ва аҷамон бад-ин кор саргарм шуданд.

Ва чун муддате буд, ки хабари мусалмонон ба Абубакр нарасида буд, Муснӣ сӯйи Абубакр рафт, ки хабари мусалмонон ва мушриконро бо вай бигӯяд.

Абубакр бемор буд ва барои намоз берун намешуд ва ба Умар ибни Хаттоб мегуфт, то бо мардум намоз кунад ва мардум ба аёдати Абубакр меомаданд. Ва ҳар рӯз сангинтар мешуд, то он ки шабонгоҳ пас аз ғуруби офтоб, ба шаби сешанбе ҳашт (8)

рӯз монда аз ҷимоди-л-охираи соли сездаҳуми (13) ҳичрат даргузашт.

Нахустин коре, ки Умар, разийа-л-Лоҳу анҳу кард, ин буд, ки пеш аз намози субҳи ҳамон шабе, ки Абубакр мурда буд, касонро даъват кард, ки бо Муснӣ ибни Ҳорисаи Шайбонӣ сӯйи диёри порсиён раванд. Субҳгоҳон бо мардум байъат кард ва боз касонро ба рафтан сӯйи порсиён даъват кард. Абуубайд ҳамроҳи Саъд ибни Убайд ва Салит ибни Қайси Адавӣ ва Муснӣ ибни Ҳорисаи Шайбонӣ ҳаракат кард.

Пурон духтари Кисро дар ихтилофоти мардуми Мадоин доварӣ мекард, то ба сулҳ оянд ва чун Фаррухзоди Бандувон кушта шуд ва Рустам биёмаду Озармидухтро кушт, вай ҳамчунон доварӣ дошт ва ҳангоми омадани Абуубайд Пурон доварӣ дошт ва кори ҷанг бо Рустам буд.

Ва чунон буд, ки Пурон барои пайғамбар ҳадия фиристода бод ва ӯ, сала-л-Лоҳу алайҳ ва саллам пазируфт. Пурон мухолифи Шерӯя буд ва сипас пайрави ӯ шуд ва иттифоқ карданд, ки Шерӯя сар бошад ва ӯро довар кард.

Вақте ки Сиёвахш Фаррухзод писари Бандувонро кушт ва Озармидухт ба шоҳӣ расид, порсиён ихтилоф карданд ва дар ҳамаи ғайбати Муснӣ аз кори мусалмонон, ба худ машғул буданд, то вақте ки Муснӣ аз Мадина бозомад ва Пурон ин хабарро барои Рустам фиристод ва таъкид кард, ки бо шитоб биёяд, ки Рустам бар марзи Хуросон буд. Ва бо сипоҳ биёмад ва наздики Мадоин мақарр гирифт ва ҳар куҷо бо сипоҳи Озармидухт бархӯрд, онро бишикаст. Дар Мадоин низ ҷанг шуд ва Сиёвахш ҳазимат шуд ва ҳисорӣ шуд. Озармидухт низ муҳосира шуд ва чун Мадоинро бигушуд, Сиёвахшро кушт ва чашми Озармидухтро кӯр кард ва Пуронро ба подшоҳӣ бардошт. Ва Пурон аз ӯ хост, ки ба кори порсиён қиём кунад ва аз заъфу идбори умур шикоят кард ва гуфт, даҳ сол подшоҳӣ ба ӯ медиҳад, пас аз он подшоҳӣ ба хонадони Кисро бозгардад, агар аз ҷавонони қавм касеро ёфтанд, бад-ӯ диҳанд, ва гар на бо занон бошад.

Аммо Рустам гуфт: «ман фармонбарам ва ивазу подош намеҷӯям. Агар маро ҳурмат ниҳодаед ва коре бароям кардаед, ба дасти шумост. Ман тири шумо ҳастам ва мутеъи шумо ҳастам». Пурон гуфт: «фардо субҳгоҳон пеши ман ой». Ва чун субгоҳи рӯзи баъд Рустам биёмад, Пурон марзбонони порсиро пеш хонд ва мактубе барои Рустам навишт, ки «кори ҷанги порсиён бо ту аст ва ҷуз Худой, азз ва ҷалл, касе фародасти ту нест ва ин кор ба ризоияти мо аст ва бояд касон ба ҳукми ту

таслим бошанд». Ва он гоҳ тоҷ бад-ӯ дод ва ба порсиён гуфт, мутеъи вай бошанд. Ва аз паси омадани Абуубайд қаламрави порсиён мутеъи Рустам буд».

Дар ин ҳангом, ки мусалмонон дар Савод тохтутоз мекарданд, хабар омад, ки мардуми Мадоин бар зидди Рустам шӯридаанд ва паймони вайро шикастаанд ва ихтилоф миёнашон уфтода аст. Сарони қавм ба Пурон, духтари Кисро гуфтанд: «занон ва рафиқагони Хусрав ва низ занону рафиқагони хонадони Хусравро барои мо навис». Ва Пурон дар мактубе ҳамаро бинавишт ва ба онҳо дод. Ва кас ба талаби занон фиристоданду ҳамаро биёварданд ва мардон бар онҳо гумоштанду озор доданд, магар закуре аз фарзандони Хусравро биёбанд. Аммо кас аз он ҷумла пеши онҳо наёфтанд. Занон гуфтанд, ё якешон гуфт: «ҷавоне аз фарзандони Шаҳриёр писари Хусрав монда, ки модараш аз мардуми Бодуриё аст». Кас пеши он зан фиристоданд ва ӯро талабиданд. Ва чунон буд, ки дар айёми Шерӯя, ки ҳамаи занонро дар қасри Абиз фароҳам оварда буд ва ҳамаи закурро кушта буд, ин зан писари худро аз қаср берун фиристода буд ва бо холгони вай ваъда ниҳода буд. Писарро дар забил пеши онҳо фиристода буд. Ва чун аз зан дар бораи писар пурсиданд, ҷойи вайро нишон дод ва кас фиристоданду ӯро биёварданд ва ба шоҳӣ бардоштанд. Писар бисту як (21) сол дошт ва ҳама бар ӯ ҳамсухан шуданд ва порсиён ором гирифтанд ва итоати вай карданд ва сарони қавм дар итоат ва ионати вай аз ҳам пешӣ гирифтанд ва барои подгонҳо ва марзҳо, ки Хусрав дошта буд, чун Ҳира ва Анбор ва дигар подгонҳо сипоҳҳо муъайян шуд.

Ва Муснӣ ва мусалмонон аз кори порсиён ва ҳамдилияшон дар бораи Яздигурд хабар ёфтанд ва ба Умар нома навиштанду хабар доданд, ки аз мардуми атроф интизори шӯриш доранд. Ва то вақте нома ба Умар расид, мардуми Савод, чи онҳо, ки бо мусалмонон паймон доштанд ва чи онҳо, ки надоштанд, кофар шуданд. Муснӣ бо ҷамъи худ бирафт ва дар Зиқор мақарр гирифт ва мусалмонон дар Таф урду заданд. Ва ин дар зиқаъдаи соли сездаҳуми ҳичрат буд.

Вақте Умар хабар ёфт, ки аҷамон Яздигурдро ба шоҳӣ бардоштанд, ба ҳамаи омилони бар вилоят ва умоли қабоили араб нома навишт ва ин ба зиқаъдаи соли сездаҳум (13 ҳичрат) буд.

Ривоёти худи Ҳамза ибн ал-Ҳасан ал-Исфаҳонӣ дар ҳамон китоби «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё» ба соли 346 ҳичрии қамарӣ низ хонданӣ аст:

«Табақаи чаҳорум: Сосониён….
Хусрави Парвиз, писари Ҳурмуз сию ҳашт (38) сол.
Шерӯя, писари Хусрави Парвиз ҳашт (8) моҳ.
Ардашер, писари Шерӯя як (1) солу шаш (6) моҳ.
Пурондухт, духтари Хусрав, як (1) солу чаҳор (4) моҳ.
Ҷушнасбанда, ки аз хонадони шоҳӣ набуд, ду (2) моҳ.
Озармидухт, духтари Парвиз як (1) солу чаҳор (4) моҳ.
Хурзоди Хусрав як (1) моҳ.
Яздигурд, писари Шаҳриёри Парвиз бист (20) сол подшоҳӣ карданд»
Ҳол ривояти дигар аз ҳамон Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва аз ҳамин «Синий мулуку-л-арз в-ал-анбиё»:
«Инак солҳои салтанати подшоҳони сосониро мураттабан дар ин ҷо меоварем:
Хусрави Парвиз, писари Ҳурмуз сию ҳашт (38) сол.
Шерӯя, писари Хусрави Парвиз ҳашт (8) моҳ.
Ардашер, писари Шерӯя як (1) сол.
Шаҳрбароз, ки аз нажоди подшоҳон набуд, сию ҳашт (38) рӯз.
Пурондухт, духтари Хусрав, як (1) солу чанд (?) рӯз.
Ҷушнасбанда, ки нажоди подшоҳӣ надошт, ду (2) моҳ.
Хусрав ибни Қубод ибни Ҳурмуз ибни Анӯширвон даҳ (10) моҳ
Фирӯз, писари Ардашер ибни Бобак ду (2) моҳ.
Озармидухт, духтари Парвиз чаҳор (4) моҳ.
Фаррух писари Хусрави Парвиз як (1) моҳу чанд (?) рӯз.
Яздигурд, писари Шаҳриёр бист (20) сол подшоҳӣ карданд»
Ҳол иҷоза бидиҳед, ин ду ривоятро бо ҳам муқоиса кунем:

Ривояти аввал	Ривояти дувум
Хусрави Парвиз 38 сол	Хусрави Парвиз 38 сол
Шерӯя 8 сол	Шерӯя 8 сол
Ардашер 1 солу 6 моҳ	Ардашер 1 сол
_	Шаҳрбароз 1 солу 8 рӯз
Пурондухт 1 солу 4 моҳ	Пурондухт 1 солу ? рӯз
Ҷушнасбанда 2 моҳ	Ҷушнасбанда 2 моҳ
_	Хусрави Қубод 10 моҳ
_	Фирӯз 2 моҳ
Озармидухт 1 солу 4 моҳ	Озармидухт 4 моҳ
	Хурзод 1 моҳ _
_	Фаррух писари Хусрав 1 моҳу? рӯз
Яздигурд 20 сол	Яздигурд 20 сол

8 тан 63 солу 1 моҳ 11 тан 62 солу 4 моҳ

Ба иборати дигар, ба як ривоят байни марги Хусрави Парвиз ва ба подшоҳӣ расидани Яздигурд 6 тан ба муддати 5 солу 1 моҳ салтанат кардаанд ва ба ривояти дигар байни марги Хусрави Парвиз ва ба подшоҳӣ расидани Яздигурд 9 тан ба муддати 4 солу 4 моҳ ҳукумат кардаанд.

Ҷуз инҳо дар ҳамон китоби «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё» иттилоъоти дигаре ҳам ба тафориқ омада аст, ки ошуфтагии санавотиро бештар мекунад:

«Ҳичрати расули Худо дар соли 29 ва ба гуфтаи Муҳаммад ибни Ҳабиб дар соли 33 аз подшоҳии Хусрави Парвиз анҷом гирифт»

«Ҳичрати расули Худо мусодиф бо соли 32 аз подшоҳии Хусрави Парвиз буд».

«Сиранависон бар онанд, ки ҳичрати расули Худо дар соли 32 аз подшоҳии Хусрави Парвиз, подшоҳи Эрон, ки дар ин замон 5 солу 6 моҳу 15 рӯз аз салтанати вай боқӣ буд… анҷом гирифт».

«Нахустин соли ҳичрати расули Худо мусодиф бо соли 34 подшоҳии Хусрави Парвиз буд».

Мулоҳиза бифармоед, ки дар як китоб дар бораи як воқеа чӣ ошуфтабозоре аст. Ҳичрати паёмбари ислом дар соли 29 подшоҳии Хусрави Парвиз, дар соли 32 подшоҳии Хусрави Парвиз, дар соли 33 подшоҳии Хусрави Парвиз ва охируламр дар соли 34 подшоҳии Хусрави Парвиз итифоқ меуфтад.

Хусрави Парвиз дар чӣ соле заҳмат аз сари эрониён кам карда аст?

38 – 29 = 9 ҳичрии қамарӣ?

38 – 32 = 6 ҳичрии қамарӣ?

38 – 33 = 5 ҳичрии қамарӣ?

38 – 34 = 4 ҳичрии қамарӣ?

Ва бо иноят ба ду ривояте, ки пештар нақл кардам ва муқоиса кардем, Яздигурд дар чӣ соле ба салтанат расида аст?

9 сол + 5 солу 1 моҳ = 14 солу 1 моҳ баъд аз ҳичрат?

6 сол + 5 солу 1 моҳ = 11 солу 1 моҳ баъд аз ҳичрат?

5 сол + 5 солу 1 моҳ = 10 солу 1 моҳ баъд аз ҳичрат?

4 сол + 5 солу 1 моҳ = 9 солу 1 моҳ баъд аз ҳичрат?

9 сол + 4 солу 4 моҳ = 13 солу 4 моҳ баъд аз ҳичрат?

6 сол + 4 солу 4 моҳ = 10 солу 4 моҳ баъд аз ҳичрат?

5 сол + 4 солу 4 моҳ = 9 солу 4 моҳ баъд аз ҳичрат?

4 сол + 4 солу 4 моҳ = 8 солу 4 моҳ баъд аз ҳичрат?

Ва охируламр, дар ҳамин китоби «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё» бар хилофи он ки борҳо тасреҳ шудааст, ки Яздигурд муддати 20 сол подшоҳӣ карда аст, омада:

«Яздигурд писари Шаҳриёр ибни Парвиз нуздаҳ (19) сол фармон ронд, бад-ин сон, ки дар Мадоин пеш аз омадани араб ва рафтани вай аз он ҷо, чаҳор (4) сол, ки мусодиф бо хилофати Умар буд ва пас аз он то кушта шуданаш дар Марв понздаҳ (15) сол подшоҳӣ кард, ки панҷ (5) солу ҳашт (8) моҳ дар хилофати Умар ва чаҳор (4) моҳ дар хилофати Усмон буда аст».

Вақте Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и Абумансуриро ба унвони маъхаз ва манбаъи манзумаи худ бармегузид, бар ин бовар буд, ки таърихи Эронро аз ибтидо то поёни давраи Сосониён аз насргунагӣ ба назм дармеовард. Вале акнун мо «Шоҳнома»-ро ба ду бахш табақабандӣ мекунем: бахши паҳлавонӣ (ҳамосӣ), яънӣ аз ибтидои салтанати Гаюмарс то марги Искандар ва бахши таърихӣ, яънӣ аз ибтидои ҳукумати Ашкониён то марги Яздигурди севум ва поёни ҳукумати Сосониён.

Дар бахши таърихӣ Фирдавсӣ даврони ҳукумати Ашкониёнро ба 13 байт хулоса мекунад ва ҳол он ки дар «Шоҳнома»-и Абумансурӣ ба нисбат муфассал ва бо шуруҳу басти дархур будааст. Дар ин сурат, бахши таърихии «Шоҳнома» мунҳасир ба даврони Сосониён мешавад.

Дар мақоми муқоисаи гузориши Фирдавсӣ (ё дар воқеъ «Шоҳнома»-и Абумансурӣ) аз даврони Сосониён бо гузориши соири манобеъи таърихӣ, чунон дастгир мешавад, ки шарҳи Фирдавсӣ аз оғози салтанати Ардашер то поёни ҳукумати Хусрави Парвиз сарфи назар аз тафовути қиссаҳое, ки дар бархе манобеъ ҳаст ва дар «Шоҳнома» нест ва низ бархе достонҳо, ки дар «Шоҳнома» омада, вале манобеъи дигар ёде аз он достонҳо накардаанд, тақрибан яксон аст, вале тӯлу тафсили «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар мавриди шоҳони Сосонӣ аз Хусрави Парвиз ба баъд, бо дигар манобеъ тафовути чашмгир дорад.

«Шоҳнома»-и Абумансурӣ, чунонки дар дебочаи он омада, умдатан бар асоси ривоёти шифоҳӣ (Шоҳуи Хуршед писари Баҳром аз Нишобур, Шоҳон писари Барзин аз Тӯс, Мох пири Хуросони марзбони Ҳарӣ, Яздондод писари Шопур аз Систон) ва низ аз рӯйи ёздаҳ маъхаз ва манбаъи мактуб: 1. Номаи писари Муқаффаъ, 2. Номаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ, 3. Номаи Муҳаммад Ҷаҳми Маккӣ, 4. Номаи Зодуи Шоҳуй, 5. Номаи Баҳроми Исфаҳонӣ, 6. Номаи Сосониёни Мӯсо Исои Хусравӣ, 7. Номаи Ҳишом Қосими Исфаҳонӣ, 8. Номаи подшоҳони Порс (аз Ганҷномаи Маъмун), 9. Номаи Баҳром Мардоншоҳи Кирмонӣ,

10. Номаи Фаррухон (мӯбадон мӯбади Яздигурди шаҳриёр), 11. Номаи Ромин (бандаи Яздигурди шаҳриёр) сомон ёфта буда аст. Таассуфро, ки аз ин ёздаҳ маъхазу манбаъи мактуб, ҷуз номаи Ҳамзаи Исфаҳон бақия аз даст рафта аст ва инчунин имкони муқоиса ва баррасии матолиб ва машруҳоти он даҳ манбаъ бо «Шоҳнома» мақдур нест.

Дар номаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ (ки ҳамон китоби «Синий мулуку-л-арз в-ал-анбиё» бошад), аз Хусрави Парвиз то Яздигурд аз шаш шоҳ, ки аз пайи ҳам ба подшоҳӣ баргузида мешаванд, ёд шуда аст: 1. Хусрави Парвиз 2. Шерӯя 3. Ардашери Шерӯя 4. Пурондухт 5. Озармидухт 6. Яздигурд.

Ва ҳол он ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз Хусрави Парвиз то Яздигурд ҳашт тан ба подшоҳӣ баргузида шудаанд: 1. Хусрави Парвиз 2. Шерӯя 3. Ардашери Шерӯя 4. Фаромин Гуроз 5. Пурондухт 6. Озармидухт 7. Фаррухзод 8. Яздигурд.

Дар ин сурат пайдост, ки дар «Шоҳнома»-и Абумансурӣ шарҳи ҳол ва чигунагии даврони салтанати Фаромин Гуроз ва Фаррухзод аз он даҳ манбаъи дигари мактуб, ҷуз номаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва ё ривоёти шифоҳӣ нақл ва ёд шуда будааст.

Дар китоби «Форснома», ки ба ибни Балхӣ мансуб аст ва байни солҳои 502 то 510 ҳичрии қамарӣ таълиф шуда, омада аст:

«Табақаи чаҳорум аз мулуки Фурс ва эшонро Сосониён гӯянд…

Кисро Апарвиз ибни Ҳурмуз ибни Анӯширвон, сию ҳашт (38) сол.

Шерӯя ибни Апарвиз, ҳашт (8) моҳ.

Ардашер ибни Шерӯя, як (1) солу шаш (6) моҳ.

Кисро Хуромоз ибни Арслон, як (1) солу панҷ (5) моҳ.

Кисро ибни Қубод ибни Ҳурмуз, се (3) моҳ.

Пурондухт ибни Апарвиз, як (1) солу чаҳор (4) моҳ.

Фирӯзи Ҷушнсада ибни Баҳром, шаш (6) моҳ.

Озармидухт бинти Апарвиз, шаш (6) моҳ.

Фаррухзод Хусрав ибни Апарвиз, шаш (6) моҳ.

Яздичурд ибни Шаҳриёр Апарвиз, бист (20) сол»

---

10 тан 64 солу 8 моҳ

Ва ҳам дар ҳамон китоб дар бобе дигар, ки шарҳи салтанати ҳар як аз шоҳони Сосониро медиҳад, миёни салтанати Ардашер ибни Шерӯя ва Кисро Хуромоз ибни Арслон аз ба салтанат расидани дигаре ба номи «Шаҳрбароз ва номи ӯ Фаррухон буд», ёд мекунад:

«Шаҳрбароз ва номи ӯ Фаррухон буд. Хоричӣ буд, на аз аҳли байти мулук. Ва чун Ардашер (ибни Шерӯя)-ро бикушт ва бар тахт нишаст, иллате бар вай пайдо гашт, ки як лаҳза ишками ӯ бознаистодӣ ва пинҳон аз мардум таште дар зери ӯ ниҳода буданд ва пас Пурон, духтари Кисро Апарвиз ду касро бар вай гумошт аз бузургон, яке Пусфарух ном ва бародараш. Халқеро бо хештан ёр карданд ва ногоҳ ӯро захм заданду куштанд».

Дар ҳамин китоби «Форснома» омада аст:

«Фаррухзод Хусрав ибни Апарвиз… чун муддати шаш (6) моҳ подшоҳӣ кард, Яздичурдро аз Порс биёварданд ва ин Фаррухзод бо ӯ хост, ки ҷанг кунад, тоқати ӯ надошт ва Яздичурд ӯро бикушт ва подшоҳӣ бигирифт.

Яздичурд ибни Шаҳриёр охири мулуки Фурс буд. Ва ин бист (20) сол подшоҳӣ уфтону хезон меронд. Ва чун ғалабаи ислом дид, мусалмон хост шуд, аммо муҳлат наёфт ва бар дасти Моҳуя – марзбони Марв кушта шуд».

«Яздичурд муддати ҳашт (8) сол ба Мадоин буд ва подшоҳӣ кард уфтону хезон… Ва қатли Яздичурд дар соли ҳаштум (8) буд аз туғён ва исёни нодини ноҳаққи Усмон. Ва ин вақт соли сиву якум (31) буд аз ҳичрат, ки мулки порсиён зоил шуд».

Дар ин сурат, агар Яздигурд дар соли 31 ҳичрии қамарӣ кушта шуда бошад ва муддати 20 сол ҳам салтанат карда бошад, пас дар соли 11 (= 31-20) ҳичрии қамарӣ ба подшоҳӣ баргузида шуда буда аст.

Ҳол бо манқулоти дигар аз ҳамин китоби «Форснома» иноят бифармоед:

«Кисро Апарвиз ибни Ҳурмуз ибни Анӯширвон сию ҳашт (38) сол подшоҳӣ кард».

«Чун пайғамбар, алайҳу-с-салом, зуҳури куллӣ карда буд ва қувват гирифта ислом ва мусалмонон, дар соли сию ҳафт (37) аз мулки Апарвиз пайғамбар, салла-л-Лоҳу алайҳ ва олиҳи ва саллам, номае бад-ӯ набишт ва ӯро ба ислом даъват кард… Апарвиз нома набишт ба Бодон, ки омили ӯ буд ба Яман, ки расул фирист бад-ин мард, ки ба Таҳома аст – ва Таҳома аз аъмоли Макка аст ва ӯро бигӯй, то боз дини хеш равад, пас агар нашавад, ӯро ба наздики ман фиристӣ.

Бодон чанд марди маъруфро аз Асовара наздики пайғамбар, алайҳи-с-салом фиристод - ва дар ҷумлаи эшон Фирӯзи Дайламӣ буд, - ва ин пайғом ба расул, алайҳи-с-салом, бигзорид. Пайғамбар, алайҳи-с-салом, ҷавоб дод, ки Апарвизро дӯш куштанд».

«Баъд аз мулки Апарвиз пайғамбар, алайҳи-с-салом ҳичрат кард аз Макка ба Мадина»

«Охири истиқомати умури подшоҳии давлати Фурс рӯзгори Апарвиз буд ва баъд аз он дар изтиробу фатрат уфтод ва ҳеч низом нагирифт ва ба ҳар чанд моҳ подшоҳе будӣ ва баъд аз вай офатҳо падид омад, чун вабову тоъун ва қаҳту монанди ин, в-алъаёзу биллоҳ, муддати шаш (6) солу ним (6 моҳ) то рӯзгори Яздичурд ибни Шаҳриёр охири мулуки Фурс».

Дар ин сурат, агар паёмовар дар соли 37 салтанати Хусрави Парвиз ба вай нома навишта ва Хусрави Парвиз 38 сол подшоҳӣ карда ва паёмовар баъд аз мулки Хусрави Парвиз аз Макка ба Мадина ҳичрат карда ва агар аз марги Хусрави Парвиз то ба тахт нишастани Яздигурд 6 солу ним тӯл кашида, пас Яздигурд, дасти болояш дар соли 7 ҳичрии қамарӣ ба тахт нишаста аст!

Дар китоби «Муҷмалу-т-таворих в-ал қисас», ки дар соли 520 ҳичрии қамарӣ сурати таълиф ёфта аст, ҷой-ҷой омада:

«Рӯзи душанбеи дувоздаҳуми рабиъу-л-аввали санаи ал-ҳодӣ ашр (11) руҳ аз пайғамбар ҷудо гашт, салла-л-Лоҳу алайҳ ва ало руҳа ва ҳасада»

«Ва пас аз пайғомбар, алайҳу-с-салом, халифа Абубакри сиддиқ буд, бо вай байъат карданд, разийа-л-Лоҳу анҳу ба Сақифаи Банӣ Соъида ва боз ба масҷиди пайғамбар андар рабиъу-л-аввал. Ва ҳамон рӯз, ки пайғомбар аз дунё бирафт, Абӯбакри сиддиқ разийа-л-Лоҳу анҳу ду (2) солу се (3) моҳу ҳашт (8) рӯз халифа буд, ва ба дигар ривоят, ду (2) солу чаҳор (4) моҳ».

«Андар аҳди Пурондухт пайғомбар, алайҳу-с-салом, гузашта буд ва Абубакр ба халифатӣ нишаста. Ва охири аҳдаш буд, чун се моҳ аз мулки Пурон бигузашт».

«Рӯзи чаҳоршанбеи бисту дувуми моҳи ҷумоди-л-охираи соли сездаҳум (13 ҳичрат) Абубакр фармон ёфт». «Хилофат ба Умари Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу расид». «Хилофати амиралмуъминин Умар ибн ал-Хаттоб, разийа-л-Лоҳи анҳу даҳ (10) солу шаш (6) моҳу ҳафдаҳ (17) рӯз буд». «Андар аҳди Яздичурд ибни Шаҳриёр панҷ (5) сол Умар, разийа-л-Лоҳи анҳу халифат буд».

Дар ин сурат, Абубакр дар соли 13 ҳичрат фавт шуд ва Умар ба хилофат баргузида шуд. Муддати хилофати Умар 10 солу 6 моҳ буд, пас Умар дар соли 23 ё 24 ҳичрат кушта шуд ва чун 5 соли охири хилофати Умар ва подшоҳии Яздигурд ҳамзамон буда, лиҳозо Яздигурд дар яке аз солҳои 18 ё 19 ҳичрат ба подшоҳӣ баргузида шуда аст ва чун Яздигурд 20 сол подшоҳӣ

карда аст, пас Яздигурд дар яке аз солҳои 38 ё 39 ҳичрат кушта шуда аст.

Ҷуз ин, дар ҳамин китоби «Муҷмалу-т-таворих ва қисас» омада:

«Бобу-с-солис. Дар таърихи баъзе аз подшоҳони Аҷам то санаи ашрин ва хамасмоъа (520):… Аз гоҳи Яздигурд ибни Шаҳриёр чаҳорсаду наваду панҷ (495) сол. Аз гоҳи куштани ӯ ба Марв ва заволи мулки Аҷам чаҳорсаду ҳафтоду чаҳор (474) сол».

Яънӣ, ки Яздигурд (бар ҳасби ин ки солҳоро томма ё ноқис фарз кунем) дар яке аз солҳои 23, 24, 25 ё 26 ҳичрии қамарӣ ба подшоҳӣ баргузида шуда ва пас аз 20 сол подшоҳӣ дар яке аз солҳои 44, 45, 46 ё 47 ҳичрии қамарӣ ба Марв кушта шуда аст.

Саҳифаи 71. «Боғи Маруд». Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зимни шарҳи даврони подшоҳии Хусрави Парвиз, аз омадани Борбад ба дарбори шоҳӣ сухан ба миён меояд:

Ҳаме ҳар замон шоҳ бартар гузашт,
Чу шуд соли шоҳиш бар бисту ҳашт.
Касеро нашуд бар дараш кор бад,
Зи даргоҳ огоҳ шуд Борбад.
Бад-ӯ гуфт ҳар кас, ки «шоҳи ҷаҳон,
Гузидаст ромишгаре аз меҳон,
Ки гар бо ту ӯро баробар кунад,
Туро бар сари Саркаш афсар кунад».
Чу бишнид мард он, биҷӯшид оз,
В-агарчи набудаш ба чизе ниёз.
Зи кишвар бишуд то ба даргоҳи шоҳ,
Ҳамекард ромишгаронро нигоҳ.
Чу бишнид Саркаш дилаш тира шуд,
Ба захми суруд андар ӯ хира шуд.
Биёмад ба даргоҳи солори бор,
Дирам карду динор чанде нисор.
Бад-ӯ гуфт: «ромишгаре бар дар аст,
Ки аз ман ба солу ҳунар бартар аст.
Набояд, ки дар пеши Хусрав шавад,
Ки мо куҳна гардему ӯ нав шавад».
Зи Саркаш чу бишнид дарбони шоҳ,
Зи ромишгари содда барбаст роҳ.
Чу рафтӣ ба наздики ӯ Борбад,
Ҳамаш кор бад будӣ, ҳам бор бад.
Чу навмед баргашт аз он боргоҳ,
Або барбат омад сӯйи боғи шоҳ.

Куҷо боғбон буд Мардӯй ном,
Шуд аз диданаш Борбад шодком.
Бад-он боғ рафтӣ ба Наврӯз шоҳ,
Ду ҳафта бибудӣ бад-он ҷашнгоҳ.
Сабук Борбад назди Мардӯй шуд,
Ҳамон рӯз бо мард ҳамбӯй шуд.
Чунин гуфт бо боғбон Борбад,
Ки «гӯё ту ҷониву ман колбад».
Кунун орзу хоҳам аз ту яке,
Ки он ҳаст назди ту сахт андаке.
Чу ояд бад-ин боғ шоҳи ҷаҳон,
Маро роҳ деҳ, то бибинам ниҳон,
Ки то чун бувад шоҳро ҷашнгоҳ,
Бибинам ниҳуфта яке рӯйи шоҳ».
Бад-ӯ гуфт Мардӯй: «Эдун кунам,
Зи мағзи ту андеша берун кунам».
Чу Хусрав ҳамехост, к-ояд ба боғ,
Дили мизбон шуд чу равшанчароғ.
Бари Борбад шуд, бигуфт он ки «шоҳ
Ҳамре рафт хоҳад бар он ҷашнгоҳ».
Ҳама ҷомаро Борбад сабз кард,
Ҳам он барбату рӯди нангу набард
Бишуд то ба ҷойе, ки Хусрав шудӣ.
…….»

Чунонки мулоҳиза мефармоед, дар «Шоҳнома» боғбоне, ки аз боғи наврӯзии шоҳ нигаҳдорӣ мекарда «Мардӯй» (Мардӯя) ном дошта ва дар «Зайну-л-ахбор» яке аз се боғи Хусрави Парвиз (Марӯз\Маруд) номида шуда аст.

Пайдост, номи он боғ, ки Хусрави Парвиз ҳар сол ба ҳангоми Наврӯз ду ҳафтаеро дар он мегузаронда, «Марду», ё «Марӯз», ё «Мазур» ном дошта, ки боғбони он боғ ба эътибори номи боғ бад-он мансуб шуда будааст.

Ҷойгирии номи боғбон дар шеъри Фирдавсӣ чунон аст, ки ҷуз «Мардуй» ба вариҳи дигаре наметавон хонд. Агар вариҳи намудёфта дар «Шоҳнома»-ро муътабар бигирем, дар он сурат дар «Зайну-л-ахбор» ҳам бояд «Марду» бошад, ки ба сурати тасҳифшуда «Маруз» (бо зол) омада аст. Ва агар вариҳи намудёфта дар « Зайн-ул-ахбор»-ро муътабар бигирем, дар он сурат дар «Шоҳнома» ҳам бояд «Маруз» бошад, ки тасҳиф шуда ва «Марду» сабт шуда аст.

Албатта, агар «Марду» тасҳифшудаи «Маруд» бошад, ҳатман ин тасҳиф пеш аз суруда шудани «Шоҳнома» воқеъ шуда

аст, чунончи Отбин ва Обтин ва…. Ва ё ин ки Фирдавсӣ натавониста «Маруд»-ро дар шеъри худ бигунҷонад ва худ онро ба ваҷҳи «Марду» даровардааст.

Албатта, ки дар бархе аз нусахи «Шоҳнома» (аз ҷумла, чопи Жул Мул) «Мардуй»-ро ба унвони номи касони дигар (масалан, аз ҷумлаи ёрони Тажов, ё он кас ки ба дастури Анӯширвон маблағе калон ба ӯ доданд) намуд дорад.

Сафҳаи 97. «Ва андар ин вақт Самоқи Зут берун омад бо қавме аз зутиён ва Басра бигирифтанд….». Марҳум Абулҳай Ҳабибӣ дар ҳошияи «Зайну-л-ахбор»-и матбуъи худ дар бораи «Зут» таҳқиқе карда аст, ба ин шарҳ:

«Табарӣ**:** Раиси Зут Муҳаммад ибни Усмон буд, ки соҳиби амр ва сардори ҷанги ӯ Самлақ ном дошт. Дар «Муҷмал» гӯяд: ҷамоате зутиён хуруҷ карданд ва меҳтаре буд эшонро – номи ӯ Самоқ. Марҳум Баҳор менависад Зут (ба замми «Зо») мардуме буданд аз нажоди ҳинд ва сакоӣ, ки аз ҳудуди Синд ва Панҷоб пеш омада, савоҳили Форсро бо Басра ғорат мекарданд. Бархе муҳаққиқин тасаввур кардаанд, ки ҷуи- зут – сит ҳама яке аст.

Арабҳо бофтаҳои хосси эшонро «зутӣ» мегуфтанд ва яке аз муҳаддисон Асбот ибни Солими Кӯфӣ, ки пешаи фурӯши онро дошт ба Байёғи Зутӣ маъруф буд (Раҳнамои донишварон). Дар қарни аввали ислом ҳам араб ақвоми зутро мешинохтанд ва Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят кунад, ки ҳазрати Муҳаммад, салъам, мардеро дид ва фармуд шакли эшон ба зут монад (Тирмизӣ, Бобу-л-амсол). Дар «Таърихи Табарӣ» гӯяд, ки ҳазрати Алӣ, дар ҷанги Ҷамал, хизонаи Басраро ба Зут супурд. Ал-Балозурӣ менависад: Муовия дар санаи 50 ҳичрӣ зути Басраро ба Антокия бурд ва дар он шаҳр маҳаллате ба номи Зут буд ва Валид ибни Абдулмалик зутиёни Синдро, ки Муҳаммад ибни Қосим ба Ҳаҷҷоҷ фиристода буд, ба Шом интиқол дод. (Футуҳу-л-булдон).

Сафҳаи 100. «Наврӯзи муътазидӣ ӯ ниҳод ва аз урмузди фарвардин ба ёздаҳуми ҳазирон бурд… ва он рӯз ифтитоҳи хироҷ карданд ва он расм бимонд, то бад-ин ғоят ин расм бимонда аст».

Аз ҷумлаи тақвимҳое, ки барои муддате кӯтоҳ дар даҳаи охири садаи севуми ҳичрӣ то дасти боло нимаи садаи чаҳоруми ҳичрӣ дар сарзаминҳои хилофати Аббосӣ ривоҷ ёфт, тақвиме аст, ки дар замони хилофати ал-Муътазид Биллоҳ сомон дода шуд. Ин тақвим таркибе ноҳамгун аз тақвими яздигурдӣ ва тақвими искандарӣ буд. Чунин тақвиме на метавонист матлуби эрониён бошад, чароки тӯлу оғози соли он бо тақвими яздигурдӣ

тафовут дошт, на метавонист мутлуби корбарони тақвими искандарӣ бошад, чун ибтидои моҳҳои он бо ибтидои моҳҳои искандарӣ ва табаъан ибтидои соли он бо ибтидои соли искандарӣ мутобиқат надошт. Ва низ чунин тақвиме матлуби аъроб ҳам набуд, зеро дар сомони он ҳеч унсуре аз суннати тақвимии аъроб (мусалмонон) малҳуз нашуда буд.

Бо ин васф, аз он ҷо, ки аз ин тақвим дар манобеи эронӣ ёдҳо ҳаст, дар ин таълиқа ба баррасии он мепардозем.

Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, дар китоби «Таъриху-р-русул ва-л-мулук» , ки ба соли 302 ҳиҷрии қамарӣ ба поёнаш бурда, дар зайли вақоеъи соли 245 ҳиҷрии қамарӣ дар шарҳи даврони хилофати ал-Мутаваккил Ало-л-Лоҳ менависад:

« Наврӯзи Мутаваккил, ки ба таъхири он ба хироҷгузорон ирфоқ карда, рӯзи шанбе ёздаҳ (11) рӯз гузашта аз моҳи рабиъу-л-аввали ин сол, ҳафдаҳ (17) рӯз рафта аз ҳазирон ва бисту ҳашт рӯз (28) рафта аз урдибиҳиштмоҳ.

Буҳтурии Тойӣ шеъре гуфт ба ин мазмун:

Рӯзи Нирӯз ба рӯзгоре баргашт,

Ки Ардашер онро ниҳода буд».

Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳасани Қумӣ дар китоби «Таърихи Қум», ки ба соли 387 ҳиҷрии қамарӣ таълифаш карда, менависад:

«Дар китоби аббосӣ мазкур ва мастур аст, ки Абунаср Ҳасан ибни Алии Қумии мунаҷҷим айзан, дар китобе ки ӯро буда мутарҷам ва машҳур ба «Китоби таърихи хулафо ва рӯзгорҳо ва идҳои эшон» ёд карда ва ҳикоят намуда, ки Аҷамро истифтоҳ ва ибтидои хироҷи эшон дар ҳар соле дар моҳи фарвардин буда ва дар аввали соли эшон, зеро ки офтоб дар ин ҳангом дар бурҷи ҳамал дармеояд, дар аввали озар ва ғаллоту хазариёт дар Наврӯз мустадрик ва расида мешавад. Пас, аз ин ҷиҳат бад-эшон заҳмату ранҷ расид ва дар адои хироҷ ба танг омаданд ба сабаби вопас уфтодани идроки ғаллот ва иртифоъот аз ибтидои додани хироҷ.

Ва ин маънӣ бад-ин дастур ҷорӣ буд, то охири рӯзгори Муътамид. Чун мардум ба танг омаданд, шикоят ба наздики Убайдуллоҳ ибни Сулаймони вазир бурданд. Убайдуллоҳ эшонро ваъда дод ва қабул кард, ки дар ин кор ба ҷиҳати эшон назар фармояд ва андеша кунад. То рӯзе аз рӯзҳо Муътамид дар баъзе муназзаҳот ва бустонҳо ва ишратхонаҳо ба айшу нишоту тараб машғул буд. Пас вазир ҳадис дарпайваст ва инони сухан бад-ин кашид, ки чӣ гуна бошад ҳоли тоифа ва қавме, ки дар ин вақту ҳангом аз эшон талаби хироҷ кунанд ва ибтидои он аз ин

вақт гиранд. Ва ҳол он аст, ки ғаллот дар саҳорӣ ба нисбат ҳамчу гиёҳанд ва меваҳо баргҳоянд. Муътамид чун ин сухан аз вазири худ Убайд бишнид, фармуд, ки «дар айёмулқадим дар ин вақт истифтоҳ ва ибтидои гузордани хироҷ набуда?» Убайдуллоҳ гуфт: «бале, фааммо идроки ғаллот дар он замон дар ин вақт буда аст, зеро ки соли табиъия ки дар он фусули чаҳоргона тамом мешаванд – сесаду шасту панҷ рӯзу рубъ рӯзе аст ва касре (кам). Ҳол он ки фурс бад-ин рубъи рӯзҳо дар солҳои хеш кабиса мекарданд. Пас ба ҳар саду шонздаҳ (116) сол моҳе зиёда мекарданд. Пас, бино бар ин, ҳамеша дар вақти наврӯзи эшон идроки ғалла буда. Пас чун подшоҳии Аҷам завол пазируфт ва кабисаи рубъи эшон бияфтод, идроки ғаллот вопас уфтод, ба ҳар чаҳор сол як рӯз».

Пас чун Муътамид ин сухан аз муътамадду алайҳи худ – вазири соҳибройи некхоҳ ва мушфиқи раъият бишнид ва бар ҳақиқати ин маънӣ воқиф шуд, хост ки расми ифтитоҳ ва ибтидои хироҷ бозпас андозад, аҷал тохтан овард ва иттифоқ наюфтод».

Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ дар китоби «ат-Тафҳим …», ки ба соли 420 ҳичрии қамарӣ сомонаш дода, менависад: «чун порсиён аз кабиса даст боздоштанд, моҳҳошон пештар шуданд ва Наврӯз пеш аз расидан баромад ва хироҷ пеш аз ғалла гушода шуд ва деҳқонони Савод ба ранҷ уфтоданд ва барзгаронро душхвор шуд. Пас Мутаваккил ният бар он ниҳод, ки Наврӯзро пастар барад, то раъиятро осон шавад ва нарасида аст ба тамом кардани он».

Ҳам Абурайҳон дар китоби «Осору-л-боқия ...», ки то соли 440 ҳичрии қамарӣ дар дасти таълиф дошта, (ба тарҷумаи марҳум Акбари Доносиришт) менависад:

«Чунонки Абубакри Савлӣ дар китоби «Авроқ» мегӯяд ва Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ дар рисолаи худ, ки дар бораи Наврӯз ва Меҳргон навишта, чунин мегӯяд, ки Мутаваккили Аббосӣ дар шикоргоҳ машғули гардиш буд. Ногоҳ ба киштзоре расид, ки ҳанӯз хӯшаҳои он нарасида буд ва мавқеъи дарав нашуда буд. Ва гуфт: «Убайдуллоҳ ибни Яҳё аз ман иҷоза хост, ки аз мардум молиёт ва хироҷ ситонад, бо он ки ҳанӯз ҳосил ба даст наёмада ва ғалла сабз аст ва мардум аз куҷо биёваранд, то ба мо хироҷ диҳанд?» Дар посух арза доштанд, ки «ин кор зиёнҳои фаровон ба мардум ворид сохта ва раоё дастранҷи худро аз пеш фурӯш менамоянд, то хироҷи девонро пардохт кунанд ва бархе ҳам чун аз пардохти молиёт нотавон мемонанд, аз ватани худ кӯч мекунанд. Ва мардум аз ин кор шикояти бисёр доранд».

Мутаваккил гуфт: «Оё ин кор дар аҳди ман шуд, ё он ки пеш аз ман ҳам буд?» Гуфтанд, ки «ин кор аз одоти подшоҳони Эрон аст, ки дар авоили Наврӯз аз раоёи худ хироҷ меситонданд ва подшоҳони Эрон дар ин кор пешраву сармашқи мулуки араб шуданд». Мутаваккил чун ин посухро шунид, бифармуд, то мубадро ҳозир карданд ва ба мубад гуфт: «Дар ин масъала бисёр гуфтугӯ шуда, ман ҳам наметавонам аз русум ва одоти подшоҳони Эрон по берун ниҳам, ва бо он ки подшоҳони Эрон мардуме бо муҳаббат ва раиятпарвар буданд ва ба адл машҳури ҷаҳониён ва ҳамвора ба кори мардум назар доштанд, чаро дар аввали Наврӯз, ки ҳанӯз хирман ба даст наёмада, аз раоёи худ хироҷ мегирифтанд?» Мубад арза дошт: «Ҳарчанд подшоҳони Эрон ҳангоми Наврӯз аз раият хироҷ мехостанд, вале Наврӯз ҳангоме фаро мерасид, ки ғаллот ба даст омада буд». Мутаваккил гуфт: «чӣ тавр чунин чизе имкон дорад?» Мубад кайфиёти солҳо ва шумори рӯзҳоро бо ниёзмандии онҳо ба кабиса барои Мутаваккил баён кард ва гуфт: «эрониён ҳамвора солҳоро кабиса мекарданд ва чун дини ислом омад ва салтанати моро аз миён бурд, кабиса таътил шуд ва ин таътил ва эҳмоли кабиса аст, ки сабаби зиёни мардум шуда. Ва деҳқонон дар аҳди Ҳишом ибни Абдулмалик назди Холиди Қасрӣ ҷамъ шуданд ва барои ӯ шарҳ доданд, ки саҳлангорӣ дар амри кабиса боиси зиёнҳои бисёр шуда ва аз ӯ дархост карданд, ки як моҳ Наврӯзро ба таъхир андозад. Холиди Қасрӣ аз баровардани ҳоҷати деҳқонон шона тиҳӣ кард ва ин хабарро ба Ҳишом ибни Абдулмалики умавӣ навишт. Ҳишом посух дод, ки ман метарсам ин кор дар шумори насӣ бошад, ки Худованд фармуда «насӣ зиёдат дар куфр аст». Ва чун рӯзгори Ҳорунаррашид расид, низ мардум ба даргоҳи Яҳё ибни Холид ибни Бармак ҷамъ шуданд ва аз ӯ дархост карданд, ки ду моҳ Наврӯзро ақиб бияндозад. Ва Яҳё тасмим гирифт, ки ҳоҷати эшон бароварад. Вале душманони Баромака маҳофил ташкил доданд ва гуфтанд, ки Яҳё барои мақусият, ки кеши падаронаш буда, таъассуб харҷ медиҳад. Ин буд, ки Яҳё низ аз ин кор сарфи назар кард ва ҳамин тавр амри кабиса бимонд».

Пас аз он ки суханони мубад тамом шуд, Мутаваккил Иброҳим ибни Аббоси Савлиро ба дарбор эҳзор кард ва ӯро амр намуд бо мӯбад дар бораи Наврӯз ҳамроҳӣ кунад ва рӯзҳоро бишуморад ва қонуни тағйирнопазире вазъ намояд ва аз тарафи Мутаваккил ба ҳамаи шаҳрҳо бинависад, ки Наврӯзро ба таъхир бияндозанд. Ва чун Иброҳим ибни Аббоси Савлӣ бо мӯбад нишастанд ва ҳисоб намуданд, бар ин азм шуданд, ки Наврӯзро

ба ҳафдаҳум (17) бияндозанд. Ва Мутаваккил низ ин ройро писандид ва ба офоқу атрофи кишвар нома навиштанд, ки ҳукком низ чунин кунанд. Ва ин воқеа дар муҳаррами соли 243 ҳичрӣ буд. Ва Буҳтуриро дар ин мавзуъ чакомае аст, ки Мутаваккилро ба он кори бузург мадҳу ситоиш карда, мегӯяд:

Иди Наврӯз ба ҳамон аҳде, ки Ардашер онро вазъ карда буд, баргашт.

Ва ту ин аҳдро ба ҳолати худ баргардонидӣ, бо он ки Наврӯз пайваста саргардон буд ва вазъи собите надошт.

Ва дар ин рӯз гушоиши хироҷро оғоз намудӣ ва раоёро дар ин кор бисёр мувофақат ва мурооқабат шуда.

Ва вазифаи онон сипосгузорӣ ва санохонии ту аст. Ва вазифаи ту адлу дод бар онон аст.

Ва Мутаваккил кушта шуд ва натавонист ин корро ба поён расонад.

Низ Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Қонун ал-Масъудӣ» навишта аст:

«Наврӯз ба ҳангоме наздик ба инқилоби тобистонӣ, бад-он вақт, ки ғаллот омодаи бардошт мешуд, воқеъ буд ва кисроён бад-он ҳангом гушоди хироҷ медоданд. Чун давлати эшон завол ёфт, дар иҷрои кабиса эҳмол шуд ва пас аз он Наврӯз аз мавзеъи худ тағйир кард. Ва чун ҳангоми бардошти ғаллот набуд, дархости хироҷ муҷиби зиёни раоё мешуд. Мутаваккил дар ин бора ҳуш гуморд ва мавзуъро ба гуфтугӯ гузошт ва бар он буд, то Наврӯзро ба маҳалли он баргардонад, вале пеш аз анҷоми ин ният кушта шуд».

Дар таълифе, ки мо аз он ба «Рисола дар кашфи ҳақиқати Наврӯз» таъбир мекунем ва ба солҳои миёни 464-467 ҳичрии қамарӣ таълиф шуда ва бо ду навиштаи дигар рӯиҳам ба «Наврӯзнома» шуҳра аст, омада:

«Ба рӯзгори Ардашери Бобакон, ки ҷашни кабиса уфтод, ӯ кабиса бикард ва ҷашни бузург сохт ва аҳднома набишт ва он рӯз бархонд ва мардумон бар ҳамон ойин ҳамерафтанд.

То ба рӯзгори Анӯширвони одил, чун айвони Мадоин тамом гашт, Наврӯз кард ва ҷашн ниҳод ва он чи расм буд, ба ҷой овард, чунонки ойини эшон буд. Аммо кабиса накард ва гуфт: «ин ойин ба ҷо монед, то сари дарав, ки офтоб ба аввали саратон ояд, чи мақсуд андар ниҳоди Наврӯз асл на ин буда аст, ки офтоб ба аввали саратон ояд, то он ишорат, ки Гаюмарс ва Ҷамшед карданд, аз миёна бархезад». Ин бигуфт ва беш кабиса накард.… то ба рӯзгори Мутаваккил Ала-л-Лоҳ. Мутаваккил вазире дошт

номи ӯ Муҳаммад ибни Абдулмалик. Ӯро гуфт: «Ифтитоҳи хироҷ дар вақте мебошад, ки мол дар он вақт аз ғалла дур бошад ва мардумонро ранҷ мерасад. Ва ойини мулуки Аҷам он буда аст, ки кабиса карданд, то сол ба ҷойи хеш бозояд ва мардумонро ба мол гузордан ранҷ камтар расад. Чун дасташон ба иртифоъ расад». Мутаваккил иҷобат накард ва ҳам бад-он ҷумла бимонд.

Изуддин Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ибн ал-Асир ал-Ҷазрӣ машҳур ва маъруф ба Ибни Асир дар китоби «ал-Комилу-т-таворих» ё «ал-Комил фӣ таърих», ки ба соли 628 ҳичрии қамарӣ таълифи онро ба поён бурда, зимни шарҳи вақоеъи соли 245 ҳичрии қамарӣ навиштаи Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар китоби «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-ро рӯнависӣ кардааст (ки қаблан иқтибос шуд – Қ.Р.)

Ва охируламр Абуҳилол Аскарӣ дар китоби «ал-Авоил» дар мавриди гушоиши хироҷ ва нияти ал-Мутаваккил навишта аст:

«Мутаваккил аввалин кас аз хулафост, ки чун огоҳӣ ёфт, ки мардумон ба воситаи мақруз шудан ва талаф шудани амволашон ба ҳангоми гушоиши хироҷ зиён мебинанд, Иброҳим ибни Аббоси Савлиро эҳзор кард ва аз вай хост, ки Наврӯзро ба рӯзи ҳафдаҳуми (17) ҳазирон ба таъхир андозанд. Пас, дар ин бора номаҳо навишта ва фиристода шуд… Лекин Мутаваккил пеш аз расидани соли нав кушта шуд. Мунтасир ба ҷояш нишаст ва чун ба мол эҳтиёҷ дошт, мардумонро ба ҳамон расми пешин ба гузордани хироҷ водошт ва он чи Мутаваккил дар садади марсум доштани он буд, амалӣ нашуд».

Баҳоуддин Абумуҳаммад Абдулҷаббор Собитии Харақӣ дар китоби «Мунтаҳиу-л-идрок фӣ тақосиму-л-афлок», ки дар ҳудуди нимаи садаи шашум таълифаш карда, навиштааст:

«Рӯзе Мутаваккил гардишро берун рафт. Киштзорҳоро дид, ки ҳанӯз нарасида (маҳсул ба даст наёмада) буд. Убайдуллоҳ ибни Яҳё аз ифтитоҳи хироҷ, он ҳам ба ҳангоме, ки ҳанӯз маҳсул ба даст наёмада аст ва аз заҳмату гилаи мардум ва вомдор шудан ва ба иҷбор тарки ватан карданашон сухан гуфт. Мутаваккил пурсид, ки оё ин дар даврони хилофати ман рух дода, ё пештар ҳам ҳамчунин будааст. Гуфтандаш, ки шоҳони Эрон ифтитоҳи хироҷро ба ҳангоми Наврӯз асос ниҳодаанд. Пас мӯбадро хонданд ва аз чигунагии кори шоҳони Эрон ба ифтитоҳи хироҷ дар Наврӯз пурсиданд, ки чӣ гуна аст, ки дар Наврӯз, ба ҳангоме ки ҳанӯз маҳсул ба даст наёмада аст, бунёни ифтитоҳи хироҷ ниҳодаанд. Мӯбад, тавзеҳ дод, ки гарчи ифтитоҳи хироҷро дар Наврӯз қарор дода буданд, вале Наврӯз ба воситаи иҷрои кабиса ҷуз дар як ҳангом воқеъ намешуд. Вале пас аз истилои

мусалмонон бар Эрон кабиса матрук шуд (ва Наврӯз ба гардиш даромад).

Мутаваккил пас аз огоҳӣ бар ин амр Иброҳим ибни Аббоси Савлиро гумошт, то бо мӯбад сухан бидорад ва пас аз вуқуф ба амри кабиса қоидае барои он барқарор кунад. Пас номаҳое аз сӯи вай ба умоли навоҳӣ навиштанд, ки Наврӯзро то ҳафдаҳуми (17) ҳазирон (румӣ) ба таъхир андозанд. Ва ин дар соли салас ва арбаъин ва маъотин (243) мин ҳиҷрат ал-набӣ, салла-л-Лоҳу алайҳ буд. Пас Мутаваккил кушта шуд ва ин кор ба анҷом нарасид».

Ният ва тасмими ал-Мутаваккил Ала-л-лоҳ ба таъхири Наврӯзро Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (ва ба иқтибос аз ӯ Ибни Асир низ) дар соли 245 ҳиҷрии қамарӣ навишта аст, ва ҳол он ки Абурайҳони Берунӣ дар Осору-л-боқия ва Абдулҷаббори Собитии Харақӣ дар «Мунтаҳу-л-идрок» … дар соли 243 ҳиҷрии қамарӣ ёд мекунанд.

Дар ин сурат бояд гуфт, ё Мутаваккил пешниҳоди таъхири Наврӯзро напазируфта аст, чунонки муаллифи «Рисола дар кашфи ҳақиқати Наврӯз» ҳикоят мекунад, ки Наврӯз дар замони ӯ ба таъхир наюфтод ва ё ин ки дар иҷрои пешниҳоди таъхири Наврӯз мураддад буда аст, чароки Матаваккил Ала-л-лоҳ ба соли 247 ҳиҷрии қамарӣ кушта шуд. Агар Мутаваккил пешниҳоди таъхири Наврӯзро мепазируфт, чанд соле фурсат дошт, то онро ба иҷро дароварад. Ва мумкин ҳам ҳаст, ки ҳам таърихи 243 ва ҳам таърихи 245 ғалат ва таърихи 246 дуруст бошад, ки пеш аз расидани Наврӯзи соли 247 Мутаваккил кушта шуд.

Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ дар ҳамон «Таъриху-р-русул ва-л-мулук» дар зайли вақоеъи соли 282 ҳиҷрии қамарӣ навишта аст:

«Сухан аз ҳодисоте, ки дар соли дувисту ҳаштоду дувум буд:

Аз ҷумла он буд, ки Муътазид дар муҳаррами ин сол дастур дод, ба ҳамаи омилон дар ноҳияҳо ва шаҳрҳо нома навиштанд, ки хироҷро аз Нийрӯз, ки ҳамон Наврӯзи аҷамон аст, оғоз накунанд ва онро ба рӯзи ёздаҳуми (11) ҳазирон ақаб андозанд. Ва инро «Нийрӯзи муътазидӣ» номиданд. Номаҳо дар ин боб аз Мавсил навишта шуд, ки Муътазид он ҷо буд ва номаи вай ба Юсуф ибни Яъқуб расид, ки бад-ӯ хабар дод, ки аз ин кор рифоҳи мардум ва мулоимат бо онҳоро манзур дошта ва дастур дода буд, номаи вайро бар мардум бихонанд, ки чунон кард…

Дар ин сол мардум аз он чӣ дар Нийрӯзи Аҷам мекарда буданд – аз пошидани об ва афрӯхтани оташ ва русуми дигар мамнуъ шуданд».

Масъудӣ дар китоби «Мураввиҷу-з-заҳаб ва маъодину-л-ҷавҳар», ки ба соли 336 ҳиҷрии қамарӣ таълифаш карда, менависад:

«Мардум аз кори хироҷ ва таъхири соли он нигарон буданд ва Муътазид онро пас оварда ва шоирон дар ин боб сухан бисёр гуфтанд ва васфи фаровон карданд. Аз ҷумла, Яҳё ибни Алии Мунаҷҷим гуфт: Эй эҳёкунандаи шарафи асил ва таҷдидкунандаи мулки хароб ва устуворкунандаи рукни дин – аз паси он ки ларзон буд – миёни шоҳон чун гул миёни гулоб барҷастаӣ. Ба рӯзи наврӯзе, ки шукру савобро бо ҳам дорӣ, хуш бош. Чизеро, ки пеш бурда буданд, ба тартиби дуруст овардӣ».

Ин сухан низ аз ӯст: Рӯзи Наврӯзи ту якест ва ақаб наемонад, ҳамеша ба рӯзи ёздаҳуми ҳазирон меояд».

Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ дар китоби «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё», ки миёни солҳои 344-346 ҳиҷрии қамарӣ сомонаш дода, менависад:

«Дар замони мо кабиса дар солҳои искандарониёни юнонӣ ва дар солҳои аъроб, ки ба солҳои муътазидӣ номзад аст ва дар солҳои исроилиён иъмол мешавад.

Эрониён низ кабисаро маъмул медонистанд ва он аз оғози рӯзгор то инқирози Сосониён тавассути аъроб давом дошт – чунонки аъроби даврони ҷоҳилиятро низ кабисае ба номи «насӣ» буд ва ислом онро мансух кард – ва пас аз ислом соли эрониён муддати 271 сол бе кабиса монд, то он ки Муътазид дар соли 282 бо вазъи кабиса солро ба эътидол овард ва мардуми Ироқ низ онро пазируфтанд».

Ва ҳам Масъудӣ дар китоби дигараш мавсум ба «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф», ки ба соли 345 ҳиҷрии қамарӣ таълифи онро ба поён бурда, менависад:

«Вақте мулки эрониён бирафт ва русумашон мунқариз шуд ва подшоҳоне, ки рубъи рӯзро кабиса мекарданд, намонданд, айёми сол тағйир ёфт ва наврӯзашон дар муддати дувисту панҷоҳ (250) сол, то даврони Муътазид наздик ба ду моҳ пеш уфтод ва ба ҳамин ҷиҳат вақти мутолибаи хироҷ, аз вақте ки ҳосил ба даст меомад, зудтар шуд ва Муътазид ба соли дувисту ҳаштоду дувуми (282) ҳиҷрӣ онро ҳудуди ду моҳ пас бурд ва ба тартиби моҳҳои суриёнӣ қарор дод, то дигар тағйир наёбад, зеро ба василаи кабиса собит мемонд ва Наврӯзро ба рӯзи ёздаҳуми (11)

ҳазирон бурд, ки бад-ӯ мансуб шуд ва «наврӯзи муътазидӣ» номида шуд».

Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳасани Қумӣ дар китоби «Таърихи Қум» навишта аст:

«Дар айёму-л-қадим хироҷи Қум ҳар соле дувоздаҳ моҳ ба дувоздаҳ дафъа расонидаанд, моҳи аввал фарвардин ва моҳи охир исфандормуз, то он ки дар айёми Муътазид кабиса воқеъ шуд, чунонки ман баъд аз ин ҳикоят кунам. Чун кабиса воқеъ шуд, ибтидои гузордани хироҷ ҳар сол моҳи хурдод гирифтанд ва хатм ба моҳи урдибиҳишт карданд. Дар ин дувоздаҳ моҳ ба дувоздаҳ дафъа арбоби хироҷ ҳар як хироҷи худро мерасониданд ва уқуди маъқуда ва дастуроти маҳтума, ки дар он вақту замон ба номи арбоби хироҷ ва ҷаҳобиза буд, нотиқанд бад-ин , ки мо ёд кардем. Ва ҳамчунин амри хироҷ бад-ин дастур доир ва ҷоиз буд, то он гоҳ, ки омилони Ҷабалу Дайлам, ба ривояти шайх Қазвинӣ ва ғайра ҳикоят карданд, ба Қум омил шуданд, нуҷуми хироҷ дар рӯзгори пешин нуҳ моҳ гардониданд, аввали он моҳи урдибиҳишт ва охири он моҳи моҳи дай. Пас чун Рукну-д-давла, раҳмату-л-Лоҳ, бад-ин ноҳият расид, нуҷуми хироҷ даҳ моҳ гардонид, авали он моҳи урдибиҳишт ва охири он моҳи баҳман ва амру дастури хироҷ чанд гоҳ бар ин минвол буд, то он замон, ки соҳибу-л-ҷалил кофиу-л-кифот Абулқосим Исмоил ибни Аббод, айдуллоҳ дар вақти вазорати ӯ мар Рукну-д-давла, раҳмату-л-Лоҳ ва Фахру-д-давла, айдуллоҳ ба Қум расид, нуҷуми хироҷ дувоздаҳ моҳ гардонид, авали он моҳи хурдодмоҳ – ба расми Муътазид – ва ин маънӣ дар салас ва сабъин ва саласмоа (373) буд. Пас арбоби хироҷ бад-ин дастур ва қонун хурраму шодмона ва мунтафеъ гаштанд ва басе Мавлоно соҳибу-л-ҷалил кофиу-л-кифот Абулқосим Исмоил ибни Аббодро сано ва дуо гуфтанд…

Пас, чун хилофат ба Муътазид расид ва ӯ халифа шуд, Убайдуллоҳ ибни Сулаймон интизор мекашид ва чашм медошт, то Муътазид дар баъзе мутаназзиҳот маҷлис созад ва вақт хуш бувад ва ин ҳикояту қисса ба самъи халифа бирасонад. Ва ин ҳама аз эҳтимоми Убайдуллоҳи вазир буд дар бораи раият ва ҳоли эшон, то рӯзе аз рӯзҳо Муътазид дар баъзе аз мутаназзиҳот маҷлис сохт. Вазир фурсат ғанимат донист, ҳикояти раият ва харобии эшон ба сабаби таъхири идроки ғаллот аз вақти додани хироҷ ба арз расонид ва ҳамон ҳикоят, ки бо Муътамид гуфта гуфта буд, ба ҳазрати Муътазид боз ронд. Пас, Муътазид фармуд: «ҳилат ва тадбир чист дар он ки истифтоҳ ва ифтитоҳи хироҷ дар вақти идроки ғаллот бувад, чи хироҷ бар ғаллот ва

иртифоъ аст». Пас, Убайдуллоҳи вазир ҳисоб кард ва бисёр фикру андеша намуд. Ва ҳол он ки аз он сол боз, ки кабиса тарк карда буданд, то аснатин ва самонин ва маъотини (282) ҳичрия дувисту чиҳил сол гузашта буд. Пас, Убайдуллоҳи вазир фармуд, ки «вазифа он аст, ки мо ду моҳ вопас гузорем ва расми ифтитоҳ бар моҳи суриёниён ниҳем, то абад бар як ҳол бимонад ва мутағаййир нагардад, зеро ки эшон кабисаи рубъ муътабар медоранд ва риояти он менамоянд». Пас, ду моҳро вопас гузоштанд то рӯзи аввали (1) моҳи хурдод то санаи арбаъ ва ситтин ва маъотини (284) яздичурдия ва он рӯзи чаҳоршанбе буд, сездаҳ (13) рӯз аз моҳи рабиъу-л-охир гузашта лисанати аснатин ва самонин ва маъотини (282) ҳичрия. Рӯзро «Наврӯзи Муътазид» ном карданд, ба сабаби вазъ кардани ӯ истифтоҳ ва ибтидои хироҷ дар ин рӯз ва бифармуд, то дар девонҳо бинавиштанд ва сабт намуданд ва номаҳо навиштанд, бад-ин дастур аз заҳмати хироҷ аз вақти ибтидои истифтоҳ гузордан ва вазъ ба уммол ва коркунони дигар шаҳрҳо ва ҳол он ки он рӯз офтоб дар авҷи худ буд.

Пас, ба баракати Убайдуллоҳи вазир ва эҳтимоми ӯ дар бораи раият ва мардум бад-ин дастур аз заҳмати таъхири хироҷ аз вақти ибтидои истифотоҳ гузордани он халос ёфтанд. Ва ин расму дастур бад-ин қоида ва қонун бимонд, ва-л-Лоҳу аълам ва аҳкам».

Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунӣ, дар китоби «ат-Тафҳим лиавоили саноъату-т-танҷим» менависад:

«Аз паси ӯ (ал-Мутаваккил Ала-л-Лоҳ) халифаеро андар ин шуғл (ба таъхир андохтани гушоди хироҷ) набуд, магар Муътазидро, ки ӯро ҷуз ин ҳиммат набуд. Пас Наврӯзро ба ёздаҳуми (11) рӯзи ҳазирон бурд. Ва дигар моҳҳои порсӣ ва он чи андар он аст аз рӯзгорҳо, ба ҳасби Наврӯз аз пас бурда шуд.

Чун суриёниён соли хеш кабиса кунанд, мустариқаи Муътазид низ шаш (6) рӯз мешавад андар он сол».

Ва ҳам Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Осору-л-боқия ан қуруну -л-ҳолия» (ба тарҷумаи марҳум Акбари Доносиришт) навишта аст:

Аҳли Қустантания ва Искандария - чунончи Совун дар зичи худ баён карда – ва дигар румиёну суриёниён ва калдониён ва аҳли Миср дар замони мо ва онон, ки ба ройи Муътазид ҳастанд, солашон шамсӣ аст ва ба тақриб сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъи рӯз бошад, соли худро сесаду шасту панҷ рӯз гардониданд ва ин чаҳорякҳоро дар чаҳор сол ба ҳам мулҳақ мекунанд ва як рӯз ташкил медиҳанд ва он солро соли кабиса мегиранд».

«Байнуттаърихайни таърихи яздигурдӣ ва таърихи муътазидӣ 96055 рӯз аст. Моҳҳои таърихи муътазидӣ форсӣ ва солҳои он румӣ аст».

«Таърихи Аҳмад ибни Талҳа амиралмуъминин Муътазид Биллоҳ ба солиёни румӣ ва моҳҳои форсӣ аст, вале ба маъхази дигар ва ин таърих ҳар чаҳор сол як рӯз кабиса мешавад».

«Муътазид ба ҷойи Мутаваккил нишаст ва пас аз он ки кишварро аз вуҷуди ёғиву тоғӣ пок кард ва фурсате ёфт, ки ба умури раият саркашӣ кунад, муҳимтарин чизе, ки ба назари ӯ расид, амри кабиса буд, ки бояд онро ба итмом расонад. Ва Муътазид монанди Мутаваккил тасмим гирифт, ки Наврӯзро ба таъхир андозад. Ҷуз он ки миёни Мутаваккил ва Муътазид ин фарқ ҳаст, ки Мутаваккил миёни соле, ки дар ӯ буд ва соли аввали подшоҳии Яздигурдро гирифт ва Муътазид миёни солеро, ки дар ӯ буд ва солеро, ки подшоҳӣ аз дасти эрониён ба ҳалокати Яздигурд берун рафт, ё худи Муътазид бар ин гумон буд ва ё дигар ашхосе, ки ин кор ба дасти эшон шуд, ки эрониён аз замони ҳалокати Яздигурд кабисаро эҳмол кардаанд. Ва ин муддатро дувисту чиҳилу се сол ёфтанд, ки саҳми он аз арбоъ шаст рӯзу касре хоҳад буд. Муътазид ин шаст (60) рӯзро бар Наврӯзи соли худ бияфзуд ва онро охири ин айём донист ва он аввал рӯзи (1) хурдодмоҳи он сол буд ва рӯзи чаҳоршанбе ва мувофиқ бо ёздаҳуми (11) ҳазирон. Сипас Наврӯзро ба солҳои румӣ бурданд, то он ки ҳар вақт румиён шуҳури худро кабиса мекунанд, Наврӯз низ кабиса шавад.

Он кас, ки тавлияти ин корро ӯҳдадор буд ва ба поён расонид, Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Сулаймон ибни Ваҳаб буд…

Агарчи дар ин кор бисёр диққат намуданд, вале Наврӯз ба кабисае, ки истеҳқоқ дошт, нарасид, зеро эрониён ҳафтод сол пештар аз Яздигурд кабисаи худро эҳмол карда буданд ва дар замони Яздигурд ибни Шопур ду моҳ кабиса карда буданд, як моҳ барои ин ки сол бояд ба таъхир уфтад, ки воҷиб буд, чунонки хоҳем гуфт ва як моҳ ҳам барои оянда, то он ки замони дарозе аз кабиса дилосуда бошанд ва чун аз солҳое, ки миёни Яздигурд ибни Шопур ва Яздигурди Шаҳриёр саду бист сол кам кунем, ба таври тақриб, на ба таҳқиқ, ҳафтод сол хоҳад монд, зеро таворихи эрониён бисёр мағшуш аст ва ҳиссаи ин ҳафтод сол ҳафдаҳ рӯз мешавад. Пас бояд мутобиқи қиёс бисту ҳашт рӯз ба таъхир уфтад, на шаст рӯз, то он ки дар натиҷа Наврӯз дар бисту ҳаштуми ҳазирон бошад, валекин шахсе, ки ин корро ӯҳдадор буд, чунин гумон кард, ки равиши эрониён дар кабиса

монанди равиши румиён аст, ин буд, ки бар тибқи ин гумони ғалат оғози ҳисоби худро аз заволи мулки эшон гирифт, бо он ки ҳақиқати амр чунин нест. Ва мо онро ба таври машруҳ баён кардем».

«Таркиби моҳҳои муътазидӣ биайна монанди моҳҳои форсӣ аст, валекин номи рӯзҳое, ки дар моҳи форсӣ аст, дар шуҳури Муътазид истеъмол намешавад, чи айёме ки бар солҳои муътазидӣ лоҳақ кардаанд, дар ҳар чаҳор сол як рӯз кабиса мешавад… Кабисаи солҳои муътазидӣ монанди солҳои Рум ва суриёнӣ аст».

«Дар таърихи Муътазид Биллоҳ бояд… аз фарвардинмоҳ оғоз кунем, то ба озармоҳ бирасем ва агар сол кабиса бошад, яънӣ ду рубъ аз чаҳорякҳо монда бошад, чунонки дар таърихи Искандар буд, шаш рӯз аз он илқо кунем ва агар кабиса набошад, панҷ рӯз барои он илқо мекунем

Ва дар ин таърих Нийрӯз ҳамвора бо рӯзи ёздаҳуми ҳазирон барои амале, ки дар пеш гуфта шуд, мувофиқ мешавад».

Дар зимни тавқеъот ва аъёди Рум дар «Зиҷи муфрад», ки онро Муҳаммад ибни Айюб Ҳосиби Табарӣ дар авохири садаи панҷум ё авоили садаи шашуми ҳичрӣ фароҳам оварда, омада аст:

«Тавқеъот ва аъёди Рум… Нийруз ал-Муътазид, ёздаҳуми ҳазирон».

Дар китоби «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас» омада аст:

«Солҳои шамсиро ҳамчунин чун бисёр бигзарад, ба кабиса ҳоҷат уфтад, ки андар ҳар чаҳор сол як рӯз тафовут кунад ва андар солҳои искандарӣ кабиса кардаанд ва дар ислом ба рӯзгори Муътазид, ҳамчунон ва шарҳи он дароз аст».

«(Муътазид) Наврӯз бинҳод, ки онро дар тақовим «Нийрузи муътазидӣ» нависанд, то одати Наврӯз ва ифтитоҳи хироҷ кунанд ва наврӯзи қадим мансух шуд ва кабиса фармуд кардан дар айёми хеш, ки бисёр тафовут уфтода буд дар ҳисоб ва ҳанӯз он кабиса мустаъмал доранд».

Ва охируламр, Баҳоуддин Абумуҳаммад Абдулҷаббори Собитии Харақӣ дар китоби «Мунтаҳиу-л-идрок фӣ тақосим ал-афлок» навишта аст:

«… ал-Муътазид Биллоҳ, ки ҳамоно Абулаббос Аҳмад ибн ал-Муваффақ ал-Мутаваккил аст, муҳимтарин амрро мавзуъи кабиса ва таъхири Наврӯз қарор дод ва дастур фармуд, то мулоҳиза кунанд ва бибинанд, байни соле, ки кабиса тарк шуда, то он сол чӣ муддат гузашта аст. Пас он муддатро дувисту чиҳил сол ва саҳми он солҳо аз кусурро шаст рӯз ёфтанд. Пас дастур

дод, ки ин шаст рӯзро аз аввали фарвардинмоҳ бишуморанд, ба аввали хурдодмоҳ расиданд. Ва инчунин Наврӯзро дар аввали хурдодмоҳ (яздигурдӣ) қарор доданд. Ва ин воқеъа дар рӯзи чаҳоршанбе санаи маъотин ва арбаъ ва ситин (264) ли Яздиҷурд ибн Шаҳриёр ва салас ушр (13) лайлат халат мин шаҳри рабиъ (у-л-охир) санат маъотин ва аснатин ва самонин (282) лиҳиҷрат ва явм улҳоди ашр (11) мин ҳазирон санат алиф ва маъотин ва ситт лил-Искандар буд».

Ҷуз манобеъи куҳан, ки ёдкарди онҳо аз тақвими Муътазидиро овардам, манобеъи дигаре бо шарҳҳои кӯтоҳ ва баланд дар бораи тақвими муътазидӣ низ ба даст аст, ҳамчун «ал-Комил фӣ- т-таърих», «Таҷорибу-с-салаф», «Таърихи гузида», «Хутути Макризӣ», «ал-Бидояту-л-ниҳоят», «Китобу-л-авоил», «Таърихи Абулфидо», … ки нуктаи муҳимме, ки ба кори шинохти бештару дақиқтари тақвими муътазидӣ биёяд, надоранд ва ёди машруҳаҳои онҳо такрори касалкунандаи матолибе хоҳад буд, ки аз манобеи куҳан ёд шуд.

Акнун бо таваҷҷуҳ ба ривоёт ва мадорике, ки аз мутуни куҳан нисбатан ба ашбоъ нақл шуд, огоҳиҳомон аз мухтассоти тақвими муътазидиро хулоса мекунем:

1.Тақвиме, ки ба дастур (ва ё дар замони ал-Муътазид Биллоҳ (халифаи Аббосӣ) бо ба таъхир андохтани Наврӯзи яздигурдӣ ба муддати ду моҳ таъсис шуд, ба «тақвими муътазидӣ» машҳур аст («ат-Танбеҳ ва-л-ишроф»)

2. Теъдоди моҳҳо ва теъдоди рӯзҳои ҳар моҳ ва ҷойи андаргоҳ дар тақвими муътазидӣ ҳамчун моҳҳо ва рӯзҳои тақвими яздигурдӣ аст, ки фақат рӯзҳои моҳҳо ва андаргоҳ ном надоранд («Осору-л-боқия…») Дар ин сурат ҳар соли тақвими муътазидӣ 12 моҳ (аз фарвардин то исфандормуз) дорад, ки ҳар моҳ 30 рӯз аст ва як андаргоҳ дар миёни моҳҳои ҳаштум ва нуҳум (миёни моҳҳои обон ва озар) дорад.

3. Ҳар соли тақвими муътазидӣ ҳамчун ҳар соли тақвими искандарӣ 365 шаборӯз ва рубъи шаборӯз (365/25) дорад («Осору-л-боқия…»).

4. Тақвими муътазидӣ ҳамчун тақвими искандарӣ ҳар чаҳор сол муъодили як рӯз кабиса мешавад («Осору-л-боқия…») .

5. Соли макбуси муътазидӣ мутобиқи соли макбуси искандарӣ аст («Осору-л-боқия…»), яънӣ ҳамон сол, ки тақвими искандарӣ кабиса шавад, тақвими муътазидӣ низ кабиса хоҳад шуд.

6. Дар тақвими муътазидӣ дар солҳои одӣ (ғайримакбус) теъдоди рӯзҳои андаргоҳро 5 рӯз ва дар солҳои макбус андаргоҳро (бо як рӯзи изофа ба унвони кабиса) 6 рӯз мегиранд («ат-Тафҳим», «Осору-л-боқия», «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас»)

7. Рӯзи аввали фарвардинмоҳи соли муътазидӣ ба «Наврӯзи муътазидӣ» номзад аст («Таъриху-р-русул ва-л-мулук», «ат-Танбеҳ ва-л- ишроф», «Таърихи Қум», «Зиҷи муфрад», «Муҷмалу-т-таворих ва-л -қисас»).

8. Наврӯзи муътазидии соли аввали тақвими муътазидӣ (рӯзи мабдаъ) рӯзи чаҳоршанбе будааст («Таърихи Қум», «Осору-л-боқия…», «Мунтаҳиу-л-идрок»).

9. Тақвими муътазидӣ дар соли 282 ҳиҷрии қамарӣ таъсис шуда аст («Таъриху-р-русул ва-л-мулук», «Мураввиҷу-з-заҳаб», «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё», «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф», «Таърихи Қум»).

10. Наврӯзи муътазидии соли авали тақвими муътазидӣ (рӯзи маьдаъ) мутобиқи рӯзи 13 моҳи рабиъу-л-охири соли 282 ҳиҷрии қамарӣ буда аст («Таърихи Қум», «Мунтаҳиу-л-идрок»).

11. Наврӯзи муътазидии соли аввали тақвими муътазидӣ (рӯзи маьдаъ) мутобиқи рӯзи аввали хурдодмоҳи яздигурдӣ («Таърихи Қум», «Осору-л-боқия…», «Мунтаҳиу-л-идрок»…) аз соли 264 яздигурдӣ буда аст («Таърихи Қум», Мунтаҳиу-л-идрок»…)

12. Наврӯзи муътазидии соли аввали тақвими муътазидӣ (рӯзи маьдаъ) мутобиқи 11 моҳи ҳазирони соли 1206 искандарӣ будааст («Таъриху-р-русул ва-л-мулук», «ат-Танбеҳва-л-ишроф»,«ат-Тафҳим…», «Осору-л-боқия…», «Зиҷи муфрад», «Мунтаҳиу-л-идрок»).

13. Байнуттаърихайни мабдаъи тақвими муътазидӣ ва мабдаъи тақвими яздигурдӣ 96055 рӯз аст («Осору-л-боқия…»).

Дар бораи бархе аз мутун ва хулосаҳои ёдшуда дар боло тавзеҳ диҳам (бо ин тазаккур, ки қавоиди татбиқи тақвимҳои искандарӣ, ҳиҷрии қамарӣ ва яздигурдӣ ба якдигарро дар китоби «Зиҷи малик» ба тафсил шарҳ додаам).

*Дар матни чопии китоби «Таърихи Қум» соли ҳиҷрии қамарӣ, ки тақвими муътазидӣ дар он сол таъсис шуд, «санат аснатин ва самонин ва моъия», яънӣ соли 182 омада аст. Пайдост, ки ин як ғалатӣ китобатӣ аст ва бо иноят ба банди 9 хулосаи боло «санат аснатин ва самонин ва маъотин», яънӣ соли 282 дуруст аст.

Дар ҳамин тика аз китоби «Таърихи Қум» соли яздигурдӣ, ки тақвими муътазидӣ дар он сол таъсис шуд «санат арбаъ ва самонин ва маъия», яънӣ соли 184 омада аст. Пайдост, ки ин низ як ғалати китобатӣ аст, ки бо иноят ба байнуттаърихайни мабдаъи таърихи муътазидӣ ва мабдаъи тақвими яздигурдӣ, ки дар банди 13 хулосаи боло ёд шуд, саҳеҳи он «санат арбаъ ва самонин ва маъотин», яънӣ соли 284 яздигурдӣ аст. Таъйиди дигар бар ин тасҳеҳ он ки, ҳамчунон ки дар машруҳаи китоби «Осору-л-боқия…» гузашт, «Муътазид миёни солеро, ки дар ӯ буд ва солеро, ки подшоҳӣ аз дасти эрониён, ба ҳалокати Яздигурд, берун рафт, гирифт… ва ин муддатро 243 сол ёфтанд». Соли ҳалокати Яздигурдро 20 сол пас аз соли аввали салтанати Яздигурд, яънӣ соли 21 тақвими яздигурдӣ маҳсуб медоштанд, лиҳозо 243 сол пас аз ҳалокати Яздигурд хоҳад шуд 264 (= 243 +21) яздигурдӣ. Таъйиди муҷаддад барои тасҳеҳи «Таърихи Қум» низ он ки агар рӯзи 13 рабиъулохири соли 282 ба унвони рӯзи мабдаъи тақвими муътазидиро, ки дар банди 10 хулосаи боло ёд шуд, бо тақвими яздигурдӣ татбиқ диҳем, мутобиқи соли 264 яздигурдӣ хоҳад гардид. Ҷуз инҳо Абурайҳони Берунӣ дар китоби «ал-Қонуни Масъудӣ» мутазаккири ҳамин соли 264 яздигурдӣ шуда аст. Ва чунонки гузашт, Абдулҷаббор Собитии Харакӣ низ соли яздигурдии таъсиси тақвими муътазидиро соли 264 яздигурдӣ ёд карда аст.

*Рӯзи 13 моҳи рабиъулохир (банди 10 хулосаи боло) дар китоби «Мунтаҳиу-л-идрок» чунин омада аст: «саласа ушр лайлат халат мин шаҳру рабиъу-л-аввал…», яънӣ ки ба ҷойи «рабиъу-л-охир» «рабиъу-л-аввал» омада аст. Ба манзури таҳқиқ «рӯзи чаҳоршанбеи 1 хурдодмоҳи соли 264 яздигурдӣ (банди 11 хулосаи боло)-ро бо тақвими ҳиҷрии қамарӣ мутобиқат медиҳем. Натиҷа он ки 1 хурдодмоҳи соли 264 яздигурдӣ мутобиқи рӯзи 13 рабиъу-л-охири соли 282 ҳиҷрии қамарӣ будааст. Дар ин сурат «рабиъу-л-аввал» ба ҷойи «рабиъу-л-охир» дар матни дастнавишти китоби «Мунтаҳиу-л-идрок…» як ғалати китобатӣ аст.

*Ба манзури таҳқиқи сиҳҳати хулосаи истихроҷшуда аз мутун рӯзи 13 рабиъу-л-охири соли 282 ҳиҷрии қамарӣ (мазкур дар банди 10 хулосаи боло)-ро бо тақвими яздигурдӣ, ё рӯзи аввали хурдодмоҳи соли 264 яздигурдӣ (мазкур дар банди 11 хулосаи боло)-ро бо тақвими ҳиҷрии қамарӣ мутобиқат медиҳем. Натиҷа он ки 13 моҳи рабиъу-л-охири соли 282 ҳиҷрии қамарӣ мутобиқ будааст бо рӯзи чаҳоршанбеи 1 хурдодмоҳи соли 264 яздигурдӣ.

* Он соли искандарӣ, ки таъсиси тақвими искандарӣ дар он воқеъ шуд, дар матни дастнавишти «Мунтаҳиу-л-идрок…» «санат алиф ва маъотин ва ситт ва ситин», ёънӣ соли 1266 омада аст, ки албатта як хатои чашмӣ, ё як ғалаи китобатӣ аст. Ба манзури ташхиси соли тақвими искандарии мутобиқ бо соли аввали тақвими муътазидӣ, рӯзи чаҳоршанбе 13 моҳи рабиъу-л-охири соли 282 ҳичрии қамарӣ, ё рӯзи чаҳоршанбеи 1 хурдодмоҳи соли 264 яздигурдиро бо тақвими искандарӣ татбиқ медиҳем. Натиҷа он ки рӯзи чаҳоршанбеи 13 моҳи рабиъу-л-охири соли 282 ҳичрии қамарӣ= рӯзи чаҳоршанбеи 1 хурдодмоҳи соли 264 яздигурдӣ = рӯзи чаҳоршанбеи 11 моҳи ҳазирони соли 1206 искандарӣ. яънӣ тақвими муътазидӣ дар соли 1206 искандарӣ таъсис шуда аст.

* Ба манзури ёфтани татобуқи фаслии тақвими муътазидӣ ҳар як аз моҳҳои рабиъу-л-охири соли 282 ҳичрии қамарӣ, ё хурдодмоҳи соли 264 яздигурдӣ, ё моҳи ҳазирони соли 1206 искандариро ба тақвими эътидолӣ мутобиқат медиҳем. Натиҷа он ки моҳи рабиъу-л-охири соли 282 ҳичрии қамарӣ= хурдодмоҳи соли 264 яздигурдӣ= моҳи ҳазирони соли 1206 искандарӣ = бурҷи саратон (чаҳорумин бурҷи соли эътидолии баҳорӣ).

Дар «Рисола дар кашфи ҳақиқати Наврӯз» омада аст:

«Ба рӯзгори Муътазид, вазири вай Абулқосим ибни Сулаймон ибни Ваҳаб ҳоли кабиса бозронд. Иҷобат кард ва кабиса фармуду офтобро аз саратон ба фарвардин боз оварданд ва мардумон дар роҳат уфтоданд ва он ойин бимонд».

Пайдост, ки ин тика аз «Рисола дар кашфи ҳақиқати Наврӯз» ба ҷузъе тасҳеҳ эҳтиёҷ дорад, чаро ки «офтоб»-ро наметавон ба ихтиёри одамиён (ҳатто, агар он одам Муътазид Биллоҳ – халифаи аббосӣ бошад!) пасу пеш бурд ва бурҷи саратон низ аз ҷояш, ки чаҳорумин бурҷ аз эътидоли баҳорӣ аст, такон намехӯрад. Фақат «фарвардин» аст, ки ба интихоби одамиён мумкин аст пасу пеш биравад. Дар ин сурат, иборати дуруст «…кабиса фармуд ва фарвардинро ба саратон бозоварданд…» хоҳад буд.

Лиҳозо, агар фарвардинмоҳи соли муътазидӣ дар бурҷи саратон қарор бигирад, мутобиқати дигар моҳҳои соли муътазидӣ бо дигар буруҷи соли эътидоли баҳорӣ ба шарҳи ҷадвали зер хоҳад шуд.

Баҳор			**Тобистон**			**Пойиз**			**Зимистон**		
Ҳамал Бара	Савр Гов	Ҷавзо Дупайкар	Саратон Харчанг	Асад Шер	Сунбула Хӯша	Мизон Тарозу	Акраб Каждум	Қавс Камон	Ҷадӣ Бузғола	Дала Далв	Ҳур Моҳӣ
Дай	Баҳман	Исфанд ормуз	Фарвардин	Урдибиҳишт	Хурдод	Тир	Мурдод	Шаҳривар	Меҳр	Обон	Озар

*Чунончи дар банди 5 хулосаи боло гузашт, соли макбуси муътазидӣ мутобиқи соли макбуси искандарӣ аст. Яънӣ ҳамон сол, ки тақвими искандарӣ кабиса шавад, тақвими муътазидӣ низ кабиса хоҳад шуд. Дар ин сурат бо иноят ба бандҳои 2 ва 12 хулосаи боло ва тавзеҳе, ки дар мавриди соли тақвими искандарӣ дода шуд:

1 фарвардини соли 1 муътазидӣ то 30 исфандормузи соли 1 муътазидӣ = 11 ҳазирони соли 1206 искандарӣ то 10 ҳазирони соли 1207 искандарӣ

1 фарвардини соли 2 муътазидӣ то 30 исфандормузи соли 2 муътазидӣ = 11 ҳазирони соли 1207 искандарӣ то 10 ҳазирони соли 1208 искандарӣ

1 фарвардини соли 3 муътазидӣ то 30 исфандормузи соли 3 муътазидӣ = 11 ҳазирони соли 1208 искандарӣ то 10 ҳазирони соли 1209 искандарӣ

1 фарвардини соли 4 муътазидӣ то 30 исфандормузи соли 4 муътазидӣ = 11 ҳазирони соли 1209 искандарӣ то 10 ҳазирони соли 1210 искандарӣ

Чунонки мулоҳиза мешавад, ҳар соли муътазидӣ бо ду соли ноқисаи искандарӣ (тақрибан чаҳор моҳи охирӣ аз як сол ва ҳашт моҳи аввалӣ аз соли баъд) мутобиқат дорад. Ба иборати дигар, агар соли аввалии искандарии мутобиқ бо соли муътазидиро соли А искандарӣ биномем, соли искандарии баъдии мутобиқ ба ҳамон соли муътазидӣ соли А+1 искандарӣ хоҳад буд ва чун тақвими искандарӣ дар моҳи «шабот», ки моҳи панҷуми соли искандарӣ аст, кабиса мешавад, пас тақвими муътазидӣ дар он соле кабиса мешавад, ки соли А+1 искандарии мутобиқ бо он соли муътазидӣ кабиса шавад.

Дар мутобиқатҳои боло миёни солҳои 1206 то 1210 искандарӣ соли 1208 искандарӣ макбус аст (0 + (4х 302)= 1208). Дар ин сурат соли 2 муътазидӣ (ки моҳи шаботи соли 1208 искандарии мутобиқ бо соли муътазидии кабиса аст) макбус хоҳад буд. Лиҳозо, гӯем: дар тақвими муътазидӣ, дар як давраи чаҳорсола солҳои аввал, севум ва чаҳорум одӣ (ғайримакбус) ва соли дувум макбус аст. Пас, барои ташхиси одӣ, ё макбус будани соли муътазидӣ, соли муътазидиро бар адади чор тақсим мекунем, чунончи боқимондаи ин тақсим яке аз аъдоди 1, 3 ва 0 (сифр) бошад, он соли муътазидӣ одӣ ва чунончи боқимондаи ин тақсим адади 2 бошад, он соли муътазидӣ макбус хоҳад буд. Масалан соли 14 муътазидӣ як соли макбус аст (14+ (3х4)+2) ва соли 17 муътазидӣ як соли одӣ аст (17= (4х4)+1).

Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Осору-л-боқия…» навишта аст: «шиносоии кабиса дар солҳои муътазидӣ бад-ин тариқ аст, ки аз солиёни томи он чаҳорҳоро илқо мекунем, чунончи чизе боқӣ намонд, пас он сол кабиса аст ва агар боқӣ бимонд (он сол) кабиса нест».

Арз мекунам ин қавли Абурайҳони Берунӣ аз бун нодуруст аст. Чаро ки агар соли ноқисаи муътазидӣ, масалан соли 17 бошад, солҳои томаи он 16 (=17-1) хоҳад шуд ва бино ба қавли Берунӣ, чун ҳосили тақсими ин солҳои томмаи муътазидӣ бар ададн 4 сифр хоҳад шуд (яънӣ ба таъбири Берунӣ «чизе боқӣ намонд»), пас соли 17 муътазидӣ соле макбус аст ва ҳол он ки соли 17 муътазидӣ як соли одӣ (ғайримакбус) буда аст. Берунӣ дар китоби дигараш «ал-Қонуни Масъудӣ» ҳамин ғалаткориро ба ваҷҳи дигаре такрор кардааст. ӯ бар ин аст, он соли суриёнӣ, ки нахустин обонмоҳ (муътазидӣ) дар он воқеъ шуд, кабиса шуд, лиҳозо соли аввали ин таърих (муътазидӣ)-ро кабиса карданд ва ҳол он ки соли аввали муътазидӣ макбус набуда аст. Зоҳиран, иллати ин ғалаткориҳои мукаррари Абурайҳони Берунӣ ба воситаи адами тавоноии ташхиси сол ё солҳои макбуси искандарӣ (суриёнӣ) аст. Берунӣ аз ин «алломагиҳо» фаровон дорад.

Сафҳаҳои 130 -167. Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ дар китоби «Синий мулуку-л-арз ва-л-анбиё», ки дар ҳудуди соли 350 ҳиҷрии қамарӣ таълиф карда, муддати аморати умарои Хуросон аз аморати Абумуслим дар соли 137 ҳиҷрии қамарӣ то аморати Абдулмалик ибни Нуҳ ба соли 344 ҳиҷрии қамариро сахт муъҷаз ва мухтасар оварда аст, ки албатта бо шарҳу басте, ки Гардезӣ дар «Зайну-л-ахбор» дода, шоистаи муқоиса аст. Барои ҳусули имкони чунин муқоисае шарҳи аморати умарои Хуросон дар «Синий мулуку-л-арз в-ал-анбиё»-ро ба тарҷумаи марҳум Ҷаъфари Шиор мулоҳиза фармоед:

«Мақарри умарои Хуросон аз оғози ҳукумати араб дар он ҷо то кунун се шаҳр буда аст: Марв, Нишобур ва Бухоро. Шаҳри Марв то ҳангоме ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир аморати Хуросон ёфт ва ба Нишобур нишаст ва сипас ба Марв омад, дорулимора буд, Он гоҳ Нишобур дорулимора гашт, то ҳангоме ки Исмоил ибни Аҳмад ибни Асади Сомонӣ билоди Тоҳирро ба даст гирифт ва дар Бухоро нишаст.

Абумуслими Хуросонӣ. Абумуслим, ки интиқолдиҳандаи ҳукумат ба банӣ Аббос буд, дар нимаи моҳи рамазони соли 129 дар Хуросон зуҳур кард ва дар рӯзи душанбеи нимаи рабиъу-л-аввали соли 130 ба дорулимораи Марв омад. Он гоҳ Абуҷаъфар (Мансур) бародари халифа барои паймон гирифтан аз ӯ ва пайравонаш

назди ӯ расид ва сипас бозгашт. Дар ғурраи моҳи рамазони соли 136 Абумуслим ба Ироқ раҳсипор шуд, то дар шаҳри Анбор назди Саффоҳ равад. Ва дар ҳамин сол озими ҳаҷ шуд ва Абуҷаъфар низ ҳаҷ кард ва дар соли мазкур Саффоҳ даргузашт.

Абуҷаъфар пас аз ҳаҷ ба Ироқ омад ва Абумуслимро ба муқобала бо аммаш Абдуллоҳ ибни Алӣ равона кард. Ва ин ба соли 137 буд, аммо рӯзи сешанбеи шашуми ҷумоди-л-охири соли 137 Абдуллоҳ шикаст хӯрд.

Он гоҳ Абумуслим дар моҳи раҷаб ба Хуросон бозгашт ва рӯзи панҷшанбеи шаби сездаҳуми шаъбон ба Ҳулвон фуруд омад. Дар ин ҳангом фиристодагони Абуҷаъфар Мансур назди ӯ омаданд ва вай ба сӯйи Мансур ҳаракат кард ва дар шомгоҳи сешанбе панҷ рӯз монда аз шаъбон ба Мадоин расид ва рӯзи чаҳоршанбе чаҳор рӯз монда аз шаъбон ба дасти Мансур кушта шуд.

Абудовуд Холид ибни Иброҳим. Мансур пас аз куштани Абумуслим ба Абудовуд Холид ибни Иброҳими Зуҳлӣ, ки дар Тухористон буд, нома навишт ва аморати Хуросон бад-ӯ дод. Холид раҳсипори Марв шуд ва рӯзи душанбеи ҳафтуми моҳи шавволи соли 137 бад-он ҷо расид ва то ҳангоми марг, ки дар рӯзи ҷумъаи ҳафтуми моҳи рабиъу-л-аввали соли 140 итифоқ уфтод, он ҷоро ба даст дошт.

Абуасом ибни Салим. Пас аз Холид соҳиби шуртаи Хуросон Абуасом Абдурраҳмон ибни Салим аморати Хуросон ёфт ва як солу 6 моҳ ҳукумати он ҷоро ба даст дошт.

Абдулҷаббор ибни Абдурраҳмон. Сипас Абдулҷаббор ибни Абдурраҳмони Азадӣ амири Хуросон шуд ва рӯзи шанбеи чаҳордаҳуми моҳи рабиъу-л-охири соли 142 ба Марв омад ва Ҳозим ибни Ҳузайма дар ин ҳангом ба Забадонқон буд. Абдулҷаббор нофармонӣ кард ва гуноҳони бузургеро муртакиб шуд. Маҳдӣ, ки валиаҳд буд, ба Нишобур омад ва Ҳозимро ба сӯйи Абдулҷаббор фиристод, ки ӯро гирифт ва назди Маҳдӣ оварад. Маҳдӣ вай (Ҳозим)-ро аморати Марв дод ва худ ба Рай бозгашт ва то соли 144 дар он ҷо иқомат кард. Сипас ба Бағдод ва бори дигар ба соли 146 ба Рай бозгашт ва то соли 151 дар он ҷо монд. Он гоҳ ба Бағдод омад ва писараш Ҳодиро ба соли 167 ба Гургон фиристод.

Ҳозим ибни Ҳузайма. Ҳозим рӯзи панҷшанбеи ёздаҳуми рабиъу-л-аввал ба Марв рафт.

Абуавн. Пас аз Ҳозим аморати Хуросон ба Абуавн Абдулмалик ибни Язид расид. Вай ба соли 146 ба Марв омад ва муддати 6 сол дар он ҷо монд.

Абумолик. Дигар аз умарои Хуросон Абумолик Усайд ибни Абдуллоҳи Хузоъӣ буд, ки аз ҷониби Мансур аморат ёфта буд ва аз

Маҳдӣ низ комилан фармон мебурд. Дар рамазони соли 149 ба Марв омад ва то моҳи зу-л-ҳиҷҷаи соли 150, ки соли маргаш буд, бад-он ҷо вилоят дошт.

Ҳозим ибни Ҳузайма. Сипас бори дигар Ҳозим аморат ёфт ва ба соли 151 ба Лиғория раҳсипор шуд.

Ҳумайд ибни Қаҳтаба. Пас аз вай Ҳумайд ибни Қаҳтаба аморат ёфт ва рӯзи сешанбеи шаби дувуми шаъбони соли 151 ба Марв омад ва то ҳангоми марг, яънӣ аввали шаъбони соли 159 аморати Хуросон дошт.

Абдуллоҳ ибни Ҳамид. Сипас ба Абдуллоҳ ибни Ҳамид фармон навиштанд ва ӯ муддати 6 моҳ дар Хуросон аморат ёфт.

Абуавн. Пас аз Абдуллоҳ бори дигар Абуавн амири Хуросон шуд. Он гоҳ писараш Абдуллоҳ ибни Абиавн рӯзи душанбеи нимаи сафари соли 160 назди ӯ омад.

Маъоз ибни Муслим. Сипас Маъоз ибни Муслим вилоят ёфт ва лашкар ба ҷанги Муқаннаъ фиристод ва Салм ибни Солимро рӯзи панҷшанбе ҳафт рӯз монда аз рабиъу-л-охири соли 161 аз ҷониби худ ба Марв гусел дошт. Ва пас аз он Маъоз дар моҳи ҷимоди-л-аввал бад-он ҷо расид.

Зуҳайр ибни Мусаййаб. Пас аз Маъоз Зуҳайр ибни Мусаййаби Заббӣ амири Хуросон шуд ва ба рӯзи сешанбе севуми ҷумоди-л-охири соли 163 ба Марв омад.

Фазл ибни Сулаймон. Сипас Фазл ибни Сулаймон Абулаббоси Тӯсӣ ба аморат расид. Нахуст Саъид ибни Бушр ба ҷонишинии ӯ рӯзи душанбе панҷ рӯз монда аз муҳаррами соли 166 ба Марв омад ва сипас худи Фазл рӯзи душанбеи панҷуми рабиъулаввал бад-он ҷо расид. Марги Маҳдӣ ва Ҳодӣ ба ҳангоми аморати вай иттифоқ уфтод.

Ҷаъфар ибни Муҳаммад. Пас аз Фазл Ҷаъфар ибни Муҳаммад Ашъаси Хузоъӣ аз тарафи Ҳорунаррашид вилоят ёфт. Нахуст писараш Аббос ибни Ҷаъфар ба ҷонишинии падар рӯзи ҷумъа дувоздаҳ рӯз монда аз зу-л-ҳиҷҷаи соли 170, ду рӯз баъд аз Наврӯз ба Марв омад ва сипас Ҷаъфар рӯзи панҷшанбеи шаби дуввуми муҳаррами соли 171 бад-он ҷо расид. Вай ба ҷанги Тухористон рафт ва ба Кобулистон лашкар фиристод. Он гоҳ ба Марв бозгашт ва пас аз понздаҳ рӯз, ки дар он ҷо монд, рӯзи душанбеи чаҳоруми моҳи рамазони соли 172 ба Ироқ муроҷиат кард.

Ҳасан ибни Қаҳтаба. Пас аз Ҷаъфар Ҳасан ибни Қаҳтаба вилоят ёфт. Ҷонишини вай ба Марв равон шуд ва чун ба вилояти Абаршаҳр расид, маъзул шуд ва бозгашт. Ва Аббос ибни Ҷаъфар низ муроҷиат кард ва дар шавволи соли 173 ба Бағдод омад.

Ғитриф ибни Ато. Сипас Ғитриф ибни Ато ба Хуросону Гургон ва Систон вилоят ёфт. Нахуст ҷонишини вай Довуд ибни Язид ва

пас аз он худи Ғитриф рӯзи сешанбеи даҳуми моҳи рамазони соли 175 ба Марв омад.

Ҳамзат ибни Молик. Пас аз Ғитриф Ҳамзат ибни Молик амири Хуросон шуд. Писараш ба ҷонишинии вай рӯзи шанбеи панҷуми муҳаррами соли 177 ва худи Ҳамзат рӯзи чаҳоршанбе даҳ рӯз монда аз сафар ба Марв омад.

Фазл ибни Яҳё. Сипас Фазл ибни Яҳё ибни Холидро бар Хуросон ва Систону Гургон ва вилоёти Ҷабал аморат доданд. Ҷонишини вай Яҳё ибни Маъоз рӯзи шанбеи сездаҳуми моҳи рамазони соли 177 ва пас аз ӯ худи Фазл ибни Яҳё рӯзи якшанбеи ҳафтуми сафари соли 178 ба Марв расид. Фазл як моҳ дар Марв монд. Он гоҳ аз роҳи Балх ба Самарқанд рафт ва сипас ба Марв бозгашт ва чанд рӯз он ҷо диранг кард ва рӯзи ҷумъаи ҳафтуми моҳи рабиъу-л-аввали соли 179 аз он ҷо берун омад.

Баъд аз ӯ **Амр ибни Ҳамал**ро аморати Хуросон доданд. Ва ӯ муддати 9 моҳ ҳукумат кард.

Мансур ибни Язид. Амири Хуросон пас аз Фазл Мансур ибни Язид ибни Мансури Холиди Маҳдӣ буд, ки рӯзи сешанбе чаҳордаҳ рӯз монда аз зу-л-ҳиҷҷаи соли 179 ба Марв омад.

Ҷаъфар ибни Яҳё. Сипас Ҷаъфар ибни Яҳё ибни Холид вилоят ёфт. Ва ӯ ҷонишини худ Алӣ ибни Ҳасан ибни Қаҳтабаро ба Хуросон фиристод. Он гоҳ Ҳорунаррашид ба тавлияти Ҷаъфар оғоз кард. Аммо ӯро аз аморат маъзул дошт.

Алӣ ибни Исо. Пас аз Ҷаъфар Алӣ ибни Исо ибни Моҳон ба аморат расид. Нахуст писараш Яҳё ибни Алӣ ба ҷонишинии вай ба Марв омад ва сипас худи ӯ рӯзи панҷшанбеи шаби дуввуми ҷумоди-л-охири соли 180 бад-он ҷо расид ва ду сол дар он ҷо бимонд. Он гоҳ ба Ироқ раҳсипор шуд, то Ҳорунаррашидро дар Рай мулоқот кунад ва ин ба рӯзи панҷшанбеи сездаҳуми ҷумоди-л-аввали соли 184 буд. Сипас ба соли 189 ба Марв бозгашт.

Ҳарсама ибни Аъйан. Сипас Ҳарсама ибни Аъйанро вилоят доданд ва дасти ӯро бад-он чӣ Алӣ ибни Исо дар тасарруф дошт, боз гузоштанд. Ҳарсама рӯзи душанбе 9 рӯз монда аз моҳи рабиъу-л-охири соли 192 ба Марв расид ва муддати 45 рӯз бад-он ҷо бимонд. Сипас бо лашкаре ба сӯйи Балх рафт ва рӯзи панҷшанбеи панҷуми ҷумоди-л-охир бад-он ҷо расид ва чаҳор рӯз дар лашкаргоҳи худ бимонд ва рӯзи душанбе аз он ҷо берун омад ва Алӣ ибни Исоро ба сӯйи Ҳорунаррашид фиристод ба рӯзи панҷшанбе панҷ рӯз монда аз ҷумоди-л-аввал (зоҳиран, ҷумоди-л-охир). Ва ӯ рӯзи душанбе ҳашт рӯз монда аз ҷумоди-л-аввали соли 192 равона шуд.

Маъмун. Ҳорунаррашид ба соли 189 Маъмунро ба аморати Хуросону Систон ва Гургону Табаристон ва Рӯёну Данбованд

(Дамованд) ва Рай баргузид. Ва ӯ муддати панҷ сол аморат дошт. Ва низ Ҳорун кори бародараш Қосим ибни Рашид мулаққаб ба «Муътаман»-ро ба вай мавкул кард, бад-ин сон ки агар Ҳорун бихоҳад пас аз Маъмун вайро ба аморат бигуморад ё аз ӯ бозгирад. Ва дар ҳамин соли мазкур Абдуллоҳ ибни Молик ибни Ҳошим аз тарафи Ҳорун ба ҳукумати навоҳии воқеъ дар миёнаи Хуросон ва Гургон то Моҳин мансуб шуда буд. Маъмун ба соли 193 даҳ рӯз монда аз ҷумоди-л-аввал ба Марв омад ва дар он ҷо бимонд, то он гоҳ, ки аз аморат ба хилофат расид.

Ҳорунаррашид дар Тӯс ба масофати 13 рӯз аз он шаҳр даргузашт (севуми ҷумоди-л-охир) ва муддати иқомати Маъмун дар Марв 9 сол буд. Сипас аз он ҷо дар моҳи рабиъу-л-охири соли 202 ба қасди Ироқ равон шуд ва ду сол дар роҳ монд.

Маъмун дар рӯзгори хилофати падараш Ҳорун ва бародараш Амин «имом» хонда мешуд, зеро вай валиаҳд буд, то он ки амири сипоҳи вай Тоҳир ибни Ҳусайн бо амири сипоҳи бародараш Алӣ ибни Исо ибни Моҳон ҷанг кард ва ӯро кушт ва аз ин ба баъд Маъмунро амиралмуъминин хонданд ва Ҳарсама ибни Аъйан низ, ки пеш аз ин аз ҳукумати Мовароуннаҳр маъзул шуда ва ба ҷойи ӯ Яҳё ибни Маъоз аморат ёфта буд, бо сипоҳиёни худ наздики Ироқ шикаст хӯрд (соли 195).

Фазл ибни Саҳл. Дар рақаби соли 196 Маъмун аморати ҳамаи навоҳии шарқро, ки тӯлан шомили миёнаи Ҷабали Ҳамадон то ҳудуди Таббат ва арзан миёнаи дарёи Табаристон то дарёи Ҳиндро шомил буд, ба Фазл ибни Саҳл дод ва Фазл Яҳё ибни Маъозро ба ҳукумати Мовароуннаҳр гумошт.

Риҷо ибни Заҳҳок. Чун Маъмун аз Хуросон ба Гургон равона шуд ва ба соли 203 бад-он ҷо расид, Риҷо ибни Заҳҳокро ба ҳукумати вилояти Хуросон, ҷуз Мовароуннаҳр баргумошт ва сипас Ғассон ибни Аббодро бар Хуросон, Систон, Кирмон, Гургон, Табаристон, Рӯёнд (Рӯён), Данбованд ва Қумис ба аморат баргузид ва ӯ муддати ду соли комил дар ин навоҳӣ ҳукумат кард.

Тоҳир ибни Ҳусайн. Чун Маъмун ба соли 204 ба Бағдод расид, ба ислоҳи умур ҳиммат гумошт. Дар соли 205, ки маблағи бештаре аз соли гузашта буд, Маъмун ба кори Хуросон пардохт ва Тоҳир ибни Ҳусайнро, ки шуртагии Бағдодро бар ӯҳда дошт, ба ҳамаи навоҳии воқеъ дар миёнаи Бағдод то дуртарин ноҳияи шарқӣ, ки иборат аз Хуросон, Систон, Кирмон, Қумис, Табаристон, Данбованд ва Рай буд, аморат дод ва ҳукумати ҳамаи ин сарзаминҳоро дар рамазон-ал-муборак аз соли 205 ба номи ӯ бастанд. Вай нахуст Талҳа ибни Тоҳирро ба сӯйи Марв равона кард ва худ дар моҳи зу-л-ҳиҷҷаи соли мазкур пас аз рӯзи қурбон бад-он ҷо раҳсипор шуд ва дар соли 206 ба Марв расид. Як солу

чанд моҳ дар он ҷо бимонд ва саранҷом дар рӯзи шанбе се рӯз монда аз ҷумоди-л-охир аз соли 207 даргузашт.

Талҳа ибни Тоҳир. Чун хабари марги Тоҳир ба Маъмун расид, ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ки дар Раққа буд, нома навишт ва ӯро илова бар ҳукумати навоҳии Ҷазира, Шом, Миср ва Африқия, ки бар ӯҳда дошт, ба аморати навоҳии падараш Тоҳир баргумошт ва бародараш Талҳа ибни Тоҳирро низ халифаи вай дар навоҳии Шарқ кард. Аммо Талҳа бо номи худ бо Маъмун мукотиба мекард ва номи Абдуллоҳро намебурд. Талҳа муддати панҷ сол дар он ҷо бимонд ва саранҷом рӯзи рӯзи якшанбе се рӯз монда аз рабиъу-л-аввали соли 213 даргузашт.

Абдуллоҳ яке аз касонеро, ки аз вай хурсандӣ дошт, ба ҷонишинии Талҳа баргумошт ва Муҳаммад ибни Ҳамиди Тоҳириро ба қаймумати умур баргузид ва аморатро ба бародараш Алӣ ибни Тоҳир дод.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир. Ҳангоме ки хабари марги Талҳа ба бародараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ки дар Бағдод буд, расид, ҳоҷиби худ Тоҳир ибни Иброҳимро ба сӯйи бародараш Алӣ ибни Тоҳир фиристод ва аморати навоҳиеро, ки Талҳа ба даст дошт, ба вай супурд. Он гоҳ Маъмун аморати сарзаминҳои Рай, Табаристон, Рӯён, Данбовандро ба Абдуллоҳ дод. Ва ин ба соли 212 буд ва дар ҳамин сол Абдуллоҳ бо Убайд ибн ус-Сарӣ дар Миср ҷангид, аммо саранҷом Убайд аз ӯ амон хост ва кишвари Мисрро таслим кард ва бад-ин сон Миср ба тасарруфи Абдуллоҳ омад ва вай Убайдро назди Маъмун фиристод.

Шарҳи воқиа он ки Маъмун ба соли 208 Абдуллоҳро ба Ҷазира ва Шом барои ҷанг бо Наср ибни Шайби Ақилӣ, ки мардумони Ҷазира ва Шомро фирефта буд, гусел дошт. Абдуллоҳ бо вай ва ҳамдастонаш ба ҷанг бархост, то саранҷом ононро шикаст дод ва сардамдорони фитнаангезро ба назди Маъмун фиристод.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир Исо ибни Зайди Ҷилудиро ба ҳукумати Миср гумошт ва дар поёни соли 212 ба Бағдод омад. Сипас Маъмун вайро аз навоҳии мухарраб маъзул кард ва бародараш Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Рашидро ба ҳукумати он ҷо баргузид ва рӯзи шанбеи ҳафтуми моҳи рамазони соли 213 аморати навоҳии мазбур ба номи вай бастанд.

Он гоҳ Маъмун шаби душанбеи даҳуми ҷумоди-л-аввал аз соли 214 ба Миср равона шуд ва дар моҳи муҳаррами соли 217 ба ҳамроҳии бародараш Муҳаммад ибни Рашид ба он ҷо расид.

Маъмун Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ба ҷанги Бобак ва умарои Озарбойҷон ва вилояти Ҷабал баргумошта буд. Абдуллоҳ рӯзи душанбе чаҳор рӯз монда аз ҷумоди-л-охири соли 214 ҳаракат кард ва ба Динвар расид ва бародараш Муҳаммад ибни Тоҳирро ба

ҷонишинии худ ба навоҳии Хуросон ва муназаммоти он аз сойири вилоёт фиристод. Он гоҳ Маъмун ба Абдуллоҳ навишт, то ба Хуросон равад ва ба муқобала бо хаворич, ки дар он ҷо пароканда шуда ва ноҳияи Нишобур ва ҷуз онро ба даст овардаанд, бипардозад ва низ дар номаи худ ӯро аз аморати Озарбойҷон ва вилояти Ҷабал ва ҷанг бо Бобак маъзул дошта ва ба ҷойи ӯ Алӣ ибни Ҳишомро таъйин карда буд.

Абдуллоҳ ба сӯйи Хуросон ҳаракат кард ва дар ноҳияи Абаршаҳр аз навоҳии Хуросон фуруд омад ва дар Нишобур биншаст. Ва пас аз он дар моҳи рачаб аз соли 215 ба Марв омад ва дар он ҷо барои ҷанг бо хаворич бимонд. Дар ин ҳангом Абдуллоҳ шуртагии Бағдодро ба Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Мусъаб мавкул кард ва худ аморати навоҳии Машриқро дар боқӣ рӯзгори Маъмун ва низ рӯзгори Муътасим ва оғози вилояти Восиқ ба ӯҳда дошт ва саранҷом рӯзи чаҳоршанбеи даҳуми рабиъу-л-охири соли 230 аз дунё рафт.

Тоҳир ибни Абдуллоҳ. Чун Абдуллоҳ, ки аморати Машриқро дошт, даргузашт, писараш Тоҳир ибни Абдуллоҳ ба навоҳие, ки дар таҳти ҳукумати падар буд, аморат ёфт. Тоҳир дар Табаристон буд, аз он ҷо ба Абаршаҳр омад. Ва ҷонишини вай дар мақоми шуртагии Бағдод Исҳоқ ибни Иброҳим буд ва низ аморати Форсу Савод ва кори ҷангу хироҷи он ду сарзаминро ба даст дошт. Ва Муҳаммад ибни Иброҳим омили вай дар Форс буд.

Исҳоқ ибни Иброҳим то соли 236 шуртагии Бағдодро ба ҷонишинӣ аз Тоҳир ба ӯҳда дошт ва пас аз вай Тоҳир Абдуллоҳ ибни Исҳоқро ба ҷонишинӣ баргузид ва муъовини (?) Бағдод, Сомира, Восит ва Савод бо вай буд. Он гоҳ ҷонишини Тоҳир ибни Абдуллоҳ дар шуртагии Бағдод бародараш Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир шуд ва муъовини Бағдод, Сомира, Восит, Савод ва навоҳии Дачла бо вай буд.

Муҳаммад ибни Тоҳир. Тоҳир ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир рӯзи душанбе ҳафт рӯз монда аз рачаби соли 238 дар рӯзгори хилофати Мунтасир даргузашт ва ба ҷойи ӯ Муҳаммад ибни Тоҳир бар он чӣ падар вилоят дошт, аморат ёфт, ҷуз шуртагии Бағдод, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир шахсан бад-он кор мепардохт ва то ҳангоми маргаш, ки ба рӯзгори Муътаз иттифоқ уфтод, ин шуғл ва низ ҳукумати аъмоли Ироқро бар ӯҳда дошт. Ва пас аз ӯ Муътаз амали шуртагиро бо аморати навоҳии Хуросон ба Муҳаммад ибни Тоҳир дод ва ду писари Абдуллоҳ ибни Тоҳир, яънӣ Убайдуллоҳ ва Сулаймон аз ҷониби вай аморати навоҳии Хуросон доштанд.

Чанде гузашт ва кори Муҳаммад ибни Тоҳир рӯ ба парешонӣ ниҳод ва Систону Табаристон ва Рай аз тасарруфи ӯ берун шуд.

Дар Систон марде ба номи Дирҳам ибни Ҳасан – раиси мутавваъа хуруҷ кард. Яъқуб ибни Лайси Саффор раёсати лашкари ӯро бар ӯҳда дошт. Чун Дирҳам аз идораи ситоҳи худ нотавон буд, ёронаш Яъқубро, ки дар тадбири умур ва сиёсати лашкар бартарӣ дошт, ба раёсат бардоштанд ва аз Дирҳам рӯй бартофтанд ва вай ногузир ҳукуматро ба Яъқуб супурд ва аз сипоҳ ҷудо шуд.

Аммо Систон муддате пеш аз ин, дар рӯзгори аморати Тоҳир ибни Абдуллоҳ аз дасти Тоҳириён берун шуда буд. Бад-ин сон, ки Солеҳ ибни Насри Канонӣ , ки Яъқуб ибни Лайс ибни Ҳотам низ ҳамроҳи ӯ буд, бар вай ғолиб омада буд. Ин воқиа аз рӯзи шанбе, ҳафт рӯз монда аз зу-л-ҳиҷҷаи соли 239 оғоз шуд.

Аммо Табаристон. Ҳасан ибни Зайди алавӣ дар моҳи рамазони моли 230 дар он ҷо хурӯҷ кард ва Сулаймон ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро аз он вилоят берун ронд.

Дар Рай низ Муҳаммад Ҷаъфари Ҳусайнӣ дар зу-л-ҳиҷҷаи соли 250 хурӯҷ кард ва омили Муҳаммад ибни Тоҳир, ки Муҳаммад ибни Алӣ ибни Тоҳир буд, аз он ҷо бигурехт ва ба дунболи ин воқиа дар Қазвин Кавкабии Ҳусайнӣ дар моҳи рабиъу-л-аввали соли 251 хурӯҷ кард ва омили он ҷо Убайд ибни Абдуллоҳ ибни Абдулваҳҳоби Тоҳирӣ роҳи гурез дар пеш гирифт. Он гоҳ ба соли 254 аморати Райро аз Муҳаммад ибни Тоҳир гирифтанд ва ба Мӯсо ибни Бағо доданд. Муҳаммад ибни Тоҳир ҳукумати навоҳии Хуросон ва шуртагии Бағдодро ёздаҳ солу ду моҳу даҳ рӯз бар ӯҳда дошт, то он ки Яъқуб ибни Лайс ба Нишобур омад ва ӯро гирифт ва ин воқиа ба рӯзи якшанбеи чаҳоруми шавволи соли 259 буд.

Яъқуб ибни Лайс. Чун Яъқуб ба навоҳии Хуросон даст ёфт, Муътамид Убайдуллоҳ ибни Тоҳирро дар шуртагии Бағдод барқарор дошт, то ҳангоме ки Яъқуб ибни Лайс аз лашкари Муътамид шикаст хӯрд ба рӯзи якшанбеи нуҳуми моҳи рақаби соли 262 баробари моҳи исфандормуз, рӯзи дин ва Муҳаммад ибни Тоҳир аз асорати Яъқуб бираст. Он гоҳ ба Бағдод омад ва амали шуртагиро бори дигар ба даст гирифт ва Убайдуллоҳро маъзул кард. Ин буд вазъи шуртагии Бағдод.

Аммо вазъи Хуросон: шаҳрҳои он парешон шуд ва умарои мухталиф дар шаҳрҳои он ҳукумат мекарданд.

Аммо Моваруннаҳр: Ҳукумати он ҷоро аз оғоз Наср ибни Аҳмад ибни Асади Сомон ба даст дошт ва аз тарафи Тоҳир ба ҳукумати он ҷо гумошта шуда буд ва 19 сол дар он ҷо бимонд, то ба соли 279 даргузашт ва аморат ба бародараш Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад расид.

Шаҳри Балх низ аз оғоз дар аморати Абудовуд Муҳаммад ибни Ноҳҷур буд ва вай илова бар Балх ҳукумати навоҳии Тухористон, Хутталон, Ҷузҷон ва Тирмизро низ ба даст дошт.

Волии Нишобур Ҳусайн ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳ буд, ки аз тарафи бародараш Муҳаммад ибни Тоҳир бад-он гумошта шуда буд. Ҳусайн бе молу мардон рӯй ба Нишобур ниҳод ва ба Исфаҳон, ки ҳокими он Дулаф ибни Абдулазиз буд, даромад ва дар кори худ дармонд, ки оё бо вуҷуди парешонии ҳол ҳаракат кунад, ё бозгардад. Дар ин ҳангом Кӯшод ибни Шоҳмардон ба ёрии ӯ бархост ва Дулафро водор кард, ки ба Ҳусайни Тоҳир ёрӣ кунад, то ин ки Ҳусайн ба ҳамроҳии Кӯшод берун шуд ва рӯзи душанбе ҳафт рӯз монда аз сафари соли 263 моҳи меҳр, рӯзи дин ба Нишобур расид. Кӯшод аз он ҷо ба Мовароуннаҳр равон шуд ва назди Наср ибни Аҳмад ибни Асад омад, то аз вай ёрӣ хоҳад, аммо ӯ на ба мол ёрӣ дод, на ба мардон. Пас назди Ҳусайн бозгашт ва Ҳусайн дар Нишобур намонд ва он ҷоро тарк гуфт ва Кӯшодро бар умарои Хуросон ҷонишин кард.

Амр ибни Лайс. Яъқуб ибни Лайс ба соли 265 дар Ҷандишопур аз шаҳрҳои Хузистон даргузашт ва бародараш Амр итоати султонро пазируфт ва султон симати шуртагии Бағдод ва аморати навоҳии Хуросон ва музофоти онро, ки ба навоҳии Тоҳирия маъруф буд, ба вай дод. Амр шуртагиро аз Муҳаммад ибни Тоҳир бигирифт ва Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ба дар он шуғл ба ҷонишинии худ баргузид ва ин дар моҳи сафари соли 266 буд. Дар ҳамин сол Амр ба Хуросон омад, аммо Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ ба муқобалаи ӯ шитофт ва дар Нишобур бад-ӯ расид ба рӯзи панҷшанбе 6 рӯз монда аз зу-л-қаъдаи соли 266 ва Амр шикаст хӯрд ва ба Систон гурехт ва муддати ду сол анлешаи аморати Хуросонро дошт ва он ҷо ба номи вай буд ва саранҷом бар вай қарор гирифт.

Рофеъ ибни Ҳарсама. Сипас Рофеъ ибни Ҳарсама ба соли 278 аморати Хуросон ёфт ва умури ин сарзамин ба дасти ӯ андаке салоҳ пазируфт, аммо аморат ба номи Амр ибни Лайс буд, ки дар моҳи шаввол аз соли 279 Рофеъ ба ҷойи Амр ба аморати он ҷо расид.

Амр ибни Лайс, бори дигар. Сипас Амри Лайсро ба ҷойи Рофеъ аморати Хуросон доданд ва дар моҳи сафари соли 280 бад-он ҷо омад ва то соли 287, яънӣ то ҳангоме ки ба дасти Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад дар Балх асир уфтод, дар Хуросон бимонд.

Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад. Исмоил ибни Аҳмад ба аъмоли Хуросон ва низ навоҳие, ки Тоҳириён ба даст доштанд, яънӣ навоҳии мутассил ба Хуросон аморат ёфт ва то ҳангоми марг, ки дар сафари соли 295 рӯй дод, дар он ҷо бимонд. Ва дар ҳамин сол Муктафӣ даргузашт.

Аҳмад ибни Исмоил. Пас аз Исмоил писараш Аҳмад ибни Исмоил аморат ёфт ва то моҳи шавволи соли 301, ки дар ин таърих кушта шуд, дар он ҷо бимонд.

Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил. Наср ибни Аҳмад ба ҳамаи навоҳие, ки падар ва ҷаддаш ба даст доштанд, аморат ёфт ва зиёда бар сӣ сол ҳукумат кард ва саранҷом ба соли 331 даргузашт.

Нуҳ ибни Наср. Сипас Нуҳ ибни Наср (ибни) Аҳмад муддати 12 сол ва анде вилояти Хуросон дошт, то он ки дар моҳи рабиъу-л-охири соли 343 аз дунё рафт.

Абдулмалик ибни Нуҳ. Пас аз Нуҳ Абдулмалик ибни Нуҳ ибни Наср аморати Хуросон ёфт. Валодаташ ба соли 324 буд. Толеъи вилояти вай Ҳут ва Зуҳра дар он буд ва Муштарӣ дар Қавс ва Зуҳал – ба тақдир, на ба таҳқиқ – дар Ҳамал буд.

Асад ибни Сомон аз яке аз қурои Балх мавсум ба Сомон буд ва чаҳор писар дошт ба номҳои Нуҳу Аҳмад ва Яҳёву Илёс. Чун Маъмун аз Хуросон ба Ироқ раҳсипор шуд, Нуҳ ибни Асад низ ҳамроҳи вай ва солҳо мулозими дарбораш буд. Маъмун ӯро аз тарафи Тоҳириён вилояти Мовароуннаҳр дод ва чун вай даргузашт, бародараш Аҳмад ибни Асад ба ҷонишинии ӯ баргузида шуд. Ӯ низ чун даргузашт писараш Наср ибни Аҳмад ибни Асад вилоят ёфт ва чун Наср низ аз ҷаҳон рафт, бародараш Исмоил ибни Аҳмад ба ҷойи ӯ таъйин шуд.

Бино бар он чӣ гуфта шуд, ҳукумати умарои пеш аз Исмоил ва худи Исмоил, ки аз тарафи Тоҳир солиёни дароз бар Мовароуннаҳр ҳукумат доштанд, аз авосити рӯзгори Маъмун то соли 387 ва муддати 80 сол буд ва аз он замон то кунун 62 сол аст.

Саҳифаи 141. «Эшонро биёвард ва ду шохи қавӣ аз дарахт ба расанҳои қавӣ фарози якдигар кашидандӣ ва ду пойи қаъдиро бар он ду шох бибастанд ва …». Он чӣ дар матни «Зайну-л-ахбор» шарҳ дода шуда, шевае сахт хашмгинона ва кинтӯзона барои ба қатл овардани касе аст ва пайдост, ки бад-ин шева ба воситаи фароҳам набудани шароити амалӣ, ҷуз яке ду нафарро наметавон ба қатл овард. Чунон ба назар мерасад, ки Гардезӣ, дар матни мавриди истифодааш таркиби «душох»-ро дар иборате, масалан «эшонро биёвард ва душох кард», бидуни ҳеч шарҳу тавзеҳе дида ва чун ба ваҷҳи таҷрибӣ, душох кардан, ё душох ниҳоданро дарнамеёфта, хаёлпардозона душох карданро ба шевае, ки дар «Зайну-л-ахбор» омада, таъбир ва маънӣ карда аст.

Ду шох, бахше ҷудошуда аз шохаҳои нисбатан кулуфти як дарахт ба сурати душоха (Y) ва душоха ниҳодан ё душоха кардан, навъе муқайяд кардан ва банд ниҳодани зиндонӣ бо ду шох буда аст, ҳамчунон ки тахтабанд барои муқайяд кардани дастҳо ва кунда ё табра барои муқайяд кардани поҳои зиндонӣ буда аст.

Барои душох кардан гулӯи зиндониро дар тангаи душох қарор дода ва тиккаи чӯби дигареро аз пушти гардани зиндонӣ бар сари ду шоха, бад-он сон, ки бо фишори зӯри дасти шахси зиндонӣ ҷудо

нашавад, иттисол дода ва дар ҳамон ҳол як, ё ду дасти зиндониро ба дастаи душох рӯйи синаи шахси зиндонӣ қуфл мекунанд.

Душох ва душоха кардан дар адабиёти форсӣ дар тӯли садаҳои шашум то ёздаҳуми ҳичрӣ, ба дафъот ба назар мерасад. Ин рубоӣ ба Маҳситии Ганҷавӣ мансуб аст:

Шаҳ кунда ниҳод сарви симинтанро,
З-ин воқиа шеван аст марду занро.
Афсӯс, ки дар кунда бихоҳад судан,
Пойе, ки душоха буд сад гарданро.

Истилоҳи «душох кардан» ба дафъот дар «Таърихи Ҷаҳонгушой»-и Ҷувайнӣ (таълифи Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ ба соли 658 ҳичрии қамарӣ) омада аст:

«Ҷамоате муғулонро гирди Темур инфоқ карда буданд, бигирифтанд ва душох ниҳоданд…»

Ҳамчунин ба дафъот дар «Таслияту-л-ахавон» (боз таълифи Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ ба соли 680 ҳичрии қамарӣ) мулоҳиза мешавад:

«Дасту гардане, ки лоиқи «фӣ силсилати зиръҳо сабъун зироъ» бошад, чанд рӯзе, гоҳе ба силсила ва ҳангоме ба душох бозгузоранд, ҳазорон шукри Борӣ воҷиб бошад…».

Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар дафтари шашуми «Маснавӣ» ҳикояте дорад:

Рафт дарвеше зи шаҳри Толиқон,
Баҳри сити Булҳасан то Хориқон.
Кӯҳҳо бибриду водии дароз,
Баҳри диди шайхи бо сидқу ниёз.
Чун ба мақсад омад аз раҳ он ҷавон,
Хонаи он шоҳро ҷуст ӯ нишон.
Чун ба сад ҳурмат бизад ҳалқа дараш,
Зан бурун кард аз дари хона сараш,
Ки «чӣ мегӯйӣ, бигӯ, эй зу-л-карам?»
Гуфт, «бар қасди зиёрат омадам».
Хандае зад зан, ки хаҳ-хаҳ, риш бин,
Ин сафаргириву ин ташвиш бин.
Худ туро коре набуд он ҷойгоҳ,
То ба беҳуда кунӣ ин азми роҳ.
Ё магар девату душоха барниҳод,
Бар ту васвоси сафарро дар гушод.
Гуфт нофарҷому фаҳшу дамдама,
Ман натонам боз гуфтан он ҳама.
Аз масал в-аз ришханди беҳисоб,
Он мурид уфтод дар ғам в-изтироб.

Ҳамчунин дар наққошиҳо (миниётурҳои) адвори мухталиф ҳолати ба душох будани зиндонӣ, ҳарчанд намодингуна, ба чашми дид меояд.

Аз душоха Гардезӣ ба «даст бар гардан бастан» (сафҳаи 385) низ таъбир карда аст.

Сафҳаи 145. «Тоҳир ходиме дошт испедпӯст ва некурӯй…» Ҳикояте тақрибан наздик ба ин дар «Андарзнома», ки ба номи муаллифаш амир Унсурмаъолии Кайковус ибни Искандар ибни Қобус ибни Вушмгир ибни Зиёр шуҳра ба «Қобуснома» таълифшуда ба нимаи дувуми садаи панҷуми ҳичрӣ, омада аст:

«Ба рӯзгори ҷадди ман Шамсулмаъолӣ хабар доданд, ки дар Бухоро бозаргоне ғулом дорад, ки баҳои вай ду ҳазор динор аст. Аҳмади Саъд пеши амир ин ҳикоят кард, ки «моро касе бояд фиристодан, то он ғуломро бихарад». Амир гуфт: «туро шояд рафтан». Аҳмади Саъд ба Бухоро омад ва наххосро бидид ва он ғуломро ҳозир карданд ва ба ҳазору дувист динор бихарид ва ба Гургон овард. Амир бидиду писандид ва ғуломро дастордорӣ дод. Чун даст бишустӣ, дастор ба вай додӣ, то даст хушк кардӣ. Чанд гоҳ баромад, рӯзе амир даст бишуст, ин ғулом дастор ба вай дод. Амир даст пок кард ва дар ғулом ҳаменигарист. Вайро хуш омада буд дидори вай. Ва дастор ба вай боздод. Ва бар ин замоне бигузашт, Абулаббоси Олимро гуфт: «Ин ғуломро озод кардам ва фулон деҳ ӯро бахшидам, то бидонӣ, маншураш бинавис ва аз шаҳр духтари кадхудоеро аз баҳри вай бихоҳ ва бигӯй, то дар хона биншинад, то мӯйи рӯй барорад, он гоҳ пеши ман биёяд». Абулаббоси Олим вазир буд, гуфт: «фармон худовандрост, аммо агар, ройи худованд иқтизо кунад, бандаро бигӯяд, ки аз ин мақсуд чист?». Амир гуфт: «имрӯз ҳол чунину чунин рафт, сахт зишт бошад, ки подшоҳ пас аз ҳафтод сол ошиқ шавад. Ва маро баъд аз ҳафтод сол ба нигаҳдошти бандагони Худой, таъоло машғул мебояд буд ва ба салоҳи раияту лашкар ва мамлакати худ. Ман ба ишқ бохтан машғул гардам, на ба назди Худой, таъоло, маъзур бошам ва на ба назди халқ».

Сафҳаи 171. «(Амир Абулҳасан) гуфт: волии Хуросон манам ва сипаҳсолор Абӯалӣ аст, писари ман. Валлоҳ, ки ман ситора ба рӯз бад-эшон намоям».

«Ситора ба рӯз ба касе намудан», яънӣ рӯзгори касеро чунон сиёҳ кунӣ, ки рӯзаш чун шаб шавад ва ситора бинад. Дақиқӣ дар «Гаршоспнома» гӯяд:

Чу огоҳии ин сӯйи ман расид,
Ба рӯзи сапедам ситора бидид.

Фирдавсӣ низ ҳамин таъбирро дорад:

Чунон бинӣ акнун зи ман дастбурд,

Ки рӯзат ситора бибояд шумурд.

Ва Ҳумоми Табрезӣ дар ғазале мегӯяд:

Биханд, агарчи аз хандиданат ҳамедонам,
Ки офтоб ба рӯзам ситора бинмояд.

Сафҳаи 175. «Пас дили Абӯалӣ танг шуд ва мутанаккирҳол ба Нишобур омад аз баҳри зане…». Дар «Таърихи Яминӣ» он кас, ки аз баҳри зане ба Нишобур меравад ва гирифтор мешавад, Абулҳасан ибни Абӯалӣ Симҷурӣ, писари Абӯалии Симҷурӣ аст, на Абӯалии Симҷурӣ:

«Абулҳасан ибни Абиалӣ ибни Симҷур ба ноҳияи Қоин муқим буд ва чун хабари ҳазимати падараш ба дари Тӯс бад-ӯ расид, ба Рай шуд ва ба эҳтимоми Фахру-д-давла илтиҷо ҷуст. Ва Фахру-д-давла дар бораи ӯ абвоби ишфоқ ва ишбол тақдим фармуд ва ҳар моҳ панҷоҳ ҳазор дирам бар сабили мушоҳара ба номи ӯ мутлақ дошт ва ба мазиди каромоту ташрифот ва ақсоми анъому аснофи алтоф ҳар вақт муроъот мекард, ҳам аз ҷиҳати риояти шарафи убувват ва ҳам аз сабаби изҳори мубоҳот ба масули мисли писари Симҷур дар хидмати ӯ.

Ва ӯ (писари Симҷур) муддате дар пеши ӯ (Фахру-д-давла) дар мафраши офият ва манзили рафоҳият рӯзгор гузаронид, то нуҳусати толеъ ва шақовати бахт ӯро аз канафи амн ва соҳати роҳат дар ҳовияи меҳнату ҳаболаи ниқмат андохт ва ба сабаби майле, ки ба манзуре медошт, ба Нишобур рафт. Ва хаёл баст, ки дар пардаи хафо ва киллаи ихтифо ба муроди хеш мутаҳаззӣ шавад. Ногоҳ перомуни мустатари ӯ фаро гирифтанд ва мактуфу малҳуфи ӯро берун кашиданд ва ба Бухоро фиристоданд ва қазои Борӣ, таъоло дар ӯ нофиз шуд ва фазлаки ҳоли падар бар муҷиби ҳисоби падар ба поён расид…»

Сафҳаи 293. «Чун баҳор омад (султон Масъуд) аз Нишобур сӯйи Бовард омад, ки хабар ёфта буд, ки Туғрили туркмон он ҷост…».

Воқиаи ҷанги султон Масъуд ва Туғрили туркмонро ривояте дигар аст дар «Асрору-т-тавҳид»: «Оли Салҷуқ аз Нури Бухоро хуруҷ карданд ва ба Хуросон омаданд ва ба Тажани Бовард ва Меҳна биншастанд ва мардуми бисёр бар эшон ҷамъ омад ва бештар аз Хуросон ба даст фурӯ гирифтанд, ба сабаби ғафлати султони он аҳд Масъуд аз мулк ва иштиғоли ӯ ба фасод…

Султон Масъуд, ки ӯро Сурӣ мегуфтанд, мисоле фиристод ба таҳдиди эшон. Эшон ҷавоб набиштанд, ки «ин кори Худой аст, азз ва ҷалл, он бошад, ки ӯ хоҳад». Шайхи мо, Абусаъид, қуддусу-л-Лоҳ ва руҳулазизро аз он ҳол хабар буд ба фиросат. Пас Ҷағрӣ ва Туғрил, ҳар ду бародар ба зиёрат ба хидмати Шайх омаданд ба Меҳна. Шайх бо ҷамъи мутасаввифа дар машҳад нишаста буд. Эшон пеши тахти шайх омаданд ва салом гуфтанду дасти шайх

бӯса доданд ва пеши тахти шайх биистоданд. Шайх, чунонки маъҳуди ӯ буда аст, соате сар дар пеш афганд. Пас сар бароварда ва Чағриро гуфт, ки «мо мулки Хуросон ба ту додем» ва Туғрилро гуфт: «Мулки Ироқ ба ту додем». Эшон хидмат карданд ва бозгаштанд. Пас аз он султон Масъуд лашкар баргирифт ва ба ҷанги эшон омад. Чун ба Меҳна расид – он вақт Меҳна маъмур буд ва мардум бисёр, чунонки мегӯянд, ки дар корвонсаройе, ки маъруф аст ба Идрис, дар пойи ҳисор чиҳил каппон овехта буда аст. Мардумони Меҳна ба ҳисор даршуданд ва шайхи мо мувофиқат кард ва султон бар дари ҳисор биншаст ва муддати чиҳил рӯз ҷанг карданд. Ва дар Меҳна чиҳилу як марди ҳукмандоз буданд, ки ҳар куҷо ки нишон кардандӣ, албатта, тир бар он мавзеъ зададӣ, ки ҳеч хато накардандӣ. Ин ҷамоат бисёр маъорифро аз лашкари султон ҳалок ва маҷруҳ карданд.

Ҳасани муаддаб гуфт: «як шаб дар ҳисор намози хуфтан бигузордем. Шайх маро бихонду гуфт: «Ба Бодана бояд шудан» - ва он деҳе аст бар дуфарсангии Меҳна – «фулон пирзанро саломи мо бирасон ва бигӯ, ки он хумбараи равғани гов, ки моро бин-ҳодаӣ, бифирист». Маро ба расан ба девори ҳисор фурӯ гузоштанд ва ман ба миёни эшон берун шудам ва касе маро надид. Ва ба Бодана шудаму он хумбара аз он пирзан бистадам ва саҳаргоҳро ба пойи ҳисор омадам ва маро ба девор баркашиданд. Бомдод, чун аз намоз фориғ шудем, шайх бар дари масҷид, бар курсӣ бинишаст ва бифармуд, то дар миёни кӯй оташдонҳо карданд ва потилаҳо барниҳоданд ва дар ҳар яке порае равған дарандохтанд ва мечӯшиданд ва кас надонист, ки мақсуди шайх аз он чист.

Ва мардумон ҷанг мекарданд. Дар миёни ҷанг сухани сулҳ даруфтод ва сулҳ карданд ва раиси Меҳна берун шуд. Ӯро ташриф доданд. Дар омад ва ин чиҳилу як марди ҳукмандозро берун бурд ва султон бифармуд, то ҳар чиҳилу як мардро дасти рост бибуриданд. Эшон меомаданд ва дастҳои бурида бад-он равған фурӯ мезаданд. Ва шайх мегиристу об аз чашми шайх меҷаст ва шайх мегуфт: «Масъуд дасти мулки хеш бибурид». Чун султон ин сиёсат бикард, ҳолӣ кӯч кӯч кард ва бирафт сӯйи Марв. Ва оли Салҷуқ чун аз омадани султон хабар ёфтанд, аз Тажан ба дари Дандонақони Марв рафта буданд ва тароқ баста. Чун султон он ҷо расид, масоф карданд ва Масъудро бишикастанд ва мулк аз хонадони Масъуд ба оли Салҷуқ нақл уфтод ва Ҷағрӣ ба подшоҳии Хуросон биншаст ва Туғрил ба подшоҳии Ироқ».

Сафҳаҳои 210-213. Лозимаи дарёфти комил ва тамоми мавзуъи боби чаҳордаҳуми «Зайну-л-ахбор» тактеъи он боб ба бандҳо аст, ки битавон дар ҳар банд тавзеҳи лозимро дод. Ва ин тақтеъ дар

матни «Зайну-л-ахбор» ҷоиз набуд. Лиҳозо ҳамон бобро ба тақтеъ нақл ва тавзеҳоти марбут ба ҳар бандро ба дунболи он меоварам:

1)Бидон ки таърихҳое, ки мустаъмал аст ва ҳамаи мунаҷҷимон ва аҳли ҳисоб онро истиъмол кунанд, се таърих аст, чун румӣ ва арабӣ ва порсӣ. Ва ман ба ин ҳар се таърихи ҳиндувон замм кардам, то ҳар чаҳор таърих аз якдигар берун ояд ва тариқи он падид кардам, биъивни Аллоҳу ва тавфиқа.

2)Аммо таърихи румӣ, ки дураҳдтар аст, аз гоҳи Зу-л-қарнайн гиранд, ки ӯ ба подшоҳӣ нишаст ба Мақдуниё ва он рӯзи душанбе буд, авали тишрину-л-аввал ва миёни ӯ ва миёни таърихи ҳичрат чандини 340701 рӯз бошад ва миёни (таърихи) румӣ ва (таърихи) порсӣ чандини 344324 рӯз бошад.

3) Ва таърихи ҳичрӣ аз рӯзи одинаи ғурраи муҳаррами сари соли нахустин, ки пайғамбари мо, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, аз Макка ба Мадина омад ва ҳичрат кард, (гиранд) ва миёни (таърихи) ҳичрат ва миёни таърихи порсӣ чандини 3623 рӯз буд.

4) (Ва таърихи порсӣ аз гоҳи Яздиҷурд ибни Шаҳриёр гиранд, ки ӯ ба подшоҳӣ нишаст ва он рӯз сешанбе буд, аввали фарвардинмоҳ ва бисту ду рӯз аз хилофати Абубакри Сиддиқ, разийа-л-Лоҳи анҳу, гузашта буд).

5) Агар таърихи ҳичрӣ ёфта шуд, солҳои тамоми ӯро бигир ва андар бисту як ҳазору дувисту шасту ду зарбат кун ва он маблағ, ки ба ҳосил ояд, бар шаст қисмат кун (ва агар боқии қисмат чандини 30 ё бештар бувад, як бар ҳосили қисмат барафзой, ҳосил, айёми он солҳои тамом бошад. Пас кусури ин соли мақсуд он чи бошад аз моҳу рӯз бар вай афзой, ҷумла рӯзҳо бошад аз ибтидои ҳичрат, то он рӯзи мақсуд.

6) Ва чун хоҳӣ, ки таърихи румӣ аз (таърихи) ҳичрат бидонӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи румӣ ва таърихи ҳичрат аст, бо он рӯзгор барафзой, то рӯзҳои таърихи (ҳичрӣ) румӣ гардад ва чун хоҳӣ, ки то онро сол гардонӣ, он рӯзҳоро андар шаст зарбат кун, пас он маблағро, ки ба ҳосил (ояд) бар бисту як ҳазору нуҳсаду понздаҳ қисмат кун, то солҳои (тамоми румӣ) ба ҳосил гардад ва он чи (ҷуз айёми солҳои тамом) боқӣ монад, моҳу рӯз гардон, то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд.

7) (Ва чун хоҳӣ, ки таърихи форсӣ аз таърихи ҳичрат бидонӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи ҳичрӣ ва таърихи форсӣ аст аз он рӯзгор нуқсон кун, то рӯзҳои таърихи ҳичрӣ форсӣ гардад, пас он он маблағро, ки ба ҳосил ояд бар сесаду шасту панҷ қисмат кун, то солҳои тамоми форсӣ ба ҳосил ояд ва он чӣ ҷуз айёми солҳои тамом боқӣ монад, моҳу рӯз гардон то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд).

8) Ва агар таърихи форсӣ ба ҳосил бошад, солҳои тамоми ӯро андар сесаду шасту панҷ зарбат кун, то ҳамаи (солҳои тамом) рӯз

гардад ва кусури соли мақсудро (он чӣ бошад аз моҳу рӯз) бар (вай) барафзой, (ҷумла рӯзҳо бошад аз ибтидои торихи порсӣ то он рӯзи мақсуд).

9) Ва агар таърихи арабӣ хоҳӣ берун (орӣ аз таърихи порсӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи арабӣ ва таърихи порсӣ аст, бо он рӯзгор барафзой, то рӯзҳои таърихи порсӣ арабӣ гардад. Ва он маблағ, ки ба ҳосил ояд, бар бисту як ҳазору дувисту шасту ду қисмат кун, то солҳои тамоми арабӣ ба ҳосил ояд ва он чи ҷуз айёми солҳои тамом боқӣ монад, моҳу рӯз гардон, то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд.

10) Ва чун хоҳӣ, ки таърихи румӣ аз торихи порсӣ бидонӣ, он рӯзҳо, ки миёни таърихи румӣ ва таърихи порсӣ аст, бо он рӯзгор барафзой, то рӯзҳои таърихи порсӣ румӣ гардад ва он рӯзҳо андар шаст зарбат кун, пас он маблағ, ки ба ҳосил ояд ва он чи ҷуз айёми солҳои тамом боқӣ монад, моҳу рӯз гардон, то рӯзи мақсуд ба ҳосил ояд.

11) Ва агар таърихи румӣ ба ҳосил бошад), бинеҳ солҳои тамоми румиро ва андар бисту як ҳазору нуҳсаду понздаҳ зарбат кун ва он (маблағ)-ро (ки ба ҳосил ояд) бар шаст қисмат кун, то ҳама рӯз гардад (ва кусури рӯзҳои соли мақсуд – он чи бошад аз моҳу рӯз – барафзой, ҷумла рӯзҳо бошад аз ибтидои таърихи румӣ, то он рӯзи мақсуд).

12) Ва чун хоҳӣ бо таърихи румӣ таърихи ҳичрӣ аз вай берун орӣ, он тафовут, ки миёни ин таърих ва таърихи мақсуд бошад, аз он кам кун, то рӯзҳои таърихи арабӣ бо румӣ ҳосил шавад ва чун хоҳӣ, ки он рӯзҳоро соли арабӣ гардонӣ, маьлағи рӯзҳо андар шаст зарбат кун ва пас он маблағро, ки ба ҳосил ояд, бар бисту як ҳазору дувисту шасту ду қисмат кун, то солҳои (тамоми арабӣ) ба ҳосил гардад ва он чи (ҷуз айёми солҳои тамом) боқӣ монад, (моҳ ва) рӯз бувад аз аввали сол то рӯзи мақсуд.

13) Чун рӯзҳои (таърихи) румӣ ёбӣ ва хоҳӣ то таърихи порсӣ аз вай истихроҷ кунӣ, пас он миқдор, ки миёни таърихи румӣ ва таърихи порсӣ аст аз рӯзҳо, аз вай нуқсон кун, то рӯзҳои таърихи румӣ порсӣ гардад ва боқиро бар сесаду шасту панҷ қисмат кун, то солҳои (тамоми) порсӣ аз вай берун ояд ва он чи ҷуз айёми солҳои тамом) боқӣ монад, моҳу рӯз бошад (аз ибтидои сол то рӯзи мақсуд).

14) Бидон, ки таърихи ҳиндувон, он чи мустаъмал аст миёни эшон, онро шаккол гӯянд ва «кол» вақт бошад ба луғати ҳиндувон ва «Шак» подшоҳе будааст эшонро ва бар ҳамаи ҳиндувон ғалаба карда буд ва мар ҳиндувонро бисёр ранҷ намуда буд. Ва чун ӯ ҳалок шуд, эшон он марги ӯро чун иде доштанд ва ҷашн сохтанд ва аз он ҷо таърих ниҳоданд.

15) Ва чун хоҳем, ки ин таърихи (ҳиндувон) аз он таърихҳои маъруф берун орем, бигирем ин таърихи машҳурро рӯз гардонем, агар румӣ бошад, чандини 1019273 барафзоем ва агар ҳичрӣ бошад чандини 1359974 барафзоем ва агар форсӣ бошад, чандини 1363597 барафзоем ва он чи ба ҳосил шавад, ба ду ҷой ниҳем, нигоҳ дорем, пас зарб кунем (яке аз) он маҳфузро андар 55739 ва қисмат кунем онро бар 3506481 ва он чи берун ояд бар он маҳфузи дигар афзоем ва он чиро ки ба ҳосил ояд) ба ду ҷой ниҳем ва яке аз он андар 5311 зарбат кунем ва қисмат кунем он маблағро бар 5343330 ва он чи берун ояд, зарбат кунем андар 30 ва он чӣ ҷамъ шавад, аз он ҷойи дигар нуқсон кунем ва боқиро бар 30 қисмат кунем, моҳ берун ояд ва он чи боқӣ монад, рӯз бувад. Пас ин моҳҳоро бар дувоздаҳ қисмат кунем, то солҳои тамом ҳосил гардад ва аз вай чандини 3178 нуқсон кунем, он чи боқӣ монад, соли шаккол бошад.

Ва чун бо соли шаккол чандини 1972947179 барафзоем, таърихи аввали рафтори ситорагон аз сари ҳамал берун ояд, ба қавли ҳиндувон.

Тавзеҳот:

1)Дар бандҳои 2- 4 маблағе аз мухтассоти байнуттаърихини таърихҳои румӣ (искандарӣ), ҳичрӣ (арабӣ) ва порсӣ (язди-гурдӣ/Фурс/қадим); дар бандҳои 5 - 7 басти таърихи ҳичрӣ ва татбиқи он бо таърихҳои румӣ ва порсӣ; дар бандҳои 8-10 басти таърихи порсӣ ва татбиқи он бо таърихҳои ҳичрӣ ва румӣ; ва дар бандҳои 11-13 басти таърихи румӣ ва татбиқи он бо таърихҳои ҳичрӣ ва порсӣ омада аст.

2) Дар нусхаи дастнавишти «Зайну-л-ахбор» «рӯзи ғурраи муҳаррам, сари соли нахустини» таърихи ҳичрӣ, «панҷшанбе» ва байнуттаърихини «миёни таърихи ҳичрат ва миёни таърихи порсӣ чандини 3624 рӯз» омада аст.

Гарчи дар мутуни таърихӣ ва тақвимӣ рӯзи аввали («ғурраи муҳаррам») соли аввали ҳичрии қамариро ҳам «панҷшанбе» ва ҳам «одина»\ҷумъа додаанд, вале аз он ҷо, ки дар ҳамин боб аз «Зайну-л-ахбор» «аввали тишрину-л-аввали» соли аввали таърихи румиро «душанбе» ва миёни таърихи румӣ ва таърихи ҳичриро «чандини 340701 рӯз» дода аст, дар ин сурат «рӯзи ғурраи муҳаррами сари соли нахустин»-и таърихи ҳичрӣ «одина» ҳоҳад шуд, на «панҷшанбе» ва агар «рӯзи ғурраи муҳаррами сари соли нахустин»-и таърихи ҳичрӣ «одина» бошад, байнуттаърихини таърихи ҳичрӣ

ва таърихи порсӣ 3623 ва байнуттаърихини таърихи ҳичрӣ ва шаккол 1359974 хоҳад шуд.

3) Банди 5 тақрибан тарҷумаи форсии бахше аз боби аввали мақолаи сонии китобои «ал-Қонун ал-Масъудӣ» бо унвони «Фӣ басти таъриху-л-ҳичрат айёмиҳо» аст.

4) Гардезӣ дар баҳс аз се таърихи румӣ ва ҳичриву порсӣ тӯли сол, давраи кабиса, теъдод ва асомии моҳҳо ва теъдоди рӯзҳои ҳар моҳ аз ин се таърихро барои хонандаи «Зайну-л-ахбор» маълум фарз кардааст.

5) Банди 14 тақрибан ба ҳамин вачҳа дар китоби «ат-Тафҳим лиавоили саноъату-т-танҷим» ва низ дар китоби «ал-Қонун ал-Масъудӣ» омада аст.

6) Банди 15 тақрибан тарҷумаи форсии бахше аз боби шашуми мақолаи сонии китоби «ал-Қонун ал-Масъудӣ» аст. Ин банд ба татбиқи ҳар як аз се таърихи румӣ ва ҳичриву порсӣ бо таърихи ҳиндувон мепардозад. Барои эзоҳи комил ҷузъ-ҷузъи ин бандро ба ҳамон тартиб ва шева, ки Гардезӣ навишта (бо қарордоди «таърихи румӣ- Р», «Таърихи ҳичрӣ – Ҳ», «таърихи порсӣ П» ва ҳосили муҳосибот – Т) таҳлил мекунем:

А) «Бигирем ин таърихи машҳурро рӯз гардонем». Яъне ҳар як аз ин се таърихро, ки мехоҳем бо таърихи ҳиндувон татбиқ диҳем, баст медиҳем:

Ҳосили басти таърихи румӣ: = рӯзҳои соли ноқисаи румӣ + 21915 : 60 х солҳои тамоми румӣ.

Ҳосили басти таърихи ҳичрӣ: = рӯзҳои соли ноқисаи ҳичрӣ + 21262 : 60 х солҳои тамоми ҳичрӣ.

Ҳосили басти таърихи порсӣ: = рӯзҳои соли ноқисаи порсӣ + 365 х солҳои тамоми порсӣ.

Ин тавзеҳро бидиҳам, ки чун дар замони таълифи «Зайну-л-ахбор» ҳанӯз низоми касри аъшорӣ кашф нашуда, ё барои муаллиф шинохта набуда, муаллиф ба ҳангоми басти ҳар як аз таърихҳо, ки тӯли соли онҳо теъдоде шаборӯз ва касре аз шаборӯз аст, ба ҷойи он ки мазрубро ба адади аъшорӣ баён кунад, ба ночар бо зарбу тақсими аъдоди саҳеҳ баргузор мекунад:

Тӯли соли румӣ ба шаборӯз 365/25 = 21915 : 60

Тӯли соли ҳичрӣ ба шаборӯз 354/3666 = 21262 : 60

Б) «Агар румӣ бошад, чандини 1019273 барафзоем ва агар ҳичрӣ бошад, чандини 1359974 барафзоем ва агар порсӣ бошад, чандини 1363597 барафзоем»

Тр = 1019273 + ҳосили басти таърихи румӣ.

Тҳ = 1359974 + ҳосили басти таърихи румӣ.

Тп = 1363597 + ҳосили басти таърихи порсӣ.

Бо ин тазаккур, ки дар матни «Зайну-л-ахбор» байнут-таърихини шаккол ва ҳичрӣ 1359973 омада аст

В): «Он чи ба ҳосил шавад, ба ду ҷой ниҳем, нигоҳ дорем»:

Трҳп Трҳп

Г): «Пас зарб кунем яке аз он маҳфуз андар 55739 ва қисмат кунем онро бар 3506481»

Трҳп Трҳп х 55739: 3506481

Д): «Ва он чи берун ояд бар он маҳфузи дигар афзоем»:

Трҳп + Трҳп х 55739: 3506481 = Трҳп (1+ 55739: 3506481)

Е): «Ва он чи ба ҳосил ояд ба ду ҷой ниҳем»:

Трҳп (1+ 55739: 3506481) Трҳп (1+ 55739: 3506481)

Ё: «Ва яке аз он андар 5311 зарб кунем ва қисмат кунем он маблағро бар 5343330 ва он чи берун ояд зарб кунем андар 30»:

Трҳп (1+ 55739: 3506481) Трҳп (1+ 55739: 3506481)(5311х30: 5343330)

Ж): «Ва он чи ҷамъ шавад, аз он ҷойи дигар нуқсон кунем»:

Трҳп (1+ 55739: 3506481) - Трҳп (1+ 55739: 3506481)(5311х30: 5343330) =

Трҳп (1+ 55739: 3506481) (1- 55739: 3506481)(5311х30: 5343330)

З): «Ва боқиро бар 30 қисмат кунем, моҳ берун ояд, ва он чи боқӣ монад, рӯз бувад»:

Трҳп (1+ 55739: 3506481) (5311х30: 5343330): 30 =

моҳҳо + рӯзҳои моҳи ноқиса

К): «Пас ин моҳҳоро бар дувоздаҳ қисмат кунем, то солҳои тамом ҳосил гардад»:

Моҳҳои тамоми соли ноқиса + (12 х солҳои тамом) = моҳҳо.

Л): «Аз вай (солҳо) чандини 3178 нуқсон кунем, он чӣ боқӣ монад, соли шаккол бошад»:

Солҳои тамоми шаккол = 3178 – солҳои тамом.

Ҳамчунон, ки пештар ёд кардам, ин ҳама ҷамъу тафриқ ва зарбу тақсим ба ду ҷой ниҳодан бад-он иллат аст, ки муаллиф бо касри аъшорӣ ошно нест. Мо акнун бо истиъонат аз низоми муҳосиботи аъшорӣ медонем, ки ҳосилзарби ду камонаки Ж, ки дар воқеъ миқдори тӯли як шаборӯзи ҳиндувон (ба касрии асам) аст, то ёздаҳ рақам касри аъшорӣ мешавад:

(1+ 55739: 3506481) (1-5311х30: 5343330)= 0/98560351532

ки ҳосилзарби ин адад дар ҳар як Тр/Тх/Тп (бар ҳасби маврид) ва гирд кардани ҳосилзарб ба рӯз теъдоди рӯзҳои ҳиндувон хоҳад шуд.

Татбиқи таърихҳои маъруфу маъмул бо таърихи шаккол:

Аввалан: байнуттаърихини таърихи шаккол бо таърихҳои маъруф ва маъмул (ки се маврид аз онҳоро Гардезӣ ёд карда аст) чунин аст:

Бо таърихи румӣ (искандарӣ) 1019273
Бо таърихи мелодии Жулиан 1132958
Бо таърихи ҳичрии эътидолӣ 1359855
Бо таърихи ҳичрии қамарӣ 1359974
Бо таърихи порсӣ (яздигурдӣ) 1363597
Бо таърихи мелодии григурӣ 1710773

Сониян: татбиқи таърихи маълум бо таърихи шаккол (масалан, мехоҳем бидонем, ки рӯзи 5 (исфандормуз) хурдодмоҳи соли 1310 порсӣ (яздигурдӣ) мутобиқи чандумин рӯз аз чандумин моҳ аз чандумин соли шаккол буда аст):

Нахуст ҳосили басти таърихи додашуда (5 хурдод 1310 яздигурдиро ба даст меоварем:

(1310 – 1) 365+65 = 477850

Сипас:

1) Ҳосили басти таърихи додашударо бо байнуттаърихини марбут ҷамъ мекунем: 477850 + 1363597 = 1841447

2) Ҳосили амали якумро дар адади 0/98560351532 зарб ва ҳосилзарбро ба рӯз гирд мекунем: 1841447 х 0/98560351532 = 1814937

3)Ҳосили амали дувумро бар адади 30 тақсим мекунем: 1814937=(60497х30)+27

4)Хориҷи қисмати амали севумро бар адади 12 тақсим мекунем: 60497=(5041х12)+5

5) Аз хориҷи қисмати амали чаҳорум адади 3178-ро кам мекунем: 5041 – 3178 = 1863

6) Боқимондаи амали чаҳорумро бо адади 1 ҷамъ мекунем: 5+1=6

7) Ҳосили амали панҷумро бо адади 1 ҷамъ мекунем: 1863 + 1=1864

Боқимондаи амали севум рӯз, боқимондам амали шашум моҳ ва боқимондаи амали ҳафтум соли шакколро ҳикоят хоҳад кард. Пас, рӯзи 5 (исфандормуз) хурдодмоҳи соли 1310 яздигурдӣ баробар ва мутобиқ будааст бо рӯзи 27 моҳи 6 соли 1864 шаккол.

Солисан: Татбиқи таърихи шаккол бо таърихи маъруф (масалан, мехоҳем бидонем, ки рӯзи 12 моҳи 8 соли 1924 шаккол мутобиқи чӣ рӯз аз чӣ моҳ аз чӣ соли искандарӣ буда аст):

1) Соли шакколи додашударо бо адади 3177 ҷамъ мекунем: 1924+3177=5101

2) Ҳосили амали якумро дар адади 12 зарб мекунем: 5101 х 12= 61212

3) Аз адади моҳи додашуда адади 1-ро кам мекунем: 8-1=7

4) Ҳосили амали дувум ва ҳосили амали севумро ҷамъ мекунем: 61212+7=61219

5) Ҳосили амали чаҳорумро бар адади 30 зарб мекунем: 61219 х 30= 1836570

6) Адади рӯзи додашударо бо ҳосили амали панҷум ҷамъ мекунем:

1836570 +12 = 1836582

7) Ҳосили амали шашумро бар амали 0/98560351532 тақсим ва ҳосили тақсимро ба рӯз гирд мекунем:

1836582 : 0/98560351532= 1863408/5= 1863409

8) Байнуттаърихини марбутро аз ҳосили амали ҳафтум кам мекунем:

1863409-1019273=844136

Ҳосили амали ҳафтум ҳосили басти таърихи марбут (дар ин маврид таърихи искандарӣ) аст. Ҳол ҳосили басти таърихи марбут (искандарӣ)-ро самара мекунем

844136 = (577 х 1461) + 1139

1139= (3 х 365) + 44

577 х 4 = 2308

2308 + 3 = 2311

сол 2311 + 1= 2312

рӯз ва моҳ 44 – 13 тишрини дувум

844136= (120590 х 7) + 6

Рӯзи ҳафта 6 – шанбе

Пас рӯзи 12 моҳи 8 соли 1924 шаккол мутобиқ буда аст бо рӯзи шанбеи 13 тишрини дувуми соли 2312 искандарӣ (румӣ)

Сафҳаҳои 239. «Гаҳанбор шаш аст ва ин он шаш рӯз аст, ки Эзад, таъоло, халқро андар ин шаш рӯз офарид, чунонки андар кутуби муназзал, чун Таврату Инҷил ва Забуру Фурқон пайдост. Аммо муғон чунин гӯянд, ки Худо, таборак ва таъоло, осмонро андар гаҳанбори нахустин офарид ва он ёздаҳуми дай буд ва обро андар гаҳанбори дудигар офарид ва он ёздаҳуми исфандормуз буд ва заминро андар гаҳанбори седигар офарид ва он бисту шашуми урдибиҳишт буд ва наботро андар гаҳанбори чаҳорум офарид ва он бисту шашуми хурдод буд ва чаҳорпоёнро андар гаҳанбори панҷум офарид ва он шонздаҳуми шаҳривар буд ва мардумро андар гаҳанбори шашум офарид ва он авали рӯзи масруқа буд, охири обон».

Ин нукта аз «Зайну-л-ахбор» чанд тавзеҳро иқтизо дорад:

А) Офариниш (хилқат) дар шаш рӯз дар боби аввал ва бахше аз боби дувуми «Сифри таквин» (Китоби офариниш) – Таврот чунин шарҳ шуда аст:

«Дар ибтидо Худо осмонҳо ва заминро офарид ва замин тиҳӣ ва боир буд ва торикӣ бар рӯйи луҷҷа ва руҳи Худо сатҳи обҳоро фурӯ гирифт. Ва Худо гуфт, рӯшноӣ бишавад ва рӯшноӣ шуд. Ва

Худо рӯшноиро дид, ки неку аст ва Худо рӯшноиро аз торикӣ ҷудо сохт. Ва Худо рӯшноиро рӯз номид ва торикиро шаб номид. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи аввал.**

Ва Худо гуфт, фалаке бошад дар миёни обҳо ва обҳоро аз обҳо ҷудо кунад. Ва Худо фалакро бисохт ва обҳои зери фалакро аз обҳои болои фалак ҷудо кард ва чунин шуд. Ва Худо фалакро осмон номид. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи дувум.**

Ва Худо гуфт, обҳои зери осмон дар як ҷо ҷамъ шавад ва хушкӣ зоҳир гардад ва чунин шуд. Ва Худо хушкиро замин номид ва иҷтимоъи обҳоро дарё номид ва Худо дид, ки неку аст. Ва Худо гуфт, замин наботот бирӯёнад, алафе, ки тухм биёварад ва дарахти меваӣ, ки мувофиқи ҷинси худ мева оварад, ки тухмаш дар он бошад бар рӯйи замин. Ва чунин шуд ва замин набототро рӯёнид, алафе, ки мувофиқи ҷинси худ тухм оварад ва дарахти мевадоре, ки тухмаш дар он мувофиқи ҷинси худ бошад. Ва Худо дид, ки неку аст. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи сеюм.**

Ва Худо гуфт, наййирҳо дар фалаки осмон бошанд, то рӯзро аз шаб ҷудо кунад ва барои оёт ва замонҳову рӯзҳо ва солҳо бошанд. Ва наййирҳо бар фалаки осмон бошанд, то бар замин рӯшноӣ диҳанд ва чунин шуд ва Худо ду наййири бузург сохт. Наййири аъзамро барои салтанати рӯз ва наййири асғарро барои салтанати шаб ва ситорагонро. Ва Худо онҳоро дар фалаки осмон гузошт, то бар замин рӯшноӣ диҳанд ва то салтанат намоянд бар рӯзу бар шаб ва рӯшноиро аз торикӣ ҷудо кунанд ва Худо дид, ки неку аст. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи чаҳорум.**

Ва Худо гуфт, обҳо аз анбӯҳи ҷонварон пур шавад ва парандагон болои замин бар рӯйи фалаки осмон парвоз кунанд. Пас Худо наҳангони бузург офарид ва ҳамаи ҷондорони хазандаро, ки обҳо аз онҳо мувофиқи аҷноси онҳо пур шуд ва ҳамаи парандагони болдорро ба аҷноси онҳо. Ва Худо дид, ки неку аст. Ва Худо онҳоро баракат дода, гуфт, борвар ва касир шавед ва обҳои дарёро пур созед ва парандагон дар замин касир бишавед. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи панҷум.**

Ва Худо гуфт, замин ҷонваронро мувофиқи аҷноси онҳо берун оварад, баҳоиму ҳашарот ва ҳайвоноти замин ба аҷоси онҳо. Ва чунин шуд. Пас Худо, ҳайвоноти заминро ба аҷноси онҳо бисохт ва баҳоимро ба аҷноси онҳо ва ҳамаи ҳашароти заминро ба аҷноси онҳо. Ва Худо дид, ки неку аст. Ва Худо гуфт, Одамро ба сурати мо ва мувофиқи шабеҳи мо бисозем, то бар моҳиёни дарё ва парандагони осмон ва баҳоим ва бар тамомии рӯйи замин ва ҳамаи ҳашароте, ки бар рӯйи замин мехазанд, ҳукумат намояд. Пас Худо Одамро ба сурати худ офарид. Ӯро ба сурати Худо офарид. Эшонро нару мода офарид ва Худо эшонро баракат дод. Ва Худо бад-эшон

гуфт, борвару касир шавед ва заминро пур созед ва дар он тасаллут намоед ва бар моҳиёни дарё ва парандагони осмон ва ҳамаи ҳайвоноте, ки бар замин мехазанд, ҳукумат кунед. Ва Худо гуфт, ҳамоно ҳамаи алафҳои тухмдоре, ки бар рӯйи тамоми замин аст ва ҳамаи дарахтҳое, ки дар онҳо меваи дарахти тухмдор аст, ба шумо додам, то барои шумо хурок бошад. Ва ба ҳамаи ҳайвоноти замин ва ҳамаи парандагони осмон ва ба ҳамаи ҳашароти замин, ки дар онҳо ҳаёт аст, ҳар алафи сабзро барои хӯрок додам. Ва чунин шуд. Ва Худо ҳар чӣ сохта буд, дид ва ҳамоно бисёр неку буд. Ва шом буду субҳ буд, **рӯзи шашум.**

Ва осмонҳову замин ва ҳамаи лашкари онҳо тамом шуд ва дар **рӯзи ҳафтум** Худо аз ҳамаи кори худ, ки сохта буд, фориғ шуд ва дар **рӯзи ҳафтум** аз ҳамаи кори худ, ки сохта буд, оромӣ гирифт. Пас Худо **рӯзи ҳафтумро** муборак хонд ва онро тақдис кард, зеро ки дар он рӯз ором гирифт аз ҳама кори худ, ки Худо офарид ва бисохт».

Дар Қуръон низ дар сувар ва оёти мутаъаддид ба шаш рӯз будани офариниш (хилқат) тасреҳ аст: «Инна Раббакуму-л-Лоҳу-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин, сумма-ставо ало-л-Арши юғшӣ-л-лайла-н-наҳора, ятлубуҳу ҳасисан ва-ш-шамса ва-л-қамара ва-н-нуҷума мусаххаротин би амриҳи, а ло лаҳу-л-халқу ва-л-амру, таборака-л-Лоҳу Раббу-л-оламин» – «Ки Худованди шумо Худойе аст Он, ки биёфарид осмонҳо ва замин андар шаш рӯз, пас боз баристод бар Арш, бипӯшонид шабро ба рӯз, ме талаб кунад онро нарм ва офтобу моҳтоб ва ситорагон фармонбардор ба фармони Ӯ, бидон ки Ӯрост офариниш ва фармон, ба баракат аст Худой – Худованди ҷаҳониён» (Аъроф, 7:54).

«Инна Раббакуму-л-Лоҳу-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин, сумма-ставо ало-л-Арши, юдаббиру-л-амра мо мин шафеъин илло мин баъди изниҳи, золикуму-л-Лоҳу Раббукум, фа-ъбудуҳу, а фа ло тазаккаруна» – «Худойи шумо он Худойе аст Он, ки биёфарид осмонҳо ва замин андар шаш рӯз, пас боз баристод бар Арш. Меофаринад кор ва нест ҳеҷ хоҳишхоҳе, магар аз паси дастурии Ӯ. Ин аст Он Худой – Худованди шумо, бипарастед Ӯро, оё на ёд гиред» (Юнус, 10:3).

«Ва ҳува-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин ва кона Аршаҳу ало-л-мои ли яблувакум айюкум аҳсану амало ва ла ин қулта иннакум мабъусуна мин баъди-л-мавти, ла якуланна-л-лазина кафару ин ҳозо илло сиҳрун мубин» – «Ва Ӯст Он, ки биёфарид осмонҳо ва замин андар шаш рӯз ва буд Арши Ӯ бар об, то биёзмояд шуморо кадом аз шумо некӯкирдортар ва агар гӯӣ, ки

шумо барангехтагонед пас аз марг, гӯянд он касҳо, ки кофир шуданд, ки нест ин магар ҷодуи ҳувайдо» (Ҳуд, 11:7).

«Қул: а иннакум ла такфуруна би-л-лазӣ халақа-л-арза фӣ явмайни ва таҷъалуна лаҳу андодан, золика Раббу-л-оламин. Ва ҷаъала фиҳо равосия мин фавқиҳо ва борака фиҳо ва қаддара фиҳо ақвотаҳо фӣ арбаъати айёмин савоан ли-с-соилин. Сумма-ставо ило-с-самои ва ҳия духонун, фа қола лаҳо ва ли-л-арзи-ътиё тавъан ав карҳан, қолато: атайно тоиъина. Фа қазоҳунна сабъа самовотин фӣ явмайни ва авҳо фӣ кулли самоин амраҳо ва зайянно-с-самоа-д-дунё би масобиҳа ва ҳифзан, золика тақдиру-л-азизи-л-алим» (Фуссилат, 41:9-12).

«Ҳува-л-лазӣ халақа-с-самовоти ва-л-арза фӣ ситтати айёмин, сумма-ставо ало-л-Арши, яъламу мо яличу фӣ-л-арзи ва мо яхруҷу минҳо ва мо янзилу мина-с-самои ва мо яъруҷу фиҳо; ва ҳува маъакум айна мо кунтум ва-л-Лоҳу би мо таъмалуна басир» (Ҳадид, 57:4).

Ин қаламзан ба хотир намеоварад, ки дар Инҷил ва Забур (Мазомири Довуд) матлабе дар бораи хилқати шашрӯза хонда бошад.

Б) Барои табйини хилқати олам бар ривояти муғон, муқаддаматан арз мекунам, ки эрониён дар гузаштаҳои бисёр дур, як солро ба дувоздаҳ қисмат карданд ва ҳар қисматро ба номи яке аз амшосипандон ва эзадон номиданд:

«Он дувоздаҳ моҳро ном аз ҳамон амшосипандон аст: 1. Фарвардинмоҳ. 2. Урдибиҳиштмоҳ 3. Хурдодмоҳ 4. Тирмоҳ 5. Амрдодмоҳ. 6.Шаҳривармоҳ 7. Меҳрмоҳ 8.Обонмоҳ 9. Озармоҳ 10. Даймоҳ 11. Баҳманмоҳ 12. Сипадормузмоҳ.

Масъуди Саъди Салмон (шоири авохири садаи панҷум ва авоили садаи шашуми ҳиҷрӣ) манзумае дар 84 байт ба соли 510 ҳиҷрии қамарӣ дар бораи моҳҳои тақвими эрониён барои маҷлиси офарин ва базми Абулмулук малик Арслон ибни Масъуд (ҳаҷдаҳумин подшоҳи ғазнавӣ) суруда, ки абёте аз онро нақл мекунам:

Худойгоно, ромиш гузину шодӣ бин,
Ки мужда додат аз бахт моҳи **фарвардин**,
Ҳаме чӣ гӯяд? Гӯяд, ки мулки ҳафт иқлим,
Ба ҳукму амри ту хоҳад шудан зи чархи барин?

Биҳишт аст гетӣ зи **урдибиҳишт**,
Ҳалол омад, эй маҳ, май андар биҳишт.
Ба шодӣ нишин ҳину мехоҳ май,
Ки бе май нишастан-т зишт аст зишт.

Ба роғу ба боғу ба кӯҳу ба дашт,
Зи фарри гиронмоя **урдибиҳишт**.
Бихандид гулзору бигрист абр,
Бинолид мурғу биболид кишт.

Зинати боғ **моҳи хурдод** аст,
Гар ба бода гироӣ аз дод аст.
Бути Навшод гашт гулбуну боғ,
Гӯйӣ аз ҳусну зеби ту шод аст.
Булбулонро, ки хутбахон шудаанд.
Минбар аз шохи сарви озод аст.
Бо нишот асту ромишу шодӣ.
Ҳар чи бандасту ҳар чи озод аст.
Моҳи тир аст, ай намуда тира аз рӯйи ту моҳ,
Май дар ин маҳ лаъли рӯшан гардад, ай маҳ май бихоҳ.
Вақти неъматҳост, лекин неъмате чун май мадон,
Ҷон бад-ин гуфта, ки ман гуфтам, гувоҳ ояд, гувоҳ.
Дил ба май тозаст, тоза, ҷон ҳаме шод аст, шод,
Гар гуноҳи ман ҳамеҷӯйӣ, ҳамедорам гуноҳ.

Мурдодмаҳ аст сахт хуррам,
Май нӯш паёпаю дамодам.
Аз гардун табъи хок пуртаф,
В-аз борон чашми абр пурнам.
Бар дашт либосҳои рунист,
Бар кӯҳ либосҳои майрам.
Биншину тарабфазой май хоҳ,
Дар давлати шаҳриёри аъзам.
Шаҳривар асту гетӣ аз адли шаҳриёр
Шод аст, хезу мояи шодӣ бар ман ор.
Бода шинос мояи шодиву хуррамӣ,
Бе бода ҳеч ҷон нашуд аз моя шодхор.
Ай комгор бар дили ман хезу бода деҳ,
Бар ёди давлати малику шоҳи комгор.

Ай маҳ, маҳи меҳру **меҳрмоҳ** аст,
Бе бода нишастан аз гуноҳ аст.
Рӯзу рухи дӯстон сапед аст,
Рӯйу дили душманон сиёҳ аст.

Моҳи обон чу оби ҷӯй бибаст,
Оби ангур бояд андар даст.
Он накӯтар, ки шод бошӣ, шод,

В-он накӯтар, ки маст хусбӣ, маст.
Шод зист он ки ақлу дониш дошт,
Пушти андуҳро ба май бишкаст.
Ҳар кӣ ӯ чашм дар хирад бигшод.
Ҳарзу таъвизи бода бар ҷон баст.
Шод биншину бода хур, к-имрӯз,
Гетӣ аз ранҷ расту аз ғам ҷаст.

Ай моҳ расид, **моҳи озар**,
Бархезу бидеҳ майи чу озар.
Озар бифурӯзу хона хуш кун,
З-озар санамо, ба **моҳи озар**.
Гар боғ бимонд, сода бегул,
В-ар шох бимонд зуд бе бар.

Моҳи дай омад, ки ҳаво ҳар замон,
Борад кофур ҳаме бар ҷаҳон.
Аз фалак имрӯз маунат кунад,
Лашкари сарморо боди хазон.
Бодаи чун озари Барзин биёр,
Чораи сармо ба ҷуз онро мадон.

Моҳи баҳман набид бояд хӯрд,
Моҳи баҳман нишот бояд кард.
Дар ҷаҳон ҳар кӣ ҳаст фарзона,
Биписандад нишоти ҷонпарвард.
З-он ки имрӯз мутрибу соқӣ,
Рӯду бода ба базми шоҳ овард.

Сипандормуз моҳи охири сол,
Ки гашт охирин моҳи ҳар бадсигол.
Ҳаме мужда дорад, ки то чанд рӯз,
Пазирад чаман ҳусну зебу ҷамол.
Ба ҳар марғзоре битозад тазарв,
Ба ҳар бӯстоне биболад ниҳол.
Кашад абр бар соя фарши баҳор,
Дамад мушк бар кӯҳ боди шамол.

Ҳар як аз дувоздаҳ моҳро сӣ рӯз ихтиёр карданд ва аз дидгоҳи амалӣ ва корбурдӣ, чаҳор рӯз аз ин сӣ рӯзро, ки дар воқеъ мақтаъи кору истироҳат аст, як рӯз ба номи Аҳуромаздо (Ҳурмузд) ва се рӯзи дигарро ба номи дигари ӯ «дай» (додор) номиданд ва барои он ки ба ҳангоми ёд кардан аз рӯзи дай, маълум бошад, ки манзур

кадом як аз се рӯзи дай аст, ҳар рӯзи дайро ҳамвора бо номи рӯзи баъд аз он хонанд:

1.Ҳурмузд 8.Дай (Дайбаозар) 15.Дай (Дайбамеҳр) 23. Дай (Дайбадин)

2. Баҳман 9. Озар 16. Меҳр 24. Дин

3.Урдибиҳишт 10. Обон 17. Сурӯш 25. Ард

4.Шаҳривар 11. Хур 18. Рашн 26. Аштод

5.Сипандормуз 12. Моҳ 19.Фарвардин 27. Осмон

6.Хурдод 13. Тир 20.Баҳром 28. Зомёд

7.Амрдод 14. Гӯш 21. Ром 29. Мориспанд

22. Бод 30. Анэрон

Анҷомини фаргарди Шоист ношоисти паҳлавӣ, ки бахшоишҳои аҳуроии ҳар як аз амшосипандонро мешуморад, чунин аст:

«(1) Ҳурмуз, додортар. (2) Баҳман, чобуктар. (3) Урдибиҳишт, гузинандатар. (4) Шаҳривар, кордортар. (5) Сипандормуз, бувандагтар. (6) Хурдод, чарбтар. (7) Амрдод, барӯмандтар. (8)Дай, чунони Ҳурмузд. (9) Озар, тобандатар. (10) Обон, дурахшонтар. (11) Хур, барозандатар. (12) Моҳ, варҷовандтар. (13) Тир, родтар. (14) Гӯш, ниюшандатар. (15) Дай, чунон Ҳурмузд. (16) Меҳр, додвартар. (17) Сурӯш, таковартар .(18) Рашн, росттар. (19) Фарвардин, тавонотар. (20)Баҳром, пирӯзгартар. (21) Ром, боромиштар. (22) Бад, хушбӯтар. (23)Дай, эдун чун Ҳурмузд. (24) Дин, арҷмандтар. (25)Ард, хубчеҳртар. (26) Аштод, поктар. (27) Осмон, баландтар. (28) Зомёд, фарозӣ (истода)тар. (29) Мориспанд, динбуртар. (30) Анирон, (бо) афзунӣ ва некуӣ».

«Бундаҳиш» низ ривояти Шоист ношоистро таъйид мекунад:

«Ҳурмуз номи он сӣ амшосипандро бад-он сӣ рӯз чунин ниҳод, ки нахуст Ҳурмузд аст, сипас шаш амшосипанд (ки рӯиҳам мешавад) ҳафт (рӯз).

Ҳаштум (рӯзи пас аз он ҳафт рӯз) Дай додор аст, сипас шаш амшосипад, (ки рӯиҳам мешавад) ҳафт (рӯз).

Ҳаштум (рӯзи пас аз он ҳафт рӯз) Дай додор аст, сипас ҳафт амшосипад, (ки рӯиҳам мешавад) ҳашт (рӯз).

Нуҳум, (рӯзи пас аз он ҳашт рӯз) Дай додор аст, сипас ҳафт амшосипад, (ки рӯиҳам мешавад) ҳашт (рӯз).

Чунонки номи хешро ба чаҳор ҷой дар моҳҳо ҷой дод: Ҳурмузд ва он се дай».

Шаҳрдод ибни Абилхайри Розӣ дар китоби «Равзату-л-мунаҷҷимин», ки дар ҳудуди соли 466 ҳичрии қамарӣ сомонаш дода, менависад: Порсиёнро «ҳар моҳе сӣ рӯз бувад… Ва Ҳурмузд ва се дай, ба ҷойгоҳи чаҳор одина аст».

Ва ҳам Масъуди Саъди Салмон нӯшхории маҷолиси базми Абулумулук Малик Арслон ибни Масъудро қитъаоте барои ҳар рӯз аз моҳ ба соли 510 ҳиҷрии қамарӣ суруда аст, ки дар зер аз ҳар қитъа ду-се байтеро нақл мекунам:

Имрӯз **Урмузд** аст, ай ёри майгусор,
Бархезу тозагӣ куну он ҷоми бода ор.
Ай Урмуздрӯй, **рӯзи Урмузд**
Он май, ки шодмон кунадам Урмуздвор.

Баҳманрӯз, ай санами дилситон,
Биншин бо ошиқ дар бӯстон.
Шод нишинем, к-озини мамлакат,
Халқи ҷаҳон ҳаст ҳама шодмон.

Урдибиҳштрӯз аст, ай моҳи дилситон,
Имрӯз чун биҳишти барин аст бӯстон.
З-он бодае, ки хуррам аз ӯ гашт айшу умр,
З-он бодае, ки гардад аз ӯ тоза табъу ҷон.

Ай танатро зи некуӣ зевар,
Шуҳра рӯзест **рӯзи шаҳривар**.
Май шинос, ай нигор, ҷонро қут,
Гоҳ медеҳ марову гаҳ мехур.

Сипандормузрӯз бархез, ай нигор.
Сипанд ор морову ҷоми май ор.
Май ор аз пайи он ки бе май нашуд.
Диле шодмону тане шодхор.
Сипанд ор пайи он ки чашми бадон
Бигардонад Эзад аз ин рӯзгор.

Хурдодрӯз дод набошад, ки бомдод,
Аз фарру хурраммӣ наситонӣ зи бода дод,
Аз бода ҷӯй шодиву аз бода нӯш хуш,
Бе бода ин ҷаҳон, санамо, бодгир бод.

Рӯзи мурдод мужда дод бад-он,
Ки ҷаҳон шуд ба табъ боз ҷавон.
Адл борид бар ҷаҳон яксар,
Давлату мулки шаҳриёри ҷаҳон.

Дайбаозар аст, хезу биёр эй нигор,
Май ай, турк, май биёр, ки туркӣ гирифт дай.
Май деҳ ба ратлу ҷом, ки дар базми хусравӣ,
Биншаст шод шоҳ Малик Арслон ба май.

Ай хироманда сарви тобон моҳ,
Рӯзи озар майи чу озар хоҳ.
Шодмон кун маро ба май, ки ҷаҳон.
Шодмон шуд ба фарри давлати шоҳ.

Обонрӯз аст, **рӯзи обон**,
Хуррам гардон ба оби раз ҷон.
Биншин ба нишоту дӯстонро
Ай дӯст ба иззу ноз биншон.
То бода хурему шод бошем,
Бар ёди худойгони Гайҳон.

Рӯзи хур аст, ай ба ду рух ҳамчу хур,
Тофт хур аз чархи фалак бода хвар.
Бода хуру тез маро бода деҳ,
Хубии аҳволи замона нигар.

Моҳрӯз, ай ба рӯйи хуб чу моҳ,
Бодаи лаъли мушкбӯй бихоҳ,
Гашт равшан чу моҳи базм, ки гашт,
Номи ин рӯз моҳу рӯйи ту моҳ.
Шод гардон ба бода моро, хез,
Ки ҷаҳон шод шуд ба давлати шоҳ.

Ай нигори тирболо, **рӯзи тир**,
Хезу ҷоми бода деҳ бар лаҳни зер.
Ошиқӣ дар пардаи Ушшоқ гӯй,
Роҳҳои табъхоҳи дилпазир.
Шеърҳои шуҳра аз ман дор гӯш,
Дар санои шаҳриёри шаҳргир.

Гӯшрӯз, ай нигори мушкинхол,
Гӯши барбат бигиру нек бимол.
Ман зи баҳри самоъ хоҳам гӯш,
Ба самоъам мадор дар ҳар ҳол.
Ман нагунҷам зи шодӣ андар пӯст,
З-он ки бинам ба коми нексигол.

Ай маро ҳамчу ҷону аз ҷон беҳ,
Бомдодон нишот кун бар ҷеҳ.
Дайбамеҳр аст меҳрубонӣ кун,
К-аз ҳама чиз меҳрубонӣ беҳ.

Рӯзи меҳру моҳи меҳру ҷашни фаррух меҳргон,
Меҳр бифзой, ай нигори моҳчеҳри меҳрбон.
Меҳрубонӣ кун, ки ҷашни меҳргону **рӯзи меҳр**,
Меҳрубонӣ беҳ ба **рӯзи меҳру** ҷашни меҳргон.
Ҷомро чун лола гардон аз набиди бодаранг,
В-андар он мангар, ки лола нест андар бӯстон.
Рӯзи сурӯш аст, ки гӯяд суруш,
Бода хуру нағмаи мутриб ниюш.
Сабз шуд аз сабза ҳама бӯстон,
Лаъли май ор, ай санами сабзпӯш.

Рӯзи рашн аст, ай нигори дилрубой,
Шод биншину ба ҷоми май гирой.
То тавонӣ ҳеч як соат мабош
Бе майи шодифазойи ғамзудой.
Май хуру дар сози гетӣ дил мабанд,
Сози гетӣ худ ҳамесозад Худой.

Фарвардин асту **рӯзи фарвардин,**
Шодию тарабро кунад талқин.
Ай ду лаби чу май, маро май деҳ,
К-он бошад расм **рӯзи фарвардин.**
Ай рӯйи ту ба хубӣ афзун зи меҳру моҳ,
Баҳромрӯз бодаи Баҳромранг хоҳ.
Андуҳи ин ҷаҳон махур, ай моҳ шод бош,
К-имрӯз шодмон аст аз тахту тоҷ шоҳ.

Ромрӯз аст, бахту давлат ром,
Ай дилором, хезу дардеҳ ҷом.
З-он қанина яке қадаҳ пур кун,
Ҳамчу кабки дарӣ яке бихром,
Ком рону ҷаҳон ба лаҳв гузор,
Ки худованди мо расид ба ком.

Чун **бодрӯз** рӯзи нишот омад, ай нигор,
Шодӣ фазой, ҳин бидеҳ бодаву биёр.
Бодаст шодии дил, пайваста бода хур,
Бе бода ҳарчӣ бинӣ боди ҳаво шумор.

Дайбадин асту дини марди хирад,
Он шиносам, ки лаъли бода хурад.
Боздорад хирад туро зи набид,
Машнав андар набид панди хирад.
Ай шигифтӣ набидхора ҳаме
Сад ҳунар дар набид баршумарад.

Динрӯз, ай рӯйи ту огафти дин,
Май хуру шодӣ куну хуррам нишин.
Бо маю май хӯрдан динро чикор,
Май хуру май нӯшу қавӣ дор дин,
Ҳар гунаҳе, к-аз май ҳосил шавад,
Маҳв кунад хидмати шоҳи замин.

Ардрӯз аст фарруху маймун,
Бо ҳама лаҳву хуррамӣ макрун.
Ай дилорой ёри гулгунрух,
Хезу пеш ор бодаи гулгун.
То ба ёди худойгони замин,
Шод бошему май хурем акнун.

Аштодрӯзу тоза зи гул бӯстон,
Ай дӯст май ситон зи кафи дӯстон.
Дар бӯстон нишину майи лаъл нӯш,
Зеро, ки сабз гашт ҳама бӯстон.
Осмонрӯз, ай чу моҳи осмон,
Бода нӯшу дор дилро шодмон.
Ҷон зи бода шод кун, зеро ки ақл,
Бодаро бинад ҳаме шодии ҷон.
Ҳар замон бода хур, ай тоза чу гул,
Тоза кун шодӣ ба бода ҳар замон.

Чун рӯзи **зомёд** наёрӣ зи май ту ёд,
Зеро ки хуштар ояд, ҳаме рӯзи **зомёд**.

Ай дилором, рӯзи **мориспанд**,
Даст бе ҷоми лаъли май мапсанд.
Хуррамӣ дар ҷаҳон хуррам бин,
Шодмонӣ кун, ба ноз биханд.

Анирон зи пирон шунидам чунон,
Ки май хӯрд бояд ба ратли гарон.

Биёр, ай нигор, он майи мушкбӯй
К-аз ӯ бодаи мушк ёбӣ даҳон.
Дил андар каму беши гетӣ мабанд,
Ҳамедор ҷонро ҳаме шодмон.

Эрониён тӯли як солро «сесаду шасту панҷ шаборӯзу шаш соату дувоздаҳ хурда кам» медонистанд. Ба ночор, панҷ шаборӯзи илова бар 360 шаборӯзу 12 моҳро ҷудогона, дар поёни сол (баъд аз моҳи дувоздаҳум) қарор доданд ва ҳар як аз он панҷ рӯзро ба номи яке аз сурудаи Зартушт (маҷмуъан «Готҳо», «Госоҳо», «Гоҳон») номиданд:

«Он панҷ рӯз гоҳанбор аст, ки он панҷ рӯз нарафта аст, ки … дуздида хонад. Номи он панҷ рӯз, ки нарафта аст, ки панҷ рӯзи гоҳонӣ аст, ки панҷаи виҳ (бех, неку) хонанд, ба динӣ, ин аст: 1. Аҳнавидгоҳ 2. Уҳштавидгоҳ 3. Испандумидгоҳ 4. Ваҳушаҳргоҳ 5. Ваҳуштуиштгоҳ (Бундаҳиш)

Баъд аз ин муқаддамот ва ошноӣ бо тақвими эрониён ривоёти хилқати ҳастӣ ба ривояти маздаяснон (муғон)-ро мехонем:

Ҳурмузд «**нахуст** осмонро офарид, равшан, ошкоро, бисёрдавр, хоядиса… ӯ ба ёрии осмон шодиро офарид, бад-он рӯй барои ӯ шодиро фароз офарид, ки акнун, ки омехтагӣ аст, офаридагон ба шодӣ даристанд.

Сипас аз гавҳари осмон обро офарид…

Седигар, аз об **замин**ро офарид гирд, даврагузар, бенишебу фароз, дарозо бо паҳно ва паҳно бо жарфо баробар, рост миёни осмон қарор гирифта….

Чаҳорум, гиёҳро офарид. Нахуст бар миёнаи ин замин фароз руст чанд пой боло, бе шоха, бе пӯст, бе хор ва тару ширин….

Панҷум, гови яктоофаридаро дар Эронвиҷ офарид, ба миёнаи ҷаҳон….

Шашум, Гаюмарсро офарид, равшан чун хуршед**…**

ӯ ин шаш офаридаро ба шаш гоҳи гоҳанбор офарид, ба соле ки сесаду шасту панҷ рӯз ба шумор аст ва дувоздаҳ моҳ, ҳар моҳе сӣ рӯзу як моҳ ва як моҳ сию панҷ рӯз. Ба ҳар рӯзе номи амшосипанде ниҳода шуд. Чигунагиро гӯям:

Нахуст, осмонро офарид ба чиҳил рӯз, ки аз рӯзи Ҳурмузди моҳи фарвардин то рӯзи обони моҳи урдибиҳишт аст. Панҷ рӯз диранг кард, то рӯзи дайбамеҳр. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва онро ном мадюзарм аст. Онро гузориш ин ки зистгоҳи меҳру моҳ ва сабзӣ ба пайдоӣ омад.

Дудигар, обро офарид ба панҷоҳу панҷ рӯз, ки аз рӯзи меҳри моҳи урдибиҳишт аст, то рӯзи обони моҳи тир. Панҷ рӯз диранг кард, то рӯзи дайбамеҳр. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва онро ном

мадюшам аст, ки онро гузориш ин ки обро равшан бикунад, зеро нахуст тира буд.

Седигар, заминро ба ҳафтод рӯз офарид, ки аз рӯзи меҳри моҳи тир, то рӯзи арди моҳи шаҳривар аст. Он панҷ рӯзро диранг кард, то рӯзи Анирон. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва ӯро ном падишҳа аст. Ӯро гузориш ин ки ба пой рафтани офаридагонро бар замин падид овард.

Чаҳорум, гиёҳро офарид ба бисту панҷ рӯз, ки аз рӯзи Ҳурмузди моҳи меҳр, то рӯзи ард аст. Панҷ рӯз диранг кард, то рӯзи Анирон. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва ӯро ном аёсарим аст, ки ӯро гузориш ин ки баргу бӯй ва ранги сабзӣ пайдо шуд.

Панҷум, гӯсфанро офарид ба ҳафтоду панҷ рӯз, ки аз рӯзи Ҳурмузди моҳи обон то рӯзи дайбамеҳри моҳи дай аст. Панҷ рӯз диранг кард, то рӯзи баҳром. Он панҷ рӯз гоҳанбор ва онро ном мадёрим аст, ки ӯро гузориш ин ки анбори зимистонро барои домҳои хеш фароҳам кард.

Шашум, мардумро офарид, ки Гаюмарс аст, ба ҳафтод рӯз, ки аз рӯзи роми моҳи дай, то рӯзи Анирони моҳи сипандормуз аст, панҷ рӯз диранг кард, то рӯзи ваҳиштавоиштгоҳ. Он панҷ рӯз гоҳанбор аст, ки он панҷ рӯз нарафта аст, ки гоҳанбор аст ва ӯро ном ҳамаспаҳмадим аст, ки ӯро гузориш ин ки ҷунбиши ҳамаи сипоҳ ба гетӣ пайдо шуд**».** (Бундаҳиш)

Дар мавриди иллати вучудии шаш гоҳанбор дар ривоёти маздаяснон (муғон) арз мекунам, чунонки дар таълиқаи марбута низ хоҳед хонд, эрониён солро илова бар тақсим ба моҳҳо ва рӯзҳо дар мутобиқат бо тағйири обу ҳавои замин дар тӯли як сол ба се гуна (дар се марҳалаи гузор) ба фусул тақсим мекарданд:

Марҳалаи аввал. Як сол 12 моҳ = 10 моҳи зимистон + 2 моҳи тобистон.

Марҳалаи дувум. Як сол дувоздаҳ моҳ = 5 моҳ зимистон + 7 моҳ тобистон.

Марҳалаи севум. Як сол дувоздаҳ моҳ = 3 моҳ зимистон+ 3 моҳ тобистон+ 3 моҳ баҳор+ 3 моҳ пойиз.

Дар марҳалаи аввал эрониён солро ба ду фасли зимистони 10-моҳа ва тобистони 2-моҳа тақсим мекарданд. Агар барои таъйини моҳҳои сард ва моҳҳои гарми сол вазъи курраи замин дар ҳудуди 7-8 ҳазор соли ахир (баъд аз он яхбандони сахт дар ҳудуди даҳ ҳазор сол пеш)-ро дар назар бигирем, қоидатан он ду моҳи гарм бояд моҳҳои чаҳорму панҷуми баъд аз эътидол ва он даҳ моҳи сард аз ибтидои моҳи шашум то поёни моҳи севум бошад.

Аз замоне, ки эрониён 12 моҳи солро ба ду фасли зимистони 10-моҳа ва тобистони 2-моҳа тақсим мекарданд, итилоъе надорем, ҷуз ин ки ба эътибори ҳамин тақсими сол ба 10 моҳи зимистон ва 2

моҳи тобистон шояд битавон истинтоқ кард, ки қавми эронӣ дар ибтидои шаклгирӣ дар ноҳияе аз курраи замин, ки зимистонҳояш тӯлонӣ ва тобистонҳояш кӯтоҳ буда, масалан, дар ҳудуди арзи ҷуғрофиёии 55 то 60 дараҷаи шимолии кураи замин сукунат дошта аст ва ин тақсими сол ба 10 моҳи зимистон ва 2 моҳи тобистон бозтоби сахт мубҳами хотираи он даврони бисёр куҳан аст.

Дар марҳалаи дувум, ки қавми эронӣ аз зистгоҳи нахустини худ ба поинтар сарозер шуда ва ба ноҳияе нисбатан гармтар аз зистгоҳи нахустин расида буда, дигар бор 12 моҳи солро боз ба ду фасл тақсим карданд, мунтаҳо ин бор фасли зимистонро панҷ моҳ ва фасли тобистонро ҳафт моҳ ба назар оварданд.

Ин тақсими сол ба ду фасли зимистони панҷмоҳа ва тобистони ҳафтмоҳа ба тасреҳи «Бундаҳиш» ин чунин бо моҳҳои сол мутобиқ мешуда аст:

«Аз Ҳурмуздрӯз (нахустин рӯзи) фарвардинмоҳ (нахустин моҳи сол) то Анирон (охирин рӯзи) меҳрмоҳ (ҳафтумин моҳи сол) тобистон аст ва аз Ҳурмуздрӯзи (нахустин рӯзи) обонмоҳ (ҳаштумин моҳи сол) то исфандормузмоҳ (дувоздаҳумин моҳи сол) ва ба сар шудани (поёни) панҷа, панҷ моҳи зимистон аст».

Аз тарафе, чунонки пештар дар ҳамин таълиқа аз «Бундаҳиш» нақл кардам, рӯзи дайбамеҳри (15) моҳи тир (чаҳорумин моҳи сол) гоҳанбори мадюшам аст. Рӯзи Анирони (30) моҳи меҳр (ҳафтумин моҳи сол) гоҳанбори аёсарим аст. Рӯзи баҳроми (20) моҳи дай гоҳанбори мадёрим аст. Рӯзи ваҳиштавоиштгоҳ (охири рӯзи сол) гоҳанбори ҳамиспаҳдим аст.

Мулоҳиза хоҳем кард, ки ҳамсипаҳмадим гоҳанбори ҷашни оғози тобистони 7-моҳа, аёсарим гоҳанбори оғози ҷашни зимистон ва мадёрим гоҳанбори ҷашни миёнаи фасли зимистони 5-моҳа буда аст.

Дар марҳалаи севум, эрониён, бо таваҷҷуҳ ба шароити обу ҳавои паҳнаи Эронзамин 12 моҳи солро ба чаҳор фасли баҳори 3-моҳа, тобистони 3-моҳа, пойизи 3-моҳа ва зимистони 3-моҳа тақсим карданд. Боз дар ҳамон китоби «Бундаҳиш» омада аст:

«Моҳҳои фарвардину урдибиҳишт ва хурдод баҳор аст. Моҳҳои тиру мурдоду шаҳривар тобистон аст. Моҳҳои меҳру обону озар пойиз аст. Моҳҳои дай ва баҳману исфандормуз зимистон аст».

Дар ин сурат, агар 12 моҳи сол ва фусули баҳори 3-моҳа, тобистони 3-моҳа, пойизи 3-моҳа ва зимистони 3-моҳаро бо ҳифзи мавқеи чаҳор гоҳанбори пешин (ки бо зимистони 5-моҳа ва тобистони 7-моҳа марбут буд) ва ду гоҳанбори дигар (мазкур дар ҳамон «Бундаҳиш»), яъне рӯзи дайбамеҳри (15) моҳи урдибиҳишт (дувумин моҳи сол) гоҳанбори мадюзарм ва рӯзи анирони (30) моҳи

шаҳривар (шашумин моҳи сол) падишҳа гоҳанбор пеши назар оварем, мулоҳиза хоҳем кард, ки дар айни ҳол, ки чаҳор гоҳанбор (ҷашн)-и пешин, ки бо тақсими сол ба ду фасли зимистони 5-моҳа ва тобистони 7-моҳа марбут буда, боқӣ монда аст, ду гоҳанбор (ҷашн)-и дигар низ илова шуда аст. Яъне мадюзарм, гоҳанбори ҷашни миёнаи баҳори 3-моҳа ва падишҳа, гоҳанбори ҷашни оғози пойизи 3-моҳа бар чаҳор гоҳанбор (ҷашн)-и пешин афзуда шуда аст. Аз он чи дар бораи гоҳанборҳо гузашт, ду нукта дастгир мешавад:

Аввал ин ки гоҳанборҳо ҷашнҳое марбут ба соли эътидолӣ буда аст, ки дар ибтидо бо миёнаи фусули сол гирифта мешуда;

Дувум ин ки ривоёти марбут ба хилқат (офариниш) дар шаш гоҳанбор пас аз марҳалаи севуми тақсими соли эътидолӣ ба фусул сурати таълиф ва танзим ёфта аст.

п) Абурайҳони Берунӣ дар китоби «ат-Тафҳим ли-авоили саноъату-т-танҷим» менависад:

«Гаҳанбор чист? Рӯзгори сол пораҳо карда аст Зародушт ва гуфта аст, ки ба ҳар порае Эзад, таъоло, гунае офарида аст, чун осмону замин ва обу гиёҳ ва ҷонвару мардум, то олам ба соле офарида шуд ва ба аввали ҳар яке аз ин пораҳо панҷ рӯз аст, номашон гаҳанбор».

Ва низ Абурайҳони Берунӣ ҳам дар китоби «ал-Қонун ал-Масъудӣ» ва ҳам дар китоби «Осору-л-боқия» ба гоҳанборҳо пардохта ва мавқеи онҳоро бо мутобиқат бо моҳҳо чунин дода аст:

«Рӯзи 26 урдибиҳиштмоҳ, ки аштодрӯз аст аввали гаҳанбори севум аст. Ва он 5 рӯз аст. Охири он охирин рӯзи моҳ аст. Ва дар ин (гоҳанбор) Парвардигор заминро офарид. Ва номи ин гаҳанбор файшаҳҳимгоҳ аст.

Рӯзи 26 хурдодмоҳ, ки аштодрӯз аст, авали гаҳанбори чаҳорум аст. Ва охири он охири моҳ аст. Ва дар ин (гоҳанбор) Парвардигор дарахтон ва гиёҳонро офарид. Ва номи ин гаҳанбор аёсарамгоҳ аст.

Рӯзи 16 шаҳривармоҳ, ки рӯзи меҳр аст, аввали гоҳанбори панҷум аст ва охири он рӯзи баҳроми (20) ҳамон моҳ. Ва дар (гоҳанбор) Парвардигор вуҳушро офарид. Ва номи ин гоҳанбор медёримгоҳ аст.

Рӯзи нахуст андаргоҳ ва он панҷ рӯзе аст, ки миёни обонмоҳ ва озармоҳ қарор дорад. Рӯзи нахусти гаҳанбори шашум ва охири он рӯз поёни андаргоҳ аст. Ва дар ин (гоҳанбор) Парвардигор одамиро офарид ва номи ин гаҳанбор ҳамсифатамидгоҳ аст.

Рӯзи 11 даймоҳ, ки рӯзи хур аст, аввали гаҳанбори нахуст аст ва охири он рӯзи 15 (ҳамон моҳ) аст, ки рӯзи дайбамеҳр аст. Ва номи ин гаҳанбор мидюзарм аст. Ва дар ин (гоҳанбор) Парвардигор осмонро офарид.

Рӯзи 11 исфандормузмоҳ, ки рӯзи хур аст, аввали гаҳанбори дувум аст ва охири он рӯзи дайбамеҳр (15 ҳамон моҳ) ва номи ин (гоҳанбор) мидюшамгоҳ аст. Ва дар ин (гоҳанбор) Парвардигор обро офарид.

Мавқеи гоҳанборҳо дар сол ба ривояти «Бундаҳиш» ва ба ривояти Абурайҳони Берунӣ инчунин хулоса шуданист:

Ривояти «Бундаҳиш»	Ривояти Берунӣ
Гаҳанбори нахустин (Мадюзарм гоҳанбор) Рӯзи 11 то рӯзи 15 урдибиҳиштмоҳ	Рӯзи 11 то рӯзи 15 даймоҳ
Гаҳанбори дувум (Мадюсам гоҳанбор) Рӯзи 11 то рӯзи 15 тирмоҳ	Рӯзи 11 то рӯзи 15 исфандормузмоҳ
Гаҳанбори севум (Падишҳа гоҳанбор) Рӯзи 26 то рӯзи 30 шаҳривармоҳ	Рӯзи 26 то рӯзи 30 урдибиҳиштмоҳ
Гаҳанбори чаҳорум (Аёсарим гоҳанбор) Рӯзи 26 то рӯзи 30 меҳрмоҳ	Рӯзи 26 то рӯзи 30 хурдодмоҳ
Гаҳанбори панҷум (Мадёрим гоҳанбор) Рӯзи 16 то рӯзи 20 даймоҳ	Рӯзи 16 то рӯзи 20 шаҳривармоҳ
Гаҳанбори шашум (Ҳамсипаҳмадим г.-анбор) Рӯзи 1 то рӯзи 5 андаргоҳ	Рӯзи 1 то рӯзи 5 андаргоҳ.

Муқоисаи ду ривояти «Бундаҳиш» ва Берунӣ дол бар он аст, ки огоҳиҳои Берунӣ аз тақвими эрониён ғалат аст.

Пештар аз қавли Берунӣ гузашт, ки лавоқил ал-зоида (андаргоҳ) миёни обонмоҳ ва озармоҳ қарор дорад ва ин яънӣ, ки Берунӣ он тақвимеро, ки барои таъйини мавқеи гоҳанборҳо дар соли он тақвим дар назар дорад, тақвими яздигурдӣ аст.

Ин ки Берунӣ мавқеи гоҳанборҳоро, ки дар соли эътидолӣ барои тазаккури ибтидо ва миёни фусули сол арзиши вуҷудӣ меёбадро ба соли яздигурдӣ, ки соле аст 365 шаборӯзӣ ва бидуни кабиса ва ба ҳамин эътибор дар фусули соли эътидолии гардон таҳвил мекунад, аз бун ғалат аст ва ҳамин иттилоъоти ғалати Берунӣ аст, ки Гардезӣ будуни дарк ва дарёфти саҳеҳ аз тақвими эрониён айнан дар «Зайну--л-ахбор» нақл мекунад.

т) Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар дафтари шашуми «Маснавӣ» ба ин ки хилқати Оламу Одам дар шаш рӯз буда, ишорат дорад:

Дар тааннӣ гӯяд, ай аҷули хом,
Поя-поя бартавон рафтан ба бом.
Дегро тадричу устодона чӯш,
Кор н-ояд қаляи девонаҷӯш.
Ҳақ на қодир буд бар халқи фалак,

Дар яке лаҳза ба «кун» бе ҳеч шак?
Пас чаро шаш рӯз онро даркашид,
Кулли явми алф ом ай мустафид.

Муҳаммади Балхӣ мегӯяд, гарчи хилқати Оламу Одам дар шаш рӯз буда, вале ҳар рӯз аз рӯзҳои хилқат як ҳазор сол аст, ки ин баёни охир, зоҳиран бояд мустанад ба эътиқоди эрониён дар мавриди хилқат бошад:

«Аз оғози офариниш, ки офаридагонро офарид, то ба фарҷом, ки Аҳриман аз кор бияфтад, ба андозаи дувоздаҳ ҳазор сол аст: то омадани Аҳриман шаш ҳазор сол гузашта буд: се ҳазор сол ба менуӣ ва се ҳазор сол ба сурати моддӣ дар покӣ. Он шаш ҳазор сол аз Бара то Хӯша, ҳар ахтаре як ҳазор сол» («Бундаҳиш»).

Ва боз Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, ба дунболи он чи аз вай нақл кардам, билофосила мегӯяд:

Хилқати тифл арчи андар нуҳ маҳ аст
З-он ки тадриҷ аз шиъори он шаҳ аст,
Хилқати Одам чаро чил субҳ буд,
Андар он гил андак-андак мефузуд.

Яънӣ халқи Одам, ки мусталзими сириштани гили вай буд (Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд, Гили Одам бисириштанду ба паймона заданд) чиҳил субҳ тӯл кашида аст. Дар ин сурат, Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар мавриди хилқати Одам, на ба Таврот ва на ба Қуръон ва на ба боварҳои маздаяснон, балки ба бархе аҳодис, ҳамчун «Хаммара тината адама арбаъина сабоҳан» ё «Хаммарту тината адами би яддӣ арбаъина сабоҳан» дар адабиёти исломӣ назар дорад.

Сафҳаи 240. «Гаҳанбори панҷум… аввали фасли тирмоҳ аст ва ӯро хазони аввал гӯянд…». Тақвими яздигурдӣ, ки дунболаи тадовуми тақвими ашмурдиги давраи Сосониён аст – дар аввали бурҷи саратон (харчанг, чаҳорумин бурҷи соли эътидолӣ) мутобиқи аввали тирмоҳи соли 11 эътидолии (шамсии) ҳичрӣ тақдиди мабдаъ ёфт. Ҳам тақвими эътидолӣ (шамсӣ) ҳам тақвими яздигурдӣ моҳҳое бо номҳои фарвардин, урдибиҳишт, … баҳман, исфандормуз доранд. Пайдост, ки ба ҳангоми тақдиди мабдаъи тақвими яздигурдӣ, фарвардинмоҳи яздигурдӣ мутобиқи бурҷи саратон/харчанг (чаҳорумин бурҷ), ки муодили тирмоҳи эътидолӣ (шамсӣ) аст ва тирмоҳи яздигурдӣ мутобиқи бурҷи мизон/тарозу (шашумин бурҷ), ки муодили меҳрмоҳи эътидолӣ (шамсӣ) аст, буда аст:

Моҳҳои тақвими эътидолӣ	Моҳи 1	Моҳи 2	Моҳи 3	Моҳи 4	Моҳи 5	Моҳи 6	Моҳи 7	Моҳи 8	Моҳи 9	Моҳи 10	Моҳи 11	Моҳи 12	Моҳи 13	Моҳи 14	Моҳи 15
... ...	Фарвардин	Урдубеҳишт	Хурдод	Тир	Мурдод	Шаҳривар	Меҳр	Обон	Озар	Дай	Баҳман	Исфанд.	Фарвардин	Урдубеҳишт	Хурдод
Бурҷи соли эътидолӣ	Бурҷи 1	Бурҷи 2	Бурҷи 3	Бурҷи 4	Бурҷи 5	Бурҷи 6	Бурҷи 7	Бурҷи 8	Бурҷи 9	Бурҷи 10	Бурҷи 11	Бурҷи 12	Бурҷи 1	Бурҷи 2	Бурҷи 3
... ...	Барра	Гов	Дупайкар	Харчанг	Шер	Хӯша	Тарозу	Каждум	Камон	Буз	Далв	Моҳӣ	Барра	Гов	Дупайкар
Фусули соли эътидолӣ	Баҳор			Тобистон			Пойиз			Зимистон			Баҳор		
Моҳҳои тақвими яздигурдӣ				Фарвардин	Урдубеҳишт	Хурдод	Тир	Мурдод	Шаҳривар	Меҳр	Обон	Озар	Дай	Бахман	Исфанд.

Ин тақоруни тирмоҳи яздигурдӣ бо аввали бурҷи мизон/тарозу (тирмоҳи тақвими эътидолӣ (шамсӣ)), ки авали фасли пойиз аст, сабаб шуд, то форсизабонон фасли пойизро, ки бо тирмоҳи яздигурдӣ тақорун ёфта буд, фасли тирмоҳ бихонанд.

Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо, зайли мадхалҳои «тир», «тирмоҳ», «тирмоҳӣ» ва «тирмаҳ» шавоҳиди мутаъаддиде аз адаби манзум ва мансури форсӣ нақл шуда аст. Инак шавоҳиде, ки дар «Луғатнома»-и Деҳхудо фурсати ҳузуру зуҳур ва намуд наёфтаанд:

То ба Наврӯз андарун бошад нишони навбаҳор,
То сипоҳи тирмоҳ орад нишони меҳргон.

Ба тир то ду бувад рост гаштани шабу рӯз,
Яке ба вақти баҳору дигар ба аввали тир.

Андар омад моҳи тиру дар тарозу рафт меҳр,
То чу тиру чун тарозу рост шуд лайлу наҳор.
(Унсурӣ)

Дари тирмоҳ омад оташ кунем,
Дили номдорон ба май хуш кунем.
Ҳаво хушгувору замин пурнигор,
Ту гуфтӣ, ба тир андар омад баҳор.
(Фирдавсӣ)

Ҳамеша то ба ҳама ҷойгаҳ пазир бувад,
Ҳавои тирмаҳӣ аз ҳавои тобистон.
(Фаррухӣ)

Сард шуд табъи ҷаҳон аз гардиши гардуни пир,
Тир зад бар хайли гармо лашкари сармои тир.
(Муъиззӣ)

То сипоҳи гул ҳазимат шуд зи хайли моҳи тир,
Аз турунҷ афрӯхт бустон чун сипар аз моҳи тир.
(Қатрон)

Сайёди пир омад бар истиёди ман,
Досу каманду тиру камонаш чаҳор тир.

Як тир аз ӯ зимистон, як тир аз ӯ баҳор,
Як тир аз ӯ тамузу дигар тир моҳи тир.
(Сӯзанӣ)

Ҷуяндаи ин гавҳарро даст чаҳор аст,
Аз тиру зимистону зи найсону ҳазирон.
(Носири Хусрав)

«Ду нуқтаи эътидол ва ду нуқтаи инқилоб кадоманд?

Доираи бузург бо доираи бузург наздикӣ ҳамекунад, то ӯро бар ду нуқта бибурад, ки сари қутри кураанд ва аз ӯ низ дурӣ кунад ба ду нуқта ҳамчунон баробар бо якдигар ва минтақат-ул-буруҷ чун муъаддил-ун-наҳорро бар ду нуқтаи баробар як бо дигар ҳамебурад, ба ду нуқтаи дигари баробари як ба дигар низ дур аз вай ҳамешавад. Ва ду нуқтаи тақотуъ ба эътидол маъруфанд, зеро-к офтоб чун ба эшон расад рӯз бо шаби хеш рост шавад, ба ҳама ҷой андар рӯйи замин ва яке бар дигар наафзояд. Ва якеро нуқтаи эътидоли баҳорӣ хонанд ва ин он аст, ки чун офтоб аз вай бигзарад, ба нимаи шимолӣ аз минтақат-ул-буруҷ шавад. Ва дигарро нуқтаи эътидоли тирмоҳӣ хонанд ва ин он аст, ки чун офтоб аз вай бигзарад, ба нимаи ҷанубӣ уфтад…» («ат-Тафҳим лиавоили саноату-т-танҷим»)

« Тир ҳафт навъ (маънӣ) аст… яке фасли хазон. Унсурӣ гӯяд:

Агар ба тирмаҳ аз ҷома беш бояд тир,
Чаро бараҳна шавад бӯстон чу омад тир»
(«Луғати фурс»)

«Ва дар айёми қадим он ҷо (Таволис) бозор буда аст, ба фасли тирмоҳ, даҳрӯза»
(«Таърихи Бухоро»)

Сафҳаи 241. **«Садаи бузург… Баъзе гуфтанд, миёни ин рӯз ва миёни Наврӯз сад шаборӯз буд, яънӣ панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб, бад-ин сабаб сада ном кардандаш..»**

Берунӣ низ дар «ат-Тафҳим лиавоили саноату-т-танҷим» менависад:

«Сада чист?

Обонрӯз аст аз баҳманмоҳ ва он даҳум рӯз бувад ва андар шабаш, ки миёни рӯзи даҳум аст ва миёни рӯзи ёздаҳум, оташҳо зананд ба гавзу бодом ва гирд бар гирди он шароб хӯранд ва лаҳву шодӣ кунанд ва низ гурӯҳе аз он бигзаранд, то ба сӯзонидани ҷонварон.

Ва аммо сабаби номаш чунон аст, ки аз ӯ то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб…».

Ин ки муносибати номидани рӯзи даҳуми баҳманмоҳ ба «Сада» он аст, ки аз он рӯз то Наврӯз панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз аст, ки рӯиҳам сад мешавад, тавҷеҳи ғалат ва омиёнае аст, ки Гардезӣ аз Берунӣ иқтибос мекунад.

Агар ба мусомиҳа ин тавҷеҳро бипазирем, он вақт ҷойи суол аст, ки панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз рӯиҳам сад (-и чӣ чиз) мешавад? Чаро ки ин ададӣ сад, на сад шаб аст, на сад рӯз ва на сад шаборӯз!

Аз сӯйе, аз ёздаҳуми баҳманмоҳ то Наврӯз панҷоҳу панҷ (55) шаборӯз аст (20 шаборӯзи баҳманмоҳ + 30 шаборӯзи исфандормузмоҳ + 5 шаборӯз (андаргоҳ) на панҷоҳ шаборӯз!

Ростиро, ки эрониён дар тӯли таърихи худ, дар тақсими сол ба фусул, се марҳалаи мушаххасро гузарондаанд:

Дар марҳалаи аввал, эрониён солро ба ду фасл – зимистон ва тобистон тақсим мекардаанд, фасли зимистон 10 моҳ ва фасли тобистон 2 моҳ дошт. Дар Вандидод омада аст:

«Ман ки Аҳурамаздо ҳастам, аз ҷоҳо беҳтарин шаҳрҳоро дар Эронвич офаридам, бо рӯди Доитии нек, вале деви пурмарг, дар он рӯд (Доитӣ) мор ва дар он сарзамин (Эронвич) сармо офарид. Дар он ҷо (Эронвич) даҳ (10) моҳ зимистон аст ва ду (2) моҳ тобистон. Дар ин даҳ моҳ обҳо ва заминҳо ва гиёҳон сард аст. Он ҷо (Эронвич)-ро дар дили зимистон селоб ва ях фаро гирад».

Пайдост, ки ин тика аз «Вандидод» (ки дар шарҳи паҳлавии «Вандидод» низ такрор шуда), ишора ба зистгоҳи нахустини қавми эронӣ дорад, ки дар он ҳудуди 10 моҳ сармо ҳоким аст ва 2 моҳ аз сол ҳаво нисбатан гарм мешавад. Дар қиёс бо замони кунунӣ, пайдост, ки он 2 моҳи гармо бояд моҳҳои тир ва мурдод бошад, ки гармои хуршед бештар ба замин мерасад.

Дар марҳилаи дувум вақте қавми эронӣ дар кӯчи мудовими худ аз шимол ба ҷануб ба минтақаи нисбатан гарм расида буданд, солро боз ба ду фасли зимистон ва тобистон тақсим мекарданд, мунтаҳо ин бор зимистонро ба панҷ моҳ аз сол ва тобистонро ҳафт моҳ аз сол ба назар меоварданд. Дар «Бундаҳиш» омада аст:

«Аз Ҳурмуздрӯз (нахустин рӯз)-и фарвардинмоҳ (нахустин моҳи сол), то анирон (охирин рӯз)-и меҳрмоҳ (ҳафтумин моҳи сол) 7 моҳи тобистон аст ва аз Ҳурмуздрӯз (нахустин рӯз)-и обонмоҳ (ҳаштумин моҳи сол) то исфандормузмоҳ (дувоздаҳумин моҳи сол) ва ба сар шудани (поёни) панҷа, панҷ моҳи зимистон аст».

Ва низ дар шарҳи ҳамон китоби «Вандидод» ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) баъд аз ёди зимистони даҳмоҳа ва тобистони думоҳа, тавзеҳ шуда аст, ки «ҳафт моҳ аст тобистон, панҷ (моҳ аст)

зимистон». Ҳамчунин дар гузидаҳои Зодиспарам ҳамин тобистони ҳафтмоҳа ва зимистони панҷмоҳа намуд ёфта аст.

Пайдост, ки ин ташхиси муддати зимистон ва муддати тобистон ишорат ба замоне дорад, ки қавми эронӣ аз зистгоҳи нахустини худ ба сӯйи ҷануб сарозер шуда ва ба ҷойе расида буда, ки (дар мақоми муқоиса бо вазъияти зистгоҳи нахустин) муддати замони гармии ҳаво беш аз муддати замони сардии ҳаво буда аст.

Ва охируламр, дар марҳалаи севум, вақте қавми эронӣ дар сарзамини Эрон маскан гузид, ба иқтизои макон ба фусули чаҳоррагона воқиф гардид. Дар ҳамон китоби «Бундаҳиш» омада аст:

«Моҳҳои фарвардину урдибиҳишт ва хурдод баҳор аст. Моҳҳои тиру мурдод ва шаҳривар тобистон ат. Моҳҳои меҳр ва обону озар пойиз аст. Ва моҳҳои дай ва баҳману исфандормуз зимистон аст».

Агар ба тақсими сол ба ду фасли тобистони ҳафтмоҳа ва зимистони панҷмоҳа иноят бифармоед, мулоҳиза мекунед, ки дар рӯзи даҳуми баҳманмоҳ, дуруст сад шаборӯз (30 шаборӯзи обонмоҳ + 30 шаборӯзи озармоҳ +30 шаборӯзи даймоҳ + 10 шаборӯзи баҳманмоҳ) аз оғози зимистон гузашта аст.

Сада, яънӣ рӯзи садум аз оғози зимистони панҷмоҳа ва ин ҳикоят аз қидмат ва бисёр куҳан будани ҷашни Сада дар миёни эрониён дорад.

Сафҳаи 247. «…ба забони порсӣ «Эрон» хонанд…»

Чанду чуни хусусиёт ва хулқиёти эрониёнро, ки Гардезӣ шарҳ дода, муқоиса кунед, бо он чи ки «Дусур» (исм ва унвоне дақиқан муъодили «Зу-л-қарнайн», ки ба ғалат «Тансар» хондаанд) – динёри даврони Сосониён дар номае ба Ҷушнас (Гушнасб) шоҳаки Табаристон навишта ва тарҷумаи форсии он дар «Таърихи Табаристон» нақл шуда аст:

«Замин чаҳор қисмат дорад. Як ҷузв замини Турк, миёни мағориби Ҳинд, то машориқи Рум. Ҷузви дувум, миёни Руму Қибт ва Барбар. Ва ҷузви севум, сиёҳон аз Барбар то Ҳинд. Ва ҷузви чаҳорум, ин замин, ки мансуб аст ба Порс ва лақаби билод-ул-хозиъин, миёни ҷӯйи Балх, то охири билоди Озарбойгон ва Арменияи форс ва Фуроту хоки Араб, то Уммон ва Мукрон ва аз он ҷо то Кобулу Тухористон.

Ва ин ҷузви чаҳорум, баргузидаи замин аст ва аз дигар заминҳо ба манзалати сару ноф ва кӯҳону ишкам. Ва ман туро тафсир кунам: аммо сар бар он аст, ки раёсат ва подшоҳӣ – аз аҳди Эраҷ ибни Фаридун – подшоҳони моро буд ва ҳоким бар ҳама эшон буданд ва ба хилофе, ки миёни аҳли ақолим хост ба фармон ва ройи

эшон қарор гирифтанд ва пеши эшон духтари хеш ва хирочу ҳадоё фиристоданд.

Аммо ноф он аст, ки миёни заминҳои дигар замини мост ва мардуми мо акрами халоиқ ва аъаззу сувории Турк ва зиракии Ҳинд ва хубкорӣ ва саноати Рум, Эзад, таборак мулкуҳу, маҷмуъ дар мардумони мо офарид зиёдат аз он ки алалинфирод эшонрост ва аз одоби дин ва хидмати подшоҳон он чи моро дода, эшонро маҳрум гардонид ва сурату алвон ва мӯйҳои мо бар авсат офарид. На саводи ғолиб ва на суфрат ва на шуқрат ва мӯйҳои маҳосин ва сари мо на ҷаъди ба ифроти зангиёна ва на фарҳоли туркона.

Аммо кӯҳон он аст, ки бо кӯчакии замини мо бо дигар заминҳо, манофеъ ва хасби маишат бештар дорад.

Аммо шикам барои он гуфтанд замини моро, ки ҳар чи дар ин аҷзои замин бошад, бо замини мо оваранд ва таматтуъ моро бошад аз атъима ва адвия ва атрҳо ҳамчунон ки таъому шароб ба ишкам шавад ва илмҳои ҷумлаи рӯйи замин моро рӯзӣ гардонид…»

Ин тавзеҳро бидиҳам, ки вақте забони форсии миёна (паҳлавӣ) матрук шуда буда, мутарҷимини аз он забон ба забонҳои форсӣ ва арабӣ, бештар ба воситаи ибҳоми ашколи ҳуруфи хатти паҳлавӣ, иштибоҳоти музҳике дар баргардондани асомии хос кардаанд. Масалан, лақаби Гаюмарсро ба сурати «гили шоҳ» ва «Гаршоҳ» баргардондаанд, ё номи «Дусур»-ро ба сурати «Тансар» нақл кардаанд. Мутарҷими номаи Дусур дар тарҷума калимаи муракаби «Эроншаҳр»-ро, ки исми хос, ба маънии кишвари мансуб ба қавми эр астро ба сурати «билод-ул-хозиъин» баргардонда аст.

Дар калимаи мураккаби «Эроншаҳр» ҷузъи «эр» номи қавм (ориё), ҷузви «он» аломати нисбат (обон, кӯҳон, шодон…) ва ҷузъи «шаҳр» ба маънии кишвар (мамлакат) аст, ки рӯйи ҳам кишвари мансуб ба «эр» маънӣ медиҳад, ҳарчанд калимаи «эр» дар ҳамон забони паҳлавӣ маънии уфтода ва фурӯтан низ дорад.

Мутарҷими номаи Дусур калимаи «Эроншаҳр»-ро ба се ҷузъи «эр», «он» ва «шаҳр» таҷзия кардааст. Ҷузъи «эр»-ро ба ҷойи он ки номи қавм бигирад, ба маънии уфтода ва фурӯтан, муодили хозиъи арабӣ ва ҷузви «он»-ро ба ҷойи он ки аломати нисбат бигирад, аломати ҷамъ ва ҷузви «шаҳр»-ро ба ҷойи он ки кишвар ва мамлакат маънӣ кунад, ободии нисбатан бузург бо хонаҳо ва кӯйҳои бисёр ва бозор муодили балади арабӣ дарёфта аст ва чун дар номаи Дусур аз навоҳии мутаъаддид ёд шуда (Озарбойҷон ва Уммону Мукрон) баладро ба билод ҷамъ баста ва рӯиҳам калимаи «Эроншаҳр»-ро ба сурати «билод-ул-хозиъин» баргардонда аст!

Сафҳаи 260. «Чун малик бо канизак муҷомиат хоҳад кард, мунаҷҷимон бар боми хонаи бор шаванд ва толеъ гиранд ва вақти муҷомиати ӯро ихтиёр кунанд, он вақт муҷомиат кунанд».

Дар танҷими эронӣ дар бораи толеъи ашхос ду дидгоҳ вуҷуд дорад: яке он ки толеъи шахс маҷмуаи он сайёрот ва савобите аст, ки ба ҳангоми таваллуди шахс аз уфуқ тулуъ мекунад. Ин гуна талаққӣ аз толеъи шахс тақрибан аксарияти мутун ва ҷадовали танҷимиро дар тасарруфи худ дорад. Дар муқобили ин талаққӣ назари дигаре ҳам ҳаст, ки толеъи шахс маҷмуаи он сайёрот ва савобите аст, ки ба ҳангоми инъиқод ва баста шудани нутфаи шахс аз уфуқ тулуъ мекунад.

Амир Унсурмаолии Кайковус ибни Искандар ибни Қобус ибни Вушмгир ибни Зиёр дар боби сию чаҳоруми «Андарзнома» ё «Насиҳатнома», ки акнун ба «Қобуснома» шуҳра аст ва ба нимаи дувуми садаи панҷуми ҳиҷрӣ сомон ёфта, менависад:

«Ман аз устоди худ чунин шунудам, ки мавлуди мардум на он аст ба ҳақиқат, ки фарзанд аз модар ҷудо шавад, ки мавлуди аслӣ толеъи заръ аст вақти мусқатуннутфа, ки оби мард дар раҳими зан уфтад ва қабул кунад, он толеъи аслӣ аст ва неку бад ҳама бад-он пайваста аст.

Аммо он соат, ки тифл аз модар ҷудо шавад, он толеъро «таҳвили кубро» хонанд ва таҳвили сол, ки бияфтад, онро «таҳвили вусто» хонанд ва таҳвили шуҳурро «таҳвили суғро» хонанд.

Ва бар сари мардум он гузарад, ки онро толеъи мусқатуннутфа бувад ва далели ин сухан хабари расул аст, салъам, ки фармуда аст: «ас-саъид мин саъд фӣ батн умма в-аш-шақӣ мин шақӣ фӣ батн умма». Ва сухани пайғамбар ҳамон маънӣ дорад, ки ман гуфтам.

Аммо туро дар толеъи заръ сухан нест, ки он на ба болои чун туе бофтаанд. Аммо ин ки аз толеъи таҳвили кубро гӯйӣ, тариқи устодони гузашта нигоҳ дор…»

Ҳамчунин дар дафтари севуми «Маснавӣ» сурудаи Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, дар достони зодани Мӯсо ибни Имрон омада аст:

Ҷаҳди фиръавнӣ чу бетавфиқ буд,
Ҳар чӣ ӯ медӯхт, он тафтиқ буд.
Аз мунаҷҷим буд дар ҳукмаш ҳазор
В-аз муъаббир низу соҳир пуршумор.
Мақдами Мӯсо намудандаш ба хоб,
Ки кунад Фиръавну мулкашро хароб.
Бо муъаббир гуфту бо аҳли нуҷум:
«Чун бувад дафъи хаёлу хоби шум?»
Ҷумла гуфтандаш, ки «тадбире кунем
Роҳи зоданро чу раҳзан мезанем»

То расид он шаб, ки мавлид буд он,
Рой ин диданд он фиръавниён,
Ки бурун оранд он рӯз аз пагоҳ
Сӯйи майдон базму тахти подшоҳ.
«Ассало, ай ҷумла исроилиён,
Шоҳ мехонад шуморо з-он макон,
То шуморо рӯ намояд бениқоб,
Бар шумо эҳсон кунад баҳри савоб.
Ай асирон, сӯйи майдонгаҳ равед,
К-аз шаҳаншаҳ дидану ҷуд аст умед».
Чун шуниданд мужда исроилиён,
Ташнагон буданду бас муштоқи он.
Ҳиларо хӯрданду он сӯ тохтанд,
Хештанро баҳри ҷилва сохтанд.
Бас биҷӯшиданд исроилиён
Аз пагоҳ то ҷониби майдон давон.
Чун ба ҳилатшон ба майдон бурд ӯ,
Рӯйи худ бинмудашон бас тозарӯ.
Кард дилдориву бахшишҳо бидод,
Ҳам ато ҳам ваъдаҳо кард он қубод.
Пас аз он гуфт, «аз барои ҷонатон
Ҷумла дар майдон бихусбед имшабон»
Посухаш доданд, ки «хидматҳо кунем,
Гар ту хоҳӣ як маҳ ин ҷо сокинем»
Шуд шабонгаҳ боз омад шодмон,
К-имшабон ҳамл асту дуранд аз занон.
Хозинаш Имрон ҳам андар хидматаш,
Ҳам ба шаҳр омад қарини суҳбаташ.
Гуфт: «Ай Имрон, бар ин дар хусб ту,
Ҳин, марав сӯйи зану суҳбат маҷӯ».
Буд Имрон ҳам зи исроилиён,
Лек мар Фиръавнро дил буду ҷон.
Шаҳ бирафту ӯ бар он даргоҳ хуфт,
Нимшаб омад пайи дидан-ш ҷуфт.
Зан бар ӯ уфтоду бӯсид он лабаш,
Барҷаҳонидаш зи хоб андар шабаш.
Гашт бедор ӯву занро дид хваш,
Бӯсаборон карда аз лаб бар лабаш.
Даркашидаш дар канор аз меҳр мард,
Барнаёмад бо худ он дам дар набард.
Ҷуфт шуд бо ӯ амонатро супурд,
Пас бигуфт: «ай зан на ин корест хурд,
Он чи ин Фиръавн метарсид аз ӯ,

Ҳаст шуд ин дам, ки ҳастам ҷуфти ту».
Бар фалак пайдо шуд он историрааш,
Кӯрии Фиръавну макру чорааш.
Дарзамон аз сӯйи майдон наъраҳо,
Мерасид аз халқу пур мешуд ҳаво.
Шоҳ аз он ҳайбат бурун ҷаст он замон,
Побараҳна, к-«ин чӣ ғулғулҳост? Ҳон.
Аз сӯйи майдон чӣ бонг асту ғирев,
К-аз ниҳебаш мерамад ҷинниву дев?»
Гуфт Имрон: Шоҳи моро умр бод,
Қавми исроилиёнанд аз ту шод,
Аз атои шоҳ шодӣ мекунанд,
Рақс меоранду кафҳо мезананд».
Рӯз шуд, гуфташ, ки «Ай Имрон, бирав,
Воқифи он ғулғулу он бонг шав».
Ронд Имрон ҷониби майдону гуфт:
«Ин чӣ ғулғул буд, шоҳаншаҳ нахуфт».
Ҳар мунаҷҷим побараҳна, ҷома чок,
Ҳамчу асҳоби азо бӯсид хок.
Узр оварданду гуфтанд: «ай амир,
Кард моро дасти тақдираш асир,
Ин ҳама кардему давлат тира шуд,
Душмани шаҳ ҳаст гашту чира шуд.
Шаб ситорай он писар омад аён,
Кӯрии мо, бар ҷабини осмон.
Зад ситорай он паямбар бар само,
Мо ситорабоз гаштем аз буко».
Шоҳ ҳам бишниду гуфт: «Ай хоинон,
Ман баровезам шуморо беамон».
Саҷда карданду бигуфтанд: «ай хидев,
Гар яке каррат зи мо чарбид дев.
Солҳо дафъи балоҳо кардаем,
Ваҳм ҳайрон з-он чи моҳо кардаем,
Фавт шуд аз мову ҳамлаш шуд падид,
Нутфааш ҷасту раҳим андар хазид,
Лек истиғфори ин рӯзи вилод,
Мо нигоҳ дорем, ай шоҳу қубод.
Рӯзи милодаш расад бандем мо,
То нагардад фавту наҷҳад ин қазо,
Гар надорем ин нигаҳ моро бикуш,
Ай ғуломи ройи ту афкору ҳуш».

Ин ки дар «Зайну-л-ахбор» дар мавриди муҷомиати малики Чин омада, нозир ба толеъ ҳангоми заръ аст ва на нозир ба толеъ ҳангоми таваллуд.

Сафҳаи 271. Тақвими «искандарӣ» як тақвими хуршедии истилоҳӣ аст. Искандар, ки тақвими искандарӣ мансуб ба ӯст, бино ба ривоёт «румӣ» буда ва дар авастоӣ «сурвар» ва дар паҳлавӣ «дусур» номида мешуда аст. «Сур», «суру», «сурун» ба маънии шох аст. Пас ҳам «сурвар»-и авастоӣ ва ҳам «дусур»-и паҳлавӣ ба маънии «дорандаи (ду) шох» хоҳад буд.

Дар ҳамин китоби «Зайну-л-ахбор» омада аст: «Зу-л-қарнайн. Ӯро Искандар хондандӣ». Дар забони арабӣ «зулқарнайн», яъне «дорандаи ду шох», дуруст муодили «дусур» дар забони паҳлавӣ аст. Дар «Қуръон» (Сураи «ал-Каҳф» (18: 83-100) Зу-л-қарнайн ба унвони яке аз муқаррибини даргоҳи Худой ёд шуда аст: «Мепурсанд туро (ё Муҳаммад) аз Зу-л-қарнайн, бигӯ зуд бувад, ки бархонам бар шумо аз ӯ ёдкарде. Мо ҷо сохтем ӯро андар замин ва бидодем ӯро аз ҳар чизе шинохтан роҳкорро. Ӯ пайравӣ кард роҳкорро…»

Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ дар китоби «Мураввиҷу-з-заҳаб ва маъодину-л-ҷавҳар» дар бораи Искандари Зу-л-қарнайн менависад:

Насаби Искандар, ки ҳамон Зу-л-қарнайн аст:

Вай Искандар ибни Филипус ибни Миср ибни Ҳирмис ибни Мурдаш ибни Манзур ибни Румӣ ибни Барбат ибни Юнон ибни Ёфис ибни Нӯҳ буд.

Баъзе гуфтаанд, ки аз фарзандони Ис ибни Исҳоқ ибни Иброҳим буд.

Баъзе низ гуфтаанд, ки вай Искандар ибни Барқа ибни Чарҳун ибни Румӣ ибни Қармат ибни Навфал ибни Румӣ ибни Асғар ибни Яғиз ибни Исҳоқ ибни Иброҳим буд».

Дар ҳамин китоби «Зайну-л-ахбор» омада аст:

«Зу-л-қарнайн. Ӯро Искандар хондандӣ ва номи ӯро Ахшандурус ибни Файлақус ибни Масур ибни Ҳирмис ибни Ҳардус ибни Рум ибни Литӣ ибни Лусон ибни Ёфис ибни Сарҷун ибни Румия ибни Барбат ибни Навфал ибни Руфӣ ибн ал-Асғар ибн ал-Баър ибн ал-Ис ибни Исҳоқ ибни Иброҳим, алайҳу-с-салом».

Ва Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Осору-л-боқия…» ривоят мекунад, ки:

«Ҳамоно аз Умар ибн ал-Хаттоб ҳикоят кардаанд, ки қавмеро дид, ки дар бораи Зу-л-қарнайн хавз мекарданд (гуфтугӯ мекарданд). Пас (Умар эшонро) гуфт: Оё шуморо хавз дар бораи

мардум кифоят накард, ки (дар гуфтугӯҳотон аз одамиён) ба фиришгагон таҷовуз кардаед?»

Сарфи назар аз ихтилофи ривоёт ва таҳрифҳову тасҳифҳо дар асомӣ, он чӣ ҳамагии ин манобеъ дар бораи он муттафиқул-қавланд, амри пайғамбарӣ ва ё нисбати пайғамбарӣ доштани Искандари Зу-л-қарнайн аст.

Мабдаъи тақвими искандариро аз ҳангоми баргузидагии вай навиштаанд:

Аз он рӯз, к-ӯ шуд ба пайғамбарӣ,
Навиштанд таърихи искандарӣ.

Таърихи искандариро дар манобеъ, аз ҷумла, дар ҳамин китоби «Зайну-л-ахбор», ба эътибори румӣ будани Искандар «тақвими румӣ» низ номидаанд. Динёрони зартуштӣ муъоризаи диниро «Искандари Румӣ»-и пайғамбар ва «Искандари мақдунӣ»-и вайронгарро яке гирифтанд ва ба дунболи он лақаби «хуҷаста» ба маънии муборак ва масъуду фархунда ва ҳумоюни Искандари Румиро бо тасҳиф ва суиистифода аз ибҳоми далолати ҳуруфи хатти паҳлавӣ «гуҷаста» хонданд ва маънии банафрин ва малъунро бар он бор карданд ва ҳангоме, ки ин «ин ҳамонӣ» дар азҳон ҷойгир шуд, афсонаҳое, ки хоб кардани кӯдаконро шоиста аст, бофтанд. Ростиро «Аз ин Ҳасан то он Ҳасан, садто расан».

Дар «Зайну-л-ахбор» дар мавозеъи мухталиф шарҳи ҳол ва вақоеъи марбут ба Искандари Румӣ (Зу-л-қарнайн) ва Искандари Мақдунӣ дарҳам омехта аст. Ба ривояте Искандар аз Аҷам (эрониён) ва писари Доро ибни Доро ёд шуда аст ва ба ривояте вай мақдунӣ аст, ки Эроншаҳрро мегирад ва аз «мардумони Аҷам, ки мардумоне бо рою тадбир ва шуҷоъ буданд ва бо илми бисёр ва муҳтолу дурбин ва ҳушёр буданд» меандешад ва теъдоде аз эшонро «бар сабили гиравгон» мебарад.

МУНДАРИҶА

«Зайну-л-ахбор» ва муаллифи он ……..... 4

Зайну-л-ахбор ……..…….. 8
Мақолати аввал
Андар таърих ва ахбори мардумони миёни ҷаҳон……. 10

Боби аввал Андар офариниши замину замон……..……..... 10
Боби дувум Андар шаҷараи ансоби анбиё……..……. 15
Фасли дувум Андар шаҷараи анбиё аз Иброҳим
то Исо, алайҳиму-с-салом……..…….. 17
Фасли сеюм Андар шаҷараи пайғамбари мо, Муҳаммади
Мустафо, салавоту-л-лоҳи алайҳи……. 17
Боби сеюм Андар ахбори анбиё…….. 18
Боби чаҳорум Андар ҷадвали мулуки Калдониён……..……. 50
Боби панҷум Андар ахбори мулуки калдониён…….. 52
Боби шашум Андар мулуки Аҷам……..……. 52
Боби ҳафтум Андар ахбори мулуки Аҷам……..... 58
Табақаи аввал
Пешдодиён…… *58*
Табақаи дувум, ки эшонро каёнишён гӯянд…….…… *63*
Табақаи севум мулуки Тавоиф……..…… *69*
Табақаи панҷум, ки эшонро акосира гӯянд……..…… *69*
Боби ҳаштум Андар ҷадвали хулафо ва мулуки ислом……..…… 86
Боби нуҳум Андар ахбори хулафо ва мулуки ислом……..……. 93
Хилофат ва давлати банӣ Аббос Ибни Абдулмуталлиб……..…….. 103
Боби даҳум Андар ҷадвали Умарои Хуросон…….. 130
Боби ёздаҳум Андар ахбори Умарои Хуросон……..…….. 138
Боби дувоздаҳум Андар вилоят ва насаби Сомониён……..…….. 178
Боби сездаҳум Андар ахбори ямину-д-давла ва хонадони ӯ……. 206
Боби чаҳор (даҳум) Андар истихроҷи чаҳор таърих аз якдигар….. 242
Мақолати дуввум
Андар ҷадвалҳои идҳо ва асбоби он андар
расмҳои панҷ уммат…….. 245
Боби понздаҳум Андар ҷадвали идҳои мусалмонон……..... 245
Боби шонздаҳум Андар асбоби идҳои мусалмонон……..…..... 248
Боби ҳафдаҳум Шинохтани идҳои ҷуҳудон ба ҷадвал……..... 257
Боби ҳаждаҳум Андар асбоби идҳои ҷуҳудон……..... 260
Боби нуздаҳум Андар идҳои тарсоён ба ҷадвал…… 267
Боби бистум Андар асбоби идҳои тарсоён
ва чигунагии ҳар иде……. 269
Боби бисту якум Андар идҳо ва расмҳои муғон ба ҷадвал…….. 273
Боби бисту дувум Андар шарҳи ҷашнҳо ва идҳои муғон…….. 274
Боби бисту сеюм Андар идҳои ҳиндувон ба ҷадвал…… 279
Боби бисту чаҳорум Андар шарҳи идҳои ҳиндувон…… 280

Мақолати сеюм Андар маъориф ва ансоби чаҳор табақа……. 285
Боби бисту панҷум Андар аҳвол ва ансоби табақоти мардум..... 285
Боби бисту шашум Андар маъорифи туркон……..…….. 286
Боби бисту ҳафтум Андар маъорифи румиён…….…..... 310
Боби бисту ҳаштум Андар маъорифи ҳиндувон…….. 313
Боби бисту нуҳум Андар маъорифи зангиён…… 327
Боби сиюм Андар ахбори табибон……. 327
Таълиқот……..…….. 329

Муҳаррири техникӣ:
Бунафша Ҷабборова

Ба матбаа 06.08.14 супорида шуд. Ба чоп 30.08.14 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андоза 70х100$^{1}/_{16}$.
Ҳаҷм 26 ҷузъи чопӣ. Адади нашр 500 нусха.
Супориши № 044. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Нашриёти Бухоро» ба табъ расид.
ш.Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47